**РАСУЛ ҒАМЗАТОВ**

# ДОҒИСТОНИ МАН

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК. 84 Тоҷик 7-4
Ғ-28

Тарҷумаи *Абдулло Зокир*
Бо таҳрир ва тасҳеҳи *Гулназар*
Муҳаррир *Меҳрӣ Саидова*

Нашри чаҳорум

Ғ-28 **Расул Ғамзатов. Доғистони ман** *(қиссаи фалсафӣ)*.
– Душанбе, «Адиб», 2018, 360 саҳ.

Асарҳои Шоири халқии Доғистон дорандаи Ҷоизаҳои Давлатӣ ва Ленинӣ, дӯст ва бародари устод Мирзо Турсунзода Расул Ғамзатов дер боз дар дили хонандагони тоҷик маъво гирифтааст.

«Доғистони ман», ки аз гузашта ваояндаи кишвари кӯҳистони шоир нақл мекунад, ба бисёр забонҳон халқҳои ҷаҳон нашр шуда, шуҳрати босазое пайдо кардааст.

ISBN 978-99947-2-537-3

© Нашриёти «Адиб», 2011.
© Нашриёти «Адиб», 2018.

# КИТОБИ ЯКУМ

*Эй мусофир, бигзарӣ гар аз дарам бе илтифот,*
*Барфу борон, барфу борон дар сарат!*
*Меҳмоно, гар зи даргоҳам нагардӣ бонишот,*
*Барфу борон, барфу борон дар сарам!*[1]

*Катибаи дарвоза*

*Агар ту ба гузашта аз туфанг тир андозӣ,*
*оянда ба ту аз тӯп тир хоҳад парронд.*

*Абӯтолиб фармудааст*

[1] Тарҷумаи шеърҳо аз Аслам Адҳам аст.

# БА ҶОИ САРСУХАН, УМУМАН ДАР БОБИ САРСУХАН

*Чун субҳ бедор мешавӣ, аз ҷойгаҳ якбора ҷаста нахез. Аввал хоби дидаатро андеша бикун.*

Ба фикрам, ҳатто Худованд ҳам, пеш аз он ки ба муқаррабонаш қиссаи ғариберо ҳикоят кунад ва ё панди тозае фармояд, аввал як чилим тоза карда, бафурсат дуд мекашад ва андеша меронад.

Ҳавопаймо пеш аз он, ки ба парвоз ояд, хеле ғуррос мезанад, баъд онро аз фурудгоҳ кашола карда, ба хатти парвоз мебаранд, сипас баландтар ғуррос мезанад, баъд суръат мегирад ва пас аз ин ҳама ба ҳаво мепарад.

Чархбол суръат намегирад, вале пеш аз он, ки аз замин боло шавад, хеле ғуррос мекунад, шақаррос мезанад, дир-дир меларзад.

Танҳо уқоби кӯҳӣ аз сари шах якбора ба осмони лоҷвардӣ парвоз мекунад, озодона бол афшонда, торафт баланд мебарояд ва ба нуқтае бадал мешаваду нопадид мегардад.

Ҳар китоби хуб ҳам бояд ҳамин тавр, бе шарҳу эзоҳи дуру дароз, бе сарсухани дилгир оғоз ёбад. Агар барзагови қайсарро аз шохаш надорӣ, аз думаш дошта наметавонӣ.

Инак, мутриб ба даст танбӯр гирифт. Медонам, ки мутриб хушовоз аст, пас чаро ӯ пеш аз он, ки ба хониш дарояд, ин қадар беҳуда захма мезанад? Дар хусуси маърӯзае, ки пеш аз консерт мешавад, дар бораи лексияе, ки пеш аз спектакл мехонанд, дар ҳаққи падарарӯсе, ки домодашро ба ҷойи якбора сари дастархон шинонда, қадаҳе пеш овардан, насиҳатҳои дилбазан мекунад, низ ҳаминро гуфтаниям.

Рӯзе муридон[1] ба ҳамдигар шамшери худро таъриф мекарданд. Ҳар кадом мегуфт, ки шамшери ӯ аз пӯлоди ҷавҳардор сохта шудааст ва дар рӯяш чӣ сураҳои ҳикматомезе аз Қуръон нақш ёфтааст. Дар байни муридон ноиби Шомили бузург Ҳоҷӣ Мурод ҳам буд. Ӯ гуфт:

– Дар сояи ғафси чинор нишаста, чӣ баҳс доред? Субҳдам дар корзор мебинед, ки шамшери кадоматон бурандатар аст.

Бо вуҷуди ин, ба фикрам, Худованд пеш аз он, ки ҳикояти худро сар кунад, бафурсат чилим мекашад.

Бо вуҷуди ин, дар кӯҳистони ман одате ҳаст, ки аз таги дар ба асп савор намешаванд. Соҳиби асп аз авул бояд, ки ҷилави аспро дошта барояд. Ин кор, шояд барои он лозим бошад, ки ӯ бори дигар биан-

---

[1] Калимаи «мурид» дар Доғистон ба маънои аскар, навкар меояд.

дешад, то дар ин ҷо чиро монда меравад ва дар роҳ ӯро чӣ пеш хоҳад омад. Кораш ҳар қадар зарур бошад ҳам, ӯ аспро аз ҷилав дошта, солору андешаманд то домани авул меравад ва баъд, пой ба рикоб ниҳодан замон, парида ба кӯҳаи зин менишинад ва бар қоши он хам шуда, дар хокбоди роҳ нопадид мегардад.

Ман ҳам, қабл аз он ки бар саманди илҳом савор шавам, бафурсат андеша мекунам. Ман аз ҷилави аспи илҳомам дошта, аз паҳлуяш қадам мезанам ва андеша меронам. Дар сухан таъхир мекунам.

Сухан на танҳо дар даҳони касе дармемонад, ки забонаш лакнатдор аст, ҳамчунин дар даҳони касе низ дармемонад, ки ӯ сухани басе мувофиқ, зарур ва ҳикматомез меҷӯяд. Ман гумон надорам, ки бо хирадмандии худ ҳамаро ба ҳайрат мегузорам, вале забонам лакнатдор ҳам нест. Ман сухан меҷӯям.

Абӯтолиб фармудааст: сарсухани китоб ҳам мисли хасест, ки кӯҳистонизани хурофотпараст ҳангоми дарбеҳ кардани пӯстини шавҳараш ба даҳон мегирад. Зеро агар ба даҳон хас нагирад, гӯё пӯстин ба кафан бадал мешудааст.

Абӯтолиб боз фармудааст: ман монанди одамам, ки дар торикӣ дари даромад меҷӯяд ё одаме, ки дарро даст-даст карда ёфтааст, аммо ҳанӯз намедонад, ки даромадан мумкин, зарур ё на. Ӯ ҳалқа бар дар мезанад.

– Ҳой, мардум, агар нияти таоми гӯштдор пухтан дошта бошед, вақти бархостан шуд!

– Ҳой, мардум, агар нияти талқон кӯфтан дошта бошед, роҳат бихобед, саросема нашавед!

– Ҳой, мардум, агар нияти бӯза хӯрдан дошта бошед, ҳамсоятонро фаромӯш накунед!

Тиқ-тиқ, тиқ-тиқ.

– Хайр, чӣ кунам, дароям ё коратон бе ман ҳам буд мешавад?

Одамиро ду сол лозим аст, то забон барорад ва шаст сол даркор аст, то ки дар сухан таҳаммул омӯзад.

Ман на дусолаам, на шастсола. Ман дар нимароҳам. Ба ҳар ҳол, ман, зоҳиран, ба нуқтаи дуюм наздиктарам, чунки бароям сухани ногуфта аз ҳамаи суханҳои гуфта арзишноктар аст.

Китоби нонавиштаам бароям аз ҷамъи китобҳои навиштаам боарзиштар аст. Ин китоб аз ҳама азизтар, аз ҳама муқаддас ва навиштани он аз ҳама душвортар аст.

Китоби нав дарест, ки ман ҳеҷ гоҳ надидаам, вале он маро ба оғӯши кушода даъват мекунад. Китоби нав аспест, ки ман онро ҳанӯз зин назадаам, ханҷарест, ки ман онро ҳанӯз аз наём накашидаам.

Мардуми кӯҳистон мегӯянд: «Беҳуда ханҷар накаш. Ва агар кашидӣ, бизан! Ончунон бизан, ки ҳам савора бимирад ва ҳам аспаш».

Шумо дуруст мефармоед, мардуми кӯҳистон!

Бо вуҷуди ин, пеш аз он ки ханҷарро аз наём кашед, бояд ғолибан бовар дошта бошед, ки вай тез аст.

Китобам, туро солҳои дароз дар замирам парваридаам! Ту мисли зане, мисли маҳбубае ҳастӣ, ки дидани ӯро кас аз дур орзу мекунад, аммо ҳанӯз даст нарасонидааст.

Гоҳе ӯ ба ман чунон наздик буд, ки даст дароз кунам, мерасид, аммо дил намекардам, шарм медоштам, сурх шуда, худро канор мегирифтам.

Вале акнун бас аст. Ният кардам, ки далерона равам ва аз дасташ бигирам. Мехоҳам на ошиқи беҷуръат, балки марди бебок ва кордида бошам. Ман аспро зин мекунам, се тозиёна мезанам – ҳар чӣ бодо, бод!

Бо вуҷуди ин, ман аввал ба як пора коғаз аз тамокуи дастии худамон андохта, онро бафурсат мепечонам. Агар печонданаш ин қадар нашъа бахшад, кашидани он чӣ кайфе дошта бошад!

Китобам, пеш аз он ки туро оғоз кунам, қиссаи дар ниҳодам пухта расиданатро мехоҳам ҳикоят кунам. Мехоҳам бигӯям, ки бароят чӣ сон ном ёфтам, барои чӣ туро менависам ва мақсади ман аз зиндагӣ чист.

Меҳмонро ба ошхона даъват менамоям. Ин ҷо гӯшти гӯсфанд пора мекунанд ва ҳанӯз на бӯйи кабоб, балки бӯи хуни гарм, бӯйи гӯшти тоза меояд.

Дӯстонамро ба пирхонаи эҷодиам ҳидоят мекунам ва рухсат медиҳам, ки дастнависҳоямро парешон кунанд.

Агарчи падарам мегуфт: касе, ки дастнависҳои дигаронро парешон мекунад, монанди шахсест, ки кисаи дигаронро мековад.

Падарам боз мегуфт: сарсухан ба одами шонапаҳне монад, ки дар сар кулоҳи калоне дорад ва дар театр пеши ман нишастааст. Агар вай ба ин тарафу он тараф наҷунбида рост шинад, дарди бахайр. Агар ҷунбад, ба тамошои ман бисёр халал мерасонад ва оқибат қаҳрамро меорад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Маро бисёр пеш меоянд, ки дар мушоараҳои Маскав ё дигар шаҳрҳои Русия сухан кунам. Аҳли он маҷлисҳо забони авариро намедонанд. Ман аввал дар бораи худ ба забони шикастаи русӣ нақл мекунам. Сипас дӯстонам, шоирони рус, тарҷумаи шеърҳои маро мехонанд. Аммо пеш аз шеърхонӣ аҳли суҳбат хоҳиш мекунанд, ки шеъре ба забони модарӣ бихонам. «Мо лафзи аварӣ, шеъри аварӣ шунидан мехоҳем» – мегӯянд онҳо. Ман мехонам, вале шеърхонии ман мисли он аст, ки ҳофизе пеш аз оғози суруд торҳои танбӯрро захма мезанад.

Оё сарсухани китоб ҳамчунин нест?

**Аз дафтарчаи хотирот**. Вақтҳои дар Маскав хонданам падарам пул фиристод, ки барои худ палтои зимистона бихарам. Тавре шуд,

ки пулро харҷ кардаму палто нахаридам. Дар таътили зимистона маҷбур шудам, ки ба Доғистон бо ҳамон либоси тобистон ба Маскав пӯшида омадаам баргардам.

Дар хона назди падарам худро сафед карданӣ шуда, гапҳое бофта баровардам, ки яке аз дигаре бемаънитару ночаспонтар буданд.

Баъд аз он ки тамоман даступо хӯрдам, падарам гапи маро бурида гуфт:

– Исто, Расул. Ман ба ту ду сувол дорам.

– Хуб, бигӯед.

– Палто харидӣ?

– Нахаридам.

– Пулро харҷ кардӣ?

– Харҷ кардам.

– Ана, акнун ҳама гап маълум шуд. Модом ки мақсадро бо ду сухан ифода кардан мумкин аст, барои чӣ ту ин қадар гапи бисёри беҳуда задӣ ва чаро ин сарсухани дуру дарозро бофтӣ?

Падар маро чунин таълим медод.

Бо вуҷуди ин, кӯдаки навзод якбора забон намебарорад. Ӯ пеш аз он ки сухане бигӯяд, садоҳои номафҳум мебарорад. Гоҳе кӯдак аз шиддати дарде мегиряд ва ҳатто модар намедонад, ки куҷои фарзандаш озор ёфтааст.

Оё дили шоир мисли дили кӯдак нест?

Падарам мегуфт: вақте ки одамон аз кӯҳ фуромадани рамаро мунтазиранд, аввал шохи сиркаро мебинанд, ки вай ҳамеша пешопеши рама мегардад, баъд худи сиркаро ва баъд рамаро.

Вақте ки мардум ба омадани дастаи тӯякиҳо ё азодорон чашмдоранд, аввал пайкро мебинанд.

Вақте ки мардум ба авул омадани пайкро мунтазиранд, аввал хокбоди кӯчаро мебинанд, сипас асп ва баъд худи пайкро.

Вақте ки мардум бозгашти сайёдро мунтазиранд, аввал саги ӯро мебинанд.

## ДАР БОБИ ПАЙДОИШИ ИН КИТОБ
## ВА МАҲАЛЛИ ИНШО ГАРДИДАНИ ОН

*Кӯдакон ҳам ба мисли калонсолон*
*хоб мебинанд.*
*Катибаи гаҳвора*

*Аслиҳаеро, ки як бор ба кор мео-*
*яд, тамоми умр гирифта мегардӣ.*
*Шеъре, ки тамоми умр такрораш*
*мекунӣ, ба як бор иншо мешавад.*

Аз болои авул мурғи баҳорон парвоз мекард. Ҷое меҷуст, ки нишинаду андаке дам гирад. Боме дид васеъ, ҳамвор ва тоза. Болои бом – тахтасанге. Мурғ аз фазо фуромад ва рӯи он санг нишаст. Духтари чолоки кӯҳистон мурғро дошта ба хона даровард. Мурғ чун дид, ки аҳли хонадон ба вай муносибати хуш доранд, унс гирифт ва он ҷо оромид. Ба рӯйи наъле, ки дар кухнаболори дудхӯрдаи хона кӯфта буданд, лона гузошт.

Оё китоби ман ҳамчунин нест?

Чандин бор ман аз фазои осмони назмам ба поин, ба ҳамвории наср нигариста, ҷое меҷустам, ки фуромада, андаке дам гирам...

Не, инро ба ҳавопаймое, ки ба фурудгоҳ нишастанаш лозим аст, ташбеҳ додан ҷоизтар аст. Инак, ман давр мезанам, то фуруд оям. Вале бинобар вайрон будани ҳаво фурудгоҳ маро қабул намекунад. Аз доираи васеи даврзанӣ боз ба роҳи рост даромада, парвоз мекунам, замини дилхоҳи ман боз дар поён мемонад... Чунин ҳол бо ман на як бору ду бор рӯй додааст.

Пас, гумон кардам, ки фурудгоҳи мустаҳками бетонӣ насиби ман набудааст. Пас, бояд пои ман беист ба рӯи замин қадам занад, чашми ман гӯшаҳои нави оламро бубинад, дили ман беором сурудҳои нав ба нав эҷод кунад.

Мисли ҷуфтроне, ки ғарқи тамошои абрҳои шиновар ё турнаҳои даргузар асту худро аз оғӯши ин манзараи дилрабо вораҳонида, боз бо ғайрати наве испорро дошта, ба замин хам мешавад, ман ҳам аз нав ба сурудани достони нотамом менишастам.

Оре, ҳарчанд, ки назми худро ба фазои осмон ташбеҳ медодам, вале он мазрааи ман, киштзори ман, меҳнати душвори ман буд. Ман ҳеҷ гоҳ наср нанавиштаам.

Рӯзе як мактуб гирифтам. Мактуб аз номи муҳаррири маҷаллаи бонуфузе буд. Дар омади гап бигӯям, ки муҳаррир ҳам шахси бонуфуз

аст. Муҳаррир ҳам мактубро бо суханони «Мухтарам Расул» оғоз карда буд. Хуллас, саросар эҳтироми самимии тарафайн буд.

Вақте мактубро кушодам, ба назарам вай чун пӯсти говмеш намуд, ки мардуми кӯҳистон барои хушконидан болои бом паҳнаш мекунанд. Мактубро варақ мезадам ва медидам, ки оҳангаш аз садои пӯсти хушк монданӣ надорад. Фарқ дар ин, ки аз он бӯйи тези димоғсӯзи пӯст намеомад. Мактуб бӯйе надошт.

Муҳаррир навишта буд: «Идораи маҷаллаи мо ба чунин қарор омад, ки дар яке аз шумораҳои наздиктарин дар бораи муваффақиятҳо, корномаҳо, меҳнати ҳаррӯзаи мардуми Доғистон матлабе чоп кунад. Бигзор ин нақл дар бораи меҳнатдӯстони одӣ, дар бораи корнамоиҳо, орзую умедҳои онҳо бошад. Бигзор ин нақл дар бораи «фардои» дурахшони кишвари кӯҳистони ту, дар бораи анъанаҳои қадимаи он бошад, вале асосан – дар бораи «имрӯзи» фирӯзи он. Мо ба ҳамин хулоса омадем, ки чунин матлабро ту аз ҳама хубтар навиштан метавонӣ. Намудаш – аз рӯи салоҳдиди худат: ҳикоя, мақола, очерк, як силсила лавҳа. Ҳаҷми матлаб 9-10 саҳифаи чопӣ, мӯҳлаташ 20-25 рӯз. Умедворем ва пешакӣ миннатдорем...»

Як вақтҳо духтарро, аз худаш напурсида, ба шавҳар медоданд, яъне, агар бо ибораи имрӯза бигӯем, бо амри воқеъ рӯ ба рӯяш мекарданд. Аммо он замонҳо ҳам дар кӯҳистони мо касе ҳад надошт, ки тӯйи зангирии писарашро бе ризояти худи ӯ гузаронад. Мегӯянд, ки ба ин кор боре як сокини Гидатлӣ ҷуръат кардааст. Оё муҳаррири мухтарами маҷалла аз авули Гидатлӣ аст? Худаш ҳамаро ба ҷойи ман ҳал кардааст... Оё ман розӣ мешавам, ки дар бораи Доғистонам дар ҳаҷми нуҳ саҳифа ва дар муддати бист рӯз ҳикояте нависам?

Қаҳрам омад, он мактуби бароям таҳқиромезро як сӯ ҳаво додам. Баъди чанд вақт телефони ман чунон беором занг задан гирифт, ки гӯё ин телефон не, мурғи нав тухмкарда бошад. Бешак, аз идораи маҷалла телефон мекарданд.

– Салом, Расул! Мактуби моро гирифтӣ?

– Гирифтам.

– Фармудаи мо чӣ шуд?

– Ман, вай... Кор бисёр... Ҳеҷ вақт намеёбам.

– Не, наход, Расул? Ҷои гап ҳам нест. Охир, нашри маҷаллаи мо қариб миллион нусха аст, онро дар хориҷа ҳам мехонанд. Хайр, агар дар ҳақиқат дастат банд бошад, мо ба наздат одам мефиристем. Ту баъзе қайду шарҳатро медиҳӣ, он тарафашро худаш дуруст мекунад. Баъд хонда, каму беш ислоҳ мекунӣ ва имзо мегузорӣ. Ба мо аз ҳама муҳиммаш имзои ту!

– Бигзор чашми касе ки тоқати меҳмон надорад, кӯр шавад! Агар касе меҳмонро бо рӯйи турш ё абруи пурчин пешвоз гирад, бигзор дар

хонааш на пири насиҳатгаре монад, на ҷавони насиҳатшунав! Мо ба меҳмон ва меҳмондорӣ чунин ақида дорем. Вале, аз барои Худо, ба назди ман Салихаловро[1] нафиристед. Ман дафи худро бе вай ҳам тафсонида метавонам. Ба кӯзаам низ худам даста сохта метавонам. Кас нахорад пушти ман, чун нохуни ангушти ман!

Гуфтугӯйи мо бо ҳамин анҷом ёфт. Вассалому вал-калом! Ман рухсатии якмоҳа гирифта, ба авули худам Сада рафтам.

Сада!.. Ҳафтод оташдони гарм. Ҳафтод мӯрие, ки дуди кабудчатобаш ба осмони софи кӯҳистон мепечад. Хонаҳои сафед дар рӯи замини сиёҳ. Дар дами авул пешу атрофи хонаҳои сафед мазрааҳои ҳамвори сабзапӯш. Дар паси авул шаххо сар бардоштаанд. Сахраҳои тирагун болои сари авули мо тӯда шудаанд, мисли бачаҳое, ки ба рӯйи боми ҳамворе ҷамъ омада дар поён, дар рӯйи ҳавлӣ тӯй тамошо мекунанд.

Ба авули Сада омадаму мактуби падарам, ки аввалин бор Маскавро дида, ба мо навишта буд, ба ёдам расид. Пай бурдан душвор буд, ки падар дар мактубаш ҷиддӣ гап мезанад ё шӯхӣ мекунад. Ӯ аз дидани Маскав ҳайрон шуда, менавишт:

«Ба назар чунин мерасад, ки дар ин ҷо, дар Маскав, ба оташдон алав намемонанд, хӯрок намепазанд, чунки ман ба девори хонаашон таппакчаспонии занҳоро намебинам, аз болои боми хонаҳо телпаки Абӯтолиб барин печида баромадани дудро намебинам. Дар болои бом кулӯхкӯб ҳам намебинам. Надидам, ки москвагиҳо дар болои бомашон алаф хушк кунанд. Охир, онҳо алаф хушк накунанд, ба говашон чӣ мехӯронанд? Зане надидам, ки як банд хас ё алафро пуштора карда мерафта бошад. Ягон бор овози сурнай ё садои дафро нашунидам. Гӯё ки ҷавонҳои ин ҷо зан намегиранд ва тӯй намекунанд. Дар кӯчаҳои ин шаҳри ғалатӣ ҳамин қадар гаштаму ягон сар гӯсфанд надидам. Аҷабо, вақте ки ба остонаашон меҳмон қадам мемонад, ин москвагиҳо чӣ мекушанд? Ба пеши пои меҳмон гӯсфанд накушанд, пас, ӯро бо чӣ пазирой мекунанд? Не, ман ин хел зиндагониро орзу намекунам. Ман дар авули худам Сада зиндагӣ кардан мехоҳам; он ҷо бо занам хинкали[2] серравғану сир фармуда, ишкамсерӣ хӯрда метавонам...».

Падарам Маскавро бо авули худаш муқоиса карда, бисёр камбудиҳои дигаре низ ёфтааст. Вақте ки ӯ ба девори хонаҳои Маскав таппак начаспонидаанд мегуфт, албатта, шӯхӣ мекард, аммо вақте ки авулчаи худро аз чунин шаҳри бузург авло мешуморид, шӯхӣ намекард. Вай Садаро дӯст медошт ва ба пойтахти ягон мамлакати дунё иваз намекард.

Садаи азизи ман! Инак, ман ба наздат аз он ҷаҳони беҳудуде

[1] Агар аварҳо «кор ҷӯр аст» гуфтанӣ шаванд, чунин мақол меоваранд: «Монанди дафи Салихалов».

[2] Хинкал – як навъ хӯроки кафкazии мантумонанд, ки аз гӯшту равғани гӯсфанд ва сиру олуча мепазанд. (Мутарҷим).

ки дар вақташ падарам «камбудиҳои» бисёри онро ёфта буд, омадам. Ман ин ҷаҳонро давр зада, бисёр чизҳои аҷибу ғариб дидам. Чизҳои зебоончунон зиёд буданд, ки нигоҳам парешон мешуд ва намедонистам кадоми онҳоро тамошо кунам. Чашмам дам ба як қасри муҳташам, дам ба қасри дигаре, дам ба як чеҳраи зебо, дам ба чеҳраи дигаре меафтод, вале медонистам, ки чизҳои дидагиам ҳар қадар зебо бошанд, фардо аз ин зеботарашро хоҳам дид... Медонӣ, ҷаҳон поён надорад.

Бигзор обидаҳои Ҳиндустон, аҳромҳои Миср, қасрҳои атиқаи Италия маро бубахшанд, бигзор роҳҳои пуршукӯҳи мошингарди Амрико, гулгаштҳои Париж, боғҳои Англия, кӯҳсори Швейтсария маро бубахшанд, бигзор санамҳои Лаҳистон, Ҷопон, Рим маро бубахшанд. Ман шуморо бо ҳавас тамошо мекардам, аммо дилам ором буд ва агар ноором гардад ҳам, на ба ҳадде, ки ҳалқам хушк шаваду сарам чарх занад.

Пас, чаро ҳозир ин ҳафтод бунаи дар кӯҳпояҳо паноҳёфтаро аз нав дида, дилам ба ҷунбиш омад, чунон ба ҷунбиш омад, ки қафаси синаам тангӣ кард, қабурғаҳоям ба дард омад, чашмонам сиёҳ рафт, сарам чарх зад, гӯё ки бемор ё маст бошам?

Наход, як авулчаи Доғистон аз Венетсия, Қоҳира ё Калкатта зеботар бошад? Наход, авардухтаре, ки як дарза ҳезум ба дӯш бо пайроҳаи деҳа қадам мезанад, аз духтари сарвқадди малламӯйи скандинавӣ хушрӯтар бошад?

Сада! Ман дар киштзорҳои ту қадам мезанам ва шабнами саҳаргоҳӣ пойҳои шалпаргаштаи маро мешӯяд. Ман дасту рӯйи худро ҳатто дар оби дарёчаҳои кӯҳӣ нашуста, дар оби чашма мешӯям. Мегӯянд, ки об нӯшӣ, аз чашма нӯш. Инчунин мегӯянд – падари ман ҳам мегуфт, – ки мард дар ду ҳолат ба зону менишинад: ҳангоми об нӯшидан аз чашмасор ва гул кандан аз гулзор. Сада, ту ҳамон чашмае ҳастӣ, ки ман пешат ба зону нишаста, лаб ба лабонат мениҳам ва ҳарисона аз оби ту нӯш мекунам.

Сангеро мебинам ва ба назарам дар рӯяш сояи тунуке менамояд. Ин соя манам, чунон ки сӣ сол пеш будам. Ба рӯи санг нишаста, гӯсфанд мечаронам. Дар сарам кулоҳ, жӯлидамӯй, ба дастам калтаки дароз, пойҳоям чангу хоколуд.

Пайроҳаеро мебинам ва ба назарам дар рӯяш сояи тунуке менамояд. Ин соя ҳам манам, чунон ки сӣ сол пеш будам. Бо коре ба авули ҳамсоя мерафтам. Падарам фиристода буд.

Дар қадам худ бо худ, бо бачагии худ, бо баҳорону борон, бо гулистону хазони худ вомехӯрам.

Либосамро кашида, танамро ба таки обшор медорам. Об аз нӯки шах паридаву ҷаҳида, ҳазор бор пош мехӯрад ва боз мавҷҳои парешон ба ҳам омада, бар китфони ман, бар дастони ман, бар сари ман мерезад ва боз пош мехӯрад. Ташнобi меҳмонхонаи «Қасри шоҳ»-и

Париж дар пеши обшорҳои ширгуни кишвари ман бозичаи ночизи пластмасӣ асту бас.

Обе, ки аз дарёчаи кӯҳӣ ҷараён гирифта, ба қабати сангҳо мефарояд, рӯзи дароз дар ин ҷо гарм мешавад. Ваннаи нилгуни меҳмонхонаи «Метропол»-и Лондон дар пеши ваннаҳои кӯҳии ман табақчаи ночизест.

Оре, дар шаҳрҳои калон пиёда қадам зада гаштанро дӯст медорам. Аммо баъди панҷ-шаш сайругашти дуру дароз шаҳр ба назарам шинос менамояд ва шавқи тамошояш дар дилам кам мешавад.

Инак, ҳазорум бор аст, ки дар тангкӯчаҳои авули худам қадам мезанаму аз дидораш сер намешавам, хаёлам, ки беист қадам занам.

Ин дафъаи омаданам ба ҳар хонадон сар даровардам. Дар назди ҳар оташдони алавдор, дар назди ҳар оташдоне, ки хокистараш ҳанӯз гарм ё кайҳо сард шудааст, сари сафедиафтодаю ба хокистар монандгаштаи худро фуруд овардам.

Ман дар сари гаҳвораҳое меистодам, ки даруни яке писар ё духтари кӯҳистонӣ даступо мезад, дигаре агарчи холӣ буд, ҳанӯз гармӣ дошт, кӯрпачаву болиштчаи сеюмӣ кайҳо сард гашта буд.

Дар сари ҳар гаҳвора меистодаму ба назарам мерасид, ки андар он худи ман хобидаам ва ҳама гапу кор ҳоло дар пеш аст: ҳам пайроҳаҳои кӯҳӣ, ҳам роҳҳои фарохи Рус, ҳам роҳҳои калони автомобилгарду фурудгоҳҳои мамлакатҳои дурдаст.

Кӯдаконро алла мегуфтам, ба гӯшашон суруд мехондам ва бо ин сурудҳои одии ман онҳоро хоби ширин мебурд.

Қабристони Садаро низ зиёрат кардам. Он ҷо қабрҳои куҳнаи алафзеркарда бо қабрҳои наве, ки бӯйи хоки нав медиҳанд, ҳамшафатанд.

Дар хонаҳои азодор сокиту сархам менишастам, дар тӯйҳо бо шавқ мерақсидам. Бисёр нақлу ҳикоёти то ҳанӯз нашунидаамро мешунидам. Бисёр гапҳое, ки медонистаму фаромӯш кардаам, аз нав ба ёдам меомад, аз ниҳонхонаи торики хотираам падидор мешуд...

Он чӣ нав аст, бо чашми худ медидам ва он чӣ куҳна аст, мешунидаму ба ёд меовардам ва хаёлотам мисли риштаҳои рангине буд бар дуки бузурге печида. Ман он қолини зебоеро пеши назар меовардам, ки аз риштаҳои рангоранг бофта бошанд.

*Дирӯзакак ба лонаи мургон ҷаҳон будам,*
*Дар теги шах нишаставу парвардаам ҳавас.*
*Фирӯзачашму сахт-инон ишқ омада,*
*Аз баччагӣ раҳонд, шудам марди воярас.*
*Дирӯзакак шинохтаам хешро бузург,*
*Як марди мӯсафеди хирадманди рӯзгор.*
*Ишқ омаду табассуми сода ба ман намуд,*
*Гаштам зи нав чу баччаи шармини сарфарор.*

Оре, достони ишқро ҳанӯз анҷом надодаам. Қиссаи ҷавоневу духтаракест ин достон. Ҷавон – манам. Қаҳрамони асосӣ – муҳаббати ман. Достонро анҷом бояд дод! Вале дар дилам як ҳиссиёт пайдо шудааст, ки гӯё барқияи ташвишангезе гирифтаам ва бояд ҳама корро партофта, ба фурудгоҳ шитобам.

Ё ин тавр мешавад, ки кӯҳистонизане пагоҳии барвақт ба оташдон алав мемонад. Ӯ хӯроки шабмондаро, ки тамоми аҳли оила сер мешавад, гарм карданист. Аммо ногоҳ аз дар меҳмон даромада меояд. Хӯроки шабмондаро бардошта монда, таоми нав пухтан лозим.

Ё ин тавр мешавад. Дар тӯй ҷавонон ба паҳлуи домод, ки рафиқ ва ҳамсолашон аст, менишинанд, аммо нохост лозим мешавад, ки хеста ҷояшонро ба одамони калонсол бидиҳанд.

Ё ин тавр мешавад, ки дар меҳмонхонаи мӯйсафедон бачаҳо низ бозӣ доранд. Баногоҳ бачаҳоро аз меҳмонхона мебароранд, зеро мӯйсафедҳо маслиҳати муҳимме доранд.

Баъзан гумон мекунам, ки ман сайёд, моҳигир, чавандоззам: фикру хаёли худро сайд мекунам, онҳоро медорам, зин мекунам, маҳмез мезанам. Вале гоҳо гумон мекунам, ки ман оҳуву моҳиву аспам ва баръакс, фикру хаёл, андешаву ҳиссиёт маро меҷӯянд, медоранд, зин мезананд ва пеш меронанд.

Оре, фикру ҳиссиёт, монанди меҳмони кӯҳистон, бе таклифу бе хабар меоянд. Аз чунин меҳмон на пинҳон шуда халосӣ меёбӣ, на гурехта.

Дар кӯҳистони мо меҳмони калону хурд, муътабару номуътабар нест.

Меҳмони хурдтарин ҳам барои мо муътабар аст, аз куҷо будани ӯро напурсида, дар таки дарвоза пешвозаш мегирем, ба пешгаҳи хона, болои чор қабат кӯрпача мешинонем.

Меҳмон ба кӯҳистон ҳамеша ногаҳон меояд. Аммо ҳаргиз нохост нест, вай моро ҳеҷ гоҳ дар ғафлат ёфта наметавонад, чунки мо меҳмонро ҳамеша, ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқа чашмдорем.

Фикри навиштани ин китоб ҳам, мисли меҳмони кӯҳистон, ба сарам омад.

Ё ин тавр мешавад. Аз бекорӣ танбӯрро аз мех мегирию захма мезанӣ, ки ҷӯр аст ё на. Ҳамин дам якбора суруде ба ёдат меояд ва захмаҳоят ба оҳанге табдил мешаванд: садоҳои мураттаб баланд шудан мегиранд, гузаштани шабҳову дамидани субҳро пай набурда, пайваста мехонӣ.

Ё ин тавр мешавад. Ҷавоне ба авули ҳамсоя ба ягон кори муқаррарӣ мераваду аз он тараф зан гирифта, ӯро ба пушти зини аспаш савор карда меорад.

Муҳтарам муҳаррири маҷалла! Ман хоҳиши дар мактуб изҳоркардаатонро иҷро менамоям. Ба қарибӣ навиштани китоберо

бахшида ба Доғистон сар мекунам. Лекин маро бубахшед – онро дар мухлати муқаррарнамудаи шумо, эҳтимол, буд карда натавонам. Ман пайроҳаҳои бисёреро бояд тай намоям, пайроҳаҳои кӯҳистони мо хеле борик ва нишебу фарозанд.

Кӯҳҳои кишвари ман аз дур ҳамчун алмоси носуфта асрорангез ҷило медиҳанд. Барои саманди ман майдон фарох аст. Вай ба дараи танги таъйинкардаи шумо даромадан намехоҳад.

Доғистонамро ман ба он нуҳ-даҳ саҳифаи шумо коғазпеч карда наметавонам. Ман «дар бораи муваффақиятҳо, дар бораи корҳои нек, меҳнати ҳаррӯзаи мардум», «дар бораи меҳнатдӯстони одӣ, дар бораи корнамоиҳо, орзую умедҳои онҳо», «дар бораи фардои дурахшони» кишвари кӯҳӣ ва анъанаҳои қадими он, асосан дар бораи «имрӯзи» фирӯзи он «мавод» навишта ҳам наметавонам.

Қалами нозуки ман ин борро бардошта наметавонад. Як қатра ранги қалами ман ҳам дарёҳои бузурги ором, ҳам мавҷи пуртуғёни дарёҳои кӯҳӣ, ҳам тақдири ҷаҳониён, ҳам тақдири як одамро дар худ гунҷонда наметавонад.

Паранда калон бошад – хунаш ҳам зиёд, хурд бошад – хунаш ҳам кам. Паранда чӣ қадаре бошад – хунаш ҳамон қадар.

Мегӯянд, ки донакеро тасодуфан партофтаанд, тасодуфан ба каллаи оҳу рафта афтидааст ва аз он шохи зебои оҳу сабзидааст.

Мегӯянд, ки агар Алӣ намебуд, Умар ҳам ба дунё намеомад. Агар шаб намебуд, рӯз ҳам намешуд.

Мегӯянд:

– Ту дар куҷо зода шудаӣ, уқоб?

– Дар тангное.

– Ту куҷо парвоз дорӣ, уқоб?

– Ба осмони васеъ.

## ДАР БОБИ МУҲТАВО
## ВА НОМИ ИН КИТОБ

*Ҳам пайки фараҳмандии идона барорад,*
*Ҳам дарҷ дар ӯ шевану фарёди мусибат.*

*Катибаи ноқус*

*Ӯро падари далеру ҳақгустар буд,*
*Ҳамноми падар бихуфта ин ҷо кӯдак,*
*Дар тори сараш ханҷари мероси падар,*
*Шаъну шарафи падар бувад бо кӯдак.*

*Катибаи гаҳвора*

Марди кӯҳистонӣ бояд ду чизро эҳтиёт кунад: кулоҳи худ ва номи худро. Попохро касе эҳтиёт карда метавонад, ки калла дошта бошад. Номро касе эҳтиёт карда метавонад, ки дили пуроташ дошта бошад.

Дар шифти хонаи танги мо пайи тир бисёр аст. Дӯстони падарам аз тапонча ба шифти хона тир мепарронидаанд, то уқобони кӯҳҳои атроф бидонанд, ки ба онҳо бародаре таваллуд ёфт ва дар Доғистон як уқоб зиёд шуд.

Албатта, аз тирпаронӣ писар таваллуд намешавад. Аммо барои тантанаи рӯзи таваллуди писар бояд ҳамеша тирпарронӣ кард.

Вақти таваллудам ва ҳангоми номгузорӣ дӯсти падарам ду маротиба тир паррондааст, ҳам ба шифти хона, ҳам ба фарши он.

Модарам қиссаи ба ман ном ниҳоданашонро нақл мекард. Ман дар оилаамон сеюм будам. Боз як духтарча ҳам буд, хоҳараки ман, лекин мо ҳозир дар бораи мардҳо, писарҳо сухан меронем.

Номи нахустписарро тамоми аҳли авул пеш аз ба дунё омаданаш медонистанд, чунки аз рӯи одат, ӯ бояд номи бобои марҳумашро гирад. Ҳар бошандаи авул инро медонист ва ҳама мегуфтанд, ки ба қарибӣ дар оилаи Ғамзат Муҳаммад ба дунё меояд.

Ба рӯйи ҳавлии бобои ман ягон ҳайвони чорпо ҳаргиз по намондааст, ба ҷуз сагу гурба. Гумон аст, ки бобоям ба болояш ягон бор кӯрпа пӯшида бошад, гумон аст, ки ӯ аз куртаву эзори так хабаре дошта бошад. Ягон духтури ҷаҳон гуфта наметавонад, ки ӯ Муҳаммадро муоина кардааст, даҳонашро кушода дида, набзашро дошта, пасту баланд нафас кашед, гуфтааст. Инчунин касе аз аҳли авуламон рӯзи таваллуд ва вафоти ӯро аниқ намедонист. Агар як аризаро, ки ба мақсади сиёҳ кардани падарам навишта шудааст, ба эътибор гирем, бобоям Муҳаммад каме забони арабиро медониста-

аст. Падарам номи ҳамон бобоямро ба нахустписараш, ба бародари калонии ман, гузоштааст.

Падарам Ахилчӣ ном амак ҳам доштааст, ки қадре пеш аз таваллуди бародари дуюми ман вафот мекунад.

Баъди он ки дар хонадони мо писари дуюм таваллуд мешавад, – ана Ахилчӣ ҳам зинда шуд! – гӯён бошандагони авул ҳама шодӣ мекунанд. – Ахилчии мо зинда шуд! Ба рӯи боми кулбаи камбағалонааш агар зоғе шинад, бигзор бахосият шавад. Бигзор бача номбардори сазовори Ахилчии олиҳиммат бошад!

Вақти ба дунё омадани ман падарам хешу табор, ёру дӯсти ба ҳамин қарибӣ мурда ё дар кишварҳои бегона гумгаштае надоштааст, ки номи ӯро ба ман гузорад ва ман дар рӯйи замин бо номи ӯ шарафмандона қадам занам.

Вақти таваллуд шудани ман падарам оини номгузориро ба ҷо оварда, ба хона одамони муътабари авулро таклиф кардааст. Одамон ботамкин ва бовиқор хона даромада нишастаанд, гӯё ки тақдири як мамлакатро ҳал мекарда бошанд. Дар дасти ҳама кӯзачаҳои шикамдори балхарӣ. Кӯзачаҳо, албатта, пури бӯза. Фақат як мӯйсафеди аз ҳама пири пайғамбарсимо дастхолӣ будааст.

Модарам аз хонаи дигар маро бароварда, ба дасти ҳамон мӯйсафед додааст. Ман даступо мезадаам, модарам ба мӯйсафед рӯ оварда, мегуфтааст:

– Ту дар тӯйи ман гоҳ танбӯру гоҳ даф зада суруд мехондӣ. Сурудҳоят форам буданд. Акнун ин тифлаки маро ба даст гирифта, кадом сурудатро мехонӣ?

– Э, занак! Сурудро ба ӯ ту, модараш, мехонӣ, гаҳвораашро ҷунбонида мехонӣ. Баъд сурудро ба ӯ бигзор мурғони дарёҳо хонанд. Бигзор шамшеру тиру туфанг ҳам ба ӯ суруд хонанд. Аммо суруди беҳтаринро ба ӯ бигзор арӯсаш хонад.

– Ин хел бошад, номи муносибе мон! То ки ман, модараш, тамоми аҳли авул, тамоми Доғистон номи гузоштаи туро шунавем.

Мӯйсафед маро қариб то шифти хона баланд бардошта, гуфтааст:

– Номи духтар бояд монанди шуълаи ахтар зебо ё чун гули бӯстон раъно бошад. Дар номи мард бояд садои шамшер ва ҳикмати китоб таҷассум бошад. Ман китоб хонда ва садои шамшер шунида, бисёр номҳоро дарк кардаам. Китобу шамшерҳоям ба ман ҳозир номи Расулро талқин мекунанд.

Мӯйсафеди пайғамбарсимо хам шуда, ба гӯшам оҳиста «Расул» гуфтааст. Сипас ба гӯши дигарам хам шуда, «Расул» – гӯён баланд фарёд задааст. Баъд мани гирёнро ба дасти модарам дода, ба тамоми ҳозирон рӯ оварда, гуфтааст:

– Мана, номаш Расул шуд.

Дар хона нишастагон бо ризояти хомӯшона номи маро тасдиқ

намудаанд. Мӯйсафедон кӯзачаҳоро ба сар кашидаанд ва ҳар кадом мӯйлаби худро тофта, гулу афшондаанд.

Ҳар марди кӯҳистонӣ бояд ду чизро эҳтиёт кунад: попохи худ ва номи худро. Попох ҳам, ном ҳам, мумкин, вазнин бошад. Мӯйсафеди кӯҳистонӣ, ки ҷаҳондидаву сермутолиа будааст, ба ман номи пурмаъно ва рамздоре ёфта мондааст.

Расул калимаи арабӣ буд, маънояш «фиристода» ё ки дурусттараш «намоянда» аст. Пас, ман фиристодаи кӣ, намояндаи кистам?

**Аз дафтарчаи хотирот**. Белгия. Ман – иштирокчии мулоқоти шоирони ҷаҳон, ки ба он намояндагони миллату мамлакатҳои гуногун ҷамъ омадаанд. Ҳар кадом баромада, дар бораи халқи худ, маданияти он, назми он ва тақдири он сухан мегуфт. Чунин намояндагон низ буданд: маҷор аз Лондон, эстонӣ аз Париж, лаҳистонӣ аз Сан-Франсиско... Чӣ илоҷ, бо ҳукми тақдир онҳо пароканда шуда ба мамлакатҳои гуногун, ба он сӯйи баҳру бар, кӯҳу даман, дур аз ватан афтодаанд.

Ман бештар аз ҳама ба гапи шоире ҳайрон мондам, ки чунин арз намуд:

– Ҷанобон, шумо ин ҷо аз мамлакатҳои гуногун ҷамъ омадаед. Шумо намояндаи халқҳои гуногун ҳастед. Танҳо ман ин ҷо намояндаи ягон халқ, ягон мамлакат нестам. Ман намояндаи ҳамаи миллатҳо, ҳамаи мамлакатҳо, ман намояндаи назм ҳастам. Оре, ман саропо шеърам! Ман офтобам, ки тамоми кураи арзро нур мепошад, ман боронам, ки аз куҷо будани худро наандешида, ба замин об медиҳам, ман дарахтам, ки дар тамоми гӯшаву канорҳои рӯи замин як хел месабзад.

Ӯ чунин гуфту аз минбар фуромад. Ҳозирон ба суханҳои ӯ кафкӯбӣ карданд. Ман чунин андеша доштам: гапи ӯ ҳақ аст, албатта, мо, шоирон, ба тақдири тамоми ҷаҳон ҷавобгарем, аммо касе, ки ба кӯҳҳои худ дилбанд нест, намояндаи тамоми сайёра шудан наметавонад. Дар назари ман ӯ ба одаме монанд аст, ки ҷилои ватан карда, дар ҳамон ҷо зан гирифта ва модарарӯсашро модар хондааст. Ман ба меҳрубонии модарарӯс шак надорам, лекин ба ҷуз модар модаре нест!

Вақте ки туро кистӣ, гуфта мепурсанд, ҳуҷҷат, шиносномаатро нишон дода метавонӣ, ки дар он ҳама маълумоти асосӣ ҳаст. Агар халқро пурсанд, ки дар бисот чӣ дорӣ, халқ олим, нависанда, рассом, бастакор, ходими сиёсӣ, сарлашкари худро нишон медиҳад.

Ҳар кас аз хурдӣ бояд фаҳмад: ӯ барои он ба дунё омадааст, ки намояндаи халқи худ шавад ва ҳамеша барои ба зимма гирифтани чунин вазифа омода бошад.

Ба одамон ном, кулоҳ ва яроқ медиҳанд, ба одам аз овони кӯдакӣ сурудҳои халқиашро меомӯзанд.

Тақдир маро ба кадом сарзамине андозад, ман худро намояндаи

кишваре, кӯҳҳое, авуле мепиндорам, ки он ҷо зин задани аспро ёд гирифтаам. Ман дар ҳама ҷо худро хабарнигори махсуси Доғистонам медонам.

Аммо ба Доғистонам ҳамчун хабарнигори махсуси тамаддуни умумиинсонӣ, ҳамчун намояндаи тамоми мамлакатамон ва ҳатто тамоми ҷаҳон бармегардам.

*Аз файзу футӯҳи кишварам баҳри ҷаҳон*
*Боистаю шоиста нагуфтам сухане,*
*Дар дӯш ниҳода кӯлбори пурмол,*
*Нокомӣ бубин, ки накушодам даҳане.*
*Бо лафзи лазизи модарӣ баҳри ҷаҳон*
*Зинҳор сурудане надонистам ман.*
*Сандуқаки парчинзада дорам дар дӯш,*
*Бикшодани он вале натонистам ман.*

Ба рӯйи боми ҳамвори хона суҳбат карда менишинем ва ҳамдиёронам аз ман савол мекунанд:

– Дар мамлакатҳои дур одами худамонро вонахӯрдӣ?

– Дар рӯи замин оё кӯҳҳои мо барин кӯҳҳо ҳастанд?

– Дар кишварҳои бегона дилтанг шуда, авуламонро ёд кардӣ?

– Оё дар он ҷоҳо, дар мамлакатҳои дигар, моро мешиносанд, медонанд, ки дар рӯи замин мо ҳам ҳастем?

Ман ҷавоб медиҳам:

– Мо ҳанӯз худамон худамонро хуб намешиносему онҳо моро аз куҷо шиносанд? Мо як миллион бошандаем, дар рӯйи кафи кӯҳҳои Доғистон мисли ғунчаем. Як миллион аҳолӣ, чил забон...

– Ана, барои ҳамин ту дар бораи мо ба худамон ва ба ҳамаи одамони рӯйи замин ҳикоят бикун. Асрҳои аср таърихи моро ханҷару шамшер сабт мекард. Ту ин навиштаҳоро ба забони одамӣ гардон. Ту, ки аз авули Сада баромадаӣ, агар ин корро накунӣ, каси дигар уҳда намекунад.

Фикрҳоятро ба мисли галаи аспони беҳтарин ҷамъ бикун, ки дар он ягон аспи бидав аз дигаре монданӣ надошта бошад, баъд ин галаро ба чарогоҳи коғази сафед сар деҳ. Бигзор фикрҳо монанди самандҳои рамида ё селаи бозҳои парида битозанду бипаранд.

Фикрҳоятро пинҳон накун. Пинҳон кардӣ – баъд ҷойи мондаатро фаромӯш мекунӣ. Чунон ки хасис пулҳояшро гӯр карда, ҷойи онро гум мекунад ва дар ҷустуҷӯи он месӯзад.

Аммо фикрҳоятро ба дигарон ҳам надеҳ. Асбоби қиматбаҳоро ба дасти кӯдак, чун бозича, додан мумкин нест. Кӯдак асбобро ё мешиканад, ё гум мекунад, ё дасти худро мебурад.

Одати аспи туро ҳеҷ кас аз ту беҳтар намедонад.

Қиссаи пайроҳаи падарам. Аз авулчаи мо Сада то авули калони Хунзах роҳи автомобилгард ҳаст. Дар Хунзах маркази ноҳия воқеъ аст. Падарам ба Хунзах ҳамеша на бо роҳи умум, балки бо пайроҳаи худ мерафт. Ӯ низ пайроҳаро худ нишона карда, худ кушодааст ва ҳар пагоҳу ҳар бегоҳ бо он худ равуо дошт.

Падарам аз пайроҳаи худ аҷаб гулҳои зебо меёфт. Ва аз он гулҳо гулдастаҳои боз ҳам зеботаре мебаст.

Зимистон ӯ дар ду тарафи пайроҳа аз барфи навборида ҳайкалчаҳои одам, асп ва савора месохт. Бошандагони Сада ва сокинони Хунзах омада, ин ҳайкалчаҳоро тамошо мекарданд.

Он дастаҳои гул кайҳо пажмурдаву он ҳайкалчаҳои барфин кайҳо об шудаанд. Аммо гулҳои Доғистон ва симои мардуми кӯҳистон дар шеърҳои падарам зиндаанд.

Дар овони наврасиам, ки он вақт падарам зинда буд, коре баромаду Хунзах рафтанӣ шудам. Аз роҳи калон тоб хӯрда, хостам ба пайроҳаи падарам дароям. Як пирамарди кӯҳистонӣ маро дида, аз роҳ боздошт ва гуфт:

– Пайроҳаи падаратро ба худаш мон. Ту пайроҳаи дигаре, пайроҳаи худро ҷустуҷӯ бикун.

Ман ба гапи он пирамард даромадам ва дар ҷустуҷӯи роҳи нав афтодам. Пайроҳаи суруди ман дуру дароз ва пурпечутоб баромад, вале ман бо он равонам ва барои гулдастаи худ гулҳо мечинам.

Фикри навиштани ин китоб низ аввал дар ҳамин пайроҳа пайдо шуд.

Ният кардану ҳомила шудан – ҳар ду баробаранд. Фарзанд ҳатман таваллуд мешавад, лекин онро, чунон ки зан ҷанинро дар батнаш мебардорад, тоқат карда бардоштан ва баъд дар зери обу арақ монда, дард хӯрда, таваллуд кардан лозим аст. Агар инро ба китоб нисбат диҳем, навиштан лозим аст.

Вале номи фарзандро пеш аз ба дунё омаданаш интихоб кардан мумкин. Ман ба китоби худ чӣ ном диҳам? Номашро аз гулҳо иқтибос кунам? Ё аз ахтарон? Ё аз китобҳои пурҳикмат?

Не, ман ба аспи худ зини бегона намезанам. Номи бегона ном не, фақат лақаб ва тахаллус шуда метавонад.

Ин гапҳо ҳама дурустанд. Лекин агар ту сарлавҳа меҷуста бошӣ, бояд мундариҷаи китоби оянда ва мақсади худро ба асос бигирӣ. Кулоҳро ба сар андоза карда гир, на сарро ба кулоҳ. Тори танбӯр ба қади танбӯр баробар мешавад.

Авулам, кӯҳистонам, Доғистонам. Туӣ ошёни фикру андешаҳоям, ҳиссиётам ва азму суботам. Худи ман ҳам ба мисли чӯҷаи навболупар аз ин ошён парвоз кардаам. Ҳамаи сурудҳоям низ аз ҳамин ошён бурун омадаанд. Доғистон хонаи ман аст. Доғистон гаҳвораи ман аст.

Пас, андешаи бисёр чӣ ҳоҷат? Дар кӯҳистон писар таваллуд шавад, аксаран номи бобояшро мемонанд. Китоб зодаи туст ва ту –

зодаи Доғистон. Пас, номи китоб бояд «ДОҒИСТОН» шавад. Оё номи аз ин мувофиқтар, зеботар ва арзандатаре ҳаст?

Мамлакатеро аз рӯйи байрақчаи мошини сафираш мешиносанд. Китоби ман – мамлакати ман аст. Номаш – байрақчаи он.

Фикру андешаҳои марди қаламкаш дар ҳар саҳифа, ҳар сатр барои ҳар калима байни худ баҳс мекунанд. Инак, андешаҳои ман низ барои номи китоб байни худ баҳс доранд – монанди вазироне, ки дар ягон маҷлиси байналмилалӣ ҳатто аз муҳокимаи рӯзнома сар карда, муноқишаву кашмакашҳо ба миён меоранд.

Инак, вазире таклиф мекунад, ки ба китоби оянда «Доғистон» ном дода шавад. Ба вазири дигаре таклиф хуш намеояд. Ӯ коғазҳоро пеши худ паҳн карда, чунин эътироз пеш меорад:

– Намешавад. Мувофиқ нест. Номи як мамлакатро оё ба як китоби хурд додан мумкин аст? Ба кӯдак попохи падарашро намепӯшонанд!

– Чаро намешавад? – эътироз менамояд вазири аввала. – Вақте ки моҳтоб дар осмон шино дораду аксаш ба рӯйи оби бахр ё дарё афтода аст, мо акси онро ҳам моҳтоб мегӯем, на чизи дигар. Наход, ки барои акси моҳтоб ҳам номи дигаре ёфтан лозим бошад? Дуруст аст, ки дар афсонае рӯбоҳ ба гург акси моҳтобро нишон дода, ин як порча равған аст, мегӯяд ва гурги бефаҳм бовар карда, худро ба дарё ҳаво медиҳад. Лекин маълум, ки рӯбоҳ фиребгар ва маккораи қадим аст.

– Намешавад. Мувофиқ нест, – якравӣ мекунад вазири дигар. – Доғистон, пеш аз ҳама мафҳуми ҷуғрофист. Кӯҳҳо, дарёҳо, дараҳо, чашмаҳо ва ҳатто баҳрҳо. Вақте ки ба ман «Доғистон» мегӯянд, пеш аз ҳама харитаи ҷуғрофиро мебинам.

– Не, не! – ба гап ҳамроҳ мешавам ман. – Дили ман аз меҳри Доғистон лабрез аст, аммо Доғистон харитаи ҷуғрофӣ нест. Доғистони ман умуман ҳудуди ҷуғрофӣ ё ҳадду ҳудуди дигаре надорад. Доғистони ман ҷараёни якмаром ва мунтазами таърихӣ ҳам надорад. Китоби ман, агар онро нависам, ба китоби дарсии Доғистон монанд нахоҳад шуд. Ман асрҳоро ба ҳам омехта сипас ҳақиқати воқеоти таърихӣ, мазмуни зиндагии халқ, маънии асосии калимаи «Доғистон»-ро мегирам.

Дар назари аввал Доғистон барои ҳамаи доғистониён ягона аст. Бо вуҷуди ин, ҳар доғистонӣ барои худ Доғистоне дорад.

Ман низ хосса Доғистоне дорам, ки онро танҳо ман чунин мебинамаш, танҳо ман чунин медонамаш. Аз ҳамаи он чӣ, ки дар Доғистон дидаам, аз сар гузаронидаам ва аз ҳамаи он чӣ, ки тамоми доғистониён пеш аз ман ва ҳамроҳи ман аз сар гузаронидаанд, аз суруду мавҷи рӯдҳо, мақолу маталҳо, уқобу кӯҳҳо, аз пайроҳаҳои кӯҳӣ ва ҳатто акси садои кӯҳҳо дар ниҳодам Доғистони хоси ман бунёд ёфтааст.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Кисловодск. Ман ва як ӯзбек ҳамхонаем. Ҳангоми ғуруб ва тулӯи офтоб ҳарду аз тиреза қуллаҳои Албурзро тамошо мекунем.

Ба назари ман ду қуллаи кӯҳ ба ду сари тарошида ва захмдидаи ду дӯст, ду муриди бебоки Шомил шабоҳат дорад.

Дар ҳамин лаҳза ҳамхонаам мегӯяд:

– Ин кӯҳи дусара мӯйсафеди бухороиро ба хотирам меорад, ки ду табақ палав дар даст қадам мезад ва аз ҳусни субҳгоҳони ин дара мафтун шуда, аз роҳ гаштан бозмонд.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Дар Калкатта, дар хонаи Робиндранат Такури бузургвор сурати парандаеро дидам. Чунин паранда дар рӯйи замин вуҷуд надорад ва ҳеҷ гоҳ вуҷуд ҳам надошт. Ин ҷонвар дар дили Такур пайдо шуда, ошён гирифтааст, самараи тахайюлоти ӯст. Вале агар Робиндранат парандагони ҳақиқиро намедид, сурати ин ҷонвари аҷиброро ҳам офарида наметавонист.

Ман низ чунин парандаи аҷибе дорам, ки он Доғистони ман аст. Бинобар ин китобро бояд «Доғистони ман» ном гузошт, то номаш аниқ ва дақиқ бошад. На аз он сабаб чунин ном мениҳам, ки вай маҳз аз они ман аст, балки тасаввуроти ман дар бораааш нисбат ба тасаввуроти дигарон фарқе дорад.

Инак, қарор додам. Дар муқоваи он «Доғистони ман» навишта шуд.

Дар маҷлиси вазирон лаҳзае чанд хомӯшӣ ҳукмфармо шуд, касе эътироз надошт. Аммо баногоҳ вазири сеюм, ки то ин дам ҳарфе намезад, аз ҷо бархост ва сӯйи минбар равон шуд.

– Доғистони ман. Кӯҳистони ман. Рӯдҳои ман. Хайр, чӣ шудааст, бад нест. Дар хобгоҳи умумӣ зистан фақат дар айёми навҷавонӣ, солҳои донишҷӯйи хуш аст. Баъди он одам бояд ҳуҷраи худ ё хонаи худро дошта бошад. Аммо «хонаи ман» гуфтан кам аст, бояд хона чароғон бошад. «Гаҳвораи ман» гуфтан кам аст, бояд дар гаҳвора тифл хуфта бошад. «Доғистони ман» гуфтан кам аст, бояд дар ин суханон ғоя, яъне тақдири Доғистон, имрӯзи он бошад. Шоири доғистонӣ Сулаймон Сталский бо хирадмандии худ шуҳрат ёфтааст. Инак, гуфтаҳои ӯ: «Ман шоири лазгӣ, доғистонӣ, кафказӣ нестам. Ман шоири советиам. Ман соҳиби мамлакати бузургам». Пирамарди хирадманд Сулаймон ҳамин тавр гуфтааст. Ту ҳамин як гапро ёфта гирифтаиву халос: авули ман, кӯҳистони ман, Доғистони ман. Метавон пиндошт, ки оғозу анҷоми ҷаҳон барои ту Доғистон асту бас. Магар оғози ҷаҳон Кремл нест? Дар номи ёфтаи ту маҳз ҳаминро намебинам. Ту қафаси синае офаридӣ, аммо фаромӯш кардӣ, ки андар он дили гарме ҳам бигзорӣ. Ту чашм офаридӣ, аммо бар он шарораи тафаккур бахшиданро фаромӯш кардӣ. Чашмони бенур чу донаҳои ангуранд.

Вазири сеюм ин ташбеҳи обдорро оварда, як даста иқтибосҳои аз китобҳои муътабар ғункардаашро зери каш кард ва бовиқорона рафта ба ҷояш нишаст. Ба дигарон тавре менигарист, ки гӯё онҳо

баъди суханони ӯ чизи гуфтанӣ надоранд, ҳамчунон ки баъди ҳукми суд кас сухане надорад.

Вале ин дам боз як иштирокчии маҷлис ба минбар давида баромад.

Ин шахси зиндадил, хандонрӯ буд ва нисбат ба дигарон ҷавонтар менамуд. Ӯ суханашро, бар хилофи дигарон, бо шеър оғоз кард.

*То мард нишаста, лангу маслуқ мадон,*
*То мард бихуфта, каҷҷу кӯжпушт мадон.*
*Дар вақти хӯрок буздилу род яканд,*
*То мард хамӯш, козибу зишт мадон.*

– Ман ҳаминро гуфтаниям, ки ғоянокӣ, албатта, хуб аст, хусусан чунин ғояе, ки дар борааш пеш аз ман нотиқ сухан ронд. Лекин одамони аз ҳад зиёд ғояпараст ҳам мешаванд. Михаил ном шахсро аз авули Итла ба хотиратон меорам...

Азбаски дар маҷлис регламент (тартиби кор) муқаррар нашуда буд, нотиқ дар омади гап ба мо қиссаи Михаилашро ҳикоят кард.

Дар кумитаи ҳизби ноҳияи Хунзах Михаил Григоревич Ҳусейнов ном шахс кор мекард. Номи ҳақиқиаш Михаил не, Муҳаммад буд. Вақти ҷанги гражданӣ ба ҷое меравад ва аз он ҷо ба зодгоҳаш Миша шуда бармегардад. Яъне, номи доғистонии худро иваз мекунад. Он гоҳ падари солхӯрдааш ба Мишаи навбаромад мегӯяд:

– Ҳа, ҷавонмарг шав! Ман ба ту Муҳаммад ном ниҳодам, ҳоло ихтиёр дорӣ бо он ҳар коре бикунӣ. Лекин ба номи ман чӣ кор дорӣ? Ба ту кӣ ҳуқуқ дод, ки номи Ҳасанро ба Григорий иваз намоӣ? Ман, падари ту, ҳоло зиндаам! Мехоҳам номам Ҳасан монад!

Иштирокчии ҷанги гражданӣ марди устуворе буд. Номаш Михаил Григоревич шуда монд ва бо ҳамин унвон дар райкомпартияи Хунзах аспбонӣ карда мегашт.

Рамаи донишҳояш камшумор ва лоғар буд, аммо худро басе ғоянок мепиндошт, дар ҳама ҷо инро мегуфт ва бисёр касон ӯро муборизи шадиди ғоянокӣ мешумориданд.

Боре муаллимамон Ҳоҷӣ барои он, ки як хешованди амакбачааш княззода буда ва ӯ дар зиндагиномааш инро ишора накардааст, танбеҳ гирифта буд.

Ҳоҷӣ ҷазои партиявӣ гирифта, ғамгин сӯйи авули худ Батлич қадам мезад. Дар роҳ саиси райком Михаил Григоревич ба ӯ расида гирифт. Миёни онҳо суҳбат пайваст. Ҳоҷӣ дарди дил гуфт:

– Ба ту танбеҳ ҳам кам! Аз сафи ҳизб баровардан даркор буд. Ту чӣ хел аъзои партия, коммунист?! Коммунисти ҳақиқӣ худаш мебоист ба ҷои даркорӣ ариза менавишт... Агар он дам хешовандаш не, ҳатто бародари худаш, хоҳараш, падараш бошад ҳам...

Муаллим чашм бардошта, ба Михаил Григоревич нигарист ва гуфт:

– Бегап туро аз ҳад «ғоянок» намегуфтаанд. Ҳайронам, ки чаро кӯҳҳои Доғистонро ҳанӯз ҳамвор накардаӣ. Охир, ҷои ҳамвор нисбат ба кӯҳсору сангистон «ғояноктар» ва одитар аст.

Ҳарчанд ҳар ду ба ҳамон як авул мерафтанд, Ҳоҷӣ аз роҳи калон ба пайроҳае тоб хӯрд.

– Куҷо меравӣ? – ҳайрон шуд Михаил Григоревич.

– Куҷое, ки равам, меравам, лекин на ҳамроҳи ту!

– Ман сӯйи коммунизм меравам! Агар ту сӯйи муқобил рафтанӣ бошӣ...

– Ҳатто ба коммунизм ман ҳамроҳи ту рафтан намехоҳам. Мебинем, кадоме аз мо пештар мерасад.

Нотиқ ин қиссаро ба охир расонда, суханашро давом медод:

– Як шоир дар ҳаққи чӯпон чунин шеър навиштааст:

*Туман дар кӯҳсорон бартараф шуд,*
*Раҳу пайроҳаҳо гардид равшан.*
*Тамоми гӯсфандатро, шубоно,*
*Бубар то коммунизми шӯълаафкан.*

Ё ин ки ҳамин қабил як тарафдори дигари ғоянокӣ ба райком ариза навиштааст: «Сарфи назар аз кӯшишҳо ва ҳатто торсакиҳо, «Курси мухтасари таърихи ВКП(б)»-ро ба таври қаноатбахш намехонад. Аз райком хоҳишмандам, ки ба мақсади ёрмандӣ дар тарбияи ғоявии занам ба ӯ таъсир расонад».

Ё ин ки ба рӯйи дари Иттифоқи нависандагони Доғистон боре чунин эълони таҳдидомез пайдо шуд: «Бе тайёрии хуби назариявӣ ҳуқуқ надорӣ, аз ин дар дароӣ».

Шоири машҳури куҳансол Абӯтолиб Ғафуров аз пайи коре ба Иттифоқи нависандагон меомад, аммо ин огоҳиро дида, пас гашт.

Ё ин ки дар шаҳри сермиллати Махачқалъа қабристонҳои гуногун ҳаст: аз они насрониён, мусулмонон, яҳудиён... Як рафиқи аз ҳад ғояпараст дар маҷлиси фаъолони ҷумҳурӣ сухан карда гуфт:

– Мо барои мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо монда нашуда мубориза мебарем, аммо дар шаҳрамон ин қадар қабристонҳои гуногун ҳастанд. Вақти он расидааст, ки як қабристони умумӣ ташкил намоем. Номашро ҳам ёфтан мумкин. Масалан: «фарзандони як оила». Ва умуман... Мисол, падару модари ман диндор буданд, тоату ибодат мекарданд. Ман аз соли 1937 узви партия бошаму чи хел бо онҳо дар як қабристон хобам? Не, кайҳо вақти он расидааст, ки дар шаҳрамон дар асоси ғояи баландтаре қабристони нав ташкил намоем.

– Ман ҳаминро мегӯям, – бо овози баландтар давом медод вазир. – Номи китоб ҳам монанди кулоҳ аст. Кадомаш муҳимтар, кулоҳ ё калла? Инак, қиссаи гургро дастгир кардани се сайёд.

Оё сайёд калла дошт? Се сайёд дарак ёфтанд, ки дар як дараи назди деҳа гурге пинҳон аст. Ният карданд, ки онро дастгир карда, кушанд. Дар хусуси гургро дастгир кардани онҳо миёни халқ ривоятҳои зиёде ҳаст, ки яке аз онҳоро дар овони бачагӣ шунидаам ва ҳанӯз ба ёд дорам.

Гург аз сайёдон гурехта, даруни ғоре руст шуд. Ғор фақат як даромадгоҳ дошт, ки он ҳам хеле танг буд – сар дарояд, китф берун мемонад. Сайёдон паси санге камин гирифта, туфангҳои худро сӯи дари ғор рост карда менишастанд, то гург барояду онҳо парронанд. Аммо гург ҳам бефаҳм набуд магар, ки аз ғор намебаромад. Пас, ҳамон бохт мекард, ки чунин «дидбонӣ» ба дилаш занад.

Яке аз сайёдон безор шуд ва азм кард, ки бо илоҷе вориди ғор шавад ва аз он ҷо гургро берун ронад. Сайёд ба даҳани ғор наздик шуд ва сар дар он андохт. Он ду сайёд рафиқи худро муддати мадиде мушоҳида карданд ва дар ҳайрат буданд, ки чаро ӯ ҳаракати даруннтар даромадан намекунад ё ҳеҷ набошад, сарашро берун намекашад. Ниҳоят, интизорӣ ба дили онҳо ҳам зад. Рафта, сайёдро ҷунбониданд ва диданд, ки ӯ калла надорад.

Чунин савол ба миён андохтанд: оё сайёд қабл аз ба ғор даромадан калла дошт ё не? Яке мегуфт: ба хаёлам дошт, дигаре мегуфт: надошт.

Тани бесарро ба авул оварда, воқеаро ҳикоят карданд. Як пири донишманд гуфт: модом, ки сайёд ба ғор назди гург даромадааст, пас вай аз модар бекалла таваллуд шудааст. Барои ҷавоби саҳеҳтаре назди зани сайёд рафтанд.

– Ман аз куҷо донам, ки шавҳарам калла дошт ё не? Фақат ба ёдам ҳаст, ки ҳар сол ба худ кулоҳи нав мефармуд.

Ғоя бояд дар амал бошад, на дар сухан, бояд дар мазмуни китоб бошад, на дар муқоваи он дабдаба ороянд. Калимаеро, ки дар охири сухан овардан мумкин аст, дар аввал гуфтан чӣ лозим?

Аксаран ба гардани кӯдаки навзод тӯмор меовезанд, то ки умраш хуш гузарад, дарду доғе набинад ва осебе ба ӯ нарасад. Дар ҳақиқат ёрӣ расонидани тӯморро ҳоло муҳокима намекунем, вале маълум, ки онро намуна карда намегарданд, балки зери пӯшок нигоҳ медоранд.

Ҳар китоб бояд чунин тӯмор дошта бошад, ки онро муаллиф донад, хонанда пай барад, вале он зери пӯшок ниҳон бошад.

Ё ин ки ҳангоми тайёр намудани урбеч[1] ба он каме асал меандозанд. Асал дар урбеч чунон маҳлул мешавад, ки фақат бӯяшро мефаҳмеду бас.

Ё ин ки дар Бомбай боғи зебои ҳамешабаҳоре ҳаст, ки онро Боғи муаллақ меноманд. Дарахтони ин боғ, агарчанде атроф хушк асту ҳаво тафсон, ҳаргиз пажмурдаву бетароват намешаванд. Чунки зери

[1] Урбеч – як навъ таоми кафкозӣ.

боғ кӯли аз чашм ниҳоне будааст ва он кӯл дарахтони боғро оби серуни ҷонбахш медодааст.

Ғоя на он обест, ки худро бо шӯру ғавғо ба сангҳо зада ва ба атроф пош хӯрда ҷорӣ мешавад, балки чунин обест, ки ноаён заминро нам мекунад ва решаи дарахтонро ҷон мебахшад.

– Ин чӣ маънӣ дорад! – дод зада аз ҷо бархост ва даст бар миз кӯфт вазире, ки дар атрофи худ китобу иқтибосҳои зиёдеро ғун карда менишаст. – Аз ин мебарояд, ки ба кулоҳ чизе часпонӣ, фарқе надоранд: хоҳ як пора латтаи сафед, хоҳ лентаи сурх, хоҳ ситораи панҷгӯша? Аз ин мебарояд, ки одам дар сари сина хоҳ ордени сурх овезад, хоҳ салиби сиёҳ, фарқе надорад? Боракалло ба шумо!

Як одам, монанди Ҳасан аз авули Тануси, якбора дар Гонох муаллимӣ, дар Гиничутл комсоргӣ ва дар Хунзах муллогӣ карданаш мумкин нест. Нисбат ба китоб низ ҳаминро гуфтан ҷоиз аст. Не, не ва боз мегӯям, ки не! Ғоя парчам аст ва онро аз чашм пинҳон доштан нашояд. Онро баланд бардоштан даркор, то ки ҳамаи одамон бинанд ва аз пасаш раванд.

– О! Занғар касе, ки ба суханони ту эътироз дорад, – аз нав ба гап ҳамроҳ шуд он вазири ҷавонтар, – лекин ту чунин карданӣ, ки парчам алоҳида бошаду одамони онро бинанда алоҳида. Яъне, ғоя аз дилу ҷони одамони онро бинанда алоҳида. Яъне, ғоя аз дилу ҷони одамон ҷудо бошад. Ту онҳоро ба ду аробаи ҳархела шинониданӣ, мабодо, ин ду ароба ба роҳҳои гуногун равад? Ту мегӯйӣ, ки одам бояд на авар, на доғистонӣ, балки умуман одами советӣ бошад. Лекин ман, масалан, худро ҳам авар, яъне фарзанди Доғистон медонам, ҳам шаҳрванди СССР. Магар ин ду якдигарро инкор мекунанд?

Чунон ки маълум аст, ҷаҳон аз Кремл ибтидо мегирад. Ман низ ба ин розиам. Вале барои ман ҷаҳон ғайр аз ин, боз аз хонаи худам, аз остонаи дарам, аз авулам ибтидо мегирад. Кремл ва авул, ғояҳои коммунизм ва ҳисси ватан – ду қаноти як паранда, ду тори танбӯри ман аст.

– Пас, чӣ ҳоҷат ба як по лангида гаштан? Ба китоб номи дуюме бояд ёфт, ки мазмуни дохилии онро ифода намояд.

Дар ҳама ҷо ман ин номро ҷустам. Худ дар Ҳиндустон сайёҳат доштаму хаёлам ба Доғистон банд буд. Аз осори тамаддуни қадимаи ин мамлакат, аз фалсафаи он ба гӯшам акси садои пурасроре мерасид. Аммо садои Доғистони ман бароям садои батамом равшан ва ҳақиқист ва онро дар бисёр маҳалҳои рӯи замин мешунаванд. Замоне буд, ки «Доғистон» бигӯйӣ, фақат дараҳои бекасу кӯҳҳои урён акси садо медоданд. Ҳоло ин ном дар тамоми мамлакат, тамоми ҷаҳон садо медиҳад ва дар дили миллионҳо одамон маъво гирифтааст.

Дар обидаҳои буддоии Непал, ки андарунашон бисту ду хел оби шифо ҷорист, низ Доғистонам дар хаёл буд. Аммо Непал ҳанӯз алмоси

носуфтааст ва ман Доғистони худро ба он баробар кардан натавонистам, зеро ки алмоси Доғистон на як бору ду бор шиша буридааст.

Дар Африқо низ ёдам ба ёди Доғистон буд. Ин сарзамин ханҷареро ба хотирам овард, ки фақат чоряки он аз ғилоф берун аст. Дар мамлакатҳои дигар – Канада, Англия, Испания, Миср, Ҷопон – ҳам Доғистонро фикр мекардам, ё фарқе аз он, ё монандие ба он меҷустам.

Инак, боре ҳангоми саёҳат дар Югославия ба Дубровник ном шаҳри аҷиб афтодам, ки он дар соҳили баҳри Адриатик воқест. Хонаву кӯчаҳои ин шаҳр ба дараву шаххо, кӯҳҳои хоро монанд буданд. Дари баъзе хонаҳо ба даромадгоҳи ғорҳои сангин шабоҳат дорад. Вале аз шафати осори асри миёна ва куҳантар аз он биноҳои ҳозиразамон қад мекашанд.

Тамоми шаҳр, монанди Дарбанди мо, бо ҳисори баланд иҳота шудааст. Ман ба ин ҳисор аз тангкӯчаҳои зинадор ва поғундаҳои сангин қадам зада баромадам. Қад-қади ҳисор манораҳои сангин сохтаанд, ки фосилаи байни онҳо баробар аст. Ҳар манора ду тиркаш дорад, ҳамчун ду чашми хашмин. Ин манораҳо ба муридони имом шабеҳанд, ки доим дар хидмати ӯ истода бошанд.

Болои ҳисор баромадам ва хостам аз он тиркашҳои манораҳо ба атроф назар андозам. Ман ин корро фавран мекардам, аммо он ҷо сайёҳон ғун шуда буданд ва маро ба назди тиркашҳо роҳ набуд. Дур истода, аз тиркашҳо фақат пора-пора чизи нилгунеро медидаму бас. Он пораҳо дар ҳаҷми сӯрохи тиркаш буданд, тиркаш дар ҳаҷми кафи даст.

Ҳангоме ки ба тиркашҳо наздик шуда нигоҳ кардам, баҳри нопайдоканореро дида ба ҳайрат мондам, баҳр дар зери шуоъҳои офтоби моҳи январ ба ҳазор ранг медурахшид, нарму ҳаловатбахш метофт, чунки Адриатик, ба ҳар ҳол, баҳри ҷанубист, сарду шиддатнок менамуд, зеро ки зимистон, моҳи январ буд. Баҳр нилгун не, балки мисли рангинкамон метофт. Мавҷҳои худро ба сари харсангҳои соҳил мезад ва мавҷҳо чун садои туфанг ғулғула андохта, пас мегаштанд. Ба рӯи баҳр киштиҳо шино доштанд, ки ҳаҷми ҳар кадоме ба авули мо баробар буд.

То ин дам дар пушти сайёҳон будаму ба нӯки по истода, олами бузургро диданӣ мешудам. Сипас ба тиреза наздик рафта, онро дидам ва боз Доғистонам омад ба ёд.

Доғистони ман низ ҳамеша дар қафо меистод, навбати худро интизор буд, ба нӯки по истода қад меёзонид ва ба ӯ низ одамони қадбаланди шонапаҳни дар пешистода халал мерасониданд. Акнун ӯ тамоми ҷаҳонро гӯё аз тирезачаи ҳисори қадима дид ва ба ин ҷаҳон бо урфу одат, ахлоқу рафтор, суруду гуфтор ба обрӯю эътибори худ омезиш ёфт.

Шоирони гуногун дар замонҳои гуногун ташбеҳҳои гуногун меҷустанд, то ки тасаввуроти худро дар бораи Доғистон таҷассум

кунанд. Шоири ҳазин Маҳмуд дар хусуси халқҳои Доғистон гуфтааст, ки онҳо ҳамчун дарёчаҳои кӯҳианд, ҳамеша як шудан мехоҳанд, аммо наметавонанд ва ҳар кадом ба роҳи худ ҷорист. Маҳмуд боз фармудааст, ки ин халқҳо гулҳои дараи ниҳонеро ба ёд меоранд, ки сӯи якдигар майл доранду вале ҳамоғӯш шуда наметавонанд.

Магар ҳоло халқҳои Доғистон ба як дарёи кӯҳӣ, ба як гулдаста табдил наёфтаанд?

Ботирой гуфтааст: чунон ки камбағал пӯстини куҳнаи худро ба кунҷи торики хона мепартояд, Доғистонро ҳам табиат дар бағали кӯҳҳо лӯнда карда партофтааст.

Падарам таърихи Доғистонро хонда, онро ба шохҷоме ташбеҳ дод, ки майхораҳо ҳангоми базм аз даст ба даст медиҳанд.

Ман туро ба чӣ ташбеҳ медиҳам, Доғистонам? Чӣ сухани шоистае ёбам, то бо он андешаҳои худро дар боби тақдири ту, таърихи ту ифода намоям? Шояд, баъдтар суханҳои беҳтаре, арзандатаре биёбам, вале имрӯз чунин мегӯям: «равзани хурдест, ки ба сӯйи уқёнуси бузурги ҷаҳон кушода шудааст». Ё ки боз мухтасартар: «Равзани хурде ба сӯйи уқёнуси бузург».

Инак, рафиқони вазир, номи дуюми китобе, ки ман онро навиштаниям. Ман мефаҳмам, мамлакатҳои дигаре, ки ҳамсояи Доғистони мананд, низ дар ҳаққи худ чунин гуфтан метавонистанд. Хайр, бигзор, Доғистони ман ҳамномҳо дошта бошад. Инак, «Доғистони ман» кулоҳ асту ситораи кулоҳ – «Равзани хурде ба сӯйи уқёнуси бузург».

Ман, мисли шахсе, ки ба навохтани мусиқӣ омода мешавад, тори танбӯри худро ҷӯр намудам. Ман монанди шахсе, ки ба чокдӯзӣ тайёрӣ мебинад, риштаро ба сӯзан гузаронидам.

Чун вазироне, ки дар маҷлиси байналмилалӣ оқибат рӯзномаро тасдиқ намуданд, вазирҳои ман ҳам номи китобро тасдиқ карданд.

Ин тавр мешавад, ки ду бародар бамуросо савори як асп мераванд. Ин тавр ҳам мешавад, ки як савора ҷилави ду аспро ба як даст гирифта обдиҳӣ мебарад.

Абӯтолиб фармудааст: Кулоҳи Лев Толстой барин кулоҳ харидааст, аммо ончунон калларо аз куҷо бихарад?

Мегӯянд, ки номаш хуб аст, аммо худаш чӣ хел одам мешуда бошад?

## ДАР БОБИ ШАКЛ
## ВА ТАРЗИ ИНШОИ ИН КИТОБ

*Ханҷар ар бар кор н-ояд, занг бандад дар ғилоф,*
*Мард агар пурхоб бошад,хомфарбеҳ мешавад.*
*Катибаи ханҷар.*

*Ришта дар сӯзан кашидам, ҷомаро дӯзам чӣ сон?*
*Торро ман ҷӯр кардам, чун бараояд савти он?*

Ба саманди беқарору вафодорам наъли хуб занондам. Худам ҳар пойи онро бардошта дидам, ки оё наълаш мустаҳкам аст ё на? Самандамро зин задам, пуштангашро кашида дидам. Ангушт базӯр меғунҷид. Самандам хуб аст, зинаш ҳам мустаҳкам.

Мӯйсафеде, ки ба падарам монандӣ дорад, лаҷомро ба дастам дод. Духтарчаи шӯхчашме тозиёнаро ба ман дароз кард. Духтари ҳамсоя обро баҳона карда, кӯзаи пуроб дар даст аз хона, аз рӯ ба рӯям баромад. Бо ҳамин кораш ӯ ба ман роҳи сафед орзу намуд. Лаҷоми саманд ба дастам аз паҳлуи ҳар сокини авул, ки мегузаштам, мегуфт: роҳи сафед, бахарчӣ!

Дар доманаи авул кӯҳистонидухтаре чароғи фурӯзонро ба тиреза гузошт. Бо ин кори худ ӯ ба ман чунин мегӯяд:

– Ин тиреза ва ин чароғро фаромӯш накун. Ин чароғ то бозгашти ту хомӯш намешавад. Ин чароғ аз паси пардаи шабҳои тор ва гарду ғубори солҳои бисёр дар сафари дуру дароз ва пурташвишат ба ту равшанӣ мебахшад. Ҳангоме ки аз саёҳатҳо хаставу шалпар бармегардӣ ва ба деҳаи азизат наздик меоӣ, пеши чашмонатро аввал нури ҳамин чароғ равшан мекунад. Ин тиреза ва ин чароғро ба ёд дор.

Ман рӯ ба ақиб мегардонам, то ки авули азизамро бори дигар бубинам. Дар рӯйи боми хона модарамро мебинам. Ӯ танҳо рост истодааст. Тарҳи ӯ то рафт хурд мешавад – дар рӯи бомҳо ба хатчаи нозуке табдил меёбад. Ниҳоят, дар ин гардиши роҳ, авули маро кӯҳ панаҳ кард ва ман рӯ ба ақиб гардонидам, аммо ҷуз кӯҳ чизе надидам.

Дар пеши роҳам низ кӯҳро мебинам. Вале медонам, ки дар паси ин кӯҳ олами бузургест. Ҳам авулҳои дигару ҳам шаҳрҳои калон, ҳам уқёнусҳову ҳам вокзалҳо, ҳам фурудгоҳҳо ҳастанд.

Наъли самандам ба роҳи пурсанги Доғистони азизам бархӯрда, садо мебарорад. Болои сарам сақфи осмон аст, ки онро кӯҳҳо ҳошиябандӣ кардаанд. Як тарафи осмон ғарқи нурҳои офтоб, тарафи дигари он пури ситора, самти дигараш пардаи абрҳо ба рӯйи худ кашида, бар замин борон мерезад.

*Сабр кун, эй асп, андак сабр кун,*
*Ман, ки ҳоло бар ақиб нангаштаам.*
*Ин дам охир, пушти сар хоҳем кард*
*Овули зебо, ки меҳраш бастаам.*

*Пар кушо, эй бодпоям, пар кушо,*
*Мо чаро рӯ бар қафо хоҳем дошт?*
*Интизоранд овулони мо ба пеш,*
*Дӯстони бовафо хоҳем дошт.*

Ман куҷо меравам? Роҳи дурустро чӣ тавр интихоб бикунам? Китоби навамро чӣ тарз нависам?

**Аз дафтарчаи хотирот**. Ҳозир ҷавонони Доғистон либоси миллии худамонро намепӯшанд. Онҳо монанди ҷавонони Маскав, Тбилиси, Тошканд, Душанбе, Минск шиму пиҷак, куртаҳои нимостин ва гиребондори ба галстук мувофиқ мепӯшанд.

Либоси миллиро акнун фақат дастаи ҳунарпешагони раққосу сурудхон мепӯшанд. Одами либоси қадимапӯшро дар тӯйҳо дучор кардан мумкин. Баъзан ба кас либоси миллии доғистонӣ лозим шавад, онро аз дӯсташ ё шиносаш металабад, ё ки аз мағоза ба киро мегирад. Ҳозир ҳар кас чунин либос надорад. Хулласи калом, либоси миллӣ аз байн меравад, агар тамоман рафтааст нагӯем.

Аммо гап дар сари он, ки шакли миллӣ ҳатто аз шеърҳои баъзе шоирон рафтан дорад ва онҳо аз ин ифтихор ҳам мекунанд.

Ман ҳам дар тан либоси аврупоӣ дорам, ман ҳам телпаки черкасии падарамро намепӯшам. Лекин ба шеърам либоси бегона пӯшондан намехоҳам. Мехоҳам, ки шеърҳоям либоси ҷойдории доғистонӣ дошта бошанд.

Ман чӣ! Насиби ман аз умр чанд даҳсолаест. Ин даҳсолаҳо ба даврае рост омаданд, ки одамон шим, ботинка, пиҷак пӯшида мегарданд. Умри шеър, вақти таваллуд шудан ва мурдани он дигар аст. Ман аз хусуси шеърҳои худам чизе намегӯям, шояд, умри онҳо аз умри ман ҳам кӯтоҳтар бошад.

Ман дар Маскав як бех дарахти булут дидам, хеле пир. Мегӯянд, ки онро Иван Грозний шинондааст. То сабзида ба воя расидани ин дарахт одамон аввал либоси боярӣ, сипас камзӯлу кулоҳгесу, баъд кулоҳи баланд ва фраки сиёҳ, пас аз он кулоҳи будённовӣ ва нимтанаи чармин, сипас пиҷаки одӣ ва шими почавасеъ, баъд шими початанг мепӯшиданд... Дарахти булут гӯё чунин мегуфт: дар поён давутоз кунед, либосатонро иваз кардан гиред, агар кори дигаре надошта бошед. Кори ман дигаргун кардани шуои офтоб ва онро ба чӯби сахт ва ба ҷалғӯза табдил додан аст, ки аз он ҷалғӯзаҳо ҳамин гуна дарахтони азим хоҳанд рӯид.

Дар кӯҳистон «одаму либос, ҷавонмарду саманд» мегӯянд. Ин зарбулмасал зебо менамояд, вале ба назари ман, ноҳақ аст. Шарт нест, ки қаҳрамони палангинапӯш бошад. Гоҳо даруни зиреҳи пӯлодин ҳам буздиле пинҳон аст.

Зеро ки тарбузи ба рангаш мафтун шуда харидаи ман на як бор сап-сафеду бемаза баромадааст.

Зеро ки як ҷавони унсукулӣ боре маҳбубаи худро ба чакман печонида гирифта мегурезад, баъд кушода мебинад, ки даруни чакман кампири бедандон, яъне модаркалони маҳбубааш хобидааст.

Зеро ки Абӯтолиб ба ман чунин ҳикоят карда буд. Ӯро як рӯз ба авули дуре ба тӯй хабар мекунанд. Вай он ҷо рафта сурнай менавозад. Тӯйи хубе барпо мешавад. Се шабу се рӯз дар саҳнаи назди авул садои сурнаю даф ва нолаи наю ғижак хомӯш намегардад. Ба қавли доғистониҳо «дам-дам» ҳам мешавад, «чам-чам» ҳам, яъне тамошо ҳам, зиёфат ҳам. Тамоми аҳли авул ба ин тӯй омада меравад ва ҳар яке, андак бошад ҳам, мерақсад.

Рӯзи сеюм ҷорчӣ бо супориши соқӣ бо овози баланд эълон мекунад, ки ҳозир арӯсу домод ба ракс мебароянд. Хайр, домодро дар зарфи ин се рӯз ҳама дидаанд, вале арӯсро, ки доим ба рӯмол печида менишаст, мардум надида буданд, бинобар ин чашм аз вай намеканданд. Абӯтолиб се рӯзи дароз сару либоси арӯсро тамошо мекард. Зебу зинаташ аз муқоваи рангини тазкираи назми Кавказ мондани надошт.

Вақте ки арӯс аз ҷой хеста ба давра фуромад, Абӯтолиб гавдаи ӯро дида, андаке хавотир шуд, вазни арӯсро ба вазни эпоси қирғизии «Манас», ки Нашриёти адабиёти бадеӣ баровардааст, баробар кардан мумкин буд. Инак, арӯс парда аз рӯй гирифт. Ҳама чашму ҳуш гардиданд, Абӯтолиб ҳам. Арӯс рӯяшро кушод, он як лаҳза, ки мардум се рӯз чашм доштанд, даррасид...

Ҳама диданд, ки як чашми арӯс сӯйи Хунзаху чашми дигараш тарафи Ботлих. Мобайни ин чашмони «шаҳлои» аз ҳам қаҳрӣ бинии дарози нозебе ҷой гирифтааст...

Абӯтолиб аз ин манзара ғамгин шуда, дигар сурнай ҳам навохта натавонист, аз гулуяш хӯроке ҳам нагузашт. Оқибат тӯйро тарк гуфта рафт.

Ба фикрам, Абӯтолиб ин қиссаро як қадар болобандӣ карда гуфт.

Бо вуҷуди ин, муқоваи зебо китоби сустро эътибор намебахшад. Барои он ки ба китоб баҳои дуруст диҳӣ, бояд ниқоб аз рӯяш бардорӣ.

Зеро соле буд, ки масъалаи мавқеи занони кӯҳистон ва муносибати мардон дар ҳаққи онҳо ба дараҷаи зарурӣ «ба қуллаи баландтарин» бардошта шуд.

Он сол шавҳар ҳад надошт, ки як даҳан гапи занро гардонад. Барои ҷанҷоли одии рӯзгор ба райком ҷеғ зада, танбеҳ медоданд. Гап нарасад гӯён, аввал ба ҳамаи коркунони райком яктоӣ танбеҳ до-

данд. Ҳамон сол ҳар замон анҷумани занони кӯҳистонро даъват карда, чунон бисёр гап мезаданд, ки дар тамоми анҷуманҳои дигар ин қадар гап нашуда буд.

Он сол дар бозор рӯзҳои якшанбе зани азимҷуссае пайдо мешуд, ки ҳар гуна молҳои мамнӯъ мефурӯхт. Милиса ба вай чизе гуфта наметавонист, метарсид, ки ба пояи мустақилӣ ва баробарҳуқуқии зани кӯҳистон футур расад. Бо вуҷуди ин, якшанбеи сеюм ӯ савдогарзанро беҷуръатона огоҳ карда монд. Якшанбеи панҷум – ҳарчи бодо бод! – гӯён занро дастгир карда, ба милисахона бурд.

То милисахона бурдани савдогарзан мардум аз чор тараф сӯйи милиса бо ангушт ишора намуда, ҳайрон мешуданд, ки чи хел ҷуръат карда, зани соҳибистиқбол ва озодро дастгир кардааст!

Дар талотӯби бозор ба касе зеҳн мондан душвор аст. Акнун чашми милиса ба нӯки мӯзаи калоне, ки аз таки курта намудор буд, афтод.

«Ҳо, оби ин ҷӯй аз чашма нест!» – гуфт милиса дар дил ва чодар аз сари савдогарзан бардошт. Дид, ки дар рӯ ба рӯяш як марди ғӯли чашмонаш аз косахонааш баромада, мӯйлабаш мисли буттаи сари шах истодааст.

Баъзе санъаткорон ҳам, ки барои гузаронидани моли худ истеъдод, сабру тоқат ва иззати нафс надоранд, либоси бегона пӯшида, бо шакли зебо маънии харобро пардапӯш карданӣ мешаванд. Вале шикам холӣ бошад, кулоҳро якшоха монда гаштан чӣ суд?

Инчунин, ханҷари чӯбин хар қадар зебо бошад ҳам, бо он ҳатто гунҷишк кушта намешавад. Вай фақат ба буридани риштаҳои борон кор меояд.

Инчунин, аз заношӯии лӯхтакҳо фарзанд намерӯяд.

Инчунин, ҳангоми хатна кардани писар ба ӯ пари қуро нишон медиҳанд. Ин корро барои фиреби бача мекунанд. Барои хатна пари қу кор намеояд, покуи тез лозим аст.

Аммо хонандагон кӯдак нестанд, ки онҳоро фиреб диҳӣ ва ман артист нестам, ки ханҷари коғазин овехта гардам, ҳарчанд ғилофи он чармин ва зардӯзӣ бошад.

Албатта, ғилоф ҳам даркор, ғилоф набошад, ханҷар занг мебандад. Ғилоф зебо бошад, боз хубтар;

Албатта, ҳангоме ки ҷанговар аз тохтутоз молҳои гаронбаҳо меовард, завҷааш ба гардани аспаш рӯймоли шоҳӣ мебаст.

Албатта, забони суст барои ифодаи фикри тез мисли он аст, ки гургро барра бидаррад.

Албатта, агар роҳ бад бошад, ҳар гуна аробаи мустаҳкам ҳам афсурда мешавад ва ҳатто ба ҷарӣ чаппа шуда меравад.

Албатта, ба асп полони хар намезебад, ба хар зини асп.

Ин ҷо ман ба шумо қиссаи як балхарӣ ва аспи лоғари ӯро ҳикоят

мекунам.

Қиссаи як балхарӣ ва аспи лоғари ӯ. Як балхарӣ ба аспи бечораш хурмачаву кӯзачаи фурӯшӣ бор карда, авул ба авул мегашт.

Он рӯз дар як деҳаи аварӣ пойга барпо мешуд. Асптозони оташмизоҷ бо аспони оташнафаси худ ғун шуда буданд. Асптозон ҳам машҳур буданду аспҳошон ҳам. Аспсаворон ҳама ҷавонмардони хушқомату зебоандом, аспҳошон аз худашон монданӣ надоштанд. Аз чашмони човандозҳо шарораи далериву бебокӣ ва аз чашмони самандҳошон оташи бесабрӣ меборид.

Човандозҳо акнун саф меоростанд, ки баногоҳ он марди ороми балхарӣ савори аспи лоғар ба майдон даромад. Балхарӣ ва аспаш ҳарду хоболуд менамуданд. Човандозҳои ҷавон балхариро мазоҳ карда аз чор тараф гап парронданд.

– Биё, ба мо ҳамроҳ шав!

– Биё, аспи ношуди туро ҳам ба қатори самандҳои бодпо бимонем.

– Чаро аспи ту бо бидавҳои мо баробарӣ накунад? Орзуро айб нест.

– Биё, ҳамроҳи мо асп тозон, ки аз қафо каси наълҳои афтидаро чида мерафтагӣ нест.

Марди балхарӣ дар ҷавоби ҳамаи ин гапҳо орому хомӯш бори аспашро фуроварда, як сӯ бурда таҳ кард, оромона ба асп савор шуд ва дар қатори човандозҳо ҷой гирифт.

Аспони човандозҳо бесаброна сум зада замин мехарошиданд, чароғпоя мешуданд ва ҳол он ки аспи балхарӣ сар ба замин афканда, пинак мерафт.

Инак, пойга оғоз ёфт. Аспон монанди бод дартоз шуда, чанги пойгаҷоро ба осмон бардоштанд. Аз қафои ҳама дар қабати абри чанг аспи лоғари балхарӣ ҳам дартоз шуд. Давраи якуми пойга ба охир расид, дуюм ва сеюмаш ҳам. Ба ҳама аён буд, ки аспҳо шалпар шуданд. Ҳарчанд човандозҳо аспони худро тозиёнаву маҳмез мезаданд, онҳо дигар тундутез давида наметавонистанд. Танҳо аспи лоғари балхарӣ як хел метохт – на суст, на сахт. Аспи балхарӣ аввал ба аспони қафомонда расида гирифт, сипас бо аспони пешқадам баробар шуд ва баъд дар давраи охирин, яъне давраи даҳуми пойга, ҳатто аз онҳо пеш гузашт.

Маҷбур шуданд, ки ба гардани кашоли аспи лоғари балхарӣ нишони фирӯзӣ – рӯймоли шоҳиро банданд. Марди балхарӣ аспашро оромона ба назди кӯзачаву хурмачаҳо бурда, молашро бор кард ва роҳи худро давом дод.

Чунин воқеаҳо аз пойга дида, дар адабиёт бештар рӯй медиҳанд.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Шеъре, ки ба осонӣ иншо шудааст, хонданаш душвор. Шеъреро, ки ба меҳнати душвор иншо гардидааст, осон мехонӣ. Шакл ва мазмун ҳам монанди либоси одам аст. Агар одаме бошад хушфеъл доно, олиҳиммату накукор, чаро либоси ба худ зебандае напӯшад? Одами хушрӯю хушандом чаро хушфикр ҳам набо-

шад?

Аксари занони хушрӯ камақл мешаванд, агар бисёр доно бошанд, бенур мешаванд. Баъзе асарҳои санъат низ чунинанд.

Вале занони хушбахте ҳастанд, ки ҳам ҳусни гиро доранд, ҳам ақли расо. Китоби шоирони ҳақиқатан соҳибистеъдод ҳам мисли занони хушбахти зебо ва доност.

Як мааллигӣ гуфтааст: «Ҳамин ки одами озими авули мо аз болои ағба намудор шуд, ман зуд мефаҳмам, ки вай одами хуб аст ё бад».

Як кубачигӣ гуфтааст: «Агар заргар соҳибҳунар набошад, нуқраву зар худ чизе нестанд».

*Беҳтарин кӯзаҳои нақшинро*
*Кӯзагар созад аз гили одӣ.*
*Шеъри зебо биёфарад шоир*
*Аз суханҳои содабунёде.*

*Катибаи кӯза*

Ман зиёда аз понздаҳ ҳазор рӯз умр дидам. Дар рӯи замин роҳҳои зиёдеро пиёдаву савора тай кардам. Бо ҳазорон кас мулоқот доштам. Таассуроти ман, монанди дарёчаҳои шӯхоби кӯҳӣ дар вақти борон ё ҳангоми об шудани барфҳо, бепоёнанд. Аммо ин ҳама таассуротро чӣ гуна бояд бипайваст, то китобе шуда бошад? Навиштани ин китоб баробари дар водӣ рӯдхона кушодан аст. Вале ин ҳам ними кор. Бояд, ки ҳамаи дарёчаҳои кӯҳӣ ҷамъ шуда, аз ин рӯдхона ҷорӣ гарданд. Ман ин корро чӣ тавр бикунам? Ба ғайр аз донистани ҳаёт боз чӣ донишҳо лозиманд? Назарияи адабиёт? Аммо худ шеърро нанавишта, бештар дар бораи тарзи навиштани шеър андеша кардан мумкин нест.

Ҳаминро арз карданиям, ки ман ҷараён ва равияҳои адабии писандида надорам, балки нависанда, рассом ва устодҳои писандида дорам.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Дар Институти адабӣ вақти имтиҳон як аварро пурсиданд: фарқи байни реализм ва романтизм чист? Авар доир ба ин мавзӯъ, аз афташ, китобе нахондааст, аммо ба савол ҷавоб додан лозим. Бинобар ин ӯ каме фикр карда, сипас ба профессор ҷавоби зайл додааст:

– Агар мо уқобро уқоб бигӯем, реализм мешавад, аммо хурӯсро уқоб бигӯем, романтизм мешавад.

Профессор хандидаст ва ба ҳамдиёри ман баҳои санҷиш мондааст.

Агар сухан дар ҳаққи ман равад, ман аз рӯзи азал кӯшиш мекунам, ки аспро асп, харро хар, хурӯсро хурӯс ва мардро мард бигӯям.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Робиндранат Такури машҳур бародаре дошт, ки вай ҳам нависанда буд. Бародар дар адабиёти ҳинд тарафдори равияи банғолӣ буд, аммо Робиндранат худ як мактаб, як

ҷараёни комили адабӣ. Фарқи бародарон низ дар ҳамин аст.

Дар дили Робиндранат мурғе ошён карда буд, ки ба дигар мурғон шабоҳат надошт, аз ин мурғ пеш аз Такур дар дунё нишоне набуд. Ӯ ин мурғро аз дили худ бурун оварда, дар боғи санъат андохт ва ҳама диданд, ки ин мурғи илҳоми Робиндранат Такур аст.

Агар санъаткор мурғи илҳоми худро бол бахшаду вай бо селаи мурғони дигари якхела ҳамранг шавад, он дам ӯ санъаткор нест. Пас, ӯ на мурғи ғайриодӣ ва аҷоиби худро, балки гунҷишки одиро бол бахшидааст ва онро дар байни селаи гунҷишкҳои дигар касе фарқ карда наметавонад. Зеро гунҷишк, ҳарчанд зебост, гунҷишк аст.

Кас бояд худ оташдон дошта бошад, то дар он алав даргиронад. Аспи кас аз они худ намешавад, як рӯз не, як рӯз ба соҳибаш баргардонидан лозим. Фикри дигаронро аз они худ накунед, дар ҷустани фикри бикри худ шавед.

Ман ҷуръат намуда, адабиётро ба танбӯр, нависандагонро ба торҳои он ташбеҳ медиҳам. Ҳар тор овозу садои хосса дорад, вале ҳамаи торҳо якҷоя оҳанги ҷӯре бармеоранд.

Танбӯри аварӣ фақат ду тор дорад. Падари маро мегуфтанд, ки ба танбӯри адабиёти авар тори сеюм кашидааст.

Кошкӣ маро ҳам хосса оҳанге муяссар мешуд. Кошкӣ ман ҳам ба ин асбоби қадимаи авариамон тори дигаре шуда бошам!

Намехоҳам монанди сайёдоне бошам, ки сайдеро аз бозор харида хона мебаранду дар хона ҳавои даҳан мекунанд, ки худашон шикор кардаанд.

Ё ин тавр мешавад: овозае паҳн мешавад, ки сайёде дар фалон дара як нахчир задааст. Инро шунида, ҳамаи сайёдон ба он дараи бахосият мешитобанд. Дар ин миён он сайёди аввала аз дараи дигаре як хирси калон мезанад. Тӯдаи сайёдон ба он дара медавад, ин дам сайёди моҳир дар дараи дигаре аз пайи паланги бузурге меафтад... Бигӯед, кадоме аз онҳо сайёди ҳақиқист? Он, ки сайдро худ меҷӯяд, ё онҳое, ки аз паси ӯ медаванд? Ин қабил одамон шарм надошта, сайди ба доми каси дигар афтодаро ҳам гирифта мебаранд.

Чунин сайёдон баъзе нависандагонро ба хотирам меоранд. Рафтори як шиноси ман тамоман аз одамгарӣ нест. Баъди шинос шудан бо Корней Иванович Чуковский, ӯ худро чунин вонамуд кард, ки гӯё Абӯталибро намешиносад.

Дарёчае, ки то баҳр расидааст, сатҳи беканори нилгуни баҳрро дида, ба оби зулоли он омехтааст, чашмаи кӯҳиеро, ки роҳаш ба рӯйи замин аз он ҷо оғоз ёфтааст, инчунин роҳи борики санглох, пасту баланд ва пурпечутоби тайкардаашро набояд фаромӯш бикунад.

Оре, ман – дарёчаи кӯҳӣ. Ман ибтидо, сарчашма ва маҷрои санглохи худро дӯст медорам. Ман он дараҳои нимторикро, ки ба

байнашон рӯди ман ҷорист, он шахҳоро, ки аз барашон мисли обшор мерезам, он ҷойҳои орому ҳамворро, ки рӯди ман ҳамвору солор роҳ мепаймояд ва дар оинаи худ кӯҳҳои атроф, осмон ва ситораҳои осмонро акс мекунад ва батадриҷ аввал оҳиста, баъд тезтар ва тезтар ҷорӣ мешавад, дӯст медорам.

Вале ман намегӯям, ки бароям фақат дараҳо кифояанд. Модом, ки ҷорӣ мешавам, пас, дар пеш мақсаде дорам. Ман баҳри беканорро на фақат ҳис мекунам, балки мебинам ва медонам.

Барои он ман ҳам мебинаму ҳам медонам, ки доираи назари тамоми Доғистон васеъ шудааст. Дар зарфи ин солҳо на фақат ҳудуди қабристонҳои мо, инчунин ҳудуди тасаввуроти мо дар бораи зиндагӣ ва баҳр низ вусъат ёфтааст.

Ман шоири авар, вале худро на танҳо барои Аваристон, на танҳо барои Доғистон, на танҳо барои тамоми мамлакатамон, инчунин барои тамоми кураи арзамон масъул медонам. Асри бистум. Дигар хел зиндагӣ кардан ҳам мумкин нест.

Ба ман чунин ҳикоят карданд. Пас аз ба дунё омадани ман дере нагузашта, падарам маҷбур мешавад, ки барои хизмат муваққатан ба авули Арадерих кӯчида равад. Ӯ ба асп хӯрҷинро бор мекунад. Дар як чашми хӯрҷин лоқупари рӯзгор: сарулибос, бақияи орду талқон, равған ва китоб; аз чашми дигараш сари ман намоён будааст.

Баъди ин роҳи пурмашаққат модарам касали сахт мешавад. Дар авули кӯчидарафтаи мо як зани бекасу бечорае ёфт мешавад, ки ба қарибӣ фарзандаш вафот кардааст. Он зани арадерихӣ маро сина медиҳад ва ба ҳамин васила модари дуюми ман ҳисоб мешавад.

Инак, дар рӯи замин ду занест, ки ман дар назди ҳардуи онҳо қарздорам. Чӣ қадар умр бинам, ба ин ду модар ҳар қадар некӣ бикунам, ҳаргиз қарзи худро адо карда наметавонам. Қарзи фарзандӣ поён надорад.

Аз ин ду зан: яке модари ман, он ки маро ба дунё оварда аввалин бор дар сари гаҳвораам нишаста, алла гуфтааст; дигаре ҳамчунин модари ман аст, он ки дар дами марг сина дода, ба ман ҷони тоза бахшида, аз пайроҳаи муҳлики марг ба роҳи ҳаёт бозовардааст.

Халқи ман, кишвари хурди ман, ҳар китоби ман низ ду модар дорад.

Модари якум – Доғистони азизам. Ин ҷо ман таваллуд ёфтаам, забони модариро бо шири модарам дар мағз-мағзи ҷону дилам ҷо додаам.

Сурудҳои диёри азизамро дар ин ҷо аввалин бор шунидаам, худ аввалин сурудамро ин ҷо хондаам. Таъми обу нонро ман аввалин бор дар ҳамин ҷо чашидаам. Дар овони бачагиам ба сангу дарахт часпида, чанд боре ки захмдор шуда бошам, ҳамаашро обу гиёҳҳои кишвари азизам сиҳат кардааст. Мардуми кӯҳистон

мегӯянд: дарде нест, ки ба давояш аз кӯҳҳои мо алафи шифобахш ёфт нашавад.

Модари дуюми ман – Русияи бузург, модари дуюми ман – Маскав. Ҳамин модар маро тарбият намуд, болу пар дод, ба роҳи фарох ҳидоят кард. Уфуқи беканори тамоми ҷаҳонро нишон дод.

Дар назди ҳарду модар қарзи фарзандӣ дорам. Дар рӯйи ду қолине, ки ба девори хонаи худ овехтаам, сурати Маҳмуд ва Пушкин акс ёфтааст. Ва ҳамчунин дар байни саҳифаи ҷилдҳои Блок, ки аз насими серуни шабҳои равшани Петербург шодобанд, баргҳои оташгули марғзорони кӯҳсори баланди Аваристон атрафшонӣ мекард.

Ду модар ҳамчун ду қанот, ду даст, ду чашм, ду суруд аст. Дастони ҳарду модар маро навозиш мекарданд ва агар лозим шавад, гӯшмол ҳам медоданд. Ҳарду модар ба танбӯри ман тор мекашиданд: ҳар кадом якторӣ. Онҳо маро аз замин баланд карда, ба болои сари авуламон бардоштанд ва ман аз сари китфи онҳо истода, бисёр чизҳоро дар ҷаҳон дидам, агар онҳо маро аз замин баланд намекарданд, ман ин чизҳоро ҳеҷ гоҳ дидан наметавонистам. Чун уқобе, ки ҳангоми парвоз намедонад, кадоме аз қанотҳояш зарур ва қиматтар аст, ман ҳам намедонам, ки аз модаронам кадоме бароям азизтар аст.

Пештар мардуми кӯҳистон ҳамаи касалиҳои худро фақат бо обу гиёҳҳо сиҳат мекарданд. Онҳо ба табибу фолбинҳо эътиқод доштанд. Халқ то имрӯз аз табибони тадбирпеша ба некӣ ёд меоранд. Аммо табибоне буданд, ки барои даво кардани дарди сар аз бемордор мехостанд, ки гӯсфанди сиёҳ кушад.

Ҳар як авар медонад, ки гӯшти гӯсфанди сиёҳ назар ба гӯсфанди зард ё сафед ширинтар аст. Табиб каллаи беморро ба пӯсти гарм печонида, мефармуд, ки дар ҳамин вазъият чанд муддат нишинад ва худ гӯшти гӯсфандро ба хонааш мебурд. Мо ҳоло дар бораи ин гуна табибҳо сухан намеронем. Табибҳо ва давоҳои хуби халқӣ ҳам буданд.

Боре падарам дар Маскав, дар бемористони Кремл мехобид. Он ҷо обу гиёҳҳои Доғистон ба ёдаш омаду писаронашро хоҳиш намуд, ки аз чашмаи кӯҳи Бусрах об биёранд.

Сухани падар ба фарзанд муқаддас аст.

Писарон ба Доғистон рафта, ба кӯҳи Бусрах ба азобе часпида баромаданд, чашмаро ёфтанд ва аз он ҷо барои шоири бемори авар ба бемористони Кремл об оварданд.

Падар аз он об нӯшид ва дардаш гӯё сабуктар шуд, ҳатто сиҳат ёфт. Аммо намедонист, ки худи ҳамон рӯз ба ӯ доруи нави хориҷӣ гузаронида буданд.

Шояд, ӯ танҳо бо доруҳое, ки маҳсули илми тибби ҷаҳонианд, сиҳат намеёфт. Шояд, ӯ танҳо бо оби чашмаи Аваристон, ки доруворӣ халқии мост, сиҳат намеёфт. Вале бо ҳардуи ин даво ӯ сиҳат ёфт.

Адабиёт ҳам бояд айнан ҳамин тавр бошад. Сарчашмаи он кишвари худ, халқи худ, забони худ аст. Аммо доираи шуури ҳар нависандаи ҳақиқӣ имрӯз аз доираи миллии худ дида васеътар шудааст. Масъалаҳои умумиинсонӣ, умумиҷаҳонӣ чунин нависандаро ба ташвиш меоваранд, фикру хаёлашро банд месозанд.

*Марди раҳ азми сафар кард*
*Дар саночи ӯ чи чиз?*
*Нону май гирад ба худ...*
*На, на, меҳмони азиз.*

*Мо туро иззат кунем,*
*Духти кӯҳӣ нон ниҳад,*
*Марди кӯҳӣ май диҳад.*
*Марди раҳ азми сафар кард.*
*Марди раҳ азми сафар кард.*

*Дар саночи ӯ чӣ чиз?*
*Ханҷаре гирад ба роҳ...*
*На, на, меҳмони азиз,*
*Мардуми кӯҳ ёварат.*

*Гар бувад бедор хасмат,*
*Кӯҳиён ханҷарбадаст,*
*Бош эмин, ёр ҳаст,*
*Марди раҳ азми сафар кард.*

*Дар саночи ӯ чӣ чиз?*
*Ҳамраҳаш гирад суруд...*
*Оҳ, меҳмони азиз,*
*Хуш суруд афзун ба мост,*

*Беҳаду беохир он,*
*Лек овар бештар,*
*Н-ояд ӯ асло гарон.*

Ҳамин тариқ, агар нависандаро ба духтур монанд бикунем, пас вай бояд давоҳои қадимаи халқиро ҳам истифода бурда тавонаду комёбиҳои навтарини илми тибби ҷаҳониро ҳам.

Агар нависандаро ба сайёҳи пиёдагард монанд бикунем, пас вай меҳмони халқи дигаре шуда, дар дил бояд сурудҳои халқи худро дошта бошад, лекин дар дили ӯ бояд ба сурудҳое ҳам, ки барояш мехонанд, ҷой ёфт шавад.

Як халқ ӯро гусел мекунаду халқи дигаре пешвоз мегирад, ҳамаи халқҳо мувофиқи завқи худ суруду таронаҳо доранд.

Вақтҳое ки ба авулҳои мо аввалин лектору маърӯзачиҳо меомаданд, дар авули Колеб занҳо пушташонро ба лектор гардонида менишастанд, то лектор рӯйи онҳоро набинад. Аммо баъди лектор, ҳангоме ки назди ҳозирон ҳофиз баромада суруд мехонд, занҳо ба хотири суруд аз баҳри урфу одат гузашта, ба ҳофиз рӯ мегардониданд, ҳатто чодар аз рӯй мегирифтанд.

Рӯзе ва дақиқае нест, ки дар дилам суруди дар сари гаҳвораам хондаи модарам садо надиҳад. Ин суруд манбаи тамоми сурудҳои ман аст. Ин суруд болинест, ки ҳангоми хастагӣ сари худро рӯйи он мегузорам, ин суруд самандест, ки ба он савор шуда, олами равшанро сайр мекунам. Ин суруд чашмаест, ки ҳангоми ташнагӣ хам шуда, обашро нӯши ҷон мекунам. Ин суруд оташдонест, ки маро гарм мекунад ва ин гармӣ дар зиндагӣ ҳамеша бо ман аст.

Вале ман намехостам ба он Шукум монанд бошам, ки бачаи калон шуда, ҳанӯз аз шир набаромадааст, ҳанӯз ҳам сина мемакад. Дар ҳаққи ин хел одамон гуфтаанд, ки «Ақл бо қад баробар намешавад».

Дар замони мо ҳар хел анкета пур кардан одат шудааст. Худи ман ҳам чӣ қадарашро пур кардаам! Дар ягон анкета саволи муҳаббат ба ватанро дучор накардам, вале ин ҳаргиз чунин маънӣ надорад, ки ин гуна муҳаббат дар байни одамони рӯйи замин мавҷуд нест.

Аз тарафи дигар, дар анкета «гражданини СССР» навиштан кам аст, балки бояд гражданини ҳақиқӣ бошӣ, «узви КПСС» навиштан кам аст, бояд дар ҳақиқат коммунист бошӣ, «забони модариам – забони аварӣ» навиштан кам аст, тавре рафтор бояд кард, ки ин забон дар ҳақиқат забони модарии ту бошад, мард бояд ба забони модарии худ хиёнат накунад!

Биёед, меҳмонони гуногун, ба ман сурудҳои гуногун биёред! Чун бародару хоҳар биёед, нури дида, тоҷи сар, барои ҳамаи шумо дари дилам боз аст.

Як вақтҳо агар ҷавоне ҳангоми баргаштанаш ба Хунзах дар паси зини аспаш зани миллати ғайрро савор карда меовард, ӯро таъна мезаданд, ин кор ба одамони куҳансоли авул маъқул набуд. Акнун пиру ҷавон ба ин одат кардаанд. Аварӣ аз кадом миллате зан гирад, айб намекунанд.

Ҳоло дар кӯҳистон фақат никоҳеро айб мекунанд, ки ба муҳаббат асос наёфта бошад.

Оё гулҳо гуногунранг бошанд, гулдаста зеботар намешавад? Осмон ҳар қадар пурситора бошад, ҳамон қадар равшан мешавад. Рангинкамон ҳам аз он сабаб зебост, ки тамоми рангҳои рӯи заминро дар худ таҷассум кардааст.

Дар Африқо ман як гули аҷибу ғариб дидам. Ҳар барги он ранги хосса дошт. Ҳар барги он бӯйи хосу номи хосса дошт. Хулласи калом, он гул худ гулдастаи комил, вале дар айни ҳол як гул буд.

Орзу дорам, ки ин китоби аварии ман ба гули аҷоибу ғароиби Африқо монанд шавад, то ҳар кас аз он рангу бӯйи дилхоҳе пайдо бикунад.

Инак, ҳамаи он чиро, ки аз онҳо бояд чунин китоб иншо гардад, паҳн менамоям. Монанди устои гулдасти кубачӣ, ҳама чиз дар таки дастам. Устои кубачӣ нуқра, тилло, миқрозу болғачаю искана, тамғачаву андозачаҳо дорад. Дар устохонаи ман забони модарӣ, таҷрибаи зиндагӣ, сурату симо ва хислату сирати одамон, оҳанги сурудҳо, идроки таърих, идроки ҳақиқат, муҳаббат, табиати кишварам, **Ёддошт**ҳо аз ҳаёти падарам, гузашта ваояндаи халқам фароҳаманд. Дар даст порчаҳои тилло дорам. Аммо заргарам ман ё на? Оё истеъдод ва маҳоратам кифоят мекунад?

Чӣ созам, ки сурудамро чун парандаи болу парфишон ба рӯйи кафи дастони шумо гузорам, то бе саволу ҷавоб дилҳои шуморо, мисоли муҳаббат, лабрез бикунад?

Ҳамаи чизҳои таки дастам, рӯи мизамро бори дигар аз назар мегузаронам...

Мегӯянд. Занталоқ бод йигите, ки дар хона асп надорад.

Боз мегӯянд. Бигзор зани йигите ҳам талоқ шавад, ки ба аспаш зину қамчин надорад.

Мегӯянд. Ба уқоб коҳ, ба хар гӯшт надиҳед!

Мегӯянд. Хонаи зебо ҳам, агар девораш бебақо бошад, фурӯ меравад.

Мегӯянд. Мурғи хонагӣ хоб мебинад, ки уқоб шудааст ва аз нӯки шах парида, қаноташро мешиканад.

Ҷӯйча хоб мебинад, ки дарёи бузург шудааст ва дар рӯйи регзор паҳн мегардаду ҳамон замон хушк мешавад.

## ЗАБОН

*Дар ин ҷо тифл гирён асту хандон,*
*Надонад гуфтани як ҳарфи осон.*
*Вале рӯзе занад дастон ба олам,*
*Чаро омад, кӣ аст ӯ худ чу одам?*
*Катибаи гаҳвора*

*Агар дар дунё сухан вуҷуд намедошт, то имрӯз чунин бузург намешуд. Шоир аз офариниши олам сад сол пештар таваллуд ёфтааст.*

*Шахсе, ки забонро надониста, шеър навиштанӣ мешавад, монанди девонаест, ки шиновар нестu худро ба дарёи пурталотум меандозад.*

Баъзеҳо на барои он лаб ба сухан мекушоянд, ки майнаашон пур аз фикрҳои бикр аст, балки забонашон мехорад. Баъзеҳо на барои он шеър менависанд, ки дилашон аз ҳиссиёти бузург лабрез аст, балки... Гуфтан душвор аст, ки барои чӣ онҳо якбора шеърнависиро ихтиёр мекунанд. Оҳанги шеърҳои ин қабил шоирон садои чормағзи пучи дар саноч рехтаро ба хотир меорад.

Ин гуна одамон аввал ба атроф наменигаранд, ки аз корубори ҷаҳон воқиф шаванд. Онҳо ба оҳангу садо ва суруду навоҳои оламиён гӯш намедиҳанд, то чӣ будани зиндагиро дарк бикунанд.

Одамиро чашму гӯшу забон баҳри чист? Чаро одам ду чашму ду гӯш дорад, аммо як забон? Қабл аз он, ки аз даҳон ҳарфе бароядд, ду чашм бояд бубинад, ду гӯш бояд бишнавад. Мағзи гап низ дар ҳамин аст.

Сухани аз даҳонбаромада монанди аспест, ки аз пайроҳаи борики кӯҳӣ ба ҳамвории фарохдоман фуромадааст. Оё суханеро, ки аз қаъри дил барнамеояд, ба ҷаҳон гӯшрас кардан мумкин аст?

Сухани умумӣ вуҷуд надорад. Сухан ифодаи нафрат ё табрик, шодӣ ё ғам, разолат ё муҳаббат, дурӯғ ё ҳақиқат, нур ё зулмат аст.

*Шунидам дар ин кишвари пурнаҳиб:*
*Бишуд аз сухан шакли олам гариб.*
*Чӣ сон бошад оҳанги он як сухан?*
*Дуо? Ё қасам? Ё чу амре задан?*
*Бихезем бар по ба ҳифзи ҷаҳон,*
*Ки бисёр маҷрӯҳу мазлум он.*
*Кунед аҳд: савганд, ё худ дуо,*
*Бисозед бар бад танаффур баён,*
*Мурод ин, ки олам бувад дар амон!*

Як рафиқам гуфта буд: ман соҳиби лафзи худам, хоҳам ба гуфтаам амал мекунам, нахоҳам – не. Ба рафиқ, шояд, чунин муҳокимаронӣ мувофиқ бошад. Аммо нависанда бояд ҳақиқатан соҳиби сухани худ бошад, хоҳ қасам хӯрад, хоҳ нафрин гӯяд, бояд аз сари қавлаш нагардад. Нависанда дар сари як гап ду хел қасам намехӯрад. Умуман касе, ки бисёр қасам мехӯрад, ба фикрам, дурӯғгӯй аст.

Агар ин китоб қолӣ бошад, ман онро аз риштаҳои рангини забони аварӣ мебофам; агар пӯстин бошад, ман онро бо риштаҳои бақуввати забони аварӣ медӯзам.

Мегӯянд, ки дар замонҳои хеле қадим дар забони аварӣ калима хеле кам буд. Мафҳумҳои «озодӣ», «ҳаёт», «мардонагӣ», «дӯстӣ», «некӣ»-ро бо як калима ё бо калимаҳои ҳаммазмуну ҳаммаъно ифода мекарданд. Бигзор дигарон забони халқи хурди маро камбағал бигӯянд. Ҳар он чӣ мехоҳам, ба забони худам гуфта метавонам ва барои ифодаи фикру ҳиссиётам ба ман забони дигаре лозим нест.

Дар Доғистон лак ном қавми камшумор ҳаст. Ба забони лакӣ қариб панҷоҳ ҳазор кас гап мезанад. Муайян намудани шумораи донандагони ин забон душвор аст, зеро кӯдаконе ҳастанд, ки ҳанӯз ба гап надаромадаанд ва одамоне ҳастанд, ки забони падару бобоёни худро кайҳо фаромӯш кардаанд.

Мардуми лак камшуморанд, аммо онҳоро дар ҳар гӯшаву канори рӯйи замин дучор кардан мумкин аст. Зиндагии қашшоқона дар сарзамини санглох онҳоро маҷбур месохт, ки ба чор тарафи дунё аз пайи ризқи парешони худ бираванд. Ҳамаи онҳо басе ҳунарманд буданд, аз байнашон мӯзадӯз, оҳангар, заргар ва ҳофиз ёфт мешуд. Дар Доғистон мегӯянд: «Тарбузро оҳистатар бур, ки аз дарунаш ягон лак набарояд».

Модари лак писарашро ҳангоми ба кишварҳои бегона гуселонидан чунин огоҳ менамуд: «Вақти аз табақчаи шаҳриён ош хӯрданат чашм ба табақ дошта бош, шояд дар таки он ягон одами худамон бошад».

Инак, ҳикоят мекунанд. Дар шаҳри калоне, кӣ медонад, Маскав бошад ё Ленинград, як лак гаштугузор доштааст. Баногоҳ як одами либоси доғистонипӯшро мебинад. Бӯйи ватанашро ҳис мекунад ва бо он шахс гапзанон карданӣ мешавад. Ҳамон лаҳза тохта, назди ҳамдиёраш меравад ва ба забони лакӣ ҳарф мезанад. Ҳамдиёр гапи ҳамдиёрро намефаҳмад ва калла меҷунбонад. Лак ба забони қумиқӣ, баъд ба тотӣ, оқибат ба лазгӣ гап зада мебинад, ки шояд, ӯ фаҳмад. Лак ба кадом забоне гап занад, ҳамдиёри либоси доғистонипӯшаш намефаҳмад. Ниҳоят, ба забони русӣ мегузарад. Сипас маълум мешавад, ки лак ба авар дучор омадааст. Авар шиноси тасодуфии худро таънаву маломат мекунад, ки:

– Ту чӣ хел доғистонӣ, ту чӣ хел ҳамдиёри ман, ки забони авариро намедонӣ? Ту доғистонӣ не, шутури биёбон ту.

Дар ин моҷаро ман тарафдори авари худам нестам. Ба сари лаки

бечора вай беҳуда дод задааст. Забони авариро, албатта, донистан ҳам мумкин, надонистан ҳам. Ҳаминаш муҳим, ки он шахс забони модарии худ – забони лакиро медонист. Ғайр аз ин ӯ якчанд забони дигарро медонист ва ҳол он, ки авар аз он забонҳо бехабар буд.

Абӯтолиб боре ба Маскав рафтааст. Дар кӯча ӯ ба роҳгузаре мурочиат карданӣ мешавад. Ба гумонам, кучо будани бозорро пурсиданӣ мешавад. Ҳамин хел тасодуф меафтад, ки шахси ба Абӯтолиб дучоромада англис мебарояд. Чӣ чойи ҳайрат, дар кӯчаҳои Маскав хоричиён бисёранд.

Англис гапи Абӯтолибро намефаҳмад ва аввал ба англисӣ, баъд ба франсавӣ, сонӣ ба испанӣ, мумкин, ба забонҳои дигар ҳам бошад, савол мекунад.

Абӯтолиб гапашро ба англис аввал ба русӣ, сонӣ ба лакӣ, баъд ба аварӣ, сипас ба лазгӣ, баъд ба дарғӣ, ниҳоят ба қумиқӣ фаҳмониданӣ мешавад.

Мусоҳибон оқибат гапи якдигарро нафаҳмида, чудо шуда меравindepend. Як доғистонии аз ҳад зиёд маданӣ, ки дуюним калимаи англисиро медонист, сонитар ба Абӯтолиб насиҳат кардааст:

– Дидӣ, маданият чӣ маънӣ дорад. Агар ту андаке забондон мебудӣ, бо англис гап зада метавонистӣ, фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, – чавоб додааст Абӯтолиб. – Лекин чаро англис аз ман донотар ҳисоб меёфтааст ва ҳол он ки вай ягон забони ман медонистагиро намедонад?

Забони халқҳо барои ман чун ситораҳои осмонанд. Намехостам, ки ҳамаи ситораҳо як шуда, ба ситораи бузурге табдил ёбанд. Ба ситораи бузург ҳочат нест, зеро як офтоб бас аст. Аммо бигзор ситораҳо ҳам нур пошанд. Бигзор ҳар кас худ ситорае дошта бошад.

Ман ситораи худ – забони модарии авариро дӯст медорам. Ман ба гапи геологҳое, ки гоҳо кӯҳи хурд ҳам тиллои бисёр дорад мегӯянд, бовар мекунам.

– Худо фарзандонатро аз забони модариашон маҳрум кунад, – гӯён дуои бад мекард як зан зани дигареро.

Дар боби дуои бад. Вақти достони «Духтари кӯҳистон»-ро навиштанам ба ман чанд намунаи дуои бад лозим шуд, ки аз забони қаҳрамони достон – зани бадчаҳл ифода бикунам. Ба ман таъйин карданд, ки дар як авули дур кӯҳистонизани пире зиндагӣ мекунад ва дар машмаша ягон ҳамсояаш ба ӯ баробар омада наметавонад. Ман ҳамон дам роҳи хонаи он занро пеш гирифтам.

Дар субҳи босафои баҳорон, ки на шунидани дуои бад, балки шодиву сурудхонии кас меояд, бар остонаи пиразан қадам гузоштам ва мақсади омаданамро, сода набошам, рӯирост изҳор кардам. Лозим шуд, гуфтам, мехоҳам аз шумо бисёр дуои бад шунавам ва онро навишта гирифта, ба достонам дохил кунам.

– Илоҳӣ забонат хушк шавад, илоҳӣ номи маҳбубаатро гум кунӣ,

илоҳӣ гапатро одамҳо акс фаҳманд, илоҳӣ забон наёбӣ, ки вақти аз саёҳати дур баргаштанат ба ҳамавулонат сухани неке гуфта тавонӣ, илоҳӣ вақте ки ягон дандонат намемонад, даҳонат гузаргоҳи шамолҳо бошад!.. Эй шағолбача, агар ман ғамгин бошам, оё хандида метавонам? Дар хонае, ки касе намурдааст, оё гиристан равост? Маро ягон кас хафа накарда, ҳақорат надода бошад, чи хел ман ба ту дуои бад бофта диҳам? Гум шав, дигар бо ин хел илтимосҳои бемаънӣ назди ман набиё!

– Ташаккур ба некиҳоятон, хола, – гуфтам ва аз ҳавлии ӯ бадар рафтам.

Дар роҳ чунин андеша мекардам: «Вай бе ҳеҷ қаҳру ғазаб, дар омади гап ба сарам ин қадар бορони дуои бад рехт, агар касе дар ҳақиқат қаҳрашро биёрад, ба пӯсташ коҳ ҷой мекардагист».

Ба фикрам, вақташ ояд, ягон фолклоршиноси доғистонӣ китоби дуои бадҳои кӯҳистонро тартиб медиҳад ва он гоҳ мардум то чӣ андоза гапдону гапбоф будани кӯҳистониён, бурроии сухану қувваи тахайюлоти онҳо ва фасоҳату нафосати забони моро дарк хоҳанд кард.

Ҳар авул махсуси худ дуои бад дорад. Аз оташи сӯзони дуои бад эҳтиёт бошед! Яке дасту пои шуморо бо риштаҳои ноаён баста партофтааст, дигаре шуморо кайҳо ба гӯр андохтааст, дуои бади сеюмӣ чашмони шуморо кофта гирифта, ба табақи оши хӯрдаистодаатон андохтааст, чорумӣ чашмони шуморо кофта гирифта, рӯ-рӯйи санг ғелонда, ба дарае бурда нест мекунад. Дуои бади чашм яке аз дуои бади сахттарин ҳисоб меёбад. Аммо аз вай сахттараш ҳам ҳаст. Ман дар як авул маншаи ду занро шунидаам.

– Илоҳӣ фарзандҳоятро аз забономӯзашон маҳрум кунад!

– Не, илоҳӣ ҷони касонеро бигирад, ки фарзандони ту ба онҳо забон меомӯзанд.

Ана, ин хел дуоҳои бад ҳастанд. Аммо дар кӯҳистон касе, ки забони модариашро ҳурмат намекунад, бе ҳеҷ дуои бад ҳам сазовори иззату ҳурмат нахоҳад буд. Агар фарзанд шеърашро ба забони вайрон навишта бошад, модари кӯҳистониаш онро намехонад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Боре дар Париж ман як рассоми доғистониро дучор кардам. Пас аз инқилоб дере нагузашта, ӯ ба Италия хонданӣ рафта, он ҷо зани италиявӣ гирифта, ба ватанаш баргаштааст. Ин доғистонии ба гирумони кӯҳистон омӯхташуда ба ватани наваш бо душворӣ одат мекунад. Ӯ тамоми рӯйи заминро чарх мезанад, дар шаҳрҳои зебои мамлакатҳои бисёр иқомат мекунад, аммо куҷое равад, ғусса ҳамроҳаш. Хостам ин ғуссаи ӯро, ки бо рангҳо акс ёфтааст, бинам. Бинобар ин хоҳиш намудам, ки расмҳои кашидаи худро нишон диҳад.

Як сураташ «Ёди ватан» ном дорад. Дар сурат зани италиявӣ (ҳамон зани худаш), ки дар бар либоси қадимаи аварӣ дорад, тасвир ёфтааст. Зан дар лаби чашма, ба даст кӯзаи миси зарробони

машҳури госатлинӣ, нишастааст. Дар нишебии кӯҳ авули хонаҳош сангини аварӣ бо рангҳои ҳузновар тасвир шудааст, кӯҳҳо сархам. Қуллаҳои кӯҳҳои туманпӯш.

– Туман – ашки кӯҳсор, – гуфт рассом, – ҳангоме, ки нишебии кӯҳҳоро туман мепечонад, аз ожанги ҷабини шаххо донаҳои шаффофи об ҷорӣ мешавад. Ин туман манам.

Дар сурати дигар парандаеро дидам, ки бар шохи олуи кӯҳӣ нишастааст. Олу дар миёни сангистон рӯидааст. Паранда хониш дорад, кӯҳистонизане аз тирезаи хона ба паранда бо чашми ҳасрат менигарад. Рассом дид, ки ба расмаш бо рағбат менигарам, чунин шарҳ дод:

– Ин расм аз рӯйи афсонаи қадимии аварӣ.

– Кадом афсона?

– Ҳамон, ки парандаро дошта ба қафас меандозанд. Паранда дар банд афтода, шабу рӯз ватан, ватан... мегӯяд. Худи ман барин... Соҳиби паранда андеша мекунад: «Чӣ хел бошад ватанаш, куҷо бошад он? Шояд ватанаш як мамлакати хурраму зебое бошад, ки он ҷо дарахтони биҳишт дар шукуфтану мурғони ҷаннат дар хонишанд. Биё, ин парандаро озод бикунам ва бубинам, куҷо парвоз мекунад. Вай ба ман роҳи он мамлакати афсонавиро нишон хоҳад дод». Бо ҳамин андеша даричаи қафасро мекушояд, паранда мебарояд ва тақрибан даҳ қадам дуртар, ба шохи олуи кӯҳӣ, ки миёни сангистон мерӯид, рафта мешинад. Лонаи ӯ дар шохи ҳамин олуи кӯҳӣ будааст... Ба ватани худ ман ҳам аз тирезаи қафаси худ менигарам.

– Чаро гашта намеравед?

– Дер шуд. Дар вақташ аз ватанам дили ҷавони пурҳарорате оварда будам, оё метавонам акнун ба ҷои он устухонҳои фартути худро бибарам?

Аз Париж баргаштам ва хешутабори он рассомро ҷуста ёфтам. Ҳайрате доштам, ки модараш ҳанӯз зинда аст. Хешутабор ҳикояти маро дар ҳаққи фарзанди ғарибашон, ки тарки ватан карда, диёри азизи худро ба сарзамини бегонае иваз намудааст, бо дили пурҳасрат гӯш мекарданд. Аммо, ба назарам, онҳо аз гуноҳаш гузашта буданд ва ба ҳар ҳол, зинда будани ӯро шунида, шодӣ мекарданд. Баногоҳ модараш пурсид:

– Ба аварӣ гап задед?

– Не, ба воситаи тарҷумон. Ман ба русӣ, писаратон ба франсавӣ.

Модар рӯяшро бо рӯймоли сиёҳ пӯшонд, чунон ки ҳангоми шунидани марги писар мепӯшонанд. Болои бом борон меборид. Мо дар Аваристон менишастем. Дар гӯшаи дигари дунё, дар Париж, ҳам шояд, он фарзанди ноқобили Доғистон садои бориши боронро гӯш мекард. Пас аз хомӯшии дуру дарозе модар гуфт:

– Ту ғалат кардӣ, Расул, писари ман кайҳо мурдааст. Вай писари ман не, писари ман забони ман, забони модари авар ёддодаро

фаромӯш намекард.

**Ёддошт**. Вақтҳое буд, ки ман дар театри авар кор мекардам. Замоне буд, ки мо ороиши саҳнаву сару либосҳоро ба дӯши худ бардошта (ҳамаи лоқупари театрамонро ба харҳо бор мекардем, лекин ба худи ҳунарпешагон ҳам мемонд), авул ба авул мегаштем ва мардуми кӯҳистонро ба санъати драма ҷалб мекардем. Ҳамон соли дар театр кор карданам ҳар замон ба ёдам меояд.

Дар баъзе тамошоҳо ба ман нақшҳои майда-чуйда мерасид, аммо асосан дар хоначаи суфлёр менишастам. Ба ман, ба шоири ҷавон, аз ҳамаи нақшҳои дида роли суфлёрӣ маъқул буд. Ба назари ман бозии ҳунарпешагон, имову ишораҳо ва ҳаракатҳояшон дар саҳна ҳам дуюмдараҷа менамуд. Ман дар ҷаҳон фақат як чизро аз ҳама муҳим мепиндоштам – суханро. Ғаюрона кӯшиш мекардам, ки ҳунармандон калимаҳоро дигар накунанд, ғалат нагӯянд. Агар ягон ҳунарманд калимаеро партофта равад ё вайрон талаффуз кунад, сарамро аз хоначаам бароварда, он калимаро чунон бо овози баланд мегуфтам, ки ҷамъи тамошобинон мешуниданд.

Оре, матн ва суханро ман аз ҳама муҳим медонистам, зеро сухан бе сару либос ва рангубор вуҷуд дошта метавонад ва маънии онро тамошобин мефаҳмад. Як воқеаи хандаовар ба хотирам меояд. Спектакли «Кӯҳистониён»-ро, ки дар бораи ҳаёти гузаштаи халқи авар буд, нишон медодем. Ман боз суфлёр будам. Дар рафти намоиш қаҳрамони пиеса Ойғозӣ, ки аз ниқорталабон гурехта, дар кӯҳҳо пинҳон мешуд, барои мулоқот бо маҳбубаи худ шабона ба авул омада буд. Маҳбубааш илтиҷо мекард, ки зудтар ба кӯҳ гурезад, вагарна ӯро мекушанд, аммо Ойғозӣ (ин нақшро Магаев мебозид), барои он ки тар нашавад, ба сари маҳбубааш чакман пӯшонида, ба ӯ изҳори муҳаббат мекард.

Ҳамин дам воқеаи ногаҳоние рӯй дод. Нохост ба саҳна зани Магаев давида баромад. Сари ҷаҳл «ту ба зани бегона изҳори муҳаббат мекунӣ» – гӯён ба шавҳараш дарафтод. Магаев аз дасти занаш гирифта, ӯро паси саҳна бурд, то гапро фаҳмонад. Ӯ дилпур буд, ки ҳамон дам ба саҳна бармегардад ва намоишро давом медиҳад, аммо занаш маҳкам часпида гирифта, дигар намонд, ки ба саҳна барояд. Маҳбуба дар мобайни саҳна танҳо монд. Дар тамошо таваққуфи беҷое шуд.

Ман дар хоначаи худ менишастам. Албатта, дар танам либоси саҳна, ба сару рӯям грим набуд, шим ва куртаи сафеди гиребонкушода доштам. Ба гумонам, дар поям шиппак буд. Бо ин истам, албатта, Магаевро иваз кардан наметавонистам, ҳарчанд нақши ӯро аз ёд медонистам. Азбаски барои ман сухан аз ҳама муҳим буд, аз хоначаам тохта ба саҳна баромадам ва ба маҳбубаи бечора ҳамаи он суханонеро, ки мебоист Ойғозӣ – Магаев мегуфт, гуфтам.

Намедонам, тамошобинон қонеъ шуданд ё не, шояд, драма барояшон ба мазҳака табдил ёфт, вале ман қаноат ҳосил кардам. Зеро

тамошобинон мазмуни асарро фаҳмиданд, ягон калима ногуфта намонд, ки инро ман аз ҳама муҳим мешуморидам.

Ёд дорам, бо ҳамон театр ман аввалин бор ба деҳаи машҳури баландкӯҳ Ғуниб рафта будам. Маълум, ки шоир ба шоир, якдигарро нашиносад ҳам, меҳмон аст. Дар Ғуниб шоире зиндагонӣ мекард, ки дар борааш шунида, аммо худашро пеш аз ин надида будам. Ба хонаи он шоир меҳмон шудам ва ҳамаи рӯзҳои мусофиратамон он ҷо мондам.

Мизбонони меҳмоннавоз маро чунон пазироӣ карданд, ки ман ҳатто дар хиҷолат монда, даступо мехӯрдам. Хусусан навозишкориҳои модари шоир дар хотирам нақш бастааст.

Вақти аз деҳа рафтанам барои изҳори миннатдорӣ сухан наёфтам. Ҳангоми бо модари шоир видоъ кардан дар хона касе набуд. Медонистам, ки модар дар ҳаққи писараш сухани неке шунавад, барояш аз ин хурсандии зиёд нест. Ҳарчанд ночиз будани истеъдоди шоири ғунибиро медонистам, ноилоҷ ба таърифаш даҳон кушодам. Ба модар гуфтам, ки писараш – шоири хеле пешқадам, ҳамеша дар мавзӯъҳои замонавӣ шеър мегӯяд.

– Мумкин пешқадам ҳам бошад, – бо ҳасрат гапамро бурид модар, – лекин истеъдод надорад. Мумкин шеърҳояш замонавӣ ҳам бошанд, лекин ман хонда, дилгир мешавам. Ин кори аҷиброо бин, Расул. Вақте ки нав забон мебароварду гапҳояшро фаҳмидан душвор буд, ман аз шодӣ ба куртаам намеғунҷидам. Акнун, ки на фақат гап задан, балки шеър навиштанро ёд гирифтааст, ман дилгир мешавам. Мегӯянд, ки ақли зан дар бари доманаш, то даме ки дар ҷояш мешинад, ақл ҳамроҳаш, ҳамин ки бархост, ақл аз доманаш ғелида ба замин меафтад. Писари ман ҳам ҳамин хел; вақте ки сари дастархон нишаста сухан меронад, гапҳояш дурустанд, хаёлам, гӯш карда шинам, ҳамин ки аз сари дастархон хест, то сари мизи корӣ расиданаш ҳамаи суханҳои одии худро гум мекунад. Фақат калимаҳои тумтароқи беобуранги дилгир мемонанд.

Ин қисса ба ёдам меояду ба Худо илтиҷо мекунам, ки маро аз забонам маҳрум накунад. Мехоҳам ончунон нависам, ки шеърҳоям, ҳамин китобам, ҳар он чӣ аз зери қаламам мебарояд, ҳам ба модар, ҳам ба хоҳар, ба ҳар кӯҳистонӣ, ба ҳар инсоне, ки китобам ба browsers дасташ меафтад, фаҳмо ва маъқул бошанд. Ман намехоҳам одамонро дилгир кунам – мехоҳам барояшон шодиву хурсандӣ биёрам. Агар забонам вайрон шавад, тумтароқ, нофаҳмо, дилгиркунанда бошад, хулоса, агар забонамро вайрон бикунам, дар зиндагӣ ба ман аз ин рӯзи сахттаре нахоҳад шуд.

Баъзан мардҳои авуламон дар назди масҷид барои маслиҳат ҷамъ мешуданд ва ман ба онҳо шеърҳои падарамро мехондам. Ман бачаи хурд будам, лекин шеърро бо шавқи зиёд (ҳатто аз ҳад зиёд) бо овози баланд, баъзе калимаю садоҳои ба худам маъқулро махсус ҷудо

карда мехондам. Масалан, шеъри нави падарам «Гургро думбола гирифтан дар Сада»-ро хонда, садои «Съ»-ро дар калимаҳои «басъ» ва съада» дандонҳоямро зич карда талаффуз менамудам, бо вуҷуди ин, дандонҳоям ларзида, ба ҳам мехӯрданд ва шақаррос мекарданд. Гумон доштам, ки ин овозҳоро ҳамин тарз сахт ва башиддат талаффуз бикунам, таъсирашон зиёдтар мешавад.

Падарам ҳар дафъа талаффузамро ислоҳ карда мегуфт:

– Магар сухан чормағз аст, ки онро ба дандон мешиканӣ? Ё сухан сир аст, ки онро ҳовани сангин андохта кӯбанд? Ё сухан замини санглох аст, ки зӯр зада омочро пахш карда ронанд? Калимаҳоро озод, зӯр назада талаффуз бикун, ки дандонҳоят шақаррос назананд.

Ман аз сари нав мехондам, боз ҳамон хел мебаромад. Ин дам модарам дар лаби бом меистод. Падарам ба модарам гуфт:

– Ақаллан ту ба ин ёд деҳ!

Модарам калимаҳои бароям душворро айнан мувофиқи хости падарам талаффуз намуд.

– Шунидӣ? Канӣ акнун ту гӯй.

Талаффузи ман боз дуруст набаромад.

– Туф, – қаҳри падарам омад. – Як ҷалатуриниро барои калимаҳоро вайрон карданаш ман бо ҷорӯб зада будам. Акнун писари худамро чӣ кор кунам?

Падарам хафа шуд ва ҷамъомадро тарк гуфта рафт.

Қиссаи ҷалатуриниро задани падарам. Фасли баҳор, рӯзи бозор будааст. Вақти баҳор одатан бақияи ҳосили порсола ба охир мерасад, аммо ҳосили нав ҳоло напухтааст. Бинобар ин, баҳор дар бозор ҳама чиз қимат мешавад, ҳатто кӯзача, ки онро дар замин намекоранд.

Падарам, ки он вақт ҷавон будааст, тараддуди бозорравӣ мекунад. Ҳамсояаш бист тин дода, хоҳиш мекунад, ки барояш ҷорӯб биёрад.

– Арзон гирӣ, бақияаш аз они худат, – мегӯяд ҳамсоя ба Ғамзати ҷавон ва Ғамзат гапи ҳамсояро ба гӯш ҳалқа карда, бозор меравад.

Дар бозор ҷорӯбфурӯшро меёбад ва ба савдои ҷорӯб шурӯъ мекунад.

Дар бозорҳои Шарқ молро соҳибаш ҳеҷ гоҳ ба нархи гуфтааш намефурӯшад. Чизи ба панҷ тин арзандаро сад сӯм гуфтанаш мумкин аст.

Падарам ҷорӯби хуби бадоштро хуш мекунаду мепурсад:

– Мефурӯшӣ?

– Набошад, ин ҷо чӣ кор мекардам?

– Чанд пул?

– Ду танга.

– Ҷорӯб асп нест, ки савдояшро аз осмони ҳафтум сар кунем, шудашро гӯю мон.

– Ду танга.
– Шудаш чанд пул?
– Ду танга.
– Ба як танга деҳ.
– Ду танга.
– Буду шуди пулам – як танга.
– Ду танга.
– Ба ростӣ дигар пул надорам.
– Пулдор, ки шудӣ, баъд биё.

Чун савдо намепазад, падарам бозорро як давр зада мебинад, ки дар наздикии растае мардум ҷамъ шудаанд. Он ҷо рафта, аз қабати одамон китф зада-китф зада медарояд ва мебинад, ки мардум хониши Маҳмуди ҳофизро гӯш мекунанд.

Маҳмуд дар ҳалқаи одамон танбӯр ба даст ҳофизӣ мекард. Ӯ гоҳ танбӯр менавохт, гоҳ дасташро якбора рӯйи тори танбӯр гузошта суруд мехонд. Ҳама гӯшу ҳуш гашта буданд. Агар ин ҷо пашша пар мезад, шунида мешуд. Як ҷавонписар дар вақти хониши Маҳмуд сулфид. Марди сарсафеде, ки зоҳиран падари он ҷавон буд, писарашро аз давра дур кард.

Дар чунин хомӯшӣ, ки ғайр аз суруди Маҳмуд чизе ба гӯш намедаромад, як ҷалатуринӣ бо ҳамсояаш гап сар мекунад. Ҷалатуринӣ кори нек мекард; ба ҳамсояаш, ки аварӣ намедонист, мазмуни сурудҳои Маҳмудро мефаҳмонид. Аммо ғур-ғури бероми вай ба дигарон халал мерасонид, намемонд, ки сурудро гӯш карда лаззат баранд.

Ғамзати ҷавон аз ин кори ҷалатуринӣ ба ғазаб меояд ва аз нӯки остинаш кашида мемонад. Аммо ин ба вай таъсир намекунад, пас хам шуда, ба гӯшаш мегӯяд, ки хомӯш шавад, лекин ҷалатуринӣ ба ин ҳам аҳамият надода, гап задан мегирад. Ғамзат саросема ба атроф назар андохта мебинад, ки ҷорӯбфурӯш ҳам омада, суруд гӯш карда истодааст. Давида рафта, ҷорӯби калонеро гирифта, бо он ҷалатуриниии шилқинро хуб мекӯбад.

Ҷалатуринӣ худ қафо гурехта, ҳар замон дӯғ зада мемонад, аммо падарам чунон хашмгин мешавад, ки дӯғашро ҳам писанд накарда, задан мегирад ва охир аз он ҷо зада пеш мекунад. Баъд падар назди ҷорӯбфурӯш меравад, ки ҷорӯбашро баргардонад.

– Худат гир, – мегӯяд ҷорӯбфурӯш.

– Охир, пули ман як танга, ту ду танга мегӯйӣ.

– Бе пул гир. Музди рафтори ту аз нархи тамоми моли ман зиёд аст.

Ҳоло дар рӯйи замин ҷалатуриниҳои сурудро вайрон мекардагӣ бисёр шудаанд. Афсӯс, ки ҷорӯб нест ва касе нест, ки он ҷорӯбро дар сари онҳо занад.

Ба сухани хуби нишонрас ва бурро дар кӯҳистон чунин баҳо медиҳанд: «Ин гап ба як аспи зину афзолдор меарзад».

**Аз дафтарчаи хотирот**. Алӣ Алиев, ҳамсояи махачқалъагии ман, паҳлавони пурзӯр, чемпиони чоркаратаи ҷаҳон аст. Боре ӯ дар Истамбул бо як паҳлавони ниҳоят пурзӯри турк гӯштин мегирад. Турк дар ҳақиқат бақувват ва чолок будааст. Аммо ҳамсояи ман Алӣ Алиев, ки кӯҳистонияписари хунсард ва ҷасур аст, туркро ба рӯйи гилем чунон бардошта мезанад, ки ту гӯӣ як даста арғамчинро ҳаво додааст. Турк аз ҷой хеста, зери лаб ҳақорати кӯҳистонӣ мекунад, Алӣ Алиев сухани аварӣро шунида, аҷаб ҳайрон мемонад. Ҳангоме ки ғолиб ҳам ба турк ба забони аварӣ: «Ҳақорат кардан чӣ даркор, ҳамшаҳр, варзиш – варзиш аст!» мегӯяд, турк батамом ҳайрон мешавад.

Баногоҳ, гӯё бародари гумгаштаи худро пайдо карда бошад, ҳарифон якдигарро ба оғӯш мекашанд, ки инро дида, доварону тамошобинон бештар аз ҳама дар ҳайрат мемонанд.

Маълум мешавад, ки он турк аз як оилаи авар буда, он оила баъди асир афтодани Шомил ба Туркия рафтааст. Ҳарду паҳлавон ҳоло ҳам, агар дидор иттифоқ афтад, чун дӯст мулоқот мекунанд.

**Ёддошт**и падарам. Соли 1939 падарам ба Маскав орденгирӣ рафта буд. Он вақтҳо ин як воқеаи бузург буд. Вақте ки ӯ орден дар сари сина ба авул бармегардад, ҷамоати авул хоҳиш мекунанд, ки аз Маскав, Кремл, Михаил Иванович Калинин, ки ба ҳама орден месупорид, инчунин аз таассуроти ширинтарини худ нақл кунад.

Падарам ҳамаашро аз як сар нақл мекард ва мегуфт:

– Аз ҳама аҷибаш ин, ки Михаил Иванович Калинин номи маро ба русӣ не, ба аварӣ талаффуз кард. Ӯ маро ҳамту Ғамзат Садаса не, балки С’адаса Ғамсат гуфт.

Куҳансолони авул ҳайрон шуда, сари таҳсин меҷунбониданд.

– Ана, дидед, – гуфт падарам, – ин гапро ҳатто аз ман шунида, ин қадар хурсанд мешавед, тасаввур кунед, ки ман ин гапро дар худи Кремл аз худи Калинин шунида, чи хел хурсанд шудам. Аз рӯйи виҷдон бигӯям: чунон шодӣ кардам, ки орден ҳам фаромӯш шудааст.

Ҳиссиёти падарамро ман нағз мефаҳмам.

Якчанд сол қабл аз ин ман дар ҳайати нависандагони шӯравӣ ба Лаҳистон рафта будам. Як рӯз дар меҳмонхонаи Краков дари ҳуҷраи ман тиқ-тиқ шуд. Дарро кушодам, ки шахси ношиносе ба забони тозаи аварӣ пурсид:

– Хонаи Ғамзатул Расул ҳамин аст?

Ман аз шодӣ даступо хӯрда мондам.

– Хонаи падарат насӯзад, фурӯ ҳам наравад! Ту авар чӣ хел ба Краков афтодӣ?

Қариб буд, ки меҳмонро бӯсу канор бикунам. Ӯро кашида ба ҳуҷра даровардам. Мо шаби дароз суҳбат кардем.

Аммо меҳмон авар набудааст. Вай, олими лаҳистонӣ, ба тадқиқоти забон ва адабиёти Доғистон машғул будааст. Лафзи авариро ӯ бори

аввал дар конслагер аз ду нафар авари маҳбус шунидааст. Забони аварӣ ва аз он ҳам бештар худи аварҳо ба ӯ хуш меоянд ва лаҳистонӣ ба омӯхтани забони мо сар мекунад. Баъд як авар мемурад, дуюмаш азобу уқубатҳои маҳбусиро аз сар гузаронида, оқибат аз тарафи Артиши шӯравӣ озод карда мешавад. Ӯ ҳанӯз дар қайди ҳаёт аст.

Ману олими лаҳистонӣ фақат ба аварӣ гап мезадем. Ин ҳолат бароям ҳайратовар ва ғайриодӣ буд. Дар охири суҳбатамон ман олимро ба Доғистон ба меҳмонӣ таклиф кардам.

Оре, мо он рӯз ҳарду ба забони аварӣ гап мезадем. Аммо байни лафзи ману вай фарқи калоне буд. Ӯ олимона, ба забони хеле тоза, дуруст, аммо беҳад дуруст, ҳатто хунсардона ҳарф мезад. Ӯ бештар дар ғами грамматика буд, на дар ғами обуранги нутқ, шакл ва сохти калимаву ибораҳоро андеша мекард, на ҷону дили ҳар калимаро.

Ман китобе навиштаниам, ки дар он на забон ба грамматика, балки грамматика ба забон тобеъ бошад.

Ба тарзи дигар бигӯем, грамматикаро ба мусофири пиёда, адабиётро ба мусофири хачирсавор ташбеҳ медиҳам. Мусофири пиёда илтимос менамояд, ки ӯро ба хачир савор кунад, мусофири хачирдор он пиёдаро ба қафои худ савор мекунад. Оҳиста-оҳиста мусофири пиёда шердил шуда, соҳиби хачирро танг мекунад, ҳатто фуроварда пеш карданӣ шуда, мегӯяд: «Хачир ҳам аз они ман, бораш ҳам!»

Забони модарии аварии ман! Ту сарвати ман астӣ, ганҷинаи ман астӣ, ки ба рӯзи сахте эҳтиёташ карда мондаам, ту давоми ҳамаи дардҳои ман астӣ. Агар одам бо дили сурудпарвар таваллуд шаваду гунг бошад, беҳтараш ба дунё наояд. Ман дили сурудпарваре дорам ва ин дил садое дорад. Ин садо – туӣ, забони модарии аварии ман. Ту маро, чун кӯдак аз дастам дошта, аз авул ба ҷаҳони бузург, ба назди одамон бурдӣ ва ман ба онҳо аз имрӯзу фардои кишварам ҳикоят мекунам. Ту маро назди бузурге бурдӣ, ки номи он забони бузург русӣ аст. Вай ҳам бароям забони модарӣ шуд, аз дасти дигарам дошта, маро ба ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон бурд ва ман аз ӯ ҳамчунон аз модари арадерихиам миннатдорам. Вале хуб медонам, ки модари худам ҳам ҳаст. Зеро барои алав даргирондан дар оташдони худ аз ҳамсоя гӯгирд талабидан мумкин. Аммо ба талабидани гӯгирде, ки бо он дар дил оташ меафрӯзанд, назди дӯстон рафтан мумкин нест.

Шарт нест, ки одамон ҳамзабон бошанд, ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст. Медонам, ки баъзе дӯстонам авули худро тарк карда, ба шаҳрҳои калон кӯчида рафтаанд. Ин ҳеҷ гап не. Чӯҷаҳо ҳам то паррончак шудан дар лона мешинанд. Аммо дар ҳаққи баъзе дӯстонам, ки дар шаҳрҳои калон истиқомат доранду акнун ба дигар забон хат менависанд, чӣ бояд кард? Албатта, ба кадом забон хат нависанд, ихтиёрашон, ман ба онҳо насиҳат карданӣ нестам. Лекин онҳо дар назарам ба одамоне монанд, ки ба як даст ду тарбузро бардоштанӣ мешаванд.

Ман бо он бечораҳо ҳамсуҳбат шудам ва фаҳмидам, ки забони ҳозир хат менавиштагиашон аварӣ ҳам нест, вале ҳанӯз русӣ ҳам нашудааст. Забонашон бешаеро ба хотирам меорад, ки он ҷо одамони муҳмали саҳлангор дарахт буридаанд.

Оре, ман касонеро дидаам, ки забони модарӣ ба чашмашон камбағал, ночиз намуда, ба ҷустуҷӯйи забони бою бузургтаре камар баста буданд. Аммо тақдирашон ба бузе аз афсонаи аварӣ монанд шуд. Буз беша меравад, ки думашро ҳамчун думи гург дароз карда биёяд, аммо аз шоххояш ҳам маҳрум шуда бармегардад.

Ё худ, ин одамон ба мурғобиҳои хонагӣ монанд, ки шино карда ва ғӯта зада тавонанд ҳам, моҳӣ барин не, каме парвоз карда тавонанд ҳам, парандаи озод барин не, ҳатто каме нағма пардозанд ҳам, булбул барин не. Онҳо аз уҳдаи ягон кор намебароянд.

– Аҳвол чӣ тавр? – пурсидам як рӯз аз Абӯтолиб.

– Як навъ. На ҳоли гург, на ҳоли харгӯш. Миёна. – Абӯтолиб андаке хомӯш истода, сипас илова намуд: – Аҳволи аз ҳама бади нависанда миёнаҳолист. Вай бояд худро ё чун гурги харгӯшдарида ё чун харгӯши аз гург рамида донад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Рӯзе ҷавонони авули ҳамсоя ба назди падарам омада гуфтанд, ки онҳо як ҳофизро хуб лат карданд.

– Барои чӣ ӯро лат кардед? – пурсид падарам.

– Вақти сурудхонӣ нозҳои хунук мекард, дурӯғ-дурӯғ месулфид, калимаҳоро ғалат мехонд, дам чиррос мезад, дам саг барин ак-ак мекард. Сурудро расво кард, барои ҳамин лат кардем.

– Бо чӣ лат кардед?

– Баъзеҳо бо тасма, баъзеҳо бо мушт.

– Бо тозиёна ҳам задан лозим буд. Ба куҷоҳояш задед?

– Бисёртар ба ҷои мулоимаш. Лекин ба паси гарданаш ҳам расид.

– Бештар каллааш айбдор аст.

**Ёддошт**. Чаро қиссаи дигареро низ ҳикоят накунам, модом ки ба хотирам омад? Дар Махачқалъа як ҳофизи авар ҳаст... Номашро намегирам: худаш аздусар пай мебарад, ба ману шумо номаш чӣ фарқ дорад? Ин ҳофиз ба назди падарам бисёр омада хоҳиш менамуд, ки ба оҳанги бофтаи ӯ падарам шеър нависад. Падарам розӣ мешуд ва сурудҳои хубе мебаромад.

Рӯзе чой нӯшида менишастем, ки радио эълон кард: ҳозир ҳофизи машҳур суруди ба матни Ғамзат Садаса офаридаашро мехонад. Ҳама гӯш дода нишастем, падарам ҳам. Аммо сурудро шунида, торафт бештар ҳайрон мешудем. Ҳофиз тарзе мехонд, ки ягон калимаро сарфаҳм рафтан мумкин набуд. Ба гӯш фақат шавқунҳое мерасид, ҳофиз суханҳоро фурӯ мебурд, чунон ки хурӯс аввал донаҳоро ба чор тараф тит мекунаду баъд якто-якто чида мехӯрад.

Падарам ҳангоми вохӯрданаш бо он ҳофиз пурсидааст, ки чаро шеърро вайрон мехонад.

– Барои он, – ҷавоб додааст ҳофиз, – ки дигарон чизе нафаҳманд ва ба ёдашон намонад. Агар ин суруд дар ёди ҳофизони дигари кӯҳистон низ монад, онҳо ҳам мехонанд, ман мехоҳам, ки танҳо худам хонам.

Пас аз муддате чанд падарам барои дӯстонаш шабнишинние орост, ки дар байни меҳмонон он ҳофиз ҳам буд. Дар поёни шабнишинӣ падарам аз мехи девор қомузи торҳояш кандаро гирифта, як тори сусти онро базӯр тинг-тинг нохун зада, ба хондани суруде, ки оҳангаш аз он ҳофиз буд, шурӯъ намуд. Суханҳои сурудро падарам бурро-бурро талаффуз мекард, вале оҳанге, ки бо асбоби вайрони мусиқӣ навохта мешуд, ҳаргиз ба оҳанги мусиқӣ монандӣ надошт. Ҳофиз ба ғазаб омада гуфт, ки суруди ӯро бо ин хел асбоби вайрон навохтан мумкин нест, тамоми назокату нафосати оҳанг барбод меравад. Падарам оромона ҷавоб дод:

– Ман қасдан ҳамин хел менавозаму мехонам, ки ягон кас оҳанги туро нафаҳмад ва ёд нагирад. Суруди суханҳош нофаҳмо мешудаасту чаро суруди оҳангаш нофаҳмо намешудааст?

Доғистониён ба даҳ забон асар менависанд ва ба нуҳ забон нашр мекунанд. Пас, онҳое ки ба забони даҳум асар менависанд, чӣ кор мекунанд? Ва ин забони даҳум чӣ забон аст?

Ба забони даҳум онҳое менависанд, ки забони худро – хоҳ аварӣ бошад, хоҳ лакӣ ва хоҳ тотӣ – фаромӯш кардаанд, аммо забони бегонаеро ҳанӯз ёд нагирифтаанд. Онҳо аз ин мондаву аз он ронда шудаанд.

Агар забони дигареро аз забони модариат беҳтар донӣ, ба он забон навис. Агар ягон забони дигарро дуруст надонӣ, ба забони модариат навиштан гир. Аммо ба забони даҳум нанавис.

Оре, ман душмани забони даҳум. Забон бояд қадимӣ, ҳазорсола бошад, дар он сурат ба кор меояд.

Забон, албатта, тағйир меёбад ва ман ба ин гап баҳс намекунам. Охир, барги дарахтон низ ҳар сол нав мешавад, барги куҳна хазон шуда мерезад, ба ҷои он барги нав мебарояд. Аммо худи дарахт мемонад. Вай сол ба сол нашъунамо карда, сершоху навда мешавад ва реша ронда, пурқувват мегардад. Оқибат ба воя расида, бор меоварад.

Ман ба шумо суруду китобҳои худро мебахшам, ман ба шумо меваи дарахти хурд, аммо таърихан қадими забони авариро пешкаш мекунам:

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

*Ҳамеша хоби ночаспон аҷиб аст.*
*Ба хобам мурданамро хоб дидам.*
*Ба ними рӯзи Догистони гармо*
*Ба сина сурб, ман меорамидам.*
*Ба шӯхӣ саркашона ҷӯй ҷорист.*
*Мани аз хотири мардум фаромӯш,*
*Ба хоки зодгаҳ ёзида будам,*
*Ки пеш аз он, ки гардам хоку хомӯш.*
*Ман ин ҷо мемурам, кас огаҳам нест,*
*Дами ҷон доданам кас нест бар сар,*
*Уқобон дар фазои дур нолон,*
*Ғизолон ҳар куҷо бо дидаи тар.*
*Барои дар сари хокам гиристан,*
*Ки, ҳайфо, дар ҷавонӣ ҷон супурдам,*
*На модар, на рафиқе, на дилором,*
*Авозандоз зан ҳам не, ба дардам.*
*Ҳамин сон хуфта мемурдам ба хорӣ,*
*Ки ногаҳ аз қарибӣ баршунидам,*
*Суханҳои ду марди гарми суҳбат*
*Ба алфози хуши овар шунидам.*
*Ба нимирӯзи Догистони тафсон*
*Будам дар ҷонканӣ, аммо ду тан мард*
*Кадомин як Ҳасан маккор, гӯянд,*
*Фалонии Алиро ҳилапарвард.*
*Шукуфта хира лафзи модариям,*
*Гирифтам ҷону гардидам ҳавохӯр,*
*Бибурдам пай, ки дармонам бубахшад*
*Забони модарӣ, на тиббу духтур,*
*Касеро лафзи дигар зинда созад,*
*Ки ман бо он сароидан надонам.*
*Агар фардо забони ман шавад гум,*
*Ман авло мурданам имрӯз хонам.*
*Барояш ҷону дил сӯзам ҳамеша,*
*Забонат камбағал гӯянд, майлаш,*
*Садо надҳад вай аз ассамблейҳо,*
*Вале бар ман бузургу поку дилкаш,*
*Наход аз баҳри фаҳми шеъри Маҳмуд*
*Биҷӯяд вориси матарҷумоне?*
*Наход аз шоирони охиринам –*
*Ғазалгӯяндаи оварзабоне?*
*Парастам зиндагӣ, сайёраамро,*

*Деҳи хурди назарногири хушном,*
*Зиёд аз он, Диёри Шӯравиро;*
*Сурудам дар авар, бо қадри илҳом,*
*Ба ҷонам қимат аст ин кишвари ҳур –*
*Зи Балтик то Сахолин мепарастам.*
*Куҷо лозим шавад, сар месупорам,*
*Вале гӯрам кунанд ин ҷо, ки ҳастам!*
*Ки то аз марқади паҳлӯи овул*
*Аварҳо гоҳ-гоҳе ёдам оранд*
*Расули хешро бо лафзи авар,*
*Садое буд Ғамзатро ҷигарбанд.*
*Касеро лафзи дигар зинда созад,*
*Ки ман бо он сароидан надонам,*
*Агар фардо забони ман бимирад,*
*Ман авло мурданам имрӯз хонам!*

**Аз дафтарчаи хотирот**. Падару модари як ҷавони кӯҳистонӣ розӣ набуданд, ки писарашон зани рус гирад. Вале духтар, аз афти кор, ҷавони аварро хеле дӯст медошт. Рӯзе ҷавон аз духтар мактубе мегирад, ки он ба забони аварӣ навишта шудааст. Ӯ мактубро ҳамон замон ба падару модараш нишон медиҳад. Падару модар мактубро гаштаву баргашта мехонанду боварашон намеояд. Онҳо чунон даступо гум мекунанд, ки ҳамон лаҳза, мактуби ғайриодӣ дар дасташон, ба писар иҷозат медиҳанд, ки он духтарро хона биёрад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Ҳосили замин барои деҳқон чӣ бошад, забон ҳам барои нависанда ҳамон аст. Дар ҳар сарак донаи бисёреву саракҳо – бешумор. Аммо деҳқон агар ду даст дар бағал карда, ба ҳосили рӯёндааш нигариста менишаст, ягон дон ба даст намеовард. Ғалларо аввал даравидан ва баъд кӯфтан даркор. Ғаллакӯбӣ ҳам ҳоло ними кор аст. Ғаллаи кӯфтаро бод дода тоза кардан лозим. Сипас онро орд ва ордро хамир карда, нон пухтан даркор. Вале аз ҳама асосиаш ин, ки нон ҳар қадар зарур ҳам бошад, тамоми ғалларо сарф кардан мумкин нест. Инро бояд дар назар дошт. Деҳқон ғаллаи беҳтаринро ҷудо карда барои тухмӣ нигоҳ медорад.

Нависандае, ки ҳамеша забономӯзӣ мекунад, деҳқони ҳақиқӣ аст.

Мегӯянд: бачаҳо дарахтеро, ки дар шохаш акка хона мондааст, афтонидаанд ва бо ин корашон хонаи аккаро вайрон кардаанд.

– Дарахт, чаро туро афтониданд?

– Барои он, ки ман ба онҳо чизе гуфта натавонистам.

– Акка, чаро хонаи туро вайрон карданд?

– Барои он, ки ман бисёр шақ-шақ мекардам.

Мегӯянд: сухан монанди борон аст: як бораш – неъмати бузург, ду бораш – хуб, ба се бораш – бардошт кардан мумкин, дафъаи чорум, ки борид, балою офат.

# МАВЗӮЪ

*Дарро нашикан – бо калид*
*бемалол кушода мешавад.*
*Катибаи дар*

*Нагӯй, ки: «Ба ман мавзӯъ диҳед»,*
*Бигӯй, ки: «Ба ман чашм диҳед».*
*Маслиҳат ба нависандаи ҷавон*

«Рафиқони азиз: ман басе орзуи нависандагӣ дорам. Лекин намедонам чӣ нависам. Ба ман мавзӯи муҳимми замонавӣ ёфта диҳед, як китоби кори калон менависам».

Ҷавонон аксаран бо чунин илтимос ба Иттифоқи нависандагон, ба идораи маҷаллаву рӯзномаҳо, ба худи нависандагон муроҷиат менамоянд. Ба ман низ ин гуна мактубҳо меоянд. Ба падарам ҳам меомаданд. Ӯ дар ин хел ҳолатҳо сар ҷунбонида мегуфт:

– Ҷавоне хонадор шуданӣ, аммо бадии кор ин, ки намедонад киро гирад. Ягон духтарро таки чашм накардааст, намедонад, ба ҳавлии кӣ хостгор фиристад.

**Ёддошт**. Боре ба Иттифоқи нависандагони Доғистон аз Абӯтолиб мактуб омад. Шоир дар мактубаш хоҳиш менамуд, ки ӯро ба авулҳои дурдасти кӯҳистон ба сафари якмоҳаи эҷодӣ фиристанд. Дар маҷлиси раёсат аз Абӯтолиб пурсиданд, ки ӯ чӣ навиштанӣ ва дар кадом мавзӯъ навиштанист. Шоири куҳансол ба қаҳр омад ва гуфт:

– Сайёд аз куҷо медонад, ки ба ӯ харгӯш меафтад ё қоз, гург ё рӯбаҳи кори калон? Оё ҷанговар пешакӣ медонад, ки дар корзор чӣ қаҳрамонӣ мекунад?

Дар он маҷлис ман иштирок доштам. Суханони Абӯтолиб дар дилам нақш баста монданд.

Ман ба рафтори касоне, ки аз нақшаҳои эҷодиатон нақл кунед гӯён, нависандаро безор мекунанд, ҳамеша дар ҳайратам. Албатта, нависанда нақшаи умумии кори худро фикр карда мегардад. Шояд, навиштани роман ё трилогия (асари сегона)-ро ба нақша гирифтан мумкин бошад, аммо шеърро... Шеър ногоҳ, чун мукофоте, меояд. Кори шоириро ба нақшаи аниқу дақиқ даровардан намешавад.

Масалан, чунин нақша кашидан мумкин нест, ки: имрӯз соати даҳи пагоҳ духтари дар кӯча дучоромадаро дӯст хоҳам дошт. Ё ин ки: пагоҳ соати панҷи бегоҳ ягон нобакорро бад хоҳам дид.

Шеър монанди гулҳои чамани рӯйи ҳавлӣ нест, ки кадомеро

хоҳӣ, пеши назарат ояд ва ҷустуҷӯ кардан ҳоҷат набошад; шеър мисли гулҳои саҳро ва марғзору кӯҳҳост, ки он ҷо дар сари ҳар қадам гулҳое падид меоянд, ки яке аз дигаре раънотару зеботаранд.

Эҳсос мусиқиро ба вуҷуд меоварад. Мусиқӣ эҳсосро. Кадоми инҳоро аввалин шуморем? Масъалаи тухм аввал шудааст, ё мурғ, ҳанӯз ҳал нагардидааст. Ҳамчунин: нависанда мавзӯъро ба вуҷуд меорад ё мавзӯъ нависандаро? Мавзӯъ – тамоми олами нависанда, тамоми вуҷуди нависанда. Бе мавзӯъ нависанда намешавад. Ҳар нависанда мавзӯи худро дорост.

Тафаккуру эҳсос паранда бошад, мавзӯъ осмон аст; тафаккуру эҳсос оҳу бошад, мавзӯъ беша аст; тафаккуру эҳсос нахчир бошад, мавзӯъ кӯҳсор аст; тафаккуру эҳсос роҳ бошад, мавзӯъ шаҳрест, ки ин роҳ ба он шаҳр мебарад.

Мавзӯи ман – ватан. Онро ҷустуҷӯю интихоб кардани ман ҳоҷат нест. Ватанро ба худ мо интихоб намекунем, балки ватан аз аввал моро интихоб намудааст. Уқоб бе осмону оҳу бе кӯҳсорону моҳӣ бе дарёи софи шӯхобу ҳавопаймо бе аэродром намешавад. Ҳамчунин нависанда бе ватан намешавад.

Уқобе, ки дар байни мурғони хонагӣ коҳилона мегардад, уқоби беҳунар аст. Бузе, ки дар рамаи колхоз аст, бузи кӯҳӣ нест. Гулмоҳие, ки даруни шишаи об шино дорад, гулмоҳӣ нест. Ҳавопаймое, ки дар осорхона аст, ҳавопаймо нест.

Ҳамчунин булбуле, ки хониш надорад, булбул нест.

Боз дар боби мавзӯъ. Аз овони бачагиам як манзара бароям азиз аст. Ҳамин ки тирезачаи хонаи падарамро мекушодам, дар назарам чаманзори фараҳфизое ҷилвагар мешуд, гӯё ки дар домани авул дастархони зебое густурда бошанд. Шаххои атроф бар сари чаманзор сар хам кардаанд. Аз қабати шаххо пайраҳаҳои пурпечутоб намудоранд, ки дар бачагиам онҳо морро ба хотирам меоварданд. Даҳони ғорҳо ҳамеша даҳони ҳайвоноти ваҳширо ба ёдам меовард. Аз паси як қаторкӯҳ қаторкӯҳи дигаре менамуд. Кӯҳҳо гирда, тира ва ба мисоли кӯҳони шутур пахмоқ метофтанд.

Акнун медонам, ки дар Швейтсария ё Неапол барин ҷойҳо манзараҳои зеботаре ҳаст, аммо куҷое равам, чӣ зебоиҳои рӯйи заминро бинам, чизҳои дидаи худро бо манзараи овони бачагиам, бо сурате, ки дар чорчӯбаи тирезачаи падарам ҷо гирифтааст, муқоиса мекунам ва тамоми зебоиҳои олам дар пеши он ҳеҷ мешавад. Агар бо ягон сабаб ман чунин авул ва чунин манзара намедоштам, агар ҳамаи он зебоиҳо дар лавҳи хотирам нақш намебастанд, тамоми олам бароям тани беҷон, даҳони безабон, чашми бегавҳар, лонаи бемурғ мебуд.

Ин гапҳо чунин маънӣ надоранд, ки ман мавзӯи худро дар ҳудуди танги авулам, хонаам нигоҳ медорам ва атрофи мавзӯи муқаддаси худро бо девори баланде печонида мегирам.

Замине мешавад, ки бо ҷуфт як қабати ғафсашро бардорӣ, аз такаш боз қабати нарм мебарояд. Замине мешавад, ки бо ҷуфт як қабати тунукашро бардорӣ, аз такаш санг мебарояд. Замине мешавад, ки ҳанӯз ҷуфт накарда, сангҳояш намуда меистад. Ин хел заминро ман меҳнат сарф карда, корам намекунам, зеро медонам, ки аз он ҳосили фаровон намерӯяд.

Ман намехоҳам ишқи ватанамро дар банд андозам ё монанди аспе, ки хуб кор кардаасту акнун бояд дар ялангии сералаф чарад, кишан монам. Ман ҷавзӣ аз даҳони асп мебарорам, ба гардани гарми арақолудаш навозишкорона тап-тап мезанам ва мегӯям: бирав, алаф хӯр, қувват гир. Дар меҳри ба ватан доштаи ман як навъ оромию накуие ҳаст, чунон ки аспи озод дорад.

Ман тамоми воқеоти оламро дар бунаам, авулам, Доғистонам, дар муҳаббати ватанам ҷустанӣ нестам. Баръакс, муҳаббати ватанро дар тамоми воқеоти олам ва тамоми гӯшаву канорҳои он мебинам. Ба ҳамин маънӣ мавзӯи ман тамоми олам аст.

Ёд дорам, ки дар шаҳри дур ва аҷибу ғариби Сантяго як саҳар аз ҷеғ задани хурӯсон бедор шудам. Аз хоб бедор шуда, чанд лаҳза пиндоштам, ки дар авули хурди хонаҳош сангин хобидаам. Ҳамин тариқ, хурӯсони Сантяго мавзӯи ман шуданд.

Дар Ҷопон, дар шаҳри боз ҳам зеботари Камакура дар маросими интихоби маликаи ҳусн иштирок доштам. Нозанинони ҷопонӣ аз назди мо қатор-қатор мегузаштанд. Ман онҳоро беихтиёр бо он нозанини ягонаи худ, ки дар аваристон аст, қиёс менамудам ва он чиро, ки маликаи ман дошт, дар инҳо намедидам. Ҳамин тариқ, нозанинони ҷопонӣ ва ҳатто маликаи ҳусни Ҷопон мавзӯи ман шуданд.

Дар Непал маъбадҳои буддоӣ, қасрҳои шоҳӣ, бистуду чашмаеро, ки обаш ба ҳама дарду балоҳои ҷаҳон давост, муддаои табъ тамошо карда, дар охир ба кӯҳҳои баланди Катаманд баромадам. Он кӯҳҳо Доғистонамро ба ёд оварданд ва аз тамошояшон дилам чунон гарм шуд, ки аз дидани маъбаду қасрҳои бошукӯҳу пурҳашамат ин тарз нашуда буд. Кӯҳҳои муқаррарӣ ба назарам аз иншооти ғароиби меъморӣ азизтар намуданд. Аз дил гузаронидам, ки на оби он чашмаи сеҳрангез, балки ин кӯҳҳо ба ҳамаи дарду балоҳо давоянд. Ҳамин тариқ, маъбадҳои буддоӣ ва кӯҳҳои Непал ногоҳ мавзӯи ман шуданд.

Маро пас аз тамошои шаҳрҳои калони серодами Ҳиндустон ба як деҳачаи назди Калкатта бурданд. Дар хирманҷои васеъ ғалла мекӯфтанд, барзаговҳо аз болои дарзаҳои гандуми тиллоранг давр мезаданд. Онҳо оҳиста-оҳиста давр мезаданд ва бо сумҳои худ ғаллаи тиллоранг мекӯфтанд. Аз дидани ин манзара дилам чунон болид, ки аз тамошои ягон осорхона, ягон театри ҷаҳон инчунин шодӣ накарда будам. Авули худамон, овони бачагии худро дидагӣ барин шудам. Ҳамин тариқ, деҳачаи назди Калкатта мавзӯи ман

шуд.

Дидам, ки: кӯҳистониёни Индонезия мисли кӯҳистониёни мо даф мезананд, дар кӯчаҳои Ню-Йорк марди кафказие чакмани черкасӣ дар тан мегашт; дар Истамбул ва Париж кӯҳистониёни ғамгини ҷалои ватанкарда истиқомат доранд ва онҳо бадбахттарин одамони рӯйи заминанд; дар Лондон асбобҳои кӯзагарони машҳури балхарӣ намоиш дода мешуд; дар Венетсия дорбозҳои авули Совкра тамошобинонро моту мабҳут мекарданд; дар дукони китобҳои куҳна дар Питтсбург китоберо дар бораи Шомил дучор кардам.

Ба куҷое равам, дар куҷое бошам, риштаҳои нозуке маро ба Доғистон мепайванданд.

Душвор аст ҳоли он ҷанговар, ки сӯяш якбора чанд шамшерзан ҳамла меорад. Ӯ худро ҳам аз пешу ҳам аз қафо мудофиа кардан наметавонад. Агар шахе бошад, ки ҷанговар тахтапушт бар он диҳад, кораш он қадар бад намешавад; ҷанговари чолок ба шах такя намуда, ду-се душманро зада меафтонад.

Доғистон барои ман чунин шах аст. Дар лаҳзаҳои душвортарин ба ман мададгор мешавад.

Сайёҳон бо худ таассуроти кишварҳои тамошокардаашонро меоранд. Аммо фақат бахти ман наметобад – куҷое равам, ҳамеша сурудҳои Доғистон меорам. Дар ҳар шеъри навам Доғистонамро гӯё аз сари нав мешиносам, дарк мекунам ва ба он дил мебандам. Меҳри Доғистони азизам дар дилам бепоён аст.

**Аз дафтарчаи хотирот**.

– Уқоб, суруди аз ҳама дилписандат кадом аст?

– Суруди кӯҳҳои баланд.

– Моҳихӯрак, суруди аз ҳама дилписанди ту кадом аст?

– Суруди баҳри нилгун.

– Зоғ, суруди аз ҳама дилписанди ту кадом?

– Суруди лошахӯрӣ дар корзор.

Адабиёт ҳам парандаҳо дорад: уқобҳову моҳихӯракҳо. Яке васфи кӯҳсорон мекунад, дигаре таронаи баҳри дамон мехонад. Ҳар кадом ватане дораду мавзӯе. Аммо зоғҳо низ ҳастанд. Онҳо бештар худро меписанданд. Зоғ ҳангоми кофта хӯрдани чашмони майит дар корзор андеша надорад, ки он чашмони қаҳрамонест ё буздиле. Адиберо медонам, ки имрӯз коре мекунанд, ки барояшон имрӯз фоида дорад, фардо ба коре даст мезананд, ки фардо нафъ меоварад.

Боз дар боби мавзӯъ. Мавзӯъ – сандуқи пурбисот. Сухан – калиди ин сандуқ. Аммо бисоти сандуқ бояд аз они худат бошад, на моли касе.

Баъзе адибон сад мавзӯъро даст мезананду ягонтоашро ҳал намекунанд. Онҳо сарпӯши сандуқро андаке кушода, латта-паттаҳои рӯйи онро тит карда мепартоянду ба сари сандуқи дигаре мешитобанд. Агар сандуқро соҳибаш мекушод, медонист, ки чизҳоро боэҳтиёт якто-якто

гирад, аз таг ҳамон сандуқчаи заррини орзуи дилаш мебарояд.

Одамоне, ки аз сари як мавзӯъ ба сари мавзӯи дигар парида мегарданд, ба Далаголови серзанаи кӯҳистонӣ монанд. Ӯ бисту ҳашт мартаба зан гирифта, оқибат тамоман бе зан мондааст.

Аммо мавзӯъро бо ягон зани никоҳӣ ҳам баробар кардан мумкин нест. Ҳамчунин бо модари ягона, бо фарзанди ягона қиёс кардан дуруст нест. Зеро кас гуфта наметавонад, ки: ин мавзӯи ман аст ва ягон одам ба он даст назанад.

Мавзӯъ аз они ман, аммо ба ҳамаи дигарон низ дастрас аст. Ман боре шунидаам, ки як нависанда нависандаи дигарро барои «дуздидани» мавзӯаш нафрат мекард. Ӯ мегуфт: «Ба ту кӣ ҳуқуқ дод, ки дар бораи Ирчӣ Қазоқ[1] нависӣ? Ту медонӣ, ки ин мавзӯи ман, дар бораи Ирчӣ Қазоқ ман навишта истодаам. Ин кори ту дуздии рӯирост!» Он нависанда чунон ба ҳаяҷон омада буд, ки гӯё ҳамин ҳоло маҳбубаашро дуздида бошанд.

Ҷавобе, ки ӯ шунид, муносиби марди кӯҳистон буд:

– Касе имом мешавад, ки шамшераш бурротару гиротар аст. Арӯс на аз они шахсест, ки ба хонаи вай хостгор мефиристад, балки аз они касест, ки ӯро зани худ кардааст. Бигузор мавзӯи Ирчӣ, чун ҳамаи мавзӯъҳои дигар, аз они касе шавад, ки беҳтар менависад.

Оре, нависандагони гуногун, бехабар аз якдигар, ҳамон як мавзӯъро интихоб ва ҳал карда метавонанд. Дар адабиёт колхоз намешавад. Ҳар нависанда майдони худ, қитъаи худро дорад, ҳарчанд қитъаи ӯ хурд аст. Вале ман ба касе намегӯям, ки азбаски акнун ҳатто худам ба қитъаҳоям қарибӣ намекунам, шумо ҳам ба майдони ман наздик наоед. Дар сари воти ман на сагро мебинед, на қаровули милтиқдорро. Зимнан, куҷост он воти ман, чи хел онро ҷудо кунам ва атрофашро чи гуна девор гирам? Мавзӯи ман марғзори мамнӯъ ва меҳроби масҷид нест, ки даромадани одами бегона мумкин набошад.

Як вақт анҷумани нависандагони Доғистон шуд ва дар он баҳсе ба миён омад. Нотиқе гуфт:

– Дар бораи кишварҳо ва халқҳои дигар навиштани доғистониён чӣ лозим? Бигзор дар бораи Испания испаниҳо, дар ҳаққи Ҷопон ҷопонҳо, дар бораи саноати Урал нависандагони сокини Урал навиштан гиранд. Агар парандае дар боғ лона дошта бошад, оё ба боғи дигар рафта хониш мекунад? Оё ба водӣ, ки заминаш бе ин ҳам хубу ҳосилхез аст, аз кӯҳсор хок бурда рехтан ҳоҷат аст? Агар равғани дунбаи картро об карданӣ бошӣ, ба он боз равған андохтан лозим аст?

Дар анҷуман аз ҷумҳурии дигар меҳмон буд. Ӯ ба нотиқ чунин ҷавоб дод:

– Ҳайвони ваҳшӣ ҳам мисли паранда лона дорад. Аммо офтоб ба ҳамаи ҳайвоноти ваҳшӣ баробар гармӣ медиҳад, чунон ки борон ба

---

[1] Ирчӣ Қазоқ – шоири асри гузашта, сардафтари адабиёти қумиқ.

ҳамаи дарахтон баробар об мепошад. Рангинкамон ба чашми ҳамаи одамон як хел менамояд. Дар кӯҳҳои баланд ҳам, дар дараҳои торик ҳам, баробар раъду барқ мешавад. Аз биринҷи мамлакати дигар ҳам палави бомазае мешавад. Ман ба анҷумани шумо аз роҳи дур омадаам. Фақат барои шуморо табрик гуфтан омада будам. Вале акнун пай мебарам, ки ба кӯҳу баҳр, ба мардони наҷиб ва занони зебову пуршаъни шумо дил бастам. Агар дар бораи шумо чизе бинависам, ҳамдиёронам аз ман миннатдор мешаванд. Шумо ҳам дар бораи кишвари ман нависед, зарар намекунад. Нависанда дар интихоби худ, мисли интихоби муҳаббат, озод аст. Оё муҳаббат аввал иҷозат пурсида, баъд дар дили касе ҷо мешавад?

Аҳли анҷуман ба суханҳои меҳмон кафкӯбӣ карданд, зеро суханонаш чун синон рост ва тез буданд: аммо ҳангоме ки ман ҳам чапак мезадаму ба гуфтаҳои ӯ қариб пурра розӣ будам, чунин андешаам ором намегузошт.

Дар бораи мамлакат ва халқҳои дигар навиштан хуб аст, аммо пас аз он, ки дар мавзӯи худ устод шудӣ.

Доғистони хурди ман ва ҷаҳони бузурги ман. Ду наҳрчае, ки ба водӣ расида, як мешаванд. Ду донаи ашк, ки аз ду чашм бурун омада, ба ду бари рӯ ҷорӣ мешавад, натиҷаи ғам ё шодии ягона аст.

*Ашк бар рухсораи шоир чакид,*
*Ҳам ба рӯи рост, ҳам бар рӯи чап,*
*Буд аз ашкаш ғаму шодӣ падид,*
*Ашки ҳиҷрон буду он ашки ғазаб.*
*Ин ду қатра ашки ором, ашки соф,*
*То фурӯ ғалтидани худ нотавон,*
*Чун бирезад, шеър хезад, бехилоф,*
*Оташу тӯфон дамад дар як замон.*

Доғистони хурди ман ва ҷаҳони бузурги ман. Ин аст ҳаёти ман, суруди ман, китоби ману мавзӯи ман.

Уқобе, ки аз сари шаххҳои баланд парида ба водиҳои доманфарох намеравад, уқоби беҳунар аст.

Уқобе, ки аз водиҳои доманфарох ба сари шаххҳои баланд барнамегардад, уқоби беҳунар аст.

Кори уқоб осон. Вай, ки аз рӯзи азал уқоб аст, ҳатто хоҳад ҳам, на моҳихӯрак шуда метавонаду на зоғ. Вале мисли уқоб шудани нависандае, ки аз рӯзи азал сифатҳои ин парандаи неккхислати бебокро надорад, маҳол аст.

Шахсеро, ки қомуз навохта наметавонад, дар ҷойҳои мо тасаллӣ дода, мегӯянд: ҳеҷ гап не, дар он дунё ёд мегирад.

Чӣ қадар нависандагоне ҳастанд, ки аз рӯи муҳаббат ё нафрат не, балки танҳо аз рӯи шоммаи худ ба даст қалам мегиранд ва коғаз

сиёҳ мекунанд!

Охир, меҳмоне ҳам, ки ба авул меояду кадом ҳавлӣ даромаданро андеша мекунад, аз бӯйи дуди мӯрӣ ба худ ҳавлиеро интихоб менамояд. Аз як мӯрӣ бӯйи заҒора меояд, аз дигаре бӯйи гӯшти гӯсфанд.

Охир домодшаванда ҳам баъзан аз ду духтар, ки яке тиҳимағз асту дигаре оқила, тиҳимағзашро интихоб мекунад, агар вай серпултар бошад.

Охир, нависандагоне низ ҳастанд, ки дар чӣ хусус ва дар бораи кадом мамлакат асар навиштан барояшон фарқе надорад. Онҳо ба савдогароне монанд, ки ҳарчи дуртар равам, моламро ҳамон қадар қиматтар пул мекунам, гуфтанӣ гумон доранд.

Ин қабил нависандагон Пархалше ном духтареро ба хотирам меоранд. Ӯ ақидае дошт, ки дар авули худаш ҷавоне сазовораш нест ва ба умеди ҷавони арзанда аз авули дигар шавҳар накарда менишаст. Албатта, пай бурдан душвор нест, ки оқибат пир шуд он духтару ӯро харидоре нашуд.

Қиссаи бешаравии ду кӯҳистонӣ. Ду кӯҳистонӣ аз авул баромада беша мераванд, то юғворӣ оранд. Юғҳои кухна, зоҳиран, аз кор баромадаанд.

Кӯҳистонии якум зуд як дарахти мувофиқро ёфта, ду шохи хушки юғбобашро бурида гирифт. Аммо ба назари рафиқаш як дарахт аз дигаре беҳтар менамуд ва ӯ аз ин ҳам беҳтарашро меҷуст. Ба ҳамин минвол тамоми рӯз дар беша саргардон шуд ва ёрои он надошт, ки дарахтеро интихоб намуда, шохи даркориашро бурида гирад. Ниҳояти кор ду шохчаеро бурид, ки онҳо аз шохаҳои пеш вохӯрда бадтар буданд. Ӯ ба хонааш бегоҳӣ баргашт, ки дар ин вақт он кӯҳистонии якум бо юғи нав заминро шудгор карда шуда, хона мерафт.

Ин қиссаро ба ман Абӯтолиб ба он муносибат ҳикоят карда буд, ки як шоири доғистонӣ аз сафари хидматии дур ду шеъри сусте навишта омадааст.

– Сурудеро, ки дар диёри худ ёд нагирифтӣ, дур аз кишварат рафта ёд намегирӣ, – хулоса намуд насиҳати худро шоири пир ва баъд илова кард: – Шоирон гоҳо ба кӯҳистоние монанд, ки тамоми рӯз кулоҳашро ҷустааст ва ҳол он ки кулоҳ дар каллаи бемағзи худаш будааст.

Боз дар боби мавзӯъ. Рӯзе ман нахустин бор бунаи худро тарк гуфта, саёҳат ихтиёр намудам. Модарам ба таки тиреза чароғ даргиронида монд. Ман қадам мезадам, тоб хӯрда қафо менигаристам, боз қадам мезадам ва медидам, ки чароғи хонадони азизам ба ман аз қабати ҳавои туману тира чашмак мезанад.

Чароғаки таки тирезача ҳамаи солҳое, ки ман ҷаҳонро мегаштам, чашмакам мезад. Баъди он, ки хона баргаштаму аз даруни хона истода, ба он тирезача нигаристам, тамоми ҷаҳони бузургро, ки дар

зарфи ҳаёти худ гаштаам, дидам.

Ба нависанда кӣ мавзӯъ медиҳад? Калла, чашм, гӯш, дил додан аз ин осонтар аст. Нависандагоне, ки мавзӯъро на аз рӯи муҳаббат ё нафрат, балки аз рӯи шомма, дурусттараш, бӯй карда меҷӯянд, фарзанди даврони худ шуда наметавонанд. Онҳо фарзанди замоне, фарзанди як рӯзанд. Онҳо ба арӯси кар шабоҳат доранд.

Қиссаи арӯси кар. Ба қавли мардум, дар деҳае як духтари кар будааст. Ҷавоне аз авули дигар кар будани духтарро надониста, ба хонаи ӯ хостгор мефиристад. Гап мепазад, тӯй сар мешавад. Ба тӯй анбӯҳи мардум ҷамъ меоянд. Арӯс намехоҳад, ки ҳама тӯйхӯрҳо карии ӯро пай баранд. Бинобар ин аз дугонааш хоҳиш менамояд, ки доим дар паҳлуяш нишинад. Агар гапҳои хандаовар шавад, дугонааш бояд китфи рости ӯро пучад. Агар ҳикояти ғамангези ҳузноваре шавад, китфи чапашро.

Дар тӯй гап задани худи арӯс шарт нест ва агар тамоман лаб ба сухан накушояд, боз хубтар. Бинобар ин фурсате чанд ҳама кор баҷо буд. Ҷое, ки хандидан лозим, арӯс механдид, ҳангоме ки ҳозирон ғамгин мешуданд, ӯ низ ба чеҳрааш пардаи ғам мекашид.

Аммо сонитар дугонааш шартро фаромӯш карда, ба ҷойи китфи чап ростро ва ба ҷойи рост чапро пучидан гирифт. Арӯс дар лаҳзаҳои ғамин ва хомӯшии андешаомез қоҳ-қоҳ механдид ва ҳангоме ки ҳама хандаву шодӣ мекарданд, оҳ мекашиду навҳа мекард.

Домод ба арӯс хуб зеҳн монд ва ба хулосае омад, ки вай тамоман девона аст ва ҳамон дам арӯсро аз кадом роҳе омада бошад, бо ҳамон роҳ гардонида фиристод.

Хулоса, нависандаи ҳақиқӣ набояд, монанди арӯси кар, ба пучиданҳои китфи росту китфи чап муҳтоҷ бошад. Ӯро танҳо дарди дили худ, шодиву фараҳи худ водор мекунад, ки ба даст қалам гирад. Вай на барои он механдад, ки дигарон механданду ба онҳо бояд тақлид бикунад, на барои он ғамгин мешавад, ки дигарон ғамгинанду ба онҳо бояд тақлид бикунад. Не, дар тӯй ба ҳама бояд худи вай таъсир расонад. Бигзор хандаи шоир ба тамоми ҳозирон хандаву шодӣ бахшад. Ҳангоме ки шоир дарди дил мегӯяд, бигзор дили ҳама аз ғам фишор ёбад.

Шахсе, ки ба гуфтаҳои ман розӣ нест ва чунин мешуморад, ки бо луқмадиҳии касе асар навиштан осонтар аст, бигузор воқеаи зерини ба ман рӯйдода пандаш гардад.

**Ёддошт**. Он вақтҳо ман дар синфи дуюми мактаби ибтидоии қалъаи Хунзах мехондам. Дар як парта бо ман духтараки кабудчашмаке менишаст, ки Нина ном дошт, духтари муаллимаи русиамон. Ӯ ба ман бисёр маъқул буд, аммо ҷуръате надоштам, ки дар ин бора ба худаш даҳон кушоям. Оқибат хатча навиштанӣ шудам. Вале ин ҳам кори осон набуд, зеро он вақт ман ба русӣ ҳанӯз ҳарфе на-

виштан наметавонистам. Ман ин орзуи муқаддаси худро ба ҷўраам изҳор намудам. Вай калимаҳои нофаҳмои русиро мегуфт, ман онҳоро бо ҳуруфи русӣ менавиштам. Мепиндоштам, ки суханҳои аҷоиби муҳаббатро, ҳамон чиро, ки мехостам ба Нина бигўям, навишта истодаам. Бо дастони ларзон хатчаро ба духтараки ҳамнишинам додам, вай ҳам бо дастони ларзон онро гирифта, кушод ва банохост суп-сурх шуда, аз синф гурехта рафт, дигар дар як парта бо ман нишастан нахост. Маълум шуд, ки хатчаи ман саропо аз суханҳои қабеҳу айб иборат будааст.

Воқеае ба ёдам меояд. Ман дар Институти адабиёт мехондаму Нина – дар Институти омўзгории ба номи Ленин. Як рўзи моҳи декабр ў маро ба меҳмонӣ таклиф кард. Медонистам, ки он рўз – рўзи таваллуди ўст. Албатта, ғами туҳфаро хўрдам, аммо гумон кардам, ки агар бахшида ба соҳибҷашн шеъре навишта, онро дар ҳузури ҳама хонда диҳам ва ботантана тақдим намоям, барояш туҳфаи беҳтарине хоҳад шуд.

Хуллас, шеъри муборакбодӣ навиштам ва аз як шарикдарсам, ки ҳамчунин шоири ҷавон буд, илтимос намудам ба русӣ тарҷума кунад. Рафиқам дар сари тарҷумаи он шеър як шаби дароз меҳнат кард. Вақте ки тарҷумаро хонда дод, ман шеъри худро нашинохтам. Дар он изҳори нолаҳои ноҷоя ва оҳу фиғон аз дасти муҳаббати ноком буд, аммо ягон чизе, ки мехостам ба Нина бигўям, набуд.

Акнун маро ба осонӣ фанд карда намешуд. Гурги борондида будам, бинобар ин гуфтам:

– Хайр, майлаш, ин шеърро рўзи таваллуди маҳбубаи худат ба ў хонда медиҳӣ, чунки ин шеъри ман нест, аз они туст.

Боз дар бораи мавзўъ. Мавзўъ монанди моҳии мурда, чаппа шуда, дар рўи об шино намекунад Вай дар қаъри дарё, дар ҷои тезоби он, дар ҷараёни аз ҳама соф ва тези он мешавад. Онро дар ҳамон ҷо, аз мағзи гирдоб, аз таки об бояд даст гирифта тавонӣ. Оё қимати пули бо меҳнати зиёде бадастомада ва пули тасодуфан аз кўча ёфт – шуда баробар аст?

Мардуми кўҳистон мегўянд: мумкин аст кас сайди бисёре ба даст оварад, аммо ҳамааш шағолу харгўш бошад. Одам як сайд гираду рўбоҳ бошад, намедонӣ, ки аз куҷо онро ба даст меорӣ. Шарт нест, ки сайди беҳтарин дар дараи дуртарин бошад.

Як сайёд орзу доштааст, ки рўбоҳи бўри сиёҳтоб ба даст оварад. Тамоми умр ў дар кофтукови чунин рўбоҳ кўҳу дараҳоро саросар гашта мебароянд. Вақте ки солхўрда мешавад, барои дур рафтан қувваташ намемонад, аз ин рў, дар дараи назди деҳа шикор карда мегардад. Рўзе рўбоҳи бўри сиёҳтобро ба дом меафтонад. Сайёд аз рўбоҳ мепурсад:

– То ин вақт куҷо будӣ, ман туро тамоми умр мекобам?

– Ман як умр дар ҳамин дараам, – ҷавоб медиҳад рўбоҳ, – магар

намедонӣ, ки барои ҷустуҷӯ тамоми умр сарф шавад ҳам, барои пайдо кардан як рӯз, ҳатто як лаҳза кифоя аст?

Оре, дар хаёти ҳар як нависанда рӯзе мешавад, ки ӯ худро худ кашф менамояд, мавзӯи асосии худро меёбад. Сипас, нависанда набояд ба чунин мавзӯъ бевафоӣ бикунад. Агар бевафоӣ бикунад, қиссаи бо як шиноси ман рӯйдода, мумкин аст ба ӯ низ рӯй диҳад.

Инак, дар боби пиесаи як шиносам. Як нависандаи доғистонӣ аз ҳаёти колхоз пиесае навишт. Ҳарчанд асар дар мавзӯи муҳим иншо шуда буд, театр онро қабул накард. Сабаби рад карданаш тамоман беасос буд, яъне: пиеса умуман маъқул нашуд.

Шояд, ба каси дигаре ин сабаб асоснок намояд, аммо ба худи драманавис ҳаргиз не. Драманавис ранҷида, ба ҷойи дахлдор ариза навишт. Ҳамон замон барои санҷидани масъала ва дидани чора комиссия ташкил шуд. Дар вақти санҷиш ошкор гардид, ки пиеса мазмуни зерин дорад: ду бригада сурудҳои шӯх хонда, барои ҳосили баланди гандум байни худ мусобиқа мекунанд.

Чунин мазмун ба комиссия пурра маъқул мешуд ва пиеса оби равон барин мегузашт, аммо вазъияти дигаре ба миён омад: ҳамин вақт қарор баромад, ки дар дашти қумиқ (бригадаҳои хушбахт маҳз дар он ҷо мусобиқа карда, ҳосил меғундоштанд) ба ҷойи гандум пахта кошта шавад. Дар ин шароити «пахта» пиесаи «гандум»-ро ба саҳна гузоштан ҳеҷ мумкин набуд. Драманавис бисёр андеша ронда нанишасту дар пайи аз нав кор кардани асари худ шуд. Ҳанӯз пахтаи навкишт гул накарда, асар тайёр шуд. Пиесаро боз барои хондан ба театр гирифтанд. То онро хонданд, ки боз қарори нав баромад. Дар қарор гуфта мешуд, ки пахтакорӣ дар дашти қумиқ ҳанӯз аз гандумкорӣ фоиданоктар нест, бинобар ин ҷуворимакка коридан лозим аст.

Драманависи меҳнатӣ боз барои дигар кардани пиеса ба сари кор нишаст. Намедонам, оқибат ин кор бо чӣ анҷом меёфт, аммо дар ҳамин вақт театр сӯхт. Шиноси ман аз иқболи пасташ ғазаболуд шуд ва лаби дарё рафта, дар сари қаҳр пиесаро ба об ҳаво дод. Ҳоло он пиеса ба ёдаш ояд, дилаш намесӯзад.

Қиссаи пиесаи дигареро ҳам дар омади гап ҳикоят бикунаму монам. Ин пиесаро як адиби рус навишта, ба он «Одамони пурҷӯшу хурӯш» ном гузошта буд. Ин пиесаи «пахта», «гандум» не, балки пейсаи «моҳӣ» буд. Ҳатто «моҳӣ» ҳам не, балки дар ин бора буд.

Ҳаракате ҳаст барои мардуми кӯҳистонро аз авулҳои қадимаашон ба поён, ба ҷои ҳамвори лаби баҳр муҳоҷир кардан. Инро ба «ҳамворӣ» кӯчонидан меноманд. Ҳоло аз паси ҳамаи ҷиҳатҳои ин масъалаи мураккаб намешавем, фақат ҳамин қадарашро мегӯем, ки мардуми як умр ба чорводорӣ машғули кӯҳистон ба ҳамворӣ фуромада, гоҳо моҳидор мешаванд. Моҳидори ноуҳдабаро аз чӯпони хуб чӣ бартарӣ дорад – фаҳмидани ин масъа-

ла низ душвор аст, вале ба ҳар ҳол, дар пиесаи «Одамони пурҷӯшу хурӯш» маҳз дар ин хусус сухан мерафт, ки мардуми аз авули дурдаст ба ҳамворӣ фуромадаи кӯҳистон чи хел моҳидори Хазар шудаанд.

Иштирокчиёни пиеса ҳама аварҳо буданд, бинобар ин драманавис асари нави худро ба театри авар нишон дод. Театри аввал пиесаро бекор кард.

Аз дасти драманавис чӣ ҳам меомад? Ба ҷойи вай каси дигаре мешуд, чӣ кор карданашро надониста, маъюсу рӯҳафтода мегардид. Аммо дар бозии шоҳмот ҳам чунин ҳолат рӯй медиҳад: сиёҳҳо, масалан, чунон ба танг меоянд, ки ҷойи рафтан ва ҳатто илоҷи нафас рост кардан надоранд; дар ҳамин лаҳза онҳо бо асп гашти одии ногаҳоние мекунанд ва бозӣ якбора ранги дигар мегирад; акнун сафедҳо маҷбур мешаванд ба мудофиа гузаранд ва ҳанӯз ки сари вақт аст, пояшонро гирифта гурезанд.

Муаллифи «Одамони пурҷӯшу хурӯш» ҳам дар он вақт чунин гашти одие кард. Ӯ нохост ҳамаи номҳои авариро ба номҳои қумиқӣ иваз намуд ва пиесаро ба театри қумиқ пешниҳод кард. Аммо гашти асп ҳам вазъияти корро беҳ карда натавонист. Театри қумиқ ба саҳна гузоштани пиесаро, ки дар он чӯпонҳо моҳидор мешаванд, рад намуд.

Дар Доғистони мо қавмҳои бисёре ҳастанд. Қаҳрамонони ин пиеса дарғӣ ҳам шуданд, лазгӣ ҳам, аммо, ба фикрам, моҳигири хуб шуда натавонистанд. Драманавис пиесаи худро, монанди саги гушна, ки дар хонаи соҳибаш хӯрдание нест, ба даргоҳи одамон баровардa сар дод. Саг чандин ҳавлиро давр зада баромад, вале устухонпорае ҳам наёфт.

Пас аз чанд сол драманавис ба Маскав, ба курси олии адабиёт хонданӣ рафт. Баъдтар ба Махачқалъа овоза расид, ки моҳидорони ӯ ба лӯлиён табдил ёфтаанд. Пиеса диққати театри лӯлиён «Ромэн»-ро ба худ ҷалб намудааст. Хайрият, ки оқибат арӯси ланг ба худ шавҳаре ёфт. Лекин ин хонадорӣ ҳам дер напоид...

Инак, ман якбора ду пиесаи шиносҳоямро ба зери тозиёнаи танқид гирифтам. Агар ҳозир ин гапҳоро аз минбари маҷлиси нависандагон мегуфтам, кайҳо чунин садоҳоро ба унвони худ мешунидам: «Дар бораи худат гап зан! Худтанқидкунӣ шавад!»

Дар ҳаққи худ чӣ бигӯям? Ман, агар танҳо чунин гуноҳҳои нависандагӣ медоштам, хушбахт мебудам. Вале ман гуноҳе дорам, ки дар пеши он гуноҳҳои «пахта», «моҳӣ» ва дигар гуноҳҳои чандин сол аз ин пас мешудагӣ ҳам ҳеҷу ночизанд.

Дар ҷавонӣ коре кардаам, ки онро ба хотир оварданам басе пуразоб аст.

Баъди ин дӯстонам маро бисёр сарзаниш карданд ва ҳамаи он гапҳо бароям ҷазо буд. Аммо ҷазои асосие, ки онро сазоворам, ҳамеша бо ман аст ва ҳеҷ кас, ҳеҷ гоҳ ба ман аз ин сахттар ҷазое до-

да наметавонад.

Падарам мегуфт: агар кори носазое ва нанговаре бикунӣ, баъди он чӣ қадар тавбаву тазарро кунӣ, тири аз камон ҷаста барнамегардад.

Падарам боз мегуфт: шахсе, ки кори нанговаре карда, баъди чанд сол пушаймон хӯрдааст, ба одаме монанд аст, ки қарзашро бо пули кӯҳнаи пеш аз ислоҳот адо карданӣ мешавад.

Падарам боз ҳам мегуфт: модом, ки ту ба роҳи шайтон даромада, бадӣ кардӣ ва андешае нарондӣ, акнун мушт ба сар заданат чӣ суд?

Баъд аз он ки барзаговҳоро дуздида бурданд, ба дари оғил қулфи ҳафтманӣ задан чӣ даркор?

Ҳамаи ин гапҳо дурустанд. Ман ҳам медонам, «муште ки баъд аз ҷанг ба ёд ояд, бояд ба сари худ зад». Аммо хонандаҳоям гоҳ-гоҳ дар ин бора навишта хотиррасон мекунанд ва ба ҷароҳатам намак мепошанд. Онҳо, гӯё ба тирезаи ман санг парронда, гуфтанӣ мешаванд:

– Канӣ, баро, худро як нишон деҳ, Расул Ғамзатов. Ба хонандагонат бигӯй, чӣ хел шуд ва чаро ин тавр шуд.

– Чиро ман бояд ба шумо бигӯям?

– Бигӯй, ки соли ҳазору нуҳсаду панҷоҳу якум Шомилро сиёҳ карда шеър навиштӣ, соли ҳазору нуҳсаду шасту якум Шомилро таъриф карда шеър навиштӣ. Дар болои ҳарду шеър номи Ғамзатов буд. Акнун мо фаҳмиданӣ, ки ҳардуи ин Расул як аст, ё касони дигаранд. Ба гапи кадоме аз ин Расулҳо бовар бикунем?

Ин масъалаи масъалаҳост. Тири ба тан расидаро гирифта партофтан мумкин, аммо тири ба дил расидаро гирифтан мешавад?

Хонандаи азизи ман, намедонам ту чандсолаӣ, шояд тамоман ҷавон бошӣ. Оё дар ҳаётат ҳадду ҳудудҳое пеш омадаанд ва ту аз онҳо чи тавр гузаштаӣ? Ман фақат аз як сарҳад гузаштаам – ман дӯст медоштам, аммо накӯшидам, ки ба ҳиссиётам ҷиддӣ сарфаҳм равам. Сонитар аз ин корам пушаймон хӯрдам.

Баъзан аз миёни тирезаи ду ҳамсоя тангкӯчае мегузарад. Тирезаҳо рӯ ба рӯанд ва ҳамсояҳо байни худ ҷанҷол мекунанд: калонӣ хурдиро ба корҳои бад гунаҳкор карданӣ мешавад ё баръакс, хурдӣ калониро. Ман ба чунин ҳамсояҳои ҷанҷолӣ монанд, аммо ҳам дар назди тирезаи худ ва ҳам тирезаи ҳамсояи худ истодаам. Фарқ танҳо дар он, ки дар як тиреза ҷавониаму дар тирезаи дигар ҳозираам.

Шукӯҳи замона маро мафтун кард, чунон ки духтари соҳибҷамол ҷавони нодонро шефта месозад. Ман ба ҳама, чун домод ба арӯс, менигаристам ва айбу иллате намеёфтам.

Агар ҷиддӣ сухан ронем, ман сояи замона будам. Маълум, ки сояи дарахт баробари дарахт аст. Расман қарор шуда буд, ки Шомил ҷосуси англис ва турк буда, мақсади асосиаш байни халқҳо низоу нифоқ ангехтан аст. Ман ба иморате, ки дар он ин қарор тасдиқ шу-

да буд, инчунин ба соҳиби он иморат эътиқод доштам. Ана, дар ҳамон вақт як шеъри Шомиламонро фош мекардагӣ навиштам.

Ҳоло баъзан маро тасаллӣ доданӣ шуда мегӯянд:

– Мо шунидем, ки ту он шеърро бо супориши махсус навиштаӣ, туро маҷбур карда нависонидаанд.

Ин гапи дурӯғ! Маро касе зӯрӣ ҳам накардааст, маҷбур ҳам. Ман дар ҳаққи Шомил худам, ихтиёран шеър навиштам ва худам ба редаксия бурда додам. Ман умуман он вақт ба кӯҳистониҳое монанд будам, ки ягон ҳарфи арабиро намешиносанду Қуръонро варақ мезананд ва чизеро аз он намефаҳманду бо вуҷуди ин завқ мекунанд.

Ман сояи замона будам. Он вақт намедонистам, ки шоир соя шуданаш мумкин нест, вай ҳамеша оташ, манбаи нур аст, хоҳ оташи хурд бошад, хоҳ хуршеди бузург. Нур соя надорад, нур фақат равшанӣ мепошад.

Шояд ман инро андаке дертар фаҳмидам. Хайр, чӣ илоҷ, навъҳои себ ҳам гуногун мешаванд. Баъзе себҳо барвақт мепазанд, навъи дигаре тирамоҳ шира мегирад. Ман, зоҳиран, аз навъи тирамоҳӣ будаам.

Воқеа ана, ҳамин тавр шуда буд. Вале ҷароҳати ман дар ман аст.

*Боз захми куҳна беҳ не, тоза шуд,*
*Боз оҳу дард беандоза шуд.*
*...Буд он афсонаи бобои ман,*
*Қаҳрамонаш дар авул шуҳратфикан.*

*Ин фасона бо ҳақиқат ёр буд,*
*Гӯши ман бо ҳар ривоят зор буд,*
*Гӯиё он қаҳрамон бар фавҷи абр*
*Ҳукмрон ҳамчун сипаҳсолор буд.*

*Ӯ суруди кӯҳ буду модарам*
*Месурудаш, кай зи хотир мебарам,*
*Ашки софи чашми модар буд он,*
*Шабнами барги гули тар буд он.*

*Буд тасвираш даруни чорчӯб,*
*Бунаи моро назар мекард хуб.*
*Дошт шамшереву худ чапдаст буд,*
*Ҳам силоҳ аз рости ӯ менамуд.*

*Ёдам аст, ин мӯсафед он рӯзи ҷанг*
*Кард роҳӣ додаронам бедиранг.*
*Тавқу ёра хоҳарам аз сар ниҳод,*
*То ба номаш танки нав бунёд бод.*

*Ҳам падар пеш аз вафоташ достон*
*Карда буд эҷод бар он қаҳрамон.*
*Шомил он дам бо риёи ҳосидон*
*Гашта буд дар рӯсиёҳӣ достон.*

*Шояд, ин кулфат намеомад, агар*
*Дертар мезист моро ҳам падар.*
*Андар ин ман ҳам гунаҳкорам басе:*
*Карда бовар бо дурӯғ овозаҳо,*
*Шеъри қаҳромез гуфтам носазо.*

*Шофи аҷдодӣ, ки торумор кард*
*Чоряк аср аҳли кинро дар набард,*
*Шофи хоин шуд зи шеъри хоми ман,*
*Бод лаънат бар дилу илҳоми ман.*

*Шарфаи вазнин-ш шаб ояд ба гӯш,*
*Рӯ ба рӯ ояд, кунам шамъам хамӯш*
*Гаҳ ба симои ахулҳоӣ далер,*
*Гаҳ ба андоми гунубӣ марди пир.*

*Гӯядам: «Андар набарду сӯхтор*
*Рехтам хун, дидам офат сад ҳазор.*
*Кард дар тан захми нуздаҳ тир кор,*
*Тири бистум аз ту хӯрдам, ширхор.*

*Захми тиру неши ханҷар хӯрдаам,*
*Ранҷе аз ту се баробар бурдаам.*
*Зад кӯҳистонӣ маро бори нахуст,*
*Дар дилам бадтар аз ин кине наруст.*

*Эҳтимол, акнун ғазо беқадр гашт,*
*Вақте охир ҳифз кардат кӯҳу дашт.*
*Гар зи кор афтод ханҷар ин замон,*
*Теғи озодипарастон буд он.*

*Сахтҷон будам ба рӯзи корзор,*
*Кай ба сар буд ёди айши рӯзгор*
*Ҷояш ояд, шоиронро куфтаам,*
*Ровиёни садзабонро куфтаам.*

*Шояд, он кирдори ман ноҷоя буд,*
*Шояд, он хашму ғазаб бепоя буд.*

*Лек чун ту шоири каззобро*
*Гар бикӯбам, буд айни муддао.*

*То саҳар пурқаҳр истед бар сарам,*
*Гарчи шаб торик, пайхас мебарам –*
*Риши ғӯлияш ҳинопайвастааст,*
*Бар кулоҳаш саллаи суф бастааст.*

*Ман чӣ гӯям? Пеши ӯ, ҳам пеши ту,*
*Эй халоиқ, пургуноҳам, бахш ту.*
*Буд як санҷида ноиб бар имом,*
*Лекин аз Ҳоҷӣ Мурод ӯ кард вом.*

*Шуд пушаймон, узр овардан бихост,*
*Лек дар ботлоқ афтоду бикост.*
*…Пеши имомам равам? Э, войи ман.*
*Роҳи ман дигар, дигар давру замон.*

*Ман аз он шеъри харина то ҳанӯз*
*Шармсору ҷон ба ранҷу дил ба сӯз.*
*Маъзарат пурсиданиям аз имом,*
*По ба гил будан нахоҳам, вассалом.*

*Оре, ӯ асло набахшад ҷурми ман,*
*Кай бурун ояд зи қалбаш гурми ман.*
*Тӯҳмати ноҳақ, ки хонд аз шеъри ман,*
*Кай равад аз ёди он шамшерзан.*

*Оҳ... Аммо, эй халоиқ, ин гуноҳ*
*Бар мани хоки раҳат бахшиш намо.*
*Эй, замин, мангар ба шоир ин қадар –*
*Ҳамчунон ранҷидамодар бар писар.*

Намедонам, доғистониҳо барои он шеъри куҳна гуноҳи маро бахшида бошанд ё не, намедонам, рӯҳи Шомил бахшида бошад ё не, аммо гуноҳамро худ ба худ ҳаргиз намебахшам.

Падарам ба ман мегуфт:

– Ба Шомил нарас. Расидӣ, то охири умрат оромиро намебинӣ.

Гапи падарам рост баромад.

*Зодаи кӯҳам, зи хурдӣ нозпарвар нестам:*
*Гӯш бо дашном додам, зарбу латҳо хӯрдаам.*
*Аз падар аз баҳри як шӯхию беҷо як қадам*
*Гӯшмол, аз ростӣ чандин каратҳо хӯрдаам.*

*Гарчи марди комилам имрӯз, зарбат мехӯрам,*
*Гӯшҳоро дасти айёмам битобад сахтакак.*
*Гӯшмоле мехӯрад аз мутрибаш ҳар соз ҳам,*
*Он даме ки мебарорад нағмаҳои бенамак.*

Вақт! Аз рӯзҳо сол мешавад, аз солҳо – аср. Аммо давра чист? Оё давра аз асрҳо мешавад? Ё аз солҳо? Ё ки як рӯз ҳам давра шуда метавонад? Дарахт панҷ моҳ сабзу хуррам меистад, аммо як рӯз, як шаб кифоя, ки ҳамаи баргҳояш зард шаванд. Ва баръакс, панҷ моҳ дарахт урён, сип-сиёҳ меистад. Як субҳи босафои гарм кифоя, ки сабзпӯш гардад. Як саҳари хуррам кифоя, ки гулпӯш шавад.

Дарахтоне ҳастанд, ки аз моҳ ба моҳ тағйири ранг мекунанд ва дарахтоне вуҷуд доранд, ки ҳеҷ вақт ранги худро дигар намекунанд.

Парандагоне ҳастанд ҳарҷоя, вобаста ба фасли сол ба чор тарафи кураи замин чарх мезананд, уқобоне ҳастанд, ки кӯҳсори худро ҳеҷ гоҳ тарк намекунанд.

Парандаҳоро парвози муқобили шамол хуш аст. Моҳии хуб ба муқобили ҷараёни об шино мекунад. Шоири ҳақиқӣ бо фармони дил «ба муқобили афкори ҷамъият» бармехезад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Як дӯст дорам – шоири авар. Соли гузашта маҷмӯаи нави шеърҳояш аз чоп баромад. Ӯ дар китоб ҳамаи шеърҳояшро, монанди хонаҳои квартираи шаҳриаш, ба қисматҳо ҷудо кардааст. Масалан, шеърҳои сиёсӣ ё гражданиву ишқиро – ба хобгоҳ; шеърҳои ҳархела, умумиро – ба меҳмонхона; шеърҳои доир ба хоҷагии қишлоқ, ғалла, чорводориро... – намедонам, ба куҷо нисбат диҳем – ба ошхона?

Оё ҳофизе, ки аз кӯҳ ба Махачқалъа барои иштирок намудан дар мусобиқаи ҳофизони Доғистон омада буд, дуруст рафтор накард? Шоири мо, ки шеърҳоро ба рафчаҳо тақсим карда буд, аз ҳофиз хоҳиш намуд, ки аз ҳар қисмат яктоӣ хонад. Ҳофиз қомузашро ҷӯр карда, лаҳзае чанд хомӯш истод, гӯё фикрҳояшро гирдуғун мекарда бошад ва баъд ба хондан оғоз кард. Ӯ сурудро хеле дуру дароз хонд. Ҳама тарсиданд, ки агар ин як қисмаш бошад, чор қисмро кай тамом мекунад. Аммо ҳамин дам ҳофиз сурудро хонда шуд ва бо кафи даст садои торҳоро фурӯ нишонд. Суруд давом накард. Маълум гардид, ки ҳофиз фикру ҳиссиёти асосии шоирро дар як суруд ҷамъ намуда хондааст. Шоир аз ҳофиз пурсид, ки чаро ин тавр кардӣ.

– Дӯстам, – ҷавоб дод ҳофиз, – нигар, қомузи ман се тор дорад. Ман аввал бо як тор, баъд бо тори дуюм ва сипас бо тори сеюм навохта наметавонам.

**Боз дар боби мавзӯъ**. Шояд, на ҳама донанд, ки як марди кӯҳистонӣ мӯзаи нав пӯшида мегашту бисёр эҳтиёт мекард, ки гарде ба мӯзааш нашинад. Ӯ фақат нӯк-нӯки по қадам мезад. Боре ба роҳи лой меафтад ва агар қадам монад, то зону меғӯтад. Бечора маҷбур

мешавад, пойро монда, ба сар гузарад.

**Ин тавр мешавад**. Шоирон гоҳо асари санъат эҷод намекунанд, балки гӯё дар асптозии рӯзи якшанбе иштирок менамоянд. Ба хотири он ки гардани аспашонро рӯймолчаи зафар панҷ дақиқа оро диҳад, онҳо тайёранд сурини аспро зада хуншор кунанд. Рӯймолчаро худи ҳамон рӯз аз гардани асп кушода мегиранд, аммо ҷароҳат то дер вақт ба ҳам намеояд. Онҳо, Алибулати телетлӣ барин доим тайёранд... Дар воқеъ, шумо қиссаи Алибулатро намедонед.

Як рӯз ноиби Хунзах ба навкари худ Алибулат гуфт:

– Тайёр шав, пагоҳ ба авули Телетл рафта меоӣ.

– Тайёрам, тақсир, – ҷавоб дод навкари итоаткор.

Ҳанӯз ба қуллаи кӯҳҳо равшанӣ надамида, Алибулат аспро зин карда ба роҳ баромад. Нисфирӯзӣ ӯ аллакай қафо бармегашт ва қариб ба Хунзах расида буд, ки дар роҳ шиносҳояш дучор омаданд. Онҳо аз Алибулат пурсиданд:

– Худо туро дар паноҳаш нигоҳ дорад, Алибулат, куҷо рафта будӣ?

– Аз Телетл меоям.

– Дар Телетл чӣ кор доштӣ?

– Ман надонам. Чӣ кор буданашро ноиб медонад. Дина маро гуфт, ки рафта меоӣ, ман рафта омадам.

Дар байни адибони мо низ чунин алибулатҳо ҳастанд.

## ШЕЪР ДАР БОБИ МАВЗӮЪ

*Дар наврасӣ ба тӯйхурӣ рафтаам ба ком,*
*Сархуш будам зи лаззати лабрез шоҳҷом,*
*Доданд чӯбдаст ба дастам, ки хоҳам ар,*
*Бо ман ба рақс ояд ҳар сарви симбар.*
*Будам миёни тӯйи калон гарқаи хаёл;*
*Хоҳам кадоми ин ҳама гулрӯю маҳҷамол?*
*Дар интихоби ҳусн сабақ дод ҳар касе:*
*Онро бихоҳ, ҳо, бинигар, сарви наврасе.*
*Акнун бузург гаштаму қомузнавоз ҳам,*
*Акнун тарона мекунам ин мулки мӯҳташам.*
*Бозам сабақ диҳанд чу овони кӯдакӣ:*
*Инро макун тараннуму онро саро яке!*

**Боз дар боби мавзӯъ**. Бисёр ҷавононеро дидаам, ки пеш аз зангирӣ худ ба худ не, балки бо хешу ақрабо, амаку холаҳо маслиҳат мекунанд. Аммо дар эҷодиёти нависанда бе муҳаббат хонадор шудан нест. Аз оилае, ки бо маслиҳати амаку хола бино ёфтааст, ба ҳар ҳол фарзанд мерӯяд. Агарчанде ривоят мекунанд, ки муҳаббат ҳар қадар зӯр бошад, фарзандҳо ҳамон қадар зебо мешаванд. Лекин аз

хонадоршавии бемуҳаббати нависанда фақат китобҳои беҷон ба дунё меоянд. Нависанда, қабл аз он ки бо мавзӯи худ иттифоқ бандад, бояд ба садои дили худ гӯш андозад.

Тақдири шеъре, ки бо маслиҳати амаку холаҳо эҷод шудааст, ба тақдири китоби як рафиқи ман монанд хоҳад шуд.

Дар боби китоби рафиқам. Ёд надорам, кадом сол буд, ногоҳ масъала бардоштанд, ки ба мамлакат Гоголу Шедринҳо лозиманд. Якбора ба ҳаҷви шӯравӣ эҳтиёҷ ба ман омад.

Рафиқи ман каме шоирӣ дорад, каме носирӣ, каме муҳаррирӣ. Хулоса, адиб аст. Ӯ ба чунин даъват зуд ҳамовозӣ карда, як китоби шеърҳои ҳаҷвӣ навишт ва туҳматчиёну хушомадгӯйҳо, муфтхӯрону серзанаҳо ва дигар ҷиҳатҳои манфии ҳаёти умуман мусбати шӯравиро ба зери тозиёнаи танқид гирифт.

Баробари дар мағозаҳо пайдо шудани китоб як мунаққид мақолаи сахте чоп кунонд. Ӯ навишта буд: «Шиори ба мо Гоголу Шедринҳо лозимандро муаллиф хеле содалавҳона ва сатҳӣ фаҳмидааст. Акнун мебинем, ки дар паҳлуямон чӣ одами ночиз ва бадкина мезистааст, акнун мебинем, ки ӯ чӣ дили сиёҳе доштааст! Одамони дар китобаш тасвиркардаро аз куҷо ёфтааст? Не, дар Мамлакати Шӯравӣ будани ин хел одамон мумкин нест. Ин одамон маҳсули тахайюлоти тираи шахси сиёҳдил мебошанд; ӯ бо ин китоби туҳматомези худ ба осиёи душманони мо об мерезад».

Мухторбеков ном калоншаванда мушт бар миз кӯфта, хитоб намуд:

– Ту гӯй, ки масалан, ин хел бригадири танбали мусоҳилакор ва ба болокории он бадмастро дар куҷо дидӣ, дар куҷо?!

– Дар авули худамон дидам, – бо тавозӯъ ҷавоб медод муаллиф.

– Ин туҳмат. Ман медонам, колхози авулатон пешқадам. Дар колхози пешқадам ин хел бригадир намешавад.

Қисса кӯтоҳ, борони ҳаҷв ба сари худи ҳаҷвнавис борид. Ин воқеа ҳам як сурати ҳаҷвии маҷаллаи Лаҳистон барин шуд. Дар он сурат ду балкон буд: яке дар ошёнаи якум, дигаре дар ошёнаи чаҳорум. Дар балкон – яктоӣ одамча. Одамчаи поёнӣ сӯи одами боло хишт мепарронад, аммо хишт то боло нарасида, пас меафтад ва ба сари худи ӯ омада мезанад. Одамчаи болоӣ оромона ба поён хишт мепартояд ва ин хишт низ ба сари поёнбудаи бечора омада мезанад. Дар зери сурат навишта шуда буд: «Танқид аз поён ва танқид аз боло».

Ба ҳаҷвнависи ношуд касе маслиҳат додааст, ки аз ҳама беҳтараш ба гуноҳи худ иқрор кардан аст ва як бор не, якчанд бор, дар ҳама ҷо: ҳам дар рӯзнома, ҳам дар маҷалла, ҳам дар ҳар маҷлис айбро ба гардан гирифтан. Муаллифи китоби бехосият тавбаю тазарро мекард, мушт бар сина мезад.

Вале ин ҳам камӣ кард. Сардори калон Мухторбеков гуфт:

– Баъди шеърҳои туҳматомезат мо ба ту бовар намекунем. Ту бояд дар амал бо қаламат исбот намоӣ, ки ислоҳ шудаӣ.

Ба рафиқи ман чӣ кор карданаш фарқе надошт. Танқид кардан бошад, танқид, ислоҳ шудан бошад, ислоҳ. Ӯ ба сари кор нишаста, пас аз чанд муддат «Маржанати меҳнатдӯст» ном достон иншо кард. Қаҳрамони достон, ки духтари пешқадам, фаъола аст, колхозро зуд пешқадам кард, ҳамаи нақшаҳоро барзиёд иҷро намуд ва ҳатто дар охир суруди эҷоднамудаи худро хонда, дар маҳфили ҳаваскорони санъат ҷойи якумро гирифт. Достонро фавран дар маҷалла чоп карданд ва ба шакли китобчаи алоҳида низ баров637 бароварданд. Аммо замона каме дигар шуд. Нохост худи ҳамон рӯзномаҳо ҳаҷвнависро туҳматчӣ ва маломатгар меномидагӣ шуданд, навиштанд, ки ӯ сохтакору пардозгари ҳақиқист. Сардори калон Мухторбеков боз мушт бар миз кӯфта гуфт:

– Дар куҷо дидӣ, ки колхоз ягон камбудӣ надошта бошад? Ин хел колхози тамоман беайбро аз куҷо ёфтӣ?! Гунаҳкор ин дафъа хомӯш буд. Гиреҳҳое мешаванд, ки бо даст кушода наметавонӣ – сахт, ба дандон кушодан мумкин не, чунки гиреҳ дар ягон чизи ҳаром аст. Рафиқи ман яқин кард, ки дар рӯ ба рӯяш маҳз чунин гиреҳ аст, бинобар ин сар ба поён афканда, хомӯш нишаст.

Ӯ кам не, ғам не, даҳ сол хомӯш нишаст. Дар зарфи ин даҳ сол ягон маротиба ба Иттифоқи нависандагон ҳам наомад. Фақат як бор, вақти тақсимоти хона омад. Розӣ шавед, ки дар чунин ҳолат наомадан мумкин нест.

Дере нагузашта, сардори калон Мухторбековро барои ба чашми давлат хок пошиданаш аз мартабаи баланд гирифтанд. Касе афсӯс ҳам нахӯрд.

Дар омади гап бигӯем, ки ӯ оббозиро бисёр нағз медид. Пагоҳӣ ва бегоҳиҳо дар «ЗИМ»-и калони сиёҳ савор шуда, ба ҷои махсуси оббозӣ рафта, танаи худро ба танҳоӣ дар оби серун ва шӯри Хазар меандохт. Ҳавлиаш дар худи соҳили баҳр буд. Вале акнун касе намедид, ки Мухторбеков оббозӣ кунад Аз ҷойи оббозии умумӣ ор мекард. Ҳамоно, аз банди мағруриву ҳавобаландии худ баромадан наметавонист.

**Боз дар боби мавзӯъ**. Ҳангоме, ки берун мебароӣ, дар атроф – дар рӯи замин, дар қабати буттаҳо, дар шохаҳои дарахтон парандагони бисёреро мебинӣ. Онҳо дар осмон низ ҳастанд, яке баландтару дигаре пасттар парвоз мекунанд. Зеро парандаҳо гуногунанд: парасту, зоғча, зоғи ало, гунҷишк, шӯрнул. Дар осмони васеъ байни ҳамаи ин парандаҳо уқоб ягона аст. Уқоб аз ҳама баландтар ва дуртар мепарад, аммо кас аз хона берун омада, ба осмон нигарад, аввал онро мебинад. Бинобар он уқоб намоён аст, зуд ба чашми одам меафтад, ки вай баландтар ва дуртар парвоз мекунад. Сонитар гунҷишкеро ҳам мебинӣ, ки панҷ қадам дуртар аз дари хона, бар шохи дарахт

нишастааст.

Вале бо дидани уқоб худ уқоб намешавӣ. Нависандае, ки қаҳрамонро тасвир намудааст, худ қаҳрамон намегардад. Ман бисёр тарсончакҳоеро медонам, ки бо шеърҳои қаҳрамононаи худ шуҳрат ёфтаанд. Агар фарзанди ҷасури кӯҳистон Махач Дахадаев аз гӯр зинда шуда меомад, ба «олиме», ки дар бораи ӯ рисолаи илмӣ менависад, чӣ мегуфт?

– Дар назди муҳаррир ягон ҷумлаи навиштаатро ҳимоя кардан наметавонию чи хел дар бораи ҳаёти қаҳрамононаи ман ҳикоят мекунӣ? Ҳар як муҳаррир ақидаҳои дар ҳаққи ман гуфтаи туро ба хости худ дигар мекунаду ту ба вай «лом» гуфтан наметавонӣ. Не, ту сазовор нестӣ, ки дар ҳаққи Махач Дахадаев барин шахс рисолаи илмӣ нависӣ, – агар он фарзанди ҷасури кӯҳистон аз гӯр зинда шуда меомад, ана, ҳамин тавр мегуфт.

Баъзеҳо чунин мепиндоранд, ки ба мавзӯи бузург даст задан ҳамон худ низ бузург мешаванд. Вале чизи аз ҳама бузург аз ҳама одӣ мешавад. Шояд ки дар қатраи борон селе хуфтааст. Фарқи миёни одами бузург ва каси ночиз он аст, ки ночиз ашёву ҳодисаҳои бузургро мебинаду аз он, ки дар зери бинӣ дорад, пай намебарад; одами бузург ҳам чизи бузург, ҳам чизи хурдро дидан метавонад, ҳатто дар воқеаи хурдтарин маънии бузургро дарк менамояд ва ба мардум онро нишон медиҳад.

**Ёддошт**. Гоҳо чунин мешавад: нависандагони соҳибистеъдод ғамгинанду беистеъдод бо биниашон осмон харошида мегарданд. Ин ҳолат дар он сурат рӯй медиҳад, ки фақат ниятҳои неки муаллиф ба ҳисоб гирифта, аммо сифати китоб, истеъдоди муаллиф ва санъати адабии асар тақдир карда намешаванд. Дар ин гуна мавридҳо аз насиҳатгирон дида, насиҳатгарон, аз мол дида, молшиносон, аз нависандагон дида, лаққиён зиёд мешаванд.

Ана, дар ҳамин вақт, чӣ мешавад, ки падари ман бахшида ба Шомил достони калоне менависад. Шабу рӯзи аз чоп баромадани достон фармон меояд, ки аз ҳамин рӯз биноан Шомил ҷосуси Англияю Туркия шуморида шавад.

Аз ин мебарояд, ки Шомил муддати биступанҷ сол на барои озодии халқҳои Доғистон, балки ба нияти фиреб додани онҳо ҷангидааст.

Ҳоли падар чӣ шуду достони қаҳрамононаи вай! Ба ӯ киноя мекарданд, ки дар замони пуршаъни мо таърихи қадимро тит карда гаштан хуб нест, агар дар мавзӯи басе замонавӣ ва ба хонанда наздик достони дигаре менавишт, беҳтар мешуд.

Он рӯзҳо дӯсти хонадони мо шоири хушҳол Абӯтолиб ба назди падарам зуд-зуд меомад. Қариб ҳамеша сурнай, най ҳамроҳаш буд.

– Ғамзат, – мегуфт Абӯтолиб баҳузуртар ҷой гирифта ва сурнайяшро ҷӯр намуда. – Ин қадар дилатро нахӯр. Даврае ки бача будаму ҳанӯз

шеър наменавиштам, ҳамин сурнайро менавохтам. Ин сурнай ману аҳли оилаамро чанд сол нон додааст. Кадом оҳангро, ки хоҳиш мекарданд, аз ин сурнай мебаромад. Биё, даме аз ҷавонӣ ёд кунем, шеърнависиро як сӯ гузошта, дилро бо мусиқӣ обод кунем. Ман сурнай менавозам, ту нақора мезанӣ, Ғамзат. Ин кор осонтар аст.

– Не, Абӯтолиб. Агар ману ту сурнайчию нақоранавоз мешудем, дарди бахайр мебуд. Аммо сурнайчӣ сурнай менавозад, ба ҳавои мусиқии ӯ ё раққос мерақсад, ё дорбоз мебозад. Сурнайчӣ дар замин меистад, дорбоз ба рӯи арғамчин мебозад. Гап зан, канӣ, Абӯтолиб, кори кадоми онҳо душвортар? Дорбозаш – ману ту, бародар. Моро дорбозу раққос карданианд.

Абӯтолиби хушҳол ғамгин шуд, дар баробараш оҳанги сурнай ҳам ҳузнангез гардид. Ӯ хомӯшона басе сурнай навохт, сипас сар боло карда, гуфт:

– Кори душвор аст шеърнависӣ.

*Қуллаи сарбарфалак наздик метобад маро,*
*Бинам аз домони кӯҳ, гӯё ки дастам мерасад,*
*Лек бо пайроҳаи пурсангу пур аз барфҳо*
*Меравию меравӣ, поён– ш нопайдо бувад.*

*Заҳмати мо ҳам на осон аст, эй аҳли назар,*
*Менишинӣ дар сари як ҳарф, чун афсунгаре.*
*Мисраат пайваста н-ояд, менамояд саҳлтар*
*Фатҳи сад қулла зи иншои суруди дилбаре.*

Қиссаи гунҷишке, ки ба уқоб баробар шудан мехост. Рамаи гӯсфандон аз кӯҳ поён мефуромад. Банохост аз осмон уқобе парида омаду бараеро бардошта бурд. Гунҷишкаке ин воқеаро дида менишаст. Ӯ ба худ гуфт: «Чаро ман ҳам уқоб барин накунам? Барра-чӣ, гӯсфанди калонро бардошта мебарам». Гунҷишк парида баландтар баромад, қанотҳояшро ғунча карда, худро поён андохт. Кор бо ҳамин анҷомид, ки гунҷишк омада ба шохи гӯсфанд зад ва ҷо ба ҷо тамом шуд.

– Боре магас ҳам сангеро ғелониданӣ шудааст, – гуфт чӯпон гунҷишки мурдаро ба даст гирифта.

Ҳамин тариқ, гунҷишке ки ба уқоб баробар шудан мехост, сазовори он гардид, ки бо магас баробараш карданд.

**Боз дар боби мавзӯъ**. Мавзӯъ – муҳаббат, мавзӯъ – қасам, мавзӯъ – илтиҷо, мавзӯъ – ибодат. Дар Шарқ мегӯянд: қадри ибодат аз такрор кам нагардад.

Дар хусуси мавзӯъ ин гап ҷоиз нест. Агар як умр як мавзӯъро такрор кардан гирӣ, майда шуда, қадру қиматашро гум мекунад. Порчаи алмос ҳар қадар калон бошад, қиматаш ҳамон қадар зиёд аст. Чанги алмос ба кӣ даркор?

Боре ман дар бораи муаллимаи русӣ Вера Василевна шеъре навиштам. Дидам, ки шеър ба хонандагон ва ҳатто ба мунаққидон писанд омад. Хурсанд шуда, дар мавзӯи мазкур зуд-зуд шеър навиштан гирифтам.

Шеърҳои ман на ба он шаробе, ки дар чалак аввал буд, балки ба шаробе монанд шуданд, ки баъди обгардон кардани чалак ҳосил мешавад.

Шароби куҳна, гӯён ба сари дастархон шароби ҳанӯз норасидаро ҳам гузоштан мумкин. Мо баъзан дар вақти масквагиҳоро бо шароб зиёфат карданамон коре мекардем, ки ҳоло дар ин бора нақл хоҳам намуд.

Ман ҳам, дӯстони кафказиам ҳам, ҳар боре аз диёри худ ба Маскав бармегаштем, шароб гирифта мебурдем. Дӯстонро ҷамъ карда чалакчаҳоро мекушодем ва зиёфат сар мешуд. Ин шаробҳо аз шаробҳои куҳна, солгашт ва хушнавъ буданд. Дӯстон шаробро нӯшида, таъриф мекарданд ва ба дӯстони худ низ нақл менамуданд. Талабгорони шароби хуб бисёр буданд. Аммо, чунон ки маълум аст, чалакча бетаг нест. Гоҳо, агарчи кори хуб набуд, аз мағоза винои муқаррарии шишагиро харида, ба чалакча меандохтем ва мегуфтем, ки ин шароби деҳқонӣ, аз таҳхонаи худамон. Молшиносоне, ки сирри моро фош карда тавонанд, ёфт намешуданд. Фақат яке аз меҳмонон боре виноро чашида дид ва ба ман нигоҳ карда, сар ҷунбонид. Дигарон ҳарчи бештар менӯшиданд, ҳамон қадар сахттар маст мешуданд, ҳарчи сахттар маст мешуданд, ҳамон қадар зиёдтар таъриф мекарданд.

Шеърҳои дар як мавзӯъ зуд-зуд навиштаи ман низ чунин шуданд. Фақат баъзе хонандагони доно ва сахтгир сар ҷунбонида, мегуфтанд:

– Э, бародар, бо худи ҳамин кор Далаголов ҳам омада буд.

Ё ин тавр ҳам мегуфтанд:

– Ба як авул як девона кифоя.

Он гоҳ фаҳмидам, ки ман низ кори устоҳои асосозро кардан дорам.

Ҳозир ман ин се қиссаро аз як сар ҳикоят мекунам.

Дар давраи бачагии ман ба авули мо ҳар рӯз Қурбоналӣ ном хаткашон як тӯда мактубу рӯзнома гирифта меомад. Ин хаткашони ширинкор аз авули Эбут буд. Вақти мактубу рӯзномаҳоро тақсим намуданаш Қурбоналӣ ҳатман пеши падарам даромада, даме чубуқ кашида чақчақ карда менишаст. Намедонам, аз чӣ сабаб, ӯ барои суҳбатҳояш падари маро интихоб намуда буд. Охир, мавзӯи гуфтугӯи ӯ доим як чиз, зангирӣ буд. Дурусттараш, масъалаи зани нав гирифтан, зеро вай аз ҷумлаи шахсоне буд, ки ҳар ҳафта зан мегиранду ҳар моҳ зан сар медиҳанд. Ҳамон вақт ӯ занашро нав сар дода буд ва ба худ беваи ҷавоне меҷуст. Дар назарам, ёфта буд, чунки ҳар рӯз фақат гапи ӯро

мезад, таъриф мекард, ки вай чӣ хел зебо, ҷавон, хушмуомила ва ғайра.

Аммо банохост гапи беваи ҷавон басанда шуд. Қурбоналӣ, монанди пештара, ҳар рӯз меомад, аммо дар бораи боду ҳаво, кору бори колхоз ва ҳар чизи дигар сухан меронду аз зангирӣ даҳон намекушод.

– Зани орзу карда гаштаатро гирифтӣ? – аз сир пай бурда, пурсид падарам.

– Аз куҷо, Ғамзат, фақат ман орзу мекардаам, вай маро дар гӯшаи хаёл ҳам надоштааст. Акнун барои пайдо кардани беваи ҷавон ман бояд тамоми Доғистонро давр занам.

Қурбоналӣ муддати зиёде бедарак шуд, мумкин, дар ҳақиқат авул ба авул зан ҷуста гашта бошад. Вақти набудани ӯ хату рӯзномаҳоро писараш мекашонд. Рӯзе, ки домоди бебарор дар хонаи мо аз нав пайдо шуд, бесаброна пурсидем:

– Хайр, корҳо чӣ тавр? Роҳи ҷустуҷӯят кӯтоҳу рост баромад ё не?

– Шояд рост мешуд, аммо онро Далаголов кaҷ кард.

– Чӣ хел?

– Ҳамин хел. Куҷое рафта, арзи муддао кунам, мегӯянд, ки дер мондӣ. Бо худи ҳамин кор Далаголов ҳам омада буд.

Дарбиш Далаголов Дон Жуани машҳури Аваристон буд. Дарбиш соли 1938 ҳаждаҳумин бор зан гирифтааст.

Ҳамин тариқ, ба шарофати хаткашон Қурбоналӣ зарбулмасали «Э, бо худи ҳамин кор Далаголов ҳам омада буд» дар Доғистон паҳн шуд.

Қиссаи дуюм – дар хусуси як девона. Маълум, ки дар ҳар авул як девона ҳаст. Ин хуб аст. Девона бисёр бошад, бад аст, аммо ягонто ҳам набошад, чизе намерасидагӣ барин. Девонаҳо якдигарро нағз мешиносанд ва ҳатто ба меҳмонии ҳамдигар мераванд. Мувофиқи ин одат рӯзе ба хонаи девонаи авули Хунзах девонаи авули Гортаколӣ меҳмонӣ меравад.

– Ассалому алайкум, девона!

– Ваалейкум ассалом, девона!

Сипас меҳмонию меҳмондории ду ошно сар мешавад. Назди бухорӣ нишаста, менӯшанд, мехӯранд. Рӯзи сеюм девонаи авули Гортаколӣ дар тараддуди хонаравӣ мешавад. Мизбони девона аз рӯйи урфият меҳмонро ба иззату икром ба дасташ савғотиҳо дода ва аз авул баровардa мегуселонад. Девонаҳо хайрухуш мекунанд.

Иззати меҳмон баҷо оварда шуд. Собиқ меҳмонат як қадам аз даргоҳи ту берун ки монд, ӯро ҳар чӣ хоҳӣ, карда метавонӣ, зеро вай дигар меҳмон нест. Бинобар ин девонаи Хунзахӣ ба назди девонаи Гортаколӣ давида рафта, бе ҳеҷ сабаб ӯро як мушт мезанад.

– Барои чӣ маро мезанӣ?

– Ба хонаи ман меҳмонӣ набиё. Магар ту намедонӣ, ки ба як авул

як девона кифоя аст?

Баъзан ин қиссаро ба ёдам оварда, андеша мекунам, ки шояд ба як авул як донишманд ҳам кифоя бошад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Як хони давлатманд аз камбағале пурсидааст.

– Куҷои гўшти мурғобӣ бамазатар аст? Ҷавоби дуруст гардонӣ, мукофот медиҳам.

– Ронаш, – бе таваққуф ҷавоб медиҳад камбағал.

Гўшти мурғобиро мепазанд, хон ҳамон ҷояшро мехўрад ва ба ў маъқул мешавад. Пас аз камбағали дигаре мепурсад:

– Куҷои гўшти говмеш бамаза аст?

Камбағали дуюм низ мехоҳад мукофот гирад, бинобар он мисли камбағали якум ҷавоб медиҳад:

– Ронаш.

Хон гўшти говмешро хўрда мебинад ва маслиҳатгарро қамчинкорӣ мекунад.

Мутаассифона, барои нависандагоне, ки андеша наронда, аз паси якдигар ҳамон як гапро дар мавридҳои гуногун такрор кардан мегиранд, чунин қамчин нест.

Акнун қиссаи баҳои асоҳои унсукулӣ. Адиби маскавӣ Владлен Бахнов андаке мелангад ва асо гирифта мегардад. Вақти ба Доғистон таътил рафтанам ваъда намудам, ки ба ў як асои зебои машҳури унсукулӣ хоҳам овард. Ба хона омада, пеш аз ҳама илтимоси худро ба асотароши шиносам, ки дар Унсукул буд, ба воситаи мактуб изҳор кардам. Асотарош устои куҳна, шиноси падарам буд, аз ин рў, умед доштам, ки асо мувофиқи табъ мебарояд. Аммо намедонистам, ба тани он асо чӣ хате нависонам.

Ҳамин вақт дар як рўзномаи марказӣ доир ба адабиёт мақолае баромад, ки он «Калтак ба ҷои танқид» ном дошт.

«Ана, ёфтам, – гуфтам дар дил, – дар тани асои ба адиби маскавӣ туҳфа мекардагиам ҳамин суханҳоро менависонам».

Баъди ду ҳафта асо тайёр шуд. Асо дар байни асоҳои унсукулӣ беҳтарин буд. Дар ҷойи мувофиқи он суханони зерин нақш ёфта буданд: «Ба Вл.Бахнов. Калтак ба ҷойи танқид. Аз Расул Ғамзатов».

Умуман асоҳои унсукулиро дар мағозаҳои туҳфаҳои Махачқалъа, Кисловодск, Пятигорск, ҳатто дар бозори авулҳои кўҳистон мефурўшанд.

Баъди якчанд моҳ дар ҳамаи маҳалҳои мазкур якбора асои бисёре пайдо шуд, ки ба рўи ҳамаи онҳо чунин суханон навишта шуда буданд:

«Ба Вл.Бахнов. Калтак ба ҷойи танқид. Аз Расул Ғамзатов». Курортиён чунин туҳфаро харида, ҳайрон мешуданд. Аммо бештар худи ман ҳайрон шудам.

Маълум шуд, ки он устои куҳна ягон калима русӣ намедониста-

аст. Вай хатеро, ки ман дар коғазча навишта дода будам, кӯр-кӯрона ба ҳамаи асоҳои месохтагиаш гузаронидааст. Ӯ гумон кардааст, модом ки шоир ба асо нависонидани чунин суханонро хоҳиш кард, пас, ин гапҳо маънии зӯре доранд. Ин тавр ки бошад, чаро ин суханон ба танаи асоҳои дигар ҳам нақш набанданд?

Устои куҳнаро гунаҳкор кардан мумкин нест. Ӯ содадилона ба шоир эътиқод баста, ин корро бо дили рост ва нияти нек кардааст. Оё баъзан мо – адибони соҳибтаҷриба, низ он усто барин рафтор намекунем?

Охирин чизе, ки дар боби мавзӯъ гуфтаниям. Мавзӯе ҳаст монанди ибодат, ҳар қадар такрор шавад, ҳамон қадар бақадртар, олитар ва бойтар мегардад. Мавзӯъ мисли ибодат аст, мавзӯъ мисли ватан аст.

Вақте ки кӯдакро барои ягон шӯхиаш танбеҳ доданӣ мешаванд, мувофиқи одати кӯҳистони мо, ба ҳама ҷояш шатта задан мумкин, аммо ба рӯяш не. Рӯйи одам дахлнопазир аст ва ин чиз барои ҳар як кӯҳистонӣ амри қонунро дорад.

Доғистон – ту рӯйи ман астӣ. Ман иҷозат намедиҳам, ки ба ту даст расонанд.

Мардуми кӯҳистон дар ҷанҷолу манша басе пурсабранд. Вале ин ҳол то ба ҳадде давом мекунад, ки суханони бад ба худи маншакунандагон тааллуқ дорад. Мабодо, бо сухани нохости бемулоҳизае ба шарафи модар ё хоҳар дахолат карда шавад, он гоҳ ханҷар ба кор меравад.

Доғистон – ту бароям модарӣ. Касе, ки бо ман ҷанҷол карданӣ мешавад, бигзор инро ба хотир дошта бошад. Ба ҳаққи худам чӣ қадар гапи сахт бошад, тоқат мекунам. Аммо ба Доғистони ман нарасед.

Доғистон – муҳаббату савганди ман, таманною ибодати ман. Мавзӯи умдаи ҳамаи китобҳоям, тамоми ҳаётам фақат туӣ, Доғистон.

Баъзан хоҳиш мекунанд, ки фақат аз гузаштаи ту, аз расму оини қадими ту, тӯю сур ва ривояту суруд, аз шамшерзаниҳо, душманиву дӯстиҳо, муридҳои оҳанинпайкар ва духтарони баисмат, накукорӣ ва хуҷистахисолӣ, аз хуни рехтаи ҷавонон ва ашки сӯзони модарон ҳикоят бикунам.

Баъзан хоҳиш менамоянд, ки фақат аз ҳаёти имрӯзаи ту, яъне аз колхозу совхозҳо, сардорони бригадаву звеноҳо, китобхонаву театрҳо, аз корнамоиҳои меҳнатиат нақл намоям.

Ман на аз ину на аз он, на аз гузаштаву на аз имрӯзи ту ҳикоят карда метавонам. Барои ман фақат як Доғистон вуҷуд дорад, ки умри ҳазорсола дидааст. Гузаштаву имрӯзавуояндаи он бароям як аст. Ман онро ба замонҳои гуногун ҷудо кардан наметавонам.

Таърихи кишвару мамлакатҳои дигар на фақат ба хуни одамон,

инчунин бо рангу қалам ба рӯи коғаз кайҳо сабт гаштааст. Таърихи он кишвару мамлакатҳоро на танҳо аскарону сипаҳсолорон, инчунин нависандагону муаррихон иншо намудаанд. Таърихи Доғистонро бо шамшер сабт кардаанд. Фақат асри бист ба дасти Доғистон қалам ҳам дод.

Доғистон, ман аз пайи ҷангҳои қадими ту гузар кардам, корзорҳои бешумори туро, ки пури устухонҳои фарзандонанд, рафта дидам. Бигзор гандумзору ҷуворимакказори колхозӣ барои ин корам аз ман наранҷанд. Охир, ҳангоме ки ман дар шеърҳоям Доғистони имрӯзаро тасвир менамоям, замони гузашта маро таъна намезанад. Вақте аз сафари мамлакатҳои дури хориҷӣ бармегардам, ҳамдиёрони кӯҳистониам ба гирдам ҳалқа зада, аз дидаву шунидаҳоям пурсон мешаванд. Онҳо давра гирифта мешинанд ва ба ҳикоятҳои ман гӯш медиҳанд. Ман дар бораи Фаронса, Ҳиндустон, Ҷопон, Туркия нақл мекунам ва тамоми ҳикоятҳоям фақат ба се соат мерасад. Баъди се соат риштаи суҳбат худ аз худ, ноаён ба Доғистон гузашта меравад. Ман ба одамони кӯҳистон дар бораи Доғистон ҳикоят мекунам ва онҳо ба гапҳои ман гӯш медиҳанд, гӯё ки ин ҳамаро бори аввал мешунида бошанд. Ва ҳол он ки худи онҳо Доғистонанд.

Маҳмуд шоири маъруф буд. Мавзӯи асосии ӯ – ишқи Марям. Дӯсти наздики Маҳмуд писардор шуд ва аз шоир хоҳиш намуд, ки барояш як суруди алла навишта диҳад. Маҳмуд як қувваозмоӣ кард, аммо чизе набаромад. Дар зери суруди Маҳмуд кӯдак ба ҷои хоб кардан мегирист. Дӯсти дигари Маҳмуд хоҳиш намуд, ки ба марги занаш марсияе навишта диҳад. Маҳмуд қувваозмоӣ кард, аммо чизе набаромад. Мардум марсияи Маҳмудро шунида, намегиристанд. Баъзеҳоро ҳатто ба лаб ханда меомад.

Аммо одамон суруди ишқи нокоми Маҳмудро ба Марям шунида, ҳозир ҳам ашк мерезанд.

Мавзӯи асосии Маҳмуд Марям буд. Аз они ман – Доғистон. Муҳаббати ман хоҳ бузург бошад, хоҳ ночиз, ҳақиқати ман хоҳ бузург бошад, хоҳ ночиз, ҳиссиёти ман хоҳ куҳна бошад, хоҳ нав, ман дар ҳаққи ту қалам меронам, Доғистон. Ҳангоми навиштан қалам дар дастам беихтиёр меларзад.

Падарам мегуфт. Агар полез дар сари роҳ бошад, ҳар роҳгузар тарбузи хомро меканад.

Мегӯянд. Сангеро, ки бардошта наметавонӣ, даст нарасон. Ба он ҷойи баҳр, ки гашта омада наметавонӣ, шино карда нарав.

Мегӯянд. Оби дарё то буҷулаки пой бошад, эзорчаатро аз зону баландтар набардор.

## НАМУДИ АДАБӢ

*Нодон бо фарёд мот мекунад,*
*доно бо мақоли муносиб.*
*Баҳор, ки омад – суруд хон.*
*Зимистон, ки расид – афсона гӯй.*

Инак, ман дар пояи кӯҳе истодаам, ки аз он бояд бигузарам. Аспи хуб маро аз ҳар ағба мегузаронад. Кӯҳ – мавзӯи ман, асп – забони ман. Акнун бояд роҳеро интихоб намоям, ки бо он аз кӯҳ гузарам.

Ҳамаи аҷдоди кӯҳистонии ман роҳи ростро меписандиданд. Роҳи рост душвортару хатарноктар аст... аммо кӯтоҳтар... Роҳи рост одамро нобуд карданаш ҳам мумкин, аммо ба манзил зудтар расонданаш ҳам.

Ё дар назди қалъае истодаам, ки онро бояд фатҳ намоям. Силоҳи басе хуб дорам, ки дар ҷанг маро ба кор меояд. Қалъа – мавзӯи ман, силоҳ – забони ман. Аммо бояд роҳе интихоб намуд, ки ба воситаи он ба даст овардани қалъаи фатҳнопазир осонтар гардад. Якбора ҳуҷум орам, ё ки муҳосира карда, оҳиста-оҳиста ба даст дарорам?

Киштзор ҳаст, дар дарёчаи кӯҳӣ об ҳам. Аммо он обро ба ин киштзор чӣ хел бояд овард?

Ҳезуму оташдон, дегу табақ ва баъзе аз чизҳои пухтанӣ ҳаст. Вале ба ҳар ҳол чӣ хӯроке бояд пухт?

Муҳаррир дар мактубаш иҷозат додааст, ки намуди адабии дилхоҳамро интихоб намоям: ҳикоя ё повест, шеър ё мақола. Имкони интихоб ҳар қадар зиёд бошад, худи интихоб ҳамон қадар душвор мешавад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Дар Институти адабиёти мо чунин воқеа рӯй дода буд. Дар курси якум бист шоир, чор носир ва як драманавис мехонд. Дар курси дуюм понздаҳ шоир монд, носирон ҳашт нафар шуданд, драманавис ҳамон як нафар ва як мунаққид пайдо шуд. Дар курси сеюм ҳашт шоир монд, шумораи носирон ба даҳ расид, драманавис боз ҳамон як кас, мунаққид шаш нафар шуд. Дар охири курси панҷум як шоир, як носир, як драманавис монд, дигарон ҳама мунаққид шуданд.

Ин гап, албатта, муболиға ва латифа аст. Аммо, рост аст, ки бисёриҳо аз шеър сар карда, баъд ба наср мегузаранд, сипас ба намоишнома, дар охир – ба мақола. Ин вақтҳо ба филнома гузаштан расм шудааст.

Баъзе шоҳу амирон барои он занашонро дигар мекунанд, ки аз онҳо фарзанд намерӯяд. Вале пас аз дигар кардани чанд зан, яқин пайдо мекунанд, ки дар нашудани фарзанд занҳо гунаҳгор нестанд.

Деҳқоне то охир бо як зан умр ба сар мебарад ва як не, бист фарзанд дорад.

Ақидаи ман чунин аст: шароб бинӯшу аз нон ҳам рӯ нагардон. Суруд бихону афсонаро ҳам гӯш кун. Шеър навису ҳикояи одиро ҳам аз худ дур накун.

Н а с р. Замоне буд, ки ман дар гаҳвора мехобидаму модарам алла мегуфт. Ӯ фақат як суруди алла дошт, суруди дигареро намедонист. Ҳарчанд падари мо шоири машҳур буд, барои писаронаш ягон суруди алла нанавиштааст. Ӯ ба мо ҳар хел қиссаву воқеа ва ривоятҳо нақл мекард. Ин қиссаҳо насри ӯ буданд.

Падарам аз шеърҳои худ гап заданро дӯст намедошт. Ба фикрам, вай шеъргӯиро кори ҷиддӣ намешуморид. Кори ҷиддии ӯ аз инҳо иборат буд: ҷуфтронӣ, соз кардани хирманҷо, нигоҳубини гову асп, бел кардани барфи бом, сонитар дар корҳои авул ва ҳатто ноҳия алоқадри ҳол иштирок намудан.

Падарам шеърро менавишту аммо чандон ғами дар куҷо чоп шудани онро намехӯрд. Барои ӯ фарқе надошт, ки шеъраш дар рӯзномаи марказӣ чоп мешавад ё дар рӯзномаи девории пионерони авул. Ман пай мебурдам, ки дар рӯзномаи деворӣ чоп шавад, бештар хурсанд мегардад.

Падарам суханонеро, ки Анасил Муҳаммад ба писари худ, сарояндаи машҳури ишқи пок шоир Маҳмуд гуфтааст, зуд-зуд ба ёд меовард. Вақте ки Маҳмуд, монанди фарзанди ноқобил, аз оташи ишқ ва сурудҳои ишқӣ адову абгор шуда, гушнаву ташна, бо ранги заҳир хона меояд ва хӯрданӣ мепурсад, падараш ба ӯ оромона ҷавоб медиҳад:

– Шеър хӯр, аз болояш шароби ишқ нӯш. То кай ман ба ҷои ту ҷуфт меронам, монда шудам.

Албатта, ба паранда хониш ҳам даркор, аммо кори асосии паранда дар ҳар ҳол, сохтани лона, пайдо намудани хӯрок ва калон кардани бачаҳои худ аст.

Падарам ба шеърҳои худ назаре дошт, чун ба хониши парандагон. Яъне, дилкашу форам аст, аммо ҳатмӣ нест. Ӯ ба шеърҳояш назаре дошт, чун ба саломи субҳ, шаб ба хайри бегоҳ, табрики идона, изҳори ҳамдардӣ.

Ақидае ҳаст, ки шоирон мардуми андак хаёлианд, ҳар кадом машраби хоси хешро дорад. Аммо падари ман аз рӯи феълу хӯ ва хислатҳои худ марди одии кӯҳистонӣ буд. Ӯ бештар суҳбати оромонаеро, ки ҳозирон ба сухани якдигар ангушт нанихода қиссаву ривоятҳои гуногун мекунанд, меписандид, яъне боз ҳамон насрро дӯст медошт.

Падарам аввалин шеърҳои худро ба Маҳмуди машҳур нишон медиҳад. Шоир шеърҳои падарамро хонда, ҳайрон мемонад ва ба ӯ мегӯяд, ки ман шеърҳоятро нафаҳмидам ва умуман тасаввур наме-

кунам, ки дар бораи гов, трактор, саг ва пайроҳаи Хунзах барин чизҳо чи хел шеър гуфтан мумкин аст.

– Дар бораи чӣ нависам, набошад? – бо тавозӯъ мепурсад падарам.

– Дар бораи ишқ ва фақат ишқ! Қасри ишқ бибояд сохт.

Шеъри Маҳмуд:

*Дар замин бунёд кардам кохи ишқ.*
*Лек мехобам буни деворҳо.*
*Шаҳпул аз эҳсоси ду дил сохтам,*
*Даршикаст он ҳам, ману кӯҳсорҳо.*

Падарам қасри ишқ бино намекард. Ӯ ғами сохтани чунин қасрро ҳам надошт. Боиси ғамхории ӯ, қасри ӯ ва он чӣ ашъорашро ғизо медод, хонаву ҷой, оилаву фарзанд, авулу асп, мамлакату ҷаҳон, замину осмон, офтобу моҳтоб, борон ва сабзаву дарахтон буд.

Вай як шеъри ишқӣ, шеъре бахшида ба маҳбубааш гуфтааст. Вале барои он, ки касе хонда натавонад, ба ҳуруфи арабӣ иншо кардааст. Он шеър фақат барои маҳбубааш ва худаш буд.

Оре, падарам ҳикоятҳои ҳикматомезро дӯст медошт. Бегоҳиҳо ӯ маро ба сари зону шинонда, бо домани пӯстини гарми хушбӯяш пойҳоямро печонида, ҳикояҳо мегуфт. Вай қиссаи онҳоеро, ки ҷилои ватан кардаанд ва онҳоеро, ки дар диёри азизи худ мондаанд, нақл менамуд. Инчунин дар бораи роҳҳо, дарёҳо, шукуфтани гулҳо, ба сари онҳо омада нишастани занбӯрони асал ҳикоят мекард. Тулӯю ғуруби офтобро мегуфт. Дар хусуси урфу одатҳои қадимӣ, дар бораи ибодати пеш аз ҷанг нақл мекард.

Ба осмон як назар афканда мегуфт, ки пагоҳ борон меборад ё ҳаво соф мешавад. Ӯ медонист, ки дар атроф борон бораду дар болои авули Телетл офтоб бошад, дар пуштакӯҳи Хунзах жола задан дорад.

Вай ба ман нақл менамуд, ки як сараки ҷавдор чанд дона дорад ва рангинкамони зебо аз чӣ пайдо мешавад.

Агар аз дур мусофири аз як авул ба авули дигар равандае менамуд, падарам пешакӣ ва муфассал гуфта метавонист, ки он раҳгузар кист, ба кадом кор ба роҳ баромадааст ва дар ҳавлии кӣ шаббош хоҳад шуд...

Эҳ, чаро падарам ҳамаи инро ба ман ҳикоят кард? Менавишт, беҳтар мешуд. Ҳамаи ин насри ӯ, насри шоир Ғамзат Садаса мешуд.

Ҳикоят ва ҳаёт барои ӯ як буд. Фикрро ҳикояту ҳикоятро фикр медонист. Шеърро ба дили беқарори саркаш ташбеҳ медод.

Беҳтар мешуд, агар падарам ҳамаи ҳикоятҳояшро менавишт. Зеро пас аз калон шуданам дарк намудам, ки дар ҷойи аввал маро дил аст. Вақте парандае аз наздам мегузарад, ман андеша намекунам, ки

вай куҷо ва барои чӣ парвоз дорад, мехоҳам ҳангоми парвозаш даст гирам. Падарам ҳарчанд кӯшиш намуда, ҳикояҳои бисёре мегуфт, аммо дар бачагиам ҳамон як аллаи модарро аз ҳамаи ҳикоятҳои падар зиёдтар дӯст медоштам.

Овони бачагиам бо суруд гузашт, давраи наврасиамро низ бо суруд гузаронидам, бо суруд ба воя расидам ва бо суруд мӯйи сарам сафед шуд.

Вале акнун донистам, ки дар куҷое гардам, чӣ суруде хонам, сари шахе будааст ба омадани уқоб интизор, дарахте будааст ба омадану дар бағалаш лона гузоштани парандагон интизор, хонае будааст ба омадану дарашро кӯфтани шахсе интизор, насре будааст ба омадани шоир интизор.

Инак, ман фуромада, ба сари шахе, ки маро интизор аст, менишинам, дарро мекӯбам, то кушоянду маро ба хона роҳ диҳанд. Фаҳмидам, ки ҳамаи дидаву шунидаам ва тамоми андешаву эҳсосотамро ба назм овардан наметавонам.

Медонам, наср суруд нест, ки рост истода ҳам хондан мумкин бошад. Остин бар зада, ба сари миз нишастан, соати зангӯладорро ба вақти бармаҳал дуруст карда мондан ва барои он, ки шаб хоб ғалаба накунад, чойи талх дам карда мондан лозим.

Хайр, агар таҳкурсии иморат дуруст гузошта, хавоза мустаҳкам баста шавад, он тарафи сохтмон рафтан мегирад. Намедонам, чӣ мешавад: ҳикоя, қисса, афсона, ривоят, андеша ё мақолаи одӣ.

Баъзе муҳарриру мунаққидон мегӯянд, ки навиштаи ман на роман аст, на афсона, на қисса, умуман чӣ буданаш номаълум. Муҳарриру мунаққидони дигаре баҳо медиҳанд, ки китоби ман ҳам ин асту ҳам он, ҳам сеюмин, ҳам панҷумин, ҳам даҳумин.

Ман зид нестам. Баъди китобро навиштанам онро чизе, ки меномед, ихтиёратон. Ман аз рӯйи қонуну қоидаҳои китобӣ не, балки бо амри дил асар менависам. Дил ба қонуне итоат надорад. Балки ба қонунҳои худ итоат мекунад, ки он қонунҳо на ба ҳама мувофиқ меоянд.

Дар дил мегӯям: агар ба як дег гӯшт, биринҷ, мева, қаланфур андозам, намаку асал низ ҳамроҳ кунам, оё хӯрок вайрон намешавад? Ё, баръакс, таоми фавқулода лазизе мебарояд? Бигзор онҳое, ки сари дастархон нишаста, аз ин таом мечашанд, баҳо диҳанд.

Ҳикояам, фикру андешаам, афсонаам! Ёд дорам, ки дар айёми бачагӣ ба роҳи бародаронам ё падарам чашм дӯхта, шабҳои дарози зимистон хобам намебурд. Шарфаи по ё хишир-хиширӣ паси дарро шунида, гӯш ба қимор мешудам ва дақиқаҳо гӯё соатҳои дароз мешуданд.

Дар чунин шабҳо бобоям пешам нишаста, оҳиста-оҳиста ҳикоят мекард. Ӯ гоҳ афсона мегуфт, гоҳ суруд мехонд, дам ҳикмате мефармуд, дам алла мегуфт. Қиссаҳояш гоҳ хандаовар буданд, гоҳе

ваҳмангез. Вақту соатро фаромӯш мекардам, ба гӯшам фақат овози бобоям мерасиду ба назарам манзараҳои қиссаҳои ӯ ҷилвагар мешуданд. Падар ё бародаронам, ки омаданд, риштаи ҳикояти бобоям бурида мешуд. Ҳайфам меомад, ки онҳо афсонаи аҷиброро қатъ карданд.

Вақте ки худам калон ва ҷаҳонро давр мезадагӣ шудам, монанди падар ё бародаронам, дар сари вақт ба хонаи худ мешитобидам, ҳар қадар ба хона наздик мешудам, дилам беқарортар мешуд, тез-тез метапид, дараҳоро мешумурдам, дар чунин лаҳза ҳамсафаре ба ҳикояти қисса ё воқеа, афсона ё ҳикмате сар мекард, ман бо шавқи тамом гӯш медодам, аммо ҳикоят тамом нашуда, ба манзил мерасидем ва каме дилам месӯхт, ки қисса нотамом монд.

Падарам мепурсид:

– Ку, гап зан, аз ағба чӣ хел гузаштед, дара чӣ тавр, барф зер накардааст?

Ман на кӯҳро ба ёд доштам, на дараву на барфро. Фақат қиссаи ҳамсафари хушчақчақам ба хотир буд. Ҳикояти ӯ дар назарам кӯҳҳои фарозро ба водиҳои ҳамвор, барфи сардро ба пахтаи гарм табдил медод.

Ҳикояҳоям, андешаҳоям! Оё шумо ҳам шаби дарози зимистонро ба касе, ки интизори хешовандонаш аст, ё роҳи дури зимистонро ба шахсе, ки сӯйи манзили хеш мешитобад, кӯтоҳ кардан метавониста бошед?

Дар ҳар ҷо-ҳар ҷойи ҳикоятҳои камнамаки худ, мисли он ки ба оши бурида кашничу райҳон меандозанд, барои хушбӯю дилкаш гардиданашон якто-дуто мақолу зарбулмасал партофта мемонам.

Духтарони авули Тилух ба ду кунҷи лабони худ холи дурахшон мезананд. Бигзор мақолу зарбулмасалҳои насри ман мисли он холҳои рӯи духтарон бошад.

Чунон ки санги носуфтаро ба девори ҳамвор мечаспонанд, ман ҳам **Ёддошт** ва сатрҳои дафтарчаи хотиротамро ба ҳикоятҳоям мепайвандам. Ҳар хел санг ба девор мувофиқ намеояд. Гоҳе ки чунин сангҳоро ба девори асар чида, ҳикоятамро давом медодам, дар ман ҳиссиёте пайдо мешуд, ки онро одамони диндор медонанд (намоз бурида шуда бошад ҳам, давом мекунад). Дар чунин ҳолатҳо санги номувофиқро аз девор кӯчонида гирифтанам лозим мешуд.

Инак, ман аз шеъру сурудҳои пурталотум ба ҳикояти ором, ба наср мегузарам. Вале ман аз суруд муваққатан ҷудо шуданӣ бошам ҳам, суруд аз ман ҷудо шуданӣ нест. Вай монанди гурбачаи меҳрубон, ҳангоми хобам ба бағалам медарояд, ба мисли шуоъҳои офтоб, ки субҳ аз паси қуллаҳои кӯҳ пош хӯрда мебароянд, баробари кушодани тирезаҳоям, наздам меояд. Вай ҳамроҳи қатраҳои охирин ва бомазатарин шароб дар таҳи ҷом маро интизор аст. Вай дар ҳама ҷо аз қафоям

поида мегардад, чун зане, ки дар ҳаққаш банохост хиёнат кардаанд; поида ба даст меафтонад ва пеши роҳамро гирифта мегӯяд:

– Ту бе шӯхӣ аз ман ҷудо шуданӣ ҳастӣ? Лекин андеша намо, ки бе ман зиндагӣ карда метавонӣ. Ту – нахчирӣ ва ба кӯҳсори серун одат кардаӣ, ту – озодмоҳиӣ ва дар яхоби тез омӯхта шудаӣ. Наход гумон кунӣ, ки кӯли ороми обаш гарм маъқулат мешавад? Хайр, чӣ илоҷ, модом ки аз ман рафтанӣ ҳастӣ, биё ақаллан ҳангоми видоъ каме нишаста, ба ҳам роз бигӯем.

Назм, магар намедонӣ, ки ман ҳеҷ гоҳ аз ту ҷудо шуда наметавонам? Оё аз тамоми шодиву суруре, ки дар дилам пайдо мешавад, аз тамоми ашкҳои ғаму ҳасрат, ки аз дилу дидаам бурун меояд, ҷудо шудан метавонам?

Ту ба духтарчае монандӣ, ки вақти ба дунё омаданат ҳама умедвори писарча буданд. Ту ба духтарчае монандӣ, ки бо таваллуди худ гӯё чунин гуфтанист: «Медонам, ки шумо маро чашмдор набудед ва ҳоло ягон кас аз байни шумо маро дӯст намедорад. Хайр, майлаш, ҳоло нигоҳ карда истед, ман калон шуда, камол ёбам, кокулҳоямро бофта ба тахтапушт партоям ва суруде хонам. Баъд мебинем, ки дар рӯи замин одами ба ман дил намебастагӣ ёфт мешавад ё не».

Назм.

*Меҳнат он аст, ки дар фориғаш осоиш ҳаст,*
*Сафар он аст, пас аз гардише оромиш ҳаст*
*Ту маро ҳам сафарӣ, ҳам дами роҳат ҳастӣ.*

*Сари гаҳвораи ман аллаи модар будӣ,*
*Орзуи шарафу фасли гули тар будӣ.*
*Тавъами ишқ таваллуд шудӣ андар дили ман,*
*Ишқ бо ман ба ҷаҳон омада буд, эй ҳамтан.*
*Бача будам, ба назар бинмудӣ модари ман,*
*Ба дами мӯйсафедӣ ту чу як духтари ман.*
*Меҳрубон гардию пирим гиромӣ дорӣ,*
*Аз ҷаҳон даргузарам, ҳурмати ман медорӣ.*

*Гоҳе андар назарам қуллаи понорас ту,*
*Гоҳ парандаи роми нагмахони дилҷӯ,*
*Ту – пари парвозам,*
*Ту – сипари сарбозам,*
*Назм, ҳар чизи ман астӣ, ба ҷуз орому фароғ,*
*Ғофил аз табъи ту, хизмат кунамат бе ғаму доғ.*

*Охири кор куҷову сари роҳат ба куҷост?*
*Сафарам сӯйи куҷо, ку нафаси айшу сафост?*

*Ту маро ранҷи раҳӣ, ҳам дами роҳат ҳастӣ,*
*Ту маро айшу тараб, зулми асорат ҳастӣ.*

Падарам мегуфт: барои он, ки даҳони одами лаққӣ баста шавад, бояд пири иззатманде ё касе аз меҳмонон сухан гирад. Агар лаққӣ баъди ин ҳам гапфурӯшии хушкухолии худро бас накунад, суруд хондан лозим. Агар суруд ҳам таъсир нарасонад, дар он сурат беибо аз ҷуфти гиребонаш гирифта, аз хона берун кардан мумкин аст. Ҳар он касро, ки бо лаққиданҳои худ сурудро халалдор мекунад, як мушти обдор низ задан ҷоиз аст.

Назм, худат аз дигарон беҳтар медонӣ, ки гапфурӯшиҳо дар ҳаққат туро беҳтар ва баландтар карда наметавонанд. Оё бо гап обрӯи сурудро баланд бардоштан мумкин аст? Оё аз ҷумаки чойник об рехта мавҷи дарёро пурзӯр карда мешавад? Оё бо пуф кардан қувваи бодро афзудан мумкин аст? Оё бо як тӯда барф ҳашамати кӯҳи осмонбӯсро афзудан мумкин аст? Оё бо навъу дӯхти либос ва тарзи мӯйлабмонӣ меҳри модарро нисбат ба писар фузунтар кардан мумкин аст?

Назм, бе ту ман ятим мебудам.

Назм:

*Ҷаҳон бе ту чу ғори тиратобест,*
*Ба ғафлат аз фурӯғи офтобест.*
*Ва ё чун осмони бе ситора,*
*Ва ё чун ишқи бе бӯсу канора.*
*Ҷаҳон чун баҳр буд, аммо на нилоб,*
*Ҷудо аз серунии орамишбоб.*
*Ва ё боғи тиҳӣ аз сабзаю гул,*
*На пайдо булбуле, на савти ғулғул*
*Дарахтон бебару баргу сарозер,*
*На гармою на сармо – як маҳи тир.*
*Банӣ одам – ҳама ваҳшию нодор.*
*Суруд... Асло набуд дар олами хор.*

Аварҳо мегӯянд: «Шоир сад сол пеш аз офариниши олам таваллуд ёфтааст». Онҳо бо ин, зоҳиран, гуфтанӣ ҳастанд, ки агар шоир дар офариниши олам иштирок намедошт, олам инчунин зебо намешуд.

Мо се додару як хоҳар будем. Ҳамшираамон аз ҳамаи мо калон буд. Бар дӯши ӯ, чун бар дӯши ҳар як зани кӯҳистонӣ, меҳнату машаққат ва ғаму ғуссаҳои зиёде афтод.

Падарам ба мо борҳо мегуфт:

– Шумо се нафаред, хоҳаратон якто. Аз ӯ бохабар бошед, ғамхорӣ кунед. Дар рӯи замин аз хоҳар наздиктар ва меҳрубонтар касе надоред.

Ин гап ҳақ аст, хоҳарам шахси аз ҳама азизи ман аст. Вале ман хоҳари дуюм низ дорам ва намедонам, кадоме аз онҳо бароям азизтар аст. Хоҳари дуюмам – назм. Бе он зистан намешавад.

Баъзан ман худ аз худ савол мекунам, ки ҷойи назмро чӣ гирифтан метавонад. Албатта, ман кӯҳсорон, барфу борон, дарёҳои дамон, ахтарон, офтобу моҳ, обу нон ҳам дорам... Вале кӯҳсорону борон, офтобу гулзорон бе назму назм бе онҳо вуҷуд доштан метавонад магар? Назм набошад, кӯҳсорон ба сангтӯдаҳо, борон ба мурдоби дилнокаш, офтоб ба ҷисми гармидиҳандаи осмонӣ табдил хоҳанд ёфт.

Худ аз худ боз савол мекунам: ҷойи назмро чӣ гирифта метавонад? Албатта, кишварҳои дур, хониши булбул, осмон, тапиши дили инсон – ин ҳама вуҷуд доранд. Аммо бе назм ҳеҷ чиз аҳамияту маънии ҳозираи худро намедошт. Ба ҷои мамлакатҳои аҷиби дурдаст мафҳумоти ҷуғрофӣ, ба ҷои укёнус обанбори нодаркор, ба ҷойи хониши мурғон ба ҳам фарёд задани парандагони нару мода, ба ҷойи осмони лоҷвардӣ омехтаи газҳои гуногун, ба ҷойи тапиши дил гардиши хун мебуду бас.

Албатта, лутфу назокат, меҳру муҳаббат, ҳусну малоҳат, диловариву шуҷоат, кинаю адоват, ифтихору сарфарозӣ барин мафҳумот низ ҳастанд. Аммо ҳамаи ин мафҳумотро назм ва назмро онҳо ба вуҷуд овардаанд. Онҳо бе назм ва назм бе онҳо вуҷуд надоранд.

Назмам маро ба вуҷуд меоварад, ман – назмамро. Мо бе якдигар зиндагӣ надорем, зиёда аз ин, умуман вуҷуд надорем. Ман мушаку устухон дорам. Чашми одамӣ дида ва муайян карда наметавонад, ки кадом устухони ман бутуну бақувват, кадомаш шикаставу сипас пайванд шудааст. Аммо шуоъҳои рентген мағз андар мағзи тани маро равшан мекунанд ва ҳар чӣ дар вуҷуди ман ниҳон аст, дар пеши чашми одамон падидор мегардад.

Дилам аз қабурғаву сутунмуҳраю шушам дида, дар ҷойи боз ҳам амиқтару муътамадтаре ниҳон аст. Вале анвори назм вуҷудамро равшан месозанд ва тамоми ҷунбишҳои дили ман ба одамон аён мегардад. Дили ман чун дар рӯи каф, кушодаву сафед аст, анвори сеҳрангези назм онро равшан сохтаанд ва мардум мағз андар мағзи маро мебинанд.

Мошини ҳозираи ҳисоббарорӣ ҳазорҳо симчаву чашмакҳо дорад. Ба он ҳалли барномаҳои мураккабтарини аз рақамҳои зиёде иборатро месупоранд. Қувваи барқ бо симчаву чашмакҳои бешумор ҳаракат мекунад. Ҳамаи протсесҳоро, ки дар ин мошини мураккаб ба амал меояд, ҳеҷ гуна чашм ва майнаи одамӣ дар бар гирифтан наметавонад. Вале баъд рақами муайяне ҳосил мегардад, ки он ҷавоб ва натиҷаи охирини ин протсес аст.

Касе намедонад, ки дар рагу рагчаҳои бешумори вуҷуди ман чӣ таассуроту муҳаббат, чӣ адовату нафрат ҷараён дорад. Вале баъд шеър ба вуҷуд меояд, ки он маҳсули охирин ва олитарини аз таассуроти ҳаёт берун овардаи дили ман аст.

Ман рӯйи заминро бисёр гаштаам. Гоҳ пиёда, гоҳ аспсавор, гоҳе дар ҳавопаймо такя бар пушти курсӣ дода, гӯё пинак мерафтам, боре дар вагон, бори дигар дар автомобили давон мерафтам.

Мардум маро дар пиёдароҳае ё савори аспе дида, шояд мегуфтанд: ана, Расул Ғамзатов. Як худаш меравад, эҳтимол, аз танҳоӣ дилгир бошад. Вале ман ҳеҷ гоҳ танҳо нестам. Хоҳарам – назм доим ҳамроҳи ман. Мо ягон лаҳза аз ҳам ҷудо намешавем. Баъзан ҳатто дар хобам шеър менависам, ё шеърҳои пеш навиштаамро ба хотир меорам, ё шеъри шоирони дигарро аз ёд мехонам.

Пештар ман гумон доштам, ки дар рӯйи замин шоир хеле кам аст. Мумкин, шоирон дар байни одамони дигар дилгир шаванд. Ҳар кас дар зиндагӣ шавқу ҳавасе дорад, яъне он чӣ дар борааш бо рафиқ ё ҳамсоя гуфтугӯ кардан мумкин аст, масалан: кор, зан, хона, маош, рӯзи истироҳат, моҳидорӣ, киноравӣ, беморӣ... Ман гумон доштам, ки шоир, албатта, дар бораи ин ҳама бо одамон суҳбат кардан метавонад, аммо идроки шоирона ва назми ӯро кӣ фаҳмидаву шарик шуда метавонад?

Сонитар фаҳмидам, ки одами ношоир набудааст. Ҳар кас каме табъи шоирӣ доштааст. Чунон ки ошно ба хонаи ошно меҳмон мешавад, шеър ҳам ба дили ҳар кас ҳатман ташриф меовардааст.

Шавқи суруд дар дили халқи мо, чун меҳри фарзанд, табиӣ ва сареҳ аст. Оре, мо ҳама шоирем. Фарқи мо танҳо дар он аст, ки баъзеҳо шеър менависанд, чунки навишта метавонанд. Дигарон низ шеър менависанд, чунки навишта метавонем гуфта мепиндоранд. Гурӯҳи сеюм ҳастанд, ки тамоман шеър наменависанд. Шояд, шоирони ҳақиқӣ ҳамин сеюмиҳо бошанд?

Замоне буд, ки ман шеър наменавиштам. Магар он вақт ман шоир набудам? Магар тапиши дилам сусттару гармии хунам пасттар буд? Магар маро ғаму ғусса камтар азоб медоду шодиву сурур камтар шод мекард? Магар азми донишҷӯйии ман сусттар буд? Магар чашмонам ҳусну зебоии заминро аз ҳозира камтар медиданд? Ҳангоме ки пардаи абрҳои сиёҳ медариду аз кодокашон ситораи калони нилуфариро медидам, магар дилам камтар ба шавқ меомад? Магар шилдирроси оби ҷӯйборон ба гӯшам оҳанги сурудеро намерасонид? Магар аз шунидани садои парвози турнаҳо ва шиҳаи аспҳо дилам беқарор намешуд? Даме ки суруди қадимӣ ва қиссаҳои шуҷоати аҷдодамонро мешунидам, магар ба чашмонам ашк чарх намезад?

Ёдам меояд, дар овони бачагиам аспи ҳамсояро бонӣ мекардам. Мукофот ҳамин буд, ки ҳамсоя бар ивази се рӯзи аспбониам як афсона мегуфт.

Ёдам меояд, ки он вақтҳо ба кӯҳ назди чӯпонҳо мерафтам. Ним рӯз рафту ним рӯз омад буд. Барои он мерафтам, ки як шеър шунавам.

Ноки унсукулӣ бошаду ангури нимринӣ, асали бусринию суруди

аварӣ.

Ёдам меояд, ки вақти синфи дуюм хонданам аз авуламон – Сада баромада, бо пайроҳаи фарозу нишеби кӯҳистон ба авули Бусра, ки бист-километра роҳ буд, рафтам. Он ҷо як пирамард, ошнои падарам, ки шеъру суруд ва ривоятҳои диниро бисёр медонист, зиндагонӣ мекард. Пирамард чор рӯз аз пагоҳ то бегоҳ шеъру суруд мехонду ҳикоят мекард, ман, то метавонистам, гуфтаҳои ӯро навишта мегирифтам. Ду чашми хӯрҷинро пури шеъру суруд карда, хурсандона бармегаштам.

Болои авули Бусра кӯҳест. Вақте ки сари он кӯҳ баромадам, чанд саги калон-калони гиранда аз куҷое пайдо шуда, сӯям ҳамла оваранд. Камаш даҳ-дувоздаҳ саг буд. Онҳо аз рӯйи сабзазор, мисли торпедаҳое, ки аз рӯи мавҷҳо ба девораи сиёҳи киштӣ парида меравад, сӯям метохтанд. Даҳони кушода ва дандонҳои зарди сагҳоро баръало медидам. Агар як дақиқаи дигар мегузашт, онҳо маро пора-пора мекарданд, вале ҳамин дам фарёди чӯпоне ба гӯшам расид:

– Хоб рав! Наҷунб!

Худро ба замин партофта, парӯ хобидам. Аз тарс ақаллан мӯямро намеҷунбонидам, ба фикрам, ҳатто нафас намекашидам. Фақат дилам гурс-гурс мезад ва гумон мекардам, ки садои онро дар атроф мешунаванд. Сагҳо наздам омада, ҳайрон шуда истоданд, худам ва хӯрҷини пур аз шеърамро бӯй кашиданд. Онҳо гумон карданд, ки саҳв шуд ва бо ҳайрат ба якдигар нигоҳ карданду тохта рафтанд; сурати ман дар пеши назарашон буд, бинобар ин мехостанд маро дастгир кунанд. Сагҳо пас аз муддате дар гардиши кӯҳ ғоиб шуданд.

То бо рамаи гӯсфандонаш расида омадани чӯпон, наҷунбида хобидам.

– Ту писари кӣ?

– Ман – Расул, писари Ғамзати садагӣ.

Ман қасдан номи падарамро гирифам, ки чӯпон шунида, шояд ба ман меҳрубонтар шавад ва тарафамро гирад.

– Дар ин кӯҳ чӣ кор мекунӣ?

– Ба Бусра барои шеър рафта будам, ана, дар хӯрҷинам.

Чӯпон шеърҳоро аз хӯрҷин гирифта, варақ зада дид.

– Ту ҳам шоир шуданӣ? Ин хел бошад, чаро аз сагҳо тарсидӣ? Сагҳо чӣ! Дар роҳат сагҳое ҳамла меоваранд, ки гуфтан надорад!.. Онҳо ин сагҳои ман барин шеърро бӯй кашида монда намераванд. Лекин ту натарс, аз ҳеҷ чиз тарсидан даркор нест. Медонӣ, ин кадом кӯҳ аст? Ҳоҷӣ Мурод дар вақташ бадрақаҳоро фиреб дода, аз ин кӯҳ паридааст. Бадрақаҳо ду даст ба бинӣ мондаанду Ҳоҷӣ Мурод наҷот ёфтааст. Дар кишварат ҳатто кӯҳҳо мадад мекунанд.

Пештар гумон доштам, ки ҳиссиёту ҳаяҷони дилам, муҳаббатам ва ҳатто ҷӯшиши хунам – ин ҳама муваққатианд ва зуд гузашта меравад. Инак, мӯйи сарам сафед, фарзандонам калон, китобҳоям куҳна шудаанд, аммо ҳеҷ кадоми ин ҳиссиёт маро тарк намекунад.

Назмам бароям аз ҳама содиқтар баромад.

Акнун ман ба он рӯ меоварам.

Назм, ту маро ҳангоми саёҳатҳои дурам дар рӯйи замин ва дар зиндагӣ танҳо нагузоштӣ, ва ҳоло, ки ба баҳри беканору ҳамвори наср шино кардан мехоҳам, низ танҳо намегузорӣ. Медонам, ки ҳикояро ба қофия даровардан маънӣ надорад. Ҳикояи хуберо ба шеъри сусте мубаддал намудан мумкин. Аммо назм дар ҳикоя, чун намак дар ош аст. Охир, назм намаки тамоми ҳаёти ман аст. Ҳаётам бе назм бенамак ва бемаза мебуд. Дар кӯҳистони мо ҳангоме, ки пеши меҳмон таом мегузоранд, овардани намакдонро низ фаромӯш намекунанд.

Наср дуртар парвоз мекунад, назм баландтар. Наср ба ҳавопаймои калоне шабоҳат дорад, ки кураи заминро оромона давр зада метавонад. Аммо назм, чун ба ҳавопаймои қиркунанда ва қатъкунанда, аз ҷояш тир барин рост ба осмон мебарояд ва дар як мижа задан ба ба ҳавопаймои наср, ҳарчанд он баландпарвоз бошад, расида мегирад.

Дар китобам намудҳои гуногуни адабиро ба ҳам омехта ва ин китобро берун аз ҳудуди Аваристон фиристоданиам. Чаро нафиристам? Шеърҳои мо ба дили хонандагони берун аз ҳудудҳои Доғистон кайҳо роҳ ёфтаанд. Баъзе ҳикояҳо низ роҳномаи сафар гирифтаанд. Аммо драматургияи мо ҳанӯз дар хона нишастааст. Шояд, анкетаҳояшро аз назар мегузаронанд, ё рафтору услуби хубро каме ёд гирифтанаш лозим аст.

Агар ман хаёли драма навиштан мекардам, ҷои воқеаи он тамоми Доғистон, авулҳо, шаҳрҳо, инчунин ҳамаи мамлакатҳо ва тамоми ҷаҳон мешуд. Ороиши он кӯҳсорон, замину осмон, дарёҳои равон, баҳрҳои дамон мешуд. Замони воқеаи он асрҳои гузашта, рӯзҳои ҳозира ва тамоми оянда мешуд, ҳазорҳо солро бо лаҳзаҳо меомехтам. Иштирокчиёни он ҳам худам мешудам, ҳам падарам, ҳам фарзандонам, ҳам дӯстонам, ҳам одамоне, ки кайҳо аз олам чашм пӯшидаанд, ҳам одамоне, ки ҳанӯз ба дунё наомадаанд.

Он драма китоби асосии ман – «Ҷанг ва сулҳ»-и ман, «Дон-Кихот»-и ман, «Мазҳакаи илоҳӣ»-и ман мешуд. Вале ман на фақат ба навиштани драма ҷуръат намекунам, балки ба девори китобиояндаам ҳатто як хишти «драмавӣ» гузоштанро раво намедонам. Драманависиро ба вақти дигар, балки ба нависандагони дигар вомегузорам. Ман ба шеъру наср қаноат мекунам, ба навбат гоҳ аз ину гоҳ аз он менависам. Шеър – аспсавориву наср – пиёдагардӣ. Пиёда бошӣ, дуртар меравӣ. Аспсавор бошӣ, зудтар ба манзил мерасӣ. Гоҳ пиёда мегардам, гоҳе зинсавор. Тавонистаамро ҳикоят мекунам, натавонистаамро месароям. Ҳам ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ дорам, ҳам хиради пирӣ. Бигзор ҷавонӣ бисарояд, хирад ҳикоят бикунад.

Дар вуҷуди ман хислатҳои мухталифе ниҳонанд; ман гоҳ бо

дастмолчаҳои оҳарӣ лабу даҳон пок карда, ангуштаро ба дасти чап гирифта, бовиқорона таом мехӯрам, гоҳе бо ҳамдиёронам рӯи сабза нишаста, дудаста гӯшти гӯсфанд мехӯрам ва аз болояш бӯзаро нӯши ҷон мекунам.

Вақти аз шаҳр ба кӯҳ рафтан ҳамроҳам майи ноб ва меваҷот мебарам. Ҳангоме ки аз назди чӯпонҳои меҳмоннавоз ба шаҳр бармегардам, гӯсфанди бутунро ба рӯйи зин партофта меоям.

Охир, баҳр ҳам гоҳ меҳрубону гоҳ маккор, гоҳ бадхашму гоҳе ғазаббор аст. Монанди ҳамин, дар вуҷуди ман хислатҳои мухталифе ниҳонанд.

Боре дидам, ки дар лаби ҷар ҷавоне ва духтаре дар оғӯши ҳамдигар менишастанд. Фақат тарҳашон менамуду бас, онҳо якдигарро чунон сахт ба оғӯш гирифта ва ба ҳам омехта буданд, ки якеро аз дигаре фарқ кардан номумкин буд.

Айнан монанди ҳамин, дар дили ман ғаму шодӣ, ашку ханда, қуввату заъф ҳаммаконанд.

*... Чарогпоя намешуд бодпоям*
*Ва бесаброна ӯ ҷавзӣ нахоид.*
*Ҳамехандиду дандонаш садафсон.*
*Сари вазнини худро мехамонид.*

*Расидан дошт ёлаш бар сари хок,*
*Будӣ чун гулхани тобон дилафрӯз.*
*Хаёле дар сар омад: аспро бин –*
*Ки чун инсон бихандад шоду фирӯз.*

*Зи ҳисси кунҷковӣ пеш рафтам.*
*Зи наздикаш бубинам то ки ханда,*
*Бидидам: ханда нею гиря дорад,*
*Ба мисли одамӣ, сарро фиканда.*

*Ду чашми ӯ дароз, амсоли баргон,*
*Ба даври он ба чашм ашки сияҳтоб...*
*Агар хандам, азизам, пештар ой,*
*Ба диққат бину вазъамро ту дарёб.*

**Аз дафтарчаи хотирот**. Як марди кӯҳистонӣ аз авули Сиюх дар пояи шах абрҳои сафедро дида, ғарами пашми сафед гумон карда, худро ба рӯи он ҳаво додааст. Абрҳои фаххак ба ғарами пашм ё пахта монанд бошанд ҳам, дар ҳақиқат чунин нестанд.

Китобе, ки маҳз ба хотири намуд иншо ёфтааст, зебо бошад ҳам, ба дили кас таъсире намебахшад.

Фақат намудро ба назар гирифтан мумкин нест. Як моҳидори ум-

рашро дар баҳр гузаронида рӯзе ба беша меафтад ва лонаи мӯрчагонро дида, тухми моҳӣ гумон мекунад. Як кӯҳистонии дар умраш баҳр надида тӯдаи тухми моҳиро дида, лонаи мӯрчагон мепиндорад.

**Боз аз дафтарчаи хотирот**.

*Ҳам тир, ҳам орден сари як сина шитобанд,*
*Ҳам хандаву ҳам ашк ба як рӯй битобанд.*
*Ҳам заҳр ва ҳам шаҳд шавад оби даҳоне,*
*Ҳам кафтару ҳам боз парафшони ҷаҳоне.*
*Ҳам об, ҳам оташ таҳи як абр ситезон,*
*Ҳам ханҷару қомуз ба як мех авезон.*

**Боз аз дафтарчаи хотирот**. Духтараки кӯҳистоние, ки нахустин бор шарбати ишқро чашидааст, саҳаргоҳон аз тиреза нигоҳ карда, хитоб менамояд:

– Ваҳ, чӣ зебост гули ин дарахтон!

– Дарахтони гулкардаро дар куҷо дидӣ? – ҳайрон мешавад модари пираш. – Ин барф аст, ҳоло охири тирамоҳ, зимистон даромадааст.

Хулоса, ҳамон як субҳ дар чашми ду зан ду хел намудааст: ҳам баҳорону ҳам зимистон. Дар вуҷуди як худи ман ин ду чиз: пиру ҷавон, барфистону гулистон, тирамоҳу баҳорон ҷой дорад. Бинобар ин дар китобам гоҳ шеъру гоҳе наср пеш ояд, ҳайрон нашавед.

– Оё ту дар як даст ду тарбузро бардоштанӣ намешавӣ?

– Не, – ҷавоб медиҳам ман, – бардоштанӣ нестам.

Намудҳои гуногунро ба ҳам омехтанам чунин маънӣ надорад, ки ман меваҳои гуногунро пора кардаву меомехта бошам. Ман ин дарахтонро, чун боғбони моҳир, пайванд карда, навъи тозае баровардани ҳастам.

Намедонам, оқибат чӣ ҳосил мешавад. Лекин ҳама кор низ ҳамин тавр аст. Ҳангоми даргиронидани оташ кас оқибати ин корро намедонад. Вале ин маънӣ надорад, ки ҳар дафъа ҳангоми оташдаргиронӣ тарсидан лозим аст. Инак, ман гӯгирд зада, ба навдаи хушк медорам ва бо кафи дастам оташро аз нафаси бод муҳофизат менамоям. Оташ ҷон мегирад. Ман наметарсам, ки ҳоло оташ нимҷон, суст асту вале якбора аланга гирифта, даррандавор хурӯш мекунад ва онро саришта кардан номумкин мегардад. Ман ин чизҳоро андеша накарда, оташ дармегиронам.

Дар шамшери Шомил чунин суханони худи ӯ сабт шудаанд: «Марди шуҷоъ он нест, ки ҳангоми ба корзор даромадан оқибати онро андеша бикунад».

Мегӯянд. Заҳри мор агар дар дасти одами доно бошад, давост. Асал агар ба дасти одами аблаҳ афтад, заҳр аст.

Мегӯянд. Ҳикоят кардан натавонӣ – суруд хон, суруд хондан натавонӣ – ҳикоят бикун.

## САБК

*Ҳофизонро мешиносанд аз наво,*
*Заргаронро – аз нигору нақшҳо.*

*– Ту чӣ ба ман дод мезанӣ?*
*– Ман дод назадаам, тарзи гап заданам ҳамин.*
*Аз гуфтугӯйи зану шавҳар*

*– Шеърҳоят шеърмонанд нестанд,*
*– Тарзи шеърнависиям ҳамин.*
*Аз гуфтугӯйи хонанда ва шоир*

Ба он ҷо, ки калонсолон ба годекани авул ҷамъ омада, байни худ суҳбат мекарданд, мо, бачаҳоро, намемонданд. Баъзан болои харсанге нишаста, аз дур гуфтугӯйи онҳоро тамошо мекардем.

Боре дидем, ки меҳмоне аз авули Анди дар годекан як соати дароз гап заду тамоми ҷамоат суханашро набурида гӯш карданд. Мо байни худ мегуфтем: андигӣ, эҳтимол, хабарҳои аҷибе овардааст, ки ӯро як соат боз бадиққат гӯш мекунанд.

Хона омада, аз падарам пурсидам:

– Меҳмони андигӣ ба шумо чӣ гапҳои нав мегуфт?

– А! Гапҳои имрӯз гуфтаи ӯро садагиҳо бист бор шунидаанд, аммо вай чунон нақл мекунад, ки гӯш накунам гӯйӣ ҳам, гӯш карданат меояд. Қанд занад андигӣ, Худо умрашро дароз кунад!

Боз дар боби услуб. Ҳар як сайд ҳилаву найранг ва тариқи хоси аз сайёд наҷотёбиро дорад. Ҳар як сайёд низ дому фиреб ва тарзу усули хоси дунболагириву дастгирии сайдро дорад.

Айнан мисли ҳамин, ҳар як нависанда услубу сабки худ, тарзу тариқи асарнависии худро дорост.

Вақти шоири ҷавон буданам ба Институти адабиёт хонданӣ рафта, дар вазъияти наве афтодам, ки ба он омӯхта нашуда будам. Маро ҳама сабақ медоданд, худи Маскав, семинарҳо, шоирони маъруф дар семинарҳо, профессорон, шарикдарсҳоям ва дӯстони ҳамхонаам. Аз чор тараф ба сарам сабақ меборид, бинобар ин чанд вақт гаранг шуда, сари калобаамро гум кардам ва бо як услуби нави ғалатие, ки то он вақт дар адабиёти авар вуҷуд надошт, шеърнависиро шурӯъ кардам.

Пинҳон кардан чӣ даркор, ҳамон вақтҳо басе орзу доштам, ки шеърҳоям ба русӣ тарҷума шаванд. Зӯр мезадам, ки шеърҳоям ба

хонандаи рус дастрас шаванд, зеро чунин мепиндоштам, ки услуби нави ман ба хонандаи рус фаҳмо ва наздик аст. Ба оҳанги забони модарии авариам, ба оҳанги шеър тамоман эътибор намедодагӣ шудам. Сохти шеър ва мазмуни урён ба ҷои аввал мебаромадагӣ шуд. Гумон доштам, ки услуби лозимаи шеърнависиро ёд мегирам, вале дар ҳақиқат, чунон ки ҳоло фаҳмидам, ман найранг мекардаам.

Хушбахтона, сари вақт фаҳмидам, ки назм ва найрангбозӣ ба ҳам намесозанд. Вале чӣ будани маро аз худам пештар падари хирадпешаам дарк намуд. Ӯ шеърҳои нави маро хонда, зуд пай бурд, ки ман ба хотири дунба худи гӯсфандро қурбон карданӣ, замини урёни санглохеро, ки дар он ҳазор об монӣ ҳам, ҳеҷ гоҳ чизе намерӯяд, шудгор ва кишт карданӣ, осмон надораму борон пайдо карданӣ.

Падарам ҳамаи инро дарҳол фаҳмид, аммо ӯ одами бамулоҳиза ва пухтакор буд. Боре вақти гапзанон ба ман луқма дод:

– Расул, ман аз ту хавотир, хатат дигар шудан дорад.

– Дада, ман акнун калон шудаам, ба ҳусни хат дар мактаб аҳамият медиҳанд. Аз одами калонсол на фақат чи тарз навиштан, балки чӣ навиштанро ҳам талаб мекунанд.

– Ин гапи ту ба милиса ва котиби Шӯрои қишлоқ, эҳтимол, мувофиқ ояд. Аммо барои шоир тарзи навишт, услуб – нисфи кор аст. Шеър, ҳар кадом фикри бикреро ифода кунад, бояд ҳатман зебо бошад. Умуман зебо не, балки махсусан зебо бошад. Пайдо намудани услуби сабки хос, худро дарк кардани худ – ин аст шоирӣ.

Ту мешитобӣ, аммо дониста бош, ки дарёчаи тезобу пуршитоб ҳеҷ вақт давида то баҳр намерасад, онро дарёи дигари басе ҳамвор ва ором ба худ кашида, фурӯ мебарад.

Парандае, ки лонаашро беором дигар мекунаду ба як ҷо қарор надорад, оқибат бе лона мемонад. Оё аз лонаҳои бегонагонро хуш карда гаштан ба худ лонае сохтан осонтар нест?

Ҳозир, ки синнам аз чил гузаштааст, чил китоби худро варақ зада мебинам, ки ба гандумзорам аз заминҳои бегона гиёҳҳо афтодаанд ва ман тухми онҳоро накоштам. Бигзор ин гиёҳҳо бегона нестанд, бигзор онҳо – ҷаву ҷавдор бошанд, вале дар гандумзори ман бегонаанд.

Дар рамаи худ гӯсфандони бегонаро мебинам. Ин гӯсфандон ҳеҷ вақт ба кӯҳсорон ва ҳавои он омӯхта шуда наметавонанд.

Ман баъзан дар вуҷуди худ хислатҳои дигаронро мебинам. Вале дар ин китоб мехоҳам ҳарчи ҳастам, ҳамон бошам. Хуб ҳастам ё бад, буду шудамро қабул фармоед.

Марди кӯҳистон агар ба тӯй равад, аз одамони пештар ҷамъомада мепурсад:

– Худи шумо кифоя, ё ман ҳам дароям?

Тӯйхӯрон ба меҳмони навомада ҷавоб медиҳанд:

– Даро, агар ту дар ҳақиқат ту бошӣ.

Инак, китоби ман ва бо ин исбот намуданиям, ки ман – манам. Мехоҳам нависанда бошам, на ин ки иҷрокунандаи нақши нависанда. Бинед, ҳунарпеша дар саҳна чӣ хел коняк менӯшад. Ана, маст шуд, забонаш гирифта, сараш ба рӯйи синааш афтод. Аммо даруни он шиша коняк не, чой аст. Одам бо чой маст намешавад. Ба ин гап ҳатто шахсоне, ки дар умрашон мазаи конякро начашидаанд, розӣ хоҳанд шуд.

Агар дар драма нақши шоир бошад, кори аз ҳама душвори драманавис – ба ҷои шоир шеър навиштан аст. Бинобар ин дар спектакл шоир иштирок кунад ҳам, аксаран шеъри худро намехонад. Шоири бе шеър чӣ шоир аст? Ӯ аз ҳайкале, ки дар намоишгоҳи мағоза меистад, чӣ фарқ дорад?

Ман ба шоире, ҳатто ба Умари Хайём, Пушкин, Байрон, набояд шабоҳат дошта бошам.

Баъзан дуздон барзаговро зада мебаранду ё шохашро мешикананд ё думашро мебуранд. Як хел дуздҳо автомобилро мебаранду ба он ранги дигар медиҳанд. Аммо ҳазор фиребу найранг ба кор баранд, дуздӣ дуздӣ асту бас.

Агар хонандагон Расул ҳамчун Расул китоб навиштааст мегуфтанд, бароям хурсандии аз ин зиёд намебуд.

Ман мурғони хушилҳонро аз парандаҳои чириқ-чириққунанда бештар меписандам. Парандаро бештар ҳангоми парвозаш дӯст медорам, на ин ки вақти хоктӯдаро тит карданаш. Киштии шиноварро аз киштие, ки дар бандари танг истодааст, бештар меписандам.

Завраққои сабукборро бинед, чи хел ба ҳар як мавҷ ҷастухез мекунанд. Киштиҳои калони вазнинро бинед, ҳатто вақти тӯфон чи хел устуворона шино мекунанд.

Одамони аблаҳ як қатра шароб нанӯшида, мастҳо барин мағалу ҷанҷол мебардоранд. Одамони оқил паймонаро пур карда нӯшанд ҳам, орому осоишта ва ҳушёрона суҳбат мекунанд.

Китоби Расул, дар байни мардум чунон бош, ки сазовори Расул гӯяндат.

Агар ба хонаи кӯҳистонӣ меҳмони ношиносе ояд, то се рӯз нагузарад, кӣ ва куҷоӣ будани ӯро намепурсанд.

Шумо низ китоби маро, чист, аз куҷо ва аз они кист нагуфта, қабул фармоед. Бигзор худи китоб чӣ будани худро арз намояд.

Ман аз будам на бадтар шудан мехоҳам, на беҳтар. Дар бистсолагиат қуввати бозу надорӣ, нахоҳӣ дошт ва умед ҳам накун. Дар сисолагиат хирад надорӣ, нахоҳӣ дошт ва умед ҳам накун. Дар чилсолагиат пул надорӣ, нахоҳӣ дошт ва умед ҳам накун. Чунин аст зарбулмасали русӣ. Дар кӯҳистони мо ин тавр мегӯянд: одам ки дар чилсолагиаш уқоб нашуд, дигар парвоз кардан наметавонад. Бигзор аробаам ба роҳи худ равад.

Вақте борон аз кӯҳе, ки бар болои деҳаи мост, ҷӯйчаҳои бешуморе ҷорӣ мешаванд, дар поён ҳамаи онҳо як шуда, аз оби борон кӯли

муваққатиеро ташкил медиҳанд. Вале оби он кӯл фақат аз як ҷӯй мебарояд.

Аз кӯҳҳои атроф ба авули мо пайроҳаҳои бисёре мефароянд. Ҳамаи онҳо, монанди ҷӯйчаҳо, ба авули мо омада мерезанд. Вале агар аз авул ба маркази ноҳия, ба шаҳр, ба ҷаҳони васеъ рафтан лозим шавад, фақат як роҳи васеи муқаррарӣ ҳаст.

Намедонам, худро ба чӣ ташбеҳ диҳам – ба роҳ ё дарё. Аммо яқин дорам, ки фикру мулоҳиза, сухану ҳиссиёти бисёр ҳамдиёронам чун дарёчаҳо ё пайроҳаҳои морпечи кӯҳӣ, дар вуҷуди ман омада ҷо гирифтаанд. Пайроҳаи худам, роҳи худам маро аз авул гирифта ба олами назм бурдааст.

Ман ба гӯшаву канорҳои мухталифи рӯи замин ва мамлакатҳои гуногунтарин сафару бо одамони гуногун мулоқот кардаам. Дар маҷлисҳои қабули ботантана ва олимақомонаи президентону шоҳон, сарвазирону вазирони одӣ, сафирон иштирок намудаам. Дар ин гуна маҷлисҳо пойафзол ва сари тоси одамон чӣ ҷило медиҳанд, тавқи гарданҳо чи тарз баста шудаанд, ошхӯракҳо чӣ сап-сафеди оҳарӣ, таъзиму табассумҳо чӣ боадабона, калимоту ҳаракот чӣ бомулоҳизаву эҳтиёткорона! Дар чунин маҷлисҳо артистон ба сарвазирон монанду сарвазирон ба артистон.

Ман дар ин гуна маҷлисҳо ҳеҷ вақт он чӣ ҳастам, ҳамон буда наметавонам. Ман ҳаракате мекунам, ки худ онро намехоҳам, суханҳое мегӯям, ки худ онҳоро гуфтан намехоҳам. Аз байни шукӯҳи чунин маҷлисҳо ногоҳ ба чашмам манзили азизам – Сада ва дар атрофи он хешовандонам менамоянд, ё худро бо дӯстони хушчақчақам дар ҳуҷраи ягон меҳмонхона мебинам. Он гоҳ ба ҷои таомҳои хориҷӣ дилам хинкали сирдор меҷӯяд. Бай-бай, чӣ кайфияте дорад остин барзада, дар лаби оташдон бо дӯстон хинкали сирдор хӯрда нишастан, чунон хинкал, ки равғанаш оринҷшор бошад!

Баъзе китобҳоро хонда, гумон мекунам, ки қаҳрамонҳои онҳо дар маҷлиси қабули сафоратхонаанд. Ҳаракат, рафтор ва гуфтори озодона надоранд.

Китобам, чун меҳмони маҷлиси қабул дар сафоратхона набош. Бигзор туро суханҳое бошанд, ки ба хислати ҳақиқии ту хоссанд, на суханҳое, ки аз рӯйи одоб гуфтан лозим аст.

Ман онҳоеро дидаам, ки дар хонаи худ, дар ҳалқаи оила, зану фарзанд ё дӯстони худ, мисли дигаронанд. Вале ба курсии хизмат нишастан ҳамон сардмуомилаву сангдил ва бадқаҳр мешаванд, гӯё онҳо тамоман шахси дигар бошанд. Бо нав шудани мартаба ва курсии хизмат феълу хӯ, рафтору кирдор ва симои онҳо тағйир меёбад.

Вафодор бош, китобам, чунон ки ман дигар намешавам, ту ҳам хислататро дигар накун. Дӯстон ва дуди оташдонро дӯст дор, на ин ки маҷлисҳои бодабдабаи қабулро; киштзорро дӯст дор, на ин ки консертҳоро, ба садоҳои замин гӯш деҳ, на ин ки ба мағали

маҷлисҳо. Охир, баъзан дар маҷлис як гапро мегӯянду аз маҷлис баромада, гапи дигарро.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Кулоҳи калони Сулаймон Сталский, пӯстини вазнини хушбӯйи баррагин ва чоруқи сабуки ӯро кадом доғистонӣ намедонист! Ба фикрам, мардуми ғайридоғистонӣ ҳам Сулаймонро бе чоруқу бе попох тасаввур намекарданд.

Ба Сулаймон Сталский орден медиҳанд ва Максим Горкий ӯро Гомери асри XX меномад. Сулаймонро ба Маскав даъват мекунанд ва ӯ дар он ҷо бо як вазири доғистонӣ вомехӯрад.

– Ҳай, ҳай, дӯсти азизам Сулаймон, – мегӯяд вазир ба шоир. – Дар Маскав деҳотӣ барин шуда гаштан хуб нест. Ин сару либосро дигар карданат лозим.

Бо супориши ҳукумати Доғистон ба Сулаймон костюми бостон медӯзонанд, барояш туфлии нав, телпаки гӯшакдор, палтои зимистонаи гиребонаш қароқӯлӣ меоранд. Сулаймон ин чизҳоро як-як бодиққат аз назар мегузаронад. Палторо кушода, рост дошта мебинад, як пои туфлиро ба пои дигараш зада месанҷад ва баъд ҳамаашро бо илоҷе печонида, дар ҷомадон ҷо мекунад.

– Ташаккур, чизҳои хуб, нав. Ба писарам Мусаллим бисёр муносиб. Лекин ман ҳамон Сулаймон монданӣ ҳастам. Номамро на ба костюм иваз мекунам, на ба туфлӣ. Чоруқам аз ман меранҷад.

Чунин ихлоси ҳатто ба ҷиҳати зоҳирӣ доштаи Сулаймонро падарам хеле меписандид.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Писарони Сулаймон борҳо кӯшиш намудаанд, ки ба падари худ савод омӯзанд. Сулаймон ҳар бор бо саъйи комил ба кор шурӯъ менамуд, аммо баъди чанде коғазу қаламро як сӯ гузошта, мегуфт:

– Не, намешавад, фарзандонам. Қаламро ба даст гирифтам, шеър аз ман мегурезад, чунки ман шеърро не, чӣ хел доштани ин қалами сабилро андеша мекунам.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Афандӣ Капиев дӯсти Сулаймон Сталский буд. Шеърҳои ӯро ба русӣ тарҷума мекард. Ин дӯстии онҳо боиси бахилии одамони ночиз ва беҳуда мешуд. Онҳо дар пеши назари шоири машҳур обрӯи Капиевро рехтанӣ ва ҳатто бо туҳмат номи ӯро сиёҳ карданӣ мешуданд. Онҳо ба Сулаймон мегуфтанд:

– Ту ба русӣ хонда наметавонӣ, лекин мо медонем, ки Афандӣ Капиев дар вақти тарҷума шеърҳои туро вайрон мекунад. Хоҳад, илова мекунад, хоҳад гирифта мепартояд, бисёр мисраъҳоро худсарона дигар мекунад.

Рӯзе ҳангоми суҳбати оромона Сулаймон аз ин хусус гап кушод.

– Ошно, – гуфт ӯ, – шунидам, ки ту фарзандони маро мезадаӣ.

Афандӣ таги гапро зуд пай бурд.

– Шеърҳои ту фарзанди ту не, Сулаймон. Онҳо – худи ту, Сулаймон Сталский.

– Ин тавр бошад, ман мӯсафедам ва назар ба фарзандҳоям эҳтироми зиёдтареро сазоворам.

– Ба ту кадомаш муҳимтар, Сулаймон, шумораи мисраъҳо ё услуб ва рӯҳи шеър? Масалан, дар пеши мо шароб. Агар бӯяш парад, худаш кам нагардад ҳам, ба шаробе, ки ману ту нӯшида, ҳаловат мебарем, монанд намешавад. Гап дар миқдори шароб не, дар бӯю тамъ ва зӯрии он аст.

– Гапат ҳақ, инаш аз ҳама муҳим.

Дар ҳақиқат, ашъори Сулаймон Сталскийро ба хонандаи рус Капиев дастрас гардонидааст.

**Аз дафтарчаи хотирот**.

– Ба тарҷумаи шеърҳои падарат ҳеҷ калид ёфта наметавонам, – шикоят кард боре ба ман Афандӣ. Ӯ шеърҳои Ғамзат Садасаро низ ба русӣ тарҷума мекард. – Ашъори падарат хосса қуфле дорад. Гумонат, ки ӯ таъриф мекунад, аммо дар амал киноя ва ҳатто тамасхур мекунад. Гумонат, ки ҷанг мекунад, аммо дар ҳақиқат вай таъриф аст. Ман ҳамаи инро мефаҳмам, аммо ҳанӯз ба русӣ ифода кардан наметавонам. Ман услубҳои шоирона ва мазмуни шеърҳои ӯро ифода кардан метавонам, аммо ба ман худи Ғамзати зинда лозим аст, Ғамзате ки мешиносамаш. Ҳамаи онҳое, ки шеърҳои ӯро ба русӣ мехонанд, бояд маҳз чунин будани ӯро бидонанд. Вай ба ҳамаи одамони дигар монанд барин, лекин аз ҳама фарқаш мекунӣ.

Ашъори шоир низ бояд чунин бошад.

**Аз Ёддошт**. Ҳоло маро дар авуламон чун шоир Расул Ғамзатов мешиносанд. Аммо замоне буд, ки чун даҳанялаи бепарвофалак мешинохтанд. Ба коре шуғл мекардаму дар айни ҳол фикрам ба чизи тамоман дигаре банд буд. Бинобар ин куртаро чаппа пӯшида, тугмаи палтоямро нодуруст мегузаронидам ва бо ҳамин аҳвол кӯча мебаромадам. Банди ботинкаамро намебастам ва агар мебастам, чунон суст, ки ҳамон замон кушода мешуд. Он вақтҳо дар ҳаққи ман ин тавр мегуфтанд:

– Чи хел шудааст, ки аз чунин падари озодаю бамаънӣ ин писари телбаи бетартиб рӯидааст? Кадоми онҳо пиру кадомашон ҷавон: он, ки бастани банди пойафзолашро доим фаромӯш мекунад, ё он ки ҳеҷ вақт ҳеҷ чизро фаромӯш намекунад?

– Оре, – ҷавоб медодам ман ба ин муҳокимаронии беҳуда. – Ман ба худ пирии падарамро гирифта, ба ӯ ҷавониамро додаам.

Дар ҳақиқат, падари ман то охири умраш марди озода, чусту чолок, монанди ҷавонон буд. Ӯ зоҳиран ва ботинан ҳамеша батартиб, баинтизом, саҳеҳкор буд. Тамоми аҳли авул медонист, ки падарам дар ҳамон як соати муайян пӯстин пӯшида, болои бом мебарояд. Аз рӯйи ин кори ӯ соат дуруст кардан мумкин буд. Як ҳамавули ҷавонамон аз хизмати ҳарбӣ ба падару модараш навиштааст: «Мо барвақт мехезем. Моро вақти бомбароии Ғамзат бедор мекунад».

Агар касе ба Ғамзат вохӯрданӣ бошад, медонист, ки кадом соат ва кадом дақиқа ба роҳи Хунзах баромада истад. Ғамзат ҳамеша дар соати муайян аз хона баромада ба кор мерафт.

Мардум тамоми хислату одатҳои ӯро медонистанд: медонистанд, ки ӯ аспро аз ҷилаваш то кучо дошта мераваду баъд савор мешавад; куртаи одии сиёҳ, шими галифе, мӯзаи вайро, ки худ дӯхта буд ва ҳар пагоҳ худ тоза мекард, медонистанд. Онҳо камарбанд, риши доим батартибу вале ҳаргиз теғ нарасидаи ӯро медонистанд, попохи вайро, ки ба як тарзи ҷиддӣ пӯшида мегашт, низ медонистанд. Қарокӯлии кулоҳаш чандон ҷингиладор ҳам набуду он қадар пахмоқ ҳам.

Падарам симое дошт, ки ҳар чизе пӯшад, ҳар коре бикунад, ба худаш аҷаб мезебид. Ғамзатро дар сару либоси дигаре ва бо рафтору кирдори дигаре тасаввур намудан душвор буд.

Худи ӯ низ дигаргуниро намеписандид. Агар либосаш куҳна шаваду навашро гирифтан лозим бошад, айнан ҳамон хелашро меҷуст. Агарчанде либоси нав аз рӯи андозаи либоси куҳна, монанди он дӯхта мешуд, падарам рӯзҳои аввал ба либоси нав одат карда наметавонист ва нороҳат мешуд.

Як вақт тасмааш хӯрда шуда, канд. Тасмаи нав харидан ҳеҷ гап набуд, аммо Ғамзат тасмаи кандаро сахт дӯхта, боз чанд муддат баста гашт. Ӯ одами хасис набуд ва пул ҳам дошт, аммо дил намекард, ки аз чизи одатиаш ҷудо шавад. Оқибат тасма боз канда шуд ва падарамро лозим омад тасмаи наве бихарад. Лекин ба тасмаи нав ҳалқаи тасмаи куҳнаро дӯхта баста мегашт.

Кулоҳи худро, гӯё он баррача бошад, ҳамеша сила мекард. Модом ки ба қадри тасмаи куҳнааш ин тарз мерасид, пас, тасаввур намоед, ки попох барояш чӣ қимат дошт!

Тобистони соли 1941, вақти сар шудани ҷанг ҳукумати Доғистон исрор намуд, ки падарам кӯчида аз кӯҳистон ба Махачқалъа фурояд. Баъди кӯҳистони серун шаҳр ба назараш гарм ва дам намуд. Либосе ки ба ҳавои кӯҳистон мувофиқ буд, дар ҳавои гарми шаҳр вазнинӣ кард, хусусан кулоҳ. Падарам шапкаву шляпаҳои гуногунро пӯшида медид, вале он калапӯшҳо симои Ғамзатро якбора чунон тағйир медоданд, ки ӯ қатъи назар аз ташвиқоти мо – фарзандон, онҳоро як сӯ ҳаво медод.

Ҳамин тариқ Ғамзат дар Махачқалъа попох ба даст мегашт. Гоҳ ба сар мепӯшид, гоҳ аз сар мегирифт, аммо ягон дақиқа аз даст намемонд.

Одам ҳатто ба ҷанг барин офат одат мекунад ва зиндагӣ ба ҷараёни худ – бигзор ҷараёни нав, ҷараёни ҷангӣ бошад – медарояд. Падарам боз дам ба дам ба кӯҳистон баромада мерафтагӣ шуд. Ӯ дар он ҷо чӣ озодона нафас мекашид, попохи худро бемалол пӯшида мегашт! Падарам он рӯзҳо ба шахсе монанд буд, ки чанд вақт боз

хумории тамоку асту ё тамоку надорад, ки бикашад, тамокукаширо барояш манъ кардаанд; дар ин вақт якбора имконе пайдо мешавад, ки аз тамокуи баланди хушбӯ печонида, бафурсат ва болаззат оташ гиронад, ҳамчунин чанд қуллоби чуқуре кашад.

Падарам тамокукаш набуд, аммо лаззати эҷодӣ, меҳри кишвари азиз барин шодиву хурсандиҳои бузурги ҳаёт як сӯ истад, ҳатто аз чизҳои майдатарини зиндагӣ, монанди тамокукашӣ, басе лаззат мебурд.

**Аз дафтарчаи хотирот**и падарам. «Агарчи Раҷаб дӯсти ман аст, аз душман ҳам бадтар рафтор кард. Бар зидди ман покуро ба кор андохтааст» – падарам рӯзе дар дафтарчаи худ чунин навиштааст. Воқеа ин тавр шудааст. Соли 1934 падарам ба Маскав, ба Анҷумани якуми нависандагон меравад. Он вақт нависандаи авар Раҷаб Динмагамаев зинда буд. Ӯ падарамро ба ҷону ҳолаш намонда сартарошхона мебарад, ки мӯйсар ва ришу мӯйлабашро андаке ба тартиб орад.

Ё Раҷаб қасдан мефармояд, ё сартарош нафаҳмида риши сапсафеди ягон бор теғ нарасидаи падарамро покиза тарошида мепартояд. Падарам яке бохабар мешавад, ки кор аз кор гузаштааст. Дар оина афти одами тамоман бегона ва ҳатто ношиносро дида, фарёд мезанад, ду даст ба рӯй мекашад ва аз сартарошхона бадар меравад. Дигар ба маҷлисҳои анҷуман ҳам намеравад, аз ғояти хиҷолат ба чашми одамон пайдо шуда наметавонад.

– Ман рӯйи худро дар зиндагӣ дигар карда натавонистааму, – мегуфт баъдҳо падарам, – дар шеър симои худро чи хел тағйир медиҳам?

Падарам чӣ дар зиндагӣ ва чӣ дар эҷодиёти худ карру фар ва муғлаққкориро намеписандид, агарчанде як вақтҳо қариб буд ба рафтори каси бегона одат кунад.

**Ёддошт**. Ба хонаи падарам ба Махачқалъа ҳамавулонамон меҳмонӣ омаданд. Онҳо вақти суҳбат пай бурданд, ки Ғамзат Садаса ҳангоми суханронӣ дар як ҳолати ғайритабиӣ ва ғайриодӣ, яъне бо се ангушт манаҳ дошта менишинад. Яке аз меҳмонон Ғамзатро пурсид:

– Мо пештар бо се ангушт манаҳ дошта нишастани туро намедидем. Ин одатро кай пайдо кардӣ, ба ту чӣ даркор ин кор? Намезебад. Ин одати ту не, Ғамзат.

– Гапат ҳақ, – гуфт падарам. – Тарк кардан лозим. Ҳамааш айби рассом Муҳиддин Ҷамол. Гап дар сари он, ки ӯ се моҳи дароз сурати маро кашид. Се моҳ дар наздаш наҷунбида, бо се ангушт манаҳамро дошта нишастам. Ҳаминро фармуд ва мебоист ба рассом итоат мекардам.

– Душвор буд ин кор?

– Нишастан не, ҳамин ҳолат душвор буд! Баъзан дар назарам чунин менамуд, ки се ангушти каси дигаре манаҳи маро дошта истода-

аст.Се моҳ ҳар рӯз ба ҳамин тарз нишаста, оҳиста-оҳиста одат кардам. Соатҳои дар ин вазъият нишастанам кайҳо ба охир расида, сурат тайёр шуд ва ба девори хона овезон аст, лекин мебинед, ки ман ҳанӯз манаҳамро бо се ангушт дошта менишинам. Баъзан одами дарди дил ҳангоми дард наёфтани дилаш ҳам аз рӯи одат якбора даст бар дил мебарад. Ғам нахӯред, ман илоҷе ёфта, ин одатамро тарк мекунам.

Дар дафтарчаи хотироти падарам қиссаи дандоншинонии ӯ сабт шудааст.

Вақте ки кор наздик меояд, духтур аз Ғамзат мепурсад, ки дандони чӣ хел шинонад: тилло, нуқра ё пӯлод? Ғамзат саросема шуда, чӣ гуфтанашро намедонад ва ба дӯстонаш, ки он ҷо ҳузур доштаанд, имдодталабона менигарад.

– Тилло шинон, – маслиҳат медиҳад як дӯсташ. – Тилло чизи асил аст.

– Пӯлод шинон, – мегӯяд дигаре. – Пӯлод сахт, ҳеҷ вақт хӯрда намешавад.

– Чӣ хел мешавад, – эътироз менамояд Ғамзат. – Агар ман ба авул дандони тилло ё пӯлод шинонида равам, одамон ба ман тарзе менигаранд, ки гӯё дар даҳонам дандон не, фонусҳо даргирифта бошанд. Мардум маро монда, фақат дандонҳоямро тамошо мекунанд. Ҷилои дандонҳо симоямро мепӯшонад. Устухониашро шинонидан мумкин аст, ки касе дандони нав доштани маро пай набарад. Агар ҳамин хел дандони номаълум бошад, ман розӣ.

Духтур хоҳиши Ғамзатро иҷро намуда, дандони садаф мешинонад, ки он ба дандонҳои пештараи ӯ ҳамранг мешавад.

Баъдтар дар назми шоире мисраъҳои бегона ё иқтибосиро дида, падарам мегуфт:

– Дар ин шеър дандонҳо ориятӣ метобанд.

Албатта, бо дандони ориятӣ ҳам себ хӯрдан мумкин, аммо, ба гумонам, себ бо дандони худ газидагӣ барин қарсас ҳам намекунад, ширин ҳам намешавад.

**Ёддошт**. Соли 1947 дар театри Махачқалъа шабнишинии ботантанае барпо гардид: ҳафтодсолагии падари ман, шоир Ғамзат Садасаро ҷашн мегирифтанд. Бисёр нутқҳои табрикӣ гуфта, басе шеърҳо хонда ва туҳфаҳои зиёде бахшида шуданд. Дар охир ба худи соҳибҷашн, ба падарам, сухан доданд. Ғамзат ба минбар баромада, оромона аз кисаи сари синааш як варақ шеъри махсус ба ҷашни мазкур иншокардаашро бароварда ва ҳамчунин оромона ба кисаи дигараш даст андохт...

Ҳамин дам ҳаракатҳои оромонаи падарам якбора ноором шуданд. Гоҳ ба як киса, гоҳ ба кисаи дигараш даст меандохт. Ҳама яқин карданд, ки соҳибҷашн айнакашро дар хона фаромӯш кардааст.

Фавран барои овардани айнак одам фиристоданд. Аммо Ғамзат дар минбар меистод ва илоҷи воқеаро ёфтан лозим буд. Бинобар ин, дӯсти Ғамзат – Абӯтолиб айнаки худро дод, ки он дар назар мувофиқ меомад. Падарам айнаки Абӯтолибро ба чашм гирифта, ба хондан сар кард. Ӯ шеъри худро мехонд, аммо дар овозаш, дар тамоми симояш ноустуворие, беҷуръатие мушоҳида мешуд ва ба назари ҳама чунин мерасид, ки падарам шеъри худро не, балки шеъри каси дигар ва тасодуфан ба дасташ афтодаро мехонад.

Ҳангоме ки падарам ба хондани шеъри дуюм шурӯъ кард, ҷавони ба айнак рафта тозон ба маҷлисгоҳ даромад. Ғамзат айнаки Абӯтолибро гирифта, айнаки худро ба чашм монд ва ҳамон лаҳза қоматаш рост, овозаш устувортар гардид ва тамоми аҳли маҷлис ба падарам кафкӯбӣ кард, гӯё ки Ғамзат Садасаи ҳақиқӣ нав ба минбар баромада, то ҳол дар он ҷо шахсе ба ӯ монанд истода бошад.

– Айнак қариб ҷашнамро вайрон карда буд, – бо табассум гуфт Ғамзат.

– Магар айнаки ман аз айнаки худат бадтар буд? – бо овози баланд пурсид Абӯтолиб.

– Бисёр хуб аст, лекин, ба ҳар ҳол, вай айнаки туст. Ҳар кас худ чашм дорад ва бояд айнак ҳам дошта бошад.

Падари ман чизи аз ҳад равшани чашмхиракунанда ва аз ҳад тираи ба чашм нонамоёнро намеписандид. Ӯ чизи аз ҳад ғализ ва аз ҳад тунук, аз ҳад сард ва аз ҳад гарм, аз ҳад қимат ва аз ҳад арзон, аз ҳад қафомонда ва аз ҳад пешқадамро намеписандид.

Ба вай хунхории гург ҳам маъқул набуду буздилии харгӯш ҳам, ҳукмронии золимона ҳам, итоаткории ғуломона ҳам. Ӯ мегуфт:

– Начандон хушк бош, ки зуд шиканӣ, на чандон тару нарм бош, ки чун латта фишурда, обатро бароранд.

Падари ман аз қабили касоне набуд, ки қатрае борон занад, нам мекашанду боди сабуке вазад, хушк мешаванд. Падарам корманди одие буд, тамоми одат ва хислатҳои халқамонро ба тарзи шоиста дар худ таҷассум мекард.

**Ёддошт**. Рӯзе ману падарам аз Махачқалъа ба авул, ба аёдати як хешамон рафтанӣ шудем. Сардори ҳукумати Доғистон он вақт Абдураҳмон Дониёлов буд. Ба кӯҳистон азми сафар кардани моро шунида, ӯ мошини сиёҳи ҳукуматиро ба ихтиёрамон дод. Мошин, ба фикрам, «ЗИМ» буд.

То даме ки дар кӯчаҳои шаҳр роҳ мепаймудем, табъи падарам равшан буд. Ҳамин ки аз шаҳр баромадем ва аз одамони хару хачир ва аспсавор, инчунин пиёдагард пеш гузаштан гирифтем, падарам дар рӯи нишастгоҳи нарми бароҳати мошин безобита шудан гирифт. Ман ҷавонӣ карда, сарамро аз тирезачаи мошин мебаровардам, то одамон дар чӣ хел мошин савор будани маро бинанд: аммо падарам худро ҳатталимкон даруntар, ҷойи паноҳии мошин мекашид.

Борон меборид. Ба лаби дарёчаи Тоқатлӣ расида дидем, ки як пирамарди аробасавор дар миёни об мондааст. Падарам зуд мошинро нигоҳ доронда, ба об даромад ва ба пирамард ёрӣ кард. Онҳо ҳарду барзаговҳоро чу-чу мегуфтанд, чархҳои аробаро тела медоданд. Пас аз кӯшише чанд ароба ба роҳи ҳамвор баромад. Мо ба роҳи худ давом кардем. Баъди якчанд километр аз пеши роҳ боз дарёчае баромад. Падарам боз мошинро нигоҳ доронда, то расида омадани он пирамарди аробасавор таваққуф намуд.

– Мӯсафед ҳатман ин ҷо дармемонад. Ман аз ин дарёча чи хел карда гузаронидани барзаговҳоро медонам. То омадани мӯсафед истода, ба вай ёрӣ медиҳам.

Дар ҳақиқат, то ин дарёчаи дуюм ғиҷиррос карда расидани ароба нигарон истодем ва падарам барзаговҳоро моҳирона аз об гузаронида монд.

– Вақтҳое ки аз Бӯйноқ ба кӯҳ борҳои гуногун мекашонидам, ман ҳам ба чунин аҳвол чандин маротиба афтодаам, – мегуфт падарам ба мо дар ҳолате ки дастони тарашро ба бари доманаш пок карда, сӯйи мошин бармегашт. Ӯ аз қафои ароба нигариста истода, табассуми ҳузнангезе мекард, гӯё ки тамоми рӯзҳои гузаштаи зиндагиаш ҳамроҳи он ароба мерафта бошад.

Ҳангоми баромадан ба ағбаи Хунзах мошини боркаше ба мошини мо зада гузашт ва чархи мошинамон вайрон шуд. Падарам аз ин ҳол хурсанд шуд магар, ки сӯи авул пойи пиёда қадам зад. Ҳарчанд илтиҷо кардем, ки то шинонидани чархи нав истад, не гуфта, пиёда рафт.

– Ман бо ин хел мошин ҳатто тӯй рафтанро ба худ раво намебинам ва ҳол он ки ба аёдати дӯсти бемор бо чунин карруфар рафтан ҳаргиз намезебад. Не, ман бисёр хурсанд, ки мошин вайрон шуд, пойи пиёда меравам.

Падарам бо пайроҳае, ки аз овони бачагӣ барояш шинос аст, бо пайроҳае, ки он ҳафт пушти мардуми кӯҳистонро ба авули мо расондааст, раҳсипор гардид. Мо чархи мошинро дуруст карда бо роҳи калон рафтем. Мову падарам ба авул баробар расидем.

Баъд дар Махачқалъа Абдураҳмон Дониёлов бо парешонӣ аз падарам қиссаи вайроншавии мошинро пурсид.

Падарам шӯхиомез ҷавоб дод:

– Мошин аз ҳад зиёд нағз буд, агар андак бадтар мебуд, ҳеҷ воқеа рӯй намедод.

**Ёддошт**. Падарам солҳои охири умраш сахт бемор буд. Ӯ барои вохӯрӣ бо интихобкунандагон ба кӯҳсор рафта меомад. Зеро интихоботи Шӯрои Олии Иттиҳоди Шӯравӣ наздик мешуд ва Ғамзат Садасаро номзад пешбарӣ карда буданд. Дар яке аз чунин сафарҳо ба вай нохост дард расид.

То маркази район бо мошин расидем, аммо аз он ҷо то авулҳои

кӯҳӣ аспакӣ рафтан лозим буд. Падарам аспи ором, явошро меписандид. Вай аспро оҳиста ҳай мекард, аксаран аз ҷилаваш дошта этак мекард. Ғамзат бештар ба пиёдагардӣ хуш дошт.

Роҳбарони маҳаллӣ хуб кӯшидаанд ва ба вакили оянда аспи ҷавони шӯхеро овардаанд. Аз онҳо гила кардан нашояд, чунки онҳо некӣ карданӣ буданд ва мепиндоштанд, ки ба чунин меҳмони азиз беҳтарин аспи ноҳияро пешкаш намудан лозим аст.

Пирамарди ҳафтодудусола, мизбонон наранҷанд гӯён овони ҷавонии худро ба ёд оварда, бо як ҷаҳиш аспро савор шуд. Шоири мӯсафед дар ҳалқаи ҷавонони аспсавор имомеро мемонд, ки ноибонаш иҳота кардаанд.

Ҷавонон аспҳои худро қамчин зада, сӯйи авулҳо шитобиданд, то ки омадани Ғамзатро ба мардум пешакӣ хабар диҳанд. Аспи Ғамзат ҳам ба аспҳои дигар таассуб карда юрға бардошт. Пирамард сари аспашро дошта натавонист ва пойгаи сахте бархост. Ғамзат аз бардорузани асп хаста ва дилбеҳузур шуд, аҳволаш то рафт бадтар мегашт ва оқибат аз рӯйи зин парида рафт. Ба Махачқалъа бемор баргашт ва ин дард то дами вопасинаш аз тани ӯ нарафт.

– Шеър ҳам чунин аст, – мегуфт падарам, сулфида-сулфида. – Шоир бояд аспи муқаррарии худро савор шавад, на ин ки саманди бегонаи ноозмударо. Саманди бегона касро аз зин бардошта мепартояд.

Дар бораи падарам ҳикоятҳои зиёде гуфта метавонистам, вале акнун мехоҳам каме дар ҳаққи дӯсташ Абӯтолиб бигӯям. Дирӯз ман аз пагоҳ то бегоҳ ҳамроҳи ӯ будам.

Рӯзе, ки дар суҳбати Абӯтолиб гузашт.

Ба сари шеъре, ки бо сабабе дар вақташ нотамом мондаасту акнун бояд навишта ба охир расонам, нишастани ман хеле душвор. Мардуми кӯҳистон мегӯянд: ғук ба он сабаб бедум мондааст, ки дар вақташ часпонидани онро ба фардо гузоштааст.

Аз пагоҳӣ азм намудам, ки як шеъри дуру дарози ду ҳафта пеш сар кардаамро навишта ба итмом расонам. Кори душворе маро дар пеш буд, бинобар ин ба дояамон Фрося гуфтам:

– Агар касе маро пурсад, бигӯй, ки дар хона нест. Ба ҳар кӣ лозим бошам, пас аз пешин ояд.

Чунин супориш дода, ба болохонаи худ баромадам ва бо хотири ҷамъ ба кор шурӯъ намудам. Вале азбаски садоҳои берун ба гӯшам расида меистод, ғиҷирросзанон кушода шудани дари кӯчаро шунидам. Баъди муддате занги дари хона ҷирингос зад. Ман овози Фросяро нашунидам, лекин садои Абӯтолиб ба гӯшам расид. Курсии нишастаам ҳамон лаҳза гӯё тобаи тафсон ё хори мағелон гардид, ки бетоқат шудам. Ҳеҷ гоҳ нашудааст, ки дар хонаи Ғамзат Садаса, ё ки акнун хонаи Расул Ғамзатов, ба Абӯтолиб ҷавоби рад дода бошанд ва ӯ аз таки дар гашта рафта бошад. Чунин ҳол нашудааст ва

шуданаш ҳам мумкин набуд. Вале ман ин дам ба ҳолати ногуворе афтодам: аз як тараф, ба он роҳ додан мумкин нест, ки Абӯтолиб равад, аз тарафи дигар, Фросяро, ки хоҳиши маро софдилона ба ҷо оварда, ба Абӯтолиб маро «нест, пас аз пешин меояд» гуфт, дурӯғгӯӣ кардан хуб нест.

Ман ба фармони дил амал кардам, на ба илқои хирад. Сар аз тиреза берун оварда, ба дӯсти деринаи падарам хитоб намудам:

– Даро, Абӯтолиб, ман ин ҷо!

– О, Худои карим! Наход, ки писари Ғамзати садағӣ аз қарзхоҳонаш гурехта, пинҳон шуда бошад? – Абӯтолиб инро гуфта, зуд попохашро ба даст гирифту аз бари Фрося гузашта, сӯйи ӯ як теғ кашида нигарист. – Расул, ба ин зан бигӯй, ки вақти омадани Абӯтолиб дари ин даргоҳ худ аз худ кушода мешавад ва Расул он дам албатта дар хона аст. Худат дар хона набошӣ ҳам, ин ҷо барои Абӯтолиб ҳамеша обу ош ва агар лозим шавад, ҷойи хоб ҳам ёфт мешавад.

– Айби Фрося не. Фотима вақти кор рафтанаш ба ӯ фармудааст, ки касе маро пурсад, дар хона нест бигӯяд.

Бечора завҷаам ғами маро мехӯрад.

– Хайрият, ки завҷа дорию ҳамаи гуноҳҳоятро ба гардани ӯ бор мекунӣ. Магар Фотима фаромӯш кардааст, ки имрӯз панҷшанбе, – мегуфт Абӯтолиб, кулоҳи сермӯи таршудаи худро афшонда.

– Рӯзи панҷшанбе чӣ хосият доштааст?

– Рӯзи ҳаммомравии ман аст. Оё ту пай набурдӣ, ки ҳар панҷшанбе ман ҳаммом меравам ва модом, ки ҳаммом дар паҳлуи хонаи туст, чашмдор шуданат мумкин, ки ман назди ту ҳам даромада, фурсате тамоку кашида, чақ-чақ карда мешинам.

– Ба ту ҳаммом чӣ ҳоҷат, Абӯтолиб? Дар хонаат ванна ва ҳатто оби гарм дорӣ.

– Ваннаю душ – як пора нони сиёҳ барин. Ҳаммом зиёфати тӯёна. Ман боғ ва ҷӯйчае дорам, ки он ҳазорҳо сол боз аз ҷониби кӯҳҳо ҷорист. Ман аз ин ҷӯйча ба бехи ҳар дарахти боғ об мемонам. Оё бо кафлесу обпошак ман ҳамаи дарахтони боғро об дода метавонистам? Ҳаммомро ман ба дарёчаи сероби кӯҳӣ ташбеҳ медиҳам, душу ваннаи туро – ба кафлесу обпошак. Не, Расул, ин бозичаҳоро ба шоири бачаҳо Нуриддин Юсуфов вогузор. Мегӯянд, ки вай ҳоло барои бозии зочаҳо намоишнома навишта истодааст. Ин чизҳо барои зочаҳои ӯ айни муддао мешаванд.

– Баъди ҳаммом чой бошад, хуб мешавад, – таклиф кардам ба Абӯтолиб, ҳангоме ки аз роҳрав ба хона ворид шудем.

– Валлоҳ, ки чой ҳам мешавад, биллоҳ, ки дами гарм ҳам – бад нест, таоллоҳ, ки шароб ҳам – зарар надорад. Аммо баъди ҳаммом аз ҳама беҳтараш – арақҷон.

– Дами гарм дорем, лекин шабмонда. Ҳоло барвақт, хӯроки нав

напухтаем.

– Аз шабмондааш сар мекунем, ана-мана нагуфта, наваш ҳам тайёр мешавад.

Фрося дастархон меорост, ман дар ин миён машруботи хориҷии худро таъриф мекардам. Ман аз мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон рому коняк, ҷину виски, калвадосу абсент, вермуту уникуми венгерӣ барин шаробҳои шишаҳошон рангини зебо овардаам. Коняк ҳам бо навъҳои гуногунаш буд: мартини, камю, плиска ва ғайра.

– Дилхоҳатро интихоб кун, Абӯтолиб.

– Ин чизҳои бемаъниятро бардор, Расул. Агар маро зиёфат карданӣ бошӣ, араки сафеди одӣ рехта деҳ. Араки сафед на фақат барои он хуб, ки мо онро медонем, балки аз он ҷиҳат низ хуш аст, ки он ҳам моро медонад. Он чӣ ту ба ман нишон медиҳӣ, шояд, басе хушхӯр бошад, аммо ҳамаи ин шишаҳо аз ҷойи дур омадаанд, ба забони дигари ба ман номафҳуме гап мезананд, ман низ ба забоне ҳарф мезанам, ки онҳо намефаҳманд. Хислату одат, феълу хӯ чӣ мешавад? Не, мо якдигарро тамоман намешиносем. Ин шишаҳо ба меҳмонони ношиносе мемонанд, ки бо онҳо аввал забон ёфта гап задан, шиносо гардидан ва нону намак шудан лозим. Метарсам, ки мо гапи якдигарро фаҳмидан наметавонем. Инҳоро барои дӯстони худат – нависандаҳои маскавӣ гирифта мон. Барои онҳое, ки тамъи хӯроки хонагии модарашон пухтаро фаромӯш кардаанд.

Дар байни шишаҳои машруботи ман ягонто арақ ёфт нашуд. Худро чунин вонамуд кардам, ки ҳозир хеста мағоза меравам. Дар айни ҳол умед доштам, ки Абӯтолиб маро аз роҳ гардонида, мегӯяд: чӣ даркор, берун – борон, шамоли сахт, дар хона ин қадар машрубот ҳаст. Аслан, дар рӯйи миз беҳтарин конякҳои франсавӣ истода, арақ биёр гуфтан, худ нозу нуз кардан аст.

Абӯтолиб дар ҳақиқат маро аз роҳ гардонида, гуфт:

– Не, Расул, маълум, ки ба сарат сафедӣ афтода бошад ҳам, ҳанӯз ҷавонӣ. Ба арақ худат меравӣ? Оё аз ту ҷавонтаре нест? Берун баромада, писарчаи ҳамсояро гап зан, оварда медиҳад. Ман саросема нестам, то баргаштанаш баҳузур мешинам.

Маҷбур шудам гуфти Абӯтолибро бикунам. Ба писарчаи ҳамсоя пул додам, ба мағоза тохта рафт. Дар ин мобайн Абӯтолиб ба атроф назар меафканд.

– Дар хонаат аз кӯҳистон меҳмон наменамояд. Наход ягон кас набошад?

– Имрӯз ҳеҷ кас нест.

– Вақти зиндагии Ғамзат, ки дӯсти ману падари ту аст, дар ин хона ҳамеша меҳмон буд. Меҳмон аз он ҷиҳат хуб аст, ки ҳама вақт тамокуяш ҳамроҳаш.

– Чизи кашиданӣ ҳам дорам, – гӯён аз қуттӣ навъҳои гуногуни

сигору папиросро бароварда мондам.

– Ин найчаҳои суфтаи сафед ба ман намешавад. Ин кашиданиҳои маскавии шумоҳо, ба ман фақат тамокуи баланди ҷойдории худамон маъқул. Халтачаи худамро набарорам, намешудагӣ барин.

Абӯтолиб аз бағал халтачаеро бароварда, таку рӯ карду як кашиданӣ тамоку ёфт ва онро моҳирона печонида, бо забонаш тар карда часпонид.

– Оё чӯбчаҳои суфтаи тамокуи туро бо ин чиз баробар кардан мумкин аст? Папироси худпечонидаи ман симое дорад, ки ба чизи дигаре монанд нест, сигорҳои ту ҳама як себи дукафон барин, нусхаи якдигаранд. Акнун ба ман бигӯ, кадоме бештар кайф дорад – аз қуттӣ сигори тайёрро гирифта кашидан ё чунин папироси аҷибро бо дасти худ печонидан? Охир, ман ҳангоми тамокуро печонидан, ҳанӯз накашида, лаззат мебарам, пас, чаро худро аз чунин кайф маҳрум кунам?

Ман зажигалкаро (фандакро), ба ёдам нест, швейтсарӣ буд ё белгиягӣ, шартӣ даргиронда, доштам, вале Абӯтолиб дасти маро ба ишораи рад як сӯ кард. Аз кисааш чақмоқ, қав ва санги чақмоқро баровард. Қавро ба лаби санг дошта, чақмоқ зад ва оташ баровард. Баъд қавро бод дода, даргиронд ва онро ба нӯки сигораш дошт. Сипас, қави даргиронро ба таки бинии ман оварда дошт.

– Бӯй каш, чӣ хел. Хушбӯй? Гап ҳам дар ҳамин аст. Зажигалкаи ту чӣ бӯй дорад?

Чеҳраи Абӯтолиб лаҳзае дар қабати дуди тамоку нопадид гардид. Баъд дуд андаке парешон шуд ва Абӯтолиб пурсид:

– Расул, ба ман бигӯ, чаро сарат аллакай сафед шудааст?

– Намедонам, Абӯтолиб.

– Масалан, ман медонам, ки чаро сарам сафед аст.

– Гап зан, шунавем.

– Сари ман аз он сафед шудааст, ки то мағоза рафта арақ овардани ин бачаҳои лаънатӣ чашмам канда мешавад. Ҳа, Расул, бачаҳо, то худашон фарзанддор нашаванд, ба қадри падару модар намерасанд. Онҳое, ки худ наменӯшанд, айнан мисли ҳамин, ба қадри нӯшидан намерасанд. Шахсеро ба арақ фиристодан лозим, ки худ ба нӯшидан хуше дошта бошад, он гоҳ муаътал намекунад.

Дар ин асно Фрося дастархон ороcт. Каме дер ҳам бошад, дар миёнаҷойи дастархон як шиша арақ пайдо шуд.

– Уф, – гуфт Абӯтолиб. – Ин ҳам дар байни колхозчиҳои одӣ пайдо шудани раиси Сурхин барин шуд. – Ӯ чунин гуфту шишаи арақро гирифта ҷунбонид, гӯё он тифлаке бошад. – Ҳай-ҳай – ҳай, чӣ шишаи хуб! Писараке, ки инро овард, мумкин аст, одами хуб шавад!

Ҳамин дам чашми Абӯтолиб ба қадаҳчаҳои рӯи миз афтод ва ҷабинаш чин-чин шуд, гӯё ки чизи талхеро фурӯ бурда ва ё дандо-

наш ба дард омада бошад. Ӯ қадаҳчаеро ин тарафу он тараф гардонида, ба дарунаш нигоҳ кард – ба фикрам, мехост таҳсигори худро дар он партояд ва бо ҳамин нафраташро нисбат ба ин чизи ноарзиданӣ ифода намояд.

Шохи калонеро, ки аз гурҷиҳо ба ман тухфа шуда буд, гирифта, ба Абӯтолиб додам.

Шоири куҳансол ин тарафу он тарафи шохро гардонида дид ва ниҳоят чунин баҳо дод:

– Шохи хуб аст, лекин агар нуқракӯб намебуд, боз хубтар менамуд. Ин нуқракӯб камарбанди заррини домод барин. Чӣ лозим? Магар арақ дар шохи нуқракӯб баландтару бомазатар мешавад? Не, Расул, ба ман истакони одии рахдор бидеҳ, ки дастони ман як умр ба ҳамон одат кардаанд. Ман медонам, ки истакон чанд ҷуръа арақ мебарад, ҳангоми нӯшидан кай таваққуф бикунам ва кай давом бидиҳам.

Ман ин хоҳиши Абӯтолибро низ иҷро кардам. Ӯ арақро ба истакон рехт, даруни он як бурда нон партофт ва ба лафзи дарғӣ гуфт:

– Дерҳаб! – Сипас бо як дам бардошт ва нафасашро рост карда, илова намуд: – Калимаи «дерҳаб»-ро ҳамеша пеш аз нӯшидан гуфтан лозим. Албатта, маънидод кардани ин калима душвор аст, шояд, маъное надошта бошад, вале бе ин ҳам маълум нест магар – «дерҳаб»!

Абӯтолиб баъди нӯшидан косаи шӯрборо ба наздаш кашида, гӯшти онро ба табақчае гирифта монд ва ба шӯрбо нон реза кард. Ӯ шӯрборо бафурҷа, баиштиҳо мехӯрд, мазаи ҳар чумча таоми гармро дониста фурӯ мебурд. Гоҳ-гоҳ аз гӯшт порае бурида, ба даҳон меандохт. Яқин дорам, ки агар вай гӯштро ба тарзи дигаре, бо корди худ не, балки бо корди дигаре бурида мехӯрд, гӯшт ба даҳонаш чунин бамаза намерасид.

Шӯрбою гӯштро тамом карда, Абӯтолиб нонрезаҳои рӯи дастархонро ғундошта, ба даҳон партофт. Баъд ҷуръаи дигаре аз арақ нӯшида, буруташро як тофта монд.

– Акнун чой менӯшӣ?

– Акнун чойи ман – боз тамоку. Расул, ба ман бигӯ, папирос аз дигар чизҳо чӣ фарқ дорад?

– Намедонам.

– Ҳар чизеро ки мекашӣ, ёзида дароз мешавад, аммо папирос, баръакс, кӯтоҳ. – Инро гуфту аз муаммои содаи худ завқ карда, хандид.

– Бисёр мекашӣ, Абӯтолиб, ба саломатиат зарар намекунад?

– Мегӯянд, ки баъди таоми серӣ ҳатто Худованд чилим мекашад.

Пас аз кашида шудани тамоку Абӯтолиб ногоҳ пурсид:

– Маҷлиси раёсат кай мешавад?

– Пагоҳ.

– Намедонӣ, аризаи ба Литфонд додаи Зайниддин ин дафъа

баррасӣ мешавад ё не?

– Намедонам, ба ту чӣ?

– Ба ту қиссае мегӯям. Дар овони наврасиам гӯсолабонӣ мекардам. Гӯсолаҳоям явош буданд. Ман дар офтобак ба рӯйи сабза баҳузур дароз кашида мехобидам, гӯсолаҳо дар атроф чарида мегаштанд, ҳама хурсанд буд: ман ҳам, гӯсолаҳо ҳам, соҳиби гӯсолаҳо ҳам. Сонӣ ҳодисае рӯй дод – як гӯсолаи чолок роҳи ғаллазорро дида монд. Аз паси он гӯсолаҳои дигар ҳам одат карданд. Зиндагии оромонаи ман бо ҳамин тамом шуд. Гӯсолаҳоро натавонистам, ки тарки одати ғаллазор кунанд ва маҷбур шудам аз пешашон як қадам дур наравам. Литфонд ҳам барои шоирони мо чунин шуд. То бӯи Литфондро фаҳмидан оромона зиндагӣ мекарданд, китоб навишта мегаштанд. Намедонам кадоме аз онҳо аввал бӯйи онро фаҳмид, лекин ҳоло ҳамаашон, ба ғаллазор давидани гӯсолаҳои ман барин ба Литфонд одат кардаанд. Онҳо бештар ғами Литфондро мехӯранд, на ғами шеърро. Пагоҳӣ аз хоб хеста, шеър не, балки ҳар хел аризаҳои ёрипулӣ менависанд. Ман ҳам як ариза навиштанӣ, шумо онро дар раёсат баррасӣ бикунед.

– Дар бораи чӣ, Абӯтолиб, чӣ эҳтиёҷ дорӣ?

– Ту медонӣ, ки бадани маро ҳанӯз ягон духтур надидааст. Лекин акнун ният кардам, ки ба санатория як роҳхат гирам.

– Бо дили пур гуфта метавонӣ, ки роҳхат дар кисаат. Аммо аз Иттифоқи нависандагон дида, ба Шӯрои Олии Доғистон муроҷиат карданат беҳтар нест? Охир, ту узви Президиуми Шӯрои Олӣ. Санаторияи ҳукуматӣ аз санаторияи нависандаҳо беҳтар аст.

Абӯтолиб сар ҷунбонида, забонашро «чуқ-чуқ» кунонид. Ин «чуқ-чуқ»-и ӯ маъниҳои гуногунро ифода карданаш мумкин буд – ҳам хурсандӣ, ҳам хафагӣ, ҳам таҳайюр, ҳам мисли ҳозира, норозигиро.

– Не, Расул, аввал ин, ки маро ба Шӯрои Олӣ мувaққатан интихоб кардаанд, нависандагии ман якумрист. Дуюм ин, ки дар ин санатория ҳам, дар ваяш ҳам камбудӣ ёфт мешавад. Акнун бигӯ, кадоми шуморо сарзаниш карданам мувофиқтар аст – тую Ҳаппалаевро ё худи Шӯрои Олиро?

– Ин тавр бошад, ариза навис, пагоҳ дида мебароем.

– Аризаро ба ман Мирзо навишта медиҳад, худам ҳеҷ гоҳ нанавиштаам, лекин шумо роҳхатро тайёр карда монед, – гӯён Абӯтолиб аз ҷо бархост ва омодаи рафтан шуд.

– Акнун куҷо меравӣ, Абӯтолиб?

– Ба нашриёт рафтанӣ ҳастам. Мегӯянд, ки китоби нави ман баромадааст. Рафта дидан лозим, ки писарак баромадааст ё духтарак.

– Бегоҳӣ ба Институти омӯзгорӣ биё. Вохӯрии нависандагону донишҷӯён мешавад.

– Хуб, меоям. Сурнайро ҳам гирифта барам?

– Оббо, Абӯтолибе, ту охир, сурнайчӣ нестӣ, шоирӣ. Маҷмӯаи

шеърҳоятро гирифта ой, беҳтар мешавад.

– Мебинем, – гуфта рафт Абӯтолиб.

Шаби назм дар Институти омӯзгории занон соати ҳафти бегоҳӣ таъйин шуда буд. Шоирони Доғистони сермиллат ҷамъ омаданд. Соат расо ҳафт. Ман ба атроф чашм давондам, ки Абӯтолиб наменамояд. Маҷбур шудем шабнишиниро бе ӯ оғоз бикунем. Шоирон пайи ҳам ба минбар баромада, ҳар кадом ба забоне шеър мехонд: яке бо лакӣ, дигаре ба қумиқӣ, сеюмӣ ба лазгӣ, чаҳорумӣ ба аварӣ. Ҳангоме ки як шоири ҷавон достони худро мехонд, кафкӯбии беҷое шуд. Маълум гардид, ки аз паси саҳна Абӯтолиб Ғафуров баромада омадааст ва духтарон ба ӯ кафкӯбӣ кардаанд.

Баъди шунидани суханронии ду шоири дигар ман ба Абӯтолиб ишора намудам, ки ба сухан гуфтан тайёр шавад. Абӯтолиб зуд ба чеҳраи худ пардаи ҷиддият кашида, гӯё дар ҳангоми суратгирӣ нишаста бошад, қоматашро рост карда, буруташро тофтан гирифт. Бо ҳамин кораш шоири пир ба ман гуфтан мехост, ки: «Чунон ки мебинӣ, тайёрӣ мебинам».

Абӯтолиб баромада, бо духтарон каме ба забони русӣ, каме ба аварӣ, қадре ба лакӣ гуфтугӯ кард, зеро ӯ ҳамаи забонҳои Доғистонро каму беш медонист. Ба забони лакӣ ду шеър хонд.

Вале ин қисми сухани худро ӯ чун кори пешакӣ, чун сарсухан саросема анҷом медод, гӯё барои сухани асосӣ вақтро сарфа менамуд. Абӯтолиб бо ишораи даст садои кафкӯбиро фурӯ нишонда, аз аҳли маҷлис пурсид:

– Мехоҳед сурнай навохта диҳам?

– Мехоҳем, мехоҳем, навозед! – Фарёд заданд духтарон.

Абӯтолиб наю сурнаяшро аз паси саҳна гирифта омада, гоҳ ину гоҳ онро оҳиста-оҳиста навохтан гирифт. Вале ҳама медонистанд, ки ин фақат тайёрӣ, ҷӯр кардани сурнай, санҷиши овоз аст. Ба дурустии асбоб эътимод пайдо карда, Абӯтолиб ногоҳ аз рӯи миз истакони пуробро гирифта, даруни сурнай рехт.

– Пеш аз он ки худат об хӯрӣ, аввал аспатро об деҳ, – мегӯянд мардуми кӯҳистон. – Пеш аз он ки худат об хӯрӣ, сурнаятро об деҳ, мегӯянд сурнайчиёни кӯҳистон.

Абӯтолиб ба сурнайнавозӣ оғоз намуд. Садои сурнайи ӯ торафт баланд мешуд ва худ баробари оҳанги сурнай гоҳ ба росту гоҳ ба чап алвонҷ мехӯрд. Дар ҳузури духтарони бисёр Абӯтолиб хушнуд буд. Шояд он шаб садои сурнайи Абӯтолиб ба тамоми Махачқалъа паҳн шуда бошад.

Абӯтолиб ба ҷойи худ дар раёсати маҷлис омада нишасту содадилона аз ман пурсид:

– Чӣ тавр навохтам, нағз ё не?

– Нағз.

– Набошад, чаро базӯр чапак задӣ? Ҳозир аз нав чапак зан.

Ба ин суханони Абӯтолиб тамоми ҳозирон хандиданд.

Ба ман, ки садри шабнишинӣ будам, ҳамчун сурнайчӣ ҳунарнамоӣ кардани Абӯтолиб барин шоири маъруф дар ҳақиқат чандон маъқул нашуд. Ин ҳам мисли он шуд, ки фаразан, шоири рус Есенин ба ҷои шеърхонӣ саҳна баромада, рақсад. Есенин, ҳамоно, рақсида метавонист. Лекин ҳар кор вақт дорад. Зоҳиран, ман дар раёсат абру чин карда нишастам ва кам кафкӯбӣ кардам, ки боиси луқмаи ҳамаро ба ханда овардаи Абӯтолиб гардидам.

Мо дар мушоиати дастаи духтарон аз зинапояи васеъ қадам зада, ҷойи либосовезӣ фуромадем. Ман палтои худро пӯшида, ба оина нигоҳ кардам. Он солҳо палтои китфаш болиштакдор расм буд. Ман чунин палто доштам. Абӯтолиб палтои маро дида, сар ҷунбонид:

– Пештар китфи одам аз равғани дунба, яъне аз таоми бақуввати равғанин васеъ мешуд, акнун – аз пахта. Пештар сурудро ба оҳанги қомуз ҷӯр карда мехонданд, акнун – аз рӯи коғаз. Ҷаҳон хеле тағйир ёфт. Ин тағйирот ба ман маъқул нест.

– Чаро дер омадӣ, Абӯтолиб?

– Ман тайёр шуда, акнун аз хона баромаданӣ будам, ки нохост аз театри авар як ҳунарпеша давида омад.

– Ба театри авар ту чӣ лозим шудаӣ?

– Медонӣ, дар намоишашон саҳнаи тӯй будааст. Ҳозир ягон намоиш бе тӯй намешавад. Сурнайнавозашон касал шудааст. Бе сурнайнавоз чӣ хел тӯй мешавад? Барои ҳамин маро ҷеғ задаанд, ки сурнай навозам. Фақат даҳ дақиқа. Лекин то ба театр расидем, то тӯй сар шуд, ки вақт ҳам гузашт. Ман ба онҳо ду оҳанге навохтам, ки тамошобинон намоишро фаромӯш карда, гӯшу ҳушашон фақат ба ман шуд. Агар тамоми шаб сурнай менавохтам, онҳо гӯш карда менишастанд.

– Агар ман ба ҷойи шоири машҳур ва узви Президиуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Абӯтолиб Ғафуров мешудам, рафта, сурнайнавозӣ намекардам.

– Абӯтолиб чӣ кор кардану накарданашро аз ту хубтар медонад.

– Ба нашриёт рафтӣ, китобат чӣ шудааст?

– Худоро шукр, китоб чоп шудааст. Худоро шукр, чор-панҷ сӯм пул гирифтам. Худоро шукр, қарзҳоямро адо кардам. Худоро шукр, як қоғаз ҳам харидам.

– Магарич (ширинкома) медиҳӣ?

– Ба кӣ?

– Ба муҳаррир, рассом, муҳосиб. Ба ҳамаи онҳое, ки дар нашри китоб иштирок кардаанд.

– Магарич ба муҳаррир? – Абӯтолиб аз ғояти қаҳр ҳатто дар ҷояш бозистод. – Ба вай магарич не, могороч додан даркор!

«Могороч» ба аварӣ як навъ маънои «дасту пояшро баста, калтаккорӣ кардан»-ро дорад. Абӯтолиб аз ин суханбозии ёфтаи худ

хеле хандид ва баъд гапашро давом дод:

– Ба ман нигар, Расул, шунидам, ки доғистониҳои писар хатна мекардагиро қариб, ки аз кор мебаровардаанд, ҳатто аз сафи ҳизб ҳам. Чаро муҳарриронеро, ки шеърҳои маро аз қаду бар зада, расво мекунанд, аз кор намебароранд? Китоби таҳрирхӯрдаро дидан ҳамон, ба ту гуфта метавонам, ки муҳаррир аз кадом авул аст. Мо, лакҳо, дар ҳар авул шеваи хосе дорем. Барои ҳамин муҳаррир кӯшиш мекунад, ки забони маро ба забони авули худ мувофиқ гардонад, – Абӯтолиб инро гуфта, баногоҳ хомӯш шуд ва лаб ба табассум кушод. – Аммо зане, ки шартнома имзо мекунонад, одами хуб аст. Бисёр хуб. Ман ба вай миннатдории зиёде изҳор кардам.

– Боз чиҳо гуфтӣ? Ё ягон чиз туҳфа кардӣ?

– Ман ба ӯ гуфтам, ки агар зарфи кухнаи шикоф ё шикастае дошта бошад, биёрад, соз карда, қалъагӣ рехта медиҳам, нав барин мешавад.

Ба театри авар рафта сурнайнавозӣ кардани Абӯтолиб ба ман маъқул нашуд. Акнун ин кораш аз вай ҳам зиёдтар буд. Бинобар ин, дар таки девор як тӯда мискуҳнаро дида, қасдан аз мӯйсафед пурсидам?

– Агар пештар, вақтҳои сафедгариат мебуд, ба фикрам, ин тунукакуҳнаҳо ин ҷо намехобиданд. Ту онҳоро ғундошта мебурдӣ?

– Не, ин кор ба ман муяссар намегардид, Расул, – ҳалимона ҷавоб дод Абӯтолиб. – Аз ман чолоктарҳо ёфт мешуданд.

Шахсе дермонда ба мо рӯ ба рӯ омад. Абӯтолиб, бе он ки андеша бикунад, он мардро аз роҳаш боздошта, тамокую гӯгирд талабид ва сигор печонида кашид.

Чӣ ҷойи гап, рафтори Абӯтолиб ба ман намефорид. Шоири халқии Доғистон, шахси дар тамоми кишвараш машҳур, узви ҳукумат бошаду гоҳ ба саҳна баромада, сурнай навозад, гоҳ ба котибаи нашриёт зарфҳоятро соз карда медиҳам гӯяд, гоҳе шабона дар кӯчаи Махачқалъа аз раҳгузари ношиносе тамоку талабад. Ҳамин ҳам гап шуд?

Ин корҳои ӯ маъқул набуд, лекин изҳор накардам. Метарсидам, ки мабодо ранҷад. Ба ҷойи ин гуфтам:

– Ту акнун пир шудаӣ, Абӯтолиб. Барои тансиҳатиат папиросро партой, намешавад?

– Ана, халос, имрӯз папиросро парто, пагоҳ сафедгариро, пасфардо сурнайнавозиро. Он гоҳ шеърнависиро ҳам, хоҳу нохоҳ, мепартой. Худи шеър туро тарк мегӯяд. Шеър ҳамон Абӯтолиби сафедгару папироскашу сурнайнавозро мешиносад ва меписандад. Агар ман Абӯтолиб набошам, шеърҳоям маро ба сарашон мезананд? Ман Абӯтолиб Ғафуров ҳастам, на Расул Ғамзатов, ки папирос кашидан намехоҳад, сафедгариро наметавонад, лекин аз уҳдаи роҳбарии Иттифоқи нависандагон мебарояд. Ман Юсуф Ҳаппалаев,

Нуриддин Юсуфов, Максим Горкий ва ҳатто Зошенко ҳам нестам...

(Он вақтҳо Зошенкоро танқид мекарданд, аз ҳамин сабаб номаш ба ёди Абӯтолиб монда буд).

– Нахчирро ба ҷуз кӯҳсор паноҳ ку? Куҷо равад дарё ба ҷуз тангно? Ту ба сари ман кулоҳи бегонаро напӯшон. Чӣ ин қадар ба гузаштаи ман мечақӣ? Ҳо, ман дар гузашта сурнайнавоз, чӯпон, сафедгар будам. Магар ман аз гузаштаи худ ор мекунам? Охир, он вақт ҳам ман Абӯтолиб будам. Расул, ҳозир ман ба ту як гап мезанам, инро ба гӯшат ҳалқа карда гир: агар ту ба гузашта аз тапонча тир андозӣ, оянда ба ту аз тӯп тир хоҳад парронд. Ман зан сар додам, занҳоям низ маро монда рафтаанд. Лекин ҳунар аз ману ман аз ҳунар дил кандан наметавонем.

Оре, ин ҳамон шоири пир, дӯсти падарам Абӯтолиб буд! Ӯ чунин буд ва чунин боядаш шинохт. Агар вай дигар мешуд, на Абӯтолиб мебуду на шоир.

Боз қиссаеро ҳикоят мекунам, ки он сазовори гуфтан аст.

Хонаи нави Абӯтолиб. Маро нав раиси правленияи Иттифоқи нависандагони Доғистон интихоб карда буданд. Кас дар ин вазифа аз уҳдадорӣ дида бештар ҳуқуқро соҳиб аст ва агар худ барои худ шуғле пайдо накунад, кори асосӣ, яъне шеърнависиашро давом дода гаштанаш мумкин. Ман он вақт ҷавони пурғайрате будам, аз ин рӯ, дар пайи ташаббускорӣ афтодам. Ба худ мувофиқи вазифаи навам, кору бори гуногун ҷустан гирифтам.

Ба фикрам, одам пойдории иморати худро санҷиданӣ бошад, аввало болор, сутун ва муттакоҳои хонаашро аз назар мегузаронад. Ман ба атроф назар карда дидам, ки чор аркони Иттифоқи нависандагони Доғистон ин чор нафар шоири халқии чор миллати Доғистонанд. Лазгӣ Тоҳири Хрюгӣ, қумиқ Алӣ Қозиев, авар Зоҳид Ҳоҷиев ва лак Абӯтолиб Ғафуров. Чун инро дарк намудам, тадбире андешидам. Ба фикре омадам, ки агар ин пирони рӯзгордида бо ҳукумати Доғистон мулоқот бикунанд, кори хубе мешавад. Шоирон ба ҳукумат аз эҳтиёҷоти худ арз мекунанд, ҳукумат ба шоирон мулоҳизаву хоҳишҳои худро изҳор менамояд.

Инак, мо дар суҳбати котиби ҳизби вилоят Абдураҳмон Дониёлов. Суҳбатамон озодона, самимӣ, дар сари як пиёла чой аст. Шоирони ман аз хурсандӣ сарҳошон ба осмон расида, раиси нави иттифоқамон Расул Ғамзатов чӣ одами хубест, гӯён бо як овоз таъриф мекунанд. Рафиқ Дониёловро ҳузури шоирони халқӣ хуш аст ва дар дил Расулро таъриф мекунад, вале ман ҳамаи ин гапҳоро шунидаву худро ба нодонӣ зада нишастаам.

Дар бораи Доғистон, аз зиндагӣ, шеъру шоирӣ сухан меронем. Ниҳоят, котиби ҳизби вилоят гуфт, ки ҳар шоир ягон хоҳиши худро бигӯяд. Аввал Тоҳири Хрюгӣ сар кард:

– Ба ман бисёр алам мекунад, рафиқ Дониёлов. Ҳамин ки хунукӣ

афтод, дар кӯтанҳо гӯсфандон нобуд мешаванд. Магар тобистон ба он ҷоҳо одамони бисёреро фиристодан мумкин нест, ки барои зимистон хӯроки чорво тайёр кунанд?

Рафиқ Дониёлов гуфтаҳои шоирро навишта гирифт ва пурсид:

– Дигар илтимос нест?

– Илоҷаш нест, ки ба колхози мо, деҳаи Хрюг, як автомашина дода шавад?

Сухан ба Қозиев Алӣ гузашт. Қозиев даҳонашро кушода ба ҳамаи мо ва аз ҷумла ба котиб дандонҳои пири дардманди худро нишон дод.

– Оё мумкин нест, ки ба ман дандонҳои нави хубе шинонанд, охир, чизеро хоида наметавонам. Ба одами бедандон сурудхонӣ ҳам намешавад. Вақти шеърхонӣ шаф-шаф гуфта гап мезанад кас.

Қозиев инро гуфту худи ҳамон дам дар амал исбот намуд, ки бе дандон ин кор душвор аст. Ӯ шеъри ба раиси комиҷроияи шаҳри Хасавюрт бахшидаи худро хонд. Мазмуни шеър ин буд, ки шоири пир барои гарм кардани хонаи худ аз раис ангишт мепурсид.

– Хайр, баъд чӣ шуд, ангишт доданд? – пурсид Дониёлов.

– Кор порсол ин тараф кашол аст.

Котиб боз дар коғаз қайд кард, ва мо ба шунидани арзи Зоҳид Ҳоҷиев омода шудем.

– Ҷавонон дар консерт ба ҷойи сурудхонӣ фарёд мекашанд. Бо фарёду шавқуни худ сурудҳои хуби халқиро вайрон мекунанд. Аммо сурудҳои нав ҳамин хеланд, ки ҳофизон онҳоро беихтиёр фарёд зада мехонанд. Пеши инро гирифтан даркор. Аз радио сурудҳои ишқиро аз ҳад зиёд мехонанд. Баъзеҳо ҳатто дар васфи ҳуру ғилмон сурудҳо мегӯянд. Рафиқ Дониёлов, ба онҳо бигӯед, ки ҳуру ғилмонро не, балки пешқадамони хоҷагии қишлоқро васф кунанд.

Ҳоҷиев суханашро ба итмом расонида сӯйи ман тоб хӯрд ва оҳиста гуфт:

– Ғайр аз ин, дина Шоҳтамонов ва Сулаймонов дар ресторан вино нӯшидаанд. Ба нависандагон шаробнӯширо манъ кардан лозим. Ман дар ин хусус ба наздат алоҳида медароям.

Навбат ба Абӯтолиб расид.

– Азизам Абдураҳмон, – рӯ овард Абӯтолиб ба котиби якум. – Завҷаи охирини ман бароям писаре таваллуд кард.

– «Завҷаи охирин» гуфтанатон чӣ маъно дорад?

– Ман бисёр зан гирифтаам. Охир, чӣ кор кунам – сурати ман дар рӯзномаҳо чоп мешавад, дар бораи ман радио гап мезанад, маро бо овози баланд Шоири халқии Доғистон, вакил, ордендор мегӯянд. Занҳои зудбовар ба ин дом афтода, фиреб мехӯранд, онҳо гумон мекунанд, ки чунин шахси машҳур қаср дорад, сандуқ-сандуқ молу варақ-варақ пул дорад. Бо ҳамин ақида ба ман мерасанд. Баъд мебинанд, ки Абӯтолиби бечора дар таҳхона истиқомат мекунад. Ин

ҷо ба онҳо намефорад ва маро партофта медаванд. Ана, барои ҳамин ман якчанд бор зан гирифтаам. Ҳо, азизам Абдураҳмон, сурудҳои ман мисли кокулиҳо пару бол кушода, ба осмонҳо парвоз мекунанд, вале ман ҳамон дар таҳхонаам. Ман дар ин таҳхонаи фарсуда сурудҳои дилнишин офарида, ба фазои зиндагӣ парвоз медиҳам. Ана, акнун зани навам, ки бароям писар таваллуд кардааст, «агар хонаи нави хубе нагирӣ, баромада меравам» гӯён таҳдид мекунад. Вай гуфтаашро мекунад, тифлро мебардораду меравад... Ҳой, Абдураҳмон, вай ҳанӯз нарафта, дилам месӯзад, хонаи маро вайрон накун, манзиле бидеҳ, ки ба оташдонаш дегамро овезам. Синнам аз ҳафтод гузашт, аробаи ман акнун боло не, поён, ба нишебӣ фуромадан дорад. Ғайр аз ин, агар ба ман хона диҳӣ, туро ба меҳмонӣ таклиф мекунам.

Аз миён як ҳафта нагузашта, Абӯтолиб ордери хонаро гирифт. Худо ҳофиз, таҳхонаи хуррамибахш! Абӯтолиби мо ба манзили сехонагӣ ба ошёнаи сеюми бинои наве, ки дар кӯчаи Пушкин воқеъ гаштааст, кӯчид.

Рӯзе Абӯтолибро дар кӯча дидам. Маро дида, худро чунин вонамуд сохт, ки гӯё дар оҳантӯда чизе меҷуста бошад.

– Ассалому алайкум, Абӯтолиб, дар манзили нав зиндагӣ чи тавр, хона маъқул аст?

– Ҳа, чанд рӯз боз зангӯла меҷӯям, ки ба таки дари хонаамон овезаму бо садои он ту, Ғамзати садагиро, ба меҳмонӣ хонам. Тирезаамро сӯйи баҳр се маротиба кушода, сурнай навохтам, ки шояд, овозашро шунида биёӣ.

Аммо кор бе зангӯлаи калон намешудагӣ барин. Равам, ҷустуҷӯ бикунам.

Ҳамон лаҳза ба дидани манзили нави Абӯтолиб равона гардидем. Манзили нави ӯ аз чор девор иборат буду халос. Дар рӯи хона лоқупари аз таҳхона овардааш мехобид, аз ҷумла: сурнайи куҳна, қомуз, дами куҳнаи оҳангарӣ (Худо медонад, дар ин ҷо ба вай ин чиз чӣ лозим), карасинкаю тағоракуҳна, сатилу кӯзакуҳна, мӯзаю пӯстинкуҳна. Аз куҳистон ба хонаи Абӯтолиб боз ҳамон меҳмонони куҳна меомаданд. Онҳо хӯрҷинҳои куҳна доштанд. Мардуми куҳистон на фақат ба меҳмонӣ, инчунин аз пайи кору бори худ низ меомаданд. Хӯрҷини холии чунин меҳмонро ба даст гирифта, Абӯтолиб мегуфт:

– Сабил монӣ ту, хӯрҷин, чаро холӣ астӣ? Агар даруни ту ягон чизи вазндоре, ба монанди гӯшти гӯсфанд мебуд, кори соҳибат зудтар буд мешуд. Барои он ки ту холӣ астӣ, чандин бор одамон кӯҳи Чанхро паси сар карда, овора шуда омада рафтанд.

Абӯтолиб хӯрҷини холиро ҳамин тариқ ҷанг мекард ва ба атроф чашм медавонд, то ҷое биёбаду маро шинонад. Оқибат ҷои муносибе ёфта натавониста, ба дастам корди калонеро доду назди тиреза

рафта, ҳезумхонаро ишора кард ва гуфт:

– Он ҷо қоз ҳаст, рафта куш. Ҳамон хӯроки ману ту мешавад.

Ман дари ҳезумхонаро нимроғ карда ба як илоҷ қозро доштам. Ба кор шурӯъ намуданӣ шудам, ки қоз дар дастам ба патар-патар даромад. Аз боло Абӯтолиб садо дод:

– Қозро кӣ ин хел куштааст? Калаашро ба он сӯ гардон. Чӣ, кадом тараф будани Маккаро намедонӣ?

Оқибат умуман аз ухдаи ин кор баромадам ва ҳатто сазовори таҳсини Абӯтолиб гардидам.

Абӯтолиб, ба гуфти мардуми мо, дегро зин зад ва муддати зиёде ба пухтани таом овора шуд. Дар ин миён ман хонаи ӯро тамошо мекардам. Шоири куҳансол аз таххона кӯчида бошад ҳам, тамоми ҳаёти таххонаро, аз дегчаи куҳна сар карда, то одатҳои худ, ба хонаи нав оварда буд. Дар хона на курсӣ буд, на миз, на ҷевон, на кат, умуман аз мебел нишоне ёфт намешуд.

– Дар куҷо нишаста шеър менависӣ, Абӯтолиб?

– Дар ин хона ман ҳоло ягон шеъри бамаънӣ нанавиштаам. Пештар ба таххона рафта менавиштам, акнун онро ба як рассом устохона карда додаанд. Худо ҳозир, ки дар ин хона хобам ҳам дар таххона мебурдагӣ барин намебарад. Он ҷо пулам ҳам камтар сарф мешуд, вақтам ҳам бештар буд. Одамон ҳам ин қадар безор намекарданд. Аҳён-аҳён касе роҳгузар шуда надарояд, дигар одам намеомад. Лекин баҳр наменамуд, инаш ҳақ. Акнун баҳр ҳамеша дар пеши назари Абӯтолиби пир аст.

Абӯтолиб ба баҳри Хазар, ки ин вақт тӯфони сахт ба хурӯш омада, кафк бар лаб мезад, муддате чашм дӯхта монд. Ман ба ӯ халал намерасонидам, мо ҳар ду сокит будем. Сипас Абӯтолиб боз лаб ба сухан кушода, гуфт:

– Расул, ба ту ду рӯзи ҳаётам – як рӯзи аз ҳама хурсандию як рӯзи аз ҳама ғамгиниамро ҳикоят мекунам.

– Ҳикоят бикун, шунавем.

– Медонӣ, Расул, рӯзҳои хурсандӣ дар ҳаёти ман, албатта, кам набуданд. Орден доданд – ман хурсандӣ кардам; ордер доданд – ман хурсандӣ кардам; соли бистум аскарони сурх аспи ҷангӣ доданд – хурсандӣ кардам. Ман бо аскарони сурх мегаштам, сурнайнавози отряд будам ва дар роҳҳои ҷанг фуки аспи ман ба сағрии аспи командир мерасид. Ин ҳам бароям хурсандӣ буд. Вале хурсандии нахустин ва калонтарини ман ин набуд.

Ман он вақт бачаи ёздаҳсола будам ва гӯсолабонӣ мекардам. Падарам ба ман аввалин бор дар ҳаётам чорук гирифта дод. Дили ман аз шодӣ чунон лабрез буд, ки дар ифодааш сухан оҷизӣ мекунад. Аз дараю пайроҳаҳое, ки дирӯз сангҳои сарди теғадораш пойҳои маро захм мезаданд, акнун бебокона роҳ мепаймудам. Ман акнун аз болои ин сангҳо дилпурона қадам мезадам ва аз сахтию сардии онҳо

наметарсидам.

Шодии ман се рӯз давом кард ва баъди он лаҳзаҳои аз ҳама талхи зиндагиам расиданд. Рӯзи чорум падарам гуфт:

«Ана, Абӯтолиб, акнун дар пой чоруқи нав, дар даст калтак ва дар зиндагӣ ёздаҳ сол дорӣ. Вақти он расидааст, ки барои пайдо кардани хӯроку пӯшоки худ ба роҳ барой».

Падарам гуфт, ки ман авул ба авул гашта, гадоӣ бикунам. Дар ин лаҳза ман он қадар азоби рӯҳӣ кашидам, ки дар зарфи тамоми ҳаёти минбаъдаам ин дараҷа азият надидаам. Баъди он ҳам аз дидагони ман ашк рехт, вале ин ашкҳо мисли он ашкҳои ҷонсӯз набуданд.

Як нависанда дар ҳаққи ман гуфтааст: «Абӯтолиб хонаи нав гирифт. Мебинем, дар он хона чӣ шеърҳое менависад». Гӯё ман намедонам, ки шеър ба хона вобаста нест. Шоир худ хонаи шеърҳост. Кошонаи назми шоир дили ӯст. Ҳамаи лаҳзаҳои ғаму шодии зиндагиам дар ниҳодам хона мондааст. Дар чӣ хел хона зиндагӣ кардани ман аҳамияте надорад.

Аз дидани хонаи Абӯтолиб бисёр мутаассир шудам. Дар ин бора ба роҳбарони Ҷумҳурии Доғистон изҳори ақида кардам ва ба чунин хулоса омадем, ки як қисмати ҳаққи қалами аз китоби «Парастуҳо ба ҷануб парвоз мекунанд» мерасидагии Абӯтолибро гирифта, ба хонаи наваш мебели нави хубе бихарем. Ба ҳамин мақсад «сегонаи оперативӣ» ташкил карда шуд: директори Нашриёти Доғистон, вазири савдо ва камина. Мебоист мо тамоми мебели даркориро пайдо карда, мехаридем ва ба хонаи Абӯтолиб мебурдем. Ҳамаи гуфтушунидҳое, ки дар рафти кор ба миён меомаданд, ба зиммаи банда буданд.

Мо, се нафар, тамоми анборҳои Махачқалъаро давр зада, чизҳои лозимаро пайдо кардем, яъне: анҷоми хобгоҳ – бигзор шоири халқии мо баҳузур истироҳат кунад – таҷҳизоти хонаи корӣ – бигзор ӯ шеърҳои хубе эҷод намояд – чизу чораи ошхона – бигзор аз хӯру нӯш лаззате барад.

Мо пиндоштем, ки ҳамаи ин мебели ёфтаи моро Абӯтолиб ҷо ба ҷо карда, барои изҳори миннатдорӣ пояшро монда, ба сараш тохта меояд. Лекин аз вай ба мо ташаккури одӣ ҳам нарасид, ақаллан хабар наомад, ки мебелро гирифтааст ё не. Баъди ин мо худ Абӯтолибро хабар гирифтанӣ ва дар чӣ ҳол будани мебели фиристодаамонро донистанӣ шудем.

Ҳоҷат ба тақ-тақи дар ҳам нашуд, зеро ки дари хона кушода буд. Ба хона даромадем. Дар паҳлуи мизи таомхӯрӣ, ба рӯйи қолӣ Абӯтолиб бо аҳли хонадонаш менишаст. Онҳо чорзону зада давра менишастанд. Дар пешашон ба рӯйи рӯзнома таом буд. Абӯтолиб аз табақча ҷурғот мехӯрд. Ӯ ба мизи таомхӯрӣ гоҳ-гоҳ чун ба духтаре менигарист, ки гӯё вай бӯсу канор мехоста бошаду Абӯтолиб не.

Дар хонаи дигар мизи корие хуберо дидем. Дар рӯи он коғаз

қалам ва давоти дастнорасида меистод. Ин чизҳо ва худи миз ҳам на ба асбобу анҷоми корӣ, балки ба ашёи осорхона монандӣ доштанд. Дар кунҷи дигари хона варақҳои бо ҳуруфоти арабӣ навишта мехобиданд.

– Ҳа, Абӯтолиб, ту магар ба ҳуруфоти имрӯза навиштан наметавонӣ?

– Метавонам, лекин ба куҳнааш одат кардаам. Аввал ба ҳуруфоти арабӣ менависам, сипас барои муҳаррир ба ҳуруфоти худамон рӯнавис мекунам, гӯё худ чизи худро тарҷума мекунам.

– Ба рӯйи кат ҳам ягон бор хоб нарафтааст, – гуфт ба мо завҷааш. – Ин чизҳои қиматро бекора харидед.

– Кат чӣ? Вақтҳои аввал, соли якуми дар шаҳр зиндагӣ карданам, ба таки сарам ба ҷойи болишт санг монда мехобидам ва хобам сахттар мебурд. Вақтҳои гӯсолабониам ба рӯи санг хобида одат кардаам.

– Пас, чизҳои ёфта додаи мо ба ту маъқул нестанд? Ин кабинет, ин мизу курсиҳо ва ин ҷевон маъқул нестанд?

– Мебели хуб аст. Лекин ин чизҳо ба ҳамсояи ман Годфрид Ҳасанов муносибтаранд.

– Годфрид Ҳасанов ҳамсояи хуб аст?

– Шояд вай одами хуб аст, лекин гапи мо намепазад.

– Чаро?

– Вай аз ҳад зиёд маданӣ. Ғайр аз ин, ман одами аз ҳад зиёд деҳотӣ, вай аз ҳад зиёд шаҳрӣ. Ман аз ҳад зиёд кӯҳистонӣ, вай аз ҳад вилоятӣ. Попохамон ҳам ҳархела. Афташ, каллаамон ҳам якхела нест. Ман фарзанди сарзамини худ, вай фарзанди касби худ. Вай ба овози сурнайи ман тобу тоқат надорад. Ман ба садои пианиною симфонияҳои ӯ. Ҳаракат мекунам, ки аз мусиқии ӯ лаззате барам, намешавад. Вай ҳам – ба даст сурнай гирифтам, дарамро тақ-тақ карда мегӯяд: «Абӯтолиб, ба корам халал мерасонӣ». Ман ба вай дурӯғ мегӯям, ки сурнайро ман нанавохтам, радио. Лекин дар ҳақиқат баъзан мешуд, ки ҳангоми дари моро тақ-тақ кардани ӯ аз радио сурнай менавохтанд. Аз ин мебарояд, ки вай ба ман на фақат сурнайнавозӣ, балки аз радио шунидани овози сурнайро ҳам манъ мекунад. Хулласи калом, мо одамонем, ки ба якдигар монандӣ надорем. Ба хонаи ман аз кӯҳистон, аз авул меҳмон меояд, ки дар даст хӯрҷин дорад, ба хонаи вай – аз Маскав. Меҳмони ӯ ба даст портфел дорад. Ман ба пеши меҳмон бӯза ва хинкали сирдор мемонам, вай коняку қаҳва. Ман аз бозор харид мекунам, вай – аз мағоза. Вақте ки ман хобам, вай менависад, ҳангоме ки вай хоб аст – ман. Вай гулҳои хиёбони шаҳрро меписандад, ман – сабзаҳои шукуфони кӯҳсоронро. Мешунавед, вай ҳозир ҳам кадом як симфонияи худро навохтан дорад.

Ҳамсояи Абӯтолибро мо хуб мешинохтем. Ин одам ходими шоистаи ҳунари Доғистон ва Федератсияи Русия Годфрид Алиевич Ҳасанов буд. Он вақт ӯ консерте барои фортепиано эҷод мекард.

Ман мусиқии нафис ва рӯҳбахши ӯро гӯш мекардам ва дар дил мегуфтам: «Агар ин ду истеъдоди бузург: истеъдоди одии халқии Абӯтолиб ва истеъдоди касбию маърифатноки Ҳасанов ба ҳам меомехтанд, чӣ симфонияи аҷибе ҳосил мегардид».

Боз ҳаминро дар дил гузаронидам, ки агар дар шеърҳоям, дар китобҳоям ман ин ду ҷараёнро: софию кушодадилии халқам ва маҳорати суфтаи касбиро ба ҳам омехта метавонистам, чӣ комёбии бузурге мешуд. Мехоҳам, дар шеърҳои ман Абӯтолиб ва Годфрид як шаванд. Мехоҳам, онҳо дар шеърҳои ман ҳамсояҳои бамуросо бошанд, на чунон, ки дар зиндагианд.

Оре, ман ба ҳамкории ин ду сарчашма умед мебандам. Вале бо вуҷуди ин, агар чунин ҳамкорӣ муяссар нагардад ва маро маҷбур созанд, ки яке аз онҳоро интихоб намоям... шояд, аз майи ноби замонавӣ оби зулоли чашмаи кӯҳсоронро авло медонистам. Зеро ки маданият, нозукиҳои касб – чизи ёфтшаванда. Ин чизҳо набошад, пайдо кардан мумкин аст ва ҳол он ки эҳсоси миллӣ, халқӣ ба одам аз азал дода мешавад. Шоир ва сурнайнавози халқӣ Абӯтолиб дар шароити дигаре метавонист мусиқинавози касбӣ ва ҳатто бастакор шавад, аммо бастакор ва мусиқинавози касбӣ Годфрид, ба фикрам, ҳеҷ гоҳ сарояндаи одии халқӣ шудан наметавонад.

Ҳангоми хайрухуш дар таки дар Абӯтолиб ногоҳ пурсид:

– Расул, илоҷаш нест, ки ба хонаи ман телефон гузаронанд?

– Ту аз мизи кориву кат даст мекашию телефонро чӣ мекунӣ?

– Ба телефон сурнай менавозам. Баъзан ба Николай Тихонов, ба Маскав, гоҳо ба раиси колхозамон сурнай навохта медиҳам. Охир, раис бояд донад, ки аз сурнайи ман ҳамон сурудҳои пештара садо медиҳанд. Овози сурнайи маро бо телефон шунида, раис мефаҳмад, ки аз хонаи шаҳрии ман садою наво ва бӯйи гулҳои кӯҳсорамон меояд.

– Кифоя, Абӯтолиб, оҳангу навоҳои ту, ки пур аз накҳати кӯҳсорон аст, бе телефон ҳам парвоз карда, ба Маскав, ба авули худат ва ба ҳамаи авулҳои Доғистон мерасанд. Сурудҳоят аз қуллаи кӯҳҳо ҳам баландтар парвоз карда, ба тамоми атрофи дунёи равшан рафта мерасанд.

Акнун ман ба Абӯтолиб хушбош мегӯям ва ба шумо воқеаеро, ки бо ману падарам рӯй додааст, ҳикоят мекунам.

**Ёддошт**. Сабаб чӣ бошад, ки ману падарам одати ба ҳамдигар шеърхонӣ надоштем ва умуман дар боби шеър сухан ба миён намеовардем. Ман аз шеърҳои нави падарам ё баъди чоп шудан ва ё дар вақти бо радио шунавонидан воқиф мешудам. Ё худ аз даҳони дӯстоне мешунидам, ки ин шеърҳоро гӯш кардаанд. Падарам низ, то чоп шудани шеърҳои нави ман, аз онҳо хабардор намешуд.

Соли 1949 рӯзномаи аварӣ «Соли таваллудам» ном достони маро чоп кард. Рӯзнома, албатта, ба дасти падарам афтодааст ва ман як нусхаи онро дидам, ки бо қаламислоҳу ишораҳо карда шуда буд.

Падарам достони маро бодиққат хонда ва бисёр мисраъҳоро мувофиқи табъи худ дигар кардааст. Пай бурдан душвор набуд, ки падарам мисраъҳои басе дабдабаноки маро дигар кардааст, вай маҷозу истиора ва ташбеҳҳои басо мураккаби маро намеписандид. Дар мисраъҳои аз болои мисраъҳои ман навиштааш ӯ фикри худро ҳатталимкон содаву равшан ва фаҳмо ифода менамуд.

То ҳол пушаймонам, ки ҳамон нусхаи рӯзномаи Ғамзатислоҳкардаро нигоҳ надоштаам. Ман чунин одат дорам: ҳамин ки шеър чоп шуд, тамоми мусаввада ва нусхаҳои дастависро ба коми оташ медиҳам.

Аз аксари ислоҳҳои падар хурсанд будам. Дидам, ки достон беҳтар шудааст, аммо ба бисёр ислоҳҳо розӣ нашудам. Ман ба падарам мегуфтам:

– Албатта, ту аз ман хирадмандтар, боистеъдодтар ва бузургтарӣ. Вале ман шоири замони дигарам. Мактаби ман, шавқу ҳаваси адабии ман, услуби ман дигар аст, охир – ҳамааш дигар. Дар ин таҳрир қалами шоир Ғамзат Садаса равшан аён аст. Лекин ман худи Ғамзат не, балки Расул Ғамзатов ҳастаму бас. Бигзор ман услубу сабки худро дошта бошам.

– Гапи ту начандон ҳақ аст. Услуби ту, сабки ту, яъне феълу хӯ ва машраби ту дар шеър бояд дар ҷои дуюм истад. Ба ҷои аввал феълу хӯ ва машраби халқи худро бояд гузошт. Ту аввал марди кӯҳистонӣ, авар ҳастӣ, баъд Расул Ғамзатов. Ту дар шеърҳоят ба тарзе сухан меронӣ, ки ягон кӯҳистонӣ ҳеҷ вақт ин тавр гап намезанад. Агар шеърҳои ту ба рӯҳи мардуми кӯҳистон, ба хислати онон бегона бошад, он гоҳ услубат услуббозӣ шуда меравад, шеърҳоят ба бозичаҳои зебое, шояд бозичаҳои шавқовар ҳам бошанд, табдил мешаванд. Абр набошад, борон аз куҷо меборад? Осмон набошад, барф аз куҷо меборад? Аваристон, халқи авар набошад, Расул Ғамзатов аз куҷо пайдо мешавад? Агар қонунҳои дар зарфи асрҳо ба вуҷуд омадаи умуми халқ набошанд, қонунҳои шахсии ту аз куҷо пайдо мешаванд?

Чунин гуфтугӯе шуда буд боре миёни ману падар. Солҳои минбаъдаи умрам ва роҳҳои минбаъдаи тайкардаам ҳаққонияти суханони падарамро собит намуданд.

Қиссаи зани сеюм. Як шоири ҷавони Доғистон ба Маскав ба Институти адабиёт хонданӣ рафт. Аз миён як сол гузашту банохост эълон дарҷ шуд, ки донишҷӯ аз занаш, ки сокини авули дурдасти кӯҳистон буд, ҷудо мешавад.

– Чаро ҷудо мешавӣ? – савол кардем аз ӯ. – Ба қарибӣ хонадор шудӣ, афташ, занатро дӯст дошта гирифтӣ, чӣ гап шуд?

– Мо акнун забони якдигарро намефаҳмем. Вай Шекспирро намедонад, «Евгений Онегин»-ро нахондааст, чӣ будани «Озерная школа»-ро намедонад, номи Меримеро дар умраш нашунидааст.

Дере нагузашта, шоири ҷавон ба Махачқалъа бо зани маскавиаш, ки зоҳиран, ҳам номи Меримею ҳам номи Шекспирро шунида буд, баргашт. Вай дар шаҳри мо фақат як сол истод, баъд маҷбур шуд, гашта ба Маскав равад, зеро ки шавҳараш аз вай ҷудо шуд.

– Чаро ҷудо мешавӣ? – савол кардем аз ӯ. – Ба қарибӣ хонадор шудӣ, афташ, занатро дӯст дошта гирифтӣ, чӣ гап шуд?

– Маълум шуд, ки мо забони якдигарро намефаҳмем. Ӯ ягон калима аварӣ намедонад, урфу одатҳои аварии моро намедонад, хислати мардуми кӯҳистон, ҳамдиёрони маро намефаҳмад, онҳоро ба хонаи худ меҳмон кардан намехоҳад. Вай ягон зарбулмасали аварӣ, ягон чистони аварӣ, ягон суруди авариро намедонад.

– Акнун чӣ кор мекунӣ?

– Афти кор, дафъаи сеюм зан гирифтан лозим мешавад.

Ба фикрам, шоири ҷавон, қабл аз он ки дар ҷустуҷӯи зани сеюм афтад, бояд худро дарёбад.

Бигзор, ба китоби ман ҳам кӯҳҳои Аваристон, ҳам сонетҳои Шекспир қаробат дошта бошанд. Мехоҳам, китоби ман ҳамон зани сеюм бошад, ки шоири ҷавони доғистонӣ ҳанӯз ҷустуҷӯяш мекунад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Дар Махачқалъа барои нависандагон биной истиқоматии чилхонадор сохтанд. Тақсимоти хона сар шуд. Баъзеҳо талаб мекарданд, ки хона аз рӯйи истеъдод тақсим шавад, дигарҳо мегуфтанд, ки шумораи фарзандон ба инобат гирифта шавад.

Бояд гуфт, ки байни нависандагон тақсим кардани хона – кори душвор. Аммо ба як илоҷ ин масъаларо ҳал кардем. Оилаи чил нависанда ба хонаҳои нав кӯчида даромад, ҳама бӯрёкӯбон карданд, рӯзи дигараш бист зани бист нависанда якдилона роҳи Маскавро пеш гирифтанд. Пас аз чанд рӯз онҳо лоғару шалпар баргаштанд, гӯё аз майдони ҷанг баромада бошанд. Баъди чанд муддат ба воситаи бағоч мебели нави маскавӣ омадан гирифт.

Онҳо дар аввал мебелро хеле ҷустуҷӯ ва интихоб кардаанд. Сипас яке ҷуръат намуда, мебелро харидааст. Дигарон намехостанд, ки мебели онҳо аз мебели он зан монданӣ дошта бошад. Бадбахтона, он зани аввал мебели аз ҳама қиматро харида буд ва дар ин бобат касе имкони аз ӯ болодастӣ кардан надошт. Дар натиҷа ҷиҳози бист хона, мисли дандонаҳои як шона, нусхаи якдигар шуданд. Кас чунин хонаро дида гуфта наметавонад, ки он ҷо аварҳо зиндагӣ мекунанд.

Аммо баробари қадам бар остонаи дигар хонаҳо ниҳодан, ба димоғ бӯйи гӯшти қоқу ҳасиб, бӯйи пӯсти ошдодаву ҷазза ва бӯза мерасад. Оре, маълум, ки ин ҷо аварҳо зиндагӣ мекунанд, вале мълум нест, ки ин ҷо нависандагони аз рӯҳу усули замона воқиф истиқомат доранд.

Бигзор, ҳар касе, ки китоби маро мехонад, фавран бифаҳмад, ки ин ҷо аварҳо зиндагӣ мекунанд, аммо ҳаминро низ фавран бифаҳмад, ки ин ҷо муосири ӯ, одами асри XX истиқомат дорад.

Ман фақат соя ё фақат офтобро намехоҳам. Бигзор, хонаи ман тирезаҳои калон-калони офтобрӯя ҳам дошта бошаду гӯшаҳои бароҳати соярав ҳам. Мехоҳам, ҳар як меҳмон дар хонаи ман озоду осуда ва сабукрӯҳ бошад, дил канда рафтан натавонад, балки (агар сухан дар бораи меҳмон рафта бошад) бо дили кашол биравад ва орзуи бозомадан бикунад.

Боре дар Ҷопон мо – намояндагони мамлакатҳои гуногун – таассуроти худро ба ҳамдигар изҳор намудем. Дар назди фавворае меистодем, ки он гӯё бо сангҳои Доғистони мо зинат ёфта буд; бо чунин сангҳо дар авуламон ҷоеро зинат додаанд, ки он ҷо мардуми кӯҳистон ба годекан (маслиҳат) ҷамъ мешаванд.

– Мамлакати аҷиб, – гуфт аввал бастакори амрикоӣ. – Ба назарам, дар симои Ҷопон Амрикои саноатиро мебинам.

– Не, – эътироз намуд рӯзноманигори Гаити. – Ман ҳамин ҳоло аз як деҳаи ҷопон баргаштам. Ҷопон бештар ба як ҷазираи начандон бузурги мо шабоҳат дорад.

– Баҳс накунед, ҷанобон, тамоми ғаму шодии Париж дар ин ҷо таҷассум ёфтааст, – гуфт ба ҳардуи онҳо меъмори фаронсавӣ.

Вале ман ба сангҳои фавворaи ҷопонӣ, ки гӯё онҳоро аз авули авар оварда бошанд, менигаристаму чунин андеша мерондам: «Ҷопон мамлакати аҷиб аст. Дар вай ҳамаи он чиро, ки дар мамлакатҳои дигар ҳаст, дидан мумкин, бо вуҷуди ин, вай ба ягон мамлакати дигар монанд нест. Ин мамлакат Ҷопон асту бас».

Китобам, бигзор дар ту низ ҳар кас чизи дилхоҳашро пайдо кунад, вале ту китоби ман бош, он чи ҳастӣ, ҳамон бош, ба китобҳои дигар монанд нашав. Ту хонаи аварии ман, хонаи доғистонии ман астӣ. Бигзор дар ин хона ба паҳлуи он чӣ, ки асрҳо боз маҳфуз аст, чизҳои нави ҳеҷ гоҳ набуда низ биистанд.

Падарам мегуфт: асари бадеие, ки киву чӣ будани муаллифаш ба назар намерасад, мисли аспест, ки бе савора дартоз аст.

Мегӯянд, ки: зани як марди кӯҳистонӣ ҳамеша духтар таваллуд мекардаасту мард дар орзуи писар будааст. Ҳар кас вазифаи худ медонистааст, ки ба он падари бетолеъ маслиҳате диҳад.Ончунон маслиҳати бисёре додаанд, ки мард охир дар ғазаб шуда, гуфтааст:

– Бас кунед, маслиҳатҳои шумо чунон гарангам кардаанд, ки кори пештар метавонистаамро ҳам фаромӯш кардам.

## БИНОИ ИН КИТОБ

## СУЖЕТ

*Сангем мо. Хоҳем шуд фардо таҳи девору фарш*
*Бар маҳбасе, ё бар саро, ё гунбади сар сӯйи арш.*

*Катибаи санг*

*Лаълро дар нигин шиносанд, одамро – дар хона.*
*Тӯй шуд – иморат бибояд сохт.*

Қасрҳои фарохи тафаккурам, манораҳои вазнини андешаҳоям, хонаҳои қиссаву ҳикоётам, гунбадҳои баланди ашъорам... Инак, ман сангу хишт кашонидам, чӯбу тахта тайёр кардам, ҷойи иморати навро интихоб намудам. Акнун ман бояд каму беш меъмор, муҳандис, риёзӣ, гилкор ва наққош шавам...

Чӣ сон биное созам? Чӣ тарҳе бар он бубахшам, то дилу дидаҳо аз тамошояш шод гарданд? То ин бино зебову мутаносиб бошад, мислаш то ин дам надидаву аммо ба назар шинос намояд. Мисли хонаҳои шифташ пасти ин замона набошад, ки сари одам расад, инчунин шифташ ба дараҷае баланд набошад, ки кас сар боло карда нигарад, кулоҳаш афтад. Биное набошад, ки аз дараш мизи муқаррарӣ надарояд, инчунин иморате набошад, ки аз дараш шутур бо бораш гузарад. Мисли кох ё клуб набошад, ки мардум омада, консерт тамошо кунанду раванд, инчунин монанди масҷид набошад, ки одамон фақат барои намозхонӣ биёянд. Чун идораи пур аз шикояту справка ба кор наравад, инчунин ба осиёби ҳамеша гардони Алӣ монанд набошад.

Падарам достони шоири ҷавони кӯҳистониро хонда, гуфт:

– Девораҳои ин достон беҳад зебоянд. Достон мурғхонаи Аликебед сохтаро мемонад. Мурғхона набояд ба қаср шабоҳат дошта бошад, қаср набояд чун мурғхона истифода шавад.

Баъди он, ки падарам ҳикояи беандоза дуру дарози нависандаи дигарро хонд, ба муаллиф гуфт:

– Ту дареро кушодӣ, ки пӯшида наметавонӣ. Мурватеро тоб дода кушодӣ, ки маҳкам карда наметавонӣ. Вақти гиреҳ андохтанат арғамчинро аз ҳад зиёд тар кардӣ.

Ёд дорам, ки дар овони бачагиам ба авули мо ҳофизҳо меомаданд. Ман ба лаби бом дароз кашида кӯчаро тамошо карда мехобидам ва сурудхонии ҳофизҳоро гӯш медодам. Баъзешон даф зада баъзешон ғижак навохта, вале аксар қубуз навохта, ҳофизӣ мекарданд. Онҳо аз маҳалҳои гуногун дар фаслҳои гуногун меомаданд.

Сурудҳои гуногун мехонданд, як ғазалро ҳаргиз такрор намекарданд. Хусусан баҳс ба баҳс хондани ду-се ҳофиз ба ман маъқул буд.

Он сурудҳо дуру дароз буданд, аз ин рӯ, фаромӯшашон кардаам. Вале аз ҳар суруд ду, чор ё як байт дар лавҳи хотирам нақш бастааст. Ҳамоно, ин байтҳо аз ҳама латиф, ё аз ҳама пандомез, ё аз ҳама бурро, ё аз ҳама шодибахш, ё аз ҳама ғамангез буданд, ки дар хотир монданд.

Намедонам, чаро мисраъҳои дигар нею маҳз ҳамин мисраъҳо дар ёдам мондаанд, лекин онҳо то ҳанӯз дар дилам маъво доранд ва гоҳ-гоҳ, чун номи муқаддастарин, азизтарин, чун номи маҳбуба, ба забон меораму такрорашон месозам.

Аз сурудҳои дигари аварӣ ҳам, ки ҳамаашро аз ёд медонам, мисраъҳои мунтахабе дорам ва он мисраъҳоро нисбат ба мисраъҳои дигари суруд дар дил бештар мепарварам.

Суруд чӣ? Ман дар шеърҳои худ низ баъзе мисраъҳоро фарқ мекунам ва меписандам, зеро ки онҳо назар ба мисраъҳои дигар хубтар, баландтар, латифтар менамоянд. Гап миёни мову шумо, шеърҳои дуру дарозе ҳам дорам, ки онҳоро ба хотири чанд мисраи бароям азиз навиштаам.

Он мисраъҳо: агар шеър камарбанд бошад, онҳо – ханҷари ба камарбанд ҳамоил; агар шеър мазраа бошад, онҳо – хӯша; агар шеър паранда бошад, онҳо – пару боли он, агар шеър оҳуи сари шах истода бошад – онҳо чашми ба дуродур дӯхтаи онанд.

Боре чунин андеша варзидам: агар ҳамагӣ ҳашт мисраи як шеър бароям азиз бошад, пас чаро ман ҳаштод мисраи дигар менависам? Оё якбора ҳамон ҳашт мисраи беҳтаринро навиштан мумкин нест? Ана, барои ҳамин як китоби мусамманот навиштам.

Мардуми кӯҳистон аз омадани меҳмон шод шуда, ба пеши пояш гӯсфанд мекушанд. Аммо ба меҳмон як бурда гӯшт кофист. Ягон меҳмон гӯсфанди тамомро хӯрдан наметавонад.

«Пас, чаро ман ҳам, – гуфтам дар дил, – гӯсфанди калонеро кушам, модом ки як мурғ кифоя аст?»

Ана, бинобар ин аз китобе, ки ягон вақт хоҳам навишт, мехостам ҳамаи ҷойҳои зиёдатиашро гирифта партоям, фақат ҷойҳои бароям азизро бимонам; дар ин ҳолат бигзор он китоб даҳ ва ҳатто бист баробар дарозтар шавад.

Рӯзе як шоири ҷавони лак дар ҳузури ман шеърҳои худро ба Абӯтолиб мехонд. Ӯ даҳ шеър хонд. Баъди рафтани шоир Абӯтолиб ба ман гуфт:

– Ба ҳар ҳол, хуб аст, одам мешавад.

– Шеърҳояш ба ту маъқул шуд?

– Ҳамаи шеърҳояш сустанд. Аммо ҳашт мисрае дорад, ки бар ивазаш қалъаи ҳамин ҳоло бо ҳарбу зарб забткардаро бахшидан мумкин аст. Чунин мисраъҳоро то ин дам ягон шоири лакзабон нагуфтааст.

Агар дар шеъру суруд мисраъҳои фаромӯшношуданӣ бошанд, пас дар зиндагӣ рӯзҳо ва мулоқотҳо, дар ҳаёти мамлакат воқеаю корномаҳое низ мешаванд, ки дар лавҳи хотир нақш мебанданд. Мехостам, ин мисраъҳоро ба деворҳои бинои навам – китоби навам бипайвандам. Намехостам онҳоро бо суханҳои зебо шарҳ диҳам, бигзор онҳо худ садо диҳанд. «Мушк он аст, ки худ бибӯяд, на ки аттор бигӯяд».

Моҳи март ҳавои соҳили баҳр ҳамеша вайрон мешавад. Боре дар моҳи март аз болои Махачқалъа тӯфоне гузашт. Ду бод ба ҳам хӯрданд: яке аз Хазар вазид, дуюмӣ аз кӯҳ фуромад. Яке аз сатҳи фарохи баҳр қувват гирифта, ба шаҳр чун тир расид, дуюмӣ аз кӯҳҳои баланд ҷаҳида поён фурӯ рехт. Ду бод дастбагиребон шуданд, часпиданд ва ҳарбу зарбе ба миён омад. Ҳангоме ки ду паҳлавон бардорузан мекунанд, таки пои онон гаштан хатарнок аст. Ин дафъа зери пои паҳлавонон Махачқалъа монда буд.

Ҳар он чи ноустувор буд, дар рӯи замин поя надошт, ҳамон лаҳза барбод рафт. Навниҳолони беқувват, қуттиҳои холӣ, боми кулбаҳо, дуконҷаҳои фанерӣ, ҳар гуна хасу хасрӯба ба ҳаво мепарид.

Аммо дарахтони пир ва биноҳои калон сахт ба замин часпида, мустаҳкам ва бовиқор қад кашида меистоданд. Ҳамаи он чӣ сабук ва ноустувор буд, ба бод рафт ва он ки пойдору устувор буд, бимонд.

Ҳамчунин воқеоту ҳиссиёт ва андешаҳои одамизод гуногун мешаванд: якеро боди сабуки замона ба ҳаво мебарад, дигареро ҳатто тӯфони пуршиддати зиндагӣ аз ҷой ҷунбонидаву парешон кардан наметавонад.

Ман бинои китоби худро бояд аз ин воқеоти пойдор ва аз ин ҳиссиёту андешаҳои устувор бисозам. Ин бино бояд ба тарзи анъанавии аварӣ сохта шавад, вале дар айни ҳол замонавӣ ҳам бошад. Чунин биное бибояд, ки аҳли хонадон ҳам дар он шодона зиндагӣ кунад, меҳмон ҳам омада, хурсанд гардад. Хона чунон бошад, ки кӯдакон дар он хушбахт гарданд, ҷавонон муҳаббат варзанд, пирон роҳат бинанд.

Китобам – Доғистони ман! Ба чӣ тарҳу сохт мебинамат? Бо чӣ қиёс мекунамат? Бо уқоби баландпарвоз? Вале уқоб офаридаи одамӣ нест, онро табиат ато кардааст ва аз тафаккури мо дар он осоре нест. Пас, шояд, бо ҳавопаймо қиёс кард? Аммо ҳавопаймо хеле баланд парвоз мекунад, ҳангоме ки ба рӯи замин меравад, атрофаш танҳо манзараи фурудгоҳ аст. Касонеро, ки ба замин бо назари паст менигаранд ва дар бораш ҳамчунин ҳарф мезананд, дӯст намедорам.

Не, ба назарам тарҳи аппарате менамояд, ки мисли ҳавопаймо парвоз мекунад, монанди қатора мегардад ва чун киштӣ шино мекунад. Ман дар он ҳам сарнишин, ҳам машинист, ҳам нохудо. Ҷойи ба сафар баромадани мо, яъне фурудгоҳи мо, бандари мо, депои мо Доғистони ҳазорсола ва ҷовидона аст. Аз ин ҷо мо ба ҳар гӯшаи замин: чӣ бо обу хушкӣ ва чӣ бо ҳаво сафар карда метавонем. Ба ҷойҳое рафта метаво-

нем, ки ман дидаам ва ё ҳеҷ набошад, хаёлам он ҷоҳо парвоз кардааст. Мо меравем, парвоз менамоем, шино мекунем. Аз тиреза кӯҳҳои сарсафед, марғзорҳои тару тозаву зумуррадгун, дарёҳои фароҳдоман, уқёнусҳои беканор намоёнанд. Аз пеши тирезаи мо баҳорони пурталотум, тирамоҳи нарм, зимистони шадид ва тобистони гарм гузашта мераванд. Чӣ қадар мусофир аст дар атрофи ман! Ҳам муридони Шомил, ки аз ҷароҳатҳои латтабандашон хун мезаҳад, ҳам партизанҳои кӯҳистонӣ, ҳам муосирони ман, ки одамони гуногунҳунаранд. Дар атрофам ҳамаи онҳое омадаанд, ки ман як вақтҳо дидаам, дучор омадаам, мусоҳиб шудаам ва ба хотир дорам.

Оре, барои савор шудан ба китоб- қатора, китоб-ҳавопаймо, китоб-киштии ман билет ё гузарномаи ягонае лозим аст: бояд ман дар хотир дошта бошам. Бояд одамону воқеот мисли он байту мисраъҳо бошанд, ки аз сурудҳои ҳофизони қаландар ба лавҳи хотирам нақш бастаанд. Бояд онҳо монанди ҳамон ҳашт мисрае бошанд, ки Абӯтолиб аз даҳ шеъри дуру дарози шоири ҷавон ҷудо карда буд. Бояд онҳо чун он дарахту иморатҳое бошанд, ки ба тӯфон тоб овардаанд ва ҳол он ки ҳамаи чизҳои сабуку ноустуворро бод хазонвор рӯфта бурд.

Дар акси ҳол ман ба Муслими Қазонишӣ мемондам. Акнун ба шумо қиссаи ӯро ҳикоят мекунам.

Моҳи май гӯсфандонро аз даштҳои тафсону серғубор ба кӯҳҳои серуни алафдор ҳай карда мебаранд. Ана дар ҳамин вақт Муслими Қазонишӣ дар ин бора як силсила очерк менависам гӯён, аз Иттифоқи нависандагон иҷозаи сафари хидматӣ пурсид. Балки, ин воқеа моҳи сентябр буд, вақте ки гӯсфандонро аз кӯҳҳои ҳавояш сардгашта ба даштҳои гармтар ҳай карда меоварданд. Мо ба Муслим иҷоза додем. Муслим ба сафар баромад ва тамоми роҳро ҳамроҳи чӯпонҳову рамаҳои гӯсфандон ҳалол тай кард. Ҳангоми бозгашт дафтарчаҳои навишта пур кардаашро ба як аспи алоҳида бор карда овардаанд. Ҳамаи дидаи худро рӯз ба рӯз қайд кардааст. Ягон чиз, ягон зарра берун аз нӯки қалами ӯ намондааст. Аспро ҳам дида, қайд кардааст, чӯпонро ҳам, гӯсфандро ҳам. Охир, он ҷо чӣ қадар чӯпону гӯсфандонро дидааст! Ӯ ҳар он чӣ дидаву шунидааст, қайд намудааст. Ягон қиссаро партофта нарафтааст, ҳамаашро навиштааст. Дар бораи чорпое, ки давида пеш мегузашту онро қафо кашидан лозим мешуд, инчунин гӯсфанде, ки қафо мемонду онро пеш рондан даркор буд, навиштааст. Китоби ба роҳ бахшида аз худи роҳ ҳам дарозтар баромад. Китобе шуд, ки ба хондани он вақти ба худи сафар сарф намудаи Муслим лозим аст. Баъдтар чӯпонҳо ба мо ҳикоят карданд, ки ҳангоми баромадан ба қаторкӯҳи Гемдин дар роҳ хачире дучор омад. Муслими бечора ҳачирро ба нӯки қалам гирифтанаш кам буд, ки ҳар суми онро алоҳида-алоҳида бардошта диданӣ шуд. Муслим тохта назди хачир рафт ва пои қафои онро

бардоштанӣ шуд. Вале хачир нияти нек ва зарурати ин корро надониста, як лагад зад, ки рост ба бинии Муслими шилқин расид.

Чӯпонҳое, ки нозири ин воқеа будаанд, хуб хандида гуфтаанд:

– Инро ҳам Муслим бояд қайд кунад.

Албатта, хачир ҳайвони лагадзану бадхӯст, вале дар ин ҳолат, балки, рафтори он дуруст буд. Зеро, ин аст сазои касе, ки бисёр хирагӣ мекунад.

Баъд асари Муслимро дар Иттифоқи нависандагон муҳокима намудем.

Мо аз ӯ ба шӯхӣ пурсидем:

– Муслим, дар китобат ҳама чиз ҳаст, аз курраи дар авули Хариколо дидаат сар карда, то суми хачир. Пас чаро калбузро партофта рафтӣ.

– Шумо чӣ мегӯед, магар онро партофта рафтан мумкин аст! Калбузро ҳам навиштаам, лекин ба шеваи маҳаллӣ. Номи вай дар китоби ман «ханква» аст.

Ҳама хандидем, сипас, ба ҳар ҳол, кӯшидем ба Муслим фаҳмонем, ки: нависанда набояд ҳар чиро бинад, навиштан гирад, балки аз байни ҳамаи он чизҳо ба худ даркориашро ҷудо карда гирад. Иборае ҳаст, ки мазмуни баландеро ифода мекунад, калимае ҳаст, ки ҳиссиёти бузургеро ифода менамояд. Порчае ҳаст, ки тамоми воқеаро ифода мекунад.

То ба қарибӣ дар мамлакати мо азнавсозиҳои ташкилӣ вуҷуд доштанд. Ҳозир ҳам гоҳ-гоҳе ягон ташкилотро аз нав месозем. Ман низ ба ин дард гирифтор шудам. Ман жанреро, ки аз худ кардаам, дигаргун месозам. Ман ҳамаи жанрҳоро дар як китоб гирд оварда, ба онҳо роҳбарӣ мекунам. Дар як ҳолат штатро ихтисор менамоям, дар ҳолати дигар вусъат медиҳам. Ҷои жанрҳоро дигар мекунам, дутоашро як, ва яктоашро ба ду тақсим мекунам. Агар кас дигаргуниҳои бисёре кардан гирад, ягонтои он тасодуфан бомуваффақият баромаданаш мумкин аст.

Қиссаи марди кӯҳистоние, ки ба Махачқалъа омадааст: Як кӯҳистонӣ ба Махачқалъа ба сафари хидматӣ омада буд. Ӯ пули бисёре дошт, пули худаш не, барои ба сафари хидматӣ гирифтааш. Пагоҳу бегоҳ дар ресторан таом мехӯрд. Рӯзи нав омаданаш бо овози ба тамоми ресторан шунаво дод мезад:

– Пешхизмат! боз коняк!

Ҳама ин гапи ӯро шунида, сӯяш нигоҳ мекарданд ва ҳайрон мешуданд, ки ин одам кӣ будааст, ин қадар бисёр менӯшад ва пулро ба коняки қимат дареғ намедорад.

Рӯзи охирини сафар кӯҳистонии мо худи ҳамон пешхизматро оҳиста гӯшакӣ карда, мепурсад:

– Дар ресторанатон оши угро чанд пул?

Хулоса, чӣ будани барзагов дар аввал не, дар охири маза маълум

мешавад, ҳангоми лагадғурронӣ дар чаро не, балки вақти юғ задан ба гарданаш. Ба чӣ арзидани аспро ҳангоми саворшавӣ не, балки вақти фуромадан аз болояш мегӯянд.

Оё ман китоби худро, карнай пуф кардани ансалтиниҳо барин, муболиға намекунам? Оё ман, мисли сивухиҳо, печи чӯбин намесозам? Боре ҳамдиёрони ман садагиҳо ба ҷои гург сагро куштаанд. Оё ман низ чунин намекунам?

Ҳангоме ки сӯи мақсуд роҳ оғоз мекунӣ, манзил ҳанӯз дур аст. Оё ҷасорат, муҳаббат ва тоқатам кифоят мекарда бошад, ки ба манзил бирасам? Ё ки дар поёни роҳ лоилоҷ монда, паси сар хорида, оши угро чанд пул, гӯён мепурсида бошам?

**Ёддошт**. Соле дар Доғистон зимистон сахт омад. Ногоҳ барфе зад, ки ғафсиаш қариб як метр буд. Гӯсфандон бе хӯрок монданд ва муромурӣ сар шуд. Маро ба кумитаи ҳизби вилоят даъват карда гуфтанд:

– Ба қӯтан баромада рав, Расул, гӯсфандҳоро наҷот додан лозим.

– Ман ба онҳо чӣ ёрӣ расондан метавонам?

– Ҳамон ҷо рафта мебинӣ. Ягон ҳисоб меёбӣ. Роҳи наҷоти гӯсфандҳоро ёфтан даркор.

Роҳи гӯсфандонро дар ҳавои нағз он қадар намедонистаму чӣ ҷое, ки дар бӯрон ёфта равам. Аммо интизоми ҳизбӣ аз ҳама болотар аст ва ман дар барфу бод роҳ мепаймудам. Ниҳоят ба як қӯтан расидам. Маро чӯпонони ғамгин пешвоз гирифтанд. Қатраҳои ашк ба рӯй ва ришу мӯйлабҳошон шӯша баста буд. Гӯсфандон фуки хунолуди худро зӯр зада ба қабати барфи яхин халида, ба гиёҳе расиданӣ мешуданд. Аммо пардаи яхини барфро шикаста натавониста, нобуд мешуданд. Сагҳои чӯпонӣ ҷойи шамолпаноҳро ёфта мехобиданд, на парвои гург доштанду на ғами дузд. Хулласи калом, ман ин ҷо офату дармондагӣ дидаму бас. Чӯпонҳо маро дида, хандаи ғамангез карданд:

– Ҳозир ба мо фақат шеъру суруд кам аст. Эҳ, Ғамзатзодаи садагӣ, омадӣ, ки ба мо шеъру суруд бихонӣ? Ту ба ҷойи ин марсия бихон, ки мо ҳамроҳат навҳагарӣ кунем.

Дар козаи чӯпонҳо се рӯз нишастам, сипас, дидам, ки аз ман нафъе нест ва шуданаш ҳам дар гумон, пушт бар чӯпонҳо кардаму рафтам. Роҳам ба Махачқалъа буд.

– Хӯш, чӣ тавр, гӯсфандҳоро наҷот додӣ? – пурсиданд маро дар кумитаи вилоят.

– Се сар гӯсфандро наҷот додам.

– Чӣ хел, нақл кун!

– Ҳамин хел, чӯпонҳо се сар гӯсфандро куштанд ва мо гӯшташро хӯрдем. Ман чунин мешуморам, ки ҳамон гӯсфандҳоро наҷот додам.

– Хайр, – хафа шуданд дар кумитаи вилоят, – рав, шеърнависиатро кардан гир, гӯсфандҳоро, аз афти кор, мо бе ту наҷот медиҳем. Барои он ки шеърнависиат барорнок шавад, ба ту як танбеҳи сахт эълон ме-

кунем.

Тарсам аз он аст, ки қиссаи китобам низ чунин анҷом напазирад. Барои наҷот додани рамаи гӯсфандон мебароям, вале бо чӣ бармегардам? Рӯзе ки оғоз меёбад, на ҳамеша чунин меанҷомад, ки мо мехоҳемаш.

**Ёддошт**. Рӯзи нахустини таҳсиламро дар Институти адабиёти Маскав ёд дорам. Нав ба хондан шурӯъ намудаму рӯзи таваллуди ман расид. Албатта, маро табрик намегуфтанд, зеро касе намедонист, ки он рӯз рӯзи таваллуди ман аст. Пули падарам додаро барои палто харидан ҷудо карда монда будам.

– «Биё, бечора Расул, – гуфтам, – дар рӯзи таваллуд худ ба худамон тухфае мекунем – палто мехарем». Пулро гирифта, бозори Тишино рафтам.

Он солҳои аввали баъди ҷанг чӣ бозорҳое буданд бозорҳои Маскав. Қонунҳои худ, савдогарҳои худ, милисаҳои худро доштанд. Ба фикрам, аз он бозорҳо ба ҷуз хару мочахар чизи дигарро пайдо кардан мумкин буд.

Бозори Тишино бештар ба лонаи вайроншудаи мӯрчагон шабоҳат дошт. Як соати дароз дар байни одамоне тела додаву тела хӯрда гаштам, ки ба таки биниам костюму мӯза, кителу шинел, кулоҳу куртаи занона, камзӯлу туфлӣ ва асобағалу қуттӣ оварда медоштанд ва бихар мегуфтанд.

Он вақтҳо орзу доштам, ки ба вазир монанд бошам. Дар байни издиҳом чунин палто меҷустам, ки пӯшаму вазир шаваму монам. Оқибат ҳаман қабил палторо дидам, ки савдогаре ба китф партофта мегашт. Бар замми ин, фуражка ҳам дошт, ки ҳамранги палто ва аз ҳамон матоъ буд.

Аввал, албатта, аз фуражка сар кардам. Пӯшида худро дар оина дидам, ки вазири ҳақиқӣ. Ба савдо шурӯъ кардам. То даме ки бо овози баланд ва бурро нархи паст медодам, молфурӯш, гӯё ҳарфи маро намешунида бошад, худро ба нодонӣ мезад. Ҳангоме ки бо овози паст, гӯшакӣ карда, нархи ҳақиқии молашро гуфтам, шунид. Даст дода барака ёб гуфтем. Барои он ки сесӯмаю панҷсӯмаҳоямро бемалол шумурам, палторо ба савдогар дошта ист, гӯён додам. Ду ҳазору дусаду панҷоҳ сӯмро шумурда ба дасташ додам. Хурсандона бо қиёфаи вазир хобгоҳ омадам. Баъд дар хотирам зад, ки палто ба дасти савдогар мондааст. Ҳамин тариқ, ба ду ҳазору дусаду панҷоҳ сӯм як фуражка харидам.

Хулоса, дар орзуи он ки ба вазир монанд шавам, бе палтою бе пул мондам. Тарсам, ки китобам низ чунин шавад!

Ҳама медонанд, ки барояшон чӣ лозим аст, вале на ҳама дорои он чизанд. Ҳама манзили мақсуди хешро мебинанд, вале на ҳама ба он расида метавонанд. Одамоне ҳастанд, ки чӣ тарз навиштани китобро медонем, гуфта гумон мекунанд, аммо навиштан наметавонанд.

Мегӯянд: бо ҳамон як сӯзан пироҳани арӯсӣ ҳам медӯзанд, кафани мурда ҳам.

Мегӯянд: дареро накушо, агар онро пӯшидан натавонӣ.

## ИСТЕЪДОД

*Шуъла зан, то ҷаҳон биафрӯзӣ.*
*Катибаи чароғ.*

Қиссаи шоир ва моҳии тилло. Ривоят мекунанд, ки шоири нобароре аз баҳри Хазар як моҳичаи тилло медорад.

– Шоир, шоир, маро ба баҳр сар деҳ. – илтиҷо мекунад моҳӣ.

– Сар диҳам, чӣ медиҳӣ?

– Ба тамоми орзуҳоят мерасонам.

Шоир хурсанд шуда, моҳии тиллоро сар медиҳад. Аз чӣ бошад, ки кори шоир паёпай омад мекунад. Китобҳояш пайи ҳам чоп мешавад. Дар шаҳр ҳавлидору берун аз шаҳр соҳиби бӯстонсарой мегардад. Сари синаи шоирро орденҳо ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» оро медиҳад. Шоир машҳур мегардад, ҳама мардум ӯро мешиносанд. Ба мартабаҳои бузургтарин молик шуда тамоми ҷаҳон дар пеши ӯ, чун сихкабоби  тайёр бо пиёзи поракардаву лимӯи карчкарда муҳайё мешавад. Фақат даст дароз карда гирифтану нӯши ҷон кардан мемонаду бас.

Инак,замоне ки вай академик, вакил, ҷоизадор мешавад, рӯзе завҷааш ногоҳ чунин изҳор мекунад:

– Чаро бар замми ҳамаи ин аз моҳии тилло истеъдод талаб накардӣ?

Шоир гӯё ҳушёр шуда дарк менамояд, ки тамоми ин солҳо чӣ камӣ дошт. Тозон лаби баҳр рафта, ба моҳии тилло рӯ меоварад:

– Моҳӣ, моҳӣ, ақаллан каме истеъдод ҳам деҳ.

Моҳии тилло ҷавоб медиҳад:

– Ҳар чӣ худат талаб кардӣ, ман додам. Ҳар чӣ талаб бикунӣ, минбаъд ҳам медиҳам. Аммо истеъдод дода наметавонам. Истеъдоди шоириро худи ман надорам.

Хулоса, истеъдод ё ҳаст, ё нест. Онро на касе додан метавонад, на касе гирифтан. Истеъдод модарзод аст.

Шоири мо, ки аз эҳсонкориҳои моҳии тилло саршор буд, дере нагузашта, чу зоғе гардид ба тан пари товус кашида. Ҳамаи он пару боли зебои сунъӣ якояк рехт, ба болокориаш дар тӯли ин солҳо қисме аз пару болҳои худи шоир низ рехт ва ӯ аз будаш ҳам бадтар шуд.

Такрори дуо савоб гуфтаанд, ман ҳам бори дигар такрор мекунам, ки барои асар навиштан истеъдод лозим, модом ки ҳатто моҳии тилло истеъдод надорад, онро аз куҷо пайдо метавон кард?

Падарам ҳикоят карда буд: як кӯҳистонӣ аз авули дурдасте назди падарам омада, шеърҳои худро мехонад. Падар ба шеърҳои шоири

навбаромад бодиққат гӯш медиҳад ва ҷойҳои сусту беҳунаронаи онҳоро нишон медиҳад. Сипас, ба кӯҳистонӣ мефаҳмонад, ки агар ба ҷояш ӯ, яъне Ғамзати садагӣ мебуд, ин шеърҳоро ба тарзи дигар менавишт.

– Э, Ғамзати муҳтарам, – нидо мекунад кӯҳистонӣ, – барои ин хел навиштан истеъдод даркор!

– Балки гапат ҳақ, андаке истеъдод медоштӣ, зарар намекард.

– Аз куҷо ёбам истеъдодро, ягон маслиҳат диҳед, – ҷавоби киноямези Ғамзатро нафаҳмида, хурсанд мешавад кӯҳистонӣ.

– Имрӯз ман мағозаҳоро гаштам, надидам, шояд дар бозор ёфт шавад.

Маълум нест, ки истеъдоди одам аз куҷо пайдо мешавад. Маълум нест, бахшоиши замин аст он ё осмон. Шояд зодаи замину осмон бошад? Инчунин маълум нест, ки истеъдод дар куҷои одам маъво гирифтааст: дар дил, дар хун, дар мағзи сар? Оё истеъдод аз рӯзи ба дунё омадани одам дар дили кӯчаки вай лона дорад, ё одам онро баъд, пас аз тай намудани роҳи душвори зиндагӣ, пайдо мекунад? Вайро чӣ бештар ғизобахш аст; муҳаббат ё нафрат, шодӣ ё ғам, ханда ё гиря? Ё баҳри инкишофу қувват гирифтани он ин ҳама зарур аст? Оё истеъдод меросист, ё одам онро дар натиҷаи ҳамаи дидаву шунида, хондаву идрок намуда ва аз сар гузаронидаҳои худ тадриҷан ҳосил мекунад?

Натиҷаи меҳнат аст он, ё хандаи табиат? Ранги модарзоди чашм аст он, ё мушакҳои бозу, ки одам бо машқи ҳаррӯза афзун мегардонад? Ниҳоли себест он, ки бо ҷидду ҷаҳди боғбон ба воя расидааст, ё себе, ки аз шохи дарахт рост ба кафи бача афтодааст?

Истеъдод чунин муаммост, ки баъди кашфи тамоми асрори Замин, гузаштаюояндаи он, баъди кашфи тамоми асрори Офтобу ахтарон, оташу рангҳо, ҳатто баъди кашфи тамоми асрори одамон, дар навбати охир дарк хоҳанд кард, ки истеъдод чист, аз куҷо пайдо мешавад, дар куҷо маъво дорад ва чаро насиби маҳз ҳамин шахс мегардад, на каси дигар.

Истеъдоди ду шахси соҳибистеъдод ба ҳам монанд намешавад, зеро истеъдодҳое ки ба ҳам монананд, истеъдод нестанд. Истеъдод хусусан ба шабоҳати зоҳирии соҳибистеъдодон вобастагие надорад. Ман бисёр касони чеҳраашон ба падарам монандро дучор омадаам, вале истеъдоди падарамро дар ҳеҷ яки онҳо надидаам.

Истеъдод меросӣ намешавад, вагарна дар соҳаи санъат ҳукмронии сулолаҳо вуҷуд медошт. Аксаран аз шахси хирадманд фарзанди тиҳимағз мерӯяд, аммо фарзанди одами тиҳимағз хирадманд мебарояд.

Истеъдод ҳангоми ҷо гирифтан ба ниҳоди одамӣ на хурдиву бузургии давлатро мепурсад, на шумораи халқро. Истеъдод мисоли барқ, монанди рангинкамон дар осмон ё чун бороне, ки дар биёбони ташналаб ва ноумед аз оби ҳаётбахш меборад, ҳамеша нодир, ногоҳ

ва аз ин рӯ, ҳайратангез аст.

Қиссаи аз як ошно ҷудо шуданам. Рӯзе дар сари мизи худ менишастам, ки савораи ҷавоне назди хонаи ман омада истод:

– Ассалому алайқум!

– Ваалайкум ассалом!

– Ман ба назди ту бо як хоҳиш омадам, Расул.

– Ба хона даро, хоҳишатро бароварда, ба рӯйи миз парто.

Ҷавон дар ҳақиқат аз ҷебакаш якчанд коғазро бароварда, ба рӯйи миз партофт. Яке аз онҳо мактуби ошнои хуби падарам ва ошнои ман буд.

Дӯсти аҳли хонадони мо чунин менавишт:

«Расули азиз, ин ҷавон – хеши наздики мо ва одами хуб. Ёрӣ деҳ, ки вай ҳам худи ту барин шоири машҳур шавад».

Қоғазҳои дигар справкаи Совети қишлоқ, справкаи колхоз, справкаи ташкилоти ҳизбӣ ва тавсифнома буданд.

Дар справкаи Совети қишлоқ таъкид мешуд, ки фалонӣ дар ҳақиқат ҷияни шоири машҳури Коҳобросоӣ Маҳмуд буда, Совети қишлоқ ӯро номзади арзанда ба шоири машҳури Доғистон мешуморад.

Дар справкаи дигар нишон дода мешуд, ки ӯ бисту панҷро пур карда, синфи нуҳумро хатм намудааст ва сиҳату саломат мебошад.

– Кори калон, – гуфтам ман. – Биёр асарҳоятро, бинем, шояд ту ҳақиқатан ҳам истеъдоднок бошӣ, вақташ ояд, шоири машҳур шавӣ. Ҳар ёрие, ки аз дастам меояд, бо ҷону дил мерасонам ва ба ин васила илтимоси дӯстамонро иҷро мекунам.

– Чӣ хел! Маро барои ҳамин ҳам назди ту фиристоданд, ки шеърнависиро ёд диҳӣ. Ман ҳеҷ вақт нанавиштаам.

– Чӣ кор мекунӣ?

– Дар колхоз кор мекунам. Лекин аз кори ман ҳеҷ фоида нест. Рӯзи меҳнат менависанду ҳеҷ чиз намедиҳанд. Оилаамон калон. Барои ҳамин маро ба шоирӣ фиристоданд. Медонам, ки тағоям Маҳмуд пули кам намегирифт, аз пули дар колхоз мегирифтаи ман зиёдтар. Туро ҳам пули бисёр мегирад, мегӯянд, Расул.

– Метарсам, ки бо вуҷуди хоҳиши зиёдам, туро шоир кардан наметавонам.

– Чӣ хел? Охир, ман ҷияни Маҳмудам! Дар справка ҳамаашро нишон додагӣ. Совети қишлоқ ҳам, ташкилоти ҳизбӣ ҳам пешниҳод мекунанд.

– Ҳатто писари Маҳмуд бош. Маълум аст, ки падари худи Маҳмуд гулахӣ буд, на шоир.

– Ку адолат? Шумо, шоиру нависандаҳои Махачқалъа, ҷойи серравғани адабиётро байни худ тақсим карда мегиреду ба ман наход, ки ақаллан аз каллаю почааш нарасад? Ман ба каллаю почааш ҳам розӣ. Ман акнун чӣ кор кунам? Ёрӣ деҳ, ба ягон кор дароям.

Справкаҳоям дар ҷояш.

Мо ба ӯ, чун ба ҷияни Маҳмуд, аз Литфонд каме ёрии пулӣ додем ва баъд бо илтимоси ман ӯро директори Доғэлектромаш ба кор гирифт.

Аммо сонитар аён шуд, ки муддаии шоирӣ аз қисмати худ норозӣ будааст. Аз байн муддате нагузашта, падараш, ошнои мо, ба ман мактуби ранҷишомезе фиристод:

«Ҳамаи илтимосҳои маро падарат Ғамзат доим иҷро мекард. Ҳеҷ гоҳ суханамро ба замин намемонд. Ту писари Ғамзат шуда истода, писари маро ба шоирӣ мон, гуфта, як илтимоси ночиз кардам, рад намудӣ. Афти кор, ту мағрур шудаӣ, Расул, ба падарат нарафтаӣ. Ман ошноҳои худро ҳаргиз нав намекардам, вале акнун маҷбурам. Хайр».

Ана, ҳамин тариқ, барои истеъдод, дурусттараш, барои набудани истеъдод ман аз ошнои нағзам ҷудо шудам. Ошноям дар ҳақиқат одами хуб буд, аммо намефаҳмид, ки ҳеҷ кас: на раиси Иттифоқи нависандагон, на котиби ташкилоти ҳизбӣ, на сардори ҳукумат – истеъдодро тақсим карда дода наметавонад; истеъдод гӯсфанд нест, ки мардуми кӯҳистон ба гирди дастархон ҳалқа гирифта нишинанду гӯшти буғаш аз мобайни дастархон баромада истодаро ба ҳозирон тақсим карда диҳанд.

Ё ки дар роҳҳои Доғистон ба фароз баромадани аробаи пурборро мебинӣ. Як одам барои боло кашидани ароба ёрӣ медиҳад, як каси дигар аз қафои он тела мекунад.

Ё мебинӣ, ки мошини калони боркаш «Москвич»-и хурдро бо сим аз қабати барф кашида мебарорад.

Ё мебинӣ, ки самосвали ноҳинҷори сустгард мошини сабукрави тезгардро пеш гузаштан намемонад – роҳи кӯҳистон борик ва мошини сабукрав аз мошини сустгард пеш гузаштан наметавонад.

Инак, истеъдод ароба нест, ки онро ду кас тела дода ё кашола карда тавонад; истеъдод «Москвич» нест, ки онро сим баста, кашида бароранд: истеъдод мошин нест, ки аз мошини дигаре гузашта, пеш равад.

Истеъдодро на аз қафояш тела додан лозим, на аз дасташ дошта кашидан. Истеъдод худ роҳ меёбад ва худ аз ҳама пеш гузашта меравад.

Ҳанӯз бисёр одамоне ҳастанд, ки ба умеди аз қафо тела додан ё ба пеш кашидани касе ҳастанд. Инак қиссачае, ки онро чунин ном додан мумкин аст:

Бигзор пир бошаду истеъдод дошта бошад. Вақтҳои таҳсил дар Институти адабиёти Маскав бо бисёр шоирони рус дӯстӣ пайдо кардам, ки онҳо низ донишҷӯйи ҳамин институт буданд. Ин дӯстонам ба тарҷумаи шеърҳои ман машғул гардиданд ва тарҷумаҳо дар рӯзномаю маҷаллаҳои гуногун паёпай пайдо шудан гирифтанд. Ба шарофати тарҷумаи русӣ шеърҳои маро қавмҳои дигари

Доғистон низ хонданд.

Он солҳо бедаҳонҳое ёфт шуда овоза карданд, ки гӯё Расул Ғамзатов ба аварӣ умуман шеър навиштан наметавонад, ӯро шоирони боистеъдоди рус кӯшиш карда, ба рӯйи об баровардани мешаванд ва ӯ шеърро якбора ба табъи хонандаҳои рус мувофиқ карда менависад.

Ба ҳамин муносибат ҳар дафъа як шоири доғистонӣ ба ёдам меояд.

Тот ном қавми камшуморе вуҷуд дорад. Ин мардум ҳамагӣ аз понздаҳ ҳазор зиёд нестанд. Вале панҷ-шаш нависандаи хуби тот ҳастанд, ки ба тамоми Доғистон машҳуранд. Китобҳои онҳо ҳам ба забони модариашон дар Махачқалъа мебароянд, ҳам ба русӣ тарҷума мешавад. Дар бораи як шоири тот ҳикоят карданӣ ҳастам. Номашро гирифтан шарт нест.

Таҳсилам дар Институти адабиёт хатм шуд ва ба Махачқалъаи худ баргаштам. Дар худи рӯзҳои аввали омаданам он шоири тот маро ба меҳмонӣ хонд. Ӯ маро дар рӯйи ҳавлӣ зиёфат медод. Дар рӯ ба рӯямон – баҳри беканори Хазар, дар қафо – кӯҳҳои фалакбарсар. Шоир шеърҳояшро ба ман ба тотӣ мехонд, сипас калима ба калима ба русӣ тарҷума мекард, то ки маънояшро бифаҳмам.

Дар андешаи он, ки ман меҳмону ӯ мизбон; дар андешаи он, ки мумкин, ӯ гумон мекунад, ки ман донишҳои дар Маскав ҳосилкардаамро нишон доданӣ ҳастам; дар андешаи он ки ба ҳамаи шоирон аз танқид дида, бештар таъриф мефорад; дар андешаи он ки ҳеҷ гуна танқид аздусар ба вай кумак намекунад; ва ниҳоят, дар андешаи он, ки худаш ҳар як шеъру ҳар як мисраи маро ба осмони ҳафтум мебардошт, – дар банди чунин андешаҳо, ҳамаи шеърҳои ба ман хондаашро беинсофона таъриф мекардам.

Рости гап, баъзе шеърҳояш ба ман маъқул буданд ва дар хусуси онҳо самимона сухан мегуфтам, аммо дигарҳояш маъқул набуданд ва дар бораи онҳо дурӯғ мегуфтам.

Вале ҳамон лаҳза хаёлан дасти илтиҷо сӯи амвоҷи Хазар дароз мекардам, ҳатто пеши пойи онҳо ба ду зону менишастам ва тавалло мекардам: «Ин дурӯғи маро бубахшед». Сипас, хаёлан рӯ ба кӯҳсорон оварда, дасти илтиҷо сӯйи қуллаҳои сарсафед дароз мекардам, пеши пои онҳо ба ду зону менишастам ва тавалло мекардам: «Ин дурӯғи маро бубахшед!»

Муддаои табъ ба якдигар шеър хонда ва якдигарро таъриф карда, сипас муддате сокит нишастем. Ман оҳанги баҳрро гӯш мекардам, аммо дӯстам чунон ки баъд маълум гардид, дар банди хаёлоти хеш буд. Ниҳоят, ӯ гуфтугӯи зеринро сар кард:

– Расул, мехостам бо ту як чизи муҳимро маслиҳат бикунам. Лекин ваъда бидеҳ, ки ба касе намегӯйи.

Ман ваъда додам.

– Медонӣ, – суханашро давом медод дӯсти ман, – мо, тотҳо,

қавми камшуморем. Ба шеърҳои ман майдон тангӣ мекунад. Кори ту дуруст аст, ки хонандаро дар Маскав меҷӯӣ. Ман ба ту пайравӣ карданӣ ҳастам, мехоҳам ба Маскав кӯчида равам. Аммо дар он ҷо на хешу табор дорам, на ёру ошно, на шинос. Сарпаноҳе ҳам надорам. Агар ҳаққи қалами барои китоби навам гирифтаро ба киса андохта, Маскав равам, паноҳгоҳи дурусте меёфта бошам? Чӣ гуфтӣ?

– Чаро намеёфтай? Пул бошад, як хонаро иҷора мегирӣ.

– Ман дигар чизро мегӯям. Ба худ зан ёфта метавонам ё не? Бигзор зани пир, бадафт, ҳар хел бошаду истеъдодаш бошад, шеърҳои маро ба русӣ тарҷума кунад; маро ба рӯйи об барорад. Қоматамро рост кардан баъд, роҳамро ёфта мегирифтам. Набошад, дар чордевори миллӣ обу адо шуда меравам.

Ман бори дигар қиёфаи ӯро аз назар гузаронидам. Ҷавони биступанҷсолаи оташмизоҷи кафказӣ, бақувват, аз ду рӯяш хун мечакад. Дастонаш калон-калон ва ангуштонаш пашмин. Пашми сари синааш, монанди мехчаҳои деворкӯб, сахт. Лабони ғафсу чашмони чун оби бахр нилгун бо чеҳраи гандумранг, балки хурмоирангаш гӯё ҷанг мекунад. Мӯйи сарашро хорпушт гуфтан мумкин. Дандонҳои калон-калони сап-сафед. Пойҳо сутунвор. Мушакҳои тамоми аъзои бадан дамида. Фарзанди нахустини табиат. Чунин одам дар як шаҳри чандин миллион аҳолидошта дар соли сеюми баъди ҷанг зан ёфта наметавонад магар. Ман гуфтам:

– Дар мобайни кӯча рост истода, як ҳуштак кашӣ, занҳо давида меоянд, кадоми онҳоро хоҳӣ, мегирӣ.

Дӯсти ман кӯдаквор шодӣ кард. Ӯ ду даст бар замину ду по ба осмон рост шуд ва ҳамин тарз роҳ гашта, ба оби баҳр даромад. Пеш аз шино карда рафтанаш боз пурсид:

– Чӣ маслиҳат медиҳӣ, ба Маскав бо ҳавопаймо равам, ё бо қатора?

Ним сол гузашт. Барфи телпакамро афшонида, ба ошёнаи чаҳорум, ба нашриёти «Молодая гвардия» мебаромадам. Аз рӯ ба рӯям ҷузвдони калоне дар каш ҳамон шоири тот, ки маро дар соҳили баҳри Ҳазар зиёфат карда буд, мефуромад. Дафъатан чашмам ба он афтод, ки ӯ ҷузвдонро монанди нависандагони одӣ, аз дастааш надошта, балки чун муҳосибону кассирҳо ба каш зада буд. Инчунин пай бурдам, ки ӯ дар зарфи ним сол хеле дигар шудааст. Мӯйи сари хорпуштмонандаш расида дароз ва фарқи сар кушода шудааст. Дар бари рӯяш мисли декабристҳо фаш мондааст. Нохуни лелачааш дароз, найза барин тез. Дар даст ангуштарини нигиндор. Ба гиребони куртааш ба ҷойи галстук як порча матоеро часпонидааст, ки боли гамбуски баҳорро ба хотир меорад. Олуфта, сатанг. Баъди салому алайк ӯ галстуки маро, ки зоҳиран, каҷ шудааст, рост кард. Ман, албатта, ташаккур гуфтам:

Аҳмад занашро бо ману маро бо ӯ шиносонид.

– Хеле хуб, – гуфт зан ва ба ман се ангушташро дароз кард.

Дар Доғистони мо дастбӯсӣ расм нест, бинобар ин ман дасташро фишурдаму бас, аммо вай чунон чиррос зад, ки гӯё устухонҳои дасташро майда-майда карда бошам.

– Бубахшед ин кӯҳистонии нодонро... Ман намехостам...

– Вақташ расидааст, ки ба маданият одат кунед, – гуфт ӯ маъниомез ва назди оина рафта, нозҳои хунук карда истод, – гӯё ки оина афти вайро дигар карда метавониста бошад.

Оре, ин зан ҳақиқатан пир, бадафт буд ва равғану упои рӯяш ба андоваи деворҳои як хона мерасид. Бештар ба он афсӯс мехӯрдам, ки Абӯтолиб нест, агар вай мебуд, албатта дар ҳаққи ин зан сухани обдоре мегуфт.

Мегӯянд, ки маккортар аз рӯбоҳ чизе нест. Аммо чӣ фиребе хӯрдааст рӯбоҳи тирабӯр, ки пӯсташ ба гардани ин пирхар афтодааст. Занак пеши дукони маҷаллафурӯшӣ рафта истод ва муддате ману Аҳмад мондем.

– Зиндагӣ чи тавр, аҳволат чи навъ, дӯстам Аҳмад?

– О, ман барзагови хирманкӯб барин. Занам дар корам ба ман роҳбарӣ мекунад. Агар ту медонистӣ, ки вай чӣ саводе дорад. Хеле равшанфикр аст. Блок ва Маяковскийро шахсан мешинохтааст. Дӯсти Сергей Есенин будааст. Ба Париж рафта омадааст. Забони англисиро оби равон барин медонад. Хонаи чорҳуҷрадорамон ҳаст, худамон танҳо. Фарзанд надорем. Фақат Тошик ном сагча дорем. Саги ҷопонӣ, аз гурба ҳам хурд.

– Ҳо, маълум, ки корат барор гирифтааст. Ҳоло куҷо меравӣ?

– Ба «Мурзилка» шеър оварда будем. Барои бачаҳо мураккабӣ мекунад гуфтанд. Ба маҷаллаи «Колхозчиёни ҷавон» бурда доданӣ ҳастам. Он ҷо шеърро маъқул карданд, фақат ҳамин, ки як банди калимаи колхоздор илова кардан лозим. Имшаб навишта, пагоҳ боз гирифта меоям... Ҳо, Расул, ана ин хел кор ва зиндагӣ кардан даркор... Занам ба ман мегӯяд, ки кӯдакон ҳам пеш аз он ки роҳгардиро ёд гиранд, гавак мекашанд. Сонӣ асарҳои ҳақиқӣ ҳам хоҳам навишт.

– Алёша, – меҳрубонона, ҳамчунин омирона гуфт занаш, наздик омада. – Биё, рафта, шиками Тошикро сер мекунем, баъд «Крокодил» ва «Работнитса»-ро ҳам хабар мегирем.

Пас аз ин мулоқот ману Аҳмад муддати зиёде якдигарро надидем. Боре ман аз ӯ мактуб гирифтам. Вай аз ман хоҳиш менамуд, ки як сабӯи балхарӣ бифармоям бо чунин катиба: «Ба завҷаи азизаи ман». Ман сабӯро фармудам ва чунин андеша варзидам: «Аз афти кор, занаш ба ӯ дар ҳақиқат хизмати зиёде мекунад». Шеърҳои аз тарафи занаш тарҷумашудаи ӯ гоҳе дар «Мурзилка», баъзан дар «Пионер» ва «Крокодил» пайдо мешуданд. Фақат дар Махачқалъаамон, ба забони модарии худи ӯ, ба забони тотӣ намебаромаданд. Чанд бор хоҳиш кардем, ки ягон чиз фиристад, аммо

ҷавобе нагирифтем.

Пас аз понздаҳ соли мулоқоти аввалин моро боз дида ба дидор афтод. Дар Маскав даҳаи санъати Доғистон баргузор шуд. Аз Доғистон ба Маскав чил нафар шоир рафта буд. Мо дар Маҷлисгоҳи Сутундор, театри Кремлӣ, заводи автомобил, дивизияи гвардиягии Кантемирӣ шеърҳои худро ба забонҳои гуногун мехондем.

Дар шабнишинии хотимавии даҳа Аҳмадамон аз паси пардаи саҳна оҳиста назди мо омад.

– Расул, – илтиҷо намуд ӯ, – маро аз Маскав ба Доғистон гирифта бар. Дунба мемонам гуфта омада будам, аз дум ҳам ҷудо шудам.

Хуллас, Аҳмад ба Доғистон баргашт. Вале ҳеҷ не, ки торҳои танбӯраш ҷӯр шаванд, ҳеҷ не, ки оҳанги дурустро дарёбад. Ӯ сабӯеро мемонд, ки дар он мӯяк рафта ва шароб таровида тамом шудааст. Баъди он ки сабӯ кафид, сад сиреш молӣ ҳам, шароб боз заҳида мерезад.

Алқисса, мутарҷим ба шахсе, ки соҳибистеъдод нест, истеъдоде бахшидан наметавонад. Баъзеҳо мегӯянд, ки Афандӣ Капиев Сулаймон Сталскийро шоир кардааст. Дигарҳо мегӯянд, ки Сулаймон Афандӣ Капиевро шоир кардааст. Аммо дар ҳақиқат ҳардуи онҳо соҳибистеъдод буданд. Истеъдоди Афандӣ Афандиро шоир кард, истеъдоди Сулаймон Сулаймонро.

Ман ба Изя мегӯям. Қиссаи дигареро, ки ба ёдам меояд, ҳамин тавр номидан мумкин аст.

Дар институти омӯзгории Аваристон ҳамроҳи ман Муҳаммад Сулимов мехонд, ки ҳоло нависандаи машҳури Доғистон аст. Ӯ аз хурдӣ соҳиби истеъдоди гуногуне буд: расм мекашид, рақсҳои халқиро медонист, шеър мегуфт, «Евгений Онегин»-ро беҳад дӯст медошт. Ин китобро ҳеҷ гоҳ аз даст намегузошт ва қариб саропо аз бар карда буд. Вай ҳамон вақтҳо орзу дошт, ки «Евгений Онегин»-ро ба забони аварӣ тарҷума кунад. Ин китобро ӯ ҳатто ба ҷанг ҳамроҳи худ гирифта бурд.

Дар охирҳои ҷанг Муҳаммад бо бадани аз захми тир ғалбергашта ба госпитал меафтад. Он ҷо бо Мария ном духтараки маскавӣ шинос мешавад. Вақте ки ҷароҳатҳояш баҳам меоянд, бо Мария хонадор мешавад ва дар Маскав мемонад.

Ман Маскав хонданӣ рафта, ба воситаи хадамоти ҷустуҷӯ дӯсти худро пайдо кардам. Ман ӯро пазмон шуда будаму ӯ маро, Мария ба суҳбати гарму ҷӯшони мо халал намерасонид. Ҳар се дар сари як шиша шароби баланд хеле чақ-чақ карда нишастем. Муҳаммад қиссаҳои ҷангро ҳикоя мекард, ман – зиндагии Доғистон, кӯҳистони худамон, авули худамонро. Ман ба онҳо шеърҳои худам ва рафиқонам, шеърҳои шоирони ҷавони аварро хондам. Сипас, аз Муҳаммад савол кардам, ки ҳаёти худро ба чӣ кор бахшиданист.

– Бисёр андеша рондам, ки ба чӣ машғул шавам. Лекин Мария як

холаву холааш як Изя дорад, ки вай дар Маскав шахси хеле баобрӯ аст. Холааш азоби андешаронии маро дида гуфт: «Чӣ ин қадар дарунатро мехӯрӣ, Муҳаммад. Ман ба Изя мегӯям, ҳамаашро тахт мекунад». Дар ҳақиқат Изя ба ман аз Академияи фанҳо вазифаи хубе ёфта дод. Ман ҳозир он ҷо кор мекунам.

– Рассомиат чӣ шуд?

– Аъзои баданамро ҷанг рассомӣ кард, ҳаминаш кифоя.

– Шеър чӣ шуд?

– Вай корҳо бачагӣ будааст, Расул. Акнун калон шудам, одами ҷиддӣ ҳастам ва бояд ба худ кори ҷиддие биҷӯям.

– «Евгений Онегин» чӣ шуд?

Дӯстам дар андеша афтод. Зоҳиран, ман ба ҷойи дарднокаш расидам.

– Чаро ба Доғистон баргаштан намехоҳӣ?

– Марияро чӣ мекунам?

– Ҳамроҳат бар.

– Ман ғайри авул истиқоматгоҳе надорам. Бо Мария ба авул рафтан наметавонам. Охир, вай ҳатто бо модарам гап зада наметавонад. Барои он ки гапи модарамро Мария фаҳмаду сухани Марияро – модарам, тарҷумон гирифта барам магар.

Бо мақсади қатъ намудани гуфтугӯйи ба Муҳаммад душвор, ман барои ӯ, барои Мария ва «Евгений Онегин» қадаҳ бардоштам.

Вақте ки дафъаи дигар назди дӯстам даромадам, Мария ба ман гуфт, ки Муҳаммад тамоман дигар шудааст. Шабҳою рӯзҳо, ҳар лаҳзаи холӣ, аз ҳисоби хобу хӯр ва истироҳат чизе менависаду медарронад, боз менависад ва боз дарронда мепартояд.

Холаи Мария кори Муҳаммадро мушоҳида мекунад ва ниҳоят мепурсад, ки ӯ чиҳо менависад ва чаро навиштаҳояшро дарронда мепартояд.

– Ман шоир шуданӣ, – ҷавоб медиҳад ба ӯ Муҳаммад. – Мехоҳам «Евгений Онегин»-ро тарҷума кунам.

– Хайр, ҳеҷ қисса набудааст, чӣ даркор барои ин азоб кашидан? Ман ба Изя мегӯям, ҳамаашро тахт мекунад.

– Не, холаи азиз, на худи Изя, на сардори ӯ, ҳатто зани сардораш ба шоир шудани ман ёрӣ расонида наметавонанд. Фақат худам шуда метавонам.

Аз байн муддате нагузашта, Муҳаммад ба ман тарҷумаи аварии боби якуми «Евгений Онегин»-ро хонда дод. Баъди се сол ҳамаи аварҳо ин романро ба забони модарии худ дастрас карданд.

Сурати киро ҷой диҳем? Мегӯянд, ки зани бағайрат дар барори кори шавҳараш ёрии зиёде карда метавонад. Оре, мо низ чунин занҳои бағайратро дучор кардаем. Як шоири басе машҳури Доғистон чунин зани бағайрат дошт. Номи он занро ба забон гирифтан ҳамон дили тамоми аҳли Иттифоқи нависандагон, ҳамаи

нашриёту рӯзномаҳо барги сафедор барин меларзид. Ман ҳам аз ӯ то андозае метарсидам ва барои дилашро ёфтан ҳатто сурати шавҳарашро ба девори кабинетам овехта мондам. Пиндоштам, ки хурсанд мешавад ва бо ман муомилаи хуштар мекунад. Аммо ин кор ба вай кам таъсир кард. Зеро бар ивази он ки сурати шавҳараш дар девори кабинети ман буд, ягон тин пул намегирифт.

Боре ӯ аз нашриёт талаб намуд, ки маҷмӯаи ашъори шавҳараш фавран нашр карда шавад. Директор беҷуръатона эътироз намуда, фаҳмониданӣ шуд, ки нақшаҳои имсола тасдиқ шудаанд, коғаз намерасад, метавонанд соли оянда нашр кунанд...

– Ту одами бевиҷдон! – дод мегуфт зани бахашмомада. – Ту метарсӣ, ки одамон аз шеърҳои ту беҳтар будани шеърҳои шавҳари маро ба чашми худ мебинанд. Барои ҳамин ту ба ман байти коғазу нақшаҳоро мехонӣ. Ҳо, ман сиру пиёзи туро нағз медонам. Ту маро фиреб дода наметавонӣ. Ман туро маҷбур мекунам, ки маҷмӯаи шавҳарамро барорӣ.

Зан инро гуфта, дари нашриётро тараққос зада пӯшид.

Пас аз ду соат телефони директор ҷирингос кард. Аз гӯшаки телефон овози котиби ҳизби вилоят шунида шуд.

– Аз барои савоб, коре бикун, – илтиҷо менамуд котиб, – ки ин зан дигар назди ман наояд. Ба нав кардани шишаи рӯи мизам фурсат намеёбам: вай ҳар бор ба рӯи миз мушт зада, шишаро мешиканад.

Оқибат чӣ шуд мегӯед? Повести Лев Толстой «Ҳоҷӣ Мурод», инчунин китобчаи бачагонаи Ғамзат Садасаро аз нақша бароварда партофтанд. Аз ҳисоби ин ду китоб ба нақша маҷмӯаи шеърҳои шавҳари он занаки шаттоҳро дохил карданд.

Баъди ин мебоист сулҳу салоҳ мешуд. Аммо дере нагузашта, ҷанҷоли наве бархост. Мағал барои он буд, ки ба маҷмӯа сурати шоирро ҷой надодаанд.

– Одамони бевиҷдон! – дод мегуфт зани бахашм омада. – Шумо метарсед, ки одамон аз ҳамаи шумоҳо зеботар будани шавҳари маро мебинанд! Ана, барои ҳамин сураташро чоп накардед.

– Не, – ҷавоб дод директори нашриёт. – Мо намедонистем, ки дар ин китоб сурати киро ҷой диҳем: аз они туро ё аз они шавҳаратро.

– Хайр чӣ, – писханд зад зан, – ҳоло маълум нест, ки агар ман намебудам, вай шоир мешуд ё не.

Абӯтолиб он шоирро дучор омада гуфтааст:

– Гӯш кун, Кӯса, занатро як ҳафта ба ман деҳ – ман фавран лауреати мукофоти Сталинӣ мешавам.

– Аз куҷо, Абӯтолиб, ман бо вай даҳ сол инҷониб зиндагӣ карда, ақаллан мукофоти Ҳоҷӣ Хосумро нагирифтаму...

– Аз занат каме истеъдод талабӣ, намешавад?

Қиссаи Абӯтолиб ва Хотимат.

Абӯтолиб аввал чӯпон буд. Баъд сафедгариро маъқул кард, аммо

найи чӯпониашро ҳамроҳи худ гирифта мегашт ва дами фароғат менавохт. Касби сафедгарӣ ӯро аз як авул ба авули дигар мебурд ва, аз рӯйи гуфти баъзеҳо, дар Кули, ба қавли дигарҳо, дар Кумуҳи, рӯзе ба назди Абӯтолиб Хотимат ном духтаре кӯзачаи шикофро барои дуруст кардан гирифта меояд.

Абӯтолиб он кӯзачаро муддати дарозе дуруст мекунад. Гоҳ кӯзачаро як сӯ гузошта, бафурсат тамоку мекашид, гоҳ кӯзачаро як сӯ гузошта, най менавохт, гоҳ кӯзачаро як сӯ гузошта, ба Хотимат ҳар хел қиссаю афсонаҳо мегуфт.

Хотимат сафедгарро шитоб кунонда, дӯғ мезад:

– Кошкӣ тамокуятро кӯтоҳтар мепечондӣ!

– Не, Хотимати азиз, акнун тамокуро як оршинӣ мепечонам, ки дуру дароз дуд диҳад.

Оқибат духтарак батамом қаҳр мекунад ва Абӯтолиб маҷбур мешавад, кӯзачаашро баргардонад. Кӯзача наппа-нав барин медурахшид Абӯтолиб ҳамин хел кӯшиш карда буд. Аммо ба кӯзача об пур кардан ҳамон мечакад. Духтарак аз оташи ғазаб қариб гирён шуда, боз назди Абӯтолиб меояд.

– Ту кӯзачаи маро чанд вақт нигоҳ дошта соз кардию аз пештарааш ҳам бадтар об мечакад.

– Илоҳо, ҳар рӯз ба кӯзачаат, ҷавонони ҷасуру зебо сангча парронанд! Барои чӣ хафа мешавӣ, Хотимат, охир ман қасдан шикофчаеро соз накарда мондам, ки ту бори дигар наздам биёӣ ва ман ҷамолатро бубинам.

– Илоҳо, ҷавонон ба сари ту сангча парронанд, на ба кӯзачаи ман! – Шӯрида мегӯяд Хотимат ва якумрӣ меравад.

Абӯтолиб дар ҳасрати дидори Хотимат басе ғусса мехӯрд. Оташи ишқаш то рафт баландтар забона мезад. Ҳар қадаре ки оташи ишқ баландтар мешуд, ғаму ғусса ҳамон қадар фузунтар мегашт. Абӯтолиби ғамин суруде офарида дар он Хотимат ва муҳаббати ба ӯ парваридаи худро тараннум кард. Баъд ӯ суруди дуюмашро навишт, баъд даҳумашро, баъд бистумашро, сипас Абӯтолиби сафедгар шоири машҳуре шуд.

Хотимат дар ин миёна шавҳар кард, ба Ҳоҷӣ ном шахс расид. Сонӣ аз ӯ ҷудо шуда, бо Мӯсо ном касе хонадор шуд.

Рӯзе шоири машҳур Абӯтолиб аз бозор гузар мекард, ки фарёдаш намуданд:

– Ҳой, Абӯтолиб, кӯзачаамро соз карда намедиҳӣ?

Шоир тоб хӯрда, Хотимати хаставу пир ва қоматхамидаро дид.

– Чашматро шира гирифтааст, Абӯтолиб. Чаро нагирад! Вакил, ба сари сина орден. Дукончаи сафедгариатро аз ёд баровардагӣ барин менамоӣ. Агар таки гапро кобем, туро, Абӯтолиб, ман шоир кардагӣ. Ҳамон вақт кӯзачаамро соз карданӣ намебурдам, то ҳол

дар бозор сафедгарӣ карда менишастӣ.

– Хотимат, агар дар ҳақиқат одамро шоир карда тавонӣ, пас чаро шавҳари якумат – Ҳоҷӣ – милисаро шоир накардӣ? Суруди шавҳари дуюмат Мӯсоро ҳам ҳанӯз касе нашунидааст...

Абӯтолиб кайҳо рафта буд, аммо Хотимат ҳанӯз бо даҳони боз рост меистод ва намедонист ба ин чӣ суханон ҷавоб гӯяд. Қатраҳои борони сим-сим ба сару рӯяш расида, ӯро ба худ овард.

Хулласи калом, то худи одам шоир нашавад, ӯро шоир кардан аз дасти касе намеояд.

Падарам ҳикоят карда буд, ки дар вақти шеъри аввалини худро навиштанам як одами машҳур ва муътабари Доғистон, дӯсти деринаи падарам, гуфтааст:

– Акнун Расул ба ягон кас дил мебаст, хуб мешуд. Хоҳ ишқи некфарҷом бошад, хоҳ не, хоҳ ишқи тарафайн бошад, хоҳ яктарафа. Балки ишқи яктарафа бошад, муҳаббат ба ӯ танҳо ғаму ғусса оварад, беҳтар мебуд. Дар ин сурат якбора шоири бузург мешуд.

Дӯсти падарам ҳатто духтараки ҷавони нозанинеро ҳам ёфтааст, ки ӯ маро бадбахт ҳам кунад, шоир карда метавонистааст.

Падарам ба дӯсти худ чунин ҷавоб медиҳад:

– Бубин, дар олам чӣ қадар ошиқон ҳастанд, оё ҳар кадоми онҳо шоир аст? Барои ишқварзии зебо ҳам истеъдод лозим. Шояд муҳаббат бештар муҳтоҷи истеъдод аст, нисбат ба он ки истеъдод муҳтоҷи муҳаббат бошад. Чӣ ҷойи гап, муҳаббат ҳамроҳи истеъдод аст, аммо ҷойи онро гирифтан наметавонад. Дар бораи ҳиссиёте, ки зидди муҳаббат аст, яъне дар бораи нафрат низ ҳаминро гуфтаниям.

– Хайр, сарояндаи муҳаббат Маҳмудро мисол гирем...

– Дуруст аст, Маҳмуд ба чунин пояи баланди шоирӣ, ки имрӯз мешиносемаш, ба шарофати маҳбубаи худ расидааст. Вале ман чунин андеша дорам, ки агар дар дунё он маҳбубаи Маҳмуд умуман вуҷуд ҳам намедошт, Маҳмуд шоири бузург мешуд. Қувваи нооромва пурталотуми ӯ аздусар ба худ роҳ мееёфт, чунон ки рустанӣ аз қабати хоки вазнину нам ва торик сӯи офтоб роҳ ёфта, неш зада мебарояд. Рустанӣ баъзан ҳатто аз мағзи санг роҳ ёфта мебарояд.

Чунон ки оташ аз ҳезуми хушк авҷ мегирад, истеъдод аз пурзӯртарин ҳиссиёти инсонӣ – муҳаббат ва нафрат ғизо мегирад, шеър зодаи табассуми ширин ё ашки талхи ғамин аст. Оре, ин далелҳоро қабул кардан осон. Вале ман ба шумо ду мисол овардaниям.

Оё чӣ ғаму андуҳ ба андуҳи модаре, ки аз писараш маҳрум гаштааст, баробар шуда метавонад? Инак, фарзанди азизи ӯро дафн мекунанд, мардум ҷамъ омадаанд. Вале модар хомӯш аст, вай мисли ҳезуми тар сӯхтаву ашк мерезад, вай андуҳи худро бо сухан, бо суханҳое, ки ҳама шунида мисли ӯ бигирянд, ифода кардан наметавонад.

Дар ин сурат занони навҳагар меоянд. Дар чашмони онҳо ашк

нест, зеро ки ин ғами каси дигарест, на ғами худи онҳо. Вале ҳамин ки онҳо ҳунари мудҳиши худро ба кор меандозанд, ҳозирон ҳама зор-зор мегирянд.

Ман ин ҳунарро мудҳиш номидам. Вай ҳақиқатан ҳам мудҳиш ва бераҳмона аст. Дар дини мусулмонӣ бе гап гуфта нашудааст, ки занони навҳагар дар он дунё, дар қатори дурӯяву риёкорон ва тухматгару дурӯғгӯён ба дӯзах меафтанд. Аммо чӣ метавон кард ҳунарро, ки одамонро ба гиря водор месозад.

Акнун мисоле, ки акси ин аст. Оё аз падару модаре, ки писаршон калон шуда, ба воя расидааст, марди комил гардидааст ва акнун зан мегирад, хушбахттар касе ҳаст? Тӯй идест фараҳбахш. Дар тӯй мерақсанд, суруд мехонанд. Албатта, бештар аз ҳама падару модари домод хушнуданд.

Вале магар ҳар кадоми онҳо шодии худро бо сухан, бо суруд, бо суруде, ки аз он ҳозирон ҳама ба шавқ оянд ва ин шодиву сурур аз они худи онҳо гардад, ифода карда метавонад?

Не, падару модар пеш аз тӯй авул ба авул гашта, ҳофизони моҳирро таклиф мекунанд. Ҳофизон меоянд. Дирӯз онҳо дар тӯйи дигаре суруд хонда буданд, фардо боз дарягон тӯй мехонанд. Ба онҳо ҳамааш як аст. Аммо истеъдоди онҳо ба одамон рӯҳ мебахшад, ононро масрур месозад.

Ин тавр бошад, шояд, истеъдод аз таҷрибаи пурмашаққати рӯзгор ғизо мегирад? Оё ҳама гуна зуҳуроти истеъдод дар санъат натиҷаи маърифати бузург, қисмати мураккаби инсонӣ ва амалиёти бузург аст?

Агар чунин мебуд, аварписараки чордаҳсола ва бар замми он нобино, бо танбӯрнавозии худ мардумони авулҳои аварро ҳайрону мафтун карда метавонист магар?

Муҳаммад Раҷабов ном ҷавони дигаре, ки аз бачагияш бемори бистарӣ буд, дар васфи модар суруде навишт, ки дар Аваристон одами ин сурудро намедонистагӣ ва намехондагӣ нест. Мусиқии ин сурудро Аҳмад Ҷурмилов офаридааст, ки ҳарду пояш фалаҷ аст. Бахшида ба ӯ ман як вақт шеъре навишта будам:

*Мандолинат ҳашт тор,*
*Нагма дорад ҳашт ҳазор.*

Нобинои соҳибистеъдод нисбат ба бинои беистеъдод оламро бештар мебинад. Соҳибхираде боз чунин фармудааст: шахси оқил дар хона нишаста, нисбат ба одами тиҳимағзе, ки ҷаҳонро саёҳат кардааст, зиндагиро бештар мебинад.

Ба замми ин, Муҳаммади нобино хайроти ҳаррӯзаи аз бозор ғундоштаашро шумурда метавонист, хато намекард.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Агар қувваи истеъдод танҳо дар чашми би-

но бошад, пас шоири лазгӣ Кочхурский, ки ҳарду чашмашро хон кофта гирифта буд, чӣ хел зиндагӣ кардааст. Агар қувваи истеъдод дар сарват бошад, пас шоири лазгӣ Ятим Амин, ки камбағал ва ятим буд, чӣ навъ шуҳрат ёфтааст? Агар қувваи истеъдод дар маълумот бошад, пас Сулаймон Сталский, ки ҳатто имзо гузошта наметавонист, ба ҷойи имзо ангушташро ба ранг тар карда, пахш менамуд, чӣ тавр «Ҳомери асри XX» шудааст? Агар қувваи истеъдод дар мутолиаю пурдонӣ бошад, пас чаро ин қадар одамони сермутолиаю пурдоне, ки ман дидам, ягон мисраи бамаънӣ навиштан натавонистаанд?

Пештар дар кӯҳистон байтбарак расм буд. Одамони соҳибмаълумоти ба аварӣ хондаву навишта метавонистагӣ аз як тараф буданд, чӯпонҳои бесаводи ғайр аз касби худ чизеро намедонистагӣ – аз тарафи дигар. Тарафҳо ба ҳам мусобиқа мекарданд. Аксаран чӯпонҳо ғолиб меомаданд. Сурудҳои озод, ки чун бод бар пуштаҳои кӯҳсорони сабзабунёд парвоз доштанд, овози боэҳтиёти хонандагони соҳибмаълумотро пахш менамуданд ва бар он ғолиб меомаданд.

Аммо, ба ҳар ҳол, шоирон, ки ҳам соҳибмаълумот буданду ҳам чӯпон, бар ҳар ду тараф ғолиб меомаданд. Агар дар байтбарак Маҳмуд ё падари ман Ғамзат ширкат мекарданд, он гоҳ ин ҳарду байни худ мусобиқа мекарданд, на бо сарояндагони дигар. Дигарҳо хеле қафо мемонданд.

Шояд, қувваи истеъдод дар хирад асту бас? Вале ман ҳам дар Маскав, ҳам дар кишварҳои дигар одамони басе хирадмандро дидаам. Агар хиради онҳо баногоҳ ба мисраъҳои шеър ё ба шакли румону ҳикоя табдил меёфт, он гоҳ асарҳои санъат ба вуҷуд меомаданд. Вале чизе халал мерасонад, ки фикрҳои хирадмандонаи онҳо аз нӯки қалам ба рӯйи коғаз оянд. Дар натиҷа ин фикрҳои хирадмандона ё барбод мераванд, ё бо соҳибони хеш ба гӯр рафта хоку туроб мешаванд.

Набошад, қувваи истеъдод, шояд, дар меҳнат аст, чунин меҳнат, ки аз ҳар тори мӯйи одам арақ резад? Ман борҳо шунидаам, ки истеъдод ном чиз худ аз худ асло вуҷуд надорад, вай дар натиҷаи меҳнати суботкорона зоҳир мешавад. Аммо ба худ тасаввур намоед, ки хониши булбули дар шохи дарахт нишастаро ман нисбат ба ҳангоси хари борбардор бештар меписандам.

Ҳофиз он нест, ки аробаро мекашад, ҳофиз он ки болои ароба менишинад.

Аллоҳи акбар, чӣ зиддиятҳое ҳаст дар ҷаҳон! Агар суруд маҳсули бекорхӯҷагии одами болои ароба нишаста бошад, пас, шояд, тамоми санъат натиҷаи бекорхӯҷагию фориғболӣ, ишкамсерию беғамӣ аст?

Вале дар қасрҳои пурҳашамат оё сурудҳои дар кулбаҳои камбағалона тавлидёфтаро намесароянд? Ҳамаи афсонаҳоро дар ҳаққи бою хонҳо камбағалон эҷод кардаанд. Шамхол Ирчӣ Қазоқро ба Сибир бадарға кард. Ирчӣ Қазоқ ба Сибир бадарға гашта шеърнависиашро давом дод. Одамон ҳоло аз шеърҳои Ирчӣ Қазоқ

медонанд, ки чунин Шамхоли қумиқ будааст.

Кӯҳистониён Давир Гурамишвили ном князи ҷавони гурҷиро дуздида бурданд. Ӯро дар Унсукул ба чоҳ партофтанд. Княз дар чоҳи мартуб нишаста, Гурҷистони зумуррадгун ва марворидрези худро ёд карда, дар ҳасрати он шеърнависӣ оғоз намуд. Ба як ҳисоб гуфтан мумкин аст, ки кӯҳистониён Гурамишвилиро шоир кардаанд.

Духтари хони Хунзах Ойшат ба чӯпонҷавони зебое ошиқ шуд. Падар аз ин қисса воқиф гашта, духтари худро аз хона ронд. Шаби зимистон ҳаво хунук буд. Ойшат дар ҳавои сард то зону дар барф ғӯтида ва аз тундбод паноҳе наёфта, суруди нахустини худро эҷод кард.

Ин тавр бошад, пас, тамоми қувваи истеъдод, шояд, дар сустию заифии одамӣ, дар камбағалист? Шояд аз бадбахтӣ ва аз ғаму ғусса сурудҳои беҳтарине тавлид шаванд? Кистед шумо, шеърҳо, ва баҳратон чӣ бояд? Шумо ба назди Ботирой вақте омадед, ки ӯ пир шуда, гушнаю ташна, бемору хаста лаби оташдони алаваш хомӯш ва саргашта менишаст. Шумо ба назди Маҳмуд замоне омадед, ки ӯ дар хандақҳои Карпат дар чанголи сармо азоб мекашиду маъшуқааш, ҳамон ки Маҳмуд аз моҳу хуршед, аз замину осмон ва аз ҳаёти ҷовидон азизтараш медонист, каси дигарро шавҳар интихоб кард. Шумо ба назди Абӯтолиб вақте омадед, ки ӯ хӯрҷин дар китф, асо дар даст деҳа ба деҳа гашта гадоӣ мекард, аммо маҳбубааш Хотимат ишқи ӯро рад намуда, бо милиса хонадор шуд. Шумо ба назди Элдорилов ҳангоме омадед, ки ӯ аз дасти қотиллонаш косаи заҳрро гирифт. Зунтӣ – ноиби бераҳм даҳони Анҳил-Маринро дӯхт ва баъди ин Марин суруди беҳтарини худро суруд. Ин суруд боиси он гардид, ки ноиб тамоми боқии умраш рӯзи осудаю хоби роҳат надид.

Қувваи ту дар чист, охир, ба ман бигӯй, эй истеъдод? Ту чистӣ – виҷдону номус, далериву нотарсӣ, ё мумкин, биму ҳарос астӣ? Охир, одами тарсу низ шабона ба роҳ барояд, суруд мехонад ва бо ҳамин худро тасалло медиҳад?

Ту саодат ё бадбахтӣ ҳастӣ, ту мукофот ё ҷазоӣ? Ту ҳусну ҷамолӣ, ки одамон баҳрат азобу уқубат кашанд, ё азобе ҳастӣ, ки аз он зебоӣ ба зуҳур меояд? Ё ки мо зодаи замону воқеотем? Санг ба санг хӯрад, шарора мебарояд. Ҷанг шумораи одамони рӯйи заминро намеафзояд, аммо қаҳрамононро зиёд мекунад.

Ман намедонам, ки истеъдод чист, ҳамчунин чӣ будани назмро гуфтан наметавонам. Аммо баъзан – гоҳ ҳангоми роҳ паймудан сӯйи хона, гоҳе дар кишвари бегона, гоҳ вақти хоб (гӯё бари чакманамро андаке бардошта), гоҳе ҳангоми қадам ниҳоданам ба рӯйи сабзаи нарм (гӯё аз сабзаи зинда баромада ба ниҳонхонаи ман ворид ва ба хунам ҷорӣ гашта), гоҳ вақти хӯрок, гоҳе ҳангоми шунидани мусиқӣ, гоҳ дар ҳалқаи аҳли байт, гоҳе дар миёни дӯстони дилхурӯшам, гоҳ вақти ба даст бардоштанам ва дуои хайр гуфтанам кӯдакро, гоҳе ҳангоми пояи сароҷойи дӯстро бардоштанам ва видои

вопасин карданам бо вай, гоҳ ҳангоми нигоҳ ба рӯи дилбарам – якбора дар ниҳодам як чизи нодир, ҳайратовар, сеҳрангез ва пурзӯре пайдо мешавад. Ин чиз гоҳ шодиовар асту гоҳе ғамангез. Лекин ҳамеша маро ба коре водор мекунад, маҷбурам месозад, ки сухан ронам. Ин чиз дар дилам бе такаллуф ва бе пурсиш пайдо мегардад.

Ҳамин чиз меояду аз пасаш ба сар телпаки черкасӣ, ба даст танбӯру дар дил сурудҳои пурормони муҳаббат Маҳмуд ҳам, табассуми латифу ҳузновар бар лаб падарам ҳам, косаи заҳр ба даст Элдорилов ҳам, лабони аз хун нақшин, ки ноиби ноинсоф дӯхта партофтааст, Марин ҳам ба назарам намоён мешаванд; аз қафои инҳо симои чунин бузургворон, монанди Данте, Толстой, Шиллер, Блок, Гёте, Балзак, Достоевский низ падидор мегардад... Баъзан, дар назарам чунин менамояд, ки аз қабати тумани нурдамида тасвири Худованд падид аст.

– Шумо чистед? – мепурсам аз он ки дар ниҳодам пайдо мегардад.

– Ман истеъдоди ту, назми туям.

– Ту аз куҷоӣ?

– Ман дар ҳама ҷо ҳастам.

– Ман чандсолае, ки бошам, ту низ ҳамин қадар сол дорӣ?

– Не, ман яклаҳзаинаам ва ҳазорасра. Дар ман содадилии кӯдак, ишқи маҷнунвори ҷавон, хиради пири донишпажӯҳ таҷассум гардидааст. Ман синну сол надорам. Ман гулханам, ки ҳаргиз хомӯш намешавад. Ман сурудам, ки ҳеҷ кас онро то охир суруда наметавонад. Ман парвозам, ки онро касе анҷом додан наметавонад. Ман аз ту хеле дурам ва дар вуҷуди туям. Дорои ман будан ҳам шодиву комронист, ҳам азобу талхкомист. Аз ман сабуктар ҳам чизе нест, аз ман вазнинтар ҳам.

Агар ман бошам, аз ларзиши тори ғижак харсангҳои сард торс-торс кафида аз ҳам пош мехӯранд. Агар ман бошам, аз садои сурнай нахчирони кӯҳсор ба рақс меоянд. Агар ман бошам, ханҷар аз дасти қотил меафтад ва ошиқу маъшуқ лаб бар лаб ниҳода, ба висоли ҳам мерасанд.

Вақте ки чодар аз сари Патии авули Андӣ мегирифтанд, ман он ҷо будам. Ҳангоме ки Марямро туздида, ба зини аспи бидав партофта бурданд, ман он ҷо будам. Даме ки Жанна д, Арк дар назди лашкарони рӯҳбаланд кардааш шамшер аз наём кашид, ман он ҷо будам. Лаҳзае ки одамизод ба худ бол сохта, аз болои ноқусхонаи калисо худро ҳаво дод, ман он ҷо будам. Вақте ки Магеллан ё Колумб бодбони киштиҳои худро мебардоштанд, ман он ҷо будам. Вақте ки «Олиҳаи Сикстин»-и Рафоэл иншо мегардид, ман он ҷо будам.

Арсаи амалиёти ман ҳамаи замонҳо ва ҳамаи маконҳост. Қитъаву давлатҳо, ҳизбу ҳукуматҳо, синфу миллатҳои гуногун вуҷуд доранд. Аммо одамон низ ҳастанд ва онҳо ақлу дил доранд. Муҳаббат ва нафрат, ҷасорат ва тарс, наҷобат ва найранг, фидокорӣ ва

дурӯғгӯйӣ, қудсият ва туҳмат хоси одамони ҳамаи қитъаҳост. Ақлу дили одамон аст корзори ман, арсаи мағлубияту ғалабаҳои ман, майдони амалиёти ман.

– Пас, росташро бигӯ: ман ба чӣ кор меоям? Оё хавфи он нест, ки ман барфро монам ва он барф фардо об шуда равад, оё ман ба кӯзаи такшикоф об намегирам? Оё бар мулки дили ман шарорае аз он гулхани фурӯзони ту афтодааст, оё бар лабони ман қатраи сӯзону оташин ва сармасткунандае аз ту чакидааст?

Аз чашмонам ашкҳои ғаму шодӣ ҷорианд. Вале ман боз ашкҳо дорам, ки дар қаъри дидагонам ниҳонанд, мисли он, ки парандаи ҳаросон шарфаи пойи сайёдро шунида, пинҳон мешавад. Ин ашкҳои ниҳонам низ яке ашки муҳаббату дигаре ашки ҳасратанд, яке ашки ғаму дигаре ашки шодианд. Мӯйи сарам ҳам якранг нест, сиёҳу сафед аст. худам низ як пой бар мулки ҷавонӣ, пои дигар бар пирӣ ниҳодаам. Пирию ҷавонӣ ҳамеша байни худ ҳарбу зарб доранд ва корзори онҳо дили ман аст.

*Ишқи ман чун шохаи ҷуфти чанор,*
*Ин яке хушкида, дигар – сабзпӯш.*
*Ишқи ман ҳамчун уқоби қӯшабол,*
*Ин яке пар мезанад, он як – хамӯш.*

*Синаи ман аз ду захм озурдааст,*
*Ин яке хуншору дигар – реш-реш,*
*Доим аҳвол ин: гаҳе шодист ҷамъ,*
*Гаҳ ҳуҷуми ғам кунад онро пареш.*

Умри одамӣ маҳдуд асту кӯтоҳ, вале орзуҳо беҳудуд. Худ дар роҳаму орзуям кайҳо дар хона. Худ сӯйи дилбар раҳсипораму орзуям кайҳо дар канори ӯст. Худ дар ин соат зиндагӣ ба сар мебараму орзуям чандин сол пеш рафтааст. Орзуям парвоз дорад ва аз ҳудуде, ки дар он андар оғӯши зулмат риштаи умр канда мешавад, гузашта меравад. Вай ба асрҳои оянда парвоз мекунад.

Мазраи орзуҳоям нисбат ба майдони зиндагиям басе фарох аст. Ту ба кӣ хизмат мекунӣ, истеъдод, ба ман ё ба орзуҳои дуродур парида рафтаи ман?

Оре, ту гулхани хомӯшнашавандаӣ. Ту суруде ҳастӣ, ки касе то охир суруданаш натавонад. Ту парвозе ҳастӣ, ки касе анҷомаш додан натавонад. Оё метавониста бошам, ақаллан як оҳанги аварии худро биёфарам ва онро ба суруди азалии ту бипайвандам. Он гоҳ суруд, шояд, хуштару форамтар гардад.

Оё метавониста бошам дар қуллаҳои Доғистон гулханаке биафрӯзам, ки он заррае аз оташи хомӯшнашавандаи ту бошад? Оё метавониста бошам роҳи парвози бепоён ва муттасили туро, каме ҳам бошад, аз сари як шах то сари шахи дигар ҳам бошад, давом диҳам?

Авули ман – Сада! Сада оташ гуфтан аст! Як рӯз шахсе аз авули

дигар маро пурсид:

– Аз куҷо мешавӣ, писар?

– Аз Сада.

Мусоҳибам гуфт:

– Аввал шеърҳоятро бихон, пас ман ба ту мегӯям, ки шеърҳоят аз оташанд ё аз хокистари сард.

Дар банди шакку шубҳа азоб мекашам. Оё ман вақте чакман бар тан намекунам, ки барфу борон бозмонда, офтоб аз қабати абрҳои парешон намудор гаштааст? Оё ман дари молхонаро баъди он қуфл намезанам, ки дуздон барзаговро бурдаанд? Оё ҳикоятеро такрор намекунам, ки онро мардум борҳо шунидаанд? Оё касонеро ба меҳмонӣ намехонам, ки ҳамин ҳоло аз зиёфат баромадаанд? Оё китобамро нависам?

– Агар нанавиштан тавонӣ, навис.

– Оё ман нанавиштан метавонам? Оё беморе, ки дард сахт азобаш медиҳад, нанолида метавонад? Оё каси хушбахт табассум накардан метавонад? Оё булбул дар маҳтобшаби ором нахондан метавонад? Модом, ки тухмӣ дар қабати замини наму гарм даҳан во кард, оё сабза надамидан метавонад? Модом ки офтоби баҳорон ба ғунчаҳо гармӣ бахшид, оё гулҳо нашукуфтан метавонанд? Вақте ки пиряххо об мешаванду об сангу сангрезаҳоро гулдурросзанон аз кӯҳ шуста мефуроянд, оё дарёчаҳои кӯҳӣ поён, сӯйи баҳр ҷорӣ нашудан метавонанд? Ҳангоме ки шохаҳо хушк шудаанду онҳоро оташ дар оғӯш гирифтааст, оё гулхан насӯхта метавонад?

Ман аз бачагиам гулханро дӯст медорам: гулханеро, ки шаб дар назди чӯпонҳо, дар соҳили дарё, дар пояи кӯҳ, дар болои кӯҳҳои атрофи деҳа, ҳатто дар оташдони хона фурӯзон аст. Медонам, ки гулхан афрӯхтан ҳоло ними кор аст, дар шаби барфу борон гулханро нигоҳ доштан ва хомӯшшавӣ намондан душвортар аст.

Пай мебарам, ки дар дил оташе дорам. Аммо чӣ кор, чӣ рафтор бикунам, то ин оташ пеш аз он, ки дили касеро гарм созад, роҳи касеро дар торикӣ равшанӣ бахшад, паст нашавад, хомӯш нагардад? Чӣ созам, то ки истеъдоди худро эҳтиёт бикунам ва қувват бидиҳам?

Аз **Ёддошт**ҳои падарам. Як ҷавони кӯҳистонӣ назди падарам омада гуфтааст:

– Ман озмуда дидам ва бовар ҳосил кардам, ки қофия баста метавонам. Аммо намедонам, ки барои шеъри ҳақиқӣ навиштан чӣ кор бикунам.

Падарам ҷавоб додааст:

– Торҳои ғижакро ҷӯр кардан кам аст, онро навохта тавонистан лозим. Замин доштан кам аст, дар он кишт карда тавонистан лозим.

– Хайр, чӣ кор бикунам, ки шеърнависиро ёд гирам?

– Чӣ кор мекардӣ? Кор-да.

## КОР

*Ҳар кӣ донад кори мо – шаҳду шакар,*
*Дар Кубочӣ, гӯ, биёяд як сафар.*
***Катибаи зарфи Кубачӣ***

*Ман – ғуломи шеъри худ. Рӯзи дароз*
*Қоматам хам, рӯ арақ, ҳам чашм тар.*
*Соҳибамро ин ҳама ранҷам кам аст:*
*Ронад аз хоби шабам бори дигар.*

*Ман чу аспам,ҳам узангу, ҳам лаҷом*
*Пӯстамро мехарошанд, алъамон,*
*Кори ман сахт аст, рӯзорӯз сахт,*
*Аз азал то оқибат бандам дар он.*

Ин воқеа кайҳо рӯй дода буд, аммо ҳанӯз дар лавҳи хотирам равшан аён аст, гӯё ки дирӯз шуда бошад. Онро ҳатто дар достони худ тасвир кардаам, лекин дар ин ҷо низ ба ёд наовардан наметавонам.

Вақте ки ман чун писари шоири Доғистон Ғамзат аз авул баромада, аввал ба Махачқалъа ва сипас ба Маскав рафтам, маро касе намешинохт. Солҳо гузаштанд. Институти адабиётро хатм кардам, даҳ китобчаи шеърҳоям баромад. Ба яке аз онҳо мукофоти Сталинӣ гирифтам. Хонадор шудам. Хулласи калом, шоир Расул Ғамзатов шудам. Баъди ин ҳама боз сафари авуламонро ихтиёр кардам.

Рӯзҳои дароз ҷойҳоеро, ки дар овони бачагӣ он ҷо бозӣ мекардам, давр мезадам, шаху теппаҳо, ғору ҷариҳоро тамошо мекардам, бо одамон суҳбатҳо доштам, суруди ҷӯйборонро гӯш медодам, дар қабристон сар ба поён афканда, хомӯш менишастам ва боз сайри саҳро мебаромадам.

Дар Амрико, дар заводи Форд талеро дидам, ки санҷишгоҳ будааст ва дар он ҷо автомобилҳои навбаромадро месанҷидаанд. Чунин санҷишгоҳи нависанда бояд зодгоҳи ӯ бошад.

Занҳо аз хишоваи гандум бармегаштанд. Мондаву шалпар, сару рӯҳо пурчанг, дастҳо аз теғи алаф буридаву харошида, дар сари роҳ нишаста нафас рост мекарданд. Наздашон рафтам.

Намедонам, маро дида дар ҳаққам гап кушоданд, ё аз ин пеш ҳам гуфтугӯ доштанд, ба ҳар ҳол, шунидам, ки зане арақи рӯйи худро бо як даста алаф пок карда гуфт:

– Агар аз ман мепурсиданд, ки орзуят чист, мегуфтам: дили беғам ва хотири ҷамъи Расул Ғамзатов.

– Расул ба ҷои дил як порча панир дорад магар, ки ҳеҷ вақт дард намекунад? – тарафи маро гирифт як хешам.

– Мумкин як порча панир набошад, аммо ба ҳар навъ, гандум хишова намекунад. Занги колхоз ӯро пагоҳӣ ба кор хабар намекунад ва ба хӯроки пешин рухсат намедиҳад. Намедонад, ки рӯзи меҳнат чист, онро чи хел ба даст овардан лозим ва ба ивазаш чӣ медиҳанд. Ҳаралладжон-ҳаралла, тараллаҷон-таралла гуфта, навишта мегардад... Чӣ ғам дорад? Дилаш аз чӣ дард мекунад? Ман аз ин зиёдашро орзу намекардам!

Зани хуб аст ӯ! Дар бораи кори худ, бетанаффус ва гарон будани меҳнатам ман ба ӯ чӣ сон ҳикоят мекунам?

Бо андешаҳои ғамолуд аз саҳро ба авул меомадам. Дар годекани авул мӯйсафедон сангҳои сардро гарм карда менишастанд. Онҳо байни худ дар бораи замин, ҳосили оянда, кӯҳҳо, чарогоҳҳо, касаливу давоҳо, рӯзҳои гузаштаи авуламон оромона суҳбат доштанд. Ман наздашон рафта, салом додам ва ҳамчунин ба рӯйи санги сард нишастам.

Дар дасти як мӯйсафед рӯзномаи нав будааст ва дар он шеъри ман. Гап ба он шеър гузашт. Ҳангоме ки савораеро таърифи аспаш мекунанд, ӯро мефорад. Ман низ умедвор будам, ки ҳоло ҳамдиёронам шеъри маро таъриф мекунанд. Ман дар Махачқалъаю Маскав таъриф шунида одат карда будам. Пирамарде, ки дар даст рӯзнома дошт, гуфт:

– Падари Ғамзат ҳам шеър менавишт, ту писари Ғамзат ҳам шеър менависӣ. Охир, корро кай мекунӣ? Ё тамоми умр аз як бурида нон вазнинтар чизро набардошта зиндагӣ карданӣ ҳастӣ?

– Шеърнависӣ кори ман аст, – ҳатталимкон бо тавозӯъ гуфтам ман, зеро аз чунин гардиши суҳбат дасту по хӯрда будам.

– Агар шеърнависӣ кор бошад, пас, бекорхӯҷагӣ чист? Агар суруд меҳнат бошад, пас, ҳаловату истироҳат чист?

– Барои онҳое, ки сурудро месароянд, суруд ҳаловат аст, аммо барои касоне, ки сурудро меофаранд, суруд кор аст. Кори бе хобу роҳат, бе рӯзи дамгирӣ, рухсатии меҳнатӣ. Замин барои ту чӣ бошад, коғаз барои ман ҳамон аст. Ҳарфҳо – донаю шеърҳо хӯшаҳои мананд.

– Биё, мон, ҳамаи ин – суханоройӣ. Замин пой надорад, ки болои боми хонаи ман биёяд. Ман бояд ба саҳро рафта кор кунам. Аммо суруд худаш туро куҷое бошӣ, ҳатто дар ҷои хобат, кофта меёбад. Ҳар як сурудат гӯё меҳмонест, ки даратро омада мекӯбад. Пас, ҳар як суруд ид аст. Саҳрои мо зиндагии якранги ҳаррӯзаи мост.

Мӯсафедони годекани мо ақидаҳои худро ҳамин тавр ё тахминан ҳамин тавр изҳор менамуданд.

– Охир, маънии ҳаёти ман маҳз суруд аст.

– Ин хел бошад, ҳаёти ту аз аввал то охир ид аст. Суруд кори истеъдод аст. Касе, ки истеъдод дорад, суруди хуб навиштанаш осон.

Аммо одаме, ки истеъдод надорад, албатта, меҳнат карданаш лозим. Лекин дар ин ҳолат меҳнат чандон фоида намебахшад.

– Не гапи шумо нодуруст. Шахсе, ки камистеъдод аст, санъатро кори саҳл медонад. Вай парандавор аз сари як суруд ба сари суруди дигаре парида мегардад. Ин хел одам, агар ба ибораи мо бигӯем, халтура мекунад. Вале истеъдоди бузург бо масъулият баробар пайдо мешавад ва одами ҳақиқатан соҳибистеъдод шеърнависиро кори басе муҳим ва душвор медонад. На ҳар чизе, ки месароянд, суруд аст ва на ҳар ҳикояте, ки мегӯянд, ҳикоя.

– Набошад, нақл бикун, ки ту чӣ хел кор мекунӣ ва душвории касбат дар чист?

Дар атрофам барзгарҳои пир менишастанд. Ман ба онҳо нақл оғоз кардам, аммо пас аз чанде дарк намудам, ки чизҳои одитарин ва барои ман фаҳмотаринро ба онҳо фаҳмонданам мушкил аст. Бинобар ин гапамро гум кардам, шарм доштам ва лаб аз сухан бастам. Мӯсафедони годекан он рӯз бар ман дастболо шуданд. Ман ба онҳо фаҳмонида натавонистам, ки чаро шеърнависӣ душвор аст ва умуман шеърнависӣ худ чӣ кор аст.

Аз он рӯз инҷониб солҳои бисёре гузашт. Вале агар ҳозир ҳам аз ман савол мекарданд, ҳамоно дуруст шарҳ додан наметавонистам, ки кори ман аз чӣ иборат, чаро душвор ва аз корҳои дигар чӣ фарқ дорад.

Ҷойи кори ман куҷост? Албатта, сари мизи кориам. Аммо ҷойи кори ман дар пайроҳаи кӯҳӣ низ, ҳангоме ки сайр мекунам, вақте ки шеърҳою суханҳоро андеша менамоям, садоҳо наздам меоянд, вале ман онҳоро бекор карда, як сӯ мепартоям. Ҷойи кори ман инчунин дар болои қатора, вақте ки ман ба мамлакати дигар сафар мекунам, зеро маҳз дар ҳамин вақт, мумкин аст, фикри шеъри наве ба сарам ояд. Ҷойи кори ман ҳам дар болои ҳавопаймо аст, ҳам дар трамвай, ҳам дар Майдони Сурх, ҳам дар соҳили дарёчае, ҳам дар бешазор, ҳам дар қабулгоҳи вазире. Дар ҳама ҷойи рӯйи замин ҷойи кори ман, майдони кишти ман ҳаст.

Ман кадом вақт кор мекунам? Субҳгоҳон ё шомгоҳон? Рӯзи кории ман чанд соат давом меёбад? Ҳашт, ё шаш, ё ки дувоздаҳ соат, ё худ аз ин ҳам зиёд? Агар зиёд бошад, чаро ман корпартоӣ намекунам ва барои рӯзи кори ҳаштсоата мубориза намебарам?

Гап дар сари он, ки ман ҳамеша, то даме ки худро мешиносам, кор мекунам. Дар сари дастархон ва дар театр, дар вақти маҷлис ва дар шикор; ҳангоми чойнӯшӣ ва дар маросими дафн: вақти сафар дар болои автомобил ва дар маросими тӯй. Ҳатто ба хобам мисраю ташбеҳҳо, фикрҳо ва шеърҳои қариб тайёр медароянд. Пас, рӯзи кории ман ҳатто дар хобам давом дорад. Кайҳо корпартоӣ кардан лозим буд!

Ман чӣ хел кор мекунам? Ба ин савол ҷавоб додан аз ҳама душвор аст. Гоҳо ба назарам мерасад, ки кори ман ба ҳамаи корҳои ди-

гар монанд аст. Баъзан мебинам, ки кори ман хосса корест ва онро бо ягон коре, ки одамон дар рӯи замин мекунанд, муқоиса намудан мумкин нест.

Гоҳо ба назарам чунин мерасад, ки ҳама мардум кор мекунанду ман муфтхӯрӣ. Баъзан гумон мекунам, ки як худи ман кор мекунаму дигарон ҳама бекорхӯҷаанд.

Парандаро чӣ ғам! Хониши он як умр ҳамон, ки падару модараш ёд додааст. Дарёчаро чӣ ғам! Ҳазорҳо сол ҳамон як оҳанги шилдир-росро ба такрор мехонад. Вале ман дар умри кӯтоҳи худ бояд кӯшида сурудҳое офарам, ки ба солҳои зиёде расад.

Одаме, ки нахустин бор дар олам як порча заминро шудгор кардааст, шояд хеле мушкилӣ кашидааст. Одаме, ки дар ҷаҳон суруди аввалинро офаридааст, инчунин хеле машаққат дидааст.

Модоме ки ҳазор кас замин рондаанд, кори ҷуфтрони ҳазору якум осонтар аст. Вале модом ки ҳазор кас шеър навиштааст, кори шоири ҳазору якум басе душвортар аст.

Оре, барзгар, кори ман ҳам ба кори ту шабоҳате дорад. Бинобар ин, лутф намо ва ба ман чун ба бекорхӯҷае, ки як умр кораш кайфу сафо ва роҳату фароғат аст, нанигар. Дар шабҳои дарози бехобӣ ман ҳам, мисли ту, мазрааи худро фикр мекунам. Ту барои кишт тухмии сараро ҷудо мекунӣ, ман аз тамоми суханҳои мавҷуда беҳтаринро интихоб менамоям. Ман бояд аз ҳазор калима якеро интихоб бикунам. Ман низ мазрааву майсазор дорам, ки аз диданаш дилам меболад, меҳнати ман ҳам ҳосил дорад. Ман низ нарму хишова мекунам, зеро дар киштзори ман ҳам хосса алафҳои бегона ҳастанд. Ҳатто ба воситаи мошин ғаллаи сараро аз бомус фарқ кардан душвор аст. Аммо калимаҳои бегонаро аз суханҳои муфид, саҳеҳ ва салис фарқ намудан аз ин ҳам душвортар аст.

Ту киштзори худро аз жолаву сармо ва аз боди гармсел муҳофизат мекунӣ. Ман бояд сурудҳое биофарам, ки ҳатто аз ҳукми душмани ашаддитарини худ – замон натарсанд, зеро ман сурудҳое эҷод карданиям, ки асрҳо бояд вирди забонҳо бошанд.

Киштзори ман низ ширинчаю малах ва хоянда барин зарарrасонҳо дорад. Онҳо метавонанд ҳосили маро дуздида баранд, ё тамоман нобуд созанд, ё ки онро нохӯрданӣ кунанд, дар он сурат одамон аз ҳосили ман рӯ мегардонанд.

Аммо хояндаҳои ман аз мушу юрмонҳои ту калонтар ва хавфноктаранд, бо онҳо мубориза бурдан душвортар ва баъзан тамоман бефоида аст.

*Дар оташдон алову дуд печон,*
*Вале чун сӯзани девор рахнаст.*
*Чу боде сар дарорад мисли уштур,*
*Шавад гармии хона аз дамаш паст.*

*Чунин ҳолат диҳад бо шеъри ман рӯ:*
*Барои гармиаш сӯзам дилу ҷон,*
*Вале бодаш бисозад сард гоҳе,*
*Даровардa саре аз рахнаи он.*

Сипас ман бояд меваи худро ба одамон тақсим карда диҳам. Ҳам дар Доғистон, ҳам дар кишварҳои дигарон ширинӣ ва талхии онро, таъми хоси онро чашида бифаҳманд. Меваи ман набояд таъми меваҳои дигаронро дошта бошад.

Ба хотир дорам, ки дар бачагиам падарам дарзабандиро ёд медод. Ҳангоме ки ба зону болои дарза фурӯ шуда, зӯр зада бандро мекашидам, падарам насиҳат мекард:

– Бохабар шав, Расул, дарзаро буғӣ накунӣ.

Акнун, вақтҳое ки шеър намебароя̆д, ҳангоме ки мисрае беҷо меафтад ва ҳарчанд ҷой мекунамаш, ҷой намегирад, зӯр мезанам, то ҳар навъе бошад, шеърро навишта буд кунам. Аммо дар чунин ҳолатҳо аксаран насиҳати падарам, ки: «Бохабар шав, Расул, дарзаро буғӣ накунӣ» мегуфт, ба хотирам мерасад.

Ҳосили кишт ҳар сол ҳар хел мешавад. Соле меояд, ки ғалларо дар анборҳо ғунҷонидан наметавонӣ, баъди ин се сол пайи ҳам чизе намерӯяд. Кори ман низ чунин аст – ҳама вақт як хел намеравад. Ба ақидаи худам, нурӣ мепошам, хуб шудгор мекунам, тухмии сара мекорам, аммо ғалла намерӯяд. Маҷбур мешавам ба тарҷума рӯ оварам, аз кадом як Австралияю Канада ғалла бихарам. Дар ҳолатҳое, ки оташи назмам муваққатан хомӯш мегардад ва шеър аз дилам ба рӯйи коғаз бурун омадан намехоҳад, ба ман ҳеҷ гуна химия – на калонаш ёрӣ расонида метавонаду на хурдаш.

Охир, чӣ метавон кард? Агар ҳар иқдом ва ҳар кор зафару барор меовард, ҳама шоду хушнуд мебуданд. Агар замин ҳар сол ҳосили фаровон медод, одамони рӯйи замин ҳама сер мебуданд. Агар ҳамаи навиштаҷоти рӯйи коғаз суруд мешуд, мардум кайҳо ба забони муқаррарӣ гуфтугӯ накарда, балки фақат суруд мехонданд. Аммо суруд эҷод кардан басе душвор аст.

Ман заводҳои винои Доғистон, Гурҷистон, Арманистон, Булғористон, заводҳои пивопазии Пилзенро дидаам. Ба назарам, байни шоирон ва шаробсозон умумияти зиёде ҳаст. Ҳар кадом асрор ва нозукиҳои худро доранд. Шеър, монанди шароб, бояд дар дил ба ҷӯш омада расад. Шеъри хуб кайфияти пурасрори дилпазире дорад. Аз ин ҷиҳат шаробу назм ба ҳам хеле қаринанд.

Баъзан ба ягон авули кӯҳие, ки мағоза дорад, автомобили пур аз чалакҳои шароб меояд. Як чалак ба ин авул, як чалак ба авули дигар – ронандагон шаробро аз Бӯйноқ ҳамин тариқ ба авулҳои кӯҳӣ мекашонанд.

Ҷавонон чунин мошинҳоро дидан ҳамон, дар назар нашитофта ва оҳиставу аммо дар амал бесаброна аз чор тарафи авул сӯйи мағоза меоянд. Онҳо чалаки шаробро ҳалқавор печонида мегиранд, чунон ки гӯсфандон ба атрофи лӯндаи намак ғун мешаванд.

Шаробро ба сабӯҳо мекашанд, ҳама мечашанд ва якбора ҳавсалаҳошон мегардад. Нидоҳои зерин ба гӯш мерасанд:

– Ҳамин ҳам шароб шуд! Оби холӣ!

– Оби муқаррарӣ, аз ҷӯй гирифтагӣ!

– Ин шаробро худи мағозадор нӯшад!

– Гуноҳи ман чӣ? – худро мудофиа мекунад мағозадор. – Худатон дидед, ки чалакро мошин овард. Дар пеши чашматон фуроварданд. Ба фуроварданаш ёрӣ додед, айби ман чӣ? Чизе ки оварданд, ҳамонро мефурӯшам. Нахоҳед – нагиред.

Дар анбори шаҳр одамоне будаанд, ки пеш аз фиристодани шароб ба ноҳия, чалакро кушода, ба қадри дилхоҳашон шароб гардонида мегирифтаанд ва ба ҷои он оби холӣ ҳамроҳ мекардаанд, яъне мегуфтаанд: «Дар ноҳия ба ҳамин ҳам шукр мекунанд!» Дар анбори ноҳия айнан ҳамин корро коркунони микёси ноҳия такрор менамудаанд ва «Ба авул ҳамин хелаш ҳам мешавад!» мегуфтаанд. Дар аснои роҳ ронандаю борбардорҳо, дар ҳавои сард каме гарм шавем ва соатҳои дарозу дилгири сафар зудтар гузарад, гӯён боз чанд литрашро мегиранд ва ба ҷояш оби чашма ё ҷӯйбор мерезанд.

Дар натиҷа шароби обмонанд ё оби шаробмонанде ҳосил мегардад.

Мисли ҳамин, баъзе шеърҳоро хонда кас намефаҳмад, ки дар онҳо чӣ бештар аст – назм ё гапфурӯшӣ. Ин қабил шеърҳо аз нӯки қалами шоирони танбал, ки ба меҳнати суботкорона сабру тоқат надоранд, иншо мешаванд. Аммо ба баҳр расидани наҳрчаи шӯхоб гумон аст. Ба Макка расидани пиёдагарди танбал ҳам гумон аст. Ҳангоме ки ду кас ба як асп саворанд, ҳамдигарро дастгирӣ мекунанд. Истеъдод ва кор ҳам гӯё савори як аспанд.

Абӯтолиб мегуфт. Истеъдод ва меҳнат дар шеър бояд мисли ханҷару ғилоф ба ҳам бипайванданд.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Он вақтҳо аз хона дида, бештар дар кӯча умрам мегузашт. Мактабхон бошам ҳам, шеърнависиро сар карда будам. На дар шеърнависӣ сабру тоқат доштам, на дар китобхонӣ, на дар иҷрои вазифаҳои хонагӣ. Дар сари миз бисёр шиста наметавонистам. Аз байн фурсате нагузашта, бесаранҷом шуда, ба ҷунбиш медаромадам, аз сари миз бармехостам, фурсати боб ёфта, давида ба кӯча мебаромадам. Ҳозир ҳам чандон бапуштикору тоқатдор нестам.

Рӯзе падарам маро, ёд надорам, ки ба сари дарс буд ё шеър, шинонида, худ аз хона баромад. Дар аз қафои ӯ пӯшида шуда-нашуда, ман аз курсӣ ҷаста хестам ва болои боми хона баромадам. Падарам маро дида ба модарам нидо кард:

– Ҳамон арғамчини дар мех бударо ба ман оварда деҳ.

– Чӣ кор мекунӣ?

– Ман Расулро ба курсӣ баста мемонам, набошад, вай ҳеҷ чиз намешавад. – Падарам оромона маро ба курсӣ сахт печонида баст, ба пешонаам оҳистакак як силӣ зад ва коғазро нишон дода гуфт: «Ҳамаи онро ба ин ҷо кӯчон!»

Кошкӣ ягон кас мо, нависандагонро, ҳозир ҳам баъзан ба пушти миз баста мемонд!

Калла шояд кор кунад, аммо калла кор кунаду даст дар ин вақт бекор истад, ин мисли осиёест, ки ба ҷои орд кашидан бекора чарх мезанад.

Қиссаи Шангрей, писари ӯ ва панҷ сум пул. Чанде қабл аз ин дар Хунзах Шангрей ном шахси давлатманд ва баобрӯ зиндагӣ мекард. Ӯ ягона писар дошт ва аз ҳамин сабаб писараш эркатулфори нозпарвард буд. Падар орзу дошт, ки фарзандаш мисли дигарон кор кунад, одам шавад. Аммо писар кор кардан намехост. Хешу табор ва дӯстони падараш ӯро эрка мекарданд. Яке асп туҳфа мекард, дигаре чакмани черкасӣ, яке пул медод, дигаре ханҷар.

Як рӯз Шангрей сахт бемор шуд. Дорую даво нафъ намекард. Хешу ақрабо, ёру дӯстон, шиносу ошно ҳама ба сари бемор ғун шуданд.

– Чӣ чорае бикунем, ки ту сиҳат шавӣ?

– Давои дардамро худам медонам, лекин хоҳиши маро ба ҷо овардан аз дасти шумо намеояд.

– Гап зан, чист хоҳишат, ҳар коре, ки аз дастамон меояд, мекунем.

– Агар писарам панҷ сум пули худаш меҳнат карда ёфтаашро оварда, ба ман диҳаду бигӯяд, ки: «Падар, бигир, ин пул аз они ту», ман сиҳат мешавам.

Пас аз ду рӯз писар назди падар омада, панҷ сум пулро ба ӯ дароз кард:

– Падар, ин пулро бигир, дар дараи Қуйсуни Аваристон дарахтафшонӣ карда ёфтам.

Падар як ба пул нигарист, як ба писараш ва панҷсумаро гирифта ба оташ ҳаво дод. Писар аз ҷояш наҷунбид. Ранги рӯяш, як тарсакӣ хӯрдагӣ барин, канд.

Дар ҳақиқат панҷ сумро ба ӯ амакаш, хоҳиши бечора Шангрейро шунида ва ба ҷавон ёрӣ расонданӣ шуда, дода буд.

Пас аз якчанд рӯз писар боз омада, ба падар пул дароз кард:

– Ман дар сохтмони роҳи нави Ғуниб кор карда, пул гирифтам.

Падар як ба пул нигарист, як ба писараш ва пулро гирифта ғиҷим карду аз тиреза ҳаво дод. Писар аз ҷояш наҷунбид. Ин пулро ба ӯ ошнои падараш аз деҳаи Госатлӣ дода буд.

Писар дафъаи сеюм назди падар омада, панҷсумаро ба ӯ дароз кард. Падар ба рӯи писар ҳатто нигоҳе накарда, пулро гирифта,

дарронда партофт. Писар худро бар пораҳои пул қирғивор партофта, онҳоро мечид ва ба ҳам мечаспонид. Ӯ ба падар фарёд мезад:

– Ман на барои он дар Петровск саисхона тоза карда, ин пулро ёфта омадам, ки ту коғази нодаркор барин дарронда партоӣ. Дастонам обила карданд.

– Ана, акнун мебинам, ки ин пулро худат кор карда ёфтаӣ.

Шангрей хурсанд шуда, рӯ ба сиҳатӣ ниҳод ва дере нагузашта тамоман шифо ёфт.

Алқисса, фақат ҳамон чиз қадру қимати ҳақиқӣ дорад, ки одам бо меҳнати ҳалоли худ ба даст овардааст.

Шояд шеър низ чунин аст. Агар онро худат ранҷ кашида эҷод бикунӣ, ҳар калимаву мисраъ, ҳар нуқтаву вергулаш бароят азиз мешавад. Вале фикреро аз роҳ ёфта бошӣ, аз он шеъри қимат ва гаронмоя намебарояд.

*Гоҳҳо дидаам ба чашми худам:*
*Ин ки ҳамсояҳои заргари мо*
*Бо маҳак, бе ягон азобу ранҷ*
*Мис ҷудо мекунанд аз тилло.*

*Ой хонандаи гуҳарсанҷам!*
*Шеъри худро баҳо надонам дод.*
*Ҳоли ман сахт монда бе маҳакат,*
*Миси сурхам ба чашм зар афтод.*

Хоҳӣ, ки моҳии бомаза хӯрӣ, худ лаби кӯл бираву моҳӣ гир. Уқоб ба муқобили бод мепарад, моҳӣ ба муқобили ҷараёни об шино мекунад. Шоир аз рӯи эҳсосоти пурзӯри худ, агарчи он на шодӣ, балки андуҳро илқо мекунад, шеър мегӯяд. Қиссаеро монанди ин боре ба ман Абӯтолиб низ ҳикоят карда буд.

Қиссаи кӯзагарони балхарӣ, кӯзаҳои онҳо ва кӯзахарони нобакор.

Кӯзагарони балхарӣ маснуоти худро ба сабадҳои калон ҷо ва сабадҳоро ба хару хачирҳо бор карда, роҳи бозори шаҳрро пеш гирифтанд. Аз роҳашон наврасони шӯхи авули сари роҳ баромаданд.

– Куҷо равонед, кӯзагарҳо?

– Кӯзафурӯшӣ.

– Кӯзаҳотон чандпулӣ?

– Майдааш – бисттинӣ, калонаш– панҷтинӣ.

– Чаро ин хел?

– Чунки аз калонаш дида майдаашро сохтан душвортар.

Наврасон ҳамаи кӯзаҳои балхариҳоро хариданд.

– Аз моли мо баракат меёбед, – мегуфтанд кӯзагарон ҳангоми хайрухуш, сари хару хачирҳошонро сӯйи хона гардонида. – Аз рӯйи инсоф сохтаем. Кӯзаҳои мо ба набераҳотон ҳам мерасад.

Кӯзагарон болои тале баромада, дамгирӣ нишастанд. Онҳо аз баландӣ роҳи кӯҳистонро тамошо мекарданд ва банохост чашмонашон ба наврасоне афтод, ки навакак кӯзаҳои зебои ҷарангосиашонро харида буданд. Наврасон кӯзаҳоро дар лаби ҷар қатор гузошта, худ бист қадам дуртар истода, санг меғурронданд. Зоҳиран, онҳо байни худ мусобиқае мекарданд, ки кадоме зиёдтар кӯза мешиканад. Кӯзаҳо ҷарангосзанон мешикастанд, сафолпораҳо ба ҷар мепариданд. Аз ин кор наврасон завқ мебурданд.

Кӯзагарон, гӯё касе фармонашон дода бошад, ҳамагӣ аз ҷо ҷастанд ва ханҷар аз ғилоф кашиданд ва сӯйи авбошон давиданд.

– Ҳой, нобакорҳо, ин чӣ кори кардагиатон! – фарёд заданд онҳо. – Мо ба шумо кӯзаҳои беҳтарини худро фурӯхтему шумо... Виҷдон доред?

– Барои чӣ меранҷед? – мутаҳаййирона пурсиданд наврасон. – Шумо молатонро фурӯхтед, мо ба шумо пули нағз додем, акнун кӯзаҳо аз они мо, ҳар коре бикунем, кори мо, шуморо чӣ? Хоҳем, зада мешиканем, хоҳем,ба хона мебарем, хоҳем, дар сари роҳ партофта меравем.

– Охир, ин кӯзаҳоро мо сохтем. Мо меҳнати бисёре сарф кардем, то ки гил кӯза гардад. Мо аз сидқи дил меҳнат кардем, то ки ин кӯзаҳо зебо шаванд, мардум бо ҳавас тамошо кунанд. Мо гумон карда будем, ки кӯзаҳоямон ба одамон хурсандӣ меоранд, рӯзгори касеро обод мекунанд. Ин чизҳоро ба шумо фурӯхта, умед доштем, ки ба яке бӯза андохта, меҳмонатонро зиёфат мекунед, ба дигаре оби зулоли чашма пур карда мемонед, дар чандтояш гулҳои хушрангубӯ парвариш мекунед.

Лекин шумо шавқу ҳавас ва орзуҳои моро ба лаби ҷар оварда, сангборон кардед. Шумо, мисли бачаҳои беақле, ки сӯйи парандаҳои зебою хушхон санг мепарронанд, ба кӯзаҳои мо санг ғуррондед.

Кӯзагарон кӯзаҳоеро, ки аз дасти бачаҳо ҳанӯз нашикаста монда буд, базӯр кашида гирифта, хона баргаштанд.

Ҳар он кас, ки худ бо меҳру муҳаббат меҳнат кардааст ва натиҷаи меҳнаташро дида ҳаловат бурдааст, ранҷиши кӯзагаронро мефаҳмад. Абӯтолиб ҳикояти худро ҳамин тавр анҷом дод.

Ҳангоме ки дар Ҷопон духтарони ғаввоси гавҳарҷӯйро медидам, сабаб чӣ бошад, ки ин ҳикояти Абӯтолиб ба хотирам мерасид. Духтарони ҷавон, бақуввату зебо ба қаъри баҳр ғӯта зада, қариб нафасгардон шуда, чанд дона садаф бар халтачаи дар миён бастаи худ андохта мебаромаданд. Шояд яке аз ин садафҳо садафи марворид мебаромад. Вале барои ёфтани ҳамон як садафи бахосияти марворид бояд ҳазорон дона садаф берун оварӣ. Баҳри он ки шаддаи ҳақиқии марворide ба даст ояд, чанд бор ба қаъри баҳр ғӯтавар шудан ва чанд ҳазор садаф ёфта баровардан лозим аст?

Лекин аз ҳамаи суханҳое, ки одамон дар гуфтугӯйи одӣ истифода мекунанд, суруде чун шаддаи марворид офаридан магар осонтар аст?! Ҳамаи суханҳои муқаррарӣ, ҳамаи воқеот, тамоми ҳиссиёт ва таҷрибаи ҳаёт – уқёнусест пури садаф. Аммо бузургу вазнин аст меҳнати ғаввоси гавҳарҷӯй, ки бояд ҳамеша ба қаъри пурасрори уқёнус ғӯта занад! Басе маҳорат, бардошту тоқат, тани сиҳат ва кӯшишу ғайрат лозим аст. Барор ҳам даркор. Сабру тоқати ғаввосони гавҳарҷӯй, сабру тоқати зиреҳгар, ки ба рӯйи нуқра нақш мепартояд – ин ҳама қарини истеъдоданд, ки ҳама дар айни ҳол ҳам истеъдод, ҳам меҳнатанд.

*То ки умри шеъри ман бошад дароз,*
*Дар сари ҷаҳду талошам, дӯстон –*
*То биомӯзам зиреҳгарвор сабр,*
*Ҳам назокатсанҷии он сонеон.*

Қоидаҳое, ки ҳар як кӯҳистонӣ медонад.

Духтаратро, то ба балоғат нарасад, ба шавҳар надеҳ!

То ба лаби об нарасӣ, чоруқ аз по накаш!

То сайд дар беша асту онро ҳанӯз нагирифтаӣ, ба нияти гӯшташ дег бар оташдон манеҳ!

Рӯбоҳи бӯри сиёҳтоб аз они касе нест, ки онро дидааст, моли шахсест, ки онро ба даст овардааст!

**Ёддошт**. Намехостам воқеаеро ба одамон ҳикоят бикунам, зеро ки онро воқеаи хуш гуфтан наметавонам. Вале кори шуданӣ шуд, модом ки аз як сар ҳикоят кардам – инашро партофта рафта намешавад. Дар кӯҳистон бекора намегӯянд: «Модом ки ба об то миён даромадӣ, ғӯта задан гир», «модом ки даҳони халтаро кушодӣ, бирез ҳар чӣ дар он ҳаст».

Агар он ҳодисаи бемаъние, ки ҳоло ҳикоят кардениям, рӯй намедод, китоби ҳоло менавиштаамро кайҳо навишта тамом мекардам.

Одатан, навиштани китобро сар карда бошаму сафаре пеш ояд, дастнависро ҳамроҳи худ мебарам. Дастнависҳои ман ба ҳамин минвол ҳамроҳам ба мамлакатҳои гуногун сафарҳои дуру дароз кардаанд. Ман онҳоро ҳамроҳи худ, албатта, бекора намегирам: ҳама вақт дар меҳмонхона субҳгоҳон фурсате мешавад, ки кас ба сари дастнавис нишаста, саҳифаи наве эҷод мекунад. Китоби мазкурам низ ҳамроҳи худам аз баҳру бар гузашта, қитъаҳои дигарро дида омад.

Боре аз Брюссел баргашта, дар меҳмонхонаи «Маскав» дар ошёнаи ҳаштум манзил кардам. Модом ки сухан аз ҳамин хусус рафт, бояд бигӯям, ки меҳмонхонаи «Маскав» бароям меҳмонхонаи одӣ нест, балки гӯё хонаи дуюми ман аст. Агар солҳои нависанда шуда, бо корҳои гуногун ба пойтахт рафтанамро ба ҳисоб гирем, гуфтан мумкин, ки қариб ними умрам дар ҳамин меҳмонхона гузашт.

Ҳамаи маъмурон, ҳамаи навбатдорони ошёнаҳо, ҳамаи хизматгорзанон маро хуб мешиносанд, ман ҳам – онҳоро. Ҳамеша дар меҳмонхонаи «Маскав» манзил кардани маро дӯстони маскавиам низ медонанд; дуруст аст, дар байни онҳо касоне ҳастанд, ки «Расул дар Маскав» гуфтан ба эшон маънии онро дорад, ки аз бекорӣ як сари қадам даромада, меҳмони ман шаванд.

Ман ҳанӯз дасту рӯ нашуста, ҷирингоси телефон, тиқ-тиқи дар сар мешавад ва дере нагузашта, дар хонаи ман ҷойи нишаст ё тоб хӯрдан ҳам намемонад. Чӣ илоҷ, ҳарчанд ҳуҷраи меҳмонхона бунаи кӯҳистон нест, мо мардум, аз рӯи одати қадимӣ, номи меҳмонро фақат рӯзи сеюм мепурсем. Азбаски ҳеҷ кас дар меҳмонхона се рӯз меҳмон намешавад, номи аксари онҳое, ки ба ҳуҷраи ман меоянд, номаълум мемонад.

Алқисса, боре ман аз Брюссел баргашта, чун ҳамеша, дар меҳмонхонаи «Маскав» манзил кардам ва ҳуҷраи ман мисли ҳарвақта сермеҳмон буд. Баъзеҳо аз хориҷа баргаштани маро табрик гуфтанӣ, дигарҳо маро ба Доғистон роҳи сафед хостанӣ, сеюмиҳо бе ягон кор омада буданд. Баъзеҳоро худам таклиф кардам, баъзеҳо бе таклиф омада буданд.

Якеро бо ҷӯшу хурӯш таъриф мекардем ва ба ҳамин муносибат менӯшидем; дигареро бо ҷӯшу хурӯш танқид мекардем ва ба ҳамин муносибат менӯшидем. Гап мезадему менӯшидем. Механдидему менӯшидем. Месурудему менӯшидем. Ба замми ин ҳуҷра чунон пури дуд шуда буд, ки гӯё дар таки миз ё кат гулхане аз ҳезуми тар месӯхта бошад.

Абӯтолиб мегуфт, ки ӯро се чиз пир кардааст.

Яке: ҳамаи меҳмонон ҷамъ шудаанду як нафарро мунтазир, вай таъхир мекунад.

Дигаре: завҷа таомро ба рӯйи дастархон овардаасту писари ба арақ рафта ҳеҷ не, ки баргардад.

Ва ниҳоят сеюмӣ: вақте ки ҳамаи меҳмонон рафтаанду як нафар, ки тамоми бегоҳ хомӯш буд, баногоҳ дар назди остона истода, даҳони халтаи гапро мекушояд, гӯё қусури тамоми соатҳои хомӯш нишастаашро бароварданист ва кас яқин мекунад, ки ҷоғзании вай охир надорад.

Ҳар қадар шалпар гаштаӣ, ҳарчанд чашмонат пури хоб аст, маҷбурӣ ёва гуфтанҳои ӯро гӯш бикунӣ. Ҳаракат мекунӣ, ки ба ҳар гапаш розӣ шавӣ, то ки лаққиданашро зудтар ба охир расонаду бадар равад. Аммо розишавии ту ӯро ба розҳои нав ба нав илҳом мебахшад.

Шабе, ки бо чунин даҳшат анҷом ёфт ва дар хусусаш ҳоло ҳикоят карданиям, ҳамин гуна меҳмоне дар ҳуҷраи ман буд. Ин меҳмон баъди рафтани ҳама монда, мастона худро ба китфи ман бор мекард, таҳсигорашро ба ҳар ҷойи ростомади хона, ба пардаи тиреза, такяи курсӣ, ба ҷомадони ман, ба коғазҳои рӯйи миз пахш менамуд.

Аввал ӯ маро таъриф кард, «хуб» гуфтам. Сипас, ба таърифи худ гузашт, «хуб» гуфтам. Баъд ба таърифи занаш гузашт, «хуб» гуфтам. Дар ниҳояти кор ба танқиди ман шурӯъ карда, дар ҳаққам ҳар хел сафсата гуфтан гирифт, вале ман ба ин ҳам «хуб» гуфтам. «Ҳамин замон ба танқиди худ ва зани худ мегузарад», – гуфтам дар дил бо даҳшат. Аз рӯйи мантиқ меҳмони ман мебоист акнун ба танқиди худ сар мекард, аммо ба ҳамин ҷо расиду якбора саросема шуда, ба ҳуҷраи худ рафт. Вале барои он ки аз рафтанаш ғамгин нашавам, ваъдаи фардо омадан дод.

Баъзан мегӯянд: ҳама ҷои меҳмон зебост, лекин зеботарин ҷойи ӯ – тахтапушташ. Ин дафъа маънии мақоли мазкурро фаҳмидам. Тахтапушти меҳмони бадаррафта хеле зебо намуд. «Хайрият, – оҳи сабук кашидам, – ҳамаи ташвишҳои имшаба тамом шуд, акнун оромона хоб кардан мумкин». Ҳалқаи дарро саросема гузаронида, дуздона ба ҷогаҳ даромадам ва ҳамон дам хобам бурд. Хобам бароҳат буд, чунон ки ба болоят чакман кашида мехобию аз берун садои борон меояд. Хоб дидам, ки дар ҳақиқат ба бурка печида, назди гулхан хобам, дар атрофам чӯпонҳо нишастаанд. Онҳо ба гулхан дам ба дам ҳезум мепартоянд. Гулхан дуд мекунад ва чашму биниам сӯзиш дорад. Сипас, гӯё дар нонвойхонае бошам, он ҷо хеле гарм, лекин сабаб чӣ бошад, ки бӯйи сӯхта меояд. Баъд хоб ба он гузашт, ки мо ёру ҷӯраҳо рӯзи якшанбе берун аз шаҳр рафта,сихкабоб пухта истодаем.

Аз сӯзиши тоқатфарсои чашмонам бедор шудам. Ҷаста хестам, чизеро дида наметавонам. Хона пури дуд, таки дар ҳатто сӯхта истодагӣ барин. Худро сӯи оташ андохтам ва дидам, ки ҷомадонам сӯхта қариб тамом шудааст.

Рӯи ҷомадонам пур аз коғазчаҳои меҳмонсароҳои олидараҷаи ҷаҳон буд. Ману ҷомадонам чандин мамлакатҳоро дида омадаем! Аз чандин боҷхонаҳо беосеб гузаштаем! Дуруст аст, ки ҳеҷ гоҳ даруни он чизи мамнӯъ набуд, аммо як шиша арақе, ки ба дӯстони хориҷиат савғот мебарӣ, ё як қуттӣ сигори зиёдатӣ, ё худ камзӯлчае, ки ба завҷаат гирифтаӣ, гоҳо боиси норозигии амалдори боҷхона мегардад.

Инак, ҷомадони ман дар ягон боҷхона насӯхта, дар ҳуҷраи осоиштаи меҳмонхонаи «Москва» сӯхт.

Нимсӯхтаҳои ҷомадонро саросема чанг зада ба ванна партофтам ва аз болояш об сар додам. Фағонаҳои дуд ба ҳаво печиданд. Дастам аллакай сӯхта буд, ба гумонам, рӯям ҳам, вале алҳол курсие, ки пеш дар болояш ҷомадон меистод, инчунин қолӣ, инчунин дарпардаро аз чанголи оташ халос карданам лозим буд. Тозон гӯшаки телефонро гирифта, ба навбатдори ошёна занг задам.

– Сӯхтам! – дод задам ба гӯшаки телефон. – Маро наҷот диҳед!

Аммо навбатдор, зоҳиран, гумон кард, ки Расулро ба ҷуз оташи ишқ оташе сӯхта наметавонад ва алҳол ман дар ишқи ӯ сӯхтан дорам. Навбатдор оромона ва модарвор ҷавоб дод:

– Монед-э, Расул, хоб равед. То пагоҳӣ ҳамааш гузашта меравад!

Чӣ мардуме ҳастанд занон! Борҳо шӯхиомез гуфтам, ки сӯхтам, бовар карда, ба додам расиданд. Лекин дар умрам як бор ба оташи ҳақиқӣ афтодаму касе ба ман бовар накард.

Ман ҳамчун оташнишони ҷасур бо оташ ҷанги тан ба тан мекардам. Дар ниҳояти кор, албатта, ҳам қолӣ, ҳам курсӣ, ҳам дарпардаи оташгирифта ва ҳам фарши сӯхтаистодаро хомӯш кардам. Оре, ман бар оташ ғолиб омадам, вале то ба ин ғалаба расидам, ки оташ ба ман хеле зарар расонид.

Эҳтимол, меҳмони маст таҳсигорашро даруни ҷомадон партофтааст ва ҳама кор аз ҳамон сар задааст. Куртаҳоям, костюмам, тухфаҳои аз Брюссел овардаам ҳама сӯхтанд. Маъмурияти меҳмонхона аз болои қолӣ, курсӣ, дарпарда акт монд, ки товони ин чизҳо маблағи даҳшатангезе шуда баромад. Худ ба беморхона афтодам. Ба завҷаам телефон карда гуфтам, ки кори муҳимме дорам ва ин ҷо чанде таваққуф хоҳам кард. Азбаски чӣ кори муҳим буданашро ҳанӯз фикр карда наёфта будам, ваъда додам, ки боз телефон хоҳам кард. Як таҳсигори сабил боиси ин қадар ташвишҳо гардид.

Аммо ба шумо бигӯям, ки ин ҳама дар пеши зарари асосии ба ман расида ҳеҷ буд. Дар таки ҷомадон дастнависе мехобид, ки маҳсули меҳнати дусолаи ман буд...

Мегӯянд, ки моҳии калонтарин ҳамон аст, ки аз шаст биҷаст; оҳуи мушкин ҳамон аст, ки тират нарасид; зани зеботарин ҳамон аст, ки туро тарк гуфт.

Саҳифаҳои зиёди дастнависам сӯхтанд!

Ҳоло мепиндорам, ки он саҳифаҳои беҳтарин ва хубтарин буданд.

Ғайр аз ин, моҳии калоне, ки аз шаст биҷаст, аздусар, моли ман набуд. Оҳуи мушкин, ки тирам нарасид, аз они ман набуд. Ҳамчунин зане, ки маро тарк гуфт, зани ман набуд. Вале саҳифаҳои ба дами оташрафта аз они ман буданд. Ман онҳоро худ ғаму ранҷ бурда офаридаам. Ман ба сари он саҳифаҳо шабҳои бешуморро рӯз ва рӯзҳои дарозро бо меҳнати собирона шаб кардаам. Аз ҳамин сабаб ба сӯхтани дастнависи худ месӯхтам. Аз ҳамин сабаб мепиндорам, ки он китоби беҳтарини ман буд.

Ман якбора ятим шуда мондам, ҳамчун мазраае гаштам, ки ғаллаашро даравида бурдаанд ё мисли дарзаи охирине, ки фаромӯш карда монда рафтаанд.

Ҳар як ҳарфи саҳифаҳои сӯхта ба назарам дурдона менамуд. Он сатрҳо дар тасаввурам ба сони шаддаи марворид медурахшиданд.

Чунон музтариб гашта будам, ки муддати ду сол барои аз нав барқарор кардани дастнависи аздастрафта даст зада натавонистам. Пас аз он, ки ором шуда ба сари кор нишастам, яқин кардам, ки, бешак, китобро аз нав ва тақрибан дар ҳамон хусус навишта метавонам, вале барқарор кардани саҳифаҳои пештара имконнопазир аст.

Айнан мисли ҳамин, агар фарзанди азизи зану шавҳаре бимирад, онҳо, вақташ ояд, боз фарзанддор мешаванд ва ӯро ҳам на камтар аз он фарзанди фавтидаашон азиз медоранд, вале, дар ҳар ҳол, ин на он фарзандест, ки талаф додаанд.

Мегӯянд, ки шеър ба об тоб надорад. Шеър – оташу эҷодиёти шоир сӯхтан аст. Оре, шеър набояд сероб бошад. Аммо шеърро Худо аз чунин оташе ҳам, ки дастнависи ман дар ҳуҷраи меҳмонхона дучораш омад, нигоҳ дорад.

Қиссаи хонаи Абӯтолибро задани дузд. Намедонам, чи хел шуд, кадом чапдасте баромад ва чӣ тавр хонаи Абӯтолиб бе одам монд, ки боре онро дузд зад. Диданд, ки: соати тиллои духтараш, ангуштарини тилло, гӯшвора ва дигар зеварҳо нестанд. Палтои мӯина ҳам нест, куртаҳо ҳам, туфлию пул ҳам... Зани Абӯтолиб қариб, ки беҳуш шавад, духтараш фарёд зада, худро рӯйи кат партофт. Лекин Абӯтолиб хонаи дигар гузашт, ба рӯи фарш нишаста сурнайнавозӣ оғоз кард.

Занаш ба Абӯтолиб дарафтод:

– Чи тавр ба дилат меғунҷад: ин хел фалокат ба сарамон омадааст, ба милисаю прокурор давидан даркор...

– Чи фалокат аст ин! Шеърҳои ман дар ҷояш. Нигар, ҳамаи коғазҳоям аз ҷояш беҷо нашудааст. Дуздҳо даст нарасонидаанд. Барои чӣ ман ғам хӯрам!

– Шеърҳои ту ба кӣ даркор, боз ба забони лакӣ.

– Э, ту ҳеҷ чизро намедонӣ. Одамоне ҳастанд, ки ҳатто шоир ном доранду ғайр аз дуздидани шеърҳои дигарон коре намекунанд. Худоро шукр, ки шеърҳои ман сиҳат мондаанд. Ман ба навиштани ин шеърҳо як соли дароз меҳнат кардаам ва агар дузд мебурд, кулфати бузурге ба сарам меомад. Сурнай ҳам дар ҷояш мондааст. Чаро аз шодӣ нанавозам?

Абӯтолиб инро бигуфт ва ба гиряву нолаи зану духтараш дигар аҳамият надода, сурнаяшро навохтан гирифт.

Афандӣ Капиев ба ман ҳикоят карда буд. Дар яке аз рӯзҳои хушҳавои тобистон Сулаймон Сталский дар рӯйи боми бунаи худ чашм бар осмон дӯхта мехобид. Дар атроф мурғон нағмасароӣ мекарданду ҷӯйборон шилдиррос мезаданд. Ҳар кас ҳам гумон мекард, ки Сулаймон фароғат дорад. Завҷаи Сулаймон низ чунин пиндошт. Ӯ ба бом баромада, Сулаймонро ба хона чеғ зад:

– Хинкал тайёр, дар рӯйи дастархон. Вақти хӯрок шуд.

Сулаймон ҷавобе надод ва ҳатто сарашро гардонида нигоҳе накард.

Пас аз чанде Айна дубора шавҳарашро фарёд кард:

– Хинкал хунук шуд, баъд хӯрда намешавад!

Сулаймон аз ҷояш наҷунбид.

Дид, ки намешавад, завҷааш хӯрокро ба рӯйи бом овард, то ки Сулаймон, агар табъаш ҳаминро хоҳад, дар ҳамин ҷо бихӯрад. Ӯ ба пеши шавҳар хӯрокро гузошта гуфт:

– Пагоҳӣ боз намак начашидаӣ. Хӯрда бин, ман ба ту чӣ хел хинкали бомаза пухтам.

Сулаймон дар қаҳр шуд. Аз ҷо барҷаста, сӯйи завҷаи ғамхораш фарёд зад:

– Ҳамеша ту ба кори ман халал мерасонӣ!

– Охир, ту бекор ғелида мехобидаӣ. Ман гумон кардам...

– Не, ман кор мекунам. Дигар ба ман халал нарасон.

Дар ҳақиқат, он рӯз Сулаймон шеъри наве эҷод мекардааст.

Хулоса, шоир ҳатто дар вақти ду чашм бар осмон дӯхта хобиданаш ҳам кор мекунад:

*Шоире бар завҷааш шеъре навишт:*
*«Моҳи ман, Парвини ман, эй нури чашм!*
*Дар барам бошӣ, ҷаҳон бар ман – биҳишт,*
*Бе ту дӯзах гардадам дар сина хашм!»*

*Инак, омад завҷа-моҳи арҷманд –*
*Як қадам бинҳод рӯи остон.*
*«Боз ин ҷоӣ! – зи ҷояш шуд баланд, –*
*Мон, кунам коре ва ё ҷонам ситон!»*

Падарам ба ман ҳикоят карда буд.

Сарояндаи бузурги муҳаббат – Маҳмуд ба хонаи як шахси обрӯманд меҳмон мешавад. Он ҷо ғайри ӯ низ меҳмонон буданд. Шоир то ними шаб табъи ҳозиронро бо сурудҳои худ шод мегардонад. Сипас ҳама хоб мекунанд. Ба Маҳмуд хонаи беҳтаринро ҷудо карда медиҳанд. Соҳиби хона барои таҳорат офтобаю лаган оварда мемонад ва «шаб бахайр» гӯён меравад.

Субҳ соҳиби хона, Маҳмуд дар хоб монда, намози бомдодаш қазо нашавад, гӯён оҳиста дари хонаи Маҳмудро кушода менигарад. Мебинад, ки шоир хобро фикр ҳам накардааст. Ӯ ба рӯйи қолӣ чорзону нишаста, шеър менавишт ва мисраъҳоро зери лаб такрор мекард:

*Ҳеҷ гаҳ васфи биҳиштат накунам,*
*Ту аз ин дахмаса озодам кун.*
*Гир он равзаи ризвон ба худат,*
*Мон ба ман дилбараму шодам кун.*

– Маҳмуд, вақти намоз шуд, шеъратро як сӯ мон, намоз хон!

– Намози ман – ҳамин, – ҷавоб мегардонад Маҳмуд.

Хулоса, шоир ҳатто вақти намоз ҳам кор мекунад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Акнун худам дар ҳаққи як шоири авар ҳикоят мекунам. Ман номи ӯро намегирам. Намехоҳам, ки баъд вай

ангуштнамои шумо гардад ва ба ҳолаш бихандед. Зеро ки ин ҷо чизи хандиданӣ ҳаст.

Шоир зан гирифт. Тӯй шуд, меҳмонон, арӯсу домодро дар хонаи хосса барояшон ороста гузоштанду рафтанд. Арӯс ба бистари никоҳ даромад ва ба омадани домод нигарон шуд. Аммо домод ба ҷои он, ки назди арӯсаш ояд, сари миз нишаста, шеърнависиро сар кард. Ӯ тамоми шаб шеър навишт ва субҳгоҳон шеъри дарози ба муҳаббат, ба арӯс ва шаби никоҳ бахшидаашро ба итмом расонид.

Оё мо бояд чунин хулоса барорем, ки шоир ҳатто дар шаби висол ҳам кор мекунад? Агар ман мисли он шоири авар кор мекардам, шумораи китобҳоям аз ҳозира панҷоҳ баробар зиёд мешуд. Лекин ба фикри ман, он китобҳо ғайрисамимӣ мебаромаданд.

Ҳар он кас, ки оғӯши гарми арӯсашро монда, сари миз мешинад, ҳар он кас, ки дар ҳузури зебосанаме қаламу коғазро як сӯ ғундошта намемонад, ба фикрам, риёкор асту бас. Бигзор, ӯ даҳ,бист баробар зиёдтар нависад, аммо дар навиштаҳои ӯ самимият нахоҳад буд.

Оре, кор кардан зарур аст! Хирадманде зери дарахти себ ба умеди он ки себ ба даҳонаш меафтад, хобидааст. Аммо себ наафтодааст.

Аммо шоирро ҳам дар пеши тамоми мардум, ҳам дар пеши худ бештар аз кор ва шояд, бештар аз истеъдод, самимият зарур аст.

Мегӯянд: шердил – ё рӯйи зин, ё зери замин.

Мегӯянд:

– Манфуртарин ва зишттарин дар ҷаҳон кист?

– Марде, ки аз тарс меларзад.

– Аз ин ҳам зишттар ва манфуртар кист?

– Марде, ки аз тарс меларзад.

## РОСТӢ ВА ҶАВОНМАРДӢ

*«Бар марди хирадманд имомат бидиҳем»,*
*– Мегуфт ба аҳли анҷуман ноиби пир.*
*«Бар гурди ҷаҳонбанд имомат бидиҳем», –*
*Мегуфт дигар ноиби соҳибтадбир.*
*Аммо, ба хаёлам, зи ҷаҳондорӣ ҳам*
*Дар шаъни ҷаҳон шеърсароӣ душвор.*
*Бар шоири мо бидуни кишвардорӣ,*
*Ҳатмӣ бувадаш дониши дигар, зинҳор.*

Аварҳо ҳикоят мекунанд. Аз қадимулайём рост ва дурӯғ ҳампаҳлӯянд. Аз қадимулайём онҳо байни худ талош доранд, ки кадоме зарууртар, муфидтар ва зӯртар аст. Дурӯғ мегӯяд – ман, рост мегӯяд – ман. Талоши онҳоро поён нест.

Боре онҳо оламро давр зада, аз мардум пурсиданӣ шуданд, ки ҳақ ба ҷониби кист. Дурӯғ пеш-пеш аз пайраҳаҳои борики каҷу килеб медавид, ба ҳар роғ нигоҳ мекард, ҳар шикоферо мебӯйид, ба ҳар тангкӯчаю паскӯча тоб мехӯрд. Рост фақат аз роҳҳои рости фарох сарбаландона қадам мезад. Дурӯғ беист ҳингир-ҳингир механдид, аммо рост мутафаккир ва маҳзун буд.

Онҳо бисёр роҳҳо, шаҳрҳо, авулҳои гуногунро гаштанд, назди шоҳону шоирон, хонҳову қозиён, бозаргону ҷодугарон рафтанд, инчунин миёни халқи одӣ гаштанд. Он ҷое, ки дурӯғ пайдо мешуд, мардум худро озод ва сабукбор ҳис мекарданд. Онҳо ба рӯйи якдигар хандида меистоданд, ҳарчанд ки дар ҳамин дам якдигарро мефиребиданд. Ва медонистанд, ки якдигарро фиреб медиҳанд. Бо вуҷуди ин, беғаму фориғбол буданд, якдигарро фиреб медоданд, дурӯғ мегуфтанд, вале шарм намедоштанд.

Лекин ҳангоме ки рост пайдо мешуд, мардум ғамгин гашта, нигоҳ аз якдигар тофта, чашм бар замин медӯхтанд. Одамон ханҷар аз ғилоф мекашиданд (ба хотири рост), ранҷида ба ранҷоварда, харидор ба бозаргон, мардуми одӣ – ба хон, хон – ба шоҳ дармеафтоданд, шавҳар зани худ ва хушдори ӯро мекушт. Хунрезӣ мешуд.

Бинобар ин, аксари одамон ба дурӯғ мегуфтанд:

– Аз назди мо нарав! Ту дӯсти бегумони моӣ. Бо ту зиндагии мо осон ва сабук аст! Аммо ту, рост, ба мо фақат ташвиш меоварӣ. Ба фикр кардан, ғам хӯрдан, азоб кашидан, мубориза кардан маҷбур месозӣ. Оё дар роҳи ту кам ҷанговарону шоирон ва ҷавонмардон ҳалок гардидаанд.

– Ҳа, читу, – мегуфт дурӯғ ба рост, – дидӣ, ман заруртар ва муфидтар будаам. Чанд хонадонро давр зада баромадем, дар ҳама ҷо маро таҳсин мегӯянд, на туро.

Оре, мо бисёр ҷойҳои ободро гаштем. Биё, акнун ба қуллаҳо бароем. Биё, рафта, аз чашмасори сардоби мусаффо, аз гулу лолаҳо, аз барфҳои куҳани сап – сафеду бедоғ бипурсем.

Дар қуллаҳо сад асрҳо зиндаанд. Он ҷо амалиёти ҷовидона ва одилонаи қаҳрамонон, паҳлавонон, шоирон, ҳакимон, азизон, фикру андешаҳо ва суруду васиятҳои онон зинда аст. Дар қуллаҳо зинда аст он чӣ абадист ва аз такопӯйи ночизи рӯйи замин дигар боке надорад.

– Не, ман он ҷо намеравам, – ҷавоб дод дурӯғ.

– Ҳа, чӣ, аз баландӣ метарсӣ? Охир, фақат зоғҳо дар пастиҳо мегарданд, уқобон аз кӯҳҳои баландтарин ҳам баландтар парвоз мекунанд. Наход, то уқоб шудан, зоғ шуданро авло донӣ? Оре, ман медонам, ту метарсӣ, вассалом. Ту умуман буздилӣ! Ту фақат дар сари дастархони тӯёна, ки он ҷо майнӯшӣ асту бас, муноқиша карда метавонӣ, аммо аз тӯйхона, ки он ҷо қадаҳ не, ханҷар садо медиҳад, берун баромадан метарсӣ.

– Не, ман аз баландиҳои ту наметарсам. Аммо дар он ҷо коре надорам, чунки одам нест. Ман подшоҳи кишвари пастам, ки он ҷо одамонанд. Ман бар онҳо ҳокими мутлақам. Ҳамаи онҳо тобеи мананд. Фақат баъзе нотарсҳо ҷуръат карда, ба ман муқобилат нишон медиҳанд ва ба роҳи ту, ба роҳи рост, медароянд. Аммо ин гуна одамон хол-холанд.

Оре, хол-холанд. Вале чунин одамонро қаҳрамон меноманд. Шоирон сурудаҳои беҳтарини худро ба онҳо мебахшанд.

Қиссаи шоири ягона. Ин ҳикоятро ба ман Абӯтолиб гуфта буд. Дар қаламрави хоне чанд нафар шоирон зиндагӣ мекарданд. Онҳо авул ба авул гашта месуруданд. Яке ғижаку чанг менавохт, дигаре сурнай мекашид, сеюмӣ даф мезад. Хон дар вақти фориғ гардидан аз кору бор ва аз занҳояш суруди шоиронро гӯш мекард.

Боре ӯ сурудеро шунид, ки дар он аз золимии хон, беадолатӣ ва чашмтангии ӯ сухан мерафт. Хон ба хашм омад. Фармон дод, ки сарояндаи ин суруд – шоири исёнкорро дошта ба қасри хон биёранд.

Гӯяндаи ин сурудро ёфта натавонистанд. Он гоҳ ба вазиру навкарон фармон дода шуд, ки ҳамаи шоиронро дастгир кунанд. Навкарони хон чун сагони тозӣ ба авулу хонаҳо, ба пайраҳаҳои кӯҳӣ ва дараҳои ниҳон тохтанд. Онҳо ҳамаи касонеро, ки суруд меофариданду месароиданд, дастгир карданд ва ба зиндон андохтанд. Пагоҳӣ хон назди шоирони маҳбус баромад:

– Ку, акнун ҳар кас ба ман як суруди худро бихонад.

Ҳамаи шоирон паси ҳам дар васфи хон, хираду қудрати ӯ, дили пок, занҳои моҳлиқои ӯ, салтанат ва шуҳрати ӯ сурудҳо хонданд.

Онҳо дар сурудҳои худ тараннум мекарданд, ки то ин вақт чунин хони бузург ва одил ба дунё наомада буд.

Хон шоиронро як-як озод мекард. Дар охир се шоире монданд, ки суруде нахонданд ва чизе нагуфтанд. Ба рӯйи ин се нафар дари зиндонро аз нав барбастанд ва мардум гумон карданд, ки онҳо аз ёди хон фаромӯш шуданд.

Вале хон пас аз се моҳ назди маҳбусон баромад:

– Ку, акнун ҳар кадоме ба ман ягон суруди худро бихонед.

Яке аз он се нафар фавран дар васфи хон, хираду қудрати ӯ, дили нек, занҳои моҳлиқои ӯ, салтанат ва шуҳрати ӯ суруде хонд. Вай дар сурудаш тараннум мекард, ки то ин вақт чунин хони бузург ба дунё наомада буд.

Сарояндаро аз ҳабс озод карданд. Он ду нафари аз сурудан саркашӣ кардаро назди гулханҳое, ки пешакӣ дар майдон афрӯхта буданд, оварданд.

– Ҳозир шуморо ба оташ мепартоем, – гуфт хон. – Охирин бор мегӯям, ба ман ягон суруди худро бихонед.

Яке аз он ду нафар аз тарси ҷон дар васфи хон, хирад ва қудрати ӯ, дили нек ва занҳои моҳлиқои ӯ, салтанат ва шуҳрати ӯ суруде хонд. Вай дар сурудаш тараннум мекард, ки то ин вақт чунин хони бузург ба дунё наомада буд.

Ин шоирро низ аз ҳабс озод карданд. Ягона шоири саркаше монд, ки сурудан намехост.

– Ӯро ба сутун бандед, оташ занед! – фармуд хон бо қаҳру ғазаб.

Баногоҳ шоири сутунбанд сурудеро, ки дар ҳаққи хони золим, беадолат ва чашмтанг гуфта буд ва он боиси қиссаи мазкур гардид, сароид.

– Зудтар дасту пои ӯро кушоед, аз дами оташ раҳонед! – фарёд зад хон. – Намехоҳам аз ягона шоири ҳақиқии мамлакатам маҳрум шавам!

– Албатта, гумон аст, ки дар ягон ҷо чунин хонҳои оқилу накурой бошанд, – анҷом дод Абӯтолиб қиссаи худро, – аммо ин гуна шоирон ҳам каманд.

Падарам ҳикоят карда буд.

Рӯзе аз Шомили бузург муқаррабонаш суол карданд:

– Ҳазрати имом, бигӯед, ки чаро шеъру шоириро манъ кардед?

Шомил ҷавоб дод:

– Мехостам, ки фақат шоирони ҳақиқӣ шеър бигӯянд. Зеро шоирони асил аздусар шеърашонро гуфтан мегиранд. Вале шоирони тамаъкору лаққиву дурӯя, ки худро шоир ном карда мегарданд, аз фармони ман тарсида, ҷуръат гум мекунанд ва даст аз шоирӣ мекашанд. Ба ин васила халқро ҳам фиреб намекардагӣ мешаванду худро ҳам.

– Ҳазрати имом, боз як суол, бигӯед, ки чаро шеърҳои Саиди Аракониро ба дарё партофтед?

– Шеъри ҳақиқиро ба об партофтан мумкин нест, вай дар дили халқ маъво дорад. Агар шеър ба қимати коғазе, ки дар ӯ навишта шудааст, баробар бошад, пас, ҳаққаш ба об партофтан аст. Ба ҷои чунин шеърҳои сусту муст, ки мавҷи обашон бурда метавонад, Саиди Араконӣ сари ягон кори фоиданокро гирад, беҳтар аст.

Ҳикоят мекунанд: вақте ки шоири бузург Маҳмуд ҳалок мегардад, падари мотамзадааш ҷомадони дастнависҳои Маҳмудро гирифта, ба оташ мепартояд.

– Сӯзед, коғазҳои лаънатӣ, писари ман барои шумо ҷавонмарг шуд.

Коғазҳо сӯхта хокистар шуданд, аммо шеърҳои Маҳмуд ҷовид монданд. Ягон мисраъ аз сурудҳои ӯ фаромӯш нагардидааст. Ашъори ӯ дар дили мардум маъво дорад, онро на оташ гирифта метавонад, на об бурдан, зеро ки нақди ҳақиқат аст.

Падарам ба кори касони зерин механдид: ба онҳое, ки «чашм нарасад гӯён шабона, аз ҳама пинҳонӣ ба сафар мебаромаданд;

ба онҳое, ки ду чашми хӯрҷинро аз санг пур мекарданд, то одамон онро нони чурак пиндоранд;

ба шикорчиёне, ки аз шикор ба ҷои кабк зоғ бардошта меомаданд.

Абӯтолиб ба ман ҳикоят карда б у д: камбағале буд, ки худро бадавлат вонамуд карданӣ мешуд. Ӯ ҳар рӯз ба годекан хушҳол, бо чеҳраи пуртабассум меомад, мӯйлаби равғанолудаш ҷило медод, ту гӯӣ ҳамин ҳоло барракабоб хӯрдааст. Камбағал ба ҳама шунавонида лоф мезад:

– Имрӯз пешинӣ як барраи фарбеҳ куштам! Гӯшташ чунон мулоим, бомаза, ки мондан гиред!

– Ҳар рӯз як барраро вай аз куҷо меёбад? – ҳайрон мешуданд сокинони авул. – Инро санҷидан даркор.

Чанде аз ҷавонони чолок бом баромада, аз мӯрии калон даруни хона нигаристанд. Диданд, ки камбағал устухонпораеро ҷӯшонида, бо равғани ба рӯи об ҷӯлидаи он мӯйлаби худро равған кард. Сипас як каф зираро, ки аз хӯрданиҳо дар хона фақат ҳамонро дошт, ба даҳон андохт.

Ҷавонон зуд аз бом фуромада, вориди бунаи камбағал гаштанд.

– Ассалому алайкум! Роҳгузар будем, гуфтем, як сари қадам хонаи бойбобо дароем.

– Андаке дер омадед, нав барракабоб карда хӯрдам, акнун аз хона баромаданӣ будам.

– Ту аввал бигӯй, ки ин хел зираи хуштаъму хушбӯйро аз куҷо чида меоӣ?

Камбағал фаҳмид, ки ҷавонон аз сирраш огоҳӣ ёфтаанд, сари хиҷолат пойин афканд. Баъди ин воқеа мӯйлабаш ягон бор равған надид ва ҷило надод.

**Ёддошт**. Боре дар айёми бачагиам падар маро сахт лат кардааст. Шаттаҳои хӯрдаам кайҳо аз ёд рафтаанд, аммо сабаби шаттахӯриро ҳанӯз ба хотир дорам.

Як пагоҳӣ аз хона баромада, гӯё сӯйи мактаб равон шудам, аммо ба тангкӯчае тоб хӯрдам, баъд ба кӯчаи дигаре даромадам, хуллас, ки он рӯз ба мактаб нарафтам. То бегоҳ бо бачаҳои кӯча бозӣ кардам. Падарам каме пул дода буд, ки китоб бихарам, вале ман ҳама кори оламро фаромӯш карда, саргарми қимор гардидам. Пул, албатта, тамом шуд ва дар ғами пулёбӣ афтодам. Кас ҳангоми қиморзанӣ ва бохтани тини охирин гумон мекунад, ки агар панҷ тини дигар ёфта метавонист, ҳамаи пулҳои бохтаашро бармегардонид ва ҳатто бурд мекард. Ман низ пиндоштам, ки чанд танга пайдо кунам, пули бохтаамро гашта мебарам.

Аз бачаҳое, ки ҳамроҳашон бозӣ мекардам, қарз хостам. Аммо касе надод. Зеро фоле ҳаст, ки гӯё дар вақти бозӣ ба одами қиморбохта пул қарз диҳӣ, худ низ қиморро бой медиҳӣ.

Дидам, ки нашуд, илоҷи дигаре ёфтам. Авулро хона ба хона давр зада, эълон кардам, ки пагоҳ паҳлавонҳо меоянд ва маро фармудаанд, ки барояшон пул ғундорам.

Саги гушнаи дайду дар ба дар гашта, чӣ ҳам пайдо карда метавонад? Аз ду яке: ё устухонпора ё калтак. Ба ман баъзеҳо пули сиёҳе ҳам намедоданд. Як хелҳо медоданд. Зоҳиран, падарамро хотир карда медоданд.

Пас аз давр задани авул дарёфтамро шумурда дидам, ки бозиро давом диҳам, мешавад. Вале ин пули сабил ҳам зуд тамом шуд. Бар замми ин, вақти бозӣ рӯ-рӯйи замин гавак кашидан лозим мешуд. То бегоҳ шалворам дарида, зонуҳоям хуншор гаштанд.

Дар ин миён хонагиҳо ба ҷустуҷӯйи ман афтодаанд. Акаҳоям маро кофта ба чор тарафи авул рафтаанд. Сокинони авул, ки гапҳои бофтаи маро дар хусуси омадани паҳлавонҳо шунида буданд, як-як ба хонаи мо омада, тафсилоти хабари мазкурро донистанӣ мешуданд. Хуллас, ҳангоме ки маро аз гӯшам дошта хона меоварданд, моҷароям сар то по маълум гашта буд.

Инак, ман дар ҳукми падар. Ман дар дунё бештар аз ҳамин ҳукм метарсидам. Падар аз нӯги нохун то фарқи сарамро назар кард. Зонуҳои варамидаи суп-сурхам аз сӯрохии шимам баромада меистод, чунон ки болиштҳои пари ба равзани буна халонида намоёнанд.

– Ин чӣ? – пурсид падар оромона.

– Ин зону, – ҷавоб медодам ман ҷойи даридаи шимамро бо дастонам панаҳ карданӣ шуда.

– Зону буданаш маълум, лекин чаро баромада истодааст? Гап зан, шалворро дар куҷо даррондӣ?

Ман чор тарафи шалвори худро нигоҳ мекардам, гӯё ки даридаашро ҳамин ҳоло медида бошам. Бачаи дурӯғгӯ ва тарсончак аҷиб аст: мефаҳмӣ, ки калонсолон ҳамаашро медонанд ва мункир шудан бефоидаю хандаовар аст, бо вуҷуди ин, то охир файсал дода, росташро намегӯӣ ва кадом як сафсатаҳоро мебофӣ.

Дар овози падарам оҳанги таҳдид пайдо шуд. Хонагиҳо, азбаски феъли сарвари оиларо медонистанд, ба халос кардани ман шитобиданд.

Аммо падар бо ишорате онҳоро дур кард ва боз аз ман пурсид:

– Хӯш, шалворатро чи хел даррондӣ?

– Дар мактаб... ба мех дармонд...

– Чи хел, чи хел, такрор кун...

– Ба мех.

– Дар куҷо?

– Дар мактаб.

– Кай?

– Ҳамин рӯз.

Падар кашидаю кушода ба рӯям як торсакӣ зад.

– Акнун бигӯ, шалворатро чи хел даррондӣ?

Ман хомӯш меистодам. Падар ба ин бари рӯям ҳам як торсакӣ зад.

– Акнун гап зан.

Ман гиристам.

– Дам шав! – амр кард падар ва даст ба сӯйи тозиёна бурд.

Ман гиряро бас кардам. Падар боз қулоч кашид.

– Агар ҳозир росташро як ба як нагӯйи, қамчинкориат мекунам.

Ман чӣ будани тозиёнаи гиреҳаш сангтарошидаро медонистам. Воҳимаи тозиёна аз тарси ростгӯӣ боло гирифт ва ҳодисаҳои аз пагоҳӣ рӯйдодаро якояк гуфтам.

Танбеҳхӯрӣ ба охир расид. Ман се рӯз ба худ омада натавонистам. Зиндагии хона ва мактаб зоҳиран муътадил менамуд. Аммо дили ман дар ҷояш набуд. Ҳис мекардам, ки бо падар маро боз гуфтугӯе дар пеш аст. Зиёда аз ин, худ чунин гуфтугӯро мехостам ва ҳатто ташнаи он будам. Дар он рӯзҳо бештар аз он ваҷҳ азоб мекашидам, ки падар бо ман гап задан намехоҳад.

Рӯзи сеюм ба ман гуфтанд, ки падар фарёд дорад. Ӯ маро дар паҳлуи худ шинонида, сарамро бо навозиш сила карда пурсид, ки ҳоло дар мактаб чиро гузашта истодаам, баҳоҳои ман чи хеланд. Сипас, баногоҳ суол кард:

– Медонӣ, барои чӣ ман туро лат кардам?

– Медонам.

– Барои чӣ, ба фикрат?

– Барои он, ки қиморбозӣ кардам.

– Не, барои ин не. Кадоме аз мо дар бачагӣ қиморбозӣ накардааст? Ман ҳам қиморбозӣ кардаам, акаҳоят ҳам.

– Барои он ки шалворамро даррондам.

– Не, барои шалвор ҳам не. Кадоме мо дар бачагӣ шалвор ё курташро надаррондааст. Хайрият, ки сарамон амон монд. Охир, ту духтарча нестӣ, ки доим аз пайроҳача роҳ гардӣ.

– Барои он ки мактаб нарафтам.

– Албатта, ин – хатои калони ту: ҳамаи ҳодисаҳои онрӯза аз ҳамин сар задааст. Туро барои ин корат ҳамчунин барои шалворро даррондану қимор бозидан ҷанг кардан лозим буд. Хайр, бисёр сахт ҷазо диҳам, гӯшатро метофтам. Ман туро, писарам, барои дурӯғ гуфтанат лат кардам. Дурӯғгӯйӣ кори хато ё тасодуф нест, ин хислати одам аст, ки реша ронданаш мумкин. Ин гиёҳи заҳрнокест дар замини дили ту. Агар онро кас сари вақт решакан накунад, тамоми замин аз вай пур мешавад ва барои сабзиши тухми некӣ ҷое намемонад. Дар ҷаҳон даҳшатноктар аз дурӯғ чизе нест. Онро задаву пеш кардан мумкин нест. Агар ба ман бори дигар гапи дурӯғ бигӯӣ, мекушамат. Аз ҳамин соат биноан ту фақат гапи рост мегӯйӣ. Наъл каҷ бошад, каҷ мегӯйӣ, дастаи кӯза каҷ бошад – каҷ, дарахт каҷ бошад – каҷ, фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам.

– Ин тавр бошад, рав.

Ман рафтам ва дар дил қасам хӯрдам, ки ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегӯям.

Ғайр аз ин медонистам, ки ягон гап шавад, падарам маро ҳар қадар азиз дорад ҳам, дар лафзаш меистад ва маро мекушад.

Пас аз чанд сол ман ин қиссаро ба як дӯстам ҳикоят кардам.

– Наход? – нидо кард ӯ. – Ту ҳамин як дурӯғи андаку ночизи худро фаромӯш накардаӣ?

Ман ҷавоб додам:

– Дурӯғ дурӯғ асту рост – рост. Ин чизҳо на хурдӣ доранду на калонӣ. Ҳаёт ҳасту мамот ҳаст. Даме ки марг мерасад – ҳаёт нест ва баръакс, то даме ки аз ҷон рамақе ҳаст, марг нест. Ин ҳарду якҷоя вуҷуд надоранд. Яке дигареро инкор мекунад. Дурӯғ ва рост низ чунинанд.

Дурӯғ – бадномӣ, разолату касофат аст. Рост – зебоиву назокат, осмони софу беғубор аст. Дурӯғ – буздилӣ, рост – мардонагӣ. Ё ин ҳаст, ё он, чизе, ки байни ину он бошад, вуҷуд надорад.

Акнун, ки баъзан асарҳои дурӯғи нависандагони дурӯғгӯро хонданам лозим мешавад, тозиёнаи падар ба ёдам мерасад. Ҳоло он тозиёна басо зарур аст. Чунин падари сахтгиру ҳақгӯй зарур аст, ки дар ҳолати даркорӣ таҳдид карда бигӯяд: «Агар дурӯғ бигӯйӣ, мекушамат!». Вале, ҳайҳот, ки ҳоло дурӯғ мегӯянду ҷазое намебинанд!

Кошки фақат дурӯғ беҷазо мемонд! Магар барои ростӣ ҷазо намедоданд? Магар дар таърих мисолҳое каманд, ки одамон маҳз ҳақиқатгӯйӣ карда азоб кашидаанд, маҳз барои ҳақро ҳақ гуфтанашон бар сарашон тозиёнаи танқид боло шудааст?!

Дар бачагӣ маро басо ҷасорат лозим шуд, то аз сухани ҳақ гиребон натобам. Чунки аз сухани ҳақ рӯй тобӣ, роҳату осуда намешавӣ, балки сахт азоб мекашӣ, азоби виҷдон мекашӣ.

Далерон ақидаи худро дигар намекунанд. Онҳо медонанд, ки Замин давр мезанад. Онҳо медонанд, ки Офтоб ба гирди Замин не, балки За-

мин ба гирди Офтоб давр мезанад. Онҳо медонанд, ки шаб мегузараду субҳ медамад, сипас рӯз мешавад, бар ивази рӯз боз шаб мерасад...

Зимистон мераваду баҳор меояд, сипас тобистони гулистон мерасад...

Чунин бармеояд, ки тозиёнаи виҷдон, тозиёнаи номус, тозиёнаи ҳақиқат оқибат ба сари дурӯяву дурӯғгӯйҳо бармехӯрад ва ҳеҷ гоҳ дурӯғ бар рост ғолиб намеояд.

Аз суҳбате, ки дар годекани авул шуда буд.

– Миёни росту дурӯғ масофа чанд аст?

– Як ваҷаб.

– Чаро?

– Чунки байни чашму гӯш як ваҷаб аст. Он чӣ бо чашми худ дидӣ – рост. Он чӣ бо гӯшат шунидӣ – дурӯғ.

Ин гап дуруст аст. Албатта, «Шунидан кай бувад монанди дидан». Аммо нависанда бояд ҳақиқатро аз ҳама ҷо ба даст оварад: аз он чӣ дидааст, аз он чӣ шунидааст, аз он чӣ хондааст, аз он чӣ худ аз сар гузаронидааст.

Оё нависанда танҳо ба умеди чашм шуда метавонад? Ҳаётро вай бо чашм мебинад, вале мусиқиро бо гӯш мешунавад, таърихи кишварашро мехонад. Як хел нависандаҳо ҳатто чашму гӯш не, балки шоммаи худро дар ҷойи аввал мегузоранд.

Нависандаро бозувони пурқувват, пойҳои устувор ва дандонҳои мустаҳкам бибояд. Барои он, ки дар дидаву шунида ва хондаҳояш дурӯғро аз рост, тиллоро аз пулакчаҳо, ғалларо аз коҳрезаҳо фарқ карда тавонад, ӯро хирад ва дониш ҳам бибояд. Инсон хираду дониш надошта бошад, ба чашми худ низ эътимод баста наметавонад.

Чанд нафар кӯҳистонии бесавод, ки ягон бор тиллоро надидаанд, сандуқи вазнине ёфтаанд. Онҳо гумон кардаанд: «Модом ки вазнин аст, тиллост». Барои дарёфт байни худ ҷангидаанд ва якдигарро зада куштаанд. Баъд маълум шудааст, ки сандуқ аз мис сохта шудааст.

Истеъдод оташ аст. Вале оташ ба дасти девона афтода, ҳама ҷоро сӯхта хокистар мегардонад. Хирад оташро идора мекунад. Хирад ҳатто ҳуснро бар каманд мегирад, мисли ин ки савораи корозмуда аспи саркашро зин мезанад.

Марди кӯҳистониро суол карданд: чеҳраи зеборо мегирӣ ё хиради пириро?

Он нодон чеҳраи ҷавони зеборо интихоб кард ва ба нодонии хеш монд. Арӯс нодони зеборо тарк гуфту рафт. Шахси доно хирадро интихоб кард ва ба шарофати хирад занро дар назди худ нигоҳ дошт. Дар афсона ҳамчунин аст: ба рӯйи зини аспи обӣ санами соҳибҷамолро оне шинонида тавонист, ки хирадро интихоб карда буд. Дар афсонаҳо инчунин қиссаи се бародар, се роҳ ва се насиҳати хирадмандона ҳаст. Касе, ки ин насиҳатҳоро гӯш дод, ба ватан баргашт ва он ки гӯш накард, дар ғарибӣ ҷон бидод.

Аё моҳии тиллои ман, маро истеъдод, кӯшишу ғайрат, дили поку пурҳарорати ҷавонӣ ва хиради солими пирӣ бубахш! Имдод бинамо, то роҳи дурусте интихоб бикунам!

Бигзор ин роҳ санглох, нишебу фароз, хатарнок бошад. Вале намехоҳам дар ин роҳ монанди мор ба ҳар сӯ печутоб хӯрам. «Чаро морон каҷу килебанд?» – суол мекунанд мардуми кӯҳистон ва худ ҷавоб мегӯянд: «Барои он, ки сӯрохиву роғҳои хазида мегузаштаи морҳо каҷу килебанд». Охир, ман одамам, на мор. Ман баландӣ, софию беғубориро мепарастам, роҳи ростро railандам.

Маро аз дарду тарс, аз бори гарони шуҳрат ва аз фикрҳои сабук нигаҳ дор!

Маро аз мастӣ нигаҳ дор, зеро ки дар мастӣ чизи хуб ба назари кас аз будаш сад бор беҳтар ва хубтар менамояд!

Маро чунин эҳсоси ҳақиқатшиносӣ бубахш, то каҷро каҷу ростро рост бигӯям!

*– Зебост ҷаҳон! – бигуфта як шоири шоб*[1]*,*
*Дар субҳи ҳаёт аз ҷаҳон пурғам рафт.*
*Як шоири сонӣ зи фанохонаи даҳр*
*Бо номи баланди ҷовидонӣ бигузашт, –*
*Ҳар чиз, ки бад буд, бадаш меномид,*
*Ҳар чӣ ки накӯ, накӯ санохонаш гашт.*

Кӯҳистоние ба говаш гӯшвора овехтааст, то гови худ, моли худро аз бегонаҳо фарқ бикунад. Кӯҳистонии дигаре ба гардани аспаш зангӯлача бастааст, то аспи худро аз байни аспони ҳамсояҳо шиносад. Аммо чӣ чобуксаворест он, ки саманди хешро шабона аз дур намешиносад?

Инак, китоби ман. Намехоҳам ба гӯшу гарданаш гӯшвораву зангӯлача овезам.

Ман онро бо китобҳои дигар, хоҳ аз они худам бошанд, хоҳ аз они каси дигар, иштибоҳ намекунам. Бигузор одамон низ иштибоҳ накунанд. Ҳар он кас, ки китоби маро мехонад, агар ҳатто муқоваи он канда бошад ҳам, бигузор фавран бигӯяд, ки ин китобро Расул, писари Ғамзати садагӣ навиштааст.

**Мегӯянд:** шуҷоат намепурсад, ки сари шах баланд аст ё на.

[1] Шоб - навҷавон

## ШАККУ ШУБҲА

*Китобҳо, китобҳо-хати нишебию*
*фароз,*
*Раҳи гузаштаҳои ман, раҳи равон,*
*раҳи ниёз.*
*Қадам задам ба қуллаҳо, ба*
*қуллаҳои сарфароз,*
*Бихӯрда гоҳ пешпо, паридаам ба*
*жарфи оз.*
*Китобҳо, китобҳо шукӯҳу фатҳи*
*хунсиришт,*
*Куҷост огаҳ одамӣ, чу рӯ ба қулла*
*меравад,*
*Ки ӯ ба авҷи эътибор равона аст ё*
*магар*
*Сари азиз дар канор ба коми қаър*
*меравад.*

Гуногунзабону гуногунранг аст Доғистон! Урфу одатҳои гуногун доранд халқҳои он. Аз ваҷҳи як одам ба ман нависандаи тот Хизгил Авшалумов ҳикоят карда буд.

Агар дар оилае фарзанд нашавад, шавҳар ба миён фӯтаи пашмин баста мегашт, то Худованд ӯро аз байни сокинони дигари кӯҳистон зуд фарқ бикунад. Он мард ба даргоҳи Парвардигор нолаю илтиҷо меовард:

– Худоё, Худовандо, ин бандаи бечораатро ноумед накун, писаре бидеҳ!

Онҳое, ки фарзандашон фақат духтар мешуд, инчунин касоне, ки фарзандашон ношуд, калу кӯр, гунг, шалу девона merӯйид, чунин фӯта баста мегаштанд. Марди кӯҳистонӣ ин хел фӯтаро ба миён баста, умеду имон дошт, ки Худованд дафъаи дигар ба вай писарчаи солиму шудание медиҳад ва аз ӯ чобуксавори ҷасуре мебарояд.

Инак, ман дар шубҳа афтодаам: оё ман низ, мисли тотҳо, ки ба солимии фарзанди ояндаашон шак оварда, фӯта баста мегарданд, рафтор бикунам? Оё китоби нави ман чун писар, чун чобуксаворе мерӯяд ё ба фарзанди каҷу кӯз, кару гунг монанд мешавад?

Дарвоқеъ, ба назари ҳар як модар фарзандаш аз ҳама зебо менамояд. Модарон нуқсонҳои тифли худро ҳам мебинанду ҳам намебинанд. Мабодо, китоби ман низ чунин барояд.

Метарсам. Қалам дар дастам меларзад. Шакку шубҳа азоб медиҳад. Оё ман гурбаро уқоб пиндошта, ба нишон намегирам? Оё ман харро саманд пиндошта, зин намекунам? Оё ман болори хонаро

ба дарозии хона хобонданӣ намешавам, чунон ки аҳалчиниҳо боре ҳамин тавр карданӣ шудаанд, вале ақлашон нарасидааст, ки болорро ба дарозии хона не, балки ба кӯндалангиаш гузоранд? Оё ман ба қалъаи Анда ҳуҷум намеоварам, чунон ки ба назари як хориколонӣ менамуд ва ҳол он, ки худ дар назди оташдон менишаст?

Дар арафаи ба итмом расонидани китоб кас худро ба қассобе шабеҳ мекунад, ки гӯсфандро каллаю поча карда, ба думаш мерасаду ҳамин дам корд мешиканад. Оё китобро ба нуқтаи таммат расонида метавонам? Ва аз ин чӣ ҳосил мешуда бошад? Оё ман аз қаъри баҳр садафи холиро бурун меоварам ё ки аз даруни он дурри хушобе мебарояд?

Тӯфон метавонад шохаҳо ва ҳатто танаи дарахтро бишканад. Аммо баҳорон решаи он сабз шуда, шоху барг мебарояд ва дарахти наве ба воя мерасад. Вале агар андаруни дарахт кирм пайдо шавад ва решаи онро хӯрад, дигар илоҷе нест, дарахт нобуд мегардад. Одамизод ҳам чунин аст: захми берунӣ ва ҳатто устухони шикаста зуд ба ҳам меояд, аммо дарде, ки дар мағзи бадан пайдо шуда авҷ мегирад, ногузир бо марг меанҷомад. Оё китоби ман солим аст, решааш мустаҳкам, бақувват аст?

Китоби ман монанди писари бавоярасидаи ман аст. Буна ба ӯ тангӣ мекунад. Вақте расидааст, ки ӯро ба роҳ андозам, байни мардум фиристам, ба ҷаҳони бузург барорам. Дар роҳ ӯро чи сон истиқбол мекарда бошанд: сарзаниш мекунандаш ё навозиш? Ишкамашро сер карда мехобонанд ё аз дами остона меронанд? Ин тарафаш акнун ба ман вобаста нест.

*Қисса шуд эҷод, қолӣ бофта,*
*Лек аз таъриф ҳоло рам кунед:*
*Хуб санҷида гули он, ҳаҷми он,*
*Риштаи овезаи онро канед.*

*Қисса анҷомид. Кишти навбаҳор*
*Ёфт поён, хоки дӯшин киштаҳо*
*Сар-сари ҷӯяк раву санҷида бин –*
*Кор нохӯрдаст баъзе пуштаҳо.*

Китобро чун қолии тайёр густурдаам, то мардум бори нахуст ҳама ҷояшро ба якбор бубинанд. Мана, ба рӯйи он бисёр раххои нодуруст. Гулҳои номафҳум, нақшаҳои номаълум мебинам, ороишаш гоҳо норавшан, мубҳам аст, вале ин хатоҳоро дигар ислоҳ наметавон кард – қолӣ аз даст баромад. Барои ислоҳи ҷузъиёте тору пуди қолиро ҷудо кардан лозим.

Китобам мисли бозгашт аз роҳи дури душвор ба авул аст. Ман ду сол боз дар хона набудам. Муддати ду сол сокинони авул, ҳамсояҳо, ёру ошноҳо, пиру барно дар хусуси ман хабаре нашунидаанд. Инак,

ман ба канори деҳа расида аз асп мефуроям ва аз лаҷоми он дошта, оҳиста-оҳиста қадам мезанам. Чароғакеро, ки кӯҳистонидухтар, роҳи маро равшан кунад гӯён назди тиреза гузошта буд, акнун як сӯ гирифта мондан мумкин. Ман ба хонаи хеш бармегардам. Ассалому алайкум, ҳамдиёрони азиз! Ман аз мусофирати дусола бармегардам. Дар зарфи ин ду сол асп пир шуд. Сафедиҳои сари ман ҳам зиёд гашт. Ман аз лаҷоми асп дошта, қад-қади кӯчаи авул қадам мезанам ва ба ҳамаи онҳое, ки маро пешвоз мегиранд, мегӯям:

– Ассалому алайкум, мардум!

– Ваалайкум ассалом, Расул Ғамзатзода! Сафарат чи хел гузашт? Монда нашудӣ? Пасандозат чист? Чашмҳои хӯрҷинат аз чӣ пур аст?

Мехостам ба одамон бигӯям, ки ман ба онҳо китоби наве овардаам. Аммо китоб чизест, ки онро ҳеҷ гоҳ аз даст ба дасти сокинони авул ё ба касони дигаре додан мумкин нест. Китоб аввало ба дасти ношир меафтад ва тақдирашро ӯ ҳал мекунад.

Н о ш и р китобро аз ман қабул карда, ба даст бардошта вазнашро санҷид, ин сӯ, он сӯяшро гардонида дид, варақ зад, аввал саҳифаи якумро кушода нигарист, баъд якбора саҳифаи ҳафтодум, сипас саҳифаи охиринро, пас онро як сӯ гузошт.

– Шояд, китобат хуб бошад, лекин нақшаҳои имсола ва соли ояндаи мо кайҳо тахт ва тасдиқ шудаанд. Китоби ту дар нақшаҳои мо нест.

– Дар нақшаи худи ман ҳам набуд. Якбора пайдо шуд. Акнун ман инро чӣ кунам?

– Талабномаи эҷодӣ навис. Мебинем, маслиҳат мекунем, ягон кор мешудагист. Ба плани соли оянда дохил мекунем. Соли оянда ҳамин вақт ё худат биё, ё телефон бикун.

Мактуби Абӯтолиб ба нашриёт.

«Муҳтарам нашриёти Доғистон! Ман – шоири халқии шумо, аъзои Узви Раёсати Шӯрои Олии Доғистон. Нафақахӯри шахсӣ. Имсол ман ба ҳаштоду панҷ медароям. Медонам, ки агар ба ман фалокате рӯй диҳаду аз олам чашм пӯшам, шумо қарор мекунед, ки мунтахаби дуҷилдаи ман бароварда шавад. Хоҳишмандам, ки ба ҷойи он ду ҷилди баъди сарам мебаровардаатон ҳозир дар вақти зиндагиам, як китобамро бароред. Бо салом Абӯтолиб».

Ин аз ҷумлаи аризаҳои оромона ва хайрхоҳона аст. Аризаҳое мешаванд, ки дар онҳо шикоят мекунанд. Аризаҳое мешаванд, ки дар онҳо лаънат мехонанд. Аризаҳое мешаванд, ки дар онҳо хушомад мезананд. Аризаҳои фарёдомез ва хитобкорона ҳам мешаванд.

Аризаҳои даҳшатноктарин он не, ки баноширон менависанд, ҳамон, ки аз болои ноширон менависанд. Аммо вазъияти ноширро ҳам фаҳмидан даркор. Агар курсӣ яккаса бошад, ба он нишастани се ё чор нафар мумкин нест. Ду одам шинад ҳам, нороҳат мешавад, хусусан ки муддати зиёде шинад. Яке мегӯяд: «Барои чӣ китоби Аҳмадро чоп мекунеду аз они маро чоп кардан намехоҳед? Ман аз

вай чӣ монданӣ дорам?». Дигаре фарёд мезанад: «Китоби ман аз ҳамаи китобҳои солҳои охир нашр кардаатон беҳтар аст. Чаро номи маро боз ба нақша дохил накардед?»

Лекин ман бо ноширон ҷанҷол кардан намехоҳам. Ман сабр мекунам. Медонам, ки ба ноширон доим коғаз намерасад. Коғаз куҷо меравад? Онро нависандаҳо сиёҳ мекунанд, ки ман низ аз он ҷумлаам. Чаро ҷанҷол бикунам! Дуруст аст, ки баъзан дар баробари сиёҳ гаштани коғаз чизҳое офарида мешаванд, ки баъди сари нависанда ҳам, ношир ҳам бақодор хоҳанд монд. О, кош, ба рӯйи коғазпорае чунин суханони ман сабт мешуданд, ки аз онҳо коғаз, чун аз оби ҳаёт, ҷон гирифта, боз ба дарахти сабзу хурраме, ки як вақтҳо коғаз карда буданд, табдил меёфт.

Не, ман бо ношир ҷанҷол кардан намехоҳам. Ман ба ӯ оромона мегӯям:

– Шумо миёни ману ҳамавулонам, миёни ману хонандагони маскавиам, миёни ману хонандагонам аз шаҳрҳои дигар, меистед. Охир, шумо миёнарави мо, ҳалқаи пайванди занҷири мо. Хайр, лутф фармоед, илтимос мекунам, кӯмак расонед, ки дастонам ба ҳам расанду мо дӯстона вохӯрӣ кунем.

Хоҳишмандам марҳамат бикунед...

Ношир илтимосу илтиҷоҳои маро қабул мекунад ва ман ҳамон лаҳза ба дасти муҳаррир меафтам.

М у ҳ а р р и р:

«Ихтисор карда шавад», – ба дари ӯ ин суханон сабт аст. Ношир гуфта буд: «Баъди як сол даро». Муҳаррир се ҳафта муҳлат таъйин кард. Ба ин муҳлат ман ҳатто шод шудам: фурсат ҳаст, ки ба шумо се қиссачаро ҳикоят бикунам.

Қиссаи муҳаррирро аз тиреза ҳаво додан.

Як шоири авар ба идораи рӯзномае шеър бурд, ки дар шумораи солинавӣ чопаш бикунанд. Шеър маъқул шуд. Рӯзнома онро чоп кард.

Он рӯз дӯстони шоири хушбахт ҷамъ омада буданд. Шоир рӯзномаро ботантана кушода, ба хондани шеър сар кард. Банохост рангаш парида, ба дасти чап дилашро дошт, гӯё ки тир расида бошад. Рӯзнома аз дасташ афтод. Дӯстон тозон ба сараш рафта, ӯро имдод карданд, об доданд. Пас аз он ки шоир ба худ омад, сабаби беҳуш шудани ӯ маълум гардид. Шеър чор мисраъ кам шуда баромадааст. Шоир тозон ба идораи рӯзнома рафт.

– Чор сар гӯсфанди беҳтарини маро кӣ кушт, аз он гӯсфандҳое, ки ба чорогоҳи доманфарохи рӯзномаи шумо сар дода будам, чор сарашро кӣ кушт? Чор мисраъ шеъри маро кӣ кӯтоҳ кард?

Муҳаррири рӯзнома оромона ҷавоб дод:

– Ман гирифта партофтам... Чӣ шудааст?

– Барои чӣ гирифта партофтӣ?

– Маводди заруртар омад, ҷо нарасид.

– Ту ки бе иҷозати шоир мисраъҳои шеърашро гирифта мепартофта бошӣ, ман ҳозир худи туро гирифта аз тиреза мепартоям.

Шоир марди кӯҳистонии хунгарм буд. Муҳаррирро аз ҷуфти гиребон ва пойҳояш гирифта, дар ҳақиқат аз тиреза ҳаво дод. Воқеа дар ошёнаи дуюм рӯй медод ва таки тиреза гулзори нарме буд. Дар мурофиаи суд шоир гуфт:

– Хунро бо хун мешӯянд! Вай маро таҳрир кард, ман ҳам вайро таҳрир кардам.

Мегӯянд, ки муҳаррири «таҳриршуда» монанди пештара шеърҳоро кӯтоҳ мекунад (аз афти кор муҳаррир бе ин намешавад), вале, ба ҳар ҳол, акнун иҷозати шоиронро гирифта, ихтисор мекунад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Падарам ду пиеса навишта буд: «Мӯзадӯз» ва «Тӯйи Кодолав». Аввал ин пиесаҳо ба театр рафта омаданд, баъд ба шуъбаи маданият ва сипас ба Раёсати санъати Доғистон рафтанд. Падарам яқин медонист, ки пиесаҳо ба Раёсат рафтанд ва аз он ҷо ба ҷои дигаре набаромаданд. Аммо пиесаҳо дар Раёсат ёфт нашуданд.

Монанди чӯпоне, ки ба ҳавои вайрони шаб нигоҳ накарда, гӯсфандони аз рама ҷудошударо кофта ба кӯҳ равона мешавад, падарам низ ба ҷустуҷӯйи пиесаҳои худ рафт.

Дар Раёсат шахсе менишаст, ки танҳо ба пиеса сару кор дошт. Ӯ низ муҳаррир ном дошт. Падарам бо ӯ бештар аз як соат гуфтугӯ кард ва банохост пай бурд, ки сухан аз ҳаво, чарогоҳ, бузу гӯсфанд, аспу гов оғоз ёбад, суҳбати шавқоваре ба миён меояд, гап ки аз адабиёт, драматургия кушода шуд, падар чизеро сарфаҳм рафта наметавонад. Ва ҳол он ки муҳаррир ҳамеша аз хусуси драматургия сухан ронданӣ мешуд, ба падарам насиҳат мекард, пиесаи хуб навиштанро ёд медод. Падарам тоқат карда натавониста, аз ӯ рӯирост пурсид, ки худи ту кистӣ, маълумотат чи хел, пеш аз Раёсати санъати Доғистон чикора будӣ.

– Маълумотам олӣ, – бо ифтихор ҷавоб дод муҳаррир. – Касбам байтор (духтури ҳайвонот). Акнун, ба ин кор таъйин шудаам.

– Оё пиесаҳои ман гованд, ки ту табобаташон карданӣ ҳастӣ? Чаро шоир ҳеҷ гоҳ ба байторҳо маслиҳат намедиҳад? Ба шоир ҳар касе хоҳад, маслиҳат додан мегирад.

Наход, китоби ман ҳам ба дасти муҳаррире афтад, ки дар собиқ байтор буд?

Абӯтолиб ва муҳаррир. Дастнависи Абӯтолибро муҳаррир нӯк задааст, чунон ки тани ҷанговари дар корзор фавтидаро зоғ минқор мезанад. Сиёҳнависи асар дар шакли нӯкзадааш ба дасти Абӯтолиб омад. Абӯтолиб онро хонда, дар ҳайрат афтод:

– Марғзори сабзи маро аспон поймол кардаанд, Ҷое ки гулзор буд, мурдоб гаштааст. Агар мактабхон дар имло чанде хато кунад,

он хатоҳоро муаллим ислоҳ мекунад. Кист он муаллим, то бидонад, ки дар зиндагии ман чӣ дуруст буду чӣ нодуруст?

Абӯтолиб сиёҳнависро бодиққат хонда, баногоҳ нидо кард:

– Ҳа, медонам, муҳаррири ман аз кадом авул аст. Вай мехоҳад китоби маро ба шеваи авули худ мувофиқ гардонад. Аммо шеваҳо бисёранду забон ягона, халқ ягона! Агар ҳар як муҳаррир ба сӯйи авули худ кашад, мо ҳеҷ гоҳ авули назмамонро бино кардан наметавонем.

Муҳаррири ман, ба хотир дор, ки дар олам ғайр аз авули ту, боз сарзамине, ғайр аз худи ту, боз одамони дигаре ҳастанд. Моҳиятан байни ману ту ихтиллоф буда наметавонад. Ман эродҳои туро, агар муфид бошанд, ба эътибор хоҳам гирифт. Вале ту бояд дар ёд дошта бошӣ, ки суруди ман ҳам бароям азиз аст, мисли он, ки ба хундор ташнагии интиқом қимат буд. Ман ин гапро ҳозир ёфта набаромадаам. Як шеъри дар ҷавонӣ иншокардаам чунин матлаъ дошт:

*Чун қасоси беамон, дар синаам*
*Гарму сарди байт пинҳон доштам.*
*Ман сурудамро, чу ишқи номурод,*
*Дур аз гӯши ҳарифон доштам.*

*Оҷизе буд, парвариш кардам ба сидқ,*
*Гӯш бинҳодам зи дур овози ӯ.*
*Чидаам дар байт рангин қофия,*
*Чида мурват, ҳамчу соатсози ӯ.*

*Аз дусад баргу навое интихоб*
*Кардаам зеботаре бар сатри хеш,*
*Мо зи анбор аз барои меҳмон*
*Аз шароби куҳна меорем пеш.*

*Ман шабона рафтаам бар сайру гашт,*
*Рангҳоро ҷустаам аз субҳдам.*
*Чун занони чевари Тӯбосарон,*
*Баҳри қолӣ тори рангин ҷустаам.*

*Дигарон беҳтар зи ман бисрудаанд,*
*Во дарег, аз ман наёмад ин ҳунар.*
*Ман чӣ медонам, баромад мақсадам,*
*Ё бишуд нахли умедам бесамар?*

*Мон, ки ашъорам батар аз ҳар чӣ бод –*
*Ҳаст охир он нишони умри ман.*
*Эй муҳаррирҳои ман, охир шумо*

*Мухтасар баҳри чӣ созедам сухан?*

*Кай падарҳо насли навхези маро*
*Тарбият кардан тавонанд, ин муҳол.*
*Чист номақбул бар табъи шумо?*
*Ман худам хоҳам бидодаш гӯшмол.*

Ҳамон вақт ман пиесаи «Духтари кӯҳистон»-ро навишта будам. Онро дар чанд театри Доғистон намоиш доданд. Сипас бо пиесаи мазкур воқеаи зерин рӯй дод.

Дар охири намоиш ҷавон духтарро мекушад. Дилам ба духтари кӯҳистон месӯхт, ҳангоми иншои саҳнаи қатл дастам меларзид, ҷигарам хун мешуд. Аммо чизеро дигар кардан наметавонистам. Ҷараёни воқеот худ ба он мебурд, ки духтар бояд кушта шавад. Театри аввал пиесаро дар ҳамин шаклаш намоиш дод ва агарчанде тамошобинон ҳатто зиёдтар аз ман ғамгин мешуданду дилашон ба духтар месӯхт, онҳо мефаҳмиданд, ки дигар хел шуданаш мумкин нест.

Дар театри Дарғ пиесаро андаке таҳрир карданд. Ба ҷои он ки духтар кушта шавад, гесуяшро буриданд. Албатта, бурида шудани гесуи духтари кӯҳистон ҳодисаи хеле нанговар аст, шояд бадтар аз марг бошад, аммо дар ҳар ҳол марг нест.

Дар саҳнаи театри қумиқ духтарро на куштаанд ва на гесу буридаанд, балки кӯр кардаанд. Ин албатта, даҳшатовар аст. Шояд ин даҳшатноктар аз куштан ва гесу буридан бошад, вале, ба ҳар ҳол, духтари кӯҳистон зиндаву саломат буд ва гесувонаш бутун, чунки театри қумиқ ҳаминро хостааст.

Чеченҳо дар театри худ корро аз ҳама осон карданд. «Куштан чӣ даркор, – гуфтаанд онҳо, – гесу буридан, кӯр кардан чӣ даркор? Бигзор қаҳрамон зиндаву саломат монад».

Ба ин минвол ҳар як таҳиягар пиесаро аз рӯйи салоҳдиди худ дигаргун сохт. Касе ба ин таҳиягарон хотирнишон накард, ки онҳо ба духтар тараҳҳум кардаву ӯро аз марг наҷот дода, бо ин корашон пиесаро нобуд месозанд, драмнавис як сӯ истад, ба тамошобинҳо низ раҳм намекунанд.

Падарам, ҳангоме ки рӯзнома ба авуламон расид ва дар он шеъри чопшудаи худро дид, гуфт:

– Зоҳиран, шеъри ман ба дасти телетлиҳо афтодааст, ки ягон ҷойи сиҳаташ намондааст.

Маҳмуд... Маҳмуд чизе нагуфтааст, чунки вақти барҳаёт буданаш ягон китобаш чоп нашудааст. Лекин агар медид, ки шеърашро чунин муҳаррире дигар кардааст, дубора ҷон медод.

Дар пайроҳаи кӯҳӣ автомобил рондан мумкин нест. Модом ки

муҳаррирон баъзан ҳатто мурдагонро ором намегузоранд, ман чӣ сон гуфта метавонам, ки ба ман нарасед?

Лекин муҳаррири ман, ҳамаи он чиро, ки ҳикоят кардам, ту ба дил нагир. Ман навъи дигари муҳаррironро низ медонам, ки назди нависанда ҳамчун маслиҳатгари соҳибирода ва борикбин меоянд. Медонам, ки ту ҳам аз ҷумлаи онҳоӣ. Ҳамкорӣ бо ту гӯё хуш истироҳату фароғатест. Хотирҷамъ бош, ман на аломати хитоби дар ҳошияи дастнависам гузоштаро, ки ифодаи хурсандии туст, на аломати суолро, ки ифодаи ҳайрати туст, на «ишораеро», ки барои беҳтар шудани китоб ислоҳе даровардани туро ифода мекунад, бе таваҷҷуҳ нахоҳам монд.

Зоҳиран, дар китобам мисраъҳое ҳастанд ноустувор ва монанди дандони дардманд ва кухна ҷунбонак. Эҳтимол, такрорҳо бошанд. Илтиҷо мекунам, ёфта ишора бикун ва ба ман бигӯ.

Як калла хуб аст, якуним калла беҳтар! Имонам комил, ки ману ту ду каллаи тамом, чор даст дорем ва корамон барор хоҳад гирифт! Имрӯз дастбагиребон шудан беҳ аз фардо муноқаша кардан аст. Як бор даст ба гиребон шудан – беҳ аз якумрӣ муноқаша карда гаштан. Беш аз ҳама бохабар бош, ки аз ҳад зиёд таърифам накунӣ.

Як шикорӣ харгӯшро барои натарсида болои талчае баромаданаш таъриф кард. Шикорӣ сӯйи вай ҳатто тир накушод. Харгӯши азхудрафта ба пеши шикории дигаре низ тохта баромад. Аммо шикории дигар хислати дигар дошт. Пай бурдан душвор нест, ки оқибат ҳоли харгӯш чӣ шуд.

Медонам, ки меҳнати ту аслан беқадр аст.

Хонанда ҳангоми ба даст гирифтани китоб менигарад, ки онро кӣ навиштааст, расмҳояшро кӣ кашидааст, аммо ҳеҷ вақт намебинад, ки муҳаррири китоб кист. Табиати одамизод ҳамин аст!

Одатан чунин мешуморанд, ки шоир аз номи халқ сухан меронад. Вале маълум гардид, ки муҳаррир ҳам баъзан аз номи халқ гап мезадааст. Боре ман ба редаксия шеъри лирикии ба маҳбубаи худ бахшидаамро бурдам.

Муҳаррир он шеърро як сӯ гузошта гуфт, ки чоп карда наметавонад.

– Чаро?

– Халқ онро намехонад. Ба халқ шеъри ба завҷаат бахшидаи ту чӣ лозим?

Ҳамон дам рубоии зеринро гуфтам:

*Шеъре, ки навиштаам ба васфат,*
*Мақбул нашуд маҷалларо боз,*
*Мегуфт ба ман муҳаррири он,*
*Хонанда намебарад пай ин роз.*
*Сад шукр, ки шеърро ба дастам*

*Гардонда надод ӯ, ба ҳар ҳол,*
*Мегуфт муҳаррирам, ки он шеър*
*Хоҳад ба занаш бихонад аз меҳр.*

**Падарам мегуфт:** нависандаю шоирон монанди ронандаҳое мебошанд, ки мошин ҳай карда метавонанд ва умуман дуруст ҳай мекунанд, лекин гоҳо ба хато роҳ дода, «қоида» – ро вайрон мекунанд. Муҳаррирон дар ин ҳолат ба милисаҳо монанд. Падарам андешае ронда, сипас гуфт:

– Ту чӣ мегӯйӣ, оё ба як ронанда се милиса бисёр нест?

Аммо тамоман бе милиса ҳам намешавад. Дар як зиёфат барои ҳар кас алоҳида қадаҳ мебардоштанд. Он ҷо милисае ҳам иштирок дошт. Соқӣ ба саломатии милиса қадаҳ гуфт. Банохост раиси иттифоқи матбуот ҷомашро як сӯ гузошта, эътироз кард:

– Дар замони коммунизм милиса намемонад. Ин зуҳуроти муваққатист. Пас чаро ба саломатии вай бинӯшем?

Милиса ҷавоб дод:

– Вуҷуд доштани милиса дар давраи коммунизм ба будан ё набудани иттифоқи матлубот вобаста аст.

Лекин, бе шӯхӣ, ба ту бигӯям, муҳаррири ман, ки кадом лаҳзаҳоро бештар メписандам? Ҳангомеро, ки ману ту дар сари мизи кор, байни коғазҳо не, балки дар сари мизи муқаррарӣ, ки моҳирона ороста шудааст, менишинем. Он лаҳзаҳои хуш, ки ту ба рӯйи дастнависи ман «Ба матбаа фиристода шавад! Ба чопаш иҷозат дода шуд!» менависӣ, гузаштаанд. Китоб бо ишораи дасти ту дам ба матбаа, дам ба чоп меравад. Медонӣ, ту чӣ суханонеро менависӣ! Барои як худи ҳамин корат аз тамоми гуноҳҳои ту гузаштан даркор. Як худи ҳамин корат ба қадаҳ бардоштан меарзад. Чунин суханҳоро зудтар бинавис ва ман нусхаи аввалини китобчаамро ба ту тақдим хоҳам кард.

Албатта, ман мехостам зудтар замоне бирасад, ки дар ҷаҳон ҳеҷ сирру асрор намонад. Аммо чӣ шоир аст он, ки ба мардум сирреро кашф намекунад, сирреро, ки онҳо пеш аз ӯ намедонистанд? Ман, ки шоирам, ба дунё омада, парда аз рӯйи фазову замон бармедорам, мисли ин, ки домод чодар аз рӯи арӯс мегирад. Дар тӯй ба ин кор танҳо домод ҳақ дорад, сипас рӯйи арӯсро ҳама мебинанд. Дар зиндагӣ ин корро танҳо шоир карда метавонад ва мардум ҳақиқати ҳаётро идрок карда, мутаҳаййир мегарданд, чизҳои то он вақт надидаашонро дида, ҳайрон мешаванд, яъне, ҳусни ҷаҳонро ё дили неки инсонро, ки ин ҳама ба баду шар зиддият нишон медиҳад, мебинанд.

Муҳаррир, аз ту хоҳишмандам, нагузор, ки лаққиҳо чизҳои ногуфтаниро бигӯянд, вале рӯйи чизҳоеро ҳам, ки ман ҳамчун шоир кашф мекунамашон, напӯшон. Нақшу нигор ва гулҳои маро зери шубҳа нагузор. Дар нақшу нигорҳои қолии ман хатое ҳам бошад, чунин накун, ки ранг бимоланд ё қайчӣ зананд, зеро ё доғдор мешаванд, ё шикоф.

Ғайр аз ин: фикреро, танҳо бо сабаби он, ки ба ақидаи ту мувофиқ нест, нодуруст нагӯй!

Ғайр аз ин, дар тарозу ғалла, шакар, равған, мех бармекашанд, на ишқ!

Ғайр аз ин, бо метр чит, баландии шифти хона, тавораи атрофи гӯрро чен мекунанд, на ҳуснро!

Ғайр аз ин, касе, ки мекӯшад аз ҳама донотар бошад, аз будаш ҳам нодонтар хоҳад шуд!

Ғайр аз ин, ман низ шахси болиғам, аз ин рӯ, ба ман ақаллан каме, лоақал баъзан бовар бикунед!

Медонам, ки яке бештар асрор дорад, дигаре камтар, зеро ҳанӯз...

Абӯтолиб гуфта буд: агар об гандида шавад, ҷӯй то зону ҳам бошад, таки онро дидан натавонӣ.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Вақте ки хурд будам, маро лаққитарин узви оила мешумориданд. Чизи дар кӯча шунидаамро ба хона рафта ҳатман мегуфтам. Чизи дар хона шунидаамро ба кӯча баромада нақл мекардам.

Назди падарам ҳар замон як пирамард меомад. Ӯ чор тарафро аз назар гузаронида, бо оҳанги ҷиддӣ зери лаб мегуфт:

– Ғамзат, ду даҳан гап дорам, ба хонаи дигар гузарем-чӣ?

Онҳо ба хонаи дигар рафта, бо ҳамдигар гӯшакӣ гап мезаданд. Ин кор чанд бор такрор ёфт. Рӯзе пирамард боз омад.

– Ғамзат, ду даҳан гап дорам, ба хонаи дигар гузарем-чӣ?

– Э, бас аст! – ҷавоб дод падарам. – Гапи махфии ба гӯши ман мегуфтагии туро дар назди Расули мо ҳам гуфтан мумкин. Бо овози баланд гуфтан гир, натарс.

Оре, ман аз кӯдакиам асрордориро намеписандидам.

Сурудро ба ҷойи баланде баромада, ошкоро ва бо овози баланд мехонанд, то ки мардуми зиёдтаре бишнаванд.

Ғайр аз ин, на ба ҳар сухан як худи ман масъул. Охир, ман тарҷумон ҳам дорам.

Тарҷумон:

Ман аварам, чунинам зодааст модар ва дигар шудан натавонам. Аввалин одамоне, ки чашм ба олам кушода дидамашон, аварҳо буданд. Нахустин сухановне, ки шунидам, аварӣ буданд. Аввалин суруде, ки модарам дар сари гаҳвораам бихонд, суруди аварӣ буд. Забони аварӣ забони модарии ман гардид. Ин қиматтарин дороии ман ва ин на танҳо аз они ман, аз они тамоми халқи авар аст.

Аварҳо зиёд нестанд, ҳамагӣ сесад ҳазор. Аммо ин кам ҳам нест. Дар Доғистон шоироне ҳастанд, ки ба забони шеър мегуфтаи онон ду ҳазор кас гап мезанаду халос.

Сарҳади давлатӣ одамонро аз ҳам ҷудо месозад, аммо забонашон онҳоро бештар ҷудо мекунад.

Вақтҳое мешавад, ки сарҳадҳо тағйир меёбанд ва ҳатто аз эътибор соқит мегарданд, ё чизи соф расмӣ мешаванд. Вале забони халқ якумрист ва онро на иваз кардан мумкин, на бекор.

Замонеро ба худ тасаввур кардан душвор аст, ки аварҳо Пушкин надоштанд, Лермонтовро намехонданд, аз Толстой хабаре надоштанд, асарҳои Чеховро хондаву лаззат бурдан наметавонистанд.

Падарам мегуфт: саодати бузургест, ки дар кӯҳистон ҳам дарахти назми Пушкин сабз шуд ва ҳар қадар ин дарахтро биаяфшонӣ, меваи шаҳдвораш адо намешавад.

Абӯтолиб мегуфт: ташаккур онҳоеро, ки ба таҳхонаи нимторики ман Чехови азизро оварданд! Ба онҳое низ ташаккур, ки сурудаҳои маро аз таҳхона бароварда, то назди деворҳои Кремли Маскав бурданд!

Ман мегӯям: Кафказ дар назди генерал сар нафуровард, аммо дар пеши ашъори поручики ҷавон сари таъзим фуруд овард.

Ба ман воқеаи хандаоваре рӯй дода буд. Мебоист дар Доғистон китобам ба забони русӣ мебаромад. Маҷмӯаи асарҳои мунтахаб – шеъру достонҳо буд. Муҳаррир дастнависро варақ зада гуфт:

– Чаро ба ин ҷо «Полтава»-ро дохил накардӣ?

– Охир, вай достони ман нест, онро Пушкин навиштааст ва ман фақат ба забони аварӣ тарҷумааш кардаам. Достони Пушкинро дар маҷмӯаи ба забони русӣ мебаромадаам чӣ хел дохил мекунам!

Биёед, нисбат ба муҳаррир сахтгирӣ накунем. Вале рост аст, охир, ба бисёр асарҳои хуби аз забонҳои дигар тарҷумашуда аварҳо одат кардаанд ва акнун адабиёти аварии моро бе ин асарҳо тасаввур кардан мумкин нест.

Медонам, ки баъзан дар ғайбам чунин мегӯянд: «Хайр, чӣ шудааст, Расул, бешубҳа, одами лаёқатнок, аммо чандон не. Ба ӯ тарҷумонҳои Маскав бисёр хизмат кардаанд».

Ман инро инкор намекунам. Дар ҳақиқат, агар тарҷумонҳо намебуданд, ман ҳам намешудам.

Аввал ин, ки маҳз онҳо ба ман имкон доданд Гейне, Бернс, Шекспир, Саъдӣ, Сервантес, Гёте, Диккенс, Лонгфелло, Уитмен ва ҳамаи онҳоеро шиносам, ки асарҳояшонро хондаам ва бе онҳо нависанда шудан наметавонистам.

Дуюм ин, ки маҳз онҳо ба шеърҳои ман роҳ кушоданд. Онҳо шеърҳои маро аз дарёҳои пуртуғён, кӯҳҳои баланд, деворҳои ғафс, аз назди сарҳадбонҳо ва аз пойдортарин сарҳадҳо – сарҳадҳои забони дигар: аз кариву гунгӣ, аз кӯрӣ гузарониданд.

Ман гоҳо худ аз худ суол мекунам, кадоме муҳимтар аст – тарҷумон забони маро донад (аммо, шояд назми ман ба ӯ бегона бошад), ё назми маро бо эҳсоси дил донаду дарк намояд ва онро назми худ шуморад?

Соли 1937 дар Махачқалъа барои тарҷумаи беҳтарини шеъри Пушкин «Деҳа» озмун эълон шуд. Чил нафар шояд ин шеърро ба

забони аварӣ тарҷума карданд. Аксари онҳо забони русиро медонистанд. Бо вуҷуди ин, мукофоти якумро Ғамзат Садаса гирифт, ки он вақт забони русиро намедонист.

Бояд, ки тарҷумон низ шоир, нависанда, устоди сухан бошад. Бояд ӯ низ худро фарзанди халқи хеш донад, чунон ки ман худро медонам.

Русҳое ҳастанд, ки ба аварӣ хондан метавонанд, вале, ҳайҳот, шоир нестанд. Шоирони рус низ ҳастанд, ки ҳайҳот, ба аварӣ хондан наметавонанд. Чӣ бояд кард? Чӣ чора? Ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ рӯ овардан лозим мешавад. Дар кишвари рус аз як деҳа ба дигаре кӯчонидани хонаҳои чӯбинро дидаам. Хонаро яклухт кӯчонидан мумкин нест. Чӯбу тахтаҳои онро аввало як ба як ҷудо ва дар ҷойи нав боз васл мекунанд.

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ хонаест, ки барои кӯчонидан аз ҳам ҷудо кардаанд. Он як тӯда чӯбу тахта, тунукаи бом ва хишт аст. Тарҷумон аз ин тӯдаи бидуни шакл хонаи наве месозад. Чӯбе пӯсида бошад, ивазаш мекунанд, тахтае дар роҳ гум шуда бошад, навашро мемонанд. Агар ягон нақши чорчӯби кандакорӣ шикаста бошад, нақши наве мебароранд.

Шишаи тирезаҳоро пок мекунанд, дар печ алав мемонанд, то ки дуд аз мӯрӣ бароядд, кӯдакон ба айвонча тохта мебароянд, парастуҳо дар шифти айвон лона мемонанд.

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ чист? Монанди одамест, ки нури чашмонаш рафта, дилаш аз тапиш мондааст. Аммо ҳамин дам духтур меояд. Сӯзан зада, дору, хун мегузаронад, мушаки дилро мемолад ва ҷони гарм бар тани одам бозмегардад.

Тарҷумаи таҳтуллафзӣ чист? Як сартарош ришамро гирифт, мӯйсарамро кӯтоҳ карда хобонд ва гуфт:

– Ана, назди ман ҳамчун тарҷумаи таҳтуллафзӣ омада, мисли тарҷумаи бадеӣ меравӣ.

Ин воқеа дар Куба, дар шаҳри Сантяго ба вуқӯъ пайваста буд. Баъди роҳ риш гирифта, мӯйсар кӯтоҳ карданӣ шудам. Ба ороишгоҳе даромада, матлабамро бо ишораҳо ифода кардам.

Дар Куба ҳангоми ришгирӣ касро ба курсӣ, чун ба кат мехобонанд. Маро низ хобониданд. Ба ришам собун заданд. То ба рӯям расидани покуи устои кубагӣ ҳамаи корҳо баҷо буданд. Ё поку кунд буд, ё усто ноуҳдабаро, ки аз шиддати дард қариб дод мегуфтам. Муддате тоб овардам, вале баъд яқин кардам, ки аздусар то охир тоқат кардан наметавонам, гоҳ ба русию гоҳ ба аварӣ гап зада, рӯйи худро нишон додан гирифтам. Ороишгар тарсида, аз наздам бадар рафт ва дере нагузашта, ҳамроҳи шахси хилъатсафеде баргашт. Он шахс ҷомадончаашро кушода, асбобҳои дандонканиро баровард. Ба ҷои курсии риштарошӣ ман нохост ба курсии дандонсоз афтодаам. Дидед, аз сабаби он, ки ману сартарош гапи якдигарро нафаҳмидем, чӣ воқеа рӯй дод. Андаки дигар бехабар мемондам, аз дандонҳои сиҳати худ маҳрум мешудам.

Тарҷумонҳо аксар вақт ҳамаи дандонҳои шеърро канда мепартоянду онро бо даҳони холӣ бароварда сар медиҳанд, ки шаф-шаф гуфта гардад.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Вақти хориҷа рафтан кас ягон хел армуғони миллӣ мегирад, то ба касе ҳамчун нишони миннатдорӣ аз пазирой туҳфа бикунад. Ман, масалан, вақти Ҷопон рафтанам якчандто кӯзача гирифтам, ки маҳсули дасти кӯзагарони ҳунарманди балхарӣ буд.

Дар Хиросима ба қароргоҳи ман ду нафар рассом – зану шавҳар меҳмонӣ омаданд. Мо суҳбати тӯлоние кардем ва худро дӯсти якдигар донистем. «Маҳсули дастони балхариҳоро ба рассомон туҳфа накарда, ба кӣ ҳам мекардам», – гуфтам дар дил. Бо дили пур ҷомадонро кушодам ва ба даҳшат афтодам – аз кӯзачаҳои ман сафолпораҳо мондаанду бас. Ончунон майда-майда шудаанд, ки гӯё онҳоро болғакӯб карда бошанд. Мумкин аст, ҷомадони маро дар фурудгоҳи Маскав, ё фурудгоҳи Ҳиндустон, ё фурудгоҳи Ҷопон ҳаммолон беэҳтиёт ин сӯ, он сӯ партофта бошанд – намедонам. Аммо замин накафид, ки ман дароям, чунки туҳфаро ваъда карда будам ва ҷопонҳо дар сари миз дар ҳолати интизор менишастанд. Ҷопониҳо сӯям мутаҳаййирона менигаристанд, зеро ман дар сари ҷомадон чун ҳайкал шах шуда монда будам, на ҷунбидан метавонистам, на ҳарфе задан.

Ниҳоят меҳмонҳои ман пай бурданд, ки нохушие рӯй додааст, наздам омаданд. Сафолпораҳоро диданд. Сари таассуф ҷунбонданд ва ба тасаллои ман кӯшида, ба китфам тап-тап заданд. Дар ҳолати дигаре ҷопонҳо чунин рафторро ба худ раво намедонистанд, зеро онҳо басе хушодобанд ва ба густохӣ тоқате надоранд. Маълум мешавад, ки ман он дам хеле ғамгин ва мушавваш гардида будаам.

Ман шикастапораҳоро ба рӯи коғаз ҷамъ карда, ба дашғолқуттӣ партофтанӣ шудам. Аммо рассомон маро аз ин кор боздоштанд. Онҳо шикастапораҳоро боэҳтиёт печонида, хона бурданд.

Пас аз чанд рӯз рассомон маро ба меҳмонӣ хонданд. Кӯзачаҳои худро тамом ва беосеб дида, басе дар ҳайрат афтодам, гӯё ки онҳо ҳамин ҳоло аз хумдон баромада бошанд. Ман то ҳол ба худ тасаввур кардан наметавонам, ки чӣ сон чизи пора-пораро бо чунин маҳорат пайванд кардан мумкин аст.

Мегӯянд, ки кӯзаи мӯякрафтаро бутун кардан натавонӣ, аздусар обаш метаровад. Ба кӯзаҳое, ки ҷопонҳо пайванд карда буданд, коняки доғистонӣ ҳам андохтем, сакеи ҷопонӣ ҳам, аммо рашҳае натаровид.

Ба рассомони ҷопон нигариста, тарҷумонҳои беҳтарини худро ёд кардам. Тарҷумаи таҳтуллафзии шеърҳои ман монанди шикастапораҳои кӯза буданд. Сипас ин шикастапораҳоро пайванд мекарданд, ки аз онҳо кӯзаҳои нав ҳосил мешуд ва нақшу нигори аварӣ он кӯзаҳоро ороиш медоданд, гӯё ки он кӯзаҳо ҳеҷ гоҳ нашикаста бошанд.

Албатта, тарҷумон набояд ба кӯзае, ки даста надошт, даста бисо-

зад. Ё ки кӯзаи яктаҳаро дутаҳа бикунад.

Ба қарибӣ нашриёти Доғистон тарҷумаи нави аварии «Ҳоҷӣ Мурод»-ро аз чоп баровард. Онро хонда пай бурдам, ки «Ҳоҷӣ Мурод» ду боб дарозтар шудааст. Ман аз тарҷумон пурсидам:

– Ин ду боб аз куҷо пайдо шуд?

– Охир, Толстой ин повестро ҳанӯз пеш аз Инқилоби Октябр навиштааст. Дар он баъзе ақидаҳои нодуруст ҳастанд. Ғайр аз ин, ба хонандагон дар бораи давоми қиссаи сари Ҳоҷӣ Мурод ва тақдири авлодони Ҳоҷӣ Мурод ҳикоят кардан лозим буд.

**Аз дафтарчаи хотирот**. Як шеъри падарамро ба русӣ тарҷума карданд. Тарҷумон, зоҳиран, камтаҷриба будааст. Падарам аз як одами ҳам аваридону ҳам русидон хоҳиш кард, ки ин шеърро аз нав тарҷума кунад ва мазмунашро фаҳмонад. Баъди он, ки ин кор иҷро шуд, ӯ хитоб кард:

– Писарам аз сафари дур баргаштаасту ман ӯро нашинохтаам. Не, фарзандони ман ба ин хел бозсозӣ меафтода бошанд, дар кӯҳистони худамон шинанд, беҳтар аст.

Оре, тарҷумаи шеър ба писароне монанд, ки падару модарашон ба хондан ё кор мефиристанд. Албатта, ба ҳар ҳол, писарон ба авули худ назар ба пештараашон андаке дигар шуда бармегарданд.

Аммо писар ё чизе ба даст оварда, ё чизе аз даст дода, ё диплом гирифта, ё ҳукм гирифта, ё варзишгари пурзӯре шуда, ё лоғару бемор гардида, ё бо шуҳрати олимӣ, ё бо шуҳрати занбозӣ, ё ба ҳамаи хешу табор ва ақрабо савғот гирифта, ё кафангадо шуда бармегардад.

Ман низ китоби худро ба роҳи дур, ба шаҳрҳои бузург, ба миёни мардумон равон мекунам. Вай дар ҷойҳои бегона чи сон рафтор мекарда бошад? Оё ба халқи худ, ба попохи худ хиёнат мекарда бошад?

Медонам, ки одами гандаи кӯҳнишин ба водӣ фуромада, нағз намешавад. Бинобар ин, ман аз шахсе, ки китоби маро тарҷума мекунад, хоҳишмандам: китобам ганда бошад, бигзор ҳамон тавр бимонад. Агар ман шалу кӯр бошам, аз бағалам гирифта, аз хонаам наборед, монед, ки дар хонаи худ бишинам ва берун аз остонаи худ қадам назанам.

Зарфи мисини маро қалъагӣ давонда, сафед накунед, ба рӯйи нуқраи ман оби тилло надавонед!

Абӯтолиб ҳикоят карда буд. Ман як духтару як писар дорам. Духтарам баодоб, баинтизом, намунаи ибрат. Аммо писарам – баду бало, шӯх. Дар бораи духтарам радио гап мезанад, дар рӯзномаҳо менависанд, чунки вай зарбдор. Аммо аз болои писарам ҳар рӯз гоҳ аз мактабу гоҳ аз милиса шикоят меояд. Дар ҳаққи духтарам мегӯянд, ки ӯро мактаб, дружинаи пионерӣ, комсомол, мамлакат тарбия кардааст. Аммо дар хусуси писарам мегӯянд, ки ӯро шоири халқии Доғистон чунин тарбияи бад кардааст.

Ин ҳикоятро шунида, дар дил гуфтам: тарҷумаи шеър ҳам чу-

нон мешавад. Агар тарҷума хуб бошад, муаллифро таъриф мекунанду мутарҷимро фаромӯш. Агар тарҷума бад бошад, мутарҷимро сарзаниш месозанд, вале мекӯшанд, ки номи муаллифро ба даҳон нагиранд.

Не, дӯстам мутарҷим, биё барои некаш ҳам, бадаш ҳам ҳарду ҷавоб бидиҳем. Акнун ману ту соҳиби як ароба. Биё, онро ҳарду аҳлона тела дода, ба қулла барорем, на ин ки ҳар кас сӯйи худ кашад. Вагарна ароба ҳам, ману ту ҳам аз ҷоямон нахоҳем ҷунбид.

Боре дар ҷойи мо як воқеаи ғариб ба вуқӯъ омад. Кӯҳпораи бузурге якбора аз ҷояш канда шуда, поён ғелида фуромад ва пеши роҳи дарёчаи кӯҳиро банд карда, дар қарибии авули Мохоч бозистод. Рамаҳои гӯсфандон, чӯпонон, гулхану козаи онон оромона, бе осебе ҳамроҳи кӯҳпора саёҳат карда фуромаданд. Ҳоло он кӯҳ мисли пештара истодааст, фақат ҳамин, ки дар пояаш кӯле ба вуҷуд омадааст, ки он гулмоҳии бисёре дорад. Вақте ки кӯҳ дар ҷои кухнааш буд, касе намерафт, акнун атрофаш доим пури сайёҳон, моҳидорон, мактабиён, экспедитсияҳо.

Бигзор, китоби ман низ ба олами забоне, ки барояш нав аст, бе осеб сафар бикунад. Бигзор, ӯ низ мисли кӯҳи назди авули Мохоч сипас ба худ одамонро ҷалб созад.

Зимнан, ба гуфти мусулмонон, қисмат чӣ бошад, кас ҳамонро мебинад. Шояд, ин ба мақоли «Банда мекунам тадбир, ханда мекунад тақдир» ё ки боз кӯтоҳтараш: «Аз дасти тақдир ҷои гурез нест» мувофиқ ояд.

Мунаққид. Дар хусуси ӯ навиштан аз ҳама душвор аст. Сарзаниш бикунӣ, гумон мекунанд, ки ба эродҳои танқидиаш розӣ нестӣ ва ҳатто қасос гирифтанӣ ҳастӣ. Таъриф бикунӣ, гумон мекунанд, ки барои ояндаат дилашро ёфтанӣ ҳастӣ.

Падарам мегуфт: Ману мунаққид – ҳарду шоирем. Ман шеър менависам, вай дар хусуси шеъри ман менависад.

Гуфтаи Абӯтолиб ба як мунаққиди Доғистон:

– Ман аз оби ангур шароб месозам, ту мазаи шароби маро чашида мебинӣ.

Ман дар хусуси мунаққид ақида намеронам, худдорӣ мекунам, вале, ба ҳар ҳол, мехоҳам ба ӯ якчанд маслиҳат бидиҳам.

1. Ҳамеша бадро бад бигӯй, хубро хуб.

2. Ҳамон як чизро аввал таърифу баъд танқид накун, аввал танқид карда бошӣ, сипас таъриф накун.

3. Аз пашша фил насоз, аммо аз фил пашша месозам гуфта ҳам бисёр ҳаракат накун.

4. Дар бораи он чӣ, ки дар китоб ҳаст, сухан рон, на аз чизҳое, ки дар китоб нест.

5. Барои тасдиқи фикри худ аз Белинский сар карда, бузургонро шафеъ набиёр. Агар он фикр дар ҳақиқат моли худат бошад, бикӯш, то бо қувваи хиради худ исбот бикунӣ.

6. Фикрҳои равшанро бо забони равону фасеҳ ифода бикун. Фикрҳои норавшанро тамоман нагӯй.

7. Ҳамчун боднамо набош, ки бод ҳар сӯе, ки вазад, вай низ ҳамон тараф майл мекунад.

8. Он чиро, ки худ сарфаҳм намеравӣ, ба дигарон илқо накун.

9. Чун дар ҷайб сад сум надорӣ, худро садсумдор вонамуд накун.

10. Чун муддати мадиде ба авули хул нарафтаӣ ва аз аҳволи он воқиф нестӣ, «нав аз авуламон бозгаштам» нагӯй.

Ин маслиҳатҳои ман нав нестанд. Онҳо сатри аввалини ҷадвали зарбро мемонанд. Лекин ҳар як мунаққид агар ин маслиҳатҳоро аз рӯйи виҷдон мекард, комёбиҳои танқиди мо аз ҳозира хеле зиёдтар мешуданд.

Хонанда. Ман бо муҳаррир, бо ношир, бо мутарҷим, бо мунаққид гуфтугӯ кардам. Акнун мехоҳам, ба одами асосӣ, ки китоб барояш иншо мешавад, яъне ба хонанда чанд сухан бигӯям.

Хонандаам, дӯстам! Албатта, ту китобҳои писандидаи худро дорӣ. Чунин китобҳоро мо – нависандагон низ дорем. Мегӯянд, ки китоби умдаи нависанда он аст, ки ҳанӯз нанавиштааст, вале ҳатман хоҳад навишт. Намедонам, барои дигарон чи хел, аммо барои ман ин нуқта биайниҳӣ мувофиқ аст.

Оре, ман кайҳо боз орзу дорам, ки бахшида ба кишвари азизи худ китобе нависам. Дер боз дар сар ин фикрро мепарварам, аммо ҳеҷ не, ки иншо шавад. Эҳтимол, истеъдодам камӣ мекунад, мумкин, ташвишҳои ҳаррӯза халал мерасонанд, шояд, сабру тоқатам, ҷасоратам намерасад.

Сол ба сол масъулияти кас дар назди худ ва дар назди хонанда меафзояд, бинобар ин дар ҳар маврид бебокона қалам ба даст гирифта наметавонад. Навиштани китобе, ки ба кишвари азиз бахшида мешавад, кори аз ҳама масъулиятнок аст.

Ман ин китобро ҳоло нанавиштаам, лекин басо фикр кардаам ва акнун хуб медонам ки он бояд чи гуна бошад. Андешаҳои худро бахшида ба ин китоб, ки китоби умдаи умри ман аст, хостам ба рӯйи коғаз оварам.

Ин ҳанӯз кулоҳи черкасӣ набошад ҳам, масолеҳи чунин кулоҳ аст. Ин ҳанӯз қолӣ набошад ҳам, риштаҳои он аст. Ин ҳанӯз суруд набошад ҳам, чунин тапиши дил аст, ки аз он суруде бояд бурун ояд.

Мегӯянд: намоз нахонда, фақат нияти онро карда бошӣ ҳам, ба ҷаннат меравӣ.

Мегӯянд: «Меҳмон – ҳар кӣ бошад, хона – ҳар чӣ бошад». Агар мизбон дар хона фақат бӯза дошта бошад, оё меҳмон меранҷад, ки ӯро бо шаробҳои хориҷӣ, ки на дар хона ҳасту на дар он наздикиҳо, зиёфат накарданд?

Мегӯянд: ҳарчанд некие накардӣ, туро ташаккур бар он, ки чунин

нияте доштӣ.

Хонандаам, дӯстам, ҳар як китоб барои ту иншо мегардад. Ман метавонам, ки ноширро розӣ кунам, бо муҳаррир, бо мунаққид баҳс ронам. Лекин танҳо ҳукми ту ҳукми ҳақиқӣ ва қатъист. Чунонки судҳо мегӯянд, ин ҳукми қатъист ва аз болои он шикоят кардан мумкин нест.

Маънии зиндагии нависанда мулоқот бо ту асту бас. Тамоми умр се ҳолати ҳаяҷони бузург бо ман аст. Аввал ман пеш аз мулоқот бо ту, дар интизорию тахминрониҳо, ки чӣ мулоқоте мешавад, изтироб мекашам. Баъд ҳангоми худи мулоқот ба ҳаяҷон меафтам, ки ин фаҳмо ва табиист. Ниҳоят, пас аз мулоқот чӣ таассуроте аз худ гузоштанамро тасаввур карда, дар банди ҳаяҷон мегардам.

Чеҳраҳои мухталифи одамонро мебинам. Яке гиреҳ бар ҷабин андохтааст. Ман чӣ алфозе пайдо бикунам, то он гиреҳро бикушоям? Дигаре рӯй турш кардааст, ту гӯйӣ чизи талхе, ё тунде ба даҳонаш афтода. Чеҳраи сеюмӣ ифодаи малулхотирист, ки ин аз ҳама даҳшатнок ва аз ҳама яъсовар аст.

Аз мардуми кӯҳистон пурсидаанд: чаро авулҳои худро дар ҷойҳои дурдаст ва касногузари кӯҳистон бино мекунед? Ҷойҳои шумо рафтан маҳол, балки хатарнок аст; дар сари ҳар қадам пайроҳаи борики лаби ҷар, сангпару тармафуро. Мардуми кӯҳистон ҷавоб додаанд: «Дӯстони бовафо аз роҳҳои душвор ҳам натарсида, ба дидорбинии мо меоянд, дӯстони бевафо балки даркор нестанд».

Хонандаам, дӯстам, ман ба чилу чаҳор даромадам. Дар ин синну сол ба одам ҳама гуна кори масъулро супурдан мумкин. Дар ин синну сол нависанда бояд ба ҳар як суханаш ҷавоб диҳад.

Агар дар китоби ман фикреро пай барӣ, ки он дар китоби дигаре буд, як сӯ биандозаш, мисли ин ки як вақтҳо дар кӯҳистон пагоҳи шаби никоҳ арӯси нодухтарро аз даргоҳ меронданд.

Агар дар китоби ман фикри дурустеро дарёбӣ, ба зераш хат каш. Агар фикри нодурустеро дарёбӣ – дуто хат каш.

Вале агар заррае дурӯғу риё биёбӣ, таъхир накарда, китобро як сӯ ҳаво деҳ, ки вай ба чизе кор намеояд.

Пеш аз хушбошӣ боз қиссаеро ҳикоят мекунам.

Қиссаи хони бой, писари ӯ ва хинкали равғани дунбаю сирдор.

Як замон дар Аваристон хони бойе будааст. Ӯ се бор зан гирифтааст, то соҳиби писар гардад, аммо ҳеҷ кадоме аз занҳояш, писар як сӯ истад, духтар ҳам таваллуд накардааст. Хон маҷбур шудааст чаҳорумин бор зан гирад.

Дер шуд ё зуд, хон писар ёфт. Шодии ӯро интиҳо набуд. Тӯй шуд, карнаю сурнай навохтанд, доираву думбак заданд. Се шабу рӯз айшу нӯш карданд.

Вале шодиву сурур дар қасри хон дер напоид. Аз байн муддати зиёде нагузашта, писари хон касал шуд ва касе дарди ӯро муайян карда наметавонист. Чӣ аллаҳое, ки ба гӯшаш мехонданд, аммо

тифлро хоб намебурд. Чӣ нуқлу навое, ки медоданд, аммо намехӯрд. Ҳама медиданд, ки рӯзҳои умраш башуморанд.

Ягона валиаҳди хонро на духтурҳои хориҷӣ даво кардан метавонистанд на тилисми ҳинду, на гиёҳҳои Тибет. Агар ба фарзандаш кору ҳоле мешуд, аз ин ғам зинда мондани хон дар гумон буд.

Инак, аз авули қариб камбағале, ки ӯро касе одам ҳам намедонист, назди хон омад. Вай арз кард, ки давои дарди валиаҳдро медонад ва ӯро наҷот дода метавонад. Муқаррабони хон камбағалро аз дар берун карданӣ шуданд, вале хон онҳоро боздошт. «Аздусар писарам мемирад, – андешид хон, – чаро давои охиринро ҳам насанҷам?»

– Барои писарамро наҷот доданат ба ту чӣ лозим?

– Ман бояд бо завҷаи ту муддате танҳо бимонам.

– Чӣ? Танҳо?! Бо завҷаи ман! Ту ақлатро хӯрдаӣ! Гум шав аз пеши назарам!

Камбағал баргашту рафт, аммо хон чунин андешид: «Аздусар писарам мемирад. Бо завҷаи ман рӯ ба рӯ истода, гап занад, маро чӣ зараре мешавад?»

– Ҳой, камбағал, ин ҷо биё, мо аз гапамон гаштем. Ба ту иҷозат, ки бо завҷаи ман гуфтугӯй бикунӣ.

Ҳангоме ки камбағалу завҷаи хон танҳо монданд, камбағал пурсид:

– Мехоҳӣ, ки писарат зиндаву саломат бошад?

Завҷаи хон дар ҷойи ҷавоб ба зону афтод, илтиҷо кард.

– Ин тавр бошад, бигӯй, ки падари аслии писар кист?

Чашмони завҷаи хон ба чор тараф давиданд.

– Шарм накун, ин сирро ҳардуямон ба гӯр мебарем. Нагӯйӣ, писарат зинда намемонад.

– Хон дар орзуи писар буд. Медонистам, ки писар таваллуд накунам, маро ҳам, монанди занҳои пештарааш аз даргоҳ меронанд. Барои ҳамин кӯҳ рафтаму он ҷо бо як чӯпони ҷавон хоб кардам ва баъди ҳамон валиаҳд таваллуд шуд...

– Аё хони олимақом, – хабар дод табиб пас аз ин суҳбат. – Ман давоеро медонам, ки писарат аз он наҷот меёбад. Аз ҳамин лаҳза биноан гаҳвораи ӯ бояд дар назди гулхане бошад, монанди гулхане, ки чӯпонҳо дар кӯҳсор меафрӯзанд. Ба гаҳворааш пӯстаки мешӣ густурдан ва фақат аз таоме хӯрондан лозим, ки чӯпонҳоят мехӯранд.

– Охир... онҳо хинкали серравғани сирдор мехӯранд. Чи хел ворисӣ ман... тифли яксола...

Камбағал баргашту рафт. «Аздусар писарам мемирад», – андешид хон ва фармуд, ки хинкал биёранд.

Худи завҷаи хон дар тараддуди пухтани таом шуд. Ӯ аз хинкалҳое мепухт, ки дар кӯҳ барои паҳлавони ҷавон он шаб – беҳтарин шаби ҳаёташ – пухта буд. Вай табақи чӯбинро пеши писараш гузошт, чунон ки он вақт пеши чӯпон монда буд.

Хинкалҳо калон-калону лӯнда-лӯнда, ҳар кадоме мушт барин буданд, пораҳои равғани карт об шуда, мешорид. Дар кӯзачае оби чашмаи кӯҳӣ низ оварда доданд.

Ҳамин ки бӯйи сир ва равғани дунба ба димоғи валиаҳд зад, ӯ чашм во карда аз ҷо бархост, ҷон гирифт ва якбора дудаста ба хинкали калонтарин чанг зад. Аз он лаҳза ин тараф қувваи падар ба кӯдак гузаштан гирифт. Ӯ чун шери гушна хинкал мехӯрд. Писар ҳар рӯзу ҳар соат месабзид ва дере нагузашта, тануманди солиму хушқаде шуд. Аз касалӣ, албатта, ному нишоне ҳам намонд.

Шояд, дар ҳаёт ин воқеа рӯй надода бошад, вале ман як чизро медонам: вақте ки адабиёт аз ғизои аҷдоди худ маҳрум гашта, ба таомҳои лазизу нозуки хориҷӣ мегузарад, ҳангоме ки урфу одат, забону хислати халқи худро дигар мекунад, ба ин ҳама хиёнат мекунад, чунин адабиёт харобу адо мегардад ва ҳеҷ як дору ба дардаш дармон намешавад.

Бо ҳамин анҷом диҳам ҳам мешавад. Вақти гармиҳои тобистон оғоз карда будам, ҳоло тирамоҳи серун расидааст. Дар авули кӯҳистон сар карда будам, дар шаҳри калони серодам нуқта мегузорам. Сатрҳои нахустинро субҳгоҳон иншо карда будам, ҳоло посе аз шаб гузаштааст, шаҳриён шамъу чароғҳои худро хомӯш мекунанд.

Ман аз мусофирати дуре бозмегардам. Дар канори деҳа аз асп фуромадам. Лаҷоми аспро дошта, онро аз тангкӯчаи дарози каҷу килеб гузаронидам. Акнун хубаш ҳамин, ки аспро луч карда ба гарданаш тап-тап бизанам ва ба марғзори васеъ сар диҳам.

Худ дар назди оташ каме нишинам ҳам, мешавад. Сигор бароварда, кашам ҳам, мешавад. Мегӯянд, ки ҳатто Худованд баъди анҷоми панду насиҳаташ чилим мекашад. Тамокуро дуд кунонида, як-ду қуллоб кашида, андеша меварзад.

Мо низ ба андеша меравем. На ҳар як сафар ба некӣ меанҷомад. На ҳар як китоб нағз мебарояд. Субҳи нав, ки дамид, китоби навро сар мекунам, дар тараддуди сафари нав мешавам.

Алҳол маро роҳ шалпар кардааст. Ба чакман печида хоб меравам. Шаб бахайр, мардуми нек! Ба некӣ оғоз кардам, ба некӣ анҷом додам. Вассалом, валкалом, омин!

# КИТОБИ ДУЮМ

*«Халқи хурдро ханҷари бузург мебояд», –*
*гуфта буд Шомил дар соли 1841*

*«Халқи хурдро дӯсти бузург мебояд», –*
*гуфта буд Абӯтолиб дар соли 1941*

Бо калиди хурд сандуқи калонро кушодан мумкин, – мегуфт гоҳо падарам. Модарам ҳар хел афсонаҳо мегуфт: «Баҳр калон аст? Калон. Аз куҷо пайдо шудааст? Парандачае бо нӯлаш ба замин «тиқ–тиқ» задааст ва аз замин чашмае дамидааст. Аз оби чашма баҳри азиме пайдо шудааст».

Боз модарам ба ман ҳангоми саргарми бозӣ шуда, бисёр давидан ва суп–сурх шуданам мегуфт: «Ақаллан то ба замин фуромадани кулоҳи ба осмон ҳаво додаат дам гирифтан даркор. Бишин, дам гир».

Халқ ҳам медонад, ки баъди як порча заминро шудгор кардан, ҳарчанд он порчаи хурд бошад ва порчаи дигарро шудгор карданӣ бошӣ, ба сари вот нишаста, каме нафас рост кардан даркор.

Оё танаффуси байни ду китоб чунин вот нест? Ман ба рӯйи ҳамин вот дароз кашида хобидам ва ҳама роҳгузар маро дида мегуфтанд: ҳа, кор карда шалпар шудӣ, барзгар, хобат бурд?

Воти ман монанди водие буд дар миёни ду авул, ё авуле буд дар баландӣ, миёни ду водӣ.

Воти ман ҳамчун сарҳадди байни Доғистон ва тамоми ҷаҳон буд. Ман ба рӯи воти худ дароз кашидам, вале хобам набурдааст.

Ман мисли рӯбоҳи пир, ки донхӯрии чӯҷаҳои навболро аз наздик поида мехобад, хоб мерафтам. Як чашмам нимкушодаву чашми дигарамро бо кафи дасти дигарам пӯшонида будам. Ҳамин кафи дастамро гоҳ–гоҳ номаълум бардошта, гӯш мекардам. Оё китоби якуми ман ба дасти одамон расида бошад? Онро хонда бошанд? Дар борааш гап мезада бошанд? Чиҳо мегуфта бошанд?

Ҷорчии авул дар болои боми баланд истода, ҳар гуна хабарҳоро ҷор мезанад. Вай, то бовар ҳосил накунад, ки хабари аввалро мардум шунидаанд, хабари навро ҷор намезанад.

Марди кӯҳистон дар кӯча раҳсипор бошаду бинад, ки аз ягон ҳавлӣ меҳмоне бо димоғи сӯхта, бадқаҳр, оташин мебарояд, вай ба он ҳавлӣ медарояд магар?

Ман ба рӯйи воти байни китобҳоям хобаму мешунавам, ки китоби якумам ба ҳар кас ҳар хел таъсир кардааст.

Ин будагӣ гап: яке себро дӯст медорад, дигаре чормағзро. Себро пӯст канда мехӯранд, чормағзро шикаста. Тарбузу харбузро бо тухмаш намехӯранд. Ҳамин тавр, ба ҳар хел китоб ҳам ҳар хел муносибат кардан лозим аст. Чормағзро бо корд шикастан мумкин нест, барои ин кӯбак ҳаст. Ҳамчунин себаки нармаки хушбӯйро бо кӯбак задан мумкин нест.

Ҳар кас китобро хонда, дар он камбудие меёбад. Хайр, чӣ илоҷ, мегӯянд, ки ҳатто духтари мулло беайб намешавад, дар хусуси китоби ман ҳоҷати гап ҳам нест.

Бо вуҷуди ин, танаффуси ман ба охир расид, китоби дуюмро оғоз мекунам. Ман намедонам, ки ин китобро барои чанд нафар хонанда иншо мекунам. Адади нашр далели чизе нест. Китобҳое ҳастанд, ки сад ҳазор нусха чоп шудаанд, аммо онҳоро касе намехарад, онҳо дар рафҳои китобхонаю мағозаҳо мехобанд. Баъзе китобҳо даст ба даст мегарданд ва як нусхаи онҳоро одамони бисёре мехонанд. Ба ман на инаш даркору на ваяш. Бигзор китоби маро ақаллан як кас хонад, ман бо ҳамин ҳам хурсанд мешавам. Ман аз кишвари хурду одӣ, вале сарбаландам ба ҳамон як нафар ҳикоят карданиям. Нақл карданиям, ки ин кишвар дар куҷост, сокинони он бо кадом забон гап мезананд, дар чӣ боб сухан меронанд чӣ сурудҳое мехонанд.

Ман ҳамаро ҳикоят карда наметавонам. Мӯйсафедон ба мо чунин насиҳат мекарданд: «Дар бораи ҳама фақат ҳама ҳикоят карда метавонанд. Ту гапи худатро бигӯй, он гоҳ ҳамааш мешавад. Ҳар кас танҳо ба худаш хона пӯшидааст, дар натиҷа авул ба вуҷуд омадааст. Ҳар кас як порча замини худро шудгор кардааст, дар натиҷа тамоми замин шудгор шудааст».

Инак, ман субҳи бармаҳал хестам. Имрӯз рӯзи огарди якуми ман аст. Огарди нави замини нав. Дар ин рӯз, аз рӯйи одати дерин, ба рӯйи миз бояд ҳафт чиз бошад, ки номи ҳамааш бо як ҳарф сар шавад. Ман ба рӯйи мизи худ чашм медавонам ва он ҳафт чизро мебинам. Инак, он чизҳо:

1. Кагъат – коғаз (коғази тоза).
2. Карандаш – қалам (Қалами нӯгаш тез).
3. Карточка – сурат (аз они модарам).
4. Карта – харита (аз они кишварам).
5. Кофе – қаҳва (бе шир, баланд).
6. Коняк – (доғистонӣ, панҷоташа).
7. «Казбек» – (папирос).

Агар китобро ҳозир нанависам, пас кай менависам?

Оташ даргирифт. Дег ба ҷӯш омад. Аз қабати резаборони сим–сим шуоъҳои офтоб баромад. Мегӯянд, ки дар чунин рӯз тамоми ҳайвонот дар кӯҳсор, мисли дорбозҳо, ба рӯйи тиру камони ҳафтранг рақс мекунанд. Ҳамин хел рӯзҳо шавад, модарам мегуфт, ки шуоъҳои офтобро сӯзан карда, аз риштаҳои борон матои осмон дӯхтаанд.

Имрӯз дар кӯҳсор баҳор аст, аввалин рӯзи баҳор. Баҳор ҳам, монанди ман, огарди аввалин мекашад.

– Бигӯй, эй баҳорони Доғистон, ту чи гуна ҳафт туҳфае дорӣ, ки номи ҳамаи онҳо бо як ҳарф сар шавад?

– Ман чунин туҳфа дорам, – ҷавоб медиҳад баҳор, – ин туҳфаҳоро ба ман Доғистон додааст. Ман номбар мекунам, ту ангуштҳоятро хобонида шумур.

1. Ціа – оташ. Барои ҳаёт. Барои муҳаббат ва нафрат.

2. Ціар – ном. Барои виҷдон. Барои ҷасорат. Барои одамро ҷеғ задан.

3. Ціам – намак. Барои мазаи ҳаёт, барои меъёри ҳаёт.

4. Ціва – ситора. Барои парвозҳои баланд ва умеду орзуҳо. Барои мақсадҳои дурахшон ва роҳи рост.

5. Ціум – уқоб. Барои тимсол, барои намуна.

6. Ціумур – занг, зангӯла. Барои ҳамаи одамонро дар як ҷо ғун кардан.

7. Ціалкіу – элак, ғалбер. Барои бехтан ва донаҳои сараро аз донаҳои пучу сабук ҷудо кардан.

Доғистон! Ин ҳафт шохи дарахти решадори туст. Ҳамаашро ба фарзандонат тақсим карда деҳ, ба ман инъоме бикун. Мехоҳам оташу намак бошам, уқобу ситора бошам, зангӯлаю ғалбер бошам. Мехоҳам номи нек дошта бошам. Ба боло менигараму осмонро мебинам, ки матои он аз офтобу борон ва аз обу оташ аст. Модарам ҳамеша нақл мекард, ки худи Доғистон ҳам вақти хоб аз оташу об офарида шудааст.

## ПАДАРУ МОДАР, ОТАШУ ОБ

*– Бо оташ бозӣ накун, – мегуфт падарам.*
*– Ба об санг напарто, – хоҳиш мекард модарам.*

Ҳар кас модари худро ҳар хел ёд мекунад. Ман модарамро ҳам субҳ, ҳам чоштгоҳ, ҳам бегоҳӣ ёд дорам. Субҳидам вай кӯзаи пуробро бардошта, аз тарафи чашма меояд. Модарам обро, ҳамчун як чизи аз ҳама азиз, баэҳтиёт бардошта меояд. Инак, ӯ аз зинаҳои сангин қадам зада баромад, кӯзаро ба замин гузошт, ба оташдон алов монд. Ӯ аловро ҳам мисли як чизи аз ҳама муқаддас, баэҳтиёт дармегиронад. Ба оташ, намедонам, ё ба ҳарос, ё ба меҳр менигарад. То дурусттар даргирифтани оташ модарам гаҳвора меҷунбонад. Вай гаҳвораро ҳамчун як чизи аз ҳама азиз баэҳтиёт меҷунбонад. Нимрӯзӣ модарам кӯзаро гирифта, сӯи чашма меравад. Баъд, ба оташдон алов мемонад, баъд, гаҳвора меҷунбонад. Бегоҳӣ модарам дар кӯза об меорад, гаҳвора меҷунбонад, ба оташдон алов мемонад.

Вай ҳар рӯз, баҳору тобистон, тирамоҳу зимистон чунин кор мекард. Ин корҳоро саросема нашуда, бо таҳаммул, ҳамчун корҳои аз ҳама зарур ва муҳим, анҷом медод. Ба об мерафт, гаҳвора меҷунбонид, ба оташдон алов мемонд. Ба оташдон алов мемонд, ба об мерафт, гаҳвора меҷунбонид. Гаҳвора меҷунбонид, ба оташдон алов мемонд, ба об мерафт. Ман модари худро ҳамин тавр ба ёд меорам. Ҳангоми ба об рафтанаш ӯ ҳамеша ба ман таъкид мекард: «Аз алов бохабар шуда ист». Ҳангоми ба оташдон алов монданаш чунин мефармуд: «Кӯзаро чаппа накун, обро нарезон». Вай боз ҳангоми маро алла гуфта хобониданаш чунин мегуфт: «Падари Доғистон – оташ, модараш – об».

Кӯҳҳои мо, дар ҳақиқат, ба оташи сангбаста шабоҳат доранд. Инак, аз оташ сухан меронем:

*Санге ба санг мезанӣ – шарора мепарад*[1]*,*
*Сахра ба сахра мезанӣ – шарора мепарад.*
*Кафро бисовӣ бо кафе – шарора мепарад,*
*Ҳарфе ба ҳарф зам кунӣ – шарора мепарад.*
*Нохун ба сурно занӣ – шарора мепарад.*
*Аз чашми сурной бин, – шарора мепарад.*

Ҳатто кулоҳи кӯҳистонӣ, ки аз пӯсти барра аст, ҳангоми даст–даст кардан оташвор метобад.

---

[1] Тарҷумаи шеърҳо аз Лоиқ аст.

Агар марди кӯҳистонӣ чунин кулоҳро ба сар пӯшида, ба боми худ барояд, барфи кӯҳҳои наздик об шудан мегирад.

Худи барф ҳам оташвор метобад. Шохҳои нахчир, ки ҳангоми тулӯи офтоб дар теғаи кӯҳ меистад, нағз оташвор метобад. Шохҳо низ ҳангоми ғуруби офтоб гӯё дар оташи арғувонӣ об мешаванд.

Зарбулмасали кӯҳистон ҳам оташнок асту ашкҳои кӯҳистонизан ҳам. Нӯги мили камон ҳам, дами ханҷари аз ғилоф берун кашида ҳам. Аммо оташи аз ҳама форам ва аз ҳама гарм дар дили модар ва дар оташдони ҳар як хонадон аст.

Агар марди кӯҳистонӣ дар ҳаққи худ сухани неке гуфтанӣ ё умуман худро таъриф карданӣ шавад, чунин мегӯяд: «Ман ҳанӯз ба дари ягон кас оташталабӣ нарафтаам».

Агар марди кӯҳистонӣ дар ҳаққи ягон одами бад, одами носазо гап заданӣ шавад, чунин мегӯяд: «Дуди мӯрии хонааш думи калламуш барин нест».

Агар ду пиразани кӯҳистонӣ моҷаро кунад, яке фарёд зада мегӯянд: «Илоҳо оташдонат аловро набинад». «Ҳамон алови дар оташдонат будагӣ ҳам мурад», – ҷавоб мегардонад дуюмӣ.

Дар ҳаққи одами ҷасур гап заданӣ бошанд, чунин мегӯянд: «Вай одам не, оташ!»

Падарам шеърҳои сарди дилгиркунандаи як ҷавонро гӯш карда, сипас гуфт. «Дар шеърҳоят ҳама чиз будагӣ барин. Ҳамин хел мешавад, ки хона ҳаст, оташдон ҳаст, ҳезум ҳаст, дег ҳаст, дар дег ҳатто гӯшт ҳаст. Аммо оташ нест. Хона хунук, дег намеҷӯшад, гӯшт маза надорад. Оташ набошад – зиндагӣ ҳам нест! Хулласи калом, ба шеърҳои ту оташ лозим!»

Боре аз Шомил пурсиданд: «Имом, бигӯй, чӣ хел шуд, ки Доғистони хурди нимгушна асрҳои аср ба давлатҳои пуриқтидор муқобилат карда тавонист ва бар зидди онҳо истодагарӣ кард? Сӣ соли дароз бар зидди оқподшоҳи пурзӯр чи хел мубориза карда тавонист?»

Шомил ҷавоб дод: «Агар даруни синаи Доғистон оташи муҳаббат ва нафрат аланга намезад, вай ҳеҷ гоҳ ба чунин мубориза тоб оварда наметавонист. Ана, ҳамон оташ муъҷизаҳо меофариду корҳое мекард. Ана, ҳамон оташ дили Доғистон аст, яъне, худи Доғистон.

Худи ман кистам, – давом медод Шомил. – Писари боғбон, аз авули дурдасти Гимри. Ман аз дигар одамон қадбаландтар ва серкитфтар нестам. Дар бачагиям тамоман сусту лоғар будам. Калонсолон аҳволи маро дида, сари таассуф меҷунбониданд, ки дур намекашам. Номи ман аввал Алӣ буд. Лекин вақти касал шуданам номамро Шомил карданд, ба умеди он, ки дардам ҳам бо номи кӯҳнаам аз танам бадар равад. Ман ҷаҳони бузургро надидаам. Ман дар шаҳрҳои бузург тарбия нагирифтаам. Ман соҳиби молу мулки зиёде ҳам набудам. Ман дар мадрасаи авуламон хондаам. Падару модарам ба хар шафтолуи гимрӣ бор

карда, маро ба бозори Темурхон–Шӯра равон мекарданд, ки бурда фурӯшам. Ман дар пайраҳаҳои санглохи кӯҳистон харакӣ бисёр роҳ гаштаам. Як рӯз чунин воқеа рӯй дод. Ба ин ҳодиса хеле вақт шуд, лекин ман онро фаромӯш намекунам ва фаромӯш кардан ҳам намехоҳам. Чунки дар ҳамон лаҳза рӯҳи ман – оташи ман бедор шуд. Дар ҳамон лаҳза ман Шомил шудам.

Дар наздикии Темурхон–Шӯра, дар як авул, як гурӯҳ бачаҳои шӯх пеши роҳамро гирифта, маро масхара карданӣ шуданд. Яке кулоҳамро аз сарам гирифта гурехт. Дигарҳошон, то ман аз қафои бачаи кулоҳбурда сур кардам, ки бори хари маро кушода, сабадҳои пури меваро фуровардан гирифтанд. Ҳамаи онҳо, саросема шуда дасту по гум кардани маро дида, механдиданд, завқ мекарданд. Ин шӯхии онҳо ба ман нафорид ва дар дилам оташи то ҳанӯз ноаён даргирифт. Аз ғилоф ханҷари дастасафедро кашидам. Бачаи кулоҳбурдаро дар поёни авул дастгир кардам, ба ҷӯйи лойоба афтонида, ба гулуяш ханҷар мондам. Вай баъди ин ба таваллою зорӣ даромад.

«Ту ба оташ бозӣ накун».

Он бачаро дар ҷӯйи лойоба монда, ба атроф нигаристам. Бачаҳое, ки шафтолуҳои маро чошу пош карда буданд, ба ҳар тараф гурехтаанд. Баъд, ман ба боми хонаи наздиктарин баромада бонг задам:

– Ҳой, бачаҳо! Агар нахоҳед, ки шикаматонро оташи ханҷари ман сӯзонад, борамро чи хел буд, ҳамон тавр карда монед.

Шӯхбачаҳо коре накарданд, ки ман ин гапамро такрор бикунам.

Худи ҳамон рӯз дар бозор чунин гап–гапи мӯйсафедҳоро шунидам: «Овозаи ин ҷавонро ҳоло мешунавем».

Ман кулоҳамро ба сари абру кашида, хари гапдарои худро ҳай карда, ба роҳам рафтам. Оё ман ҷангу ҷанҷолро мехостам? Худи онҳо маро ба ғазаб оварданд, аз дилам оташ бароварданд.

Баъди ин солҳо гузаштанд. Як пагоҳӣ дар боғамон кор мекардам. Остин бар зада, аз поён хоки сиёҳ гирифта, ба кӯҳ мебаровардам ва ба бехи ҳар як дарахт мерехтам. Хокро ба кулоҳи куҳнаам андохта мекашондам. Он вақт тани ман аллакай захмҳо дошт. Ин захмҳо ба ман дар задухӯрдҳои гуногун расида буданд. Ҳамин дам одамон, кӯҳистониёни худамон, ки аз авулҳои дигар, ҳатто аз авулҳои хеле дур буданд, ба наздам омада гуфтанд, ки аспамро зин зада, мусаллаҳ шавам. Ман мусаллаҳ шудан намехостам, гапашонро рад кардам, чунки ба ман боғбонӣ ҳазор бор беҳтар буд, то ҷанг.

Баъд фиристодагони авулҳо ба ман гуфтанд:

– Шомил! Аспҳои бегона аз чашмаҳои мо об мехӯранд, одамони бегона шамъҳои моро хомӯш мекунанд. Ба асп худат савор мешавӣ, ё мо саворат бикунем?

Инро шунида мисли он даъфае, ки бачаҳо аз сарам кулоҳамро гирифта гурехта ва шафтолуҳоямро резу чош карда, маро ранҷонида бу-

данд, дар синаам оташ аланга зад. Ин оташ монанди он даъфаина сӯзон ва ҳатто аз он ҳам сӯзонтар буд. Ман боғро фаромӯш кардам, ҳамаро фаромӯш кардам. Оташе, ки маро бисту панҷ сол боз кӯҳ ба кӯҳ мебарад, на аз боду борон хомӯш мешавад, на аз барфи сарди зимистон. Авулҳо оташ мегиранд, дуди оташ аз қабати дуду борут шарора мезанад, тамоми Кавказ месӯзад. Оташ, ана, ҳамин хел чиз аст!

Ҳикоят мекунанд, ки дар замонҳои қадим, агар душман аз сарҳадди Доғистон гузарад, мардум дар болои кӯҳи баланде баробари қади манора гулхан меафрӯхтанд. Инро дида, ҳамаи авулҳо гулханҳои худро меафрӯхтанд. Ин гулханҳо ҳамон нидои шадиде буданд, ки кӯҳистониёнро водор менамуданд, то самандҳои ҷангии худро савор шаванд. Аз ҳар ҳавлӣ саворае мебаромад, аз ҳар авул дастаи тайёре… Ба даъвати оташ пиёдаву савора мебаромаданд. То даме ки гулханҳо дар кӯҳҳо фурӯзон буданд, пирону занон ва кӯдакони дар кӯҳҳо монда медонистанд, ки душман ҳанӯз дар ҳудуди Доғистон аст. Чун гулханҳо хомӯш мегаштанд, маълум мешуд, ки хатар бартараф шудааст ва ба сарзамини аҷдод боз амну амонӣ омадааст. Дар таърихи тӯлонии кишвари худ кӯҳистониён борҳо водор шудаанд, ки дар теғаи кӯҳҳо оташи хатар афрӯзанд.

Он оташҳо ҳам байрақи ҷангӣ буданд, ҳам фармон… Онҳо ба кӯҳистониён ба ҷои техникаи ҳозиразамон: радио, телеграф, телефон хизмат мекарданд. Дар пуштаи кӯҳҳо ҳозир ҳам ҷойҳои бедарахту бесабза намоёнанд, гӯё дар он ҷойҳо говмешҳои азиме хобида бошанд.

Мардуми кӯҳистон мегӯянд, ки ҷойи аз ҳама эътимоднок барои ханҷар – ғилоф, барои оташ – оташдон, барои мард – хона. Вале оташ агар аз оташдон баромада, дар теғаи кӯҳ аланга занад, он гоҳ ханҷари дар ғилоф хобида ханҷар нест, марди дар назди оташдон нишаста мард нест.

Чӯпонҳои Доғистон вазифаҳоро байни худ басо қатъӣ тақсим кардаанд. Яке гӯсфандҳоро рӯзона мечаронад, дигаре ҷои онҳоро шабона гирифта рамаро аз гургҳо нигоҳ медорад. Аммо дар байни онҳо одаме ҳаст, ки на ба гӯсфанд сару кор дорад, на ба гург. Вай вазифадор аст, ки оташро хомӯш шудан нагузорад, нигоҳ дорад, ӯ муҳофизатгари оташ аст. Ӯро нигаҳбони оташ, оташдор ҳам мегӯянд. Гуфтан мумкин нест, ки ин касбест ва кори одам фақат нигоҳ доштани оташ аст. Вале дар дами шаб чӯпонҳо ҳатман чунин одамро аз байни худ интихоб менамуданд ва нигоҳ доштани оташро ба ӯ бовар карда месупориданд.

Ин кори зарур ва душвор аст! Ҳам хӯрокпазӣ, ҳам гармӣ, ҳам либоси хушк, ҳам рӯшноӣ, ҳам суҳбат, ҳам тамокукашӣ, ки дар ҳангоми суҳбати бафурҷаи мардҳо хеле зарур аст – ҳамааш ба оташ вобаста.

Дар козаи чӯпонҳо оташдон нест. Оташ дар берун месӯзад ва бинобар ин ташвишу заҳмати махсусро талаб мекунад. Оташро аз

ҳавои вайрон: аз боду борон, аз барфу тӯфон бо кафи даст, бо кулоҳ, бо бари домани буркаъ муҳофизат кардан лозим мешавад.

Вале диловарону шоирон, ҳофизону достонсароён, раққосону навозандагонро низ нигаҳбони оташ номидан мумкин нест магар? Дар байни мо бисёр касоне ҳастанд, ки дар дил оташи ҷовид, оташи назм, оташи ривоят, оташи муҳаббати Ватан доранд, ин оташро ҳифз менамоянд ва ба дигарон эҳдо мекунанд.

Ман ҳам дар дили худ шарораи ин оташи ҷовидро эҳсос мекунам. Вазифаи худ низ мешуморам, ки ин шарораро хомӯш гардидан намонам: онро доман занам, маҷбур созам, ки рӯшноӣ диҳад, гарм кунад, то каси аз қафои ман меомада ин оташро аз ман қабул карда, ба сӯйи оянда барад.

Оташи даруни синаро ҳам монанди он ки худро аз оташи берун, оташи муқаррарии ҳақиқӣ эҳтиёт мекунӣ, эҳтиёт кардан лозим.

Рӯзҳои ид дар авул пас аз суруд ҳамеша ҳазлу шӯхӣ мешавад, пас аз мусиқию ракс – суҳбат. Баъди суханҳои баланд дар васфи оташ акнун қиссаи дар Доғистон ҷустуҷӯ кардани одами барфинро ҳикоят мекунам.

Як навъ кормандони илм ба ҷустуҷӯи каптар, яъне одами барфин омада, ба мардуми кӯҳистон тамошои ғалатие нишон доданд, ки худи ман шоҳиди он будам.

Аварҳо ба онҳо гуфтанд: «Ба назди дарғиҳо равед, мумкин, одами кофта гаштагиатон дар ҳамон ҷо зиндагӣ кунад».

Дарғиҳо дар навбати худ онҳоро ба назди лакҳо фиристоданд, лакҳо – ба назди лазгиҳо, лазгиҳо – ба назди қумиқҳо, қумиқҳо – ба назди нӯғайҳо, ба биёбон, нӯғайҳо – ба назди табасаранҳо. Хуллас, олимон тамоми Доғистонро гашта саргардон шуданд. Оқибат сахт монда шуда, дар авули Кикунӣ манзил карданд. Зимнан, паҳлавони мо Усмон Абдураҳмонов дар ҳамон авул иқомат дорад. Шояд баъзе аз хонандагони ин сатрҳо Усмонро дар филми «Ҷазираи ҷавоҳирот» дидаанд. Вай дар он филм якбора се нафарро гирифта, аз саҳни киштӣ ба уқёнус ҳаво медиҳад.

Воқеа ҳамин тавр шуд, ки автомобили олимон дар дарёчаи назди авули Кикунӣ дармонд. Олимон мошинро пеш тела доданд, қафо тела доданд, аммо бароварда натавонистанд.

Ҳамин вақт Усмон дар болои боми худ менишаст. Вай нотавонии одамони дар гирди мошин ҷунбуҷӯлкунандаро дида, ба замин фуромада ва оҳиста – оҳиста паҳлавонона қадам зада, ба назди онҳо рафт. Ӯ мошинро, мисли он ки тортанаки дар косаи сафоли равғанолуд часпидаро мегиранд, бардошту ба ҷойи хушк бурда монд.

Олимон байни худ ба пичир–пичиру миш–миш даромаданд, зоҳиран, гумон карданд, ки одами ба ёрӣ омада боз ҳамон одами барфин набошад? Вале Усмон гапи онҳоро пай бурда гуфт:

– Шумо беҳуда кофта гаштаед. Мо, кӯҳистониҳо, аз барф не, аз оташ рӯидаем. Агар дар дили ман оташ намебуд, мошини шуморо аз даруни лой чи хел кашида мебаровардам?

Вай инро гуфта, оромона тамоку печонида, бафурҷа санги шарар баровarда, қавро оташ дод ва папиросашро даргиронда, аз даҳонаш як олам дуд сар дод. Фақат баъди ин аз даруни синаи фарохи Усмон ба дуд омехта хандаи раъдворе таркида баромад. Ҳангоми тарма кӯҳ чунин гумбуррос мезанад, ҳангоми сангҳоро чаппаю роста карданаш об чунин садо медиҳад, ҳангоми заминҷунбӣ кӯҳҳо чунин гулдуррос мекунанд.

Абӯтолиб ин қиссаро шунида, чунин илова кард: «Мошини одамоне, ки ба ин хел кори беҳуда машғуланд, дар лой дарнамонданаш мумкин нест».

Дар Ҳиндустон ман иди оташро тамошо кардам. Чӣ хуш, ки одамон чунин ид доранд! Ба ман армуғон гӯён шамъи сӯзон доданд ва ман онро, чун саломи мамлакати дурдаст ба кишвари сангистонам, ба Доғистонам овардам. Охир, мо бисёр мегӯем: саломи оташин! Ба онҳо саломи оташин расонед! Шояд, замоне буд, ки одамон ба ҷои саломи дар сухан ифодаёфта оташ, аланга мефиристоданд. Оташи осуда. Оташи сӯхтору ҷанг не, балки оташи оташдон, оташи гармию рӯшноӣ.

Мо одате дорем: авулҳои кӯҳӣ шаби аввали зимистон (баъзан шаби аввали баҳор ҳам) дар болои шаххо гулхани муборакбодӣ меафрӯзанд. Ҳар авул гулхан меафрӯзад. Ин гулханҳо аз дур менамоянд. Авулҳо аз паси кӯҳу дара ва нишебу фароз расидани зимистон ё баҳоронро ба якдигар табрик мегӯянд. Саломҳои оташин, орзуҳои оташин! Худи ман дар болои кӯҳпораи Хамирхо, ки ба болои сари авули Сада хамидааст, чунин гулханҳоро борҳо афрӯхтаам.

Аввалин заводро дар Доғистон «Чароғҳои Доғистон» номиданашон ҳам бе гап нест. Акнун ба гулханҳо бисёр чароғҳои дигар ҳамроҳ шудаанд. Парандаҳо дар болои симчӯбҳои барқ низ монанди болои дарахт бемалол мешинанд. Кабӯтарон аз чароғҳои барқи болои шохаҳо намераванд.

Боре ман сӯхтани баҳри Хазарро дидаам. Як ҳафтаи дароз сӯхторро мавҷҳо хомӯш карда натавонистанд. Ин ҳодиса дар наздикии шаҳри Изборбош рӯй дода буд. Ҳангоме ки сӯхтор оҳиста–оҳиста хомӯш мешуд ва ниҳоят хомӯш гардид, ин манзара киштии ғарқшавандаро ба хотир меовард.

Баҳри сӯзон хомӯш гардад, мумкин, аммо оташе, ки даруни синаи Доғистон забона мезанад, ҳеҷ гоҳ хомӯш нахоҳад шуд. Оё оташе, ки даруни синаи инсон шуълавар аст, об мехоҳад? Оё лабоне, ки аз

ҳарорати оташи даруни сина хушкида, сӯхта, торс–торс кафида, парсинг бастаанд, оҳиста чунин намегӯянд: «Об, об!»?

Пас, обу оташ ҳамроҳи якдигаранд.

Гапи дӯстдоштаи модари ман ин буд: оташдон – дили хона, чашма – дили авул.

Кӯҳҳо оташ мехоҳанд, водиҳо об. Доғистон ҳам аз кӯҳҳо, ҳам аз водиҳо иборат аст, вай ҳам оташ мехоҳад, ҳам об.

Агар одам ҳангоми ба роҳ баромадан ё аз сафар ба хона баргаштан ба чашмаи канори авул, ҳамчун ба оина нигарад, пас, вай дар дил муҳаббат, дар дил оташ дорад. Ҳамин хел ривоят ҳаст.

Вале тамоми Доғистон ба оинаи шаффофи баҳри Хазар менигарад магар? Оё вай ба ҷавони хушқомати пурҷӯшу хурӯши нав аз об баромада шабоҳат надорад?

Гӯё ки марди кӯҳистоние ба сари чашма хамида бошад, Доғистони ман ба сари баҳри Хазар хам шудааст ва сару либосашро ба тартиб меорад, мӯйлабашро тоб медиҳад.

Дар кӯҳистон чунин дуои бад ҳаст: «Ҳаром мурад аспи касе, ки оби чашмаро ҳаром кардааст». Боз: «Бигзор оби ҳамон чашмаҳои атрофи ҳавлиат хушк шавад». Ситоиши мардуми кӯҳистон чунин аст: «Аз афташ, дар ин авул мардуми хуб зиндагӣ мекунанд: чашмаю қабристонаш обод, тоза».

Дар кишвари мо ба шарафи одамони фавтида бисёр чашмаву чоҳҳо кандаанд, ин чоҳҳо номи он одамонро доранд: чашмаи Алӣ, чашмаи Умар, чоҳи Ҳоҷӣ Мурод, чашмаи Маҳмуд.

Ҳангоме ки пагоҳ ва бегоҳ духтарон кӯза бар китф сари чашма мераванд, ҷавонон низ дар он ҷо ҳозир мешаванд, то ба худ арӯсе интихоб бикунанд. Дар сари чашмаҳо басо оташи ишқ фурӯзон, риштаи оилаҳои оянда пайванд шудаанд!

*Ба номи кӣ суруди ман, аёнат нест,*
*Бипурс аз чашма, то гӯяд ба номи кист.*

Шоири мо Маҳмуд ҳамин тавр навиштааст.

Боре ҳангоми ба кӯҳ рафтанам, дар назди чашмаи Готсатли манзил кардам. Нигарам, мусофире ба ду каф оби зулол менӯшад ва ҳар замон мегӯяд:

– Ваҳ, аҷаб неъмате!

– Ба пиёла нӯшед, – таклиф намудам ба ӯ.

– Ман бо дастпӯшак об намехӯрам, – ҷавоб дод мусофир.

Гапи падарам ҳамеша чунин буд: аз садои борон ва дарёи равон форамтар мусиқие нест. Аз дидани оби равон ва шунидани садои он кас ҳаргиз монда намешавад.

Баҳорон, ҳангоми об шудани барфи кӯҳистон, модарам ҷӯйчаҳои ба ҷониби водӣ ҷоришавандаро соатҳои дароз тамошо карда менишаст. Вай ҳанӯз аз зимистон чалакҳоро тайёр карда мемонад, то ки баҳорон ба зери новаҳо гузошта, оби борон ҷамъ бикунад.

Шуғли дӯстдоштаи ман ҳам дар оби борон пойлуч шалаппосзанон давутоз кардан буд. Мо аз борон натарсида, пеши роҳи ҷуйчаҳоро мебастем, то ки оби борон ҷамъ шуда, толобчаҳо ба вуҷуд оянд.

Ба худ тасаввур мекунам, ки парандаҳо ҳангоми аз косасангҳо хӯрдани оби борон чӣ ҳаловате доранд.

Шомил ба ҷанговарони худ мегуфт: «Бигзор душман тамоми авулро гирифта бошад, тамоми киштзорҳои моро забт карда бошад, аммо чашма ҳоло дар дасти мост ва мо ғалаба мекунем».

Имоми сахтгир ҳангоми ҳуҷум овардани дастаи душманон фармон медод, ки пеш аз ҳама чашмаи авул муҳофизат карда шавад. Вақти ба душман ҳуҷум овардани худ ӯ фармон медод, ки пеш аз ҳама чашмаро забт бикунанд.

Пештар, агар хундор душмани худро вақти дар дарё оббозӣ карданаш медид, то вай аз об баромада, мусаллаҳ нашавад, даст намерасонид.

Вале ман аксаран одати дигари тамоман осоиштаро, ки ба об вобаста аст, ба хотир меорам. Ин одат «хараки боронӣ» ном дорад. «Дар тамузи рӯз андар водии Доғистон» – бе гап ин тавр нанавиштаанд. Гармои нисфирӯзӣ дар ҷойҳои мо баъзан хеле шиддатнок мешавад ва ҳамроҳ қоқ мекунад. Замин торс– торс мекафад, шаххо танӯри тафсон барин нафас мебароранд. Дарахтон пажмурдаву киштзорҳо хушк мешаванд.

Тамоми мавҷудот: рустанию гиёҳҳо, парандаю чарандаҳо ва албатта одамон ташнаи оби осмон, оби борон мешаванд. Он гоҳ писаракеро аз авул ёфта, ба ӯ монанди ҳиндубачае аз алафҳои дар офтоб пажмурда либос сохта мепӯшонанд. «Хараки боронӣ» ана ҳамин аст. Худаш барин бачаҳо аз гардани ин бача ресмон баста, то сари авул кашола мекунанду чунин суруд мехонанд:

*Худоё, худоё! Ту борон фирист,*
*Ки сероб гардад замину замон,*
*Ки аз новаҳо об ҷорӣ шавад,*
*Худоё, худованди ҳафт осмон.*
*Бароед бар осмон, абру мег,*
*Бибор, эй ту борон, даме бедарег,*
*Ки дар оби ту рӯй шӯяд замин,*
*Шавад сабзапӯшу шавад нозанин.*

Сокинони калонсоли авул ҳама ба кӯча мебароянд, ба назди «хараки боронӣ» тохта мераванду яке аз кӯза, дигаре аз тағора ба ӯ об мепошанд ва суруди бачагонро такрор намуда, мегӯянд: «Омин, омин!»

Як бор ман ҳам «хараки боронӣ» шуда будам. Ба сари ман чунон оби бисёре рехтанд, ки ростӣ, агар онро ҷамъ кунанд, нисфи оби борон мешуд.

Аммо фалак ба сурудҳои мо на ҳамеша гӯш медод. Офтоб ҳамон месӯзонд. Офтоб Доғистони моро гӯё бо тути гарм дарзмол мекард. Офтоб боиси ғамгинӣ мегардид. Мо онро офтоби ғамовар меномидем. Замин дар зери ҳамин офтоби ғамангез садҳо ва ҳазорҳо сол мехобид. Агар Аврупоро мисол гирем, рӯзҳои офтобӣ дар авули Ғуниби Доғистон бештаранд. Авули Сада ҳам аз вай монданӣ надорад. Авулҳои дигар ҳам. Онҳоро бекора «ташнагони об» ном надодаанд.

Ба ёдам меояд, ки вақти як кӯза об бар дӯшу як кӯзача об ба даст баргаштанаш чеҳраи модарам хаста менамуд. Об аз авул се километр дур буд.Ба ёдам меояд, ки ҳангоми аз борон тар шудани замин, аз новаҳо ширрасзанон шоридани об, аз оби борон лабрез шудани чалакҳои зери новаҳо чеҳраи модарам мешукуфт.

Ба ёдам меояд, ки Ҳабибат ном ҳамавули пири коматхамидае доштем. Ӯ ҳар пагоҳ ба китф зоғнӯл бардошта, аз авул баромада мерафт ва гоҳ ин ҷову гоҳ он ҷои заминро мекофт. Вай ба васвасаи обёбӣ афтода буд ва ҳамеша об меҷуст.

Ҳама медонист, ки беҳуда зӯр мезанад, аммо касе чизе намегуфт, фақат ман, ки ҳанӯз бачаи нодон будам, боре гуфтам:

– Беҳуда зӯр мезанӣ, Ҳабибат–хола, бекора меҳнат мекунӣ, дар ин ҷо об нест.

*Бигзарад баччагӣ чу об, вале*
*Нагзарад бе нишону бе осор,*
*Монад аз ӯ таронаҳои гариб,*
*Ёд монад барои халқу диёр.*

*Бигзарад ҳам ҷавонӣ чун дарё,*
*Ҳар чӣ бигзашт, боз пас н–ояд.*
*Лек з–ӯ қаҳрамонӣ хоҳад монд,*
*Ёдгоре, ки дер мепояд.*

Падарам аз ман сахт хафа шуд.

– Охир, дар ин ҷо ҳакиқатан об нест.

– Баъзан одамон нон надоранд. Лекин магар ба ин ҳоли онҳо хандидан мумкин аст? Ин гапро ба гӯшат ҳалқа кун, писарам: ба ҳоли камбағалон ва ба ҳоли касоне, ки об меҷӯянд, хандидан мумкин нест.

– Худатон дар бораи инквачулиниҳое, ки хостаанд пулашонро калонтар кунанд ва об зиёдтар ояд, шеъри ҳаҷвӣ навишта будед–ку.

– Вай хандаи ашколуд буд. Ҷавонҳо инро фаҳмида наметавонанд. Ту ҳоло намедонӣ, ки барои Доғистон об чӣ маънӣ дорад. Ҳабибат–

холаат чӣ орзуи бузурге доштааст, ки дар ин ҷойи беоб об меҷӯяд. Хайр, хубаш дам шин – борон боридан дорад.

Дар ин вақт ҳақиқатан шир–ширкунон резаборон меборид.

*– Ало, мургон, чаро ин субҳдам хомӯшӣ бигзинед?*
*– Зи бас бурдаст ҳуши мо танини резиши борон.*
*– Чаро, эй шоирон, ин қадр хомӯшеду ҳайронед?*
*– Зи бас бурдаст ҳуши мо танини резиши борон.*

Падарам ҳамеша мегуфт, ки рӯзи ба авул аз кӯҳи дур ба воситаи қубур омадани об хушбахттарин рӯзи ҳаёти ӯ буд. То он рӯз падарам баробари ҳама ба даст зоғнӯл гирифта, дар сохтмони обрасонӣ ҳар рӯз кор мекард. Ман он рӯзи омад–омади обро нағз дар ёд дорам. Вакте ки об ҷорӣ шуд, падарам ба рӯйи он ҳатто партофтани гулҳоро манъ кард.

Сокинони авул кампири садсолаеро интихоб намуданд, ки аввал ӯ як кӯза об гирад. Кӯҳистонизани пир кӯзаашро пур карда, аз он як дӯлчаи аввалинро ба падарам дод.

Падарам, ки ордену мукофотҳо дошт, чунин гуфт: ман ба ин хел мукофоти қиматбаҳо ҳеҷ гоҳ лоиқ нашуда будам. Худи ҳамон рӯз ӯ бахшида ба об шеъре навишт. Вай дар он шеърпш ба парандаҳо муроҷиат мекард, ки онҳо дигар худситоӣ накунанд, акнун мо, мардуми кӯҳистон ҳам, аз онҳо бадтар об намехӯрем. Ӯ мегуфт, ки аз шилдирроси об дида, форамтар оҳангеро дар ягон тӯй ва ё ягон ид нашунидааст. Вай бовар кунонданӣ мешуд, ки ягон саманди бидав, ягон байтали ҷавон монанди зане, ки ҳоло ба об меравад, хиромида наметавонад. Вай бо зоғнӯлу бел, нӯлаҳои обрасонӣ ба инқилоб ҳамду сано мегуфт. Замонеро ёд меовард, ки зимистон дар назди оташдон барфро об карда, захира менамуданд: он вақтҳо аз бардоштани кӯзаҳои вазнин қомати кӯҳистонизанҳои мо бармаҳал мехамид. Оре, он рӯз барои падарам рӯзи бузурге буд!

Инчунин як моҳи июли тафсони Махачқалъаро ёд дорам. Падарам касали сахт, атрофаш пури духтуру дору буд. Ӯ мегуфт: «Аҳволам вазнин. Аъзои баданамаро сад анбури гиро ба чор тараф мекашад».

Вай акнун дору намехӯрд, зеро чунин мешуморид, ки ҳам вақташ гузаштааcту ҳам бефоида. Ҳатто намемонд, ки болишташро дуруст бикунем, ҳеҷ фоида надорад, мегуфт. Ҳангоме ки аҳволаш тамоман бад шуд, маро фарёд карда гуфт:

– Як дору ҳаст… Ҳамон аҳволи маро беҳтар мекунад.

– Чи хел дору?

– Дар дараи Бутсраб чоҳи хурде ҳаст… Чашма… Худам ёфтагӣ… Аз ҳамон ҷо як қулт об…

Рӯзи дигар як кӯҳистонизан ба кӯза аз ҳамон чашма об овард. Падарам чашмонашро пӯшида, каме нӯшид.

– Ташаккур, табиби ман.

Мо гашта напурсидем, ки ӯ кирову чиро дар назар дошт: обро, кӯҳистонизанро, чашмаи дараи дурро ё тамоми кишвари азизро, ки ин чашмаро ба вуҷуд овардааст.

Модарам ба ман мегуфт: ҳар як одам бояд чашмаи муқаддаси худро дошта бошад. Вай ҳамчунин мегуфт, ки агар дар наздикии киштзор оби сарди чашмасор шилдирросзанон ҷорӣ бошад, даравгарзан ҳаргиз хаста намешавад.

Ривояте ҳаст, ки дар айёми ҷавониаш Шомил ва устодаш Қозӣ Муҳаммадро дар дараи Гимрӣ, дар бурҷи ҷангӣ душманон муҳосира кардаанд. Шомил худро ба поён ба болои найзаҳои душманон партофта, бо ханҷар ба худ роҳ кушодааст. Вай аз нуздаҳ ҷои баданаш захм хӯрда, бо вуҷуди ин, зинда мондааст ва ба кӯҳ гурехта рафтааст. Мардуми кӯҳистон гумон кардаанд, ки ӯ ҳалок шудааст. Вақте ки ӯ дар авул пайдо шудааст, модари сиёҳпӯшаш бо ҳайрат ва шодию сурур пурсидааст:

– Шомил, писаракам, чи хел зинда мондӣ?

– Дар кӯҳ ба чашмае вохӯрдам, – ҷавоб додааст Шомил. Мардуми кӯҳистон дар биёбони Арабистон аз шутур афтида, мурдани имоми худ, Шомил пири худро шунида, дар авул, дар таги кӯчаи худ нишаста, мегуфтанд:

– Дар он наздикӣ чашмаи Доғистон набудааст.

Дар Нуҳ ман ба сари қабри Ҳоҷӣ Мурод рафта, санги мазораш ва чунин катибаи онро дидам: «Дар ин ҷо шери Доғистон мадфун аст». Ман сари буридаи ин шерро низ дидаам.

– Эй сар, ту чӣ аз тан ҷудо шудӣ?

– Роҳи Доғистон, роҳи ватан, роҳи чашмаро ҷуста, раҳгум задам, гаранг шудам.

Авули ман дар домани кӯҳ воқеъ гаштааст. Дар рӯ ба рӯяш ҳамвориест ва дар он ҳамворӣ қалъаи Хунзах ҳаст. Қалъаро аз чор тараф авулҳое иҳота кардаанд, ки онҳо аз қалъа хеле дуранд. Ин қалъа бо тиркашу сангандозҳои худ ба атроф даҳон боз кардааст: вай таҳдид мекунад, бозмедорад, чашм медавонад. Аз тиркашҳо ба сӯйи кӯҳистониёни ноорому саркаш басо тирҳо паридаанд. Аз тирпарронинҳои ин қалъа кабӯтарҳои авули ман Сада на як бор рамидаву дар осмон изтиробомез пар задаанд. «Нигоҳи аз ҳама хавфнок ва садои аз ҳама баланд кадом? – мепурсиданд кӯҳистониён. – Нигоҳу садои қалъаи Хунзах».

Аммо ба замони ман даҳшати Хунзах фақат дар афсонаву ривоятҳо омада расид. Мо, мактаббачаҳо, аз тиркашҳои он ба якдигар нимхӯрдаҳои себ ё барф меғуррондем. Баъзан шайпури пионерӣ

ҳам менавохтем ва зимнан, кабӯтарҳои шохаҳои атрофро мерамонидем. Оре, дар Хунзах мактабе ҷойгир буд, ки ман дар он ҳафт сол хондаам.

Ман акнун куҷое равам, дар кадом манзиле бошам, аз мағзи гулдурроси симфония, аз мағзи оҳангҳои ракс садои тарабангези авули кӯдакиям, ҷирингоси шодиомези занги мактабро мешунавам. Садои занг хусусан ҳамон вақт шодиомез буд, ки аз тамом шудани дарсҳо хабар медод. Ин садо ҳоло ҳам ба гӯшам мерасад ва маро акнун ба роҳрави мактаб, ба кӯча, аз мактаб ба хона, балки баръакс, ба мактаб, ба синф, ба хобгоҳ ҳидоят мекунад. Дар синфамон мо сӣ нафар будем. Моҳе як бор ҳар кадоме аз дарсҳо озод гашта, машкоб мешуд. Барои гуноҳе ба ин кор дурӯза ҳам мемонданд. Зимнан, мани бегуноҳ ҳам доим ду рӯз паёпай об мекашондам, чунки ҷӯра ва навбатдори ман Абдуғафур Юсуфов вақти расидани навбаташ ҳамеша касал мешуд. Ёд дорам, ки рӯзҳои обкашии ман ба 7–ум, 8–уми ҳар моҳ рост меомад.

Чашма берун аз ҳудуди қалъа буд. Ба он тараф рафтан осон буд: якум ин ки сатил холӣ, дуюм, пайраҳа–нишеб. Фаҳмидан душвор нест, ки дар бозгашт вазъият тамоман дигар мешуд. Бар замми ин, як тӯда мактаббачагон бо дӯлчаҳои алюминӣ мусаллаҳ шуда, дар тангкӯча мунтазири ман меистоданд. Онҳо ташна буданд. Ба сатили ман дарафтода, ними обро ба дӯлчаҳо гирифта, нимашро ба замин мерезониданд: аз дасти онҳо халос шудан осон набуд. Ман обро мебоист то мактаб бурда мерасонидам.

Дар бораи ин чашма қиссаву ривоятҳои бисёре мавҷуданд. Инак, яке аз онҳо, ки падарам ба ман ҳикоят карда буд.

Деворҳои қалъа аз захми тир ғалбер гаштаанд. Дар болои манораҳои он борҳо байрақҳои сабзу сурх ҷои якдигарро гирифта, парафшонӣ кардаанд. Дар рӯзҳои ҷанги гражданӣ қалъа аз даст ба даст мегузашт: гоҳ сафедҳо забт мекарданд, гоҳ сурхҳо сафедҳоро зада пеш мекарданд, дар он гоҳе Готсинский шинак мегирифт, гоҳе партизанҳои Муслим Атоев. Партизанҳо қалъаро шаш моҳ аз душман муҳофизат намуданд. Аммо ҳар рӯз муддати ду соат тирпарронӣ қатъ мегашт.

Дар ҳамин соатҳо занони муҳофизатгарон аз қалъа баромада ба об мерафтанд. Боре полковник Алихонов ба полковник Ҷаъфаров гуфт:

– Биё, занҳоро ба об рафтанӣ намемонем. Бигзор отряди Атоев аз ташнагӣ мурда равад.

Полковник Ҷаъфаров ҷавоб дод:

– Агар мо ба сӯйи занҳои ба об раванда тир кушоем, он гоҳ тамоми Доғистон аз мо рӯ мегардонад.

Ҳамин тариқ, то занҳо аз чашма баргашта наоянд, ҳар ду тараф сулҳи ғайрирасмиро риоя менамуданд…

Ҳангоме ки ба модари он вақт беморам хабари мукофоти Ленинӣ гирифтани писарашро расонидаанд, вай оҳе кашида, ҷавоб додааст: «Хабари хуш. Лекин агар мешунидам, ки писарам ба ягон камбағал ё ятим дасти ёрӣ дароз кардааст, зиёдтар хурсанд мешудам. Ҳамон пулро барои ба ягон авули ташналаб об гузаронидан диҳад. Мардум таърифаш мекунанд. Падараш вақти мукофот гирифтанаш тамоми пули мукофотро дод, ки чашмаҳои нав кофта ёбанд. Ҷое, ки чашма ҳаст, пайроҳа ҳаст, ҷое ки пайроҳа ҳаст, роҳ ҳаст. Роҳ ба ҳама ва ба ҳар кас даркор. Роҳ набошад, одам хонаашро ёфта натавониста, ба ҷар ғелида меравад».

Падарам доим такрор мекард, ки ман соли дар Доғистон кофтани аввалин канал таваллуд шудаам. Ин каналро аз Сулак то Махачқалъа кандаанд. «Бе об ҳаёт нест» – ин шиори дар як тахта-фанер навиштаро бинокорони канал ҳамроҳи худ гирифта мерафтанд.

Об! Инак, аз танаи шахҳо об метаровад, гӯё шахҳоро дастони азими касе мефишорад. Инак, об аз қӯҳҳо сарозер фуромада, аз болои сангҳо ҷаҳида, аз нӯги шахҳо парида, мисли даррандаи захмхӯрда дар тангноҳо ғуррида, дар водиҳои сабзу хуррам монанди барраҳо бозида меравад.

Доғистони моро чор дарёи симинфом – чор Қӯйсу ҳошиябандӣ кардаанд. Онҳоро дарёҳои Сулак ва Самур чун хоҳарони худӣ пешвоз мегиранд. Сипас ҳамаашон – дарёҳои Доғистонро баҳрро ба оғӯш мегиранд.

Оташу об – тақдири халқҳо, оташу об – падару модари Доғистон, оташу об – хӯрҷине, ки тамоми бисоти мо дар он.

Дар Доғистони мо ба назди пирони барҷомонда ва бекас писарону духтарон рафта, дар кору бори хонаашон, хоҷагиашон ёрӣ мерасонанд. Онҳо пеш аз ҳама чӣ кор мекунанд? Ҳезум мекафонанд ва ба кӯзаҳо об меоранд. Зоғони сиёҳ аз чӣ шоммае мефаҳманд, ки дар бунае оташ хомӯш гаштааст ва ҳамон дам ба он ҷо парида мераванду қар–қар мекунанд.

Оташу об – ин аст он ду имзо, ду рамзе, ки дар зери созишномаи офариниши Доғистон сабт гаштааст.

Ними афсонаҳои Доғистон – дар васфи ҷавони диловарест, ки аждаҳоро кушта, оташ овардааст, то ки авул гарм ва равшан шавад.

Ними дигари афсонаҳои Доғистон – дар ситоиши духтари донoест, ки бо ҳила хоби аждаҳоро баронда, об овардааст, то ки ташнагии мардуми авул шиканад ва киштзорҳо об хӯранд.

Аждаҳои аз дасти ҷавони диловар ва духтари доно кушташуда ба кӯҳҳо, ба силсилакӯҳҳои қаҳваранг табдил ёфтаанд.

Доғ – маънои кӯҳро дорад, истон – маънои кишварро. Доғистон кишвари кӯҳистон, кишваркӯҳ, сарзамини кӯҳистон, кишвари сарафрозон – Доғистон.

*Ба мисли кӯдаке к–андар дабистон*
*ҳарфҳоро ҷанг андозад,*
*Ҳамеша вирд месозам.*
*Ҳамеша мекунам такрор: Доғистон.*
*Ба ҳар як пурсиши кӣ ё чӣ бетардид*
*Кунам изҳор: Доғистон.*
*Ба номи кӣ суруди ман? Ба номи ӯ!*
*Ба кӣ? Аз баҳри Доғистон!*

Ин қавми хурд басе аждаҳоро мағлуб сохтааст, то ки ҳамеша оташу об дошта бошад. Акнун дарёҳо нур медиҳанд, об ба оташ бадал мешавад. Ду рамзи нахустин ба ҳам омехта, як мешаванд.

Оташдон ва чашма барои марди кӯҳистонӣ азизтарин суханонанд. Дар ҳаққи одами беҳунар ва бекора мегӯянд: «Чароғи хомӯшгардида». Дар ҳаққи одами бад мегӯянд: «Вай аз қабили касонест, ки ба чашма туф мекунанд».

Қадаҳи шаробро бардошта, мо ҳам мегӯем:

*Ҳамд бод онро, ки ӯ ду мабдаи ҷовидро –*
*Чашмарову дошро шоиста дастон кардааст.*
*Сад ҳазорон ҳамд бод онро, ки бе ҳеҷ иддао*
*Ламъае афрӯхта, ё ҷӯйи обе кандааст.*

Кӯҳистонии пир аз кӯҳистонии ҷавон мепурсад:

– Ту дар умрат оташро дидаӣ, аз он гузаштаӣ?

– Ман ба оташ худро, ҳамчун ба об, партофтаам.

– Оё медонӣ, ки яхоб чӣ хел мешавад ва ту худро ба он партофтаӣ?

– Худро ҳамчун ба оташ партофтаам.

– Хайр, ин тавр бошад, ту калон шудаӣ. Аспро зин зан, туро ҳамроҳам ба кӯҳ мебарам.

Як кӯҳистонӣ бо кӯҳистони дигаре ҷанг карда, мегуфт:

– Магар дуди мӯрии ман аз дуди мӯрии ту бориктар аст? Магар ман ба дари ягон кас об қарзгирӣ рафта будам? Агар ту маро ҳамин хел одам мегуфта бошӣ, гард ба пеши ҳӯ, ана, вай шах меравем, ҳамон ҷо яка ба яка гап мезанем.

Дар як дарвоза ман чунин катибаро хондам: «Дар оташдон алов гирон аст, дароед, меҳмон шавед». Сад афсӯс, ки Доғистон чунин дарвоза надорад, то ки дар он ин суханон сабт гарданд: «Дар оташдон алов гирон аст, дароед, меҳмон шавед».

Алов, дар ҳақиқат, гирон аст. На ба шӯхӣ, на барои изҳори фазл шуморо таклиф мекунем: шарм надоред, дароед, дар оташдон алов гирон аст, дар чашма об шаффоф аст, бифармоед, нури дида, тоҷи сар!

## ХОНА

Калимаи аварии «ригь» ду маънӣ дорад: «синн» ва «хона». Ин ду маънӣ барои ман ягонаанд. Синн – хона. Ба синни балоғат, ки расидӣ, бояд хонаи худро дошта бошӣ. Агар ин зарбулмасалро ба аварӣ талаффуз бикунем, (зимнан, мо ин хел зарбулмасал дорем), чунин суханбозие ҳосил мешавад: «ригь – ригь», синн – хона.

Хӯш, ки бошад, Доғистон, аз афташ, кайҳо ба синни балоғат расидааст, бинобар ин дар зери хуршед манзили қонунӣ ва устуворе дорад.

Ман аз модарам бисёр мепурсидам:

– Доғистон дар куҷо?

– Дар гаҳвораи ту, – ҷавоб медод модари хирадмандам.

– Доғистони ту дар куҷо? – пурсиданд аз як андигӣ. Андигӣ гаранг шуда, ба атроф нигарист.

Ин тал – Доғистон, ин алаф – Доғистон, абре, ки дар болои сар аст, магар вай ҳам Доғистон нест? Ин хел бошад, офтоби болои сар–чӣ, магар вай ҳам Доғистон нест?

– Доғистони ман – дар ҳама ҷо! – ҷавоб дод андигӣ.

Соли 1921, баъди ҷанги гражданӣ, авулҳои мо хароб гаштанд, одамон гушна буданд ва намедонистанд, ки пешомад чист. Ана, ҳамон вақт ҳайати вакилони мардуми кӯҳистон ба назди Ленин рафт. Фиристодагони Доғистон дар кабинети Ленин, ҳарфе назада, харитаи калони ҷаҳонро кушоданд.

– Ин харитаро барои чӣ овардед? – ҳайрон шуд Ленин.

– Шумо ғами бисёр халқҳоро мехӯред, ба хотиратон намеистад, ки кадоми онҳо дар куҷо зиндагӣ мекунад, бинобар ин мехоҳем дар куҷо будани Доғистонро нишон диҳем.

Аммо кӯҳистониён ҳарчанд ҷустанд, кишвари худро ёфта натавонистанд, харитаи калонро дида, ҳисобашонро гум карданд, гӯшаи хурди заминро гум карданд. Он гоҳ Ленин ба кӯҳистониён аз харита ҷойи меҷустаашонро фикр накарда, фавран нишон дод.

– Ана, ҳамин Доғистони шумо. – Инро гуфта, Ленин хушҳолона хандид.

«Ҳа, ана, ин калла», – аз дил гузарониданд кӯҳистониён ва ба Владимир Илич Ленин қиссаи аз ин пеш ба назди нарком (комиссари халқӣ) рафтанашонро нақл карданд. Нарком аз онҳо боисрор мепурсид, ки Доғистон дар куҷо воқеъ аст. Кормандони нарком ҳар хел тахмину фарзҳо мекарданд. Яке мегуфт, ки ин кишвар дар кадом як тарафи Гурҷистон аст, дигаре мегуфт, ки дар Туркистон аст. Яке ҳатто мегуфт, ки дар Доғистон бар зидди босмачиҳо ҷангидааст.

Ленинро бештар ханда гирифт:

– Дар куҷо, дар куҷо Доғистон? Аҷабо, ғалатӣ! Нарком фаҳмонид, ки Туркистон дар куҷову Доғистон дар куҷо, босмачиҳо дар куҷоанду муридҳо дар куҷо.

Дар девори хонаи Ленин, дар Кремл, харитаи калони Кавказ ҳоло ҳам овезон аст.

Акнун Доғистон – ҷумҳурӣ. Хурд аст ё калон, аҳамияте надорад. Ҳамон қадаре, ки лозим аст. Дар мамлакатамон акнун шояд касе намегӯяд, ки Доғистон дар Туркистон аст, аммо дар мамлакати дуре маро лозим шуд, ки чунин шарҳу баён бикунам:

– Шумо аз куҷо омадед?

– Аз Доғистон.

– Доғистон… Доғистон… дар куҷо?

– Дар Кафказ.

– Дар шарқаш ё ғарбаш?

– Дар соҳили баҳри Хазар.

– Ҳа, Боку!

– Э не, Боку не. Андаке шимолтар.

– Ҳамсояҳотон киҳо?

– Русия, Гурҷистон, Озарбойҷон…

– Магар дар он ҷо черкасҳо зиндагӣ намекунанд? Мо гумон кардем, ки черкасҳо.

– Черкасҳо дар Черкасия зиндагӣ мекунанд, доғистониҳо – дар Доғистон. Толстой…Ҳоҷӣ Мурод…Толстойро хондаед? Бестужев – Марлинский… Лермонтов, охир: «Дар тамузи рӯз андар водии Доғистон…»

– Ҳамон ҷое, ки Албурз–а?

– Албурз дар Кабардаю Балқар, Казбек дар Гурҷистон, аз они мо авули Ғуниб. Хайр, баъд Сада.

Баъзан дар ягон мамлакати дур маро чунин гуфтугӯ лозим мешавад. Вале мақоли машҳуре ҳаст: «Духтарам ба ту мегӯям, келинам, гӯш дор». Эҳтимол, дар мо низ сатҳиназаре ёфт шавад, ки дар Доғистон черкасҳо зиндагӣ мекунанд, гуфта фикр бикунад ё, дурустараш, умуман ҳеҷ фикр накунад.

Ман ба ҷойҳои дур сафар карда, дар конференсияю конгресс ва симпозиумҳои гуногун иштирок намудаам.

Одамони гуногун ҷамъ мешаванд: Аз Осиё, аз Аврупо, аз Африқо, аз Амрико, аз Австралия. Он ҷое, ки ҳамаро аз рӯйи қитъаву бар муайян мекунанд, ҳамчунин ман аз Доғистон мегӯям.

– Хоҳишмандам, равшан бигӯед, шумо намояндаи Осиё ё Аврупо, – мепурсанд аз ман. Доғистони шумо дар кадом қитъа воқеъ аст?

– Як пойи ман дар Осиё, пойи дигарам дар Аврупо. Чунин мешавад, ки ба ёли асп якбора ду мард даст мегузорад – яке аз як тарафаш, дуюмӣ аз тарафи дигараш. Айнан монанди ҳамин, ба болои кӯҳҳои Доғистон ду қитъа аз ду тараф дасти худро гузоштаанд. Дас-

тони ин қитъаҳо дар сарзамини ман ба ҳам пайвастаанд ва ман аз ин хурсандам.

Парандагону чарандагон, кӯҳу дарёҳо, оҳувону рӯбоҳон, тамоми ҳайвоноти дигар ҳам моли Аврупоанду ҳам аз они Осиё. Дар назарам, онҳо кумитаи ягонагии Аврупо ва Осиёро ташкил кардаанд. Ман бо шеърҳои худ аз ҷону дил узви ин кумита мешудам.

Аммо як зумра одамон, гӯё барқасд бошад, ба ман мегӯянд: «Ба ту чӣ ҳам мегуфтем, ту – осиёгӣ». Ё, баръакс, дар ягон ҷойи марказии Осиё мегӯянд: «Аз ту чӣ гила, ту аврупоӣ».

Ман гапи аввалиҳоро рад намекунам, дуюмиҳоро ҳам. Ҳақ бар ҷониби ҳарду.

Баъзан ба зане изҳори муҳаббат бикунӣ, вай сар ҷунбонида мегӯяд:

– Эҳ, Шарқи маккор, муғамбир!

Баъзан меҳмонони Доғистоние омада, дар рафторат ягон чизро дида, сар меҷунбонанд:

– Эҳ, ин нағмаҳои аврупоӣ!

Хӯш, ки бошад. Доғистон Шарқро дӯст медорад, аммо Ғарб низ барояш бегона нест. Доғистон монанди дарахте, ки ба мағзи замини ду бар реша давондааст.

Дар Куба ман ба Фидел Кастро чакмани худамонро туҳфа кардам.

– Чаро тугма надорад? – бо ҳайрат пурсид Фидел.

– Барои он ки, агар зарур шавад, зудтар аз китф партофта, ба шамшер бизанӣ.

– Ҳақиқатан либоси партизанӣ будааст, – шарҳи маро қабул кард Фидел Кастро.

Доғистонро ба мамлакатҳои дигар қиёс кардан маънӣ надорад. Барояш ҷойи худаш хуб аст. Бомаш намечакад, деворҳояш каҷ нашудааст, дарҳояш ғичиррос намезананд, шишаи тирезаҳояш нашикастаанд. Кӯҳистон ҷои танг аст, аммо дили мардумаш васеъ.

– Ту мегӯйӣ, ки сарзамини ман хурд аст, аз они худат калон аст магар? – мепурсид андигӣ аз як одам. – Ин тавр бошад, биё, шарт: сарзамини киро пиёда зудтар тай карда мебароем: ман аз они туро ё ту аз они маро? Ку бинам, ту ба қуллаҳои мо чӣ хел мебароӣ, ба шаххҳои мо чӣ хел часпида ҳаракат мекунӣ, дар дараҳои мо чи хел гавак мекашӣ, ба ҷарҳои мо чи хел ғелида меравӣ!

Ман ба қуллаи кӯҳи баландтарини Доғистон баромада, атрофро тамошо мекунам. Роҳҳо ба дуродур тӯл кашидаанд, чароғҳо дар дуродур чашмак мезананд, аз дуродур садои зангӯлаҳо ба гӯш мерасад, замин дар мағзи абрҳои тунуки нилгун нопадид мегардад. Ба рӯйи хоки ватан истода, ҷаҳонро назора кардан маро хуш аст.

Одам вақти таваллуд шуданаш барои худ ватанро интихоб намекунад – чи хел ватане, ки расад. Аз ман ҳам касе напурсидааст, ки оё

ман доғистонӣ шудан мехоҳам. Агар ман дар ҷойи дигари кураи замин, аз падару модари дигаре таваллуд меёфтам, бароям аз он ҷо азизтар кишваре вуҷуд намедошт. Аз ман напурсидаанд. Вале агар ҳозир пурсанд, ман бояд чӣ ҷавоб бидиҳам?

Аз дур овози танбӯр меояд. Оҳангаш ҳам бароям шинос, шеъраш ҳам.

*Рӯдҳо пазмони дарёҳостанд,*
*Ҳамчунон дарё бувад пазмони рӯд.*
*Дар кафи дасте бигунҷад дил, вале*
*Кай ба дил гунҷад ҷаҳони беҳудуд.*
*Ҷумлаи ақсои олам хуб низ,*
*Лек Догистон бувад аз ҷон азиз.*

Ин овози танбӯрнавоз не, балки худи Доғистон ба забони ҳол омада, мегӯяд.

*Ҳар киям дидасту аз ман норизост,*
*Роҳи кӯи хештан гирад, равост.*

Чунин одати қадиме ҳаст: шабҳои дарози зимистон ҷавонону духтарон дар ягон бунаи калонтар ҷамъ шуда, бозиҳои гуногун мекунанд. Масалан, ҷавонеро ба болои курсӣ мешинонанд. Духтараке ба атрофи ӯ давр зада месарояд. Ин сурудҳо ба частушка чандон монанд нестанд, аммо байни онҳо умумияте ҳаст. Миёни сароядагон як навъ бадеҳагӯӣ мешавад. Ба сухани нешдор бо гапҳои нешдортаре ҷавоб гардонидан лозим, сухани соз ҷавоби соз мехоҳад. Ба касе, ки дар ин мусобиқа ғолиб меояд, шохҷомро пур карда шароб медиҳанд.

Ин хел бозиҳо дар хонаи мо, дар ошёнаи поён, низ воқеъ мешуданд. Ман хурдакак будам, дар бозиҳо иштирок намекардам. Фақат гӯш медодам. Ёд дорам, дар назди оташдон шароби кафкдор ва ҳасиби бирёни хонагӣ буд. Дар миёнҷойи хона курсии сепоя мегузоштанд. Духтарону писарон якдигарро иваз карда, суруд мехонданд. Сурудҳои онҳо гуногун буданд. Вале суруди охирин ба Доғистон бахшида мешуд. Ба саволҳои зерин ҳамаи онҳое, ки дар хона буданд, ба як овоз ҷавоб медоданд.

*– Ту дар куҷо, Догистон?*
*– Андар сари шах, соҳили Кӯйсу.*
*– Чӣ кор мекунӣ, Догистон?*
*– Бурут метобам ин сӯ, он сӯ.*
*– Ту дар куҷо, Догистон?*
*– Дар водиям ҷӯён шав.*

*– Чикорай, Догистон?*
*– Ҳастам як дарзаи ҷав.*
*– Ту кистӣ, Догистон?*
*– Қурбони сари ханҷар.*
*– Ту кистӣ, Догистон?*
*– Адӯро тег бар ҷигар.*
*– Ту кистӣ, Догистон?*
*– Оҳуям, хӯрам оби рӯдҳо*
*– Ту кистӣ, Догистон?*
*– Рӯдам, ки об диҳам оҳуро.*
*– Ту чӣ сонӣ, Догистон?*
*– Мушти хокеро монам.*
*– Куҷо мерӣ, Догистон?*
*– Бузургие ҷӯёнам.*

Ҷавонону духтарон сурудхонон ба якдигар чунин ҷавоб медиҳанд. Гоҳо ба назарам мерасад, ки дар ҳамаи китобҳои ман ҳамин гуна саволу ҷавобҳо ҳаст. Фақат духтараке болои курсӣ нест, ки ман дар атрофаш гардаму сароям. Худ ба худ суол мекунаму худ ба худ ҷавоб медиҳам. Ҷавоб мувофиқ барояд ҳам, касе ба ман як шохҷом шароб пеш намеорад.

– Ту дар куҷоӣ?

– Ман дар он ҷоям, ки ҳамаи кӯҳистониёни ман ҳастанд.

– Кӯҳистониёни ту дар куҷоянд?

–Э! Ҳозир онҳо дар куҷоҳо , ки нестанд!

– Ҷаҳон табақи калонест, ту фақат чумчаи хурдӣ.

Оё ин чумча ба чунин табақ хурдӣ намекунад?

Охир, модарам гуфта буд, ки аз даҳони хурд ҳам гапи калон мебарояд.

Охир, Шомил гуфта буд, ки тири хурд ҳам киштии калонро сӯрох мекунад. Худи ту ҳам дар шеърҳоят гуфта будӣ, ки дар дили хурде ҷаҳони бузурге ва муҳаббати бепоёне мегунҷад.

– Чаро ту ҳамеша вақти қадаҳ бардоштан «Барои некӣ!» мегӯӣ?

– Чунки худ некӣ меҷӯям.

– Чаро ту ба рӯйи сангу шаххо хона месозӣ?

– Ба замини нарм дилам намешавад. Ман дар он каме ғалла мекорам. Ман ғаллаи худро ҳатто дар бомҳои ҳамвор мекорам. Ба рӯйи шаххо хок кашонида, дар болояшон ғаллаи худро мекорам. Чӣ илоҷ, чунин аст нони ман.

## СЕ САРВАТИ ДОҒИСТОН

Мардуми кӯҳистон – як умр мусофир. Яке аз пайи сарват сафар мекунад, дигаре аз пайи шуҳрат, сеюмӣ – аз пайи ҳакиқат.

Инак, онҳое, ки аз пайи сарват ба роҳ баромада буданд, хушком баргаштанд ва ҳоло аз сафари худ баҳра мебаранд.

Инак, онҳое, ки аз пайи шуҳрат ба роҳ баромада буданд, онро ёфтанд ва акнун фаҳмиданд, ки шуҳрат қимате надоштааст ва он ҳама саъю кӯшиш барабас рафтааст.

Вале роҳи онҳое, ки барои ёфтани ҳакиқат баромада буданд, аз ҳама дур, беохир будааст. Ҳар он кас, ки ба ҷустуҷӯйи ҳақиқат ба роҳ баромад, худро як умр ба мусофират гирифтор кард.

Вақте ки марди кӯҳистонӣ ба ҷое рафтанӣ мешавад, албатта хараш ҳамроҳаш аст. Ба ин ҷонвари беминнат ҳамеша се чиз бор аст: халтаи пур, дар паҳлуи он саноч ва дар паҳлуяки он кӯзача.

Садҳо сол боз марди кӯҳистонӣ дар сафар, аз авул ба авуле, аз музофот ба музофоте мегардад. Пешопешаш ҳамон харакаш сум мезанад ва дар пушташ халтаю саночу кӯза аст.

Дар як кишвари пурсарват, баъди он ки марди кӯҳистонӣ аз назди хараш дур рафт, дастаи шикамсерон ҳайвони безабонро азоб додан гирифтанд. Харро бо халачӯби хор хала карда, маҷбур менамуданд, ки лагадпартоӣ бикунад. Нобакорҳо пиндоштанд, ки хар аз халаҳои онҳо мерақсад.

Марди кӯҳистонӣ дид, ки шарики беминнати роҳашро азоб медиҳанд, ханҷар аз ғилоф кашид.

– Ба ҷойи кӯҳистонӣ хирсро ғазабӣ мекардед, беҳтар мешуд, – гуфт ӯ.

Бекорхӯҷаҳо тарсида, узр хостанд ва марди кӯҳистониро ҳар хел хушомадҳо зада, базӯр розӣ карданд, ки ханҷар ба ғилоф андозад. Пас аз он ки миёни онҳо оромона гуфтугӯ сар шуд, ҷавонон пурсиданд:

– Ба харат чӣ бор дорӣ? Ба мо фурӯш.

–Барои харидани ин чизи ман на тиллоҳотон мерасаду на нуқраҳотон.

– Нархашро гап зан, он тарафашро мебинем.

– Ин чиз баҳо надорад.

– Чист дар халтаҳоят, ки бебаҳо будааст?

– Ватанам, Доғистонам.

– Ватанам ба хар бор аст! – қоҳ-қоҳ хандиданд ҷавонон.

– Канӣ–канӣ, ватанатро нишон деҳ!

Марди кӯҳистонӣ даҳони халтаро кушод ва одамон дар он хоки муқарририро диданд. Зимнан, хок хоки муқаррарӣ набуд. Аз чор се қисми он санг буд.

– Ҳамааш ҳамин? Сарватат ҳамин аст?

– Ҳо, ин-хоки кӯҳистони ман. Калимаи шаҳодати падарам, нахустин ашки модарам, аввалин савганди худам, охирин мероси бобоям ва охирин мероси ман ба набераам.

– Ин боз чӣ?

– Аввал даҳони халтаро бандам.

Марди кӯҳистонӣ даҳони халтаро баста, ба хар бор кард, сипас даҳони кӯзаро кушод ва ҳама диданд, ки дар он об. Зимнан, обро чашиданд, ки андаке шӯртаъм аст.

– Ту оберо бардошта гаштаӣ, ки ҳатто нӯшидан намешавад!

– Ин оби баҳри Хазар. Ин баҳр барои Доғистон оинаест, ки дар он худро мебинад.

– Хайр, дар саночат чист?

– Доғистон аз се қисм иборат: якум – замин, дуюм – баҳр, сеюмаш – ҳамаи чизҳои дигар.

– Яъне, саночат ҳамаи чизҳои дигар?

– Ҳо, ҳамин тавр.

– Хайр, ин борҳоро барои чӣ ва ба чӣ сабаб бардошта мегардӣ?

– Барои он ки ватанам доим ҳамроҳам бошад. Агар дар роҳ бимирам, ба қабрам хок мепошанд, санги қабрамро ба оби баҳр мешӯянд.

Марди кӯҳистонӣ як хурда хоки ватанро гирифта, ба ангуштонаш молид ва баъд дастонашро ба оби кӯза обгардон кард.

– Барои чӣ ин хел мекунӣ?

– Дастеро, ки ба дасти бекорхӯчаҳо расидааст, фақат ҳамин тавр шуста тоза кардан даркор.

Марди кӯҳистонӣ ба роҳаш давом кард. Вай ҳанӯз дар роҳ аст.

Инак, се сарвати Доғистон: кӯҳ, баҳр ва чизҳои дигар. Се суруд дорад марди кӯҳистонӣ. Се ракъат намоз дорад намозхон. Се мақсад дорад мусофир: сарват, шуҳрат, ҳақиқат.

Модарам дар бачагиям чунин насиҳат мекард: Доғистон – парандаест, ки дар қаноташ се пари қиматбаҳо дорад.

Падарам мегуфт: се усто аз се чизи қиматбаҳо Доғистони моро офаридааст.

Албатта, молу ашёе, ки Доғистон аз онҳо иборат аст, аслан хеле зиёданд. Ман инро дар таҷрибаи талхи худ озмудаам.

Тақрибан бисту панҷ сол пеш аз ин ба ман супориданд, ки дар бораи Доғистон филнома нависам ва ман навиштам. Муҳокимаи сенария сар шуд. Дар он муҳокима басе нуктаҳо эрод карда шуданд.

Яке мегуфт, ки гул намерасад, дигаре мегуфт, ки занбӯр намерасад, сеюмӣ мегуфт, ки дарахт намерасад. Ба ҳар кас чизе намерасид. Дам мегуфтанд, ки гузашта кам инъикос шудааст, дам мегуфтанд, ки ҳозира суст, хару курра нест, бе ин чи хел Доғистон мешавад!

Агар ҳамаи чизҳоеро, ки дар борааш он вақт сухан рафт, инъикос менамудем, ба навор кашидани филм то ҳозир давом мекард.Бо вуҷуди ин, Доғистон аз се қисм иборат аст: кӯҳ (замин), баҳр (Хазар) ва чизҳои дигар.

Оре, ин замин аз кӯҳу дара, шаху теға, роҳу пайраҳа иборат аст. Бо вуҷуди ин, хоки ватан аст, дар он хуну арақи ҷабини аҷдод рехтааст. Маълум нест, ки дар ин ҷо хун бисёр рехтааст, ё арақи ҷабин. Ҷангҳои тӯлонӣ, ҷанҷолҳои муваққатӣ, интиқомҳои хунӣ. Мардуми кӯҳистон ханҷарро садҳо сол фақат барои зебаш овехта намегаштанд.

Суруди халқӣ чунин байтҳо дорад:

*Ҳар куҷое тухм пошӣ шаш қадоқ,*
*Хуни даҳ марди ҷавоне рехта.*
*Ҳар куҷое тухм пошӣ з–он фузун,*
*Хуни садҳо қаҳрамоне рехта.*

Падарам дар бораи сарзаминамон навишта буд:

*Зиёда мурда ин ҷо гашта мадфун,*
*Вале худмурда камтар, кушта афзун.*

Дар китоби дарсии ҷуғрофия шарҳи кӯтоҳе дода шудааст, ки сеяки замини мо ба шаххои беҳосил банд аст.

Ман ҳам дар ин боб навиштаам:

*Дар он ҷо ҳолия водии беранг,*
*Дарахтон урён чун шохи оҳу.*
*Дар он ҷо кӯҳҳо–кӯҳони уштур,*
*Канори сангии селобаи кӯҳ.*
*Дар он ҷо ҳамчу гурги гушна хашмӣ*
*Бувад амвоҷи рӯди масти кӯҳсор.*
*Дар он ҷо обшорон – ёли шерон,*
*Дар он ҷо чашма – чашми мурғи бедор.*
*Дар он ҷо роҳ байни сахраву шах,*
*Ту гӯӣ гирад огоз аз дили санг.*
*Зи одам пештар аз пушти пушта*
*Кунад парвоз он ҷо шеъру оҳанг.*

Пагоҳӣ радио хабар медиҳад, ки дар Хунзах барф боридан дорад, дар Охтоғ борон, дар Дарбанд зардолу гул кардааст, ҳавои Кумух тасфон аст.

Дар Доғистони хурд дар як вақт ҳам тирамоҳу зимистон мешавад, ҳам баҳору тобистон. Кӯҳҳои хоротани оромнигоҳ, тундарсадою уқобсимо ин «фаслҳои солро» аз ҳам ҷудо карда меистанд.

Калимаи аварии «меэр» ду маънӣ дорад: меэр – кӯҳ ва меэр – бинӣ.

Падарам шӯхӣ карда мегуфт: кӯҳҳо ҷаҳонро, ҳар як воқеаро, ҳар як дигаршавии ҳаворо бӯида меистанд.

Ҳамвориҳо баланд шудаанд, то бубинанд, ки ба наздашон кӣ меояд. Кӯҳҳо ҳамин тавр пайдо шудаанд. Ин гапро Ҳоҷӣ Мурод мегуфт.

Модарам дар сари гавҳораам чунин алла мегуфт: кӯҳ барин калон шавӣ.

*Оби беҷойгарди рӯди кӯҳ,*
*Мекафад сахраҳо зи беобӣ.*
*Аз чӣ сӯе равонаӣ, к–он ҷо*
*Бе ту ҳам ҳаст сабзу шодобе?*
*Эй дил, эй дил, зи дасти ту фарёд,*
*Ошиқи он наӣ, ки ошиқи мост.*
*Аз чӣ дорӣ ҳавои он ёре,*
*Ки ба дарду ғами ту бепарвост?*

Модарам кӯзаю хурма ва чароғи сиёҳ фурӯхтани балхариҳоро дида, ҳамеша мегуфт: «Чи хел дилашон насӯхта, ин қадар хокро сарф кардаанд? Кошки одамҳои хокфурӯшро чашми кас намедид!»

Албатта, балхариҳо – устоҳои моҳир, лекин азбаски дар кӯҳистон замин хеле кам аст, ҳамеша хокро аз кӯзаҳои онҳо қиматтар медонанд.

Дар замонҳои қадим рӯзе қосиде ба авул зада даромадааст. Ҳамин вақт ҳамаи мардҳо дар масҷид намоз мехондаанд. Савора бо чоруқаш (ӯ ҷӯпон будааст) ба масҷид давида даромадааст.

– Ҳой, нодони худобехабар, – фарёд задааст сӯфӣ, – намедонӣ, ки ба масҷид пойафзолро кашида даромадан даркор?

– Чоруқи ман хоколуд аст, чангу хоки дараи худам. Ин хок аз ин қолинҳо қиматтар, чунки ба хоки мо душман ҳуҷум кард.

Мардуми кӯҳистон тозон аз масҷид баромада, ба аспҳои худ савор шудаанд.

«Меҳмони дур азизтар», – мегӯяд доим Абӯтолиб. Меҳмони дур ё аз хурсандии зиёд, ё аз муҳаббати бепоён, ё аз ғами гарон меояд. Одами бепарвофалак аз роҳи дур намеояд.

Чунин одат низ ҳаст: агар ягон чизи хонаат ба меҳмон маъқул шаваду вай он чизро таъриф бикунад, дилат нашавад ҳам, тухфааш бикун. Мегӯянд, ки як ҷавон ба меҳмонаш ҳатто арӯси худро ҳадя

кардааст, чунки арӯс ба меҳмон дар лаби чашмаи авул маъқул шудааст. Аммо он ҷавон, аз афти кор, дусад фоиз кӯҳистонӣ будааст.

Меҳмони берӯ ҳамеша одати қадими моро суиистеъмол карда метавонад. Вале мардуми кӯҳистон ҳам акнун пухтатар шудаанд: чизҳои зеборо аз чашми меҳмонон дуртар баҷо мекунанд.

Инак, як вақтҳо ба авул аз Кумух меҳмоне омада, ҳама чизро аз як сар таъриф кардан гирифтааст. Ба ӯ ҳамаи чизҳоеро, ки чашми тамаъ дӯхтааст, ҳадя кардаанд. Аммо пеш аз гуселонидан ӯро маҷбур кардаанд, ки хоки пойафзолашро афшонад.

«Хокро тухфа намекунанд, – хок ба худамон намерасад. Тамоми хокро ба мӯзаҳояшон гирифта баранд, мо ба рӯйи чӣ ғалла мекорем?».

Як аҷнабӣ замини моро халтаи сангин номидааст.

Оре, дар замини мо нафосат камтар аст. Дар кӯҳистон дарахтон ҳам каманд. Кӯҳҳо ба сари тарошидаи муридон, ба шонаи паҳну ҳамвори филон шабоҳат доранд. Замини корам кам, ҳосили ин заминҳо низ кам аст.

Пештар мегуфтанд: «Ҳосили ин камбағал барои пур кардани сӯрохи бинии ҳамсояаш намерасад».

Дуруст аст, ки бинии кӯҳистониён калон, барҷаста. Душман аз дур хурроккашии мардуми кӯҳистонро шунида медонист, ки онҳо хобанд ва аз рӯйи ҳамин нишона баъзан ногаҳон ҳамла меовард.

Абӯтолиб рӯйи доғи нағзакдори шахсеро дида гуфтааст: тамоми донаҳои ғаллаи киштзори падарам ба рӯйи ин бечора часпидааст, то ки пайи худро гузорад.

Замини мардуми кӯҳистон кам ва беҳосил аст. Дар ин бора ҳикояте ҳаст, шояд на як бораш шунида бошед, чунки ин қиссаи замонҳо ин тараф аз забон ба забон, аз бом ба бом сайр мекунад. Вале онро ман ҳам нақл накарда наметавонам. Бигзор касоне, ки шунидаанд, маро сарзаниш бикунанд.

Кӯҳистоние замини худро шудгор карданӣ шуд. Замин аз авул дуртар буд, бинобар ин ӯ бегоҳ баромада рафт, то ки субҳи бармаҳал кор сар кунад. Кӯҳистонӣ ба сари замини худ расид ва бурқаъро паҳн карда хоб рафт. Субҳ хеста, заминро шудгор бикунам, мегӯяд, ки замин нест. Ин сӯ- он сӯ менигарад, аз замин нишоне нест. Барои ягон гуноҳаш Худованд онро кашида гирифта бошад, ё шайтон одами бегуноҳро масхара карда, пинҳон карда бошад.

Илоҷе наёфта, кӯҳистонӣ ғамгин гашт ва ба хона рафтанӣ шуд. Бурқаъро аз замин бардошту якбора ҳайрон шуда гуфт: Худоё! Охир, ана, замин дар зери бурқаъ будааст-ку!

Боз як воқеаро нақл мекунам, лекин ин ҳикоят не, воқеаи рухдода.

Чун дар ҳама ҷойи мамлакат, дар кӯҳистон ҳам колхоз ташкил мекарданд. Он вақтҳо шакку шубҳа, фикру андеша ва гапу калочаҳои зиёде ба миён меомаданд. Ба колхози ҳоло чӣ буданаш номаълум надода, худамон хӯрем, беҳтар, гӯён мардум бисёр чорпо-

ро кушта хӯрданд. Хусусан мардуми кӯҳистони дурдаст якравию мунозира мекарданд. «Аз они ту – ба худат, аз они ман – ба худам, аз мо боз чӣ мехоҳед: мехоҳед, ки аз они ман ҳам – ба ту бошад?» Ба як авули хурд дусад намоянда рафта омад, лекин бефоида. Баъзеҳо пинҳон шуда, худро нишон намедоданд, дигарон мунозираҳову муҳокимаронӣ мекарданд. «Оё дар дунё чизи умумӣ кам аст, – мегуфтанд онҳо. – Осмон – умумӣ, офтоб – умумӣ. Ҳамин қадараш умумӣ аст, бас. Мондагиаш – аз они ҳар кас–ба худаш».

Ба мардуми кӯҳистон гуфтанд, ки ба колхоз мошин медиҳанд, онҳо баъди ин гап ҳам сар ҷунбонида, киссаи рӯбоҳро ба ёд овcovered.

Рӯбоҳе ҳангоми аз роҳи дара гузаштан мебинад, ки як порча равған хобидааст. Мехоҳад тохта рафта онро гираду хӯрад. «Не, – мегӯяд рӯбоҳ. – Бе гап равғани дунба ба болои роҳ хоб намеравад. Ин ҷо сирре ҳаст».

Ба мардуми кӯҳистон мегуфтанд, ки ба колхоз аз поён, аз ҷойҳои ҳамвор чарогоҳҳои калон ҷудо карда медиҳанд. Ҳамин дам пирамарде аз ҷо бархост ва ба асо худро такя дода гуфт:

– Мо лонаҳои кӯҳии худ, порчаҳои хурди киштзори худ, пайроҳаҳои каҷу килеби худро ба тамоми ҳамвориҳои рӯйи замин намедиҳем. Ин замин – аз они мо. Мо онро мисли кӯдаки бемор садҳо сол нигоҳубин кардем. Мо хоки онро ба рӯйи шаххо бароварда ҳамвор кардем. Баъд об кашондем, ки онро об диҳем. Ғаллаи мо кам, аммо ҳар як донааш – бебаҳо. Ана, барои ҳамин одамони ҷойҳои мо ба нон қасам мехӯранд…

Бо вуҷуди ин, дар он авули якравҳо колхоз ташкил карданд. Кӯҳистониёни бесаводро розӣ кардан чи гуна муяссар шуд?

Оқибат онҳо фаҳмиданд, ки на ҳамаи заминҳо ба колхоз мегузаранд. Як қисми онҳо, ҳамчун қитъаи рӯйи дарича, дар ихтиёри колхозчиён хоҳад монд.

– Чӣ қадараш? – пурсиданд кӯҳистониёни якрав.

– Бисту панҷ сотихӣ, аз рӯйи устави хоҷагии қишлоқ.

– Сотихаш чист? Ба мо фаҳмон.

Баъди он ки намоянда фаҳмонд, ҳама ба як овоз гуфтанд:

– Э, нависон моро ба колхоз, чӣ ҷойи гап!

Маълум шуд, ки замини ҳар як кӯҳистонӣ назар ба нормаи тасдиқшудаи рӯйи дарича хеле кам аст!

Замини санглохашон барои мардуми кӯҳистон бебаҳост, агарчи зиндагӣ дар он душвор аст. Роҳгузарҳо қитъаҳои ба пушти кӯҳҳо ва ҳатто ба рӯи шаххо зина–зина часпидаи замин, боғҳои дар миёни сангҳо бунёдгардида, рамаи гӯсфандони дар пайроҳа тӯл кашида ва аз оврингҳои хатарнок, монанди дорбозон гузарандаро дида, мутаҳаййир мешаванд.

Ин ҳама хеле аҷибу назаррабост ва баҳри шеъру суруд аст, аммо кораму обод карданаш басо мушкил. Бале, агар марди кӯҳистониро

таклиф бикунед, ки ба ҳамворӣ, ё чунон ки ин вақтҳо мегӯянд, ба водӣ, кӯчида фурояд, вай ин гапи шуморо ба худ таҳқир мешуморад. Ҳикоят мекунанд, ки писари як пирамард аз шаҳр омада, падари худро кӯчонида бурданӣ шудааст.

«Ба ин гапҳо маро азоб надода, шикаматро бо ханҷар чок мекардӣ, беҳтар буд», – чунин ҷавоб додааст падари пир.

Ин масъала ҳанӯз вуҷуд дорад ва басо мушкил ва мураккаб аст. Инак, чандин сол аст, ки ба авулҳо чунин шиори зебо партофтаанд: «Аз даруни халтаҳои сангин баромада, ба рӯйи қолинҳои гулдор манзил мекунем».

– Ин шиор ба авули мардумаш якрав ҳам рафта расид, ба ҳамон авуле, ки дар вақташ дусад намоянда барои ташкил кардани колхоз рафта буд. Шиори муҳоҷиршавиро шунида, сокинони авул чунон мағал бардоштанд, ки вақти ташкил кардани колхоз ин тариқа нашуда буд. Ҳар як бошандаи авул дар ин хусус ақидаи худро изҳор кард. Инак, баъзе аз он гуфтаҳо: «Агар ба занҷир баста баред ҳам, ба ҳамворӣ намеравем!», «Моро ба ин шаххо мех барин кӯфта мондаанд. Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки моро аз лонаҳомон кашида барорад», «Қабри падарҳомонро агар партофта, ба ҷойи дигар равем, қабрҳо чаппа мешаванд». «Сари ман ғайр аз болишти худам дар ҷойи дигар роҳат намекунад». «Ба рӯйи сангҳои ватанам хобам нағзтар мебарад, ба рӯйи болишти пари қуи бегона не». «Ман дар водӣ аз куҷо санг меёбам, ки ба сӯйи саг ғурронам?». «Оташдони дудолуди кӯҳистониам беҳ аз бухории зебои водӣ». «Ҳар касе, ки ғами шикам дорад, ба он ҷо равад, касе, ки ғами дил дорад – дар ин ҷо монад». «Мо касеро накуштаем, хонаи касеро насӯхтаем, барои чӣ моро бадарға мекардаанд?». «Мошинҳоро дар ҳамин ҷо ҳам кор фармудан мумкин». «Чароғҳои нӯги симчӯбро дар ҳамин ҷо ҳам кор фармудан мумкин». «Чароғҳои нӯги симчӯб дар ҳамин ҷо ҳам дармегиранд». «Телеграмма аз ҳамин ҷо ҳам меравад». «Мо барои он дунё наомадаем, ки еми пашшаҳо шавем». «Бӯйи таппак беҳ аз дуди бензин». «Гулҳои кӯҳсор раънотаранд». «Оби чашма аз оби лӯлаоб ширинтар аст». «Мо аз ин ҷо ба ҳеҷ куҷо намеравем!»

Ҳар як кӯҳистонӣ ба шиори «Аз даруни халтаҳои сангин баромада, ба рӯйи қолинҳои гулдор манзил мекунем!» ба таври худ ҳамин гуна ҷавоб дод.

Боз ба назди падарам кӯҳистониён чунин маслиҳат пурсида меомаданд: кӯчида равем ё монем? Падарам аз додани ҷавоби равшане худдорӣ мекард.

«Монед, гуфта маслиҳат диҳаму баъд фаҳманд, ки дар поён зиндагӣ хуб аст, маро сарзаниш мекунанд. Маслиҳат диҳам, ки кӯчида раванд, пас зиндагӣ дар он ҷо бад бошад, боз маро сарзаниш мекунанд».

– Худатон андеша бикунед, – гуфт он вақт ба кӯҳистониён Ғамзат Садаса.

Замона дигар мешавад, ҳаёт инчунин. На танҳо кулоҳҳо дигар шуданд (фуражка ба ҷои попох), балки фикрҳои зери кулоҳи ҷавонон низ тағйир ёфтанд. Хунҳои гуногун, қавмҳои гуногун, халқҳои гуногун ба ҳам омехтан доранд. Қабри писарон аз авули падарон то рафт дуртару дуртар меафтад... Сангҳову тахтасангҳо, сангрезаю харсангҳо, сангҳои гирдаву сангҳои нӯгтез. Аз поён бо сабад хок мекашонанд, то ки дар рӯйи ин сангистон чизе бикоранд. Тирамоҳу зимистон пуштаҳои гиёҳрӯйиро оташ мезананд, то ки дар баҳорон алаф хубтар рӯяд. Ман он гулханҳои бешумори кӯҳсорро ёд дорам. Тантанаи огарди аввалинро ҳам ёд дорам. Баҳорон. Пирамардон ба сӯйи якдигар кулӯх меғурронанд.

Дар ҷойҳои мо дар ситоиши одами серғайрат мегӯянд: «Вай бисёр кӯҳу кӯталро паси сар кардааст». Дар мазамммати шахси беғайрат мегӯянд: «Вай ягон бор ба санг зоғнӯл назадааст».

«Бигзор гандуматон дар гандумзоратон нағунҷад», – чунин аст дуои аз ҳама нек ва хуби мардуми кӯҳистон.

«Илоҳо, заминат хушк шавад, аз ҳосил монад», – чунин аст дуои аз ҳама сахт.

«Ба ҳамин замин қасам», – чунин аст савганди аз ҳама сахт.

Агар харе ба киштизор медаромад, онро метавонистӣ зада кушӣ ва туро ҷазое намедоданд. Як марди кӯҳистонӣ чунин фарёд мекард: «Ба киштизорам агар ҳатто хари Ҳоҷӣ Мурод дарояд, рӯйи хотир намекунам!»

Ҳар авул қонуну қоидаҳои худро дошт. Вале дар ҳама ҷо ҷаримаи зиёдтарин барои поймол кардани киштзор, поймол кардани замин ситонида мешуд.

Зимнан, таърихи кӯҳистони мо поймолкунандагони худи Доғистонро ҳам ҷазоҳои сахт додааст.

Ёд дорам, модарам ба ман чунин ҳикоят карда буд:

«Вақте ки дар кӯҳҳои Доғистон шоҳи Эрон Нодир торумор карда шуд, барои муайян кардани шартҳои сулҳ кӯҳистониён ба назди шоҳи Эрон як пирамарди аз ҳама ношуди қашшоқ ва лангро ба як хачири худаш барин пири лоғар савор карда, фиристоданд».

– Аварҳо ягон одами аз ту баобрӯтар, аз ту намоёнтаре наёфтанд, ки ба назди ман фиристанд?

– Аз ман баобрӯтар аз ман бануфузтар ҳазорон-ҳазор, – ҷавоб дод пирамарди кӯҳистонӣ, –лекин одамҳои баобрӯ ба корҳои аз ин муҳимтар банданд. Онҳо гуфтанд, ки ба назди ту барин одам маро фиристодан кифоя аст.

– Хачират чанд сол дорад? – ҳазл карданӣ шуд шоҳ.

– Синну соли хачирону шоҳонро муайян кардан душвор аст, – ҷавоб дод марди кӯҳистонӣ.

– Сипаҳсолоратон кист? – пурсид аҷнабӣ.

– Ана, сипаҳсолорҳои мо, – оромона ҷавоб дод пирамард ва ба атроф канор кушода, кӯҳҳои баланду шаххои азим, киштзору қабристонҳоро нишон дод. – Моро, ана, ҳаминҳо раҳнамоӣ мекунанд.

–Шартҳои шумо чӣ?

– Шарт якто: замини кӯҳистониёнро ба кӯҳистониён бигузору худ ба мо паси саратро нишон деҳ, ба мо паси сарат аз рӯят хуштар аст.

Шоҳ маҷбур шуд ба Эрони худ баргардад.

Ӯро чунин огоҳ карданд: худат ва лашкаратро фақат барои он зинда монондем, ки рафта аз ғалабаҳои мо нақл бикунед. Чунон ки мардуми мо мегӯянд, туро барои хабардиҳӣ зинда монондем. Дафъаи дигар биёед, сари ҳамаатонро аз тан ҷудо мекунем.

Моҳи августи соли 1859 дар кӯҳи Ғуниб имом Шомил аз болои аспи ҷангӣ фуромада, чун асири бузург дар назди княз Барятинский ҳозир шуд. Шомил пойи чапашро андаке пештар, ба рӯйи санг гузошт, дасти росташро ба дастаи шамшер ниҳод ва ба кӯҳҳои атроф нигоҳи тирае афканда, гуфт:

– Сардор!* Ман бисту панҷ сол ҷангида, шаъну шарафи ин кӯҳистон ва ин кӯҳистониёнро муҳофизат кардам. Нуздаҳ захми баданам дард мекунад ва ҳеҷ сиҳат намеёбад. Акнун ман асир мешавам ва сарзаминамро ба дасти шумо медиҳам.

– Бас аст афсӯс хӯрдан. Хуб сарзамин доштаӣ: ҳамааш сангу сахра.

– Сардор, бигӯй, ки дар ин ҷанг ҳақ ба ҷониби кӣ буд: ба ҷониби мо, ки сарзаминамонро кишвари зебо гӯён ситоиш мекардему барояш ҷон медодем, ё ба ҷониби шумо, ки ин сарзаминро наҳ мезадеду ҳамчунин барояш мемурдед?

Шомили асирафтодаро то Петербург дар муддати як моҳ burданд.

Дар Петербург император аз ӯ суол кард:

– Роҳ ба назарат чӣ хел намуд?

– Мамлакати бузург. Хеле бузург.

– Имом, бигӯй, агар медонистӣ, ки давлати ман чунин бузургу тавоност, бар муқобилаш ин қадар дуру дароз меҷангидӣ ё кори оқилона карда, сари вақт таслим мешудӣ?

– Охир, шумо хурду камқувват будани сарзамини моро дониста истода, ба мо ин қадар дуру дароз ҷангидед-ку!

Дар дасти падарам як мактуби Шомил, дурусттараш, видоънома ӯ буд. Инак, он мактуб.

---

* Сардор – волиро гӯянд..

«Кӯҳистониёни ман! Кӯҳҳои урён, сахраҳои бопаҳнои худро дӯст доред. Ин кӯҳҳо ба шумо сарвату бисоти зиёде набахшиданд, аммо бе ҳамин сахраҳо сарзамини шумо сарзамин нест, бе сарзамин мардуми бенавои кӯҳистон озод нест. Барои ин сахраҳо биҷангед, онҳоро эҳтиёт бикунед. Бигзор аз садои шамшерҳои шумо рӯҳи ман шод гардад».

Шомил садои шамшерҳои мардуми кӯҳистонро минбаъд ҳам басо шунидааст, агарчи онҳо акнун баҳри мақсадҳои дигар меҷангиданд. Домани ватани доғистониён акнун фарохтар гаштааст. Кору номи онҳо дур аз кишвари кӯҳсор шуҳрат ёфтааст, хоки фарзандонашон дар даштҳои Украинаю Белорусия, назди Маскаву Маҷористон, Лаҳистону Чехословакия, дар Карпату Балкан, инчунин дар даромадгоҳи Берлин парокандааст.

Оре, ба рӯйи сахраҳои баланди Доғистон ҳам номи коммунарҳои русу маҷор, номи сарбозони инқилоб, ки аз бисёр мамлакатҳо омада, баҳри озодии кӯҳистони мо ҷон додаанд, сабт гаштааст. Суруди ҳар кадоми онҳо суруди умум гардид, суруди умуми мо ба ҳар кадоми онҳо азиз гардид…

– Пеш аҳли як авул барои чӣ байни худ ҷанг мекарданд?

– Барои як ваҷаб замине, ки дар миёни киштзори ду қӯҳистонӣ буд, барои як тасма нишебӣ, барои як санг.

– Пеш аҳли ду авули ҳамсоя барои чӣ ҷанг мекарданд?

– Барои як ваҷаб замине, ки дар миёни киштзори ду авул буд.

– Доғистон бо халқҳои дигар барои чӣ ҷанг мекард?

– Барои як ваҷаб замине, ки дар сарҳадди худи Доғистон буд.

– Баъд, Доғистон барои чӣ ҷанг кард?

– Барои як ваҷаб замине, ки дар сарҳадди Мамлакати бузурги Советӣ буд.

– Ҳоло Доғистон барои чӣ мубориза мебарад?

– Барои сулҳи тамоми рӯйи замин.

Ҳамроҳи Шомил ду писараш ҳам асир афтода буданд. Ҳаёти ин ду писар ду хел ҷараён гирифт. Писари хурдӣ – Муҳаммад Шафеъ генерали подшоҳӣ шуд. Калониаш Ғозӣ Муҳаммад ба Туркия афтод.

Рӯзе ба назди ман як зани солдида омад, ки дар бар либоси туркӣ дошт. Ин зан гурҷӣ будааст ва дар ҷавонӣ ба турке расида, чил сол дар Истамбул зиндагонӣ кардааст. Сипас шавҳараш мурдааст ва зан бо сабаби танҳо монданаш ба Гурҷистон баргаштааст. Ҳамин зан ба назди ман омад. Сабаби омаданаш ин буд: вақти дар Истамбул зиндагонӣ карданаш бо кадоме аз зурётҳои писари аз ҳама хурдии Шомил дӯстӣ доштааст.

– Аҳволашон чи хел? – пурсидам ман.

– Бад.

– Барои чӣ?

– Барои он ки Доғистон надоранд. Агар медонистед, ки онҳо дар он ҷо чи хел пазмони ватананд! Амалдорон баъзан онҳоро меранҷонанд, замини дар ихтиёр доштаашонро кашида гирифтанӣ мешаванд. «Кашида гиред, – мегӯянд зурёти имом. – Мо аздусар Доғистон надорем, замини дигар бароямон қимате надорад». Ба ватан баргаштани маро фаҳмида, – давом медод гурҷизан, – хоҳиш карданд, ки Доғистонро зиёрат бикунам, ба авули Шомил, ҷойҳои ҷангидаи ӯ равам, шуморо ёфта бинам. Онҳо ба ман ин рӯймолро дода, илтимос карданд, ки шумо ба он як каф аз хоки Доғистон баста фиристед.

Ман рӯймолро паҳн кардам. Дар рӯи он чунин ҳуруфи арабӣ бахядӯзӣ шуда буд – «Шомил».

Нақли гурҷизан ба ман таъсир кард. Ваъда додам, ки аз хоки Доғистон мефиристам. Дар ин хусус ман бо пирони кишварам маслиҳат кардам.

– Ба одамоне, ки дар диёри бегона зиндагонӣ мекунанд, оё хоки кишвари моро фиристодан меарзад?

– Касони дигар мебуданд, фиристодан лозим набуд, аммо ба авлоди Шомил фиристон, – ҷавоб доданд пирон.

Як пирамард ба ман аз авули Шомил як каф хок оварда дод ва мо хокро ба он рӯймол бастем. Пирамард гуфт:

– Ин хоки кишварамонро ба онҳо фиристон, лекин бигӯй, ки ҳар зарраи ин хок бебаҳост. Ба онҳо навис, ки зиндагӣ дар ин сарзамин акнун дигар шудааст, давру замонҳои нав расидааст. Ҳамаашро навис, то ки донанд.

Вале ба мактуб навиштанам ҳоҷат намонд. Дере нагузашта, худам ба Туркия рафтам. Туҳфаи гаронбаҳоро низ ҳамроҳи худ бурдам.

Ман дараки зурёти Шомилро ёфтам, аммо дидор муяссар нашуд. Ба ман гуфтанд, ки як абераи имом ба куҷое рафтааст, шояд ба Макка бошад. Абераҳои дигараш Наҷоват ва Наҷият ҳам ба назди ман набаромаданд. Якеро гуфтанд, ки сардард аст, дигареро гуфтанд, ки хуруҷи дил гирифтааст… Хоки кишварамро ба кӣ диҳам? Дар он чо боз аварҳо буданд, вале онҳо Доғистонро ихтиёран тарк кардаанд.

Он дам ман фаҳмидам, ки Шомили онҳо дигар будасту Шомили ман дигар.

Инак, ман дар Туркияи дурам ва дар даст як каф хоки Доғистони азизам. Ман дар ин як каф хок авулҳоямон: Ғуниб, Чиркей, Ахти, Кумух, Хунзах, Сада, Сунта, Чарадаро мебинам… Ин хоки кишвари ман аст. Ман дар васфаш басо навиштаам ва боз хоҳам навишт. Акнун рӯйи онро бо бурқаъ пӯшонида намешавад, чунонки дар ҳикояи қадими хандаовар кӯҳистонии нобароре замини худро дар зери бурқааш гум карда буд.

*– Бигӯ, дарё, чаро оби ту шӯр аст?*
*– Зи бас обам бувад аз ашки инсон!*
*– Бигӯ, дарё, чунин рангин чароӣ?*
*– Ба қаъри-андар ниҳон бас дурру марҷон!*
*– Бигӯ, дарё, чаро ошуфтаҳолӣ?*
*– Ба қаъри-андар басо мурда далерон:*
*– Яке мехост шӯр ин сон набошам,*
*Дигар мехост ёбад дурри ғалтон.*

Сарвати дуюми Доғистон – баҳр.

Байни Маскаву Ғуниб ба воситаи телефон чунин гуфтугӯйҳо мешаванд:

– Алло, алло, Ғуниб? Умар, туӣ? Гапи моро мешунавӣ? Ҳаво чи хел, аҳвол чи тавр?

– Мешунавам. Аҳволи мо-нағз. Имрӯз аз пагоҳӣ боз баҳрро мебинем!..

Ё ин ки:

– Алло, Ғуниб? Туӣ, Фотима? Корҳо чи хел, аҳвол чи тавр?

– Як навъ. Ҳаво абр. Баҳр наменамояд.

– Баҳрро намебинам, падар, – гуфта буд писари Шомил Ҷамолиддин ҳам.

Вай гаравгони подшоҳ буд: дар корпуси кадетӣ тарбия гирифта, баъди ба ватан баргаштанаш муборизаи падараш ва мардуми кӯҳистонро бар зидди оқподшоҳ бефоида шуморид.

– Мебинӣ, писарам, – ҷавоб дод Шомил, – лекин бо чашми ман нигар.

Аз кӯҳи Ғуниб то баҳр саду панҷоҳ километр роҳ аст. Чи сон рӯзи равшан бибояд, чи сон баҳр лоҷуварду тобон бибояд, чи сон дидаи бедор бибояд, чи сон кӯҳи баланд бибояд, ки кас дафъатан бигӯяд: «Баҳрро мебинам».

Ҳатто дар авулҳое, ки баҳрро ҳеҷ дидан мумкин нест, агар аҳвол пурсанд, мардум гоҳо чунин ҷавоб медиҳанд: аҳвол бисёр хуб аст, гӯё дар пеши чашмам баҳр бошад.

Кадом кадомеро зебу зинат медиҳад: баҳри Хазар Доғистонро ё Доғистон баҳри Хазарро? Кадом аз кадоме ифтихор дорад: кӯҳистониён аз баҳр ё баҳр аз кӯҳистониён?

Ҳангоме ки баҳрро мебинам, тамоми ҷаҳон пеши назарам меояд. Ҳангоме ки баҳр талотум мекунад, гумон мекунам, ки ҳавои тамоми рӯйи олам нооромм ва тӯфонист. Ҳангоме ки баҳр сокит аст, гумон мекунам, ки дар ҳама ҷо оромӣ ҳукмрон аст.

Ман ба назди баҳр ҳанӯз дар овони бачагиям бо пайроҳаҳои нишеби морпеч қадам зада фуромадаам. Аз ҳамон вақт ин тараф тирезаҳои хонаи ман ҳамеша ба ҷониби баҳр кушода мешаванд. Тирезаҳои худи Доғистон низ ба ҳамон сӯ менигаранд.

Ҳангоме ки садои баҳр ба гӯшам намерасад, хобам ба осонӣ намебарад.

– Ту чаро хоб намеравӣ, Доғистон?

– Баҳр садо намедиҳад, хобам намеояд.

Мо ранги баландро ранги баҳр мегӯем. Садои баландро садои баҳр мегӯем. Ғаллазори фароҳдоманро мисли баҳр мегӯем.

Жарфои хирад ва самимиятро монанди баҳр мегӯем. Ҳатто осмони софро ба баҳр ташбеҳ медиҳем.

Вақте ки говамон бисёр шир медод, модарам онро «Баҳраки ман» гӯён навозиш мекард.

Ёд дорам, модарам хурмаи пури қаймоқ ба даст дар айвон истодааст. Вай аз шир маска ҷудо мекард, то ки шиками мо, бачаҳои дар атрофаш бозӣ карда гаштаро сер бикунад. Гардани он кӯзачаро шаддаи садаф зинат медод.

– Шадда барои он, ки равған бисёртар шавад, – мефаҳмонад модарам. Вай боз мегуфт, ки садаф аз захми чашм нигоҳ медорад.

Сари синаи сангини Доғистонро ҳам шаддаҳои садаф, шаддаи сангчаҳои рангини соҳил, шаддаи амвоҷи баҳр зебу зинат додаанд.

Доғистон ба садои мавҷҳои Хазар одат кардааст, дар хомӯшӣ хобаш нағз намебарад, агар рӯзе аз баҳр маҳрум мешуд, ҳаргиз хобидан наметавонист.

*Амвоҷи сафедфоми дарё,*
*Гӯед, чӣ лаҳҷае шуморо?*

*Ғавғо бикунеду шӯри бисёр,*
*Гӯё ки дар овул аст бозор.*

*Чил шеваю кас варо нафаҳмад,*
*Як ҳарф худи худо нафаҳмад.*

*Рӯзе гузарад, шавед сокит,*
*Чун сабза ба сабзазор бошед.*

*Тӯфон бикунед гоҳу тугён,*
*Дар сӯги писар чу моми гирён.*

*Монанди падар ба доги ворис,*
*Чун гарқа дар обхез Шабдиз.*

*Бо баҳсу талошу бо навозиш,*
*Бо шеваи худ кунӣ ту хониш.*

*Дарё! Чу дили ту-ин дили ман!*

*Радду бадали ту ҳосили ман!*

*Оё дили ман намезанад ҷӯш,*
*Бархӯрда ба сахраҳои хомӯш?*

*Дарё нашавад ба шӯру тугён*
*Аз баъди хурӯш шастгардон?*

*Ё нест ба қаър рози пинҳон?*
*Моро ғаму шодӣ аст яксон.*

*Дардест маро, шунав ту боре:*
*Ман ташнаи ту, вале ту шӯрӣ…*

Қаторае, ки аз Маскав меояд, ба Махачқалъа субҳидам мерасад. Он шаб ба назари ман бепоён менамояд. Як поси шаб хеста, ба тирезаи торик менигарам. Ҳанӯз дашти сӯзон менамояд. Қатора гулдурросзанон равон, бод дар паси девори вагон ғуррон. Бори дуюм хеста, ба тиреза чашм медӯзам – боз дашт. Ниҳоят, дафъаи сеюм мехезаму баҳрро мебинам. Яқин мекунам, ки ин Доғистони ман аст.

Шукр мегӯям ба ту, эй баҳри бекарон, эй оби нилфом! Нахустин муждаро ту медиҳӣ, ки ман ба хона расидаам.

Гапи падарам доим ин буд: «Касе, ки баҳр дорад, ҳамеша хонаи пури меҳмон дорад».

Абӯтолиб суханони ӯро қувват дода, мегуфт: «Касе, ки баҳр дорад, зиндагии хурраму пурфайз дорад. Зеботар аз баҳр кӯҳ аст, ки мо онро ҳам дорем».

Ин ду пирамард-падарам ва Абӯтолиб – ҳамин ки вохӯрданд, беихтиёр, маслиҳат накарда, рост ба тарафи баҳр мерафтанд. Онҳо ба болои тале мебаромаданд, ки аз он ҷо ҳамаи киштиҳои бандар менамоянд. Аз он ҷо ба машоми ин ду пирамард бӯйи моҳиву намак мерасид. Онҳо соатҳои дароз ба гуфтори баҳр гӯш дода, хомӯшона менишастанд.

*Ту хомуш бош, то дарё сарояд,*
*Ғаму шодии худ бар ӯ маяфшон,*
*Ки Дантеи бузург он шаб, ки дарё*
*Ба пояш латма мезад, лол мемонд.*
*Агар соҳил пуродам ё ки холист,*
*Бимон, дарё сурудашро сарояд,*
*Ки Пушкин – шоири соҳибқирон ҳам*
*Ҳамешуд лол, агар дарё сарояд.*

Падарам мегуфт: ба суруди баҳр гӯш деҳу забони баҳрро омӯз. Баҳр бисёр дидааст, бисёр медонад.

*– Бигӯ, дарё, чаро оби ту шӯр аст?*
*– Зи бас обам бувад аз ашки инсон!*
*– Бигӯ, дарё, чунин рангин чароӣ?*
*– Ба қаър-андар ниҳон бас дурру марҷон!*
*– Бигӯ, дарё, чаро ошуфтаҳолӣ?*
*– Ба қаър-андар басо мурда далерон:*
*Яке мехост шӯр ин сон набошам,*
*Дигар мехост ёбад дурри ғалтон!*

Ду мӯйсафеди кӯҳистонӣ, ду шоир дар болои тал, ҳамчун ду уқоби пир нишастаанд. Онҳо гӯш ба суруди баҳр дода, орому хомӯшанд. Баҳр ҳамон садо медиҳад, водорат мекунад, ки аз ваҷҳи зиндагӣ андеша ронӣ: зиндагӣ худ баҳрро мемонад ва дар сатҳи фароху хатарноки он чӣ обу ҳавое пеш оядат, бояд аз ин соҳил ба он соҳилаш шино карда бигзарӣ. Фарқи зиндагӣ аз баҳр ин аст, ки зиндагӣ лангаргоҳу бандаргоҳ надорад. Хоҳӣ, нахоҳӣ – бояд шино бикунӣ. Фақат як лангаргоҳ, лангаргоҳи охирин, фақат як бандаргоҳ, бандаргоҳи охирин мешавад.

Садои баҳри Хазар, садои баҳри Хвалин меояд. Дарёҳо ҷорӣ шуда ба он мерезанд: аз як тараф Волгаю Урал, аз тарафи дигар – Кура, Терак, Сулак. Ҳама ба якдигар омехтаанд, акнун якеро аз дигаре фарқ кардан мумкин нест. Барои ин дарёҳо низ баҳр як навъ бандаргоҳи охирин аст, агарчи оби онҳо нест намешавад, намемирад, ором намегардад, ҷорӣ мешавад, ба мавҷҳои нилгун табдил меёбад. Аз рӯйи ин мавҷҳо киштиҳои азим ба чор тарафи олам шиновар мешаванд.

Аё мардуми кӯҳистон, фарзандони Доғистон, магар тақдири шумо мисли тақдири ин дарёҳо нест? Шумо ҳам дар баҳри ягона дӯстии бузургамон ба ҳам омехтаву як шудаед.

Баҳри Хазар мехонад. Ду марди пир, ду шоир хомӯш буданд, ман ҳам, ки ҳанӯз ҷавони наврас будам, дар паҳлуяшон меистодам. Ҳангоми хона баргаштанамон Абӯтолиб ба падарам гуфт:

– Писарат калон шуда истодааст. Имрӯз ӯро эҳсоси бузурге фаро гирифт.

– Касе ҳад надорад, ки дар ҷойи ману ту истодагӣ истаду хурд бошад, – ҷавоб дод падарам ба Абӯтолиб.

Акнун, ҳар гоҳ ки ба соҳили баҳр меравам, ҳамеша ба назарам мерасад, ки дар паҳлуи падарам истодаам.

Мегӯянд, ки оби Хазар сол аз сол кам мешавад. Дар ҷое, ки як вақтҳо баҳр мавҷ мезад, ҳоло хонаҳои шаҳрӣ қад афрохтаанд. Шо-

яд, ҳамин тавр бошад. Вале ман бовар надорам, ки баҳр нест мешавад. Мумкин обаш кам мешавад, лекин худаш тиҳӣ намешавад.

Ман ба одамон ҳам доим мегӯям: камшумор бошед ҳам, тиҳидил нашавед.

*Олим аз фикр сар биҷунбонад,*
*Шоир оҳе кашад, хӯрад афсӯс,*
*З–он ки баҳри Хазар шавад камоб*
*Сол аз сол, ё ки рӯз аз рӯз.*
*Ман гумон мекунам, газоф аст ин,*
*Кам нагардад Хазар, яқин бинам,*
*Чун тиҳидил шаванд баъзеҳо –*
*З–ин ҷиҳат музтарибу ғамгинам.*

Махач ҳам аз ваҷҳи баҳр сухан гуфтааст. Ӯ аввалин ревкоми Доғистон буд, ҳоло пойтахти ҷумҳурии мо ба номи ӯст. Шаҳр пеш аз ин Порт–Петровск ном дошт. Махач дар давраи ҷанги гражданӣ шаҳрро ба қалъаи рахнанопазир табдил дода буд.

Дар хусуси баҳр Махач чунин гуфта буд: «Душман чӣ қадаре ки бошад, ҳамаашро ба баҳр мепартоем. Баҳр чуқур, дар қаъраш ҷой бисёр».

Ҳангоме ки мардуми кӯҳистон дар назди масҷид ё зери дарахти азим ғун шуда, аз кору бори зиндагӣ суҳбат мекунанд, инро дар ҷойи мо годекан мегӯянд. Дар годекан боре аз кӯҳистониён чунин суол карданд: кадом садо аз ҳама форамтар аст? Кӯҳистониён каме андешида, ҷавобҳои зерин доданд:

– Садои симу зар.
– Шиҳаи асп.
– Овози маҳбуба.
– Садои наъли асп аз дара.
– Хандаи кӯдак.
– Аллаи модар.
– Шилдирроси об.

Аммо як марди кӯҳистонӣ гуфт:

– Садои баҳр. Чунки баҳр ҳамаи ин садоҳоро дорад.

Бори дигаре дар годекан аз кӯҳистониён чунин суол карданд: кадом ранг аз ҳама дилкаштар аст? Кӯҳистониён каме андешида, ҷавобҳои зерин доданд:

– Осмони соф.
– Қуллаи барфпӯши кӯҳ.
– Чашмони модар.
– Мӯйсари писар.
– Гули шафтолу.
– Маҷнунбед дар тирамоҳ.

– Оби чашма.

Аммо як марди кӯҳистонӣ гуфт:

– Ранги баҳр. Чунки баҳр ҳамаи ин рангҳоро дорад.

Вақте ки дар годекан аз хусуси бӯй, нӯшиданӣ ё ягон чизи дигар сухан оғоз меёфт, ҳамеша бо баҳр меанҷомид.

Афсонаҳои аҷибро дар бораи ҷавоневу шоҳсанами обӣ, дар бораи мурғи лоҷвардӣ, ки гӯё ба ҳар ҷое нӯл занад, чашма медамад, ба халқ баҳр бахшидааст.

Дар годеканҳо, албатта, ҳар кас саманди худро таъриф мекунад. Оё ман низ баҳри Хазарамро ситоишкунон чунин рафтор намекунам? Гоҳо ба ман мегӯянд: заб Хазар доштаӣ. Вай баҳр ҳам нест, як кӯли калон, баҳри ҳақиқӣ– баҳри Сиёҳ.

Дуруст аст, ки баҳри Хазар баҳри Сиёҳ, баҳри Адриатик ё кадом як баҳри Ионӣ барин нарму нозук нест. Лекин одамон ба он баҳрҳо бештар барои истироҳату оббозӣ мераванд, ба Хазар бештар барои кор меоянд. Баҳри моҳигир, баҳри нафткаш, баҳри меҳнаткаш. Бинобар ин табиаташ ҳам нисбатан дурушт аст. Чӣ илоҷ, ҳар барзагов ба худ феъле, ҳар мард ба худ машрабе, ҳар баҳр ба худ симову сирате дорад… Магар кӯҳҳои Доғистон аз кӯҳҳои Гурҷистон, Абхазистон ва кӯҳҳои дигар табиатан фарқ надоранд?

Лекин, рости гап, дар назари ман ҳамаи баҳрҳо ба якдигар мемонанд. Вақте ки дар баҳри Сиёҳ шиновар мешавам, баҳри Хазарро ёд мекунам, ҳангоме ки дар баҳри Хазар шиноварам, ҳатто уқёнусро ба ёд оварда метавонам. Баҳри мо аз баҳрҳои дигар ягон монданӣ надорад. Ба ин баҳр ҳам одамон барои хотира ё ба нияти боз дидани он танга мепартоянд.

Падарам мегуфт: агар баҳр ба назари касе безеб намояд, ин чунин маънӣ дорад, ки худи ҳамон одам безеб аст.

Як рӯз касе ба Абӯтолиб гуфтааст:

– Имрӯз садои баҳр нофорам.

– Ту ин садоро бо гӯши ман шунав.

Хуллас, баҳри Хазарро бо чашми Доғистон бингаред, он гоҳ дар назаратон басо зебо метобад.

Диловарии маллоҳи машҳури зериобӣ, фарзанди Миғеб ном авули Доғистон, капитани рутбаи дуюм Муҳаммад Ҳоҷиев дар тамоми Флоти Ҳарбии Баҳрӣ шуҳрат дорад. Ӯ ҳам дар баҳри Балтик, ҳам дар баҳри Шимолӣ ва ҳам дар баҳри Баренс ҷангидааст. Аз зарби тирҳои зериобии Муҳаммад Ҳоҷиев басо киштиҳои фашистӣ дар зери оби сард нобуд шуданд. Завраќи ӯ дар таърихи Ҷанги Ватанӣ аввалин киштии зериобӣ буд, ки бо эскадраи фашистӣ рӯ ба рӯ истода ҷангид. Вай як одат дошт: то як киштии душманро ғарқ накунад, риш наметарошид.

Ман Муҳаммад Ҳоҷиевро як бор дидаам. Он вақт дар омӯзишгоҳи омӯзгории Буйноқи ба номи Абашилов мехондам.

Муҳаммад Ҳоҷиев дар рухсатӣ буд ва мо ӯро ба омӯзишгоҳамон таклиф кардем. Мо аз ӯ пурсидем: – Шумо дар миёни кӯҳ калон шудеду чи хел маллоҳиро ихтиёр кардед?

– Дар бачагиям аз болои як кӯҳ баҳри Хазарро дида, ба чашми худам бовар накардам. Баҳр маро ба сӯйи худ даъват кард ва ман рафтам. Ба даъвати баҳр нарафта натавонистам.

Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, кӯҳистониписар Муҳаммад Ҳоҷиев дар баҳри Баренс ҳалок гаштааст. Ҳайкали ёдгорие, ки дар Махачқалъа, дар назди заводи ба номи ӯ гузошта шудааст, рӯ ба баҳри Хазар истодааст. Дар шаҳри Североморск ба номи ӯ мактабе ҳаст.

Ба баҳр далерон меравaнд, вале на ҳама бармегарданд. Барои ҳамин мардуми кӯҳистон гулҳои аввалини баҳоронро ба рӯйи баҳр мепошанд: ба ёди ҳамаи қурбониён. Гулҳои пошидаи ман ҳам борҳо ба рӯйи мавҷҳо шино кардаанд.

Дар баҳри Баренс, дар он ҷое, ки Ҳоҷиев ва рафиқонаш ҳалок гардидаанд, киштиҳо баҳри ёдбуд лаҳзае бозмеистоданд.

Дар баҳри Хазар низ чунин одат ҳаст. Бозистода, се дақиқа хомӯшӣ гузидан ва ҳалокгаштагонро ба некӣ ёд кардан.

Махачқалъаи мо чун киштиест дар бандаргоҳ. Аз боғи истироҳати назди соҳил ба баҳр Пушкин менигарад, каме дуртар аз ӯ Сулаймон Сталский истодааст, аз хиёбон ба Хазар падарам менигарад.

Мегӯянд, ки ҷойи баҳр як замон биёбони дилгиру урёне будааст. Сипас биёбон қӯҳҳоро дида, аз шодӣ ба пеши қадамашон об гаштааст.

Мегӯянд, ки кӯҳҳо як замон аждарҳои ҷангандае будаанд. Сипас, онҳо баҳрро дида, аз ҳайрат шах шудаанд, санг гаштаанд.

Модарам дар сари гаҳвораам маро чунин алла мегуфт:

*Писарам, қад барафроз*
*Чун қуллаҳои кӯҳҳо.*
*Писарам дарёдил шав,*
*Чун дарёҳои паҳно.*

Духтараке ба ҷавоне мегуфт:

*Сари кӯҳи баланде,*
*Маълум, таваллуд шудӣ.*
*Кач монда попохатро,*
*Магруру бехуд шудӣ.*

Ҷавоне ба кӯҳистонидухтараке мегуфт:

*Оё аз қаъри дарё*

*Омадӣ ту пеши мо?*
*Ҳаргиз надидаам ман*
*Мисли ту зебоеро.*

Дар як маҷлис ман гуфтугӯи зеринро шунидам:

– Чӣ, мо ин қадар баҳру кӯҳ, кӯҳу баҳр мегӯему халос? Мо кӯҳу баҳрҳои дигаре ҳам дорем, дар хусуси онҳо гап задан лозим. Мо боғбаҳрҳои лазгинӣ, баҳри рамаҳо, кӯҳҳои пашм дорем.

Аммо дар урфият дуруст мегӯянд: «Ҳамаи се сурудро як худат нахон, якеро ба мо ҳам бимон. Ҳамаи се намозро як худат нахон, якеро ба мо ҳам бимон».

Ман дар бораи ду қисмати асосие, ки Доғистон аз онҳо иборат аст, ҳикоят кардам. Қисмати сеюмаш – ҳамаи чизҳои боқимонда. Магар дар васфи роҳҳову дарёҳо, дарахтҳову гиёҳҳо сухан кам аст? Барои ҳикояти ин ҳама як умри одамӣ намерасад.

Суруд ҳамчунин аст. Дар олам фақат се суруд вуҷуд дорад: якум – суруди модар, дуюм – суруди модар, суруди сеюм – ҳамаи сурудҳои дигар.

Мардуми кӯҳистон одамонро ба меҳмонӣ хонда, мегӯянд: «Ба диёри мо биёед. Кӯҳҳои мо, баҳри мо ва дилҳои мо – аз они шумо. Дар ҷойи мо замин замин аст, хона – хона, асп – асп, одам – одам. Дар миёни инҳо чизи сеюме нест».

## ОДАМ

Дар забони аварӣ одам ва озодӣ бо як калима ифода меёбад. «Узден» – одам, «узденлъи» – озодӣ. Бинобар ин ҳам ҳангоме ки одам – «узден» мегӯянд, ҳаминро дар назар доранд, ки вай озод аст – «узденлъи».

Катибаи санги мазор:

*Ӯ набуд марди майдон,*
*Ҳам бихраду ҳамадон.*
*Лекин ӯро саҷда кун,*
*Ӯ буда баски инсон.*

Катибаи ханҷар:

*Ҳар кас, ки ба роҳ рӯ ба рӯят ояд,*
*Аз аҳли хусумат аст ё аҳли назар,*
*Ханҷар ба миён, аз ин фаромӯш макун,*
*Монанди ту низ ӯст аз аҳли башар.*

Ҳангоме ки марди кӯҳистонӣ баъди мусофирати зиёде ба ватан баргашт, аз ӯ суол карданд:

– Ку, гап зан, чи хел ҷой будааст, чи гуна кишвар, зиндагӣ чи тавр?

– Он ҷо одамон зиндагӣ мекунанд, – ҷавоб дод марди кӯҳистонӣ.

Вақтҳое ки Ҳоҷӣ Мурод бо Шомил ногап буд, баъзе одамон ба ноиб хушомад зада, Шомилро ғайбат карданд. Ҳоҷӣ Мурод бо ишораи қатъие сухани онҳоро бурида, мегуфт:

– Ин хел нагӯед. Вай одам аст, низоу нифоқамонро худамон яктарафа карда метавонем.

Агарчи Ҳоҷӣ Мурод аз назди Шомил рафта буд, Шомил дар муҳорибаи кӯҳи Ғуниб, ки ҳарби охирин буд, диловарию шуҷоат нишон додани ноиби худро ба ёд оварда, гуфт:

– Ин хел одамон дигар нестанд. Вай одам буд.

Кӯҳистониён асрҳо инҷониб дар кӯҳистон зиндагӣ мекунанд ва ҳамеша ба одам эҳтиёҷ доранд. Одам даркор. Бе одам ҳеҷ намешавад.

Марди кӯҳистонӣ чунин қасам мехӯрад: одам рӯидам – одам мемурам!

Одати кӯҳистониён чунин аст: заминатро фурӯш, хонаатро фурӯш, тамоми чизу чораатро аз даст бидеҳ, лекин одамгариатро нафурӯш, аз даст надеҳ.

Дуои бади мардуми кӯҳистон чунин аст: илоҳо, дар хонадонатон на одам монад, на асп.

Ҳангоме ки дар ҳаққи одами ношоиста, ночиз, сифла ҳарф мезананд, мардуми кӯҳистон миёни суханро бурида мегӯянд:

– Садқаи гап кунед ӯро. Вай одам нест.

Ҳангоме ки дар хусусӣ хатое, саҳве, нуқсе гап мезананд, мардуми кӯҳистон миёни суханро бурида мегӯянд:

– Вай одам аст, аз ин гуноҳаш гузаштан мумкин.

Дар бораи авули бесару сомон, авули танг, чиркин, авуле, ки мардумаш иғвогару ноуҳдабароянд, чунин мегӯянд:

– Дар он ҷо одам нест.

Дар хусуси авуле, ки сару сомон ва сулҳу салоҳ дорад, чунин мегӯянд:

– Дар он ҷо одам ҳаст.

Одам – нахустин зарурат, гавҳари ноёб ва бузургтарин муъҷизаи олам аст. Дар Доғистон одам аз куҷо пайдо шудааст, чи хел ба вуҷуд омадааст, оғоз аз куҷост, ҳикояту ривоят, қиссаву афсонаҳои зиёде мавҷуданд. Яке аз ин қиссаҳоро ман дар овони бачагиям шунидаам.

Замоне будааст, ки дар рӯйи замин кайҳо парандаю чаранда пайдо шуда, аз худ нақше гузоштаанд, аммо нақши пойи одам набудааст, садоҳои гуногуне вуҷуд доштаанду лекин садои одам набудааст. Замини беодам ба даҳони безабон ва тани беҷон шабоҳат доштааст.

Дар болои ин замин, дар осмон парандаҳои бебоку қавибол – уқобон парвоз доштаанд. Ҳамон рӯзе, ки дар бораш сухан меравад,

чунон барфи фаровон мебаридааст, ки ту гӯйӣ тамоми парандаҳои рӯйи оламро пар канда, парашонро ба бод додаанд. Осмонро абру заминро барф пӯшонидааст, ҳама яксон гаштааст ва маълум набудааст, ки замин кадому осмон кадом. Дар ҳамин вақт уқобе шамшербол ва ханҷарнӯл ба лонаи худ бармегаштааст.

Ё уқоб баландиро фаромӯш кардааст ё баландӣ уқобро, ки вай башаст рафта ба шахсе задааст. Аварҳо мегӯянд, ки ин ҳодиса дар кӯҳи Ғуниб шудааст, лакҳо мегӯянд, ки – дар кӯҳи Турчидоғ, лазгиҳо исбот карданӣ мешавад, ки – дар Шоҳдоғ. Аммо ҳодиса дар куҷое рӯй дода бошад, шах шах асту уқоб– уқоб. Беҳуда нагуфтаанд: «Ба паранда санг ғурронӣ – паранда мемурад, парандаро ба сӯйи санг ғуррони ҳам – паранда мемурад».

Ҳамоно, басе уқобон ба шах зада, нобуд гаштаанд. Вале ин уқоби шамшерболу ханҷарнӯл маҷрӯҳ шуда бошад ҳам, нобуд нагаштааст. Болҳояш шикастаанд, аммо дилаш метапидааст, нӯли тезу чанголи гирояш сиҳат мондааст.

Уқоб маҷбур шудааст баҳри зиндагии худ мубориза барад. Бе пару бол ғизо ёфтан, бе пару бол аз душманон амон ёфтан мушкил аст. Уқоб рӯз ба рӯз аз санг ба сангеву аз шах ба шахе ҷаҳида, баландтар ва баландтар мебаромадааст, вай гоҳо болои шахе баромада, аз он ҷо кӯҳҳои атрофро назора мекардааст.

Бе пару бол ғизо ёфтан, худро муҳофизат кардан, баланд баромадан, лона сохтан мушкил буд. Дар аснои ин ҳама душвориҳо мушакҳои уқоб тағйир ёфта, шаклаш ҳам дигар шудан гирифтааст. Вақте ки лона тайёр шудааст, он лона ба бунаву уқоби бебол ба марди кӯҳистонӣ табдил ёфтааст.

Марди кӯҳистонӣ ба по истодааст ва ба ҷойи болҳои шикаста дастҳо пайдо шудаанд, ними нӯлаш ба бинии (андаке калон бошад ҳам) муқаррарии одамӣ табдил ёфтааст ва ними дигараш – ба ханҷар, ханҷаре, ки дар миёни марди кӯҳистонӣ овезон аст. Аммо дилаш дигар нашуда, ҳамон дили пештара, ҳамон дили уқоб мондааст.

– Дидӣ, писарам, – илова менамуд модарам, ҳикоятро ба поён расонда, – уқоб то одам шуданаш чӣ қадар азоб кашидааст. Ту бояд ба қадри он бирасӣ.

Намедонам, ки асли воқеа чунин буд ё не, аммо ҳаминаш мусаллам аст: мардуми кӯҳистон дар байни парандагон уқобро аз ҳама авло медонанд. Одами хуб ва далерро уқоб меноманд. Агар писар таваллуд шавад, падар нидо мекунад: ман уқобдор шудам. Агар духтар аз ҷое ба хона зуд ва чолок баргардад, модар мегӯяд: уқобаки ман парида омад.

Дар замони Ҷанги Ватанӣ дар бораи қаҳрамонони Доғистон китобе баромад, ки он «Уқобони кӯҳистон» ном дошт.

Басо дарҳои қадиму гаҳвораву ханҷарҳое ҳастанд, ки дар онҳо шакли уқоби бовиқорро кандаанд ё ҳаккокӣ кардаанд.

Дуруст аст, ки ривоятҳои дигаре низ вуҷуд доранд.

Даме ки аз носозгориҳои рӯзгор андеша меронанд, вақте ки падарон фарзандони дур аз ватан қурбонгаштаи худро ба ёд меоранд ё ин ки писарон падарони ҳалокгардидаи худро ёд мекунанд, чунин мешуморанд, ки кӯҳистонӣ аз уқоб не, балки уқобон аз кӯҳистониён рӯидаанд.

*– Ба рӯи рӯдҳо, шебу фарози кӯҳҳо парвоз месозед,*
*Уқобон, з–ошёни кистед, ин ҷо кӣ оварда?*
*– Басо мурданд фарзандони бономусатон, имрӯз*
*Дили онҳо чунин дар сурати мо пар баровaрда!*

*– Шумо худ чистед, эй ахтарони нурбор, оё*
*Чароғи осмонастед дар шабҳои бимафзо?*
*– Чӣ беҳангом фарзандони кӯҳистон ҷавон мурданд,*
*Ва моён чашмҳои кӯргашта дар ғами онҳо.*

Ана, барои ҳамин доғистониён ба осмон мудом бо меҳру муҳаббат ва орзую умед менигаранд. Онҳо мурғони ба парвоз рафтаю ба парвоз омадаро ҳамчунон менигаранд. Мардуми кӯҳистон осмони нилфомро дӯст медоранд!

Соли 1942 ба ёдам меояд. Кӯшунҳои фелдмаршал Клейст баъзе баландиҳои Кавказро забт карданд. Авиатсия конҳои нефти Грознийро бомбаборон мекард. Дуди сӯхторҳо аз баландиҳои Доғистони мо намудор буд.

Он рӯзҳо дар Грозний намояндагони ҷавонони ҳамаи халқҳои Кавказ ҷамъ омада буданд. Дар ҳайати вакилони Доғистон ман ҳам будам. Дар гирдиҳамойӣ ҷавони лазгӣ, лётчики машҳур, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Валентин Амиров сухан кард. Суханҳои аз минбар гуфтааш ва суҳбатҳои баъди гирдиҳамойӣ бо мо кардааш ҳаргиз аз лавҳи хотирам намераванд. Ҳангоми хушбошӣ ӯ бо нигоҳаш осмонро ишора карда, гуфт:

– Ба он ҷо мешитобам. Ман аз замин дида, дар осмон заруртарам.

Баъди ду ҳафта аз ӯ хати сиёҳ омад. Фарзанди шуҳратманди Доғистон ҳалок гардид. Вале ҳар боре, ки аз болои сарам бонг зада паридани уқобро мебинам, яқин мекунам, ки даруни синааш дили пурҷӯши Валентин аст.

Соли 1945. Маскав. Ҳар рӯз мо-донишҷӯён, ба ваколатхонаи Доғистон мерафтем, то ки аз навигариҳои кӯҳистон, аз воқеаҳои Махачқалъа воқиф шавем. Ҷумҳурии мо он вақт ба ҷашни биступанҷсолагии худ тайёрӣ медид. Рӯзе ман дар он ҷо Набӣ Аминтоевро дидам. Он вақт дар Доғистон гумон буд касе ёфт шавад, ки он ҷавонмарди лакро нашиносад. Он чобуксавори осмон, он

ҷавони хоксор чандин бор ба минтақаи душман бо парашют фуромада, боз сиҳат-саломат баргаштааст.

– Акнун ҷанг нест, ба Доғистон баргард, – гуфтам ба ӯ.

– Осмон ҳаст–ку.

Пас аз чанд рӯз «Правда» расми ӯро чоп кард. Дар зери расм чунин навишта буд: «Набӣ Аминтоев – рекорднамои ҷаҳон аз рӯйи ҷаҳиш бо парашют. Аминтоев рекорди худро барои Доғистон бахшидааст».

Баъди якчанд рӯз боз Набиро дидам.

– Рафтем Доғистон.

– Осмон нигарон. Ман бе осмон зиндагӣ карда наметавонам.

Вале умри одамӣ кӯтоҳ аст. Боре парашют бевафоӣ кард ва Набии мо, чун уқоби болшикаста, афтоду ҳалок гашт. Аз он вақт инҷониб басе солҳо гузаштанд, лекин ҳар боре, ки дар осмон бонг задани уқобро мешунавам, хаёл мекунам, ки даруни синааш дили пурҷӯши Набист.

Боз ба ёдам Резедаи соҳибҷамол меояд. Ӯ худро бо парашют аз осмони Доғистон ба болои кӯҳи Ғуниб партофта буд. Баъди ин воқеа дар таги тирезаи вай басо танбӯрҳо нола карданд. Шоири ҷавоне набуд, ки ба ӯ шеър набахшида бошад. Хоначаи хиштин дар шаҳри Бӯйнок, басо дидаҳо ба сӯйи тирезаҳои ту шуданд! Дар Хунзаху Ғуниб, дар Кумух чобуксаворон самандҳои худро зин мезаданд, то он зебосанами кокулдарозро рабоянд. Аммо ҷавоне аз Ленинград омад ва Резедаи моро ба ҳавопаймо савор карда буд. Ӯ аз осмон ба ошиқони дар замин мондааш дастафшонӣ карду рафт. Шоирони мо бо даҳони боз аз қафояш нигарон монданд, сипас дар васфи кабке, ки уқобаш рабудааст, шеърҳо гуфтанд…

Резеда ба Ленинград рафту ҷанг сар шуд. Ӯ аз он ҷо менавишт: «Дар ин шаҳр акнун на фақат шабҳои сафед нест, балки рӯзҳо ҳам сиёҳ шудаанд. Ленинград дар оғӯши оташ аст. Ман ҳам дар оғӯши оташам. Ман ба осмон аз мағзи дуду оташ менигарам. Дар осмон ҳам ҷанг аст. Шавҳари ман Саид борҳо ба ақибгоҳи душман рафта омада буд. Ҳоло ман се маротиба хати сиёҳ гирифтам. Вай духтури десантҳо буд. Ба наздам касоне меоянд, ки онҳоро Саид аз марг наҷот додааст».

Резеда ба Доғистон баргашт. Ҳангоме ки ӯ дар осмони диёраш бонг задани уқобро мешунавад, хаёл мекунад, ки даруни синаи уқоб дили пурҷӯши Саид аст.

Бародарам Ахилчӣ… Ту дар мактаби заминӣ, Донишгоҳи кишоварзӣ механдӣ. Аммо дар ҷанг ту осмонро интихоб кардӣ, ҳавопаймо шудӣ. Ту дар болои баҳри Сиёҳ ҳалок гардидӣ. Ту бисту ду сол доштӣ. Ту ҳеҷ гоҳ ба бунаи азизамон барнамегардӣ, ман инро медонам. Лекин ҳар боре, ки дар боли сарам уқоб бонг мезанад,

яқин мекунам, ки дили Ахилчӣ ба дили ман паёми бародарӣ медиҳад.

Дар осмони Доғистон парвоз доранд уқобон. Укобон бисёранд. Вале шермардон ҳам, ки баҳри Ватан ҷон нисор кардаанд, кам нестанд. Аз ҳар бонги уқоб ба гӯш паёми корнамоиву диловарӣ мерасад. Ҳар як садои уқоб суруди набард аст.

Медонам, ки ин афсонаи аҷиб хаёлист. Аммо одамон мехоҳанд, ки чунин бошад. Вале медонам, ки ба як одами аз мансаби баланд мағрур андигие гуфтааст: – Ҳатто уқобон барои одам шудан ба замин мефуроянд. Ту ҳам аз баландиҳои худ поён фуро. Ҳамаи одамон дар рӯйи ҳамин замин ба дунё омадаанд. Марди кӯҳистониро барои он кӯҳистонӣ мегӯянд, ки вай одами кӯҳистон, фарзанди замин аст. Аммо дар афсонаву ривоятҳо бигзор одамон парвоз бикунанд. Дар ҷойҳои мо калимаи «парвоз»–ро railmеписанданд. Савора парида меояд. Суруд парвоз мекунад. Аксари сурудҳои мо дар ситоиши уқобон аст.

Маро борҳо танқид карданд, ки дар шеърҳоям уқобро бисёр ном мебарам. Охир, чӣ чора, ки уқобонро бештар аз дигар мурғон меписандам. Онҳо ба баландиҳову дуродурҳо парвоз мекунанд ва ҳол он ки парандагони дигар ҳамеша дар гирди донаву чина чириқ–чириқ карда мегарданд. Овози уқобон баланду шунавост. Парандагони дигар, ҳамин ки боди сарде вазид, дар ҳаққи Доғистон бевафоӣ карда, ба кишварҳои бегона парида мераванд. Аммо укобон, ба ҳар вазъи обу ҳаво, ба ҳама тирпарониҳо тоб меоранд, лонаҳои худро тарк намекунанд. Онҳо истироҳат надоранд. Парандагони дигар мудом аз замин як ваҷаб болотар намепаранд, аз бом ба боме, аз мӯрӣ ба мӯрие, аз киштзор ба киштзоре парида мегарданд. Дараи хурдро дар ҷойи мо «дараи гунҷишкон» меноманд, сахраи азимро «сахраи уқобон» мегӯянд.

Ҳар одаме, ки таваллуд шудааст, ҳанӯз одам нест. Ҳар парандае, ки парвоз мекунад, ҳанӯз уқоб нест.

## УҚОБОНИ КӮҲӢ

*Диёри ман пур аз фарру шукӯҳ аст,*
*Пур аз мурғони хушболу хушовоз,*
*Худои мургҳо бошад уқобаш,*
*Баланд аз ҷумла мургон карда парвоз.*

*Намоён то шавад дар осмонҳо*
*Ба поси хеш рӯзи барфу борон,*
*Барои хештан бе тарсу тардид*
*Гузинад лонагоҳе дар кӯҳистон.*

*Дарад бо болҳояш пардаи мег,*
*Яке чу баршавад то осмонҳо,*
*Ту гӯӣ аз хатар як села ногаҳ*
*Парад андар фазо дардода ово.*
*Заминро зери боли хеш гиранд,*
*Ки гӯӣ посбони ҳушёранд.*
*Шунида бонгашон зогони тарсу*
*Ба ҳар сӯ дар гурезу беқароранд.*

*Чу даври кӯдакӣ рӯ сӯи кӯҳсор,*
*Дилам хоҳад, ки соатҳо нишинам.*
*Нигаҳ созам ба парвози уқобон,*
*Парафшонии онҳоро бубинам.*

*Ба тори қуллаҳо гаҳ чун талоя,*
*Гаҳе дар дашту саҳро пар кушоянд…*
*Далеронро ҳам андар кишвари ман*
*Уқоби кӯҳӣ гӯянду ситоя*нд.

Писандидатарин мурғи ҷопониҳо турна аст. Ҷопониҳо ақидае доранд, ки шахси бемор агар аз коғаз ҳазор дона турна созад, сиҳат меёбад. Ҷопониҳо ғаму нишот, хайрбоду мулоқот, орзуву хаёлот ва ширинтарин хотироти худро аз парвози турнаҳо медонанд, хосса агар турнаҳо аз болои Фудзияма гузаранд.

Турнаҳо ба ман ҳам маъқул. Вале ҳангоме ки ҷопониҳо парандаи писандидаи маро пурсиданд, ман уқобро ном гирифтам. Ин гап ба онҳо нафорид.

Дуруст аст, ки аз байн муддати зиёде нагузашта, паҳлавони мо Алӣ Алиев дар мусобиқаи Токио чемпиони ҷаҳон шуд ва он гоҳ дӯсти ҷопониам гуфт:

– Уқобони шумо беҷо нестанд, парандаҳои бад не. Ман ба кӯҳистониёни худамон аз ҷанге, ки дар осмони Туркия миёни уқобон ва лаклакон ба вуқӯъ омада буд, ҳикоят кардам. Ҳангоме гуфтам, ки уқобон мағлуб шуданд, кӯҳистониён дар ҳайрат афтоданд ва ҳатто ранчиданд. Онҳо ба гуфтаҳои ман бовар кардан намехостанд. Аммо чӣ илоҷ, воқеа чунин буд.

– Ту нодуруст мегӯйӣ, Расул, – гуфт ниҳоят як марди кӯҳистонӣ. – Уқобҳо шояд, мағлуб нашудаанд, балки якто намонда, нобуд шудаанд. Охир, ин гапи дигар аст.

Ман дукарат Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Аҳмадхон Султон ном дӯсти машҳур доштам. Падараш доғистонӣ буду модараш – тотор. Вай дар Маскав истиқомат дошт. Доғистониҳо ӯро қаҳрамони худ мешуморанд, тоторҳо – аз они худ.

– Охир, ту қаҳрамони кадом халқ? – пурсидам аз ӯ боре.

– Ман на қаҳрамони тотор, на қаҳрамони лак, – ҷавоб дод Аҳмадхон. – Ман Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ. Писари кӣ? Писари падару модарам. Магар онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардан мумкин аст? Ман одамам.

Шомил боре аз мирзои худ Муҳаммад Тоҳир ал–Қаххорӣ пурсид:

– Дар Доғистон чӣ қадар одам зиндагӣ мекунад?

Муҳаммад Тоҳир китоби саршумори аҳолиро гирифта диду ҷавоб дод:

– Ман одамҳои ҳақиқиро пурсида истодаам, – ба қаҳр омад Шомил.

– Ман ин хел маълумот надорам.

– Фаромӯш накун, дар аввалин ҷанги оянда шумурда баро, – амр кард имом.

Мардуми кӯҳистон мегӯянд: «Барои қимати ҳақиқии одамро донистан аз ҳафт чиз бояд санад гирифт:

1. Аз ғам.
2. Аз шодӣ.
3. Аз зан.
4 Аз шамшер.
5. Аз симу зар.
6. Аз шиша.
7. Аз худи одам».

Оре, одам ва озодӣ, одам ва шараф, одам ва шуҷоат як маъниро таҷассум мекунанд. Мардуми кӯҳистон тасаввур карда наметавонанд, ки уқоб дурӯя шуда метавонад. Дурӯяро онҳо зоғ мегӯянд. Одам – танҳо ном нест, балки унвон аст, унвони олӣ ва ба ин поя расидан осон нест.

Ба наздикӣ ман дар Ботлих суруди занеро дар ҳаққи марди носазо шунидам:

*Монӣ каме бар гӯсфанд,*
*Ҳам аспро монӣ каме.*
*Монӣ ба каргас як қадар,*
*Рӯбоҳро монӣ ҳаме,*
*Монӣ каме ҳам моҳиро.*
*Аммо куҷо мардонагӣ?*
*Номусу ори ту куҷо?*

Ман суруди дигари занро дар ҳаққи марди дурӯғгӯ низ шунидаам:

*Гумон кардам ту инсонӣ,*
*Кушодам рози дил бо ту.*
*Баромад чормагзат пуч,*
*Бимондам бекасу бекӯ.*

*Туро ман дер фаҳмидам,*
*Аз ин ҷурме гаронтар нест.*
*Ту он черкасаки бетан,*
*Попохе, ки дар ӯ сар нест.*

Духтаре, ки ба худ номзад интихоб менамуд, чунин шикоят кард:

– Агар ман попохпӯш меҷустам, кайҳо меёфтам. Агар ман каси мӯйлабдор меҷустам, кайҳо меёфтам. Ман одам меҷӯям.

Дар кӯҳистон ҳангоме ки гӯсфанд мехаранд, дунбааш, пашмаш, фарбеҳию харобияшро мебинанд. Ҳангоме ки асп мехаранд, дандонаш, пояш ва умуман намудашро мебинанд. Аммо ба одам чи хел бояд баҳо дод? Чияшро бояд дид? Номашро, корашро…

Зимнан, калимаи «ном» дар забони аварӣ ду маънӣ дорад. Якум, ном ба маънии бевоситааш, дуюм, кор, хизмат, шуҷоати одам. Вақте ки писар ба дунё меояд, мегӯянд: «Ціар бугеч, ціар батаги». Ин чунин маънӣ дорад: «Бигзор ба ӯ шухраташ ном ниҳад». Номи холӣ чизе нест.

Модарам насиҳат мекард: «Аз ном зиёда мукофоте нест… аз ҳаёт қиматтар сарвате нест. Ин ҳардуро эҳтиёт бикун».

Катибаи шохҷом:

*Басо асру замон бигзашт,*
*Ки бӯзина ҳам одам шуд.*
*Чу ӯ хӯ кард бар мастӣ,*
*Ба ҳайвонӣ мусаллам шуд.*

Вақте ки Шомил дар кӯҳи Ғуниб истеҳком сохт, ӯро ягон илоҷи таслим кардан набуд. Аммо хоине ёфт шуд, ки ба душман пайроҳаи махфиро нишон дод. Фелдмаршал княз Барятинский ба он кӯҳистонии хиёнатгар тилло инъом кард.

Баъдтар, вақте ки Шомил дар Калуга буд, хоин ба хонаи падар баргашт. Аммо падар гуфт:

– Ту кӯҳистонӣ не, ту одам не, ту-хоин. Ту писари ман не.

Падар инро гуфту писарро сар зад ва сари ӯро ҳамроҳи тилло аз болои шах ба дарё партофт. Падар ҳам дар авули худ дигар истодаву ба чашми мардум нигариста натавонист. Ӯ аз кирдори писараш нанг мекард. Ба куҷое сарашро гирифта рафт ва аз ҳамон вақт инҷониб аз ӯ ному нишоне нест.

Кӯҳистониён ҳоло ҳам, агар гузорашон ба ҷойи сари хоинро партофтагӣ афтад, санг ғурронда мегузаранд. Мегӯянд, ки ҳатто парандагон ҳангоми аз болои ин шах гузаштан чунин садо медиҳанд: «Хоин, хоин!»

Ба Абӯтолиб воқеае рӯй дода буд. Ӯ соаташро барои дуруст кардан ба назди соатсоз бурд.

Соатсоз он дам соати ҷавонеро, ки дар он ҷо менишаст, дуруст мекард.

– Бишин, – гуфт соатсоз ба Абӯтолиб.

– Хайр, дар наздат одам будааст. Дафъаи дигар медароям.

– Ку одам, дар куҷо дидӣ? – ҳайрон шуд соатсоз.

– Ин ҷавон чӣ?

– Агар ин одам мебуд, ту даромадан замон хеста, ҷояшро медод… Доғистон чӣ парвое дорад, ки соати ин гарданғафс пеш меравад, ё қафо мемонад, лекин соати ту бояд дуруст гардад.

Абӯтолиб сипас гуфта буд, ки вақти унвони шоири халқии Доғистонро гирифтанаш ҳам, дар устохонаи он соатсоз хурсанд шуданаш барин хурсанд нашуда буд.

Рӯзе Махач Дахадаев ба авул меояд, то барои дастаи худ ҷанговар ҷамъ кунад. Дар годекан ду нафар кӯҳистониро мебинад, ки қартабозӣ карда нишастаанд.

– Ассалому алайкум. Ку мардҳотон, ба назди ман ҷамъ карда биёред.

– Дар авул ғайр аз мо мард нест.

– Ваҳ! Ин чӣ авулест бе мард. Дар куҷоанд онҳо?

– Дар ҷанг.

– Ҳа! Дар авулатон ғайр аз ҳардуи шумоён ҳама мард будаанд.

Дар Доғистон сӣ қавм зиндагӣ мекунанд, аммо баъзе хирадмандон мегӯянд, ки дар Доғистон ҳамагӣ ду одам зиндагӣ мекунад.

– Чи хел ду одам?

– Ҳамин хел. Яке одами нек, дигаре – бад.

– Агар ин хел бигӯем, – луқма медиҳанд дигарон, – дар Доғистон як одам зиндагӣ мекунад, чунки одамони бад одам нестанд.

Устоҳои қӯшӣ попох медӯзанд. Аммо баъзеҳо ин попоххоро ба сар пӯшида мегарданду баъзеҳо ба мех овехта мемонанд.

Оҳангарони амғурӣ шамшер месозанд. Аммо баъзеҳо ин шамшерҳоро ба миён овехта мегарданду баъзеҳо ба мех овехта мемонанд.

Устоҳои андӣ буркаъ медӯзанд. Аммо баъзеҳо ин буркаъҳоро дар барфу борон ба тан пӯшида мегарданду баъзеҳо дар сандуқ баҷо карда мемонанд.

Одамон ҳамчунинанд. Баъзеҳо доим дар ҳаракатанд, дар офтоби сӯзон ва боду борон меҳнат мекунанд, вале баъзеҳо буркаъ барин дар сандуқ, попоху ханҷар барин дар механд.

Дар назар Доғистонро се пири хирадманд мушоҳида мекунанд. Ин се пири донишманд асрҳо умр хӯрда, ҳамаро дидаанд ва ҳамаро медонанд. Яке аз онҳо таърихи қадимро омӯхта, қабристони куҳнаро аз назар гузаронида ва ба парвози мурғони ҳаво андешамандона нигариста мегӯяд: «Дар Доғистон одамон буданд». Дуюмӣ ҷаҳони имрӯзаро муоина карда, чароғҳои дар Доғистон фурӯзонро ишора намуда ва номи

шермардони далерро вирди забон карда, мегӯянд: «Дар Доғистон одамон ҳастанд». Хирадпешаи сеюмӣ ояндаро тасаввур карда, таҳкурсии имрӯз баҳри фардо гузоштаи моро баҳо дода, мегӯяд: «Дар Доғистон одамон хоҳанд буд».

Ба фикрам, ҳақ бар ҷониби ҳар се пирамард аст.

Чанде пеш кайҳоннаварди машҳур Андриян Николаев меҳмони Доғистон шуда буд. Ӯ ба хонаи ман ҳам ташриф овард. Духтарчаам пурсид.

– Доғистон кайҳоннавард надорад?

– Не, ҷавоб додам ман.

– Мешавад?

– Мешавад!

Мешавад, зеро ки кӯдакон таваллуд мешаванд, зеро ки мо ба онҳо ном медиҳем, зеро ки онҳо калон мешаванд ва ҳамқадами мамлакатанд. Ҳар қадам онҳоро ба мақсади наҷибашон наздиктар мекунад. Мо дар ҳаққи авуле, ки тартибу интизом ва сулҳу салоҳ дорад, мегӯем: он ҷо Одам ҳаст. Бигузор дар ҷойҳои дигар дар ҳаққи Доғистон низ чунин бигӯянд.

## ХАЛҚ

«Амрико ҳам мамлакати мо барин калон аст? Аҳолии онҳо бисёр ё аз они мо?» – пурсида буд модарам дар соли 1959, вақте ки ман аз Амрико баргаштам.

*Он ки бе фарёду гавгое тавонад шодӣ кард,*
*Ё тавонад бе сиришке дидааш гирён бувад,*
*Ё бимирад бе дарегу нолаю аҷзу ниёз –*
*Инчунин одам фақат фарзанди кӯҳистон бувад.*

Шабонгоҳ, даме ки авул дар хоб аст, ё ҳангоми борон, ё дар ҳавои софи осмон касе тирезаро оҳиста тиқ–тиқ мезанад.

– Ҳой, ин ҷо ягон мард ҳаст? Аспатро зин зан!

– Ту кистӣ?

– «Кистӣ» гуфта пурсидӣ, нашудӣ, дар хонаат нишастан гир. Аз ту чиз намебарояд.

Боз: тиқ–тиқ.

– Ҳой, дар ин ҳавлӣ ягон мард ҳаст? Аспро зин зан.

– Куҷо? Барои чӣ?

– «Куҷо», «барои чӣ» гуфта пурсидӣ, нашудӣ, дар хонаат нишастан гир. Аз ту ҳеҷ чиз намебарояд.

Бори сеюм тик–тиқ ба гӯшам мерасад.

– Ҳой, дар ин ҳавлӣ ягон мард ҳаст? Аспатро зин зан.

– Ҳозир. Ман тайёр.

Ана, ин мард, ана, ин кӯҳистонӣ! Онҳо ду кас шуда рафтанд.

Тиқ–тиқ. «Дар ин ҷо ягон мард ҳаст? Аспатро зин зан». Инак, онҳо ду нафар не, се нафар не, даҳ нафар не, балки садҳо ва ҳазорҳо нафаранд. Ба назди уқоб уқоб парида рафт, аз қафои одам одам рафт Ба ҳамин минвол халқи Доғистон ба вуҷуд омад. Боди дара гаҳвора меҷунбонад. Рӯди кӯҳӣ суруд мехонад:

Куҷо будӣ, Дингир–Дангарчу?

Ҷангал рафтанд Дингир– Дангарчу.

Писар таваллуд шуд – ба таги болинаш ханҷар гузоштанд. Ханҷар чунин катиба дошт: «Падарат дасте дошт, ки ман дар он меларзидам, оё дасти ту ҳам чунин мешуда бошад?»

Духтар таваллуд шуд, ба дастаи гавҳорааш зангӯлачае овехтанд, ки он чунин катиба дошт: «Хоҳари ҳафт додарон шавӣ».

Дар дараҳо арғунчакҳое, ки ба сари ду шах бастанд, алвонҷ мехӯранд. Писарон калон мешаванд, духтарон ҳам. Халқи Доғистон калон шуд, мӯйлаб баровард, мӯйлабаш тофтанбоб шуд.

Ҳамин тариқ, халқи Доғистон як миллиону сад ҳазор нафар шуд. Овозааш ба кӯҳҳои дур рафт, шуҳраташ ба дили истиллогарони ҳарис оташ андохт ва онҳо ба Доғистон дасти тамаъ дароз карданд.

Доғистониён мегуфтанд: «Моро монед, дар хонаи худ бо падару модар ва зану фарзандони худ бишинем. Мо бе ин ҳам камем».

Душманон ҷавоб медоданд: «Кам бошед, ҳар кадоматонро зада ду пора мекунем, зиёд мешавед».

Ҷангҳо сар заданд.

Доғистон оташ гирифт, аланга зад. Дар кӯҳу дара, дар миёни шаху сахра сад ҳазор нафар фарзандони беҳтарини Доғистон, ҷавонони аз ҳама қавипайкар ва аз ҳама шуҷоу соҳибҳунар ҳалок гардиданд.

Вале як миллион нафар монданд. Бод ҳамчунон гаҳвора меҷунбонид, аллаи модарон ҳамчунон ба гӯш мерасид. Боз сад ҳазор нафар писарони Доғистон ба воя расиданд. Ба онҳо номи қаҳрамонони фавтидаро доданд. Сипас ба Доғистон истиллогарони араб ҳуҷум карданд.

Муҳорибаи бузурге ба вуқӯъ пайваст ва ҳамҳамаи он ба атроф рафт. Сарҳои аз тан ҷудо мисли сангҳо дар кӯҳу дараҳо парешон гаштанд. Сад ҳазор нафар фарзандони беҳтарини Доғистон ҳалок шуданд. Сад ҳазор ҷанговар, сад ҳазор барзгар, сад ҳазор домод, сад ҳазор падар.

Вале як миллион нафар монданд ва ҳамчунон гаҳвораҳо меҷунбиданд, модарон алла мегуфтанд:

Куҷо будӣ, Дингир–Дангарчу?

Ҷангал рафтаст Дингир– Дангарчу.

Сад ҳазори дигар ба воя расиданд ва он гоҳ шаҳаншоҳи Эрон Нодиршоҳи хуношом омад. Ӯ тамоми ҷаҳонро тасарруф кардан мехост, кори Доғистонро ба як зарба тамом карданӣ буд. «Як пуф кунам, монанди Ганг ба бод мераванд». Ӯ ба атроф хайма зад. «Наход, ки ҳамин мушҳо ба муқобили гурбаҳои ман ҷангиданӣ бошанд?» – чунин суханҳо мегуфт шоҳаншоҳ пеш аз муҳориба. Аммо дар охири муҳориба ӯ гуфт: «Тайёрам тамоми лашкарамро бар ивази як қаҳрамонашон – Муртазоалӣ бидиҳам». Нодиршоҳ басе суханпардозиҳо кард. Аммо қуввати барзаговро на аз наъра заданаш, балки аз кор карданаш мефаҳманд. Кӯҳистониён шоҳаншоҳи Эронро, чунонки бод хокистарро парешон мекунад, ба бод доданд, лашкаронашро зада сур карданд, водии бесамар ва ташналаби Чохро аз хуни худ ва аз хуни аҷнабиён басо об доданд. Аз ҳамон замон дар Эрон зарбулмасале вуҷуд дорад: «Шоҳ агар нодон бошад, ҷанг ба Доғистон кунад».

Ман дар Теҳрон авранги заррини Нодиршоҳро дидаам, ки онро аз Ҳиндустон овардаанд. Ман ғаниматҳои аз кишварҳои гуногун ситонидани ӯ, теғи лангардори ӯро ҳам дидаам.

– Ҳамин чизак ними ҷаҳонро дар итоат, дар биму ваҳшат медошт, – гуфтанд ба ман дӯстони эрониам.

– Аммо ба Доғистони хурд расида натавонист.

Деворҳои нигорхонаи дар Машҳад будаи Нодиршоҳро шеърҳои шоирони машҳури Эрон зинат додаанд ва ин ҳама ашъор дар ситоиши шоҳанд. Аммо халқи Доғистон ҳам сесад сол боз дар ҳаққи он шоҳ чунин суруд мехонад:

*На қасди қатлатон дорем, бигрезед, амон ёбед,*
*Шуморо сар намебуррем, то бераҳм нашморед.*
*Шуморо зинда бигзорем, то аз ин фирори худ*
*Ҳам аз фирӯзии мо пеши шоҳи худ хабар оред.*

Дар Эрон ақидае доранд, ки Нодиршоҳ халқҳои парокандаро муттаҳид намуда, давлати тавонои Эронро ташкил кардааст. Шояд, ҳамин тавр бошад. Вале ман ҳаминро низ мехостам илова кунам, ки ӯ барои муттаҳид гардидани халқҳои парокандаи Доғистон, барои як шудани дилҳои мо ҳам ёрӣ расонид. Халқҳои Доғистонро нафрати умумиашон ба шоҳи истиллогар муттаҳид гардонид.

Доғистон дар ҷанги зидди шоҳ аз сад ҳазор нафар фарзандони беҳтарини худ маҳрум шуд. Чӯпону сайёдон, сангтарошону хокпошон, зарробону шоирон нобуд шуданд…

Вале як миллион нафар монданд. Гаҳвораҳо меҷунбиданд, сурудҳо танинандоз буданд, ошиқон маъшуқаҳои худро мерабуданд, даруни як бурқаъ мехуфтанд, бӯсу канор мекарданд ва насли

Доғистонро давом медоданд. Боз сад ҳазор нафар духтару писар, сад ҳазор досу ханҷар, доираву танбӯр ба дунё омаданд.

Он гоҳ боз ҷанге сар зад. Дар дараву пайраҳа садои тӯппарониҳо баланд шуд. Дар ҷангалзори пуштакӯҳҳо садои табару тешаҳо баланд шуд. Сарнайзаҳо дурахшиданд, тирҳо ғурриданд.

Оре, душман мӯру малах барин меомад, ба ҳисоби он рафтан душвор буд. Сурудҳои мо шаҳодат медиҳанд, ки як кас бар зидди сад кас меҷангид. «Як даст аз тан ҷудо шавад, бо дасти дигар меҷангиданд, сар агар аз тан ҷудо шавад, худи тан меҷангид, – нақл мекарданд қиссаҳои он ҷангро пирамардон. – Роҳу пайроҳаҳо ва дараҳоро бо аспони кушта банд мекарданд, худро аз нӯги шаххҳои баланд ба болои найзаҳо ҳаво медоданд. Ба мо мегуфтанд: бас аст хунрезӣ. Муқобилат фоида надорад. Куҷо рафта паноҳ меёбед? Бол надоред, ки ба осмон паред. Чангол надоред, ки заминро кофта, ба қабаташ дароед».

Аммо Шомил ҷавоб медод:

– Қаноти мо – шамшери мо. Чанголи мо – ханҷарҳои мо, пайкону синони мо.

Кӯҳистониён бо сардории Шомил бисту панҷ сол ҷангиданд. Дар он солҳо на танҳо симои Доғистон, балки номи мавзею дарёҳои кӯҳистон ҳам дигар шуд. Авар–Қӯйсу Қаро–Қӯйсу ном гирифт, ки маънияш рӯди сиёҳ аст. Шаххҳои захмдор, дараҳои марг пайдо шуданд, дарёи Валерик машҳур гардид, дар лавҳи хотири халқ пайроҳаи Шомил, роҳи Шомил, рақси Шомил барин мафҳумот нақш бастанд.

Ин ҷанг дар кӯҳи Ғуниб пурфоҷиа поён ёфт. Дар қуллаи он кӯҳ имом охирин бор намоз хонд. Ҳангоми намоз ба дасти боло бардоштаи ӯ тир расид. Шомил наҳаросид ва ба намозаш давом дод. Хун ба зонуи имом ва ба рӯи санге, ки дар болояш истода намоз мехонд,чарақсид. Имоми тирхӯрда намози худро ба итмом расонид. Даме ки ӯ аз сари намоз бархост, муқаррабонаш гуфтанд:-

– Ту захм хӯрдӣ, имом.

– Ин захм– ҳеҷ гап нест. Сиҳат мешавад. – Шомил як даста алафро канда, дасти хунолудашро пок кард. – Доғистон захми сахт хӯрдааст. Он захмро даво кардан душвортар.

Дар ҳамин лаҳзаи вазнинтарин имом аз арвоҳи родмардони худ, ки кайҳо хокашон бурдааст, имдод металабид. Ҳам аз арвоҳи онҳое, ки дар Охулго шаҳид шудаанд, ҳам аз арвоҳи онҳое, ки дар Хунзах ҷон супоридаанд, ҳам аз арвоҳи онҳое, ки дар оғӯши санглохи назди авули Салтӣ хобидаанд, ҳам аз арвоҳи онҳое, ки дар Дарғо фавтидаанд, имдод мехост.

Ӯ ҳамавул ва пешгузаштаи худ, нахустин имом Қозӣ Муҳаммад, Ҳоҷӣ Муроди ланг, Алибеқилов, Оҳбердилов ва бисёр диловарони дигарро ба ёд овард. Яке сар аз тан ҷудо, дигаре даст аз тан ҷудо, сеюмӣ

бо дили аз тир сӯрох, ҳама дар зери хоки Доғистон хобанд. Ҷанг марг гуфтан аст. Марги сад ҳазор нафар фарзандони беҳтарини Доғистон.

Вале Шомил вақти аз Русияи бузург гузаштанаш ҳамоно исрор мекард:

– Доғистон хурд аст, халқамон кам. Ман ақаллан боз ҳазор шамшерзан медоштам.

Дар Ғуниби Боло санге ҳаст, ки чунин катиба дорад:

«Дар болои ҳамин санг княз Барятинский нишаста, Шомили асирафтодаро қабул кардааст».

– Тамоми ҳаракату муборизаҳоят беҳуда буд, – гуфт княз ба асири худ.

– Не, беҳуда не,–ҷавоб дод Шомил. – Дар ёди халқ мемонад. Муборизаи ман басо хундоронро бародар кард, бисёр авулҳои байни худ низоу нифоқ доштаро муттаҳид кард, ин мубориза бисёр халқҳои Доғистонро, ки байни худ кинаву адоват доштанд ва ҳар кадоме «халқи ман», «миллати ман» гӯён даъво мекард, ба як халқи Доғистон муттаҳид намуд. Ман меҳри ватан, меҳри Доғистони ягонаю муттаҳидро ба даст овардам ва онро ба наслҳоям мерос мемонам. Магар ин кам аст?

*Дар қади шамшери Шомил чанд ҳарф*
*Ёд дорам аз замони кӯдакӣ:*
*«Нест голиб, ҳар кӣ дар майдони ҷанг*
*Оқибатандеш бошад андаке».*

*Шоиро, бигзор ин панди накӯ*
*Доимо бо хомаат анбоз бод:*
*«Нест голиб, ҳар кӣ дар майдони ҷанг*
*З–оқибатҳои масоф овард ёд».*

*Шабонгаҳ мерасад бар гӯши ман овози пойи ӯ,*
*Чарогамро кушам, дар пеши шиша мешавад пайдо.*
*Гаҳе чун мӯйсафеде аз Ғуниб ояд ба назди ман,*
*Гаҳе чун ҳомии бозардаи овули Охулго.*

Ман аз падарам пурсидам:

– Барои чӣ арабҳо, Темур, Нодиршоҳ ба мо ҳуҷум мекарданд, хун мерехтанд, тухми кинаву адоват мекоштанд? Чӣ даркор буд ба онҳо Доғистони мо.

– Ман ба ту қиссаи як одами хеле сарватдорро нақл мекунам. Ҳо, вай бой буд. Болои толе баромада дид, ки тамоми водӣ, аз домани кӯҳсор то соҳили баҳр, пури рамаҳои ӯст. Гову гӯсола ва галлаи аспонаш ҳам ҳадду ҳисоб надоштанд. Тамоми фазоро садои маоси барраҳояш фаро гирифта буд. Инро дида, дили он бой лабрези шодӣ

шуд ва ӯ бо тамоми ҳастиаш меболид, ки тамоми замин аз они вай асту тамоми чорпои рӯи замин чорпои ӯст.

Аммо чашми бой ногоҳ ба як порча замине афтод, ки холӣ аз рамаҳои ӯ монда буд. Ҳамон лаҳза дилаш ба дард омад, гӯё ки ба баданаш касе захми корде зада бошад. Бой бадқаҳр шуд ва бо даҳшат бонг зад: «Ҳой! Чист он як порча замине, ки пӯсти мӯяш рехтагӣ барин метобад? Наход барои пур кардани он гӯсфанди ман нарасад?! Ронед ба он ҷо рамаҳоро, ронед галаю подаҳоро!»

Вале падарам бештар дар бораи худи Шомил ҳикоят карданро дӯст медошт ва хусусан қиссаи мағлуб кардани Шомил як роҳзани нотарсро.

Боре имом бо муридони худ ба кадом як авул рафтааст. Пирони авул ӯро адоваткорона пешвоз гирифтаанд. Онҳо гуфтаанд!

– Ҷанг ба диламон зад. Мо осоишта зиндагонӣ кардан мехоҳем. Агар ту намебудӣ, мо бо подшоҳ кайҳо оштӣ мекардем.

– Ҳой, кӯҳистониёни собиқ! Чӣ, шумо нони Доғистонро мехӯреду аммо ба душманонаш хизмат кардан мехоҳед? Оё оромию осоиши шуморо ман халалдор кардам? Ман онро муҳофизат карда истодаам.

– Имом, охир, мо ҳам доғистонием, лекин дида истодаем, ки ин ҷанг ба Доғистон ягон некӣ наовард ва минбаъд ҳам намеорад. Кас фақат бо якравӣ дур намеравад.

– Шумо доғистониед? Ҷойи истиқомататон дар ҳақиқат Доғистон, аммо худатон буздилед. Шуморо мефорад, ки дар вақти ҷонбозию ҷонкании Доғистон дар лаби оташдон аловро такурӯ карда шинед! Кушоед дарвозаҳоро! Ё худамон бо шамшер мекушоем!

Пирони авул бо имом хеле гуфтугузор карданд ва ниҳоят ба хулосае омаданд, ки ба рӯяш дарвозаҳоро кушоянд ва ӯро чун меҳмони олимақом, осоишта пазироӣ бикунанд. Бар ивази ин Шомил ба онҳо қавл дод, ки ягон нафар сокини ин авулро ба қатл нахоҳад расонд ва коҳи кухнаро бод нахоҳад кард. Вай дар бунаи як дӯсти содиқи худ манзил гузида, муддати чанд рӯз бо пирони авул гуфтугӯ кард.

Ҳамон вақтҳо як роҳзани пурваҳшате, ки қадаш ғӯли биёбон барин аз ду метр ҳам зиёд буд, мардуми авул ва атрофи онро ғорат карда мегашт. Вай ҳамаро аз як сар ғорат мекард, ғалла чорпо ва аспи одамонро зада мегирифт, сокинони авулро мекушт, метарсонид. Барои ӯ муқаддасоте вуҷуд надошт. Худою пайғамбар ва шоҳу имомро ба як пули пучак намегирифт.

Он гоҳ пирони авул аз Шомил илтимос карданд:

– Имом, аз ҳамин роҳзан халосамон бикун.

– Чӣ кораш бикунам?

– Бикуш, имом, бикуш. Худи вай чандин касро куштааст.

– Ман ба ҷамоати шумо қавл додам, ки дар авул ягон касро намекушам. Ал ваъдаю вал дайн гуфтаанд.

– Имом, илоҷе ёфта, моро аз дасти ин бадаъмол халос бикун!

Баъди якчанд рӯз муридони Шомил роҳзанро миёнгир карда, дастгир намуданд ва банд андохта, ба авул оварданду дар таҳхонае маҳкам карданд. Суди махсус– девон ҷамъ омад, то ҷинояткорро ҷазои сазоворе диҳад. Қарор доданд, ки чашми роҳзанро кофта гиранд. Он бадкорро кӯр карданду сипас боз дар таҳхона андохтанд.

Аз миён чанд рӯз гузашт. Як шаб, қарибии сапедадам, ҳангоме ки Шомилро сахт хоб бурда буд, дар хонааш садои тароққотуруқу гулдуррос баланд шуд. Имом аз ҷояш ҷаста ба атроф нигарист. Дид, ки дарро бо табар зада, майда – майда карда, ғурросзанону лаънатхонон ба сараш одами ҳайвонбашараи девсимое ҳамла меоварад. Имом фаҳмид, ки ғоратгар бо чӣ ҳилае аз зиндон гурехтааст ва ҳоло интиқомгирӣ омадааст.

Ҷуссаи азиме дандонҳояшро ғиҷирросзанон ҳамла меоварад. Дар як даст ханҷари калоне дошт, дар дасти дигар табар. Имом ҳам ханҷари худро ба даст гирифт. Ӯ муридонашро фарёд мекард, аммо роҳзан онҳоро кайҳо зада кушта буд. Авул дар хоб буд. Фарёди имомро касе намешунид.

Имом ақиб рафта–ақиб рафта, лаҳзаи мувофиқеро меёфту ба душманаш ҳамла мекард, аммо роҳзан табар ба даст худро кӯр–кӯрона ин сӯ-он сӯйи хона мезад.Вай тамоми анҷоми хонаро чаппаву роста карда партофт.

– Куҷоӣ ту, марди далер, ки дар китобҳо таърифат кардаанд? – бонг мезад он ғоратгари қавипайкар. – Дар куҷо пинҳон шудӣ? Биё, охир, маро дастгир бикун, дастонамро банд, чашмонамро кофта гир.

– Ман ин ҷо, – гуфт имом бо овози баланд ва дар як он худро ба дигар сӯ гирифт. Дами табар ба ҳамон ҷойи девор, ки Шомил як сония пештар меистод, сахт фурӯ рафт. Сипас Шомил лаҳзаи мусоидро ёфта, худро ба болои душманаш афканд. Душман аз Шомил пурзӯртар ва қаттолтар буд. Шомилро ба ин тарафу он тараф ҳаво додан гирифт, чанд захм ҳам зад. Аммо чусту чолокии Шомил кор медод ва ӯ ҳар бор аз захми корӣ раҳо меёфт. Задухӯрд қариб ду соат давом кард. Ниҳоят, роҳзан Шомилро даст гирифт, озод болои сар бардошт ва мехост ба замин занад, баъд сарашро аз тан ҷудо кунад. Аммо Шомил дар ҳаво ҳам чаққонӣ карда, ба сари ғоратгар чанд бор ханҷар зада тавонист. Ғоратгар якбора суст шуд, калавид ва монанди манораи хиштин, гулдуррросзанон ба замин зад. Ханҷар аз дасташ афтод. Субҳ ҳардуи онҳоро оғӯштаи хун диданд. Шомил аз нуҳ ҷои баданаш захм хӯрда буд ва як моҳи дароз худро дар он авул муолиҷа кунониданаш лозим шуд.

Муборизаи Шомил бар зидди душмани аҷнабӣ аз бисёр ҷиҳат ҳамин занозаниро ба хотир меоварад. Душман дар кӯҳистони барояш ношинос гоҳ мисли одами кӯр амал мекард. Вале Шомил аз

зарбаҳои душман устокорона гурехта, худ ба вай гоҳе аз паҳлуе, гоҳе аз қафо ҳуҷумҳо меоварад.

Ҳар як кӯҳистонӣ, ҳамоно, дар бораи Шомил тасаввуроте дорад.

Ман ҳам ӯро ба таври худ пеши назар оварда, тасаввур мекунам.

Вай ҳанӯз ҷавон. Дар рӯи суфасанги Охулго зону зада, дастони нав ба оби Қуйсу шустаашро ба намоз бардоштааст. Остинаш барзада. Зери лаб калимоте мехонад – баъзеҳо мегӯянд, ки ҳангоми намозхонӣ агар ӯ «аллоҳ» мегуфт, ба гӯши мардум «озодӣ» мерасид, агар «озодӣ» мегуфт, «аллоҳ» мерасид.

Вай кайҳо пир шудааст. Дар соҳили баҳри Хазар истода, бо Доғистон якумрӣ видоъ мекунад. Вай асири оқподшоҳ. Аз болои санг истода, ба амвоҷи пурхурӯши Хазар чашм медавонад. Зери лаб ба ҷойи калимаҳои «аллоҳ» ва «озодӣ» «алвидоъ»-ро такрор мекунад. Мегӯянд, ки одамон ҳамон лаҳза дар рухсораи ӯ чакраҳои обро дидаанд. Аммо Шомил ҳеҷ гоҳ намегирист. Шояд, он чарахсаҳои оби баҳр буданд.

Бо вуҷуди ин, ман ӯро аз рӯйи ҳамон нақли падарам, ки Шомил даруни хонаи тангу торе бо ғоратгари хашмгин ҷанги хунини тан ба тан мекунад, равшантар тасаввур менамоям.

Шомилу Ҳоҷӣ Мурод гоҳе ҷангиву гоҳе оштӣ буданд. Дар ҳаққашон басе қиссаву ривоятҳо вуҷуд доранд.

Боре сарбозони Шомил дар муҳосира монданд ва ба назар чунин мерасид, ки илоҷи халосӣ нест. Он гоҳ имоми пир Ҳоҷӣ Муродро ба наздаш хонд, гуфт: илоҷе биёб. Ҳоҷӣ Мурод ин супориши мушкилро қабул кард, аммо ба назди Шомил шарт гузошт, ки имом суханчинҳои виҷдонфурӯши фиребгарро аз худ дур бикунад. Шомил ваъда дод, ки чунин хоҳад кард…

Ҳоҷӣ Мурод роҳ нишон дод ва сарбозони Шомил аз дом раҳо шуданд. Шомил ҳам ба ваъдааш вафо кард.

Вале аз миён ду моҳ ҳам нагузашта, имомро ноибони виҷдонфурӯшу нотавонбин ва каззоб аз нав муҳосира карданд. Шомил ин тоифаро ҷоҳу ҷалол бахшида буд, аммо ин носипосон манфиати худро аз манфиати халқу ватан авлотар дониста, имомро фиреб медоданд ва дар ҳаққаш хиёнат мекарданд.

Баъди муддати зиёде, вақти дар Калуга, дар асорати подшоҳӣ буданаш, Шомил ба ҳаққи он касон ин тавр гуфта буд: «Ман гумон надоштам, ки аз лаби мӯйлабдор гапи дурӯғ мебарояд… Дар мубо// ризаи ман басе хатоҳо вуҷуд доштанд, лекин афсӯс, ки дар он мубориза кам чиз ба поквиҷдонии худи ман вобаста буд».

Шомил Ҳоҷӣ Муродро мартабаи ноибӣ бахшид ва ба Ҳайдаку Табасаран роҳӣ кард, то ки мардуми он ҷойҳоро ба тарафи худ кашад, дурусттараш, ба ҷанг ҷалб намояд. Ӯ бовар дошт, ки Ҳоҷӣ Мурод роҳи дилёбиро пеш мегирад, аммо ноиби нав дар Ҳайдаку Табасаран тиру туфанг ва тозиёнаю торсакиро ба кор бурд. Агар касе

ҷуръат намуда, аз қонун даҳон мекушод, Ҳоҷӣ Мурод ба вай мушташро нишон дода мегуфт: «Ана, ҳамин ба шумо қонун. Ман Ҳоҷӣ Муроди хунзахиям. Барои шумо қонуни асосӣ манам».

Овозаи бераҳмиҳои Ҳоҷӣ Мурод ба гӯши Шомил расид. Сипас, ӯ қосид фиристода, ноибро ба назди худ хост. Ноиб бо ғанимати бисёре баргашт. Дастаи ӯ подаю рамаҳои чорпо, галаҳои аспонро ҳай карда меомад. Худи Ҳоҷӣ Мурод ба рӯйи зини асп духтари соҳибҷамоли рабудаашро меовард. Ӯ майли шодӣ ва ҳазлу шӯхӣ дошт.

– Ассалому алайкум, имом! – гуфт Ҳоҷӣ Мурод ба пешвои худ, аз асп фаромада.

– Ваалайкум ассалом, ноиб. Хуш омадӣ. Чиҳо овардаӣ?

– Бо дасти хушк наомадаам. Нуқра овардам, рамаю гала овардам, қолинҳои хуб мебофанд.

– Духтари соҳибҷамол–чӣ? Духтари соҳибҷамол ҳам овардам. Боз чи хелашро! Барои ту овардам, имом?

Ин ду ҷанговар чанд лаҳза чашм ба чашми якдигар дӯхта истоданд. Сипас, Шомил гуфт.

– Бигӯй, ман ҳамроҳи ҳамин духтари соҳибҷамол ба ҷанг меравам? Ба ман гӯсфанд не, одам даркор. Бо ман асп не, аспсавор даркор. Ту чорпои онҳоро ғорат карда омадӣ. Ба ин корат онҳоро озор додӣ, дилашонро аз мо мономдӣ. Мебоист онҳо сарбози мо мешуданд ва дар ҷои ҳалоку маҷрӯҳшудагон меҷангиданд. Акнун ба ҷойи онҳо киро мемонӣ? Агар ҳайдакию табасараниҳо ҳамроҳи мо мебуданд, оё мо ба ҳодисаи дар Салтива Қирқабил рӯйдода дучор меомадем? Магар аз рӯйи инсоф аст, ки доғистониҳо доғистониҳои дигаррро хонахароб бикунанд?

– Имом, охир, онҳо дигар забонро нафаҳмиданд!

– Худи ту кӯшиш кардӣ, ки забони онҳоро бифаҳмӣ? Агар мефаҳмидӣ, кор бе тиру туфанг, бе тозиёнаю торсакӣ буд мешуд. Магар ғоратгарон ноиби мананд?

– Имом, ман – Ҳоҷӣ Муроди хунзахиям!

– Ман ҳам Шомили гимриям. Қубод Муҳаммад телетлӣ буд, Ҳусен – черкасӣ. Хайр, чӣ шудааст? Аварҳо, ҳиндолёлҳо, қумиқҳо, лазгиҳо, лакҳо, хайдакию табасараниҳое, ки ғораташон кардӣ – ҳамаи мо фарзандони як Доғистонем.. Мо бояд гапи якдигарро фаҳмем. Охир, мо ангуштони як дастем. Барои он ки муште гиреҳ шавад, бояд ҳамаи ангуштон ба ҳам сахт пайванд бошанд. Ба ҷасоратат ташаккур, Ҳоҷӣ Мурод. Ин ҳизматат ба ҳар мукофот меарзад. Сарат зеби дастор гардид. Лекин ин корат ба ман маъқул нест.

– Вақте ки дигарон ба сар ҳамин хел дастор доштанду ғоратгарӣ мекарданд, ту ба онҳо чизе намегуфтӣ, имом. Акнун дар куҷое барқе занад, ба сари ман меояд.

– Медонам, ту киҳоро дар назар дорӣ, Ҳоҷӣ Мурод: Оҳбердиловро, писари ман Қозӣ Муҳаммадро, балки худи маро. Ле-

кин Оҳбердилов дар Моздок душмани моро ғорат карда буд. Ман чизу чораи хонаҳоеро кашида гирифтам, ки ҳамроҳи мо рафтан намехостанд ва ҳатто ба мо муқобилат карданӣ шуданд. Не, Ҳоҷӣ Мурод. Барои ноиб шудан фақат дили бебоку ханҷари тез доштан кам аст. Боз каллаи хуб ҳам доштан даркор.

Чунин баҳсҳо байни Шомилу Ҳоҷӣ Мурод бисёр рӯй медоданд. Ин низоъҳо ба гапу гапчаҳо болобандӣ шуда паҳн мегаштанд ва оқибат адовати шадид дар миёни онҳо ҷудоӣ андохт. Ҳоҷӣ Мурод тарки Шомил гуфта, ба тарафи дигар гузашт ва сараш аз тан ҷудо шуд. Тани ӯ дар Нуҳ мадфун аст. Аҷаб тақсимоте: сараш ба душман расиду дилаш дар Доғистон монд. Чӣ тақдире!

## САРИ ҲОҶӢ МУРОД

*Бингарам чун бар сари бибридае,*
*Бишнавам гавғою шӯри корзор.*
*Ҷӯйи хун ҷорист байни сангҳо,*
*Аз авулҳои ба ҳам носозгор.*

*Медурахшад дар шуои офтоб,*
*Тез карда тегҳо дар саҳраҳо.*
*В–он касоне, ки муриди Кавказанд,*
*Саф кашида қад-қади ҳамгашти роҳ.*

*Пурсише кардам: «Сари ғарқоби хун,*
*Ту сари кӣ? Баҳри ман боре бигӯ:*
*Баъди он сон сарфарозиҳо чаро*
*Пеши ағёр инчунин хорӣ? Бигӯ».*

*Посух омад: «Ман сари Ҳоҷӣ Мурод.*
*Ҳар чӣ бар ман рафт, гӯям бо шумо:*
*Як замон раҳгум задам дар зиндагӣ,*
*Аз тани ӯ то чунин гаштам ҷудо.*

*Ҳам гуруру саркашиям шуд сабаб,*
*Ҳам набуда роҳи ман роҳи накӯ…»*
*Бингарам ман бар сари аз тан ҷудо*
*Дар набарди номусовӣ бо адӯ.*

*Аз тамоми роҳи дуродури даҳр*
*Баски фарзандони кӯҳсорем мо,*
*Зинда ё мурда, бибояд оқибат*
*Боз баргардем сӯи қуллаҳо.*

Имомро аз Доғистон бурданд. Қалъаҳои зиёде сохтанд, ки тиркашҳошон ба атроф чашм дӯхта бурданд ва аз он тиркашҳо тӯпу туфангҳо менамуданд. Агарчи онҳо тир намеандохтанд, гӯё чунин огоҳ мекарданд: Ором шинед, кӯҳистониён, ҳалим бошед.

*Аз рӯзи сиёҳи мардумони кӯҳсор,*
*Аз рӯзи сиёҳи дому дад, рӯди равон,*
*Гӯӣ, ки набуд роҳ то паҳное*
*Ҷуз роҳи аҷал – халосие аз зиндон.*

«Сарзамини ваҳшиён», – гуфта буд як губернатор вақти аз Доғистон рафтанаш. «Онҳо дар рӯйи замин не, дар қаъри партгоҳе зиндагонӣ мекунанд», – навишта буд дигаре.

«Ба ин ваҳшиҳои маҳаллӣ ҳамин заминашон ҳам зиёдатист», – гуфта буд сеюмӣ.

Аммо дар он замонаи гаронгӯш ҳам овози Лермонтов, Добролюбов, Чернишевский, Бестужев–Марлинский, Пирогов барин касон шунида мешуд. Оре, дар Русияи подшоҳӣ одамоне буданд, ки дили кӯҳистониёнро мефаҳмиданд ва дар ҳаққи халқи Доғистон суханҳои нек мегуфтанд. Кошки мардуми кӯҳистон он вақт забони чунин шахсонро фаҳмида метавонистанд!

Дар ҳайати дастаҳои Шомил бар муқобили подшоҳ на танҳо доғистониҳо, балки русҳо ва лаҳистониҳои баъди шӯриши соли 1863 ба Кавказ гурехта ҳам меҷангиданд. Деҳқонони рус, ки аз ҳуқуқи крепостноӣ гурехта, ҳамчунин ба Кафказ рафта буданд, барои сарбозони Шомил яроқ тайёр мекарданд. Нақл мекунанд, ки Шомил вақти дар Калуга дар бадарғаи подшоҳӣ буданаш аз ҷумлаи русҳо сарбозони собиқи худро дидааст…

*Ба зери барф монда ҷовидон кӯҳсори Доғистон,*
*Шабонаш бе саҳар бошад зи торикии ҷовидон. –*

гуфта буд як вақтҳо Сулаймон Сталский, ба кишвари азизи худ назар карда.

«Аз он рӯзе, ки Доғистонро ба зиндон афканданд, ҳамаи моҳҳои сол сивуякрӯзаанд», – навишта буд як замон падарам.

«Аё кӯҳҳо, мову шумо дар таҳхонаем», – гуфта буд як вақтҳо Абӯтолиб.

«Аз чунин ғам оҳувон дар кӯҳсорон ғамгинанд», – суруда буд Анхил Марин.

«Фикри ин дунё кардан ҳаргиз нашояд. Хинкали[1] ҳар кӣ серравғантар бошад, обрӯяш ҳам зиёдтар мешавад» – умедашро канда гуфта буд Маҳмуд.

«Дар ягон ҷо рӯзи рӯшноӣ нест»,– ба чунин хулоса омада буд Аҳмад Мунгии кубачигӣ тамоми ҷаҳонро давр зада.

Аммо Ирчӣ Қазоқ навишта буд: «Марди Доғистон бояд, ки дар ҳама ҷо марди Доғистон бошад».

Аммо Ботирой ҳам дар дами вопасини худ навишта буд: «Бигзор аз мардони далер писарони буздил нарӯянд».

Аммо Маҳмуд ҳам гуфта буд:

*Шаби торӣ ба қӯҳсорон агар гумраҳ задаст оҳу,*
*Биёбад оқибат пайроҳа ё роҳи аҷалро ӯ.*

Аммо Абӯтолиб ҳам гуфта буд: «Дар ин ҷаҳон ҳа нагуфта тундар меғуррад. Бигзор сахттар ғуррад».

Ва замоне расид, ки тундар ғурид. Аз дур ғуррид, зуд ба Доғистон нарасид, аммо хати сурхи гӯёе ҳамаашро: ҳам сарнавиштҳо, ҳам ҳаёти ҳар як одам ва ҳама одамизодро ба ду ҷудо кардааст. Нафрату муҳаббат, афкор, орзую омол – ҳамааш ду тақсим шудааст.

– Ғуррид!..
– Дар куҷо ғуррид?
– Чӣ ғуррид?
– Инқилоб.
– Инқилоби кӣ?
– Аз они фарзандони аҳли заҳмат.
– Мақсадаш?
– Шаванд ҳар чиз ҳеҷ будагон!
– Рангаш?
– Сурх.
– – Сурудаш?
– «Ин аст қатъитарину охирин ҷанги мо».
– Артишаш?
– Тамоми гушнаву ситамкашон. Урдуи бузурги ранҷбарон.
– Забонаш, миллаташ?
– Ҳамаи забонҳо, ҳамаи миллатҳо.
– Сарвараш?
– Ленин.
– Инқилоб ба кӯҳистониёни Доғистон чӣ мегӯяд? Ба мо тарҷума бикунед.

Қаҳрамонону сарояндагон забони инқилобро ба ҳамаи лаҳҷаҳои Доғистон тарҷума карданд:

---

[1] Хинкал ба кӯрак ном таоми қадимии тоҷикӣ хеле монанд аст. (Тарҷумон).

«Халқҳои асрҳо ситамкашидаи Доғистон! Ба хонадони мо, ба киштзорҳои кӯҳистони мо пайроҳаҳои морпечи кӯҳиро тай намуда, Инқилоби бузург омад. Ба вай гӯш диҳед, барояш хизмат бикунед. Ин инқилоб ба шумо суханҳое мегӯяд, ки чунин суханҳоро ҳеҷ гоҳ нашунидаед. Инқилоб мегӯяд:

– Бародарон! Русияи нав ба шумо даст медиҳад. Онро бигиред, маҳкам фишуред ва ба ҳам пайвандед, ҳамин аст қудрату тавоноии шумо, эътиқоду эътимоди шумо.

– Фарзандони дараву кӯҳсор! Дарҳои худро ба рӯи ҷаҳони бузург бикушоед. Рӯзи нав не, балки қисмату ҳаёти нав оғоз меёбад. Ба истиқболаш бароед!

– Акнун шумо маҷбур нестед, ки дар назди пурзӯрон сар хам бикунед. Аз имрӯз эътиборан аспи шуморо каси бегона савор нахоҳад шуд. Акнун аспатон – аспи худатон, ханҷаратон – ханҷари худатон, киштзоратон – киштзори худатон, озодиатон – озодии худатон.

Забони «Аврора»-ро ба забонҳои халқҳои Доғистон ҳамин тавр тарҷума кардаанд. Онро Махачу Уллубий, Оскару Ҷалол, Қозӣ Муҳаммаду Муҳаммад Мирзо, Қорун ва дигар муридони инқилоб, ки ғамшарику дардошнои Доғистон буданд, тарҷума карданд.

Ва Доғистон ба истиқболи тақдири худ рафт. Мардуми кӯҳистон рангу сурудҳои инқилобро хуш пазируфтанд. Аммо душманони инқилоб тарсиданд. Тундаре, ки ғуррид, дар болои сари онҳо буд, замине, ки ҷунбид, дар зери пойи онҳо буд, баҳре, ки шӯрид, дар пеши чашми онҳо буд, кӯҳу сахраҳое, ки фурӯ рехт, дар паси сари онҳо буд. Ҷаҳони куҳан ларзиду фурӯ рафт. Вартаи бетаге пайдо шуд.

– Даст диҳед! – илтиҷо карданд душманони инқилоб, ки худро дӯстони Доғистон мехонанд.

– Дасти шумо хунолуд.

– Исто, нарав, ба қафо нигар, Доғистон!

– Ба чӣ нигарам, дар қафо чӣ ҳаст? Қашшоқию фитнагарӣ, ҷаҳолату хунрезӣ.

*– Доғистони хурд! Куҷо меравӣ?*
*– Ба ҷустуҷӯи бузургӣ меравам.*
*Кишварамро ҳокимон бас сӯхтанд,*
*Мулки ман буд шохҷоме баҳрашон.*
*Ҳокимон хӯрданд бо навбат ҳама,*
*Нашъаҳо бурданд эй бас душманон.*
*Лек баҳри халқи берӯзӣ, ки буд*
*Пой дар занҷиру дар завлонаҳо,*
*Зери ҳукми шоҳу ҷабри золиме*
*Буд озодӣ ягона муддао.*
*Тӯпи «Аврора» чу бо сад ғулғула*
*Ногаҳон ларзонд дунёи куҳан,*
*Мавҷи овози варо такрор кард*
*Бо ҳама халқи Ватан кӯҳсори ман.*

*Дид кӯҳистонӣ озодии худ,*
*Ки хаёлӣ нест, омад бовараш.*
*Русияи Шӯравӣ – даврони нав*
*Даррасид аз пушти кӯҳ чун ёвараш.*

– Завракчаи дар уқёнус афтода барин мешавӣ. Нобуд мешавӣ. Забонат, динат, оинат, попохат, сарат – ҳамааш несту нобуд мешавад! – гӯён метарсониданд онҳо.

– Ман аз пайроҳаҳои танг гашта одат кардаам. Наход, ки акнун дар роҳи васеъ поям шиканад? Ман ин роҳро басе ҷустуҷӯ кардаам. Ягон тори мӯйи сарам кам нахоҳад шуд.

– Доғистон аз дин гаштааст. Вай нобуд мешавад. Доғистонро наҷот диҳед! – гӯён қар-қар карданд зоғон, уллос заданд гургон. Дӯғ мезаданд, метарсониданд, илтиҷо мекарданд, мекуштанд, мефиребиданд. Ба сӯйи чароғи даргирифта киҳо санг нағуррониданд! Пули бузургро киҳо оташ заданӣ нашуданд! Ба ҷойи байрақе байрақи нав пайдо мешуд, ҷойи ғоратгареро ғоратгари нав мегирифт. Ту гӯйи Доғистони хурд пӯстине буд дар шаби сармои зимистону онро ба чор тараф кашола мекарданд, медарронданд, пора мекарданд. Аммо Доғистон, чун оҳуи аз дом раҳида медавиду мерамид. Ҳар кӣ даррандавор ба сӯяш ҳамла оварда, онро дошта гирифтанӣ мешуд. Чӣ шикориёне ба вай тир намепарронианд!

«Ман имоми Доғистон Наҷмуддин Готсинский ҳастам, аз тарафи халқ дар лаби кӯлӣ Андӣ интихоб гаштаам. Шамшери ман попоххоеро меҷӯянд, ки аз латтаи сурх ҳошия доранд!» «Бародарони ҳаммазҳаб, муслимин! Аз паси ман биёед. Байрақи сабзи исломро ман баланд бардоштаам», – мегуфт гулу дарронида дигаре. Номи ӯ Узун Ҳоҷӣ буд.

«То сари буридаи охирин болшевикро ба нӯки хода зада, дар қуллаи кӯҳи балантарини Доғистон нагузорам, ман яроқамро ба мех намеовезам!» – фарёд мезад княз Нуҳбек Тарковский.

Худи ҳамон сол полковники артиши подшоҳӣ Қайтмас Алихонов дар Хунзах ба худ қасре созонда буд. Ӯ як марди кӯҳистониро ҷеғ зада оварду қасри худро нишон дод. Қайтмас, ки ҳам аз худ ва ҳам аз кӯшки худ меболид, аз марди кӯҳистонӣ суол кард:

– Хайр, чи тавр қасри мо?

– Барои одами мемурдагӣ беҳад хуб аст, – ҷавоб дод марди кӯҳистонӣ.

– Барои чӣ ман мемурдаам?

– Инқилоб…

– Ман инқилобро ба Хунзах омаданӣ намемонам! – гуфт полковник Алихон ва ҷаҳида ба аспи сафед савор шуд.

«Ман Саидбой – набераи имом Шомил. Ба ин ҷо аз назди султони Туркия омадам, то ки бо ёрии аскарони ӯ Доғистонро озод бику-

нам», – даъво кард боз як нохондае, ки ҳамроҳаш ҳар гуна подшоҳу бойҳои Туркия буданд.

«Мо – дӯсти Доғистон» – фарёд мезаданд таҷовузгарон ва оқибат ба сарзамини Доғистон десантҳои британӣ фаромаданд.

«Доғистон – дарвозаи Боку. Ман ба ин дарвоза қулфи мустаҳкам мезанам!» – худситоӣ мекард полковники артиши подшоҳӣ Бичераков ва оқибат Порт-Петровскро вайрон кард.

Меҳмонони нохонда бисёр буданд. Чӣ панҷаҳои палиде ба синаи Доғистон часпида, пироҳани онро надариданд! Чӣ байрақҳое дар ин ҷо намудор шуда, нопадид нагаштанд! Чӣ бодҳое навазиданд! Чӣ мавҷҳое сар бар санг зада, пош нахӯрданд!

«Доғистон, агар таслим нашавӣ, мо туро ба баҳр партофта, ғарқ мекунем!»– таҳдид мекарданд нохондаҳои аҷнабӣ.

Ҳамон вақт падарам навишта буд: «Доғистон ҳайвонеро мемонад, ки парандагон аз чор тарафаш нӯл мезананд».

Тирпарронӣ буд, оташфишонӣ буд, хунрезӣ буд, дуди шаху сахраҳо ба осмон мепечид, ғаллазор месӯхт, авулҳо хароб мегаштанд, одамон аз касалиҳо талаф мешуданд, қалъаҳо аз даст ба даст мегузаштанд. Чунин аҳвол чор сол давом кард.

«Замин мефурӯхтему асп мехаридем, гов мефурӯхтему ханҷар мехаридем», – мегуфтанд ҳамон вақт мардуми кӯҳистон.

Аспон бе савора монда, шиҳа мезаданд. Зоғон чашми мурдагонро мекофтанд.

Падарам Доғистони онвақтаро ба санге ташбеҳ медод, ки аз болояш басо дарёҳои гуногун ғулғулаафкан гузашта рафтаанд. Модарам онро ба моҳие монанд мекард, ки ба муқобили ҷараёнҳои пурталотум шино мекунад.

Абӯтолиб ба ёд меорад: «Кишвари мо чӣ сурнайнавозонеро надид!» Худи Абӯтолиб сурнайнавози дастаи партизанӣ буд.

Қиссаву таърихеро, ки дар вақташ ба шамшер сабт карда буданд, ҳоло ба қалам медиҳанд. Ҳоло он рӯзҳоро тадқиқ намуда, шуҳрату диловариҳоро бармекашиданд. Олимон ҳангоми баҳо додан ба қаҳрамонон миёни худ баҳсҳо мекунанд, ҳатто метавон гуфт ҷанг мекунанд.

Аммо қаҳрамонон ҷангида шуданд. Рости гап, ба ман аҳамияте надорад, ки кадоме якум буду кадоме дуюму кадоме сеюм. Як чизи дигаре аҳамият дорад: инқилоб ханҷари худро аз хуни охирин душмани куштааш ба домани чакмани черкасӣ пок карда, дар ғилоф андохтааст. Марди кӯҳистонӣ аз он ханҷар кайҳо дос сохтааст. Найзаи тези худро ӯ дар қабати сангҳои нишебӣ халидааст. Вай ба сари сипор хам шуда, замини худро меронад, барзаговҳояшро ҳай карда меравад, аз майдони худ ба ароба беда бор карда меравад.

Доғистон дар сари кӯҳи баланд байрақи сурх афрошта, буруташро тофтааст. Доғистон саллаи имоми сохта Готсинскийро хӯса кард,

худи имомро инқилоб ҷазо дод. Готсинский дар пеши суд чунин лобаву зорӣ намуд: «Оқподшоҳ Шомилро зинда мононд-ку. Як тори мӯяш ҳам кам нашуд. Чаро шумо маро мекушед?»

Доғистон ва инқилоб ба ӯ ҷавоб доданд: сари ту барин одамро Шомил ҳам мебуд, аз тан ҷудо мекард, вай мегуфт: «Хоинро зери замин беҳтар аз рӯйи замин аст». Оре, маҳкум ба ҷазо расид, аммо кӯҳе аз ҷо наҷунбид, касе оби дида нарехт, шахсе ба болои қабраш санге нагузошт.

Қайтмас Алихонов савори аспи сафедаш ба воситаи бешазори Сунтӣ фирор кард. Ҳамроҳаш ду писараш ҳам гурехтанд. Вале тири партизанҳои сурх онҳоро дарёб кард. Аспи сафеди полковник сархам ва лангон – лангон ба қалъаи Хунзах баргашт.

– Онҳо туро ба роҳи хато андохтанд, – гуфт ба ҳайвони безабон Муслим Атоев. – Доғистонро ҳам ба ҳамин роҳ андохтанӣ буданд.

Бичерковро ҳам зада пеш карданд. Дастаҳои парокандаи ӯ дар мавҷҳои Хазар ғарқ гаштанд. Мавҷҳо ба ҳам расида, «омин» гуфтанд. «Омин, – гуфтанд кӯҳҳо ҳам, – ҳар кас, ки дар рӯйи замин дӯзах сохт, ба дӯзах равад».

Дар Истамбул ман ба бозор рафтам. Аварҳои собиқ маро иҳота карда, пирамардеро нишон доданд, ки аз қабати издиҳом гузашта меомад. Вай ба ҷуволе шабоҳат дошт, ки ғаллааш рехтааст.

– Ин одам– Козинбой.

– Кадом Козинбой?

– Ҳамон Козинбое, ки бо аскарҳои султон ба Доғистон рафта буд.

– Наход вай ҳанӯз зинда бошад?

– Чи хеле ки мебинед, тани баҷон дорад.

Моро шинос карданд.

– Доғистон… Ман он сарзаминро медонам, – гуфт пири фартут.

– Шуморо ҳам дар Доғистон медонанд, – гуфтам ман.

– Ҳа, ман ба он ҷо рафтагӣ.

– Боз меравед? – пурсидам ман қасдан.

– Дигар намеравам, – гуфт ӯ ва ба сӯйи дукони худ шитобид.

Наход ин майдасавдогари бозори Истамбул фаромӯш карда бошад, ки дар Қосимкент дар худи сари замин се нафар хокпоши бегуноҳро куштааст? Наход вай шахсеро ба хотир наоварда бошад, ки духтараки кӯҳистонӣ, фақат барои наафтодан ба дасти яғмогарони ӯ, худро аз болои он шах ҳаво додааст? Наход, ин савдогар ба ёд наоварда бошад, ки писаракеро аз боғ дошта оварданд ва ӯ олучаашро аз дасташ кашида гирифта хӯрда буд ва донакашро рост ба чашми он бача пуф карда буд? Аммо ҳар чӣ ҳам бошад, вай фаромӯш накардагист, ки бо куртаю эзори так гурехта буду кӯҳистонизан аз қафояш чунин фарёд карда буд: «Ҳой, попохатонро фаромӯш кардед!»

Аз Доғистон ғоратгарон гурехтанд. Десантчиёни британӣ ҳам гурехтанд. Козинбой гурехт. Саидбой гурехт, набераи Шомил гурехт.

– Саидбой ҳоло дар куҷост? – пурсидам ман дар Истамбул.

– Ба Арабистони Саудӣ рафтагӣ.

– Барои чӣ?

–Ба кору бори тиҷорат. Дар он ҷо каме замин дорад.

Савдогарон! Дар Доғистон савдоятон барор накард. Инқилоб гуфт: «Бозор баста». Инқилоб тамоми палиду ифлосонро аз сарзамини Доғистон бо ҷойрӯби хунин рӯфта партофт. Акнун тани фарсудаи он «ҳомиёну наҷотдиҳандагони Доғистон» дар кадом як кишварҳои бегона сарсону саргардон аст.

Чанд сол муқаддам дар Бейрут конференсияи нависандагони Осиё ва Африқо шуда буд. Маро ҳам ба он конференсия фиристоданд. Баъзан на танҳо дар конференсия, балки дар ҷойҳое, ки моро таклиф мекарданд, сухан рондан лозим мешуд. Дар яке аз чунин шабнишиниҳо ман аз Доғистонам, аз одамони он, аз урфу одатҳои он нақл кардам, шеърҳои шоирони гуногуни Доғистон ва азони худамро хондам.

Баъди шабнишинӣ дар зинапоя маро ҷавонзани зебое аз роҳ дошт.

– Ҷаноби Ғамзатов, бо шумо гуфтугӯ кардан мумкин аст, барои ман каме вақт ҷудо карда наметавонед?

Мо шомгоҳ дар кӯчаҳои Бейрут сайругашт кардем.

– Аз Доғистон нақл бикунед. Илтимос, ҳамаашро нақл бикунед, – хоҳиш менамуд ҳамроҳи тасодуфии ман.

– Охир, ман навакак як соати дароз нақл кардам.

– Боз нақл бикунед, боз!

– Шумо бештар чиро донистан мехоҳед?

– О, ҳама чизро! Ҳар он чизе, ки ба Доғистон тааллуқ дорад!

Ман нақлро сар кардам. Мо таваккалан қадам мезадем. Ҳанӯз як ҳикоятамро ба поён нарасонида, ӯ хоҳиш менамуд:

– Боз, боз нақл бикунед.

Ман нақл мекардам.

–Шеъри худатонро ба аварӣ хонда диҳед.

– Охир, шумо аз хондани ман ҳеҷ чизро намефаҳмед!

– Майлаш.

Ман шеър хондам. Ҳангоме ки ҷавонзани соҳибҷамол хоҳиш менамояд, кас чӣ корҳоеро, ки намекунад. Бар замми ин, аз гуфтору ӯ чунон як шавқу ҳаваси самимӣ нисбат ба Доғистон эҳсос мешуд, ки илтимосашро рад намудан мумкин набуд.

– Як суруди аварӣ намехонед?

– Э, не. Ман суруд хонда наметавонам. «Ҳозир аз ман рақс ҳам талаб мекунад», – гуфтам дар дил.

– Мехоҳед, ман бароятон суруд хонам?

– Кошкӣ.

Ин дам мо ба лаби баҳр баромадем, ки сатҳи онро моҳи мунир сабзгун карда буд.

Инак, дар Бейрути дур зани соҳибҷамоли ба ман ношинос ба забони бароям номаҳфуму номаълум суруди доғистонии «Далалай»–ро хонд. Ҳангоме ки суруди дуюмро сар кард, фаҳмидам, ки ба забони қумиқӣ мехонад.

– Шумо забони қумиқиро аз куҷо медонед? – ҳайрон шудам ман.

– Афсӯс, ки ман онро намедонам.

–Суруд хондед–ку…

– Ин сурудро ба ман бобоям ёд додааст.

–Чӣ, бобоятон ба Доғистон рафта буд?

– Ҳа, ба як ҳисоб рафта буд.

– Кай?

– Медонед, бобои ман – Нуҳбек Тарковский.

– Полковник? Ҳозир вай дар куҷост?

– Дар Теҳрон зиндагӣ мекард. Ҳамин сол аз олам гузашт. Назъи ҷон буду фақат хоҳиш мекард, ки ҳамин сурудро хонам.

– Ин чӣ суруд аст?

– Суруди мурғони муҳоҷир. Вай ба ман як рақси доғистониро ҳам ёд дода буд. Бинед!

Зан, ба сони моҳи нав, саропо нур гашт, озодона бол кушод ва чунон хиромид, ки қувон ба рӯйи об чунин мехироманд.

Баъд ман аз вай хоҳиш намудам, ки суруди мурғони муҳоҷирро бори дигар хонад. Ӯ суханони ин сурудро ба ман тарҷума ҳам кард. Ба меҳмонхона рафта, ин сурудро аз ёд, ба забони аварӣ гардонида, навишта гирифтам.

… Оре, ба Доғистон баҳор омад. Вале ман ҳамоно андеша меронам: княз Нуҳбек Тарковский ба суруди мурғони муҳоҷир чӣ муносибат дорад? Чӣ даркор ёд кардани офтоби кӯҳҳои сурх ба шахсе, ки дар Теҳрони шоҳӣ зиндагӣ мекунад, ба полковнике, ки аз кишвари инқилоб ва аз интиқоми Доғистон фирор кардааст? Ба дили ӯ ҳасрату ёди ватан чи сон роҳ ёфтааст?

Аввалҳо, вақти дар Эрон зиндагӣ карданаш, Тарковский мегуфт: «Он чӣ, ки ба ману ба Доғистон рӯй дод. хатои тақдир аст ва ман бароиислоҳи ин хато ба он ҷо бармегардам». Тарковский ва муҳоҷирони дигар ҳар рӯз ба соҳили Хазар мерафтанд, то ки аз навигариҳои Доғистон воқиф шаванд. Вале ҳар бор медиданд, ки дар сари тири киштиҳои дар Хазар шиноварбайрақи сурх ҷилвагар аст. Тирамоҳон завҷааш аз ҷониби шимол омадани парандагонро дида, бо ҳасрат суруд мехонд. Вай ҳамон суруди мурғони муҳоҷирро ҳам мехонд. Вақтҳои аввал ин суруд ба княз Тарковский тамоман маъқул набуд.

Солҳо гузаштанд. Фарзандон калон шуданд. Полковник пир шуд. Вай дарк намуд, ки аз Доғистон якумрӣ маҳрум аст. Вай фаҳмид, ки тақдири Доғистон дигар аст, ин кишвар барои худ роҳи ягона ва дурустро худ интихоб намудааст. Сипас князи пир ҳам суруди мурғони муҳоҷирро сар кард.

Падарам гуфт:

– Доғистон ҳамроҳи онҳое намеравад, ки ҳамроҳи Доғистон нарафтанд.

Абӯтолиб илова мекард:

– Ҳар кӣ аспи каси дигарро савор шавад, зуд аз болояш меафтад. Ханҷари мо ба сару либоси дигарҳо намезебад.

Сулаймон Сталский навишта буд:

«Ман мисли шамшере будам ба хок пинҳон. Ҳукумати Шӯравӣ маро аз даруни хок баровард, зангамро шуста, тоза кард ва ман дурахшидам».

Падарам боз мегуфт:

– Мо ҳама вақт кӯҳистонӣ бошем ҳам, фақат акнун ба қуллаи кӯҳ баромадем.

Абӯтолиб илова намуд:

– Доғистон, баро аз таххона!

Модарам гаҳвора ҷунбонда чунин алла мегуфт:

*Бихоб осуда, дар кӯҳсор амонист,*
*Садои тир байни сахраҳо нест.*

– Моҳи аз ҳама кӯтоҳ феврал, аммо чӣ моҳи муҳим аст, – мегуфт инчунин Абӯтолиб, –дар моҳи феврал подшоҳро аз тахт афтониданд, дар моҳи феврал Ленин вакилони мардуми кӯҳистонро қабул карда буд.

Он вақтҳо занони авули Ругуҷаб дар васфи Ленин чунин суруде гуфта буданд:

*Ту аввал омадӣ, моро шумурди одами комил,*
*Ту худ додӣ ба дасти мо сипоҳу фатҳу нусратро.*
*Чу аз бими уқобон зогҳо ҳар сӯй бигрезанд,*
*Зи хуршеди Ленин ҳам дур шуд шабҳои бимафзо.*

Халқи сағир қисмати кабир дорад. Мурғони Доғистон месароянд. Суханони фарзандони инқилоб баланд садо медиҳанд. Ин фарзандро кӯдакон медонанд ва дар васфашон гап мезананд. Номи онҳо дар санги мазорашон сабт гаштааст. Аммо қабри баъзе каҳрамонҳо номаълум аст.

Ман шабонгоҳони ором дар кӯчаву хиёбонҳои пойтахти Доғистон гаштугузор карданро дӯст медорам. Даме ки номи

кӯчаҳоро механам, ба пеши назарам боз маҷлиси ревкомҳои ҷумҳурӣ ҷилвагар мешавад. Махач Дахадаев! Ман овози ӯро мешунавам: «Мо – мубориздони инқилоб. Забонҳои мо, номҳои мо, хислатҳои мо – гуногун. Вале ҳамаи мо як умумият дорем: Садоқат ба инқилоб ва ба Доғистон. Барои инқилоб ва барои Доғистон касе аз байни мо на хуни худро дареғ медорад, на ҷони худро».

Махачро ғоратгарони дастаи княз Тарковский куштаанд.

Уллубий Бӯйноқский. Овози ӯро мешунавам: «Душманон маро мекушанд. Онҳо дӯстони маро ҳам мекушанд. Аммо ангуштони ба як мушт пайвастаи моро ягон душман аз ҳам ҷудо карда наметавонад. Ин мушт гарон ва боэътимод аст, зеро ки инро мусибатҳои Доғистон ва ғояҳои инқилоб гиреҳ кардаанд. Ин мушт аз гулуи ситамгарон хоҳад гирифт. Инро дониста бошед!»

Коммунисти ҷавони Доғистон, Уллубийи бистуҳаштсоларо деникинчиён куштаанд. Онҳо ӯро дар биёбон куштаанд. Ҳоло дар он биёбон лола мерӯяд.

Ман овози Оскар Летсинский, Қозӣ Муҳаммад Оғосиев, Қорун Саидов, Алибек Баҳодуров, Сафар Дударов, Султон Саид Қозибеков, писару падар Ботурмирзоевҳо, Умаров-Чохскийро мешунавам… Ҳалокгаштагон зиёданд. Аммо ҳар як исм – ахгар, ахтар ва суруд аст. Ҳамаи онҳо қаҳрамононеанд, ки абадӣ ҷавон мондаанд. Онҳо Чапаев, Шорс, Шаумянҳои Доғистони моанд. Онҳо дар Ахта, дар дараи Аё–Кака, дар лаби наҳри Қосимкент, дар паси девори қалъаи Хунзах, дар Хасавюрти оташзада, дар Дарбанди қадима фавтидаанд. Дар дараи Арақон санге нест, ки ба рӯяш хуни комиссарони Доғистон нарехта бошад. Дар паси қатортеппаҳои Мочох барои дастгир кардани отряди Баҳодуров дом гузошта буданд. Темурхон Шӯра, Порт–Петровский ва ҳама чор рӯди Қӯйсу, ки акнун дар рӯйи онҳо ба ёдбуди қурбониён гулҳо мепошанд, чӣ хунрезиҳое дидаанд. Сад ҳазор нафар доғистониён – коммунистону фидоиён ҳалок гаштанд. Аммо халқҳои дигар Доғистонро шинохтанд. Миллионҳо нафар дӯстон ба Доғистони сурх дасти ёрӣ дароз карданд ва дастгирӣ намуданд.Доғистониён гармии ин дастони дӯстонро ҳис карда, гуфтанд: «Акнун мо кам нестем».

Ҷанг одам таваллуд намекунад. Аммо дар оташи ҷангҳои инқилобӣ Доғистони нав таваллуд шуд.

13 ноябри соли 1920 анҷумани якуми фавқулодаи халқҳои Доғистон даъват карда шуд. Дар анҷуман аз номи ҳукумати РСФСР Сталин сухан кард. Ӯ мухторияти Доғистони кӯҳистонро эълон намуд. Номи нав, роҳи нав, тақдири нав. Ин рӯз дар тақвимҳои Доғистон бо хати сурх ишора карда мешавад.

Дере нагузашта, фиристодагони Доғистонро Ленин дар хонаи дар Кремл будаи худ қабул кард. Пас аз суҳбати тӯлонии бароияшон фаромӯшношуданӣ Ленин мувофиқи хоҳиши кӯҳистониён ба онҳо

сурати худро бо навиштаи зерин ҳадя дод: «Барои Доғистони Сурх». Ин туҳфаи қиматтаринест…

Заргарони кубачигӣ ва дуредгарони унсукулӣ барои ин сурат чорчӯбаи беназире сохтанд.

Худи ҳамон сол аз бандари Махачқалъа киштии нави «Доғистони Сурх» ба шино баромад. Вале акнун худи Доғистон ба киштии азиме, ки ба баҳрпаймоии нави бузург баромадааст, монандӣ дошт.

«Ситораи саҳарӣ». Нахустин журнали Доғистонро чунин ном дода буданд. Ба Доғистон субҳ дамид. Ҳама дараҳо ба олами фарох боз гаштанд.

Дар рӯзҳои душвори ҷанги гражданӣ, вақте ки дар кӯҳсор дастаҳои Готсинский фармонравоӣ мекарданд, падарам аз як шарикдарси мадрасагиаш мактуб гирифт.

Дар мактуб ҳамдарси собиқи падарам дар бораи Наҷмуддин Готсинский ва аскарони ӯ нақл мекард. Падарам дар охири мактуб суханони зеринро хонд: «Наҷмуддин аз ту норозӣ. Ба назарам ҳамин хел намуд, ки вай мехоҳад, ту ба камбағалони кӯҳистон бо шеъре муроҷиат бикунӣ ва дар он шеър ҳақиқатро дар хусуси имом ҳикоят бикунӣ. Ман ҳаминро ба зимма гирифтам, ки бо ту гуфтугӯ мекунам ва ба ӯ ваъда додам, ки ту ин корро мекунӣ. Хоҳиш мекунам, ҳамин илтимоси ману дархости имомро ба ҷо ор. Наҷмуддин ба ҷавоби ту мунтазир аст».

Падарам чунин ҷавоб гардонид: «Модом ки чунин вазифаро ту ба зимма гирифтаӣ, пас худат дар бораи Наҷмуддин шеър навис. Агар гап дар бораи ман мерафта бошад, ман ба осиёби ӯ об сар доданӣ нестам. Вассалом, валкалом».

Дар худи ҳамон вақт болшевик Муҳаммад Мирзо Хизроев падарамро ба Темурхон Шӯра фарёд карда таклиф намуд, ки дар рӯзномаи «Кӯҳсори сурх» ҳамкорӣ бикунад. «Муроҷиат ба камбағалони кӯҳистонӣ» ном шеъри падарам ана, дар ҳамон рӯзнома чоп шуда буд.

Падарам дар васфи Доғистони нав шеър мегуфт, вай бо рӯзномаи «Кӯҳсори сурх» ҳамкорӣ мекард. Вақт даргузар буд. Муҳаммад Мирзо Хизроев духтар ёфт. Падарамро хостанд, то ки ба навзод ном гузорад. Падарам тифлро баланд бардошта гуфт:

– Зуҳра!

Ситораҳои нав ба дунё омаданд. Кӯдаконе, ки номи қаҳрамонони фавтидаро доштанд, калон мешуданд. Доғистон ба гаҳвораи азиме шабеҳ гардид.

Мавҷҳои Хазар Доғистонро алла мегуфтанд. Мамлакати бузург бар сари Доғистон, ҳамчун ба сари тифле, ғамхорона хам шуд.

Модарам он вақтҳо дар васфи парасту, дар бораи гиёҳҳое, ки аз қабати санг мерӯянд, дар ситоиши гулҳои тирамоҳ сурудҳо хонда, алла мегуфт.

Дар хонаи мо се писару як духтар ҳамин аллаҳои модарро шунида, калон шуданд.

Дар Доғистон боз сад ҳазор нафар писарону духтарон ба воя расиданд. Деҳқонону чорводорон, боғбонону моҳидорон, сангтарошону заргарон, аграномҳову духтурон, муаллимону инженерон, шоирону ҳунарпешагон ба камол расиданд. Киштиҳо шиновар шуданд, ҳавопаймоҳо ба парвоз омаданд, чароғони бемислу монанд фурӯзон гаштанд.

– Ман акнун соҳиби сарвати бузургам, – гуфт Сулаймон Сталский.

– Ман акнун на танҳо ва на фақат барои авулам, инчунин барои тамоми мамлакат масъулам, – гуфт падари ман.

– Сурудҳоям, ба парвоз оед, сӯи Кремл шитобед! – нидо кард Абӯтолиб.

Наслҳои нав дар халқ ҷиҳатҳои наве ба вуҷуд меоварданд.

Мамлакати бузурги Шӯроҳо – дарахти азимест. Доғистон – як шохи ин дарахт.

Инак, ба мо фашистон ҳамла оварданд, то ки ин дарахтро решакан бикунанд, тану шоху барги онро оташ зананд.

Он рӯз ҳаёт мебоист ба ҷараёни муқаррарии худ мерафт. Дар Хунзах якшанбебозор буд. Дар қалъа – намоиши комёбиҳои хоҷагии қишлоқи ноҳия. Дастаи ҷавонон барои фатҳи қуллаи Зинкӯҳ рафта буд. Театри аварӣ намоишномаи падарам «Сандуқи офатҳо»–ро таҳия мекард. Бегоҳ мебоист тамошои аввалини он намоишнома барпо мешуд.

Аммо пагоҳӣ сандуқи офатҳое боз гардид, ки офатҳои дигарро фаромӯш кардан лозим шуд. Пагоҳӣ ҷанг сар зад.

Фавран аз авулҳои гуногун мардону ҷавонон, чӯпонону деҳқонони дирӯзаву ҳимоятгарони имрӯзаи Ватан саф–саф омадан гирифтанд. Кампирону кӯдакон ва занон дар болои боми ҳамаи авулҳои Доғистон истода, аз паси рафтагон нигоҳи мадиде мекарданд. Рафтагон дуру дароз мерафтанд, бисёриҳо – абадӣ. Фақат чунин садоҳо ба гӯш мерасид:

– Хайр, модар.

– Саломат бошед, падар.

– Хайр, то дидан, Доғистон!

– Роҳи сафед, фарзандонам, ғалаба карда баргардед.

Аз Махачқалъа қаторахо пайи ҳам мераванд, гӯё ки кӯҳҳоро аз баҳр ҷудо карда мераванд. Онҳо ҷавониву қувват, зебоиву таровати Доғистонро мебаранд. Ин қувват ба тамоми мамлакат лозим шудааст. Фақат чунин суханон ба гӯш мерасиданд:

– Хайр, то дидан, азизам.

– Хайр, завҷаи меҳрубонам.

– Маро партофта нарав, ҳамроҳат бар.

– Ғалаба карда, бармегардем!

Қаторахо равонанд, беором равонанд.

Омӯзишгоҳи омӯзгориамон ба ёдам меояд.

Дар назди мақбараи қурбониёни инқилоб полки савораи Доғистон саф кашид. Командири он партизани сурх, Қаро Қароеви номдор буд. Симоҳо ҷиддӣ, андешаманд. Полк савганд мехӯрад.

Пирамарди навадсола дар назди полк, ки ба ҷанг меравад, сухан мекунад:

– Афсӯс, ки ман имрӯз сисола нестам. Лекин ман ҳам бо се писарам рафта метавонам.

Баъд номҳои зерин пайдо шуданд: гурӯҳи ҳавопаймоҳои қиркунандаи «Доғистон», радаи танкҳои «Шомил», қатораи зиреҳпӯши «Комсомоли Доғистон». Падару писар дар як саф меҷанганд. Дар кӯҳистон шуҳрати ҷангӣ боз шуълаафкан шуд. Ҳалқаву даспонаю ангуштарину камарбанд, тухфаи домодону шавҳарон, бародарону падарон, тиллову нукра, сангҳои гаронбаҳо – маҳсули санъаткориҳои қадими Доғистонро занони мо ба мамлакати бузург доданд, то ки вай зафар ёбад.

Оре, Доғистон ба ҷабҳа рафт. Вай ҳамроҳи тамоми мамлакат ҷангид. Дар ҳар як қисми ҳарбӣ, миёни маллоҳон, миёни аскарони пиёдагард, миёни танкронон, миёни лётчикон, миёни аскарони артиллерия – дар ҳама ҷо доғистониёнро дучор шудан мумкин буд: яке тирандозу дигаре лётчик, яке командиру дигаре партизан буд. Аз тамоми ҷабҳаҳои калон ба Доғистони хурд хати сиёҳ меомад.

Авули мо Сада аз ҳафтод буна иборат аст. Қариб ҳамин миқдор ҷавонон ба ҷанг рафта буданд. Модарам дар замони ҷанг мегуфт: «Ман бисёр хоб мебинам, ки бачаҳои садагиамон дар Майдончаи Поён ҷамъ мешаванд». Вай гоҳо дар осмон ситораеро дида, мегуфт: «Эҳтимол, ҳозир ин ситораро ҷавонони авуламон ҳам дар ягон қарибии Ленинград дида истода бошанд». Вақте ки аз ҷониби шимол ба тарафҳои мо мурғони муҳоҷир парида меомаданд, модарам мепурсид: «Шумо ҷавонони садагии моро надидед?»

Духтарону занони кӯҳистон чунин номҳои барояшон номафҳум ва душорталаффузро аз мактубҳо хондаву аз радио шунида, ёдакӣ мекарданд: Керч, Брест, Корсун–Шевченковский, Плоешти, Констанса, Франкфурт на Майне, Бранденбург. Онҳо хусусан ду ном– Бухарест ва Будапештро фарқ карда наметавонистанд ва ҳайрон мешуданд, ки чаро ин ду шаҳри гуногун аст.

Оре, ҷавонони авули Сада ба куҷоҳое, ки рафта наомаданд!

Соли чилу сеюм ману падарам ба шаҳри Балашов рафтем. Дар госпитали он ҷо бародари калони ман вафот карда буд. Мо дар соҳили дарёчае қабрашро ёфтем ва ин навиштаро хондем: «Муҳаммад Ғамзатов».

Падарам ба болои қабр як бех тӯси русӣ шинонид ва гуфт:

## МАЗОРИСТОНИ САДА

*Мазористони овули Сада…*
*Андар кафан печидаву хобед,*
*Шумо ҳамсоягони ман, даруни гӯри торике,*
*Зи кишварҳои дуре бозгаштам ман ба кӯйи худ,*
*Шумо дигар намеоед ин ҷо, гарчи наздикед.*

*Дар овул дӯстон кам мондаанд аз дасти марги шум,*
*Шуда холӣ авули мо зи хешованду пайвандон.*
*Ту, додарзодаам, ҷони амак, аз баҳри чӣ имрӯз*
*Намеоӣ ба истиқболи ман бо чеҳраи хандон?*

*Чи бепарвою шӯху бегаме будӣ, чӣ шуд бо ту?*
*Зи болои мазорат солҳо чун об дар ҷарён…*
*Ҳама ҳамдарсҳоят хатм бинамуданд мактабро,*
*Ту андар синфи панҷум мекунӣ таҳсил ҷовидон.*

*Қазоро, гарчи бемаъниву беҷо буд, бишнидам*
*Дар ин водии хомӯшон, ки як ҷондор пайдо нест.*
*Садои сурнойи ҳамдиёри хеш Биаслон*
*Зи тори ҷӯри ӯ, ҳарчанд он ҷо ҳеҷ ово нест.*

*Дафи Абдусамад ҳам аз мазористон садо медод,*
*Ки гӯйи зинда буд ӯву накӯ санъатварӣ мекард.*
*Хаёлам, ин ду тан машшоқ андар тӯйи ҳамсоя*
*Зи шаб то субҳ базмороиву ромишгарӣ мекард.*

*Дарего!.. Сокинони ин маҳал маҳруми фарёданд,*
*Касеро гар кунӣ ово, на фарёде, на овое!*
*Мазористони овули Сада – водии хомӯшон*
*Барои ҳамдеҳонам вопасин маъвои дунёӣ.*

*Ту рӯз аз рӯз мегардӣ фароху беҳудуд акнун,*
*Шаванд анбӯҳтар санги мазори мурдагони ту.*
*Яқин донам, замоне ман ҳам ин ҷо рахт мебандам,*
*Ҷаҳонро тарк гӯям, то биёям бар ҷаҳони ту.*

*Тамоми роҳҳо ҳар ҷо, ки моро бурдаву оранд,*
*Замоне сӯйи ту оранд охир қолаби моро.*
*Зи овули Сада кам бинам ин ҷо дӯстонро, лек*
*Агарчи донам, онҳо даргузаштанд аз ҷаҳон кайҳо.*

*Ҷавону пир сарбозон, ҷавону пир ҷонбозон,*
*Шумо дур аз ватан мурдед, дур аз хешу пайвандон.*
*Ту, эй Исҳоқи Биаслон, куҷое хок гардидӣ?*
*Мазори ту куҷо, Ҳоҷӣ Муҳаммад, эй рафиқи ҷон?*

*Куҷоед, эй ҳама қурбониён, эй додарони ман?*
*Яқин донам, намебинем мо дидори ҳамдигар.*
*Валекин дар мазористони овули Сада, афсӯс,*
*Наёбам гӯратонро, то кунам аз ашки сӯзон тар!*

*Шумо бе дасту по гаштед андар корзори дур,*
*Шикофдид тир дилҳотон, на як ёре, на як марҳам…*
*Мазористони овули Сада, чун гӯрҳоятро*
*Парокандӣ ту дур аз хештан дар ақсои олам!*

*Кунун дар мулкҳои гармсеру сардсер, он ҷо,*
*Ки хуршед аст сӯзону дама бадхашм мешӯрад,*
*Зану дӯшизагон аслан авар гар нестанд, аммо*
*Ба меҳре дастагул оранд рӯи хоки ҳар гӯрат.*

«Акнун мазористони Садаи мо васеъ шуд. Авуламон калон шуд».

Дар авули мо дар девори идораи Деҳшӯро замони ҷанг як харитаи калон овезон буд. Он вақт дар тамоми мамлакат ин хел харитаҳо бисёр буданд. Одатан дар ин харитаҳо бо байрақчаҳои сурх хатти ҷабҳаро ишора мекарданд. Дар харитаи мо ҳам байрақчаҳо буданд, вале онҳо чизи дигарро ишора менамуданд. Ин байрақчаҳоро ба ҷойҳое халонида мемонданд, ки садагиҳои мо ҳалок гардидаанд. Дар харита байрақча бисёр буд. Дилҳои аз ин сӯзанҳои тез захмхӯрдаи модарон чӣ қадар бошад, ин байрақчаҳо низ ҳамон қадар буданд.

Оре, мазористони Сада хурд набудааст, авули мо хурд набудааст.

Модарони ғамгин ба назди занони фолбин мерафтанд, занони фолбин онҳоро тасалло дода, мегуфтанд: «Ана, ин роҳ. Ана, ин оташ. Ана, ин ғалаба. Писарат ба наздат гашта меояд. Амну амонӣ мешавад».

Занони фолбин ҳилагарӣ мекарданд. Аммо дар хусуси ғалаба онҳо хато накарданд. Дар девори Рейхстаг дар байни навиштаҳои дигар суханони зерин ҳам ба нӯги найза навишта шудаанд: «Мо аз Доғистон».

Боз пирамардону занон ва кӯдакон дар болои боми хонаҳо истода ба дуродур менигаристанд. Вале акнун онҳо уқобони худро гусел не, истиқбол мекарданд. Дар роҳҳои кӯҳӣ одамон қатор–қатор набуданд. Вақти рафтан ҳама якбора рафтанду вақти омадан як–як меомаданд. Баъзе занон ба сар рӯмолҳои рангину баъзеҳошон

рӯймолҳои сиёҳ доштанд. Модарони дигар аз аскарони баргашта мепурсиданд.

– Умари ман ку?

–Алии маро надидӣ?

– Муҳаммади ман кай меояд?

Модари ман ҳам ба сар рӯймоли сиёҳ баста буд. Муҳаммад ва Ахилчӣ, ду писари ӯ, ду бародари ман барнагаштанд. Бисёрии онҳое, ки модарам хоб дида буд ва дар хобаш дар Майдончаи Поён бозӣ мекарданд, барнагаштанд. Онҳое, ки занони фолбин «зуд бармегардад» гӯён фол дида буданд, барнагаштанд.

Ба авули на чандон калони мо сад нафар барнагаштанд. Аз тамоми Доғистон сад ҳазор нафар барнагаштанд.

Ба байрақчаҳои рӯи харита менигараму номи мавзеъҳоро мехонам ва номи ҳамдиёронам ба ёдам мояд. Дар қаъри баҳри Баренс Муҳаммад Ҳоҷиев монд, дар Симферопол – танкрон Муҳаммад Зоҳид Абдулманноф. Дар Сталингарад пулиемётчӣ Хонпошо Нуродилов, ки худ чечену аммо фарзанди Доғистон буд, ҳалок шуд. Дар Итолиё диловарписар Камолов командири партизанҳо буд ва дар ҳамон ҷо ҳалок гардид.

Дар ҳар як авули кӯҳистон ҳайкалҳои аҳромшакл истодаанд, ки тани онҳо пур аз номҳост. Кӯҳистонӣ ҳангоми наздик шудан ба ин ҳайкалҳо аз асп фуромада, попохашро аз сар гирифта мегузарад.

Дар кӯҳистон чашмаҳое равонанд, ки номи фавтидагонро доранд. Пирон дар назди чашмаҳо мешинанд, чунки онҳо забони чашмаҳоро медонанд. Дар пешгаҳи ҳар як хона ба деворе сурати онҳоест, ки ҷовидона ҷавон ва зебо мемонанд.

Вақте ки ман аз ягон сафари дур бармегардам, баъзе модарон бо умеди ниҳоние суолам мекунанд: «Тасодуфан писари маро надидӣ?» Онҳо ба сӯи қатори турнаҳо ба умеду орзуҳо ва дарду аламҳо менигаранд. Ман ҳам дами парвози турнаҳо чашм аз онҳо канда наметавонам.

## ТУРНАҲО

*Хаёлам, ҷумла сарбозон, ки аз ҷанг –*
*Зи саҳни корзорон барнагаштанд,*
*На мадфунанд дар гӯри шаҳидон,*
*Магар дар осмонҳо турна гаштанд.*

*Ҳама бо боли симин болафшон,*
*Ба мо ово диҳанд аз осмонҳо,*
*Вагарна аз чӣ рӯ мо лолу ғамгин*
*Нигаҳ созем бар парвози онҳо?*

*Бубинам шомгоҳи меголуд*
*Паранд андар фазои мулки дигар,*
*Саф андар саф, ту гӯйи одамонанд,*
*Ки по монанд андар хоки кишвар.*

*Ба дуриҳо паранду ном гиранд*
*Ҳама номи кадомин одамеро,*
*Аз ин рӯ, нестанд оё ҳамонанд*
*Забони турнаю лафзи аварҳо?*

*Қатори турнаро дидам ба парвоз,*
*Ба ёд омад ҳама ёру ҳарифон.*
*Миёнаш як ваҷаб ҷо холӣ дидам,*
*Яқин кардам, барои ман бувад он.*

*Расад рӯзе, ки дар шоми кабудфом*
*Парам бо турнаҳо ман ҳам замоне,*
*Садотон дардиҳам аз осмонҳо,*
*Шуморо, эй ки дар рӯйи заминед!*

Турнаҳо парвоз мекунанд, гиёҳҳо мерӯянд, гаҳвораҳо меҷунбанд. Гаҳвора дар хонаи ман низ се тифлро калон кард, ман се духтар дорам. Дигаре – чорто, баъзеҳо – даҳто, ҳатто понздаҳто доранд. Дар авули Сада сад гаҳвора меҷунбад, дар Доғистон сад ҳазор гаҳвора меҷунбад. Аз рӯйи серфарзандӣ Доғистон дар Федератсияи Россия ҷои якумро мегирад. Мо ҳоло якуним миллион нафар шудаем. Одам ҳар қадар зиёд бошад, тӯй ҳамон қадар бештар мешавад, тӯй ҳар қадар бештар шавад, одам ҳамон қадар зиёдтар мешавад.

Мардуми кӯҳистон мегӯянд, ки дар се маврид таъхир набояд кард: дар дафн кардани мурда, кушодани дастархон ба назди меҳмон ва ба шавҳар додани духтари қадрас.

Дар ҳар се ин маврид дар Доғистон таъхир намекунанд. Инак, овози даф баланд шуд, сурнай ба наво омад, тӯй оғоз гардид. Одамон қадаҳи аввалро бардошта, мегӯянд: «Бигзор арӯс писар ёбад!»

Боз се коре ҳаст, ки марди кӯҳистонӣ бояд бе чуну чаро иҷро намояд: шароби шоҳҷомро то тагаш нӯшидан, номи худро наку доштан ва дар соати санҷиш мардиро аз даст надодан.

Ба мардуми кӯҳистон санҷишҳои зиёде пеш омадааст. Путки тақдир ба сари бунаҳои Доғистон басо кӯфтааст, то онҳоро майдаву пароканда созад, аммо бунаҳо тоб оварда, устувор мондаанд.

Ва ҳол он ки дар ҷаҳон ҳанӯз ҳам оромӣ нест. Гоҳ дар ин ҷову гоҳе дар он ҷо тирпарронию бомбаандозӣ мешавад ва модарон, чун ҳамеша, тифлони худро ба сандуқи дил зер мекунанд.

Вақте ки дар осмон абри боронӣ пайдо мешавад, деҳқон ба саҳро мешитобад, то ғаллаи даравидаашро зудтар ғундорад. Вақте ки осмони ҷаҳон тира мегардад, халқҳо мекӯшанд ҷаҳонро муҳофизат бикунанд, аз раъду барқи ҷанг наҷот диҳанд.

Дар Доғистон ин тавр мегӯянд: шохи барзагови ҷангарaро бурида мепартоянд, саги газандаро занҷирбанд мекунанд. Агар дар ҷаҳон низ чунин одат мебуд, зиндагӣ осон мешуд. Ҳоло Доғистони хурд ғами ҷаҳони бузургро хӯрда, зиндагӣ мекунад.

Пештар, агар кӯҳистониён ба тохту торон мерафтанд, бо худ йигитҳои аз ҳад ҷавонро намебурданд. Аммо Шомил гуфт – бурдан даркор. Ангуштак хурд ҳам бошад, бе вай пурзӯр намешавад.

Бигзор Доғистон дар мушти бузургу гарони тамоми мамлакат ангуштаке бошад. Он гоҳ душманон ҳазор зӯр зананд ҳам, ангуштони ин муштро аз ҳам кушода наметавонанд.

Ин мушт фақат барои душманон аст, аммо дар китфи дӯстон танҳо кафи фарохи дастон мехобад. Кафи даст ҳам аздусар ангуштак дорад.

Вақте ки ба мамлакатҳои дигар меравам, аввало бо шоирон шинос мешавам. Суруд ба дили суруд хуб роҳ меёбад. Боз мекӯшам, ки бо ҳамдиёронам шинос шавам, агар чунинҳо бошанд. Албатта, ҳамдиёрони хориҷӣ гуногунанд. Аммо такабурро нисбат ба ҳамдиёрон маҳз барои он раво намедонам, ки онҳо гуногунанд. Ман онҳоро дар Туркия, дар Сурия, дар Ҷумҳурии Федералии Олмон дучор омадаам. Дар куҷоҳое дучор накардаам.

Як хел доғистониён ҳанӯз дар вақтҳои Шомил аз ватан дуру маҳҷур афтодаанд. Онҳо дар манзили худ рӯзи равшан надида, дар ҷустуҷӯйи бахти хуше баромада рафтанд.

Дигарон инқилобро нафаҳмида ё фаҳмидаву тарсида рафтанд, сеюмиро худи инқилоб зада пеш кардааст. Чорумӣ низ ҳастанд, ки онҳо аз ҳама нобакор, аз ҳама ночиз ва нобуданд. Ин тоифа дар ҳамин ҷанги охирин ба ватан хиёнат кардаанд. Ман доғистониҳои гуногунро дидаам. Дар Туркия ҳатто ба авули доғистониҳо рафтаам.

– Ин ҷо мо ҳам Доғистони хурд дорем, – гуфтанд ба ман сокинони он авул.

– Не, гапи шумо нодуруст. Доғистон фақат яктост. Ду Доғистон буданаш мумкин нест.

– Ба фикри ту, мо кистем, аз куҷоем?

– Бале, кистед ва аз куҷоед?

– Аз Карат, аз Ботлих, аз Хунзах, аз Акуш, аз Кумух, аз Чоҳ аз Соғратл. Мо ҳам, монанди онҳое, ки дар мазористони ин авул хобанд, аз авулҳои гуногуни Доғистон ҳастем. Мо ҳам Доғистони хурд ҳастем!

– Шумо будед. Баъзеҳо меҳоҳанд боз бошанд. Шояд инҳо ҳам доғистонианд? – пурсидам ман, сурати Готсинский, Алихонов ва Узун Ҳоҷиро нишон дода истода.

– Ҳа, кучҷоӣ буданд, набошад? Онҳо аз халқи худамон, бо мо ҳамзабон.

– Доғистон забони онҳоро нафаҳмид, онҳо забони Доғистонро.

– Доғистонро ҳар кас ба таври худ мефаҳмад. Ҳар кас дар дил Доғистон дорад.

– Аммо Доғистон на ҳамаро фарзанди худ мешуморад.

– Киро фарзанди худ мешуморад?

– Ба он ҷое, ки гаҳвораи фарзандони мо меҷунбад, биёед.

– Он ҷо дар ҳаққи мо чиҳо мегӯянд?

– Сангҳое, ки дар вақти бунёд кардани бинои Доғистон ба деворҳояш мувофиқ наомаданд ва зиёдатӣ шуда монданд. Баргҳое, ки боди тирамоҳон гирифта бурдааст, торҳое, ки ба шоҳтори танбӯр ҷӯр нестанд, – мегӯянд дар ҳаққи шумо.

Бо ҳамдиёрони дар диёри бегона зиндагӣ мекардагиам ман ҳамин тавр гуфтугӯ мекардам. Дар байни онҳо бой ҳам ҳаст, камбағал ҳам, нек ҳам, бад ҳам, поквиҷдон ҳам, бевиҷдон ҳам, фиребхӯрдагон ҳам, фиребдиҳандагон ҳам. Онҳо дар ҳузури ман рақси лазгӣ карданд, аммо доира бегона буд. Вақте ки «мо доғистониҳо якуним миллион нафарем» мегӯем, ин одамонро ҳисоб намекунем. Ҳангоми аз Сурия баргаштанам як аварзан гаштаю баргашта хоҳиш мекард, ки ба дарахти зардолуи дар Қирқабил буда салом расонам ва онро даст–даст карда монам.

Аварбачаҳое, ки падарашон ба зиёрати Макка рафтааст, дар соҳили баҳри Мармар ба ман гуфтанд:

–Маккаи мо – Доғистон. Ҳар касе, ки ба Макка рафта меояд, ҳоҷияш мегӯянд. Мо акнун ҳамон одамро ҳоҷӣ мегӯем, ки ба Доғистон рафта омадааст.

Боре дар Махачқалъа ба назди ман ҳоҷие омад, ки ватанашро чил сол надидааст.

– Хайр, чи тавр?- пурсидам аз ӯ. –Доғистон тағйир ёфтааст?

– Агар дар он ҷо нақл бикунам – бовар намекунанд. Лекин ҳаминро ба онҳо мегӯям, ки Доғистон ҳаст!

Доғистони ман ҳаст: Ҷумҳурӣ ҳаст! Халқ, забон, ном, урфу одат – ҳамааш ҳаст. Ин аст тақдири Доғистон. Тӯю сур мешавад, гаҳвораҳо меҷунбанд, қадаҳҳо ҷарангос мекунанд, сурудҳо садо медиҳанд.

## СУХАН

Калимаи «миллат» дар забони аварӣ маънии ғамхорӣ ҳам дорад. «Касе, ки ғамхори миллат нест, наметавонад ғамхори ҳама ҷаҳон ҳам бошад», – мегуфт падарам.

«Оё миллат бояд ғами касеро бихӯрад, ки вай ғами миллатро намехӯрад?» – мепурсид Абӯтолиб.

«Мурғу ғозу калламушҳо, ба фикрам, миллат надоранд, лекин одамон бояд миллат дошта бошанд», – мегуфт модарам.

Як миллату ду ҷумҳурӣ ҳам мешавад, аз они ҳамсояҳомон – осетинҳо барин. Як республикаю чил миллат ҳам мешавад.

«Як тӯда забонҳову халқҳо», – гуфтааст дар ҳаққи Доғистон мусофире.

«Аждаҳои ҳазорсар», – мегуфтанд Доғистонро душманон.

«Дарахти сершоху барг», – мегӯянд Доғистонро дӯстон.

«Дар рӯзи равшан чароғ ба даст ҷаҳонро саросар гардӣ ҳам, дар тамоми рӯйи замин ҷоеро ёфта наметавонӣ, ки ин хел халқаш кам бошаду халқияташ бисёр», – мегуфтанд сайёҳон.

Абӯтолиб шӯхӣ мекард:

– Мо барои инкишофи маданияти гурҷӣ хеле ёрӣ расонидем.

– Ту чӣ гуфта истодаӣ? Онҳо маданияти ҳазорсола доранд. Шота Руставели ҳаштсад сол пеш зиндагӣ кардааст., мо дирӯз хатнависиро ёд гирифтем. Мо ба онҳо чи хел ёрӣ расонида метавонистем?

– Ҳамин хел. Ҳар авули мо ба худ забон дорад. Гурҷиҳо ҳамсояи мо, ин забонҳоро омӯхта, муқоиса карданд. Онҳое, ки ин забонҳоро таҳқиқ мекарданд, мақолаю китобҳои илмӣ менавиштанд, олим, номзаду доктор шуданд. Агар дар тамоми Доғистон як забон мебуд, магар онҳо ин қадар доктор медоштанд? Ҳа, ана, ҳамин тавр.

Оре, дар бораи грамматика, синтаксис, фонетика, лексикаи забонҳои Доғистон китобҳои гуногун менависанд ва боз хоҳанд навишт. Дар ин ҷабҳа кор бисёр аст. Биёед, олимон, ба шумо ва ба фарзандони шумо ҳам мерасад.

Олимон баҳс мекунанд. Яке мегӯяд: дар Доғистон фалон қадар забон ҳаст, дигаре мегӯяд – баҳмон қадар. Яке мегӯяд – забонҳо ин тавр ба вуҷуд омадаанд, дигаре мегӯяд – он тавр. Дар муҳокимарониву далеловариҳои онҳо басо ихтиллоф ҳаст.

Вале ман фақат ҳаминро медонам, ки дар ҷойи мо одамони ба панҷ забон гап мезадагӣ савори як ароба шуда метавонанд, агар дар чорраҳае панҷ ароба таваққуф карда монад, ба сӣ забон ҳам гап задани одамонро шунидан мумкин.

Ҳангоме ки ташкилоти ҳизбии пинҳонкорро бо сардории Уллубий Бӯйноқский – онҳо шаш нафар буданд, – тирборон карданд, онҳо пеш аз марги худ ба панҷ забон ба душман лаънат хонданд:

Қумиқ Уллубий Бӯйноқский.

Авар Саид Абдулҳалимов.

Дарғӣ Абдулваҳҳоб Ҳоҷиев

Қумиқ Маҷид Алӣ-ӯғлӣ.

Лазгӣ Абдураҳмон Исмоилов.

Рус Оскар Лещинский.

Нависандаи доғистонӣ Муҳаммад Сулаймонов понздаҳ ҳикояи шавқовар дорад, ки онҳо бо понздаҳ қавми Доғистон бахшида шудаанд. Номи ҳикоятҳо низ «Понздаҳ Муҳаммад» аст.

Нависандаи рус Дмитрий Трунов дар бораи колхозе очерк навишта буд, ки дар он одамони сию ду қавм кор мекунанд.

Дар дафтарчаи Афандӣ Капиев қиссаи бо қатора дар як купе ба Маскав, ба анҷумани якуми нависандагони Шӯравӣ рафтани худаш ва боз се нафар нависандагони Доғистон – Сулаймон Сталский, Ғамзат Садаса ва Абдулло Муҳаммадов – сабт шудааст. Онҳо се рӯз дар роҳ буданд, ҳар се шоири халқии Доғистон, аммо бо ҳамдигар гуфтугӯ карда натавонистанд. Ҳар кадом забони худро дошт. Мақсади худро бо имову ишорат изҳор мекарданд ва матлаби якдигарро базӯр мефаҳмиданд.

Абӯтолиб давраҳои партизании худро ба ёд оварда нақл мекунад: «Дар сари як дегча талқон ба бист забон гап мезадем. Як халта ордро ба бист қавм тақсим мекардем».

Мо Ҷунғутаи Поён ҳам дорем, Ҷунғутаи Боло ҳам. Байни онҳо се километр роҳ аст. Дар Ҷунғутаи Поён ба забони қумиқӣ гап мезананд, дар Ҷунғутаи Боло – ба забони аварӣ.

Дарғиҳо мегӯянд, ки дар Миғеб дарғиҳо зиндагӣ мекунанд, аварҳо мегӯянд, ки дар Миғеб аварҳо зиндагӣ мекунанд. Худи сокинони Миғеб чӣ мегӯянд? Онҳо мегӯянд: мо на дарғиему на авар. Мо – миғебӣ. Мо забони миғебии худро дорем! Аз Миғеб ҳафт километр онсӯтар равӣ, ба Чох мерасӣ. Ба забони миғебӣ он ҷо гап назан. Чох забони махсуси худро дорад.

Мегӯянд, ки аз он сабаб асрори ҳунари заргарони кубачигӣ муддати зиёде ниҳон мондааст, ки забони онҳоро касе фаҳмида наметавонист. Сирро фош кардан хоҳӣ ҳам, ба кӣ фош мекунӣ?

Боз мегӯянд, ки хони Хунзах ҷосуси худро ба Гидатлӣ фиристода фармудааст, ки вай ба гапҳои дар годекану бозорҳо мегуфтаи гидатлигиҳо гӯш диҳад ва нияту мақсади онҳоро фаҳмида биёяд.

Ҷосус аз вақти муайяншуда зудтар баргаштааст.

– Ҳамаашро фаҳмидӣ?

– Ҳеҷ чизро нафаҳмидам.

– Чаро?

– Ҳар кадомаш ба забони худаш гап мезанад. Мо забони онҳоро намефаҳмем.

Як ҷавони кӯҳистонӣ ба духтараки зеботалъате ошиқ мешавад. Ӯ ба он духтар ин се калимаи дар замир доштаи худро навиштанӣ мешавад: «Туро дӯст медорам», – аммо дар мактаб не, балки дар ҷойҳои гузари духтар, дар он ҷойҳое, ки духтар изҳори муҳаббати ӯро дида тавонад: ба рӯйи шах, ба рӯйи пайроҳаи чашма, ба девори хонаи духтар, дар рӯйи танбӯри худ. Ин кори ӯ ягон бадӣ надошт. Аммо фикре ба сари ошиқ зад, ки ин се калимаро ба ҳамаи забонҳои Доғистон сабт намояд. Вай ба ҳамин ният ба роҳ баромада, гумон дошт, ки сафараш тӯл намекашад, лекин маълум мегардад, ки ин калимаҳоро дар ҳар авул ба тарзи худ мегуфтаанд.

*Дие мун йоқъула (аварӣ).*
*Заз вун кіанда (лазгӣ).*
*Ттун ина чча бура (лакӣ).*
*Хіу наб ригулра (даргӣ).*
*Мен сени сюемен (қумиқӣ).*
*Узуз уву ккундузуз (табасаранӣ).*
*Ме туре хосденъум (тотӣ).*

Он ҷо боз ботлихӣ, чохӣ, сумадинӣ, сунтинӣ ва ғайра ҳаст…

Мегӯянд, ки он ошиқ ҳанӯз дар кӯҳистон саргардон аст, маъшуқааш кайҳо шавҳар карда, пир шудааст, вале ҷавонмарди мо ҳанӯз он суханони худро навишта гаштааст.

– Намедонӣ, ба забони шумо «Туро дӯст медорам»–ро чи хел гуфтан даркор? – пурсид пирамарде аз ҷавоне.

Ҷавон духтараки дар паҳлуяш истодаро оғӯш карда, ҷавоб дод:

– Ба забони ман муҳаббатро ана, ҳамин тавр изҳор мекунанд.

Ҳар як парандача, ҳар як гул, ҳар як ҷӯйча дар Доғистон даҳҳо ном дорад.

Аз рӯйи Конститутсия дар мо ҳашт қавми асосӣ ҳаст: аварҳо, дарғиҳо, қумиқҳо, лазгиҳо, лакҳо, тотҳо, табасараниҳо, нӯғайҳо.

Мо ба панҷ забон панҷ маҷмӯаи адабӣ мебарорем. Онҳо чунин номҳо доранд: «Дуствал», «Дослуъ», «Тъалмагъдеш», «Гъудуллчи». Зимнан, ҳамаи онҳо як номи умумӣ доранд – «Дӯстӣ».

Дар Доғистон ба нуҳ забон китоб нашр карда мешавад. Аммо ба чанд забон суруд мехонанд? Ҳар як қолин хосса нақшу нигор дорад. Ҳар як шамшер хосса катибае дорад.

Аммо дар як даст ин қадар ангушт чи хел ба вуҷуд омад? Дар як Доғистон ин қадар забон чи хел пайдо шуд?

Бигзор олимон инро ба таври худ шарҳ диҳанд. Лекин падари ман ин тавр ҳикоят мекард:

«Расули Худованд хачирсавор ба рӯйи замин гашта, аз хӯрҷини калоне ба ҳамаи халқҳо забон тақсим мекард. Ба назди чиниҳо рафта, ба онҳо забони чинӣ дод. Ба назди арабҳо рафта, ба онҳо забони арабӣ дод. Ба юнониҳо забони юнонӣ дод, ба русҳо– русӣ, ба фаронсавиҳо – фаронсавӣ. Забонҳо гуногун буданд: яке нарму дигаре сахт, яке хушоҳангу дигаре хушобуранг. Халқҳои аз ин неъмат шод гардида ҳамон дам одамвор, ҳар кадоме ба забони худ, сухан оғоз карданд. Одамон ба шарофати забонашон хубтар мефаҳмидагӣ шуданд, як халқ халқи дигарро, ҳамсоя ҳамсояи худро хубтар мефаҳмидагӣ шуд.

Инак, он Расули Худованд хачирсавор ба Доғистони мо расид. Вай навакак ба гурҷиҳо забон дод, ки сонитар ба он забон Шота Руставели достони худро иншо мекунад, ҳамин ҳоло ба осетинҳо валинеъматӣ карда, забони осетинӣ дод, ки ба он сипас Коста Хетагуров асарҳо хоҳад навишт. Навбат ба мо ҳам расид.

Иттифоқо ҳамон рӯз дар кӯҳсори Доғистон бӯрон буд. Барф дар дараҳо печутоб хӯрда, ба осмон мебаромад, на роҳ менамуду на хонаҳо. Дар ҳавои тира садои ҳуштаккашии бод, гоҳе гумбурросзанон фурӯ рехтани сангу шаххо ва шалдурросзанон ҷоришавии чор дарё, чор Қӯйсӯи мо ба гӯш мерасиду халос.

– Не, гуфт забон тақсим мекардагӣ, ки кайҳо ришу мӯйлабаш ҳам ях карда буд, – ман ба ин кӯҳу камар часпида намегардам, боз дар ин хел ҳаво.

Ӯ хӯрҷинашро, ки дар даруни он боз як ду мушт забонҳои тақсимнокарда монда буд, гирифту аз болои кӯҳҳои мо рехт.

– Ҳар кӣ чи хел хоҳад, гирад, – гуфт.

Забонҳои ба замин рехтаро бӯрон бардошта, ба дараву кӯҳҳо пароканда кард. Ҳамин вақт ҳамаи доғистониҳо аз хонаҳои худ давида баромаданд. Онҳо саросема, якдигарро тела дода, ба сӯйи ин бӯрони неъматбахш, ки ҳазорҳо сол боз мунтазираш буданд, шитофтанд. Ба донаҳои гаронбаҳо дарафтода, ба ҳар кӣ ҳар чӣ расид, чидан гирифтанд. Кӯҳистониён ғаниматҳои худро гирифта, сӯйи бунаҳои худ гурехтанд ва то басанда шудани бӯрон нишастанд.

Пагоҳӣ хестанд, ки: ба рӯйи замин офтоб нур мепошад, гӯё ки тамоман барф наборида бошад… Нигаранд – кӯҳ! Акнун ин «кӯҳ». Номи онро гирифта, гап задан мумкин. Нигаранд – баҳр! Акнун ин «баҳр». Номашро гирифта, гап задан мумкин. Ҳамаи он чиро, ки ба чашм меафтад, акнун номбар кардан мумкин. Чӣ хурсандие! Ин – нон, ин – модар, ин– буна, ин – оташдон, ин– писар, ин – ҳамсоя, инҳо – одамон.

Ҳамаи одамон берун зада баромада, бо як овоз нидо карданд: «Кӯҳ!». Гӯш карданд – аз они ҳама ҳар хел баромад. Баробар «Баҳр!» гуфта, фарёд карданд. Аз они ҳама ҳар хел баромад. Аз ҳамон вақт аварҳо. лазгиҳо, дарғиҳо, қумиқҳо, тотҳо, лакҳо пайдо

шуданд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб ҳамаи ин якҷоя Доғистон ном дорад. Одамон аз гӯсфандон, аз гургон, аз аспон, аз малаххо ҷудо шуданд. Мегӯянд, ки ба одам шудани асп каме мондааст.

Эй расули Худо! Чаро ту ҳамон вақт аз бӯрон ва кӯҳҳои сар ба осмон тарсидӣ? Чаро забонҳоро ба сари мо таваккалӣ рехта рафтӣ? Ту чӣ кор кардӣ! Одамонеро, ки рӯҳу дилашон, урфу одаташон, тарзи зиндагониашон ин қадар ба ҳам наздик аст, ҷудо кардӣ, забонашонро ҳархела кардӣ.

Хайр, майлаш, ба ҳаминаш ҳам шукр. Забон ганда намешавад. Он тарафашро худамон як илоҷ мекунем. Ба дили якдигар роҳ меёбам, тавре мекунем, ки забонҳои гуногун моро аз ҳам ҷудо не, балки ба ҳам муттаҳид бикунанд.

Баъд ба мо Темури лангу арабҳо ва шоҳи Эрон ҳуҷум карданд ва ҳамаашон ҳаракат доштанд, ки забонашонро бори мо кунанд. Вале аз он ки дасти моро такон доданд, ангуштони мо кӯчида наафтид, аз он ки дарахти моро такон доданд, шохҳои он нашикаст.

«Забонро, ҳамчун кишвари азизи худ, эҳтиёт кардан даркор», – гуфтааст Шомил.

«Сухан ҳам монанди тир аст, беҳуда сарфаш накун». – илова намудааст Ҳоҷӣ Мурод.

«Вақте ки падар аз олам чашм мепӯшад, ба писаронаш ҳавлӣ, замин, шамшер, танбӯр мерос мегузорад. Аммо насле аз олам гузашта, ба наслҳои дигар забон мерос мегузорад. Касе, ки забон дорад, ба худ хона сохта, замин шудгор карда, шамшер сохта, танбӯр ҷӯр карда ва онро навохта метавонад», – падарам ҳамин тавр мегуфт.

Забони модарии ман! Намедонам, ту аз ман розӣ ҳастӣ ё не, вале ман бо ту зиндаам ва аз ту ифтихор дорам. Чунонки оби зулоли чашма аз қаъри тираи замин ба сӯйи офтоб, ба сӯйи сабзазор мебарояд, алфози забони модарии ман ҳам ҳамин навъ аз қаъри дилам ба забонам меояд. Лабонам ба ҳам мерасанд. Ба садои лабони худ гӯш медиҳам, ба ту-забони модариям гӯш медиҳам ва чунин мепиндорам, ки дарёи пуршӯри кӯҳӣ миёни тангноҳо ғуррида, ба худ роҳ меёбад. Ман ғурриши дарёро дӯст медорам. Ҳамчунин аз ғилоф берун шуда, ба ҳам хӯрдани ду ханҷари пӯлодӣ ва ҷарангоси онро дӯст медорам. Ин ҳама маъниҳо дар забони ман ифода доранд. Ман инчунин зери лаб изҳори муҳаббат карданро дӯст медорам.

Забони модарии ман, туро наметавонам чунон бисозам, ки ҳама бифаҳманд. Ҳар қадар, ки ту аз оҳангу садоҳо саршорӣ, туро талаффуз карда натавонистани шахси ғайри авар ҳамон қадар душвор аст, вале агар кас талаффуз карда тавонад, чӣ ширину гуворой! Инак, мисоли одие. Аз як то даҳ шумурдан: цо, кіиго, лъабго, ункъго, шуго, анлъго, микъго, ичiго, анciго. Агар ман каси ба забони аварӣ то даҳ шумурда метавонистагиро дучор оям, ӯро ба одами шуҷое баробар мекунам, ки ба дӯш санги калоне бардошта, аз як соҳили дарёи

пуртуғён ба соҳили дигари он гузашта метавонад. Агар то даҳ дуруст шумурда тавонӣ, он тарафашро ҳам метавонӣ. Аз ин пас ту шиноварӣ метавонӣ. Далерона пеш рафтан гир.

Дар ҳаққи одамони миллати дигар чӣ ҳоҷати сухан! Пирамардон ҳатто ба аварбачаҳои худамон мегуфтанд:

«Ку, се маротиба дарнамонда, Къода гъоркъ къверкъ қъвакъвадана» бигӯ. Ин чунин маънӣ дорад: «Дар таги пул қурбоққа вақ-вақ мекард». Ҳамагӣ чанд калима аст, лекин мо, бачаҳои авул, баъзан рӯзи дароз машқ мекардем, ки ин калимаҳоро дуруст ва зуд талаффуз намоем.

Абӯтолиб ба аварӣ гап зада метавонист, писарашро ба авули мо Сада фиристод, ки вай ҳам забони авариро ёд гирад. Вақте ки писараш баргашт, Абӯтолиб аз ӯ пурсид:

– Ба хар савор шудӣ?

– Савор шудам.

– То даҳ шумурда метавонӣ?

– Метавонам.

– Се маротиба «Къода гъоркъ къверкъ къвакъвадана» бигӯ.

Писараш гуфт:

– Ӯ–ҳӯ, гуфтан мумкин, ки ту оринҷатро газидӣ!

Чунинанд забонҳои авулҳои мо, ки дар тангноҳо фишор хӯрдаанд. Барои сабт кардани талаффузи мо, овозҳои мо, агар ба забони олимҳо бигӯем, барои транскрипсияи овозҳои мо – овозҳои халқӣ ва димоғӣ – дар ягон алифбо ҳарф ёфт нашуд. Бинобар ин, вақте ки барои мо алифбо тартиб медоданд, ба ҳарфҳои алифбои русӣ ҳарфҳо ва қӯшаҳарфҳои махсус илова кардан лозим шуд. Ин махсусан ба ҳамсадоҳо тааллуқ дорад. Инак, баъзе аз онҳо гь, хi, гi, хг, хъ, тсiи, къ, лъ лъл…

Шояд, аз ҳамин сабаб ҳар гуна китоби аварии ба забони русӣ тарҷумашуда аз аслаш ҳаҷман хурдтар менамояд. Ин китобро ба кӯҳистоние, ки се моҳ пайиҳам рӯза доштааст, ташбеҳ додан мумкин.

Касе аз Шомил пурсидааст:

– Ба Доғистон ин қадар қавми бисёр чӣ даркор?

– Барои он, ки ба сари яке аз онҳо мусибате ояд, дигарҳошон ба вай кумак карда тавонанд. Барои он, ки яке сурудро сар кунад, дигарҳошон ба вай ҳамовоз шуда тавонанд.

– Хайр, чӣ шуд, – мепурсанд акнун аз ман, – ҳама барои кумаки як қавм мебаромаданд?

– Мебаромаданд. Ягон қавм дар канор намемонд.

– Хайр, чӣ шуд, сурудҳо ҷӯр буданд?

– Ҷӯр буданд. Охир, ватанамон як аст. Оҳангҳо бисёранд, аммо ҳамаашон аз як суруд иборатанд. Байни забонҳо ҳудуд ҳаст, аммо

байни дилҳо не. Дар охир корномаҳои одамони гуногун ба ҳам омехта, ба як корнома табдил шуданд.

– Лекин, ба ҳар ҳол, оё миёни қавмҳои гуногун фарқе ҳаст? Ва он фарқ чи гуна аст?

– Ба ин савол ҷавоб додан хеле мушкил.

Дар ҳаққи қавмҳои мо мегӯянд: яке барои он ба дунё омадаанд, ки ҷанг кунанд, дигаре – барои яроқсозӣ, сеюмӣ – барои чупонӣ, чорумӣ – барои деҳқонӣ, панҷумӣ – барои боғбонӣ рӯидаанд… Вале ин гапи бемаънӣ. Ҳар як халқ ҷанговар ҳам дорад, чӯпон ҳам, оҳангар ҳам, боғбон ҳам. Ҳама қаҳрамон, сароянда, ҳунарвар доранд.

Аварҳо: ҷанговарони пештара Шомил ва Ҳоҷӣ Мурод, шоирон Ғамзат ва Маҳмуд, инқилобиён Махач ва Хизроев, қаҳрамонони Ҷанги Ватанӣ Муҳаммад Ҳоҷиев ва Саъдӣ Алиев.

Дарғиҳо: Ботирой, Баҳодуров, Аҳмад, Мунгӣ, Рабадон Нурдов, Қаро Қароев.

Лазгиҳо: Сулаймон, Эмин, Тоҳир, Оғосиев, Амиров.

Қумиқҳо: Ирчӣ Қазоқ, Олим Пошшо, Уллубий, Султон Саид, Зайнулобид, Ботир Мирзоев, Нухай.

Лакҳо: Қорун Саидов, Саид Ғабиев, Афандӣ Капиев, Сурхай, Хайр, баъди онҳо дӯсти ман Абӯтолиб.

Аз ҳар як қавм ман фақат касонеро номбар кардам, ки номашон дафъатан ба хотирам омад. Вале мо қавмҳои бисёре ҳам дорему одамони зиёди шуҳратманд ҳам… Ҷанговарони пештара ҳам ҳастанд, шоирон ҳам, ҳунарварон ҳам, қаҳрамонони даврони мо низ ҳастанд.

Дар ҳаққи яке мегӯянд, ки онҳо сабуксар, дар бораи дигарҳо – беақлнамо, дар хусуси сеюмӣ – дузднамо, дар ҳаққи чорумӣ фиребгар мегӯянд. Ба фикрам, ҳамаи ин туҳмат аст.

Дар байни ҳар як қавм одамони покфитрат ҳам вомехӯранд, пастфират ҳам, хубрӯ ҳам, зиштрӯ ҳам. Дуздро ҳам мейёбӣ, туҳматгарро ҳам. Лекин ин ҳама худи қавм нестанд, балки – алафи бегонаи ин мазраа.

Боз як рафиқи ман ин тавр мегуфт:

– Ман одамро дидан замон мефаҳмам, ки вай аз кадом қавм аст.

– Чи тавр?

– Бисёр осон. Мардуми як қавми Доғистон (номашро намегирем) ба Махачқалъа омадан баробар, пеш аз ҳама, ресторанро меҷӯянд ва ҷоеро, ки дар он бо ягон духтари хушрӯ шинос шудан мумкин аст. Се нафари онҳо як дастаи пурмағал, як дастаи сари дастархонро ташкил мекунанд. Мардуми қавми дигар (онро ҳам номбар намекунем) ба кино, ба театр, ба консерт медаванд.Се нафари инҳо бошад, он ҷо як оркестр, панҷ, нафарашон бошад – дастаи ҳофизону раққосон. Сеюмӣ ба китобхона мешитобанд, ҳаракат мекунанд, ки

ба институт дохил шаванд, рисолаи илмӣ ҳимоя бикунанд. Ҷойе, ки се нафари онҳо бошад – филиали Акедемияи илмҳо, фикру зикри чорумӣ ( боз номбар намекунем) фақат ин, ки як илоҷ карда, мошин бихаранд, ё ақаллан ронандаи таксӣ шаванд, ё ҳеҷ набошад, ба ГАИ ба кор дароянд. Ҷойе, ки се нафари ин одамон бошад – автобаза, ҷойе, ки панҷ нафар бошанд – парки таксомотор. Панҷумӣ ягон артел, мағоза, база, ошхона ё ақаллан дукончаро аз ҳама авлотар медонанд. Ҷойе, ки се нафари инҳо бошад – универмаг, ҷойе, ки онҳо панҷ нафаранд – промкомбинат.

Лекин ҳамаи ин гапҳо барои шӯхианд. Магар кавме ҳаст, ки мардҳояш духтарони зеборо дӯст надоранд ё дар тарабхона каме нишаста кайфу сафо ва шодию сурур кардан нахоҳанд?

Ҳамаи қавмҳо театри худ, рақсу суруди худро доранд. Мо боз дастаи ҳунарпешагони «Лезгинка» дорем, ки он барои ҳамаи қавмҳо умумист. Дар байни ҳама қавмҳо харидорони «Волга», талабгорони кори мағоза ёфт мешаванд. Вале ин магар хислати миллист? Абӯтолиб боре чунин дардро ном гирифт, ки пештар дар Доғистон онро ҳатто нашунида буданд: майпарастӣ.

Абӯтолиб ин тавр гуфт: «Пештар дар авули мо як майпараст буд, бинобар ҳамин ҳам, машҳур буд, ӯро ҳама мардуми атроф медонистанд. Акнун дар авули мо як одами ҳушёр ҳаст. Ба тамошои ин аҷоибот мардум аз ҷойҳои дур меоянд.»

Абӯтолиб дар ин бобат боз қиссаҳои бисёр нақл мекунад, лекин мо агар аз паси нақлҳои ӯ рафтан гирем, метарсам, ки он гоҳ мавзӯи суҳбатамонро тамоман фаромӯш мекунем. Мо аз он хусус муҳокима мерондем, ки аз кадом қавми Доғистон будани одамро чи хел фарқ кардан мумкин аст. Шояд аз либосаш? Аз дӯхти попох, тарзи пӯшидани попох? Вале ҳозир ҳама пиҷаки якхела, шими якхела, ботинкаи якхела, кепка ё шляпаи якхела мепӯшанд. Не, агар ягон чизи хоси як қавм ва онро аз қавми дигар фарққунандае монда бошад, ин ҳам забон аст. Ҳаминаш аҷиб, ки ҳатто вақти ба русӣ гап задани лазгӣ ё тот, авар ё дарғӣ, фақат аз рӯи талаффузаш, яъне фақат аз рӯйи забони русиро вайрон талаффуз карданаш қумиқро аз лаку лазгиро аз қумиқ зуд фарқ кардан мумкин аст.

Масалан, аварҳо дар забони гуфтугӯ ба ҳар калимае, ки бо ҳарфи «с» сар мешавад, «и»–ро илова мекунанд. «Истамбул» (Стамбул), «истакон» (стакон), «Исталский» (Сталский), «исон» (сон–хоб) мегӯянд.

Агар дар мобайни калима садои «и» ояд, онро партофта талаффуз мекунанд: авар ба ҷои «Сибир» «Сбир», ба ҷои «белиберда» «белберд» (сафсата) мегӯяд. Пас аз садои «т» мо нафас рост карда мегирем, гӯё ки пешпо мехӯрда бошем: «товарищи» – тӀоварищи (рафиқон).

Дар лафзи дарғиҳо ба ҷойи «о» аксаран «у» шунида мешавад, ба ҷойи «ю» ҳам «у» ба гӯш мерасад: «пучта» (почта), «кушка» (кошка–гурба), «лубовь» (любовь – муҳаббат). Агар «й» дар охири калима ояд, онҳо умуман онро талаффуз намекунанд. «Сталски» ба ҷойи Сталский.

Лакҳо садои «х»-ро нарм талаффуз мекунанд – «хь», «хьудожник» (рассом), «хьомут» (кучан). Масалан, Абӯтолиб ин тавр мегӯяд: «Хьапалиев Хьузангай приехьал» (Ҳапалиев Хузангай омад).

Хуллас, яке ҳамсадоҳоро дароз мекашанд, дигаре кӯтоҳ ва ҳатто партофта мераванд, яке андак сахттар гап мезананд, дигаре андак нармтар. Бисёриҳо ба ҷои «ф» «п» талаффуз мекунанд.

Боре мо дар ҳузури Абӯтолиб аз хусуси забонҳоямон сухан мерондем ва мусоҳиби ман тақлидкунон фарқи талаффузро дар забонҳоямон нишон медод. Абӯтолиб аввал гӯш кард, сипас, гапи ӯро бурида гуфт:

– Бишин, дам шав. Ту ин ҷо ба мо бисёр нақоранавозӣ кардӣ, акнун ман гап мезанам. Камбуди як одамро ба гардани як халқи тамом бор кардан лозим нест. Бо як бех дарахт беша намешавад. Ҳатто бо се бех дарахт ҳам. Ҳатто сад бех дарахт ҳанӯз беша нест. Масъалаи забонҳои мо – масъалаи душвор. Ин гиреҳ аз гиреҳҳоест, ки вақти бастани арғамчини тар пайдо мешаванд. Як вақтҳо ақидае доштанд, ки роҳи осони ҳалли масъала – чунин вонамуд кардан, ки ин гуна масъала вуҷуд надорад. Дар борааш сухан накушодан, ба он дахолат накардан – ин аст ҳалли масъала! Аммо ин масъала вуҷуд дорад. Дар замонҳои пеш ягон чиз монанди низои миллӣ одамонро маҷбур намекард, ки ҳар замон ба шамшер даст баранд.

Як мусоҳибаи матбуотӣ, ки дар Махачқалъа баргузор шуда буд, ба ёдам меояд. Сию ҳашт хабарнигори муқими Маскав, ки намояндаи бисту нуҳ давлати гуногун буданд, ба Доғистон омаданд. Онҳо аввал рафта авулҳоро диданд, бо кӯҳистониёну кӯҳистонизанони мо гуфтугӯйҳо карданд, сипас барои мусоҳибаи матбуотӣ ҷамъ омаданд. Фотоаппарату кинокамераҳо шарақ-шуруққунон ба кор даромаданд. Хабарнигорон қаламҳои худро тез карданд ва коғазҳои тозаро пештар кашида тайёр шуданд.

Ҳама ба сари мизи калоне нишастем. Дар байнамон Абӯтолиб аз ҳама калонсол буд. Бинобар ин, ба ӯ супориданд, ки мусоҳибаро оғоз намояд. Абӯтолиб чунин сар кард:

– Хонумҳо ва ҷанобон, рафиқон!.. (Мусоҳибаро бо чунин суханҳо оғоз кардан даркор, гӯён мо ба ӯ ёд дода будем. Он тарафашро худаш гап зад). Биёед, шинос мешавем. Ана, ин–худи ман. Ана, инҳо–шоирони машҳури мо…

Абӯтолиб суратҳои ба девор овехтаро нишон дод. Аз он суратҳо ба сӯйи меҳмонҳо Ботирой, Қазоқ, Маҳмуд, Сулаймон, Ғамзат, Афандӣ менигаристанд…

Абӯтолиб дар бораи ҳар яке аз ин шоирон чанд сухан гуфт: кӣ аз кадом қавм аст, кӣ ба кадом забон шеър мегуфт, чӣ рӯзгоре дошт, ба чӣ поя расид. Ҳангоме ки навбат ба сурати худи Абӯтолиб расид, вай заррае ҳам хиҷолат накашида шарҳ дод:

– Ана, ин –худи ман. Лекин гумон накунед, ки ман ба сари ин миз аз девор омадаам. Ман ба девор аз ин ҷо, аз сари ҳамин миз, афтодаам.

Баъд аз ин Абӯтолиб шоирони дар сари миз нишастаро ба меҳмонон шиносонид ва илова намуд:

– Мумкин, барои баъзе аз инҳо дар ин девор ҷой ёфт шавад. Шинос шавед: Аҳмадхон Абӯбакр, заргари кубачигӣ, нависандаи халқии Доғистон.

Фазу ва Мӯсо. Зану шавҳар. Дар як оила ду нависанда, ду романнавис, ду шоир, ду драмнавис. Баъзан якҷоя менависанд, баъзан ҷудо-ҷудо.

Муталлиб Митаров – домоди халқи авар, шоири табасаран.

Шоҳ Амир Муродов – «кабӯтари сулҳ». Шоири лазгӣ. Ҳамеша дар бораи кабӯтарҳо шеър мегӯяд.

Ҷомиддин – ҳаҷвнависи мо, Марк Твени мо. Ҳам литфонди мо.

Анвар – шоири халқии Доғистон, сармуҳаррири панҷ маҷмӯаи адабии мо.

Трунов – нависандаи рус, ки дар Доғистон зиндагонӣ мекунад.

Хизгил Авшалумов – нависандаи тот, ки ҳам ба забони модариаш асар менависад, ҳам ба забони русӣ.

Абӯтолиб боз нависандагони дигари Доғистонро ба меҳмонон шиноскунон маҷбур кард, ки Бадавӣ, Сулаймон, Саша Грач, Иброҳим, Алиризо, Маҷид, Ошиқ Рутулский як-як аз ҷой бархезанд. Ӯ меҳмононро бо муҳаррирони маҷмӯаҳои адабӣ шиносонид ва сипас гуфт:

– Аз рӯи одоби меҳмондорӣ мо ҳақ надорем, ки номи меҳмононро бипурсем…

Ҳамин дам меҳмонон ҳама бо навбат аз ҷой бархоста, худро шиносониданд: кӣ аз кадом мамлакат, ки аз кадом рӯзнома.

Пас аз ин, чунон ки дар мусоҳибаи матбуотӣ бибояд, саволу ҷавоб сар шуд.

Савол: Шумо ин қадар забон, ин қадар қавм доред, харҷу марҷи Бобулистон барин. Гапи якдигарро чи хел мефаҳмед?

Абӯтолиб ҷавоб медиҳад: Забонҳое, ки мо бо онҳо гап мезанем, гуногунанд, забонҳое, ки дар даҳони моанд – якхелаанд. (Даст ба сари дил гузошта) Ин хуб мефаҳмад. (Гӯшҳои худро кашида) Аммо инҳо – бад.

Савол: Ман хабарнигори рӯзномаи Булғористон. Бигӯед, оё дар байни забонҳои гуногуни Доғистон ба дараҷае, ки байни забонҳои булғорӣ ва русӣ ҳаст, қаробат вуҷуд дорад?

Абӯтолиб ҷавоб медиҳад: Забонҳои булғорӣ ва русӣ – бародарони ҳамтан. Забонҳои мо ба якдигар ҳатто бачаи амакбача нестанд. Калимаҳои якхела тамоман вуҷуд надоранд. Дар байни нависандагони мо як навъ гурӯҳбозӣ мешавад, лекин дар забонҳоямон ягон хел гурӯҳбозӣ нест. Ҳар як забон худ ба худ вуҷуд дорад.

Савол: Забонҳои шумо ба кадом забонҳо қаробат доранд, ба кадом гурӯҳи забонҳо тааллуқ доранд?

Абӯтолиб ҷавоб медиҳад: Тотҳо мегӯянд, ки забони тоҷикиро медонанд ва ғазалиёти Ҳофизро хонда метавонанд. Вале ман аз онҳо суол мекунам: агар шумо забони Саъдӣ ва Хайёмро донед, пас чаро онҳо барин наменависед?

Дар замони пеш хостгорон домодро таърифкунон мегуфтанд: «Вай забони қумиқиро медонад» – ин гап чунин маънӣ дошт, ки домод одами хеле донишманд аст ва ҳамроҳи вай бошӣ, дарнамемонӣ.

Дар ҳақиқат, агар қумиқиро фаҳмӣ, забонҳои туркӣ, озарӣ, тоторӣ, балқарӣ, қазоқӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, бошқирдӣ ва бисёр забонҳои дигари ба ҳам наздикро фаҳмида метавонӣ. Он гоҳ асарҳои Ҳикмат, Қайсин Қулиев, Мустай Каримро бе тарҷума хондан мумкин. Аммо забони ман! Ба ғайри худи мо-лакҳо, онро магар олимоне мефаҳманд, ки барои омӯхтану рисолаи докторӣ навиштан солҳои зиёдеро сарф кардаанд. Як лаки машҳур тамоми дунёро давр зада, ба Ҳабашистон афтодааст ва дар он ҷо вазир шудааст. Ӯ гуфтааст, ки ягон забони ба забони лакии мо монандро дучор накардааст.

Умар Ҳоҷӣ: Забони аварии мо ҳам ба ягон забон монанд нест.

Абӯтолиб: Забонҳои ба дарғӣ, лазгӣ, табасаранӣ монанд ҳам нестанд.

Савол: Шумо ин забонҳои мухталифро чи хел ёд гирифтаед?

Абӯтолиб: Дар вақташ ман саросари Доғистонро бисёр гаштаам. Ба мардум суруд лозим буд, ба ман – нон. Агар ба авули бегона дароиву забони мардумашро надонӣ, ҳатто сагонаш бадхашмтар шуда дармеафтанд. Эҳтиёҷ маҷбурам кард, ки забонҳои Доғистонамонро ёд гирам.

Савол: Дар ҳар ҳол, аз хусуси нишонаҳои қаробат ва фарқияти забонҳо муфассалтар нақл кардан мумкин нест? Чи хел шудааст, ки дар як мамлакати хурд чунин забонҳои гуногун пайдо шудаанд?

Абӯтолиб: Дар бобати қаробат ва фарқияти забонҳои мо китобҳои зиёде иншо шудаанд. Ман олим нестам, лекин дар ин бобат тасаввуроти худро арз мекунам. Ана, ҳамин ҷо мо нишастаем. Баъзе аз мо дар кӯҳистон таваллуд ёфта, ба воя расидаанд, баъзе – дар ҳамворӣ. Яке – дар ҷойҳои сард, дигар – дар ҷойҳои гарм, ин – дар соҳили дарё, он – дар соҳили баҳр. Баъзе дар ҷое, ки замин ҳасту барзагов нест, баъзе – дар ҷое, ки барзагов ҳасту замин нест. Баъзеҳо дар ҷое таваллуд шудаанд, ки оташ ҳасту об не, дигарон – дар ҷое,

ки об ҳасту оташ нест. Он ҷо – гӯшт, ин ҷо – нон, боз он ҷо – меваҷот ҳам. Дар он ҷое, ки панир буд, калламушҳо пайдо шуданд, дар ҷое, ки гӯсфандон мечариданд, гургҳо пайдо шуданд. Ғайр аз ин – таърих, ҷангҳо, ҷуғрофиё, ҳамсояҳои гуногун, табиат.

Калимаи «табиат» дар забони мо ду маънӣ дорад. Яке – замин , гиёҳ, дарахт, кӯҳ, дигаре – машраби одам. Табиати гуногун боиси дар ҷойҳои гуногун пайдо шудани номҳову қонунҳо ва одатҳои гуногун гардидааст.

Дар ҷойҳои гуногун ба тарзи гуногун попох мепӯшанд, ба тарзи гуногун либос медӯзанд, ба тарзи гуногун хона месозанд. Дар сари гаҳвора сурудҳои гуногун мехонанд. Маҳмуд танбӯри дутора навохта, сурудҳои худро мехонад. Танбӯри Ирчӣ Қазоқ се тор дошт. Сулаймон Сталскии лазгӣ тор менавохт. Тори як навъ асбобҳои мусиқиро аз рӯдаи буз, навъи дигаращро аз сим месохтанд.

Халқҳо бисёранд ва ҳар қадом одатҳои худро дорад. Дар ҳама ҷо ҳамин хел. Одам таваллуд мешавад. Як халқ кӯдакашро ғусли таъмид медиҳад, халқи дигар хатна мекунад, халқи сеюм – барояш шаҳодатномаи таваллуд менависад. Одам ба воя расад – одатҳои дигар. Духтареро бароящ хостгорӣ мекунанд… Зимнан, хостгорӣ урфу одат аст. Ман гуфтанӣ будам, ки одам зан мегирад, яъне, боз одатҳои дигар амал мекунанд. Барои нақли маросимҳои тӯёнаи Доғистон як рӯзи дароз ҳам кифоя намекунад. Касе аз шумо хоҳад, мо ба вай китоби «Одатҳои халқҳои Доғистон»-ро ҳадя мекунем. Ба хона, ки баргаштед, мехонед.

Савол: Одатҳоятон гуногун, забонҳоятон гуногун, пас шуморо чӣ наздику қариб мекунад?

Абӯтолиб: Доғистон.

Савол: Доғистон… Ба мо гуфтанд, ки маънии ин калима «Кишвари кӯҳистон» аст. Пас, Доғистон – фақат маҳал аст?

Абӯтолиб: Номи маҳал не, номи Ватан, номи ҷумҳурӣ. Ин калима ҳам барои онҳое, ки дар кӯҳҳои баланд ва ҳам барои онҳое, ки дар водиҳо зиндагӣ мекунанд, ягона аст. Не, Доғистон танҳо мафҳуми географӣ нест. Ин кишвар симои худ, таманнои худ ва орзуҳои худро дорад. Таърихи умумӣ, тақдири умумӣ, ғаму шодии умумӣ ҳаст.

Магар узве ба дард ояд, узвҳои дигарро қарор мемонад? Мо чунин суханҳои умумӣ ҳам дорем, ба монанди Октябр, Ленин, Русия. Ин суханҳоро ба ҳар як забон тарҷума кардан ҳоҷат нест. Бе ин ҳам фаҳмоянд. Мо нависандагони бисёре дорем, ҳар гуна баҳсҳо ба миён меоянд. Вале аз рӯйи ин се калима миёни мо ягон ихтиллоф вуҷуд надорад. Шумо фаҳмидед?

Савол: Ин ба мо фаҳмост. Аммо як чизи дигарро пурсиданиям. Имрӯз ман дар яке аз рӯзномаҳо шеъри Адалло Алиевро хондам.

Онро ба забони русӣ Анатолий Заяц тарҷума кардааст. Дар он ҷо навишта шудааст, ки ин тарҷума аз доғистонист. Ин чӣ забон аст?

Абӯтолиб: Ин забонро ман ҳам намедонам. Дирӯз ман Адалло Алиевро дида гапзанон карда будам. Дирӯз вай авар буд. Намедонам, ба вай чӣ шудааст. Лекин осуда бошед, ин саҳв аст.

Савол: Дар Амрикои мо ҳам миллату забонҳои гуногун бисёранд. Аммо забони асосӣ, забони давлатӣ – англисӣ. Тамоми коргузорӣ, ҳуҷҷатнависӣ ба ҳамин забон. Дар ҷойи шумо-чӣ? Кадом забон асосӣ?

Абӯтолиб: Барои ҳар як кас забони асосӣ – забони модарияш. Касе, ки кӯҳистони худро дӯст намедорад, ба водиҳои каси дигар ҳам дил баста наметавонад. Дар хонаат хушбахт набошӣ, дар кӯча ҳам хушбахт шуда наметавонӣ. Касе, ки ба рӯйи модари худ туф кардааст, ба рӯйи зани бегона ҳам туф мекунад. Ҳангоме ки кас ба даст шамшер гирифтанӣ ва ё дасти дӯстро сахт фишурданӣ мешавад, ҳамаи ангуштони дасташ асосианд.

Савол: Ман достони Муталлиб Митаровро хондам. Вай дар достони худ мегӯяд, ки на авар аст, на тот, на табасаранӣ, балки доғистонист. Ба ин чӣ мегӯед?

Абӯтолиб: (бо нигоҳаш Митаровро ҷуста): Ҳой, Митаров, ман кайҳо медонистам, ки на авар ҳастӣ, на қумиқ, на тот, на нӯғай, на лазгӣ. Лекин табасаранӣ ҳам набуданатро бори аввал мешунавам. Ту кистӣ, набошад? Шояд пагоҳ нависӣ, ки ту Муталлиб ҳам нестию Митаров ҳам. Мисол, ман Абӯтолиб Ғафуров. Ман аввал ин, ки лак, дуюм ин, ки доғистонӣ ва сеюм ин, ки шоири Мамлакати Шӯроҳо. Ё ки баръакс ҳам гуфтан мумкин: аввал ин, ки ман шоири шӯравӣ, дуюм ин, ки дар Ҷумҳурии Доғистон зиндагонӣ мекунам, сеюм ин ки миллатам лак ва ба забони лакӣ асар менависам. Ин ҳама дар вуҷуди ман ҷудоинопазир аст. Ин ганҷи аз ҳама пурбаҳои ман аст. Ман аз ҳар кадоми ин се ганҷ даст кашидан намехоҳам. Барои ҳар кадоми онҳо ман ба дами оташ хоҳам рафт.

Савол: (хабарнигор аз Ҷумҳурии Демократии Олмон): Инак, дар дасти ман китоби номзади илми тиб рафиқ Аликишиев. Номаш «Дарозумрӣ дар Доғистон». Ӯ дар ин китобаш дар бораи одамони умрашон аз сад гузашта менависад ва исбот мекунад, ки Доғистон аз ҷиҳати дарозумрӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҷойи якумро мегирад. Аммо дар ҷойи дигари китоб мегӯяд, ки тадриҷан ба ҳам наздикшавии миллатҳо мушоҳида мешавад ва барои дар оянда дар Доғистон ба вуҷуд омадани забони ягона кайҳо замина пайдо шудааст. Пас аз якчанд сол гӯё авар ҳам, даргӣ ҳам, нӯғай ҳам худро доғистонӣ хоҳад шуморид ва дар шиносномааш чунин хоҳад навишт. Ман мақолаҳои боз як олиматонро ҳам хондаам; вай мегӯяд, ки адабиёти шумо кайҳо ҳадду ҳудудҳои қавмиро шикаста, ба адабиёти умумидоғистонӣ табдил ёфта истодааст. Азбаски номзаду

докторҳои илм дар китобу мақолаҳои худ чунин масъалаҳоро мебардоранд, пас ин масъалаҳо муҳим ва амиқанд?

Абӯтолиб: Рафиқ Аликишиевро ман ҳам мешиносам. Вай аслан аз ноҳияи мо. Ин олим ба назди бисёр пирамардон рафтааст, то ки онҳо аз ҳаёти худ ҳикоят бикунанд. Аммо ба гумон аст, ки фикри аз ҳамаи қавмҳо як қавм ташкил карданро ба ӯ ягон пири муътабар илқо карда бошад. Ин ҳосили фикри худаш. Ман ин хел «мичуринчиёнро» бисёр дидаам, ки забонҳои гуногунро ба ҳам омехта, дар «лабораторияҳои» худ заргӯшҳоро озмоиш кардагӣ барин, таҷрибаҳо гузаронида, як забони пайвандӣ ҳосил кардан мехостанд. Ҳафт театри миллии Доғистонро ба як театр муттаҳид кардан мехостанд. Аз панҷ рӯзномаи миллии Доғистон як рӯзнома ташкил кардан мехостанд. Бахшҳои бисёри Иттифоқи нависандагонамонро ба як бахш мубаддал кардан мехостанд. Аммо ин кор монанди он буд, ки дарахти сершохубаргеро кал карда, ба як танаи рости хушку холӣ табдил медиҳанд.

Савол: Ман–мухбири рӯзномаи Ҳиндустон. Дар Ҳиндустони мо ҳам забонҳои бисёре ҳаст: ҳинду, урду, банғолӣ… Баъзе миллатчиён мехостанд, ки маҳз забони онҳо забони давлатии тамоми Ҳиндустон бошад. Барои ҳамин шуда, баҳсу мунозира ва ҳатто хунрезиҳо ба миён омадаанд. Оё дар ҷойи шумо ҳам чунин ҳодисаҳо рӯй намедиҳанд?

Абӯтолиб: Дар ҷойи мо ҳам чунин мунoқиша боре миёни ду писарак рӯй дода буд. Ду бача – яке авару дигаре қумиқ – савори як хар мерафтанд. Аварбача чунин фарёд мезад: «Хіа! Хіа! Хіама» Қумиқбача ин тавр мегуфт: «Эш! Эш! Эшак!» Маънои ҳарду калима ҳам «хар» аст. Аммо бачаҳо чунон launched хархаша карданд, ки оқибат ҳар ду аз хар афтиданд ва бе хіаму бе эшак монданд.

Ба фикрам, ин мунoқашаи кӯдакона аст. Мо забонҳои худро ба дарранда табдил намедиҳем. Забонҳои мо якдигарро намехоянд. Дар урфияти мо боз ин тавр мегӯянд: «Нодон ҳамсояашро наҳ мезанад, нодони авул авули ҳамсояро наҳ мезанад, нодони миллат кишварҳои дигарро наҳ мезанад». Касеро, ки дар ҳаққи як забони дигар бадгӯйӣ мекунад., дар ҷойи мо одам намешуморанд.

Савол: Яъне, гуфтанӣ ҳастед, ки аз ин хусус дар ҷойи шумо на баҳсу мунозара шудааст, на низову нифоқ?

Абӯтолиб: Баҳсу мунозара шуда буд. Аммо ба забонҳои мо ягон кас ягон вақт таҳдиди ҷиддӣ накардааст. Ба номамон ҳамчунин. Бигзор ҳар кас ба забони дилхоҳаш хат нависад, китоб хонад, суруд бигӯяд, гап занад. Чизеро бад ё хуб, дуруст ё нодуруст, зебо ё зишт гӯён баҳс кардан мумкин аст. Аммо забонҳо ва халқҳо ё қавмҳои тамом магар нодуруст, бад ё зишт мешаванд? Агар фаразан, аз ин хусус баҳсе ба миён меомад, дар он баҳс на касе ғолиб мебаромаду на касе мағлуб мешуд.

Савол: Бо вуҷуди ин, агар дар Доғистон як миллат ва як забон вуҷуд медошт, беҳтар намебуд?

Абӯтолиб: Бисёр касон ҳамин тавр мегӯянд. «Эҳ, агар мо як забон медоштем!»

Раҷабаддини ланг дар асоси ҳуҷумаш ба Гурҷистон ба шоҳ Иракл гуфта буд: «Ҳамаи ин балою мусибат аз он сабаб сар зад, ки мо забони якдигарро намедонем». Ҳоҷӣ Мурод ба Ҳайдак – Табасаран ба имоми худ чунин навишта буд: «Мо забони якдигарро нафаҳмидем».

Албатта, ҳангоме ки одамон якдигарро ба осонӣ, аз каломи нахуст мефаҳманд, беҳтар аст. Бисёр мушкилиҳо осон мегардиданд, бо заҳмати андак ба бисёр чизҳо комёб мешудем. Аммо, ба фикрам, дар хонавода фарзанд бисёр бошад, ин ҳеҷ бадӣ надорад.

Хонавода бояд ба ҳар кадоми фарзандон ғамхорӣ бикунад. Хеле каманд падару модароне, ки рафта-рафта аз серфарзандии худ пушаймон мешаванд.

Яке мегӯяд: «Хайр, забони мо аз ҳудуди Дарбанд он тараф ба кӣ даркор? Аздусар гапи моро ҳеҷ кас намефаҳмад».

Дигаре мегӯяд: «Забони мо аз ағбаи Арақин он тараф ба чӣ кор меояд».

Сеюмӣ шиква мекунанд: «Сурудҳои мо то лаби баҳр ҳам намерасанд».

Аммо онҳо хеле шитоб карда, забони модарии худро ба бойгонӣ супоридані мешаванд.

Савол: Дар хусуси консолидатсия (тақвият) чӣ мегӯед?

Абӯтолиб: Консолидатсия миёни одамони бегона, балки одамони ғайр лозим аст. Бародарон ба консолидатсия ҳоҷат надоранд.

Савол: Лекин, барои он ки бародар бо бародар гап занад, забони ягона лозим аст.

Абӯтолиб: Мо чунин забон дорем.

Савол: Кадом аст он?

Абӯтолиб: Забоне, ки ҳоло мову шумо бо он гуфтугӯ мекунем. Забони русӣ. Ин забонро авар ҳам мефаҳмад, дарғӣ ҳам, лазгӣ ҳам, тот ҳам – ҳама мефаҳманд. (Суратҳои Лермонтов, Пушкин, Ленинро нишон медиҳад). Мову онҳо забони якдигарро нағз мефаҳмем.

Савол: Ман асари дуҷилдаи Расул Ғамзатовро хондам. Ӯ дар ҷилди якум, дар шеъри «Забони модарӣ» забони авариро ситоиш мекунад, аммо дар ҷилди дуюм, дар шеъре, ки ҳамчунин «Забони модарӣ» ном дорад, ба забони русӣ сано мегӯяд. Оё ба ду асп якбора савор шудан мумкин аст? Мо бояд ба кадом Ғамзатов бовар бикунем: ба Ғамзатови ҷилди якум ё ба Ғамзатови ҷилди дуюм?

Абӯтолиб: Ба ин савол худи Расул ҷавоб диҳад, беҳтар аст.

Расул: Ман ҳам гумон мекунам, ки ба ду асп якбора савор шудан мумикн нест. Аммо ду аспро ба як ароба бастан мумкин. Бигзор ка-

шанд. Ду асп – ду забон Доғистонро ба пеш мебаранд. Яке аз онҳо забони русӣ, дигаре забони мо: барои авар – аварӣ, барои лак – лакӣ. Бароям забони модариям азиз. Бароям забони дуюми модариям ҳамчунин азиз аст; ҳамин забон маро аз ин кӯҳҳо, аз ин пайроҳаҳо гузаронида, ба паҳнои замин, ба олами бузург ва бошукӯҳу нозанин баровард. Забони модариро забони модарӣ мегӯям. Ман дигар хел гуфта наметавонам.

Савол: Ба ҳамин муносибат ман аз Расул Ғамзатов боз як чизро пурсидан мехоҳам. Вай дар шеъраш менависад: «Агар фардо забони ман бимирад, ман авло мурданам имрӯз хонам». Лекин дар ҷойи шумо ин тавр ҳам мегӯянд: «Вақте ки калон меояд, хурд бояд аз ҷой бихезад». Инак, забони русӣ омад. Оё забонҳои маҳаллӣ ҷойи худро ба он намедиҳанд? Магар кор ба ҳамин оид шуда наистодааст? Агар ба ибораи шумо бигӯем: ду попохро якбора ба сар пӯшидан мумкин нест. Ё ки якбора ду сигорро ба даҳон гирифтан чӣ ҳоҷат?

Расул: Забонҳо на попоханду на сигор. Як забон ба забони дигар душман нест. Суруде суруди дигарро маҳв намекунад. Бинобар он, ки Пушкин ба Доғистон омад, Маҳмуд набояд кишвари худро тарк бигӯяд. Ҷои Ботиройро гирифтани Лермонтов ҳоҷат нест. Агар дӯсти хубат дастатро бифшурад, дасти ту дар дасти вай нест шуда намеравад, балки гармтару қавитар мегардад. Забонҳо сигор нестанд, балки шамъи зиндагианд. Ман ду шамъ дорам. Яке роҳи маро аз тирезаи хонаи падар истода мунаввар мекард. Он шамъро модарам афрӯхта буд, то ки ман роҳгум назанам. Агар ин шамъ хомӯш гардад, дар ҳақиқат, шамъи зиндагии ман ҳам хомӯш мешавад. Ҳаёти ман ҷисман маҳв нагардад ҳам, ғарқи зулмат мешавад. Шамъи дуюмро мамлакати бузургам, Ватани бузургам, Русия афрӯхтааст, то ки ман ҳангоми рафтанам ба сӯйи ҷаҳони бузург роҳгум назанам. Бе ин шамъ зиндагии ман тираву тор ва ночизу нодаркор хоҳад шуд.

Абӯтолиб: Сангеро якдаста аз сари китф бардоштан осонтар ё дудаста аз сари сина?

Савол: Бо вуҷуди ин кӯҳистониён бунаҳоеро, ки дар онҳо модарҳошон шамъ афрӯхтаанд, тарк карда, ба ҳамворӣ мекӯчанд.

Абӯтолиб: Аммо вақти кӯчидан забони худ ва номи худро ҳамроҳ мебаранд. Попохро ҳам фаромӯш намекунанд. Аз тирезаҳошон ҳам худи ҳамон чароғ равшанӣ медиҳад.

Савол: Лекин дар маҳалҳои нав бисёр ҷавонон ба духтарони қавмҳои дигар хонадор мешаванд. Онҳо ба кадом забон гап мезананд? Баъд фарзандони онҳо ба кадом забон гап мезананд?

Абӯтолиб: Дар байни мардуми мо як ривояти қадим ҳаст; ҷавоне ба духтаре аз қавми дигар дил медиҳад ва мехоҳад бо ӯ хонадор шавад. Духтар мегӯяд: «Ман ба ту мерасам, аммо сад шарт дорам, ба ҷо меорӣ». Ҷавон ба иҷрои шартҳои ӯ шурӯъ мекунад. Духтар аввал

маҷбур мекунад, ки ҷавон ба шахи ягон поймонак надошта часпида барояд. Сонӣ мефармояд, ки худро аз нӯги он шах ҳаво диҳад. Ҷавон худро ҳаво медиҳад ва пояш осеб меёбад. Сипас шарти сеюм мегузорад, ки ҷавон роҳ гардаду налангад. Хайр, намелангад. Хуллас, шартҳои зиёде мемонад, хӯрҷинро тар накарда, аз дарё гузаштан, аспи дартозро нигоҳ доштан, аспро ба зону шинондан ва ҳатто себи ба сари синаи арӯсшавандааш гузоштаро ду пора кардан. Ҷавон наваду нуҳ шартро ба ҷо меорад. Як шарт мемонад. Баъд духтар мегӯяд: «Акнун аз баҳри падару модарат ва забонат гузар». Баъди ин гап ҷавон парида ба асп савор мешавад ва аспро як қамчин зада, тамоман меравад.

Савол: Ин афсонаи аҷиб. Лекин ҳақиқат чи хел аст?

Абӯтолиб: Ҳақиқат ҳамин, ки вақти хонадоршавӣ арӯсу домод бисёр шартҳоро ба уҳда мегиранд. Аммо касеро касе маҷбур намекунад, ки аз баҳри забони худ гузарад. Баръакс, ҳар кадом мекӯшанд, ки забони якдигарро бифаҳманд.

Ҳақиқат ҳамин, ки мо фарзандони аз забони падару модари худ бебаҳраро дида, алам мекашем, онҳоро таънаю маломат мекунем. Дере нагузашта, худи фарзандон ҳам падару модарро барои он таъна мезананд, ки онҳо забони худро ба фарзандони худ наомӯхтаанд. Бадбахтанд ин гуна мардум.

Ҳақиқат ҳамин, ки мо дар рӯ ба рӯйи шумо нишастаем. Инак, шеъру ҳикоя ва қиссаҳои мо, китобҳои мо. Инак, рӯзномаву маҷаллаҳои мо. Онҳо ба забонҳои гуногун нашр мешаванд. Сол ба сол зиёдтар ва зиёдтар нашр мешаванд. Мамлакати бузург забонҳои моро ба дуриҳо мебарад. Вай ба ин забонҳо ҳукми қонун дод, онҳоро барқарор кард ва онҳо монанди ситораҳои осмон рахшон шуданд.

«Ҳарф мезанад ситора акнун бо ситора». Мо дигаронро мебинем, дигарон – моро. Акнун ин намебуд, шумо ҳам дар бораи мо чизе намешунидед, бар мо таваҷҷуҳе намекардед. Ин мулоқот ҳам муяссар намешуд. Чунин аст ҳақиқати ҳол…

Саволу ҷавоб, саволу ҷавоб. Ба назар чунин менамуд, ки агар вақт мебуд, он нишаст ҳаргиз ба охир намерасид. Ҳамаи халқҳо дар ҳамаи замонҳо аз хусуси забон гуфтугӯ доштанд ва гуфтугӯ доранд, аммо ҳеҷ не, ки ин гуфтугӯ ба поён расад.

– Ин мусоҳибаи матбуотӣ ба як бозии оммавии мо шабоҳат дорад, ки якеҳо савол медиҳанду дигарҳо – ҷавоб, – гуфт Абӯтолиб, ки дар охири чунин маҷлиси барояш ғайриодӣ басо хаста гашта буд.

Савол – тирест аз камон таваккалан сар дода. Ҷавоб – тирест ба нишон расида. Савол – ҷавоб. Аломати савол – аломати хитоб. Гузашта – савол, ҳозира – ҷавоб.

Доғистони куҳна ба кампири дар болои оташдон нишаста монанд буд. Доғистони куҳна аломати савол буд. Доғистони имрӯза –

аломати хитоб аст. Доғистони имрӯза – шамшерест аз наём кашида ва боло бардошта.

Вақте ки ба Доғистон инқилоб омад, ҳаросидагони он пешгӯйӣ мекарданд, ки ҳа нагуфта, миллатҳо, забонҳо, номҳо, рангҳо барҳам мехӯранд. Меседа ба Марусяву Мӯсо ба Вася табдил меёбад. Мегуфтанд, ки одам ҳатто фурсате намеёбад, ки аз кадом миллат ва куҷоӣ будани худро андеша бикунад. Ҳамаро ба таги як кӯрпаи умум мехобонанд. Баъд пурзӯрҳо кӯрпаро ба болои худ кашида мегиранду камзӯрҳо хунук мехӯранд.

Доғистон ба гапи ин гуна одамон гӯш надод. Узви ҳукумати кӯҳистон Ҳайдар Боматов ба саҳни киштие, ки ӯро ба хориҷа мебурд, баромада истода гуфт: «Суханҳои ман ба дили онҳо роҳ наёфт. Мебинем, ку оқибат чӣ мешавад».

Чӣ шудани оқибатро ҳама дида истодаанд. Дар ин бобат китобҳо навиштаву сурудҳо хонда шудаанд. Ҳар он кас, ки гӯш дорад – бишнавад, ҳар он кас, ки чашм дорад – бубинад.

Як кӯҳистонӣ аз кӯрпаи умум тарсида, Доғистониро тарк гуфта, ба Туркия рафта буд. Пас аз панҷоҳ сол вай ба кӯҳистони мо омад, то бубинад, ки мо чӣ ҳол дорем. Ман ӯро ба тамошои Махачқалъа таклиф кардам. Собиқ шаҳри Порт–Петровск. Шаҳре, ки номи подшоҳи Русияро дошт, акнун номи инқилобгари доғистонӣ Махачро дорад. Ман ба меҳмон кӯчаҳои ба номи Ботирой, Уллубий, Капиев, кӯчаҳоеро, ки номи фарзандони Доғистонро доранд, нишон додам. Меҳмон ба ҳайкали дар хиёбони лаби бахр будаи Сулаймон Сталский муддати мадиде нигоҳ карда истод. Вай дар кӯчаи Ленин ҳайкали падари ман Ғамзат Садасаро дид. Пеш аз муҳоҷирати худ падари маро мешинохтааст.

Ӯро олимони филиали Академияи илмҳо пазироӣ карданд. Бо кормандони пажӯҳишгоҳи илмии таърих, забон ва адабиёт мулоқоту гуфтугӯ дошт. Вай толорҳои Осорхонаи таърих ва санъати Доғистонро тамошо кард. Университетро, ки дар понздаҳ факултаи он писарону духтарони кӯҳистон таҳсил мекунанд, рафта дид. Бегоҳ мо ба театри давлатии авар рафтем. Дар театри авар, ки номи фарзанди аварро дорад, аварҳо намоишномаи дар васфи аварзан навиштаи драмнависи аварро тамошо мекарданд.

Он намоишнома «Анхил Марин» ном дошт ва муаллифаш Ҳоҷӣ Золов буд. Ҳангоме ки дар саҳна ҳунарпешаи халқии Русия Фотимат Хизроева суруди Марин, суруди қадими авариро хонд, меҳмони ман худдорӣ карда натавонист ва чашмонаш пури ашк шуданд.

Дар майдон дар назди ҳайкали Ленин ӯ муддати зиёде истод. Сипас гуфт:

– Ман хобам ё бедор?

– Ин хобатонро рафта, ба аварҳои Туркия нақл бикунед.

– Бовар намекунанд. Агар ба чашмам намедидам, худи ман ҳам бовар намекардам.

Абӯтолиб ин тавр гуфт: «Бори аввал ман найчаеро бурида, найлабак сохтам ва онро навохтам. Садои найлабаки маро авул шунид. Сонӣ шохи дарахтро буридаму тутак сохтам ва онро навохтам. Овози тутаки маро дар қӯҳҳои дур шуниданд. Баъд ман дарахтро буридаму сурнай сохтам ва садои онро тамоми аҳли Доғистон шунид. Сипас ман қаламакеро гирифтаму ба рӯйи коғаз шеър навиштам. Шеъри ман парвоз карда, берун аз ҳудуди Доғистон рафт».

*«Эй уқобон, бо чӣ ҷазба ин қадар дил бастаед*
*Бар маконе, ки тамоми сол барфистон бувад?..»*
*«Мо на гармӣ хосторему на файзу на сахо,*
*Дар баландӣ зистан тадбири озодон бувад!»*

*«Ҳамдиёрон, бо чӣ меҳре ин қадар дил бастаед*
*Бар диёре, ки табиатро набитвон ром кард?»*
*«Мо на суди хеш ҷӯёнем, на гармӣ, бас аст,*
*К-ин баландӣ баҳри мо озодиро инъом кард!»*

* * *

*Вале сад сол агар ту дидаӣ умр,*
*Сарат ҳамчун хирад пир асту солор,*
*Бигӯям рост пеши ҷумла мардум,*
*Ба дунё чашм накшодӣ ту зинҳор!*

Алқисса, бори дигар ташаккур ба ту, эй тақсимкунандаи забонҳо, барои он ташаккур, ки кӯҳҳои мо, авулҳои мо, дилҳои моро фаромӯш накардӣ.

Ташаккур ба ҳамаи шумо ҳам, ки бо забони модарии худ месароед ва фикр мекунед.

## СУРУД

«Бакъан». Ин калимаи аварӣ ду маънӣ дорад: оҳанг, мақом ва ҳолат, авзои одам, осоиши одам. Ҳангоме ки «Бароям оҳанге бинавоз» гуфтан мехоҳанд, калимаи «бакъан»–ро ба кор мебаранд. Ҳангме ки «Аҳволат чӣ тавр? гуфтан мехоҳанд, калимаи «бакъан»-ро ба кор мебаранд. Хуллас, аҳвол ва суруд дар забони мо бо як калима ифода меёбанд.

Катибаи танбӯр:

*Зиндаро ханҷар ба хоки тира яксон мекунад,*

*Мурдаро танбӯр ҷони тоза эҳсон мекунад.*

Калимаву суханҳоро аз ғалбер гузаронӣ – суруд мешавад. Хашму ғазаб, нафрату муҳаббатро аз ғалбер гузаронӣ – суруд мешавад. Воқеот, кору бори одамизод, тамоми ҳаётро аз ғалбер гузаронӣ – суруд мешавад.

«Ӯро хосса як суруди тавлӣ мутаассир карда буд. Он суруд сухани кам дошт, аммо тамоми дилрабоияш дар он буд, ки чунин нақароти ҳузнангез дошт: «Ай! Дай далалай!» Ерошка сурудро тарҷума кард: «Шермард аз авул ба кӯҳ ронд барантуро (чорпоро) омаданд русҳо, оташ заданд авулро, куштанд ҷамъи мардҳо, асир бурданд беваҳо. Шермард аз кӯҳ фуромад: авулро дид вайрон, модараш нест, бародаронаш нест, хонааш ба хок яксон, фақат як бех дарахт мондаст ҳайрон. Шермард зери дарахт нишасту гирист. Танҳо, ту барин, танҳо монд, пас Шермард ин сурудро бихонд: ай, дай! далалай! (Лев Толстой, «Казакҳо»).

.. Ай, дай, дала–лай, далла, дала–лай–дла–лай! Аё сурудҳои дилнишин, аё сурудҳои ғамгини кӯҳистон, шумо кай ба дунё омадед, дар куҷо ва чи сон тавлид гаштаед? Аз куҷо чунин ҳайратфизову дилрабоед?

Катибаи танбӯр:

*Напиндорӣ, ки ин савту садо аз тор меояд,*
*Агар некӯ шиносӣ, аз дили бемор меояд.*

Катибаи ханҷар;

*Ду шева, ду савту суруд, ду ҷанба, ду теги дамон:*
*Аз боби озодии мулк, аз боби марги душманон.*

Катибаи гаҳвора:

*Наёбӣ одаме к–ӯро*
*Сари гаҳворааш шабҳо*
*Нахонда аллае модар,*
*Нахонда байти рӯҳафзо.*

Катибаи санги роҳ:

*Роҳу тарона – ҳаққи ҷавон аст,*
*Роҳу тарона – то ҷовидон аст.*

Катибаи санги мазор:

*Ёрон хамӯш буданд, то хонад ӯ тарона,*
*Ӯ хомуш аст акнун, то дигарон бихонанд.*

Сурудҳои қадим, сурудҳои нав… Сурудҳои сари гаҳвора, сурудҳои тӯёна, сурудҳои ҷангӣ. Сурудҳои дароз ва кӯтоҳ. Сурудҳои ҳузновар ва шавқовар. Шуморо дар тамоми рӯйи замин месароянд: Суханонро ҳамчун донаҳои марворид ба риштаи симин мекашанд. Суханонро ҳамчун мех сахт кӯфта ҷо ба ҷо мекунанд. Суханон, мисли донаҳои ашки зебосанам ба зудӣ падид омада, ҷорӣ мешаванду ҷорӣ мешаванд. Суханони парида ба нишон мерасанд, монанди он ки тири шикории моҳир ба ҳадаф мерасад. Суханон печутоб хӯрда, касро ба дуриҳо ҳидоят мекунанд, мисли пайроҳаҳои кӯҳистон, ки оқибат ба он тарафи дунё мебаранд.

Миёни мисраъҳо – гӯё кӯчае, ки дар он хонаи маҳбубаи ту воқест. Миёни мисраъҳо гӯё воти замини падарат. Миёни мисраъҳо гӯё ки соати тулӯъ ва соати ғуруби офтобанд, ки шабро аз рӯз ҷудо мекунанд.

Сурудҳои ба рӯйи коғаз сабтшуда ва сурудҳои ба рӯйи коғаз сабтнашуда. Аммо суруд ҳар хеле бошад, онро бояд сароянд. Суруде, ки намесарояндаш, ҳамчун мурғест, ки парвоз надорад, ҳамчун дилест, ки тапидан надорад.

Дар кӯҳистони мо мегӯянд: агар ҷӯпон суруд нахонад, гӯсфандон алаф намехӯранд. Вале ҳангоме ки суруд дар пуштаҳои сабзи кӯҳсор taнинандоз мешавад, ҳатто барраҳои навзоди ҳанӯз ба роҳ надаромада ҳам мечаранд, алаф мехӯранд.

Мизбоне аз меҳмонаш хоҳиш кард, ки ба забони модарии худ суруде бихонад. Меҳмон, аз афташ, ё суруд намедонист ва ё сурудхонӣ наметавонист, ки гуфт: дар байни халқи мо ягон суруд нест.

– Ин тавр бошад, дидан даркор, ки худи шумо ҳастед ё не? Халқ бе суруд вуҷуд надорад.

Ай дай, дала–лай! Дала–дала, дулла–лай! Суруд – калидест, ки ба он хазинаҳои ниҳони забонро мекушоянд. Ай, дай, дала–лай! Дала–дала, далай–лай!

Қиссаи пайдоиши сурудро ҳикоят мекунам. Дар ин боб ман кайҳо шеъре навиштам. Инак, он шеър.

## ХАНҶАР ВА ҚОМУЗ

*Бачаи овулӣ замони қадим,*
*Он, ки дар пушти кӯҳ дошт макон,*
*Дар бисоташ ниҳоле анҷир дошт,*
*Дар миён дошт ханҷари буррон.*

*Дошт як буз зи давлати дунё,*

*Бонӣ мекард дар чарогаҳҳо.*

*Духти хонро чу дид ӯ ногоҳ,*
*Шуд ба ҳусну ҷамоли ӯ шайдо.*

*Гарчи ӯ гӯл не, ҷасуре буд,*
*Духти хонро чу хосгорӣ кард,*
*Хон ба ҳоли ҷавон басо хандид,*
*Иддаои бузургворӣ кард:*

*– Аҷабо, одаме, ки як ханҷар,*
*Як бузи мурданинамо дорад,*
*Бузи худро бидӯшаду гардад,*
*Духти хонро чӣ муддао дорад?*

*Духтарашро сипас ба оне дод,*
*Ки ҳазорон хазинаи зар дошт,*
*Рамаи гӯсфанди бисёре*
*Моли дунё ҳазори дигар дошт.*

*Баччаи бебизоати овул,*
*Сӯхт аз хаҷр, аз алам коҳид,*
*Дар газаб омаду басе ошуфт,*
*Ханҷари хеш аз наём кашид.*

*Он ягона бузе, ки дошт, бикушт,*
*Кард қурбони ишқи бефарҷом.*
*В-он ягона ниҳоли анҷирро*
*Бибуриду даме бишуд ором.*

*Чӯби анҷирро бисохт қумуз,*
*То зи сӯзи дарун садо бикунад.*
*Сохт торе зи рӯдаи он буз,*
*Дар қумуз баст, то садо бикунад.*

*Чун ба тори қумуз бизад нохун,*
*Дар иноhи фазои меголуд*
*Ҳар наво мисли сураи Қуръон*
*Ба дили ёр роҳ мепаймуд.*

*Нолаҳояш шунида, ёр омад,*
*Ёри ӯ гашт, ёри шайдое,*
*Ёри он кас, ки дошт дар дунё*

*Ханҷареву қумузи гӯёе.*

*Ҳаст андар ситеғи меголуд*
*Овуле дар миёнаи шахҳо,*
*Ки авезон бувад ба девораш*
*Қумузе пеши ханҷари бурро…*

Қомуз ва ханчар. Набард ва суруд. Муҳаббат ва шуҷоат. Таърихи халқи ман. Мардуми кӯҳистон ин ду чизро аз ҳама азиз медоранд.

Дар хонаҳо, дар рӯйи қолинҳои деворӣ ин ду ганҷ монанди Нишони давлатӣ болои ҳам овезонанд. Ин чизҳоро оҳиста, бо эҳтиром ва муҳаббат ба даст мегиранд. Бе сабаб ҳаргиз даст намерасонанд. Ҳангоме ки ханҷарро гирифтанӣ мешавӣ, шахсе аз худат калон дар паси сарат истода мегӯяд: «Оҳиста, тори танбӯрро наканӣ». Ҳангоме ки танбӯрро гирифтанӣ мешавӣ, шахсе аз худат калон мегӯяд: «Оҳиста, дастатро мебурӣ». Ба рӯйи ханҷар сурати танбӯрро ҳаккокӣ мекунанд, ба рӯйи танбӯр сурати ханҷарро мекашанд. Ба рӯйи камарбанди симини духтарон, ба рӯйи зеварҳои нуқрагини онон ҳам қомузу ҳам ханҷарро, ба шакле, ки дар рӯйи қолинҳои деворӣ якҷоя овезонанд, қалам мекунанд. Вақте ки ба набард мерафтанд, ҳамроҳи худ ҳам ханҷарро мебурданду ҳам қомузро. Тоқи аълои хона холиву урён мегашт.

– Дар ҷанг танбӯр чӣ лозим?

– О! Ҳамин ки ба тори танбӯр нохун задӣ, ҳамин ки даст расондӣ, ба пеши чашмонат зодгоҳат, авули азизат, хонаи падару модарат ҷилвагар мешавад. Охир, маҳз баҳри ҳамин ҷангидан лозим аст, фақат барои ҳамин ҷон нисор кардан меарзад.

«Вақте ки шамшерҳо садо медиҳанд, авулҳо наздик мешаванд», – мегуфтанд гоҳо диловарҳо. Аммо ягон чиз монанди танбӯр роҳи авулҳои азизро наздик намекунад.

Ай, дай, дала–лай, Далла–далла–дулла–лай

Маҳмуд дар кӯҳҳои Карпат месароиду аммо авули азизаш, кӯҳистони азизаш дар паҳлуяш буд. Маҳбубааш Марям ҳам наздик буд, сипас Маҳмуд чунин васият мекард:

*Ба рӯйи гӯри ман кам хок резед,*
*Нагардад хонаи гӯшам пур аз хок,*
*Тавонад то дилу гӯшам шунидан*
*Зи овулҳо навоҳои тарабнок.*

*Шумо бо ман бигӯронед танбӯр,*
*К–аз овозам даме нагнуда бошанд.*

*Садои ҷони пазмони маро кош*
*Арӯсони авул бишнуда бошанд.*

Ривоят мекунанд, ки Маҳмуд боз ин тавр гуфтааст:

*Чу бинавозам, сари кӯҳсори гардунсой гардад паст,*
*Туро аммо чи сон бар ваҷд орам, дилбарам Марям?*
*Чу танбӯрам наво созад, дароянд мор ҳам дар рақс,*
*Туро аммо чи сон бар ваҷд орам, гавҳарам Марям?*

Мехоҳед бидонед, ки суруди кӯҳистон аз куҷо пайдо шудааст?

*Орзуи халқ онро оварид,*
*Кас надонад ҳеҷ огози варо.*
*Ӯ зи хуни гарм ҷӯшида чунин,*
*Дил фароҳам кард шевою расо.*

*З-осмони пурситора омада*
*Ё зи овулҳои Догистони мо,*
*То ману ту бишнавем онро, бидон,*
*Асрҳо бишнида аҷдодони мо.*

Сурудҳо – обшорони кӯҳсорон. Сурудҳо – пайкони тундпой, қосидони арсаи корзор. Сурудҳо – шиносону дӯстоне, ки ногаҳон меҳмон мешаванд. Ба даст танбӯр, чунгур, чағона, най, камонча, сурнай, таблак, гамон, дуҳул гиред, тағора ё табакчаи мис гиред. Кафро ба каф занед. Пой бар замин занед. Ба садои шамшерзанӣ гӯш диҳед. Ба садои сангчае, ки сӯйи тирезаи маҳбуба мепарад, гӯш диҳед. Сурудҳои моро сароед ва гӯш кунед. Сурудҳои мо қосидони ғаманду шодӣ. Онҳо нишони шарафу шуҷоат, далели андешаву рафторанд:

*Се суруд аст одамиро дилписанд –*
*Шарҳи шодию гами худ донадаш.*
*Аввалӣ шевотар аз ҳар се суруд –*
*Дар сари гаҳвора модар хонданаш.*

*Дуввумӣ – он ҳам суруди модарон –*
*Бар рухи бехуни сардаш бурда даст,*
*Хонданаш дар рӯйи тобути писар…*
*Сеюмӣ – кулли суруди дигар аст –*

Ҷавононро далеру доно месозанд, пирони донишмандро – барно. Онҳо савораро водор месозанд, то аз асп фуромада, ҳама тан гӯш шавад. Пиёдаро маҷбур мекунанд, то парида, болои зин нишинад ва парандавор парвоз бикунад. Онҳо одами мастро ҳушёр мекунанд ва огоҳ месозанд, то аз тақдири худ андеша ронад, одами ҳушёрро бебок ва ту гӯйӣ маст мекунанд. Дар дунё чӣ сурудҳое нестанд! Марди кӯҳистониро ба сари дастархон шинонда, ба шохҷом бӯзаи пуркафкро рехта диҳед ва хоҳиш бикунед, ки суруд бихонад. Вай мехонад. Вай, то пагоҳ хон гӯед, мехонад, аммо хубтар илтимосаш кунед ва фармоед, ки чӣ хонад. Дар боби муҳаббат? Дар боби муҳаббат ҳам бароятон мехонад.

*Ай, дай даллалай!*
*Муҳаббат ҳамчу хуну лола аҳмар,*
*Муҳаббат аз фиребу шаб сияҳтар,*
*Чу кокулбанди духтарҳо сафед аст,*
*Ба монанди кафан, ҳаққо, сафед аст.*
*Зи ях нилӣ, кабуд аз осмон аст,*
*Чу ахтар аз ҷаҳони нуриён аст.*
*Биборад барфу хушқад об, аммо*
*Гули ишқу муҳаббат бехазон аст.*

– Зеботар аз ҳама дар олам чист?
– Бунафшаи кӯҳсор.
– Зеботар аз бунафшаи кӯҳсор чист?
– Муҳаббат.
– Равшантар аз ҳама дар олам чист?
– Тулӯи хуршед дар кӯҳсор.
– Равшантар аз тулӯи хуршед чист?
– Муҳаббат.
– Ай, дай даллалай! Бароятон боз чӣ суруде хонам?
– Суруди ошиқонро, ошиқонеро, ки аз ишқ ҳалок гаштаанд.
– Ромео ва Ҷулйетта, Тоҳир ва Зуҳро, Тристан ва Изолда…

Магар чунин ошиқон дар Доғистони мо ҳам кам буданд! Дар кишвари мо басо ошиқоне буданд ноком! Онҳо ба орзуи худ нарасида, лаб ба лаб нарасонида даст ба гардани ҳамдигар наандохта, аз ҷаҳон рафтанд. Басе ҷавононро ҷанг ба коми худ бурд, аммо бисёрашонро муҳаббат бурд. Онҳо дар оташи ишқ месӯхтанд, худро аз нӯги шаххҳои баланд ҳаво медоданд, ба дарёҳои пурталотум андохта ғарқ мешуданд. Чунин буд духтаре аз Азайни ва чунин буд ҷавоне аз Кумух. Чунин аст қиссаи онҳо, қиссаи муҳаббати онҳо.

Ба шумо поёни қиссаи онҳоро, ки тамоми Доғистон медонад, ҳикоят мекунам.

Ҷавони кумухӣ ба авули Азайни рафт, ки маҳбубаи худро бубинад. Аммо ҳеҷ не, ки маҳбубааш барояд. Ҷавон чаҳор шабу чаҳор рӯз чашми интизорӣ дӯхт. Рӯзи панҷум ба асп савор шуда, роҳи хонаро пеш гирифтан хост.

*Поён нигарист, хушкзамин диду халос,*
*Боло нигарист, осмон аст кабуд.*
*Пас ин ҳама борон зи куҷо меборад,*
*Ки бурқаъи навҷавон саросар тар шуд?*
*Дар гӯшаи бом дилбараш – Масъуда,*
*Аз дида сиришк резад ӯ чун борон:*
*– Дар ёди ту чор рӯзу шаб хун хурдам,*
*Оё зи чӣ рӯ шудӣ ту аз ман пинҳон?*
*– Бишнида садои наъли аспат аз дур,*
*Аз пушти чаҳор қалъаю чор даре,*
*Карданд маро ниҳон бародарҳоям,*
*Ин гуна гузашт чор шаб бе асаре.*
*Имрӯз садои наъли аспат аз дур*
*Бишнида дилам тапид дар синаи танг,*
*Пас чор дари қалъа шикастам, донӣ,*
*К-ин қадр ба дидори ту кардам оҳанг.*
*Хоҳанд маро чу моли худ бифрӯшанд.*
*Бозор бубину нарху савдою талош,*
*Хоҳӣ, нафрӯшанд ба ноёр агёр*
*Зинро бикан, аз асп фуро, бо ман бош.*

… Аммо ҷавони кумухӣ акнун ин ҷо мондан нахост.

*– Аспро зин кардаам… чун боз гирам зини ӯ?*
*Дӯстон айбам кунанд, он ҷо биёям бо чӣ рӯ?*
*Баски солори деҳам кард орзу роҳи сафед,*
*Чун тавонам пеши ӯ…оям малулу ноумед?*
*Меравам, аммо диламро пеши ту хоҳам гузошт.*
*– Додаронам медарандаш ҳамчу зоги лошахӯр,*
*– Чашми худро мегузорам баҳри ту чун ёдгор.*
*– Додаронам мемакандаш ҳамчу ангуру анор.*
*Гар ту тарки ман бигӯиву бигардӣ раҳсипор.*
*Аз миёни овули мо мегузар оҳистатар.*
*Аз лаҷоми аспи худ гиру савори он машав,*
*Чун аз овул бигзарӣ, боре ба сӯйи ман нигар.*
*Таралаф деҳ баҳри аспат, чун зи саҳро бигзарӣ,*
*Оби ях деҳ, ҳар гаҳе аз рӯйи дарё бигзарӣ.*
*Шаб дарояд, зери бурқаъ хоб кун осудадил,*
*Чун шавӣ бедор, ёде кун, ки ӯ ёри ман аст…*

*Ҳар гаҳе борон биборад, дон ки ашки ман бувад,*
*Ҳар куҷое барф борад, дон, ки тимори ман аст.*

Ҷавони мағрури кумухӣ аспро се қамчин зад, се бор ба қафо нигашт ва авулро тарк гуфту рафт. Аз байн се ҳафта гузашт. Кӯҳистонро барф пӯшонид. Масъудаи бечора ба одами дилнохоҳ расидан нахоста, худро аз нӯги шах ҳаво дод. Ҳамон шаби пеш аз марг падар ва бародаронаш Масъудаи саркашро ба кӯча, ба рӯйи барфу борон пеш карда буданд.

Он шаб Масъуда чунин суруд хонда буд:

*Бигзор ба як хона сад духтари наврас бод,*
*То зуд ба шӯ бидҳад як-як падар онҳоро.*
*То шодӣ кунад дар тӯй, то рақс кунад аз шавқ,*
*Аз давлаташон монад зери ғарами тилло.*
*Бигзор бародарҳо гиранд зани доро,*
*Як умр зиянд онҳо то бо зани ноҳамдил,*
*То ҷойи лаби ширин бӯсанд тиллошонро.*
*Бигзор шавад нуқра ҳар барф, ки меборад,*
*Бигзор бадал гардад бар нуқраи зан ҳар боб –*
*Ҳар об, ки дар ҷӯбор аз кӯҳ ҳамешорад.*
*Барф омаду барф омад, эй ошиқи ман, донӣ,*
*Дарёб барои худ ту гарм шабистоне.*
*Эй ошиқи ман, донӣ, раҳҳо ҳама яхбанданд,*
*Вопас манигар ҳаргиз, бар пеш нигар, алъон.*

Ҷавон нолаҳои вопасини Масъудаи худро шунид магар ё дилаш гувоҳӣ дод, ки аз Кумух савори аспи арақшор расида омад. Ҳодисаи пурандуҳро фаҳмид. Лаҷом бар ёли асп партофту аспро сар дод. Камарбанди худро кушода, яроқро партофт. Ярокро бар санг зада шикаст. Ба падар ва бародарони арӯси ҳалокгаштаи худ рӯ оварда гуфт:

*«Намехоҳам, ки оромиш равад бар кӯятон барбод,*
*Намехоҳам, ки бар қасди шумо сайқал диҳам ханҷар.*
*На бо сурбу на бо пӯлод гирам қасдатон, аммо*
*Ба ман як бор бинамоед моҳи рӯйи он дилбар.*
*Фақат як бор мехоҳам ба рӯйи ӯ нигаҳ созам.*
*Ба пистони мисоли оҷу ҳам он пайкари мармар»*
*Падар бардошт парда аз рухи зебоарӯс, аммо*
*Парида ранг аз домоду беҳолу хароб афтод,*
*Гиребони арӯсашро кушоду дид пистонаш,*
*Нахуст аз хештан рафту сипас якборагӣ ҷон дод…*

Қисмати онҳо як шуд, фақат танҳошон аз ҳам ҷудо. Онҳоро чӣ бояд кард, чи хел онҳоро ба хок бояд супорид? Баҳри ин кор машварат оростанд. Аз тамоми Доғистон донишмандон ҷамъ омаданд ва девони умум ба маслиҳат пардохт.

Паёмбарони ишқ сухан гуфтанд:

*Пир шуд ишқ, монд хун аз ҷӯш,*
*Ваҳ чӣ сон ишқи пойдоре буд.*
*Ду тану ишқ кардашон ҳамтан,*
*Ду ҳаёте, ки як аҷал бирбуд.*

*Гӯр ковед ҳардуро як ҷо,*
*Ончунон гӯр, то набошад танг.*
*Зиндагӣ гар даме ҷудошон кард,*
*Маргашон кард ҷовидон пайванд.*

*Дар яке бурқаъе бупечонем,*
*Сари як теппае бигӯронем.*
*Баъд як сангро ба рӯи гӯр*
*Ёдгорӣ ба ҳардушон монем.*

Ҳар чӣ гуфтанд, ҳамон карданд. Дар паҳлуи санги мазорашон гуле рӯид, гули сурх. Баргҳои он гул дар барф таровати гум намекарданд. Барф ба рӯйи гул расидан ҳамон об мешуд. Ин гул мисли оташ буд. Аз поёни мазор чашмае дамид. Мардум аз оби он чашма мехӯранд. Дар ду паҳлуи мазор ду бех дарахт ҳам рӯид. Чунин дарахтони зебо ҳатто дар афсонаҳо нестанд. Боди сарде вазад, шохҳои ин дарахтон аз ҳам ҷудо мешаванд, боди гарму нарме вазад – боз якҷо мешаванд, ту гӯйӣ ду дилбохта: ҷавони кумухиву духтари азайнигӣ ҳамдигарро ба канор мегиранд.

Ман боз суруди Алиро ҳам мехонам, аммо ин суруд хеле дароз аст. Бинобар ин, иҷозат диҳед, ин сурудро ҳам, мисли суруди аввала, гоҳе сарояму гоҳе бо суханони худ ҳикоят бикунам.

Дар авуле Алӣ ном ҷавоне буд. Вай завҷаи ҷавони соҳибҷамоле дошт, модараш ҳам буд. Ҷавон барои чаронидани гӯсфандон муддатҳои зиёд ба кӯҳсорон мерафт.

Боре ба назди Алӣ шахсе рафта, аз номи модари ӯ гуфт, ки гӯсфандонашро монаду зуд ба хона баргардад.

Дили Алӣ хавотир шуд. Мабодо, ягон ҳодиса рӯй дода бошад? Вай чаро ба модараш лозим шудааст? Агар фалокате сар зада бошад, аз завҷаи ҷавон сар назада, аз кӣ мешуд?

Алӣ аз қосид савол кард, аммо вай хомӯш буд. Алӣ исрор кард, ба хашм омад, бо ханҷар таҳдид намуд, сипас он шахс ба ӯ чунин нақл кард:

*Завҷае дорӣ басо зебо, Алӣ,*
*Шоми орому ҳама хобидаанд.*

*Пас бигӯ, баҳри худо, боре, Алӣ,*
*Шаб чаро тирезаҳо ларзидаанд?*

*Завҷае дорӣ басо зебо, Алӣ,*
*Барф пӯшида заминро сар ба сар.*
*Пас бигӯ, баҳри худо, дар барфи раҳ*
*Нақши по монд аз кадомин раҳгузар?*

*Бод накшояд дару тирезаро,*
*Завҷаат бикшояд онро рӯзу шаб.*
*Ҳадяи ту – ёраву ангуштарӣ,*
*Ӯ ба дасти худ нагирад, эй аҷаб…*

Алӣ албатта, ба авул шитобид. Ба назди модараш надаромада, рост ба назди завҷаи ҷавони соҳибҷамолаш рафт. Завҷа хост аз тани шавҳар burқаъро кашад, попохро гирад, бӯза пеш орад, хост, ки ӯ дам гираду хастагии роҳ барояд.

*– Пираҳан баркаш, кунам аз бӯза маст,*
*Ҳаст андар хонамон нону панир.*
*– Бурқаам дар китфи кӣ бе изни ман*
*Кардаӣ андоза, гӯй , эй ноасил?*
*– Хоҷаам, попохро аз сар бигир,*
*Паҳлавони ман – ҷавонмарду далер.*
*– Ман ки чӯпонӣ будам, бо бӯзаат*
*Маст бинмудӣ киро, эй ноасил?*

Алӣ ханҷар кашиду завҷаашро ду захм зад.

*– Шодмон бош, эй баҳодур, эй Алӣ,*
*Зиндаву обод бошӣ солиён.*
*Лек сӯйи ман нигар бо чашми меҳр*
*Чун ба хунам гарқа кардӣ, алъамон!*

*Ҳофизат бодо худои осмон,*
*Ҳам насибат бод ҳар эҳсони ӯ.*

*Гир рӯйи дасти худ боре маро,*
*Бар ба рӯйи рахт, озорам маҷӯ.*

*– Мебарам, аммо агар гӯйӣ ту рост*
*Рӯ ба рӯ бо ман ҳама асрори худ.*
*Ҳадяи ман – ёраву ангуштарӣ*
*Нест андар дасти ту, оё чӣ шуд?*

*– Эй баҳодур, боз кун сандуқро,*
*Ёраву ангуштарӣ он ҷо биҷӯй.*
*Доимо гар нестӣ ҳамбистарам,*
*Чист суд аз зебу зинат, худ бигӯй?*

Алӣ ба назди модар давид:

– Ту маро чӣ фарёд кардӣ, чӣ гап шуд?

–Завҷаат пазмони ту шудааст, фарзандонат ёд карданд. Ғайр аз ин, гуфтам, гӯшти гӯсфанди тоза меорӣ. Кайҳо боз нахӯрдаем.

Алӣ мушт бар сар заду сӯйи завҷааш давид.

*Хира шуд чашм, нур аз ӯ рафт,*
*Дастҳо сард, бенафас сина.*
*Ашк резад Алӣ, вале занаш, афсӯс,*
*Нест зинда бо сони пешина.*

*Бори сеюм кашид тег Алӣ,*
*Неши он тег буд хунолуд.*
*Теги хунин ба синаи худ хаст,*
*Паҳлуи ҳамсараш фитоду мурд.*

Поёни қисса чунин шуд. Хардуро дар як ҷо дафн карданд. Дар назди гӯрашон ду бех ниҳол рӯид.

Хайр, боз чӣ суруде бихонам? Балки суруди Камолил Баширро хонам? Камолил Башир кӣ буд? Гуфтан мумкин, ки Дон–Жуани Доғистони мо буд. Мегӯянд, ки об хӯрад, об дар гулуяш менамуд. Пӯсташ ҳамин хел нафису латиф буд. Ба ҳамон гулуи нозук падараш корд монд. Барои чӣ? Барои он, ки беҳад зебо буд.

Хайр, Камолил Башир мурду рафт, аммо суруди ишқу муҳаббатро мисли пешина месароянд.

Тифл ҳанӯз дар гаҳвора асту суруди муҳаббат бар болои сараш садо медиҳад.

Ман ҳамон бозии одии халқамонро бори дигар бояд ба хотир орам. Ин бозиро мо «бак де рахъин» меномем.

Ин бозии мо мусобиқаест дар нозукбаёнӣ, ширингуфторӣ ва ҳозирҷавобӣ. Ин бозиро дар ҳар як авули Доғистон медонанд. Дар шабҳои дарози зимистон дар хонаи яке аз ҳамавулон ҷавонону духтарон ҷамъ мешаванд. Онҳо арақхӯрӣ, қартабозӣ, писташиканӣ,

гапҳои пасту баландгӯйӣ намекунанд, балки шеър мехонанд, байт-барак мекунанд. Ин шуғли зебо нест магар!

Чӯбаке пайдо мешавад. Чӯбак дар дасти духтар. Духтар чӯбакро ба ҷавоне расонида, ин сурудро мехонад:

*Чӯбак бигир аз дасти ман, эй аз ҳама зебои мо,*
*Хуш кун арӯсеро ба худ, к-ӯ аз ҳама зеботар аст.*

Ҷавон духтареро хуш мекунад ва он духтар ба курсӣ менишинад. Миёни онҳо бадеҳагӯйӣ оғоз меёбад.

*Эй нозанин, эй нозанин,*
*Боре бигӯ,номи ту чист?*
*Эй нозанин, эй нозанин,*
*Бобою додои ту кист?*

Ҳама каф мекӯбанду месароянд: «Ай, дай, далла-лай!»

*Ман номи худро гуфтаам*
*Бо дигаре, на баҳри ту.*
*Дил додаам, дил додаам*
*Бо дигаре, на баҳри ту.*

Ҳама каф мекӯбанду мсароянд: «Ай, дай, далла-лай!»

Духтарак аз курсӣ бархоста, бо чӯбак ҷавонеро интихоб мекунад ва ҷавон омада, ба ҷойи духтар менишинад. Ҷуфти нави ҷавонон бадеҳаи нав оғоз мекунад.

Духтар:

*Кӯҳсор монда зери барф,*
*Пайроҳаҳо пинҳон шуда.*
*Ин бархаи зарринамӯ*
*Аз гушнагӣ ҳайрон шуда.*

Ҷавон:

*Барф об гардад дар баҳор,*
*Ҷорӣ бигардад нуқравор.*
*Дар синаи ту мечарад*
*Он баррачеки беқарор.*

«Ай, дай, далла-лай!» Ҷуфти нав мебарояд.

Духтар:

*Аждар ниҳон дар пеши чаҳ,*
*Чоҳе, ки яхбандон шуда.*

*Бузгола ташна монда , лек*
*Аз аждаҳо тарсон шуда.*

Ҷавон:

*Аз аждаҳою чоҳи ях*
*Моро кучо тарсонӣ ту.*
*Бузгола хоҳад об хӯрд*
*Аз чашмаи чашмони ту.*

«Ай, дай, далла-лай!» Ҷуфти нав мебарояд.

Ҷавон:

*Андар дара хашми дама.*
*Яхпӯш гашта рӯдҳо.*
*Хоҳиш, бигирам ман туро,*
*Ҳам хона созам барҳаво.*

Духтар:

*Рав аз авулҳои дигар*
*Хуш кун арӯси хешро.*
*Натвонӣ кабке оварӣ*
*Бар лонаи мурғи само.*

«Ай, дай, далла-лай!» Ҳама каф мекӯбанд, хандаю шодӣ мекунанд. Шабҳои дарози зимистон ба ҳамин минвол мегузаранд.

Таронаҳои ишқии Доғистон! То ҷавоне духтарро илтиҷо мекард, ки завҷаи ӯ шавад, дигарон он духтарро бетакаллуфона рабуданд.

То хостгорон ба дари духтар баодобона ҳамла мезаданд, ки дигарон аз тиреза даромаданд.

Асрҳо мегузаранд, аммо суруду таронаҳо ҳамон зиндаанд. Онҳоро сарояндагон меофаранд, вале онҳо низ сарояндагонро меофаранд.

Оё тӯй бе суруд мешавад, оё рӯзе бе суруд мегузарад, оё инсон бе суруд зиндагӣ мекунад?

Дар ҷойи мо мегӯянд: ҷойи касе, ки суруд намедонад, хона не, оғил аст.

Боз мегӯянд, ки агар одам қавиҳайкал бошаду аз ишқ ғофил, дар бузургӣ ба ними ошиқ баробар нест.

Дар бораи Маҳмуд чунин нақл мекунанд: Дар вақти ҷанги якуми ҷаҳон вай ҳамроҳи полки саворaи Доғистон дар фронти Карпат будааст. Дар ҳамон ҷо суруди машҳури худ «Марям»-ро навиштааст ва

ҳамяроқонаш он сурудро дар роҳатбошҳо месурудаанд. Қиссаи пайдоиши суруди мазкур чунин аст:

Дар як набарди шадид қӯшунҳои рус австриягиҳоро аз деҳае ронда, он деҳаро ба даст даровarданд. Маҳмуд душманро таъқибкунон аз назди калисо баромад. Аз дари калисо як австриягии тарсхӯрда давида баромад, аммо кӯҳистонии бадхашмро дар болои асп дида, боз ба даруни калисо зада даромад.

Чанд рӯз пеш аз ин бародари Маҳмуд ҳалок гардида буд, бинобар ин, Маҳмуд ташнаи интиқом буд. Ӯ андешаи зиёде накарда, аз асп фуромад ва ханҷар кашида, аз паси австриягӣ давид, то ӯро даст гирад ва пора-пора созад. Вале Маҳмуд ба калисо зада даромадан ҳамон дар ҷойи худ шах шуд.

Дар рӯ ба рӯи худ австриягиро дид, ки ба зону афтода, ба шамоили Бибӣ Марям ибодат мекунад.

Дар Доғистон ба сари касе, ки ба зону афтодааст, даст намебардоранд, алалхусус ба сари шахсе, ки ибодат мекунад. Ғайр аз ин, Маҳмуд ба ҳусну латофати зане, ки австриягӣ ба сурати вай ибодат мекард, мафтун гашта буд.

Маҳмуд ногоҳ дар пеши назар маҳбубаи худ Муиро дид, нигоҳи чашмони ғамгин, симову сурати хазин ва либоси дилнишини ӯро дид. Ханҷар аз дасташ афтод. Маълум нест, ки сипас дар ин бобат австриягӣ чи гуна ривоят кардааст, вале он дам кӯҳистонии хашмолуда низ дар паҳлуи австриягӣ ба зону афтода, нокардакорона ба пешониву китфон ва сари сина ангушт зада, мисли насрониён ибодат кардан гирифт. Маҳмуд аз ғайб задани австриягӣ бехабар монд. Ӯ ба худ омада, шеъри машҳураш «Марям», яъне шеъри бахшида ба Марияро навишт. Вай дар васфи Мария шеър иншо мекарду дар хаёлаш Муӣ буд, дар васфи Муӣ шеър иншо мекарду дар хаёлаш Мария буд.

Пас аз он рӯз Маҳмуд фақат суруди муҳаббатро меписандид. Сурудҳои дигар ба дили ӯ роҳ намеёфтанд. Дар байни сухансароёни Доғистон ҳанӯз касе пайдо нашуда буд, ки дар баландии эҳсосот ва амиқии суруд ба дараҷаи ӯ расида бошад. Вай пай намебурд, ки шеър менависад, бо шеър сухан мегӯяд, пай намебурд, ки сухан намегӯяд, балки месарояд. Гӯё, ки ба ҷойи ӯ касе сухан мегуфт ва суруд мехонд. Тамоми барори эҷодиашро ба Муӣ ва ишқи ӯ нисбат медод. Агар дӯсташ бо вай аз Муӣ неву аз касе ё чизи дигаре сухан меронд, Маҳмуд ба гуфтаҳои ӯ эътибор намедод.

Падарам дар бораи вай чунин ҳикоят мекард:

Ба назди Маҳмуд бисёр одамон меомадагӣ шуданд. Фақат дилбохтагон меомаданд. Онҳо таъсири сухани ӯро дарк намуданд ва мехостанд, ки ӯ барояшон шеъре навишта диҳад. Ҳамоне меомад, ки нахустин бор ба духтар ошиқ шудааст ва намедонад чи хел изҳори муҳаббат бикунад. Ҳамоне меомад, ки маҳбубааш бо каси дигар хо-

надор шудааст ва намедонад бо ғами фироқ чӣ чора кунад. Ҳамоне меомад, ки бевазанеро дӯст доштааст, аммо вай ба шавҳари аз олам рафтаи худ садоқат дорад ва мард намедонад дили ӯро чи сон гарм созад.

Онҳое меомаданд, ки дилдодаҳояшон дар ҳаққашон хиёнат кардаанд. Онҳое меомаданд, ки дилашон дар оташи ишқи ноком месӯзад. Онҳое меомаданд, ки дар печу тоби ишқи худ раҳгум задаанд. Онҳое меомаданд, ки бо маҳбубаи худ қаҳрӣ гаштаанд. Ошиқоне меомаданд, ки аз ҳам ҷудо гаштаанд.

Чӣ қадаре ки одам бошад, ҳамон қадар дилдода. Чӣ қадаре ки дилдода бошад, ҳамон қадар ишқу муҳаббати гуногун. Ду ишқи якхела намешавад.

Маҳмуд мувофиқи ҳар як маврид шеър мегуфт. Ошиқон ба visoли якдигар мерасиданд, қаҳриён оштӣ мешуданд, дили бевазани ғамгин ва ҷиддисимо нарм мегашт, навҷавон ҷасорат пайдо мекард, хиёнаткардагон хиҷил мешуданд, фиребхӯрдагон гузашт мекарданд.

Боре аз Маҳмуд пурсиданд:

– Ту шеърҳои ба рӯҳи одамони гуногун мувофиқро чи хел менависӣ?

– Ғаму шодии ҳамаи одамон дар дили як одам метавонад бигунҷад. Магар ман дар ҳаққи онҳо шеър мегӯям? Дар васфи муҳаббати онҳо, аз дарди ишқи онҳо шеър мегӯям? Не, ман дар ҳаққи худам шеър мегӯям. Писари гӯлахии бенаво будам, дар ҷавонӣ ба Муӣ ном духтараке аз авули Бетлӣ ошиқ шудам. Баъд Муӣ ба каси дигар шавҳар кард. Ва дили ман ғарқаи худ гашт. Сипас шавҳари Муӣ вафот кард ва ӯ бева монд. Дили ман ҳамчунон беқарор буд…

Не, ман тамоми асрори муҳаббатро медонам ва дар ҳаққи дигарон шеър гуфтанам ҳоҷат нест.

Мегӯянд, ки ба назди Маҳмуд одамоне ҳам омада аз ӯ хоҳиш мекарданд, ки ба мурдагон ё дар ҷанг ҳалокшудагон марсия навишта диҳад. Модарон, хоҳарон, завҷаҳо ва арӯсон хоҳиш карда меомаданд. Вале Маҳмуд ягон бор чунин шеър нанавиштааст. Вай ба ин гуна касон чунин ҷавоб медод:

– Ман дар ҷанг шеърҳои ишқӣ гуфтаму дар авули осишта чи хел аз хусуси ҷанг шеър мегӯям?

Аммо мардуми кӯҳистон дар чунин маврид мегӯянд: «Ба қадри суруди осоишта фақат ҳамон вақт мерасӣ, ки ҷанг шавад». Боз мегӯянд: «Хоҳед, ки муҳаббати худро бисанҷед, ба майдони ҷанг равед».

Ханҷар ду теғ дорад: яке – меҳри кишвари азиз, дигаре – нафрат ба душман. Танбӯр ҳам ду тор дорад: яке оҳанги нафрат дорад, дигар – оҳанги муҳаббат.

Дар ҳаққи марди кӯҳистонӣ мегӯянд, ки вай ёрашро бо як даст оғӯш карда мехобаду бо дасти дигараш ханҷарро медорад. Бе гап нест, ки басе сурудҳо ва қиссаҳои куҳна бо зарби ханҷар анҷом меёбанд, аммо бисёр қиссаҳо чунин анҷом меёбанд, ки ҷавонмарди кӯҳистонӣ духтарро болои зин гирифта, ба авули худ мебарад.

Ҳангоме ки дар кӯҳистон қабрҳои куҳнаро мекушоянд, ханҷару шамшер мебароянд.

– Чаро танбӯр намебарояд?

– Танбӯр ба зиндаҳо боқӣ мемонад, то ки онҳо дар васфи қаҳрамонони фавтида суруд бихонанд. Алиқисса, дар рӯйи замин ҳамаи яроқҳо нест шаванд ҳам, ягон ханҷар намонад ҳам, суруд нест намешавад.

Падарам мегуфт, ки меҳмони муқаррарӣ – меҳмони хонаи ту. Лекин ҳофизи меҳмон, мутриби меҳмон – меҳмони тамоми авул. Ӯро тамоми авул пешвоз мегирад ва гусел мекунад. Масалан, Маҳмудро дар ҳама чо аз губернатор хубтар пазирой мекарданд. Губернаторҳо шояд аз ҳамин сабаб ҳофизони озодро дӯст намедоштанд?

Падарам мегуфт, ки ду мусофир дар Доғистон роҳ мепаймуданд. Вақти торик шуда истодани ҳаво яке ба дигаре гуфт:

– Вақти дамгирӣ нашуд? Ҳамин замон шаб мешавад. Мебинам, ки хаста шудӣ, хунук хӯрдӣ. Ҳӯ, дар он ҷо авул намоён. Равем, ҷойи хоб пурсем.

– Ҳақиқатан хаста шудам, хунук хӯрдам. Балки бемор ҳам шудам. Аммо дар ин авул намемонам.

– Чаро?

– Ин авули дилгир. Ҳанӯз ягон кас нашунидааст, ки дар ин ҷо суруд хонда бошанд.

Ба мусофирон шояд чунин авул дучор омадааст. Аммо касе дар ҳаққи тамоми Доғистон чунин гуфта наметавонад: яъне, ин кишварест, ки суруд намешунавӣ, бинобар ин, надаромада, гузашта меравем.

Бестужев - Марлинский дар китоби худ «Сурудҳои доғистонӣ» овардааст ва Белинский дар хусуси сурудҳои мазкур гуфтааст, ки онҳо аз худи китоб дида, қиматтаранд. Ӯ гуфтааст, ки агар Пушкин ҳам ин сурудҳоро аз они худам мегуфт, хиҷил намешуд.

Сурудҳои мардуми кӯҳистонро дар Темурхон Шӯра Лермонтови ҷавон гӯш кардааст. Агарчи вай забони моро намедонист, аз сурудҳоямон лаззат мебурд. Профессор Услар мегуфт, ки оҳангҳои ғунибӣ бахшиши аҷибанд баҳри одамӣ.

Ба мо ҳама садову оҳанг, суруди таронаҳоро кӣ ато кардааст? Дар мардуми кӯҳистон чунин эҳсосотро кӣ парваридааст? Уқобону аспон, ханҷару шамшер, сабзаву дарахтон, гаҳвораҳои тифлон, чаҳор дарёи Қӯйсу, мавҷҳои Хазар, маҳбубаи Маҳмуд – Марям, та-

моми таърихи Доғистон, ҳамаи забонҳои мавҷудаи он, тамоми Доғистон ин ҳамаро бахшидааст.

Боре аз Абӯтолиб пурсидаанд:

– Дар Доғистон чанд шоир ҳаст?

–Э-ҳе, се-чор миллион мебарояд.

– Чи хел? Буду шуди халқамон як миллиону!

– Дар вуҷуди ҳар як кас се-чор ҳофиз ҳаст. Лекин на ҳама ва на ҳамеша месароянд. Ва инро на ҳама медонанд.

– Хайр, ба ҳар ҳол, сароянданони беҳтарин киҳоянд?- Сароядае аз беҳтарин ҳам беҳтарин доим ёфт мешавад. Аммо якеро ман номбар карда метавонам.

– Киро?

– Модари Доғистонро. Умуман мардуми кӯҳистон фақат се суруд дорад.

– Кадомҳо?

– Суруди аввалро модари кӯҳистонӣ вақте месарояд, ки писар ёфтаасту дар сари гаҳворааш нишаста, алла мегӯяд.

– Дуюмаш-чӣ?

– Суруди дуюмро модари кӯҳистонӣ вақте месарояд, ки аз писар маҳрум мешавад.

– Сеюмаш-чӣ?

–Суруди сеюм – ҳамаи сурудҳои дигар.

Оре, модар… Агарчи шоҳиди бетараф нест, шоҳиди ростқавли баҳору хазон, буду набуд, ояндаву раванда аст. Модар, ки гаҳвора меҷунбонад, тифлашро ба рӯйи даст мебардорад, писари аз дунё гузашта истодаашро ба оғӯш мекашад.

Ин аст зебоӣ, ин аст ҳақиқат, ин аст шарофат.

Одамони бад ҳам ҳастанд, одамони хуб ҳам, сурудҳои хуб ҳам ҳастанду сурудҳои бад ҳам. Вале модар ва суруди модар ҳамеша хубу гуворост.

Албатта, сурудҳои дар сари гаҳвораам хондаи модари худамро ёд надорам. Аммо баъд дар авулҳои гуногун басо сурудҳои хуб ва аллаҳои модаронро шунидаам. Инак, яке аз онҳо:

*Он сон, писарам, ту ботавон хоҳӣ шуд,*
*Ки гӯшт зи коми гург битвонӣ рабуд.*
*Он сон, писарам, ту чусту чолок ойӣ,*
*К-аз коми паланг сайди ӯ бирбоӣ.*

*Он қадр шавӣ бохираду ботадбир,*
*То дӯст биёбӣ, шунавӣ ҳикмати пир,*
*Он сон, писарам, ҳикмати дунёи ҷӯйӣ,*
*Тангӣ бикунад маҳд, ту паҳно ҷӯйӣ.*

*Бар модари хештан писар хоҳӣ шуд,*
*Домод ба модари дигар хоҳӣ шуд.*
*Бар дӯшизае азиз шавҳар бошӣ,*
*Дастон бошӣ, барои кишвар бошӣ.*

Чӣ эътимоде! Модаре нест, ки суруд хонда натавонад, мегуфт падарам. Модаре нест, ки дар дил шоир набошад.

*Борони тобистони хушк – туӣ, писаракам,*
*Офтоби тобистони боронӣ – туӣ писаракам.*
*Лабҳои чу муми асал – туӣ, писаракам,*
*Чашмони ангури сиёҳ – туӣ, писаракам,*
*Номи аз асал ширин – туӣ, писаракам,*
*Рухони чашмнавоз – туӣ, писаракам,*
*Диле, ки тунд метапад – туӣ, писаракам,*
*Калиди дили бедор – туӣ, писаракам,*
*Сандуқи нуқракӯб – туӣ, писаракам,*
*Тиллои он сандуқ – туӣ, писаракам,*

*Имрӯз мисли кулчаӣ ту,*
*Фардо бишавӣ чу тири паррон.*
*Путке бишавӣ, занӣ ба сахра,*
*Он сахра шавад ба ҷой талқон,*
*Охир ба нишон расӣ ту якрост,*
*Рӯзе, ки шавӣ мисоли пайкон.*
*Раққос шавӣ ба қадди зебо,*
*Ҳам ҳофизи қобилу хушилҳон.*
*Аз ҷумлаи баччагони авлод*
*Дар дав гузарӣ ту чусту чаққон.*
*Аз водӣ гузар кунӣ савора,*
*Аспат бикунад чу барқ ҷавлон.*
*Гарде, ки зи наъли асп бархост,*
*Чун абри сияҳ бар осмонҳост.*

Касе, ки суруди модарро нашунидааст, гӯё ки ятим калон шудааст, мегуфт падарам. Аммо касе, ки бе падару модар калон шудаасту дар сари гаҳворааш сурудҳои Доғистонии моро хондаанд, ба ҳар ҳол ятим нест. Охир, на модар бошад, на падар, кӣ суруд мехонд? Худи Доғистон мехонд, кӯҳсорон мехонданд, дарёҳо мехонданд, ки аз сари кӯҳҳои баланд ҷорӣ мешаванд, одамоне мехонданд, ки дар кӯҳистон зиндагӣ мекунанд:

*Калобаи риштаи заррин – духтаракам,*
*Пӯпаки базебу нуқрагин – духтаракам,*
*Маҳтоби сари қуллаи кӯҳ – духтаракам,*

*Бузғолаи дар ёлаи кӯҳ – духтаракам.*
*Рав бо раҳи худ, агар ту тарсу бошӣ.*
*Чун духтари ман барои тарсу набувад.*
*Камдил, ту зи пеши дари мо дур бирав,*
*К-ин духтари ман бар ту муяссар нашавад.*

*Як шоха гули тозаву тар – духтаракам,*
*Гулдаста зи гулҳои баҳор – духтаракам.*
*Аз сабзаи навбаҳор – қолини нафис,*
*Ганҷинаи ганҷи шоҳвор – духтаракам.*

*Се раммаи гӯсфанд агарчи оред,*
*Бар нархи як абрӯш баробар накунам.*
*Се тубра агар нуқраву тилло оред,*
*Бар қимати як мӯш баробар накунам.*
*Ман ҳусни зиёдатии ӯро ҳатто*
*Надҳам ба касе ба ҳаққи се тубра тилло.*

*Бар зоғи сиёҳ ҳам ман ӯро надиҳам,*
*Ҳам низ ба он товуси зебо надиҳам.*
*Кабки дарӣ – духтаракам,*
*Ҳуру парӣ – духтаракам.*

Модари дигар ба тарзи дигар месарояд:

*Ҳар кас палангеро кушад, дар ҷангале танҳо кушад,*
*Ман духтарамро медиҳам.*
*Ҳар кас тавонад сахраро муште занад, талқон кунад,*
*Ман духтарамро медиҳам.*
*Бо тозиёна ҳар касе тасхир созад қалъаро,*
*Ман духтарамро медиҳам.*
*Ҳар кас тавонад моҳро буррад ба монанди панир,*
*Ман духтарамро медиҳам.*
*Ҳар кас тавонад доштан пеши дами амвоҷро,*
*Ман духтарамро медиҳам.*
*Ҳар кас канад истораро чун гул зи чархи нилфом,*
*Ман духтарамро медиҳам.*
*Ҳар кас тавонад бодро бо сеҳру афсун зад лаҷом,*
*Ман духтарамро медиҳам –*
*Ин духтараки зебояки рӯяш себи сурхро.*

Инак, суруди орзу:

*Нашкуфта гуле ба боғу гулшан,*

*Хандад гули ҳусни духтари ман.*

*Ҷорӣ нашуда ҳанӯз дарё,*
*Бофанд қатор кокул ӯро.*

*Ҳоло нафитода барф боре,*
*Оянд барош хостгорӣ.*

*Гӯед ба ҳар кӣ хостгоранд,*
*Як бӯшкаи ангубин биёранд.*

*Ҳам барраю гӯсфанди бисёр,*
*Чун буд варо падар парастор.*

*Баҳри падараш зи хостгорон*
*Лозим гала-асли барқҷавлон.*

Боз чунин суруди сари гаҳвора ҳаст:

*Ба гандумзор ояд духтари мо,*
*Саҳар ово кунад то мурги аввал.*
*Ба сӯйи маргзор ояд саҳаргоҳ*
*Шавад бедор то куку ба ҷангал.*
*Саҳар овораи худсозӣ хубон,*
*Вай орад кӯза об аз чашмасорон.*

Агар сурудҳои сари гаҳвора намебуданд, шояд дар олам сурудҳои дигар ҳам вуҷуд намедоштанд. Зиндагии одамон басо беранг мебуд, диловарию шуҷоат камтар мешуд, шеъру таронаҳо камобуранг мешуданд.

Модарон – нахустин шоиронанд. Онҳо дар дили писарону духтарони худ тухми шеър мекоранд ва сипас аз он тухмҳо гулҳо мерӯянд. Сипас, мардон дар лаҳзаҳои душвортарин, вазнинтарин ва мудҳиштарини ҳаёти худ аллаҳои модарро ёд мекунанд.

Ҳоҷӣ Мурод ба як ҷанговари буздилаш гуфт: «Аз афташ, модарат дар сари гаҳвораи ту алла нагуфтааст».

Вақте ки худи Ҳоҷӣ Мурод ба Шомил хиёнат карда, ба тарафи подшоҳ гузашт, Шомил бо танаффур гуфт: «Вай аллаҳои модаршро фаромӯш кардааст».

Аллаи модари Ҳоҷӣ Мурод чунин буд:

*Бишнав таронаи ман*
*Бо табассуму сурур.*
*Дар ҳаққи як далере,*
*Сарфарозеву магрур.*

*Ҷавҳари мардонагӣ –*
*Ханҷаре дар миёнаш,*
*Дар дав ба асп менишаст,*
*Оварда дар инонаш.*

*Мегузашт аз сари ҳад*
*Чун дарёчаи кӯҳсор,*
*Мебурид гардани кӯҳ,*
*Бо ханҷари ҷавҳардор.*

*Як дасти ӯ мешикаст*
*Заранги садсоларо.*
*Шаҳбозам, чу ӯ, эй кош,*
*Шавӣ далери якто.*

Модар ба рӯяки хандони фарзанд менигаристу ба суруди худ бовар мекард. Ва намедонист, ки писараш Ҳоҷӣ Муродро чӣ машаққатҳое дар пеш аст.

Тарки Шомил гуфта, ба тарафи душманони ӯ гузаштани Ҳоҷӣ Муродро шунида, модар суруди дигаре хонд:

*Ба варта бас ҷаҳида аз сари сахра,*
*Накардӣ бим аз пасту баландиҳо.*
*Кунун аз партгоҳе, ки фитодӣ ту,*
*Умеди бозгаштат не ба кӯйи мо.*

*Ба кӯҳистони дилбандат шитобидӣ,*
*Пас аз тороҷи густохона бас шабҳо.*
*Ба доми душман афтодӣ кунун чун сайд,*
*Умеди бозгаштат не ба кӯйи мо.*

*Кунун рӯзам сиёҳу рӯзгорам талх,*
*Дили ман аз умеду орзу холист.*
*Туро аз қабзаи фӯлодии он дом*
*Ба кӯйи мо умеди бозгаште нест.*

*Ҳазар кардӣ зи шоҳу аз имомат*
*Бахайр аст ин ҳама, аммо ту донӣ.*
*Хазар кардӣ зи кӯҳсори диёрат,*
*Ба кӯйи мо умеди бозгаштат не.*

Чунон ки маълум аст, Ҳоҷӣ Мурод баъд ҳаракат кард аз назди шоҳ бадар равад ва боз ба тарафи одамони худ гузарад. Аммо

ҳангоми гурехтанаш ӯро даст гирифтанд ва ба қатл расониданд. Сар аз тани бечони Ҳочӣ Мурод чудо карданд. Он гоҳ дар кӯҳистон боз як суруди модар пайдо шуд:

*Кашиданд ханчар, сар аз тан чудо шуд,*
*Дигар чумла овозаҳо беасос аст.*
*Ба шӯрои ҳарбиву чанги шадиде*
*Сари ӯст лозим, ки худ беқиёс аст.*

*Сари раҳ тани бесараш хок гашта,*
*Ба беҳуда овозаҳо мо чӣ гӯем.*
*Ба чанге, ки кӯҳсори мо шуд мусаххар,*
*Чӣ муҳточи бозуву дастони ӯем.*

*Зи шамшер пурседу аз теги тезе,*
*Ки мурдаст ноиб ва ё зинда мондаст.*
*Магар сахра бӯйе борут надорад?*
*Насӯхта замине, ки ӯ хун фишондаст?*

*Варо ном уқоби сари қулла буд, лек*
*Параш рехт акнун, наёяд паёмаш.*
*Качии ҳаёташ кунад рост шамшер,*
*Кунад тоза ҳам доги номусу номаш.*

Суруди модар оғоз ва сарчашмаи тамоми сурудҳои одамист. Табассуми аввалин ва ашки охирин аст суруди модар.

Суруд дар дил тавлид мешавад, сипас дил онро ба забон меоварад, сипас забон онро ба дилҳои одамон мебарад, сипас дилҳои одамон онро ба асру замон мебаранд.

Дар ин чо нақли он сурудҳо бамаврид аст.

## СУРУДИ МОДАРИ ШОМИЛ

«Дар суруд аз ду якеро бичӯй – ё хандаро, ё гиряро. Ба мо - мардуми кӯҳистон ҳозир на ин даркору на он. Мо ҷангидан дорем. Ба сар сад азобу машаққат ояд ҳам. шиква кардану ашк рехтан аз мардӣ нест. Аз тарафи дигар, мо ба хандаву шодӣ ҳам асос надорем. Дилҳои мо лабрези ғаму ғуссаанд. Дирӯз ман ҷавононеро, ки дар назди масҷид мерақсиданду месуруданд, ҷазо додам. Беақланд онҳо. Ҳамин корашонро агар боз бинам, боз ҷазо медиҳам. Агар ба шумо шеър даркор бошад, Қуръонро хонед. Каломи пайғамбарро такрор бикунед. Шеърҳои ӯ ба дари Каъба ҳам сабт гаштаанд».

Имом Шомил сурудхониро дар Доғистон ҳамин тавр манъ мекард. Барои сурудхониашон занонро бо ҷорӯбу мардонро бо тозиёна мезад. Фармон фармон аст. Дар он солҳо бисёр сарояндагон ба зери тозиёна меафтоданд.

Вале сурудро магар хомӯш метавон кард? Сарояндаро хомӯш метавон кард, аммо сурудро – ҳаргиз. Мо басе сангҳои мазорро мебинем, зери онҳо одамон мадфунанд. Аммо қабри сурудро кӣ дидааст?

Дар рӯйи як санги мазор ман чунин суханҳоро хондам: «Мурд, мемуранд ва хоҳанд мурд». Дар боби суруд ин тавр гуфтан мумкин аст: «Намурдааст, намемирад ва нахоҳад мурд». Дар рӯзҳои ғазавот сурудҳоро чиҳое накарданд, аммо сурудҳо на танҳо зинда монданду то рӯзҳои мо расиданд, зиёда аз ин, акнун он сурудҳо ба ҳукми хандаи тақдир «Сурудҳои Шомил» ном гирифтаанд.

Дарвоқеъ, аз хусуси сурудҳои модари Шомил… Дар он рӯзҳо лашкарони душман авули Охулгоро забт карда буданд. Он ҷанг басо қаҳрамонон тавлид кард, вале ҳама дар он ҷо, дар он корзор монданд. Захмдорон таслим шудан нахоста, худро ба Қӯйсуи Авар меандохтанд. Дар миёни муҳосирон хоҳари Шомил бо фарзандонаш низ буд.

Дар ҳамин айёми вазнин имоми хаставу захмин ба авули худ Гимрӣ омад. Вай ҳанӯз лаҷоми аспашро ба дасти муридонаш надода, сурудеро шунид. Суруд не, балки нолае буд он:

*Дар авулҳои кӯҳистон хун бигирйед, одамон,*
*Дар азои мурдагону васфашон дастон кунед.*
*Чун дижи Охулго тасхир шуд бар душманон,*
*Як тани зинда намонда, мардумон, афғон кунед.*

Баъд дар суруд ҳамаи қаҳрамонони фавтида номбар мешуданд. Офарандаи суруд нидо мекард, ки ҳама сиёҳу кабуд пӯшанд. Дар суруд гуфта мешуд, ки ин андуҳро шунида, тамоми чашмаҳои

кӯҳистон хушкидаанд. Дар он суруд аз Аллоҳ илтиҷо карда мешуд, ки мардуми кӯҳистонро дар паноҳаш нигаҳ дорад, ҷони писари ҳафтсолаи Шомил Ҷамолуддинро, ки дар Петербург гаравгони оқподшоҳ аст, эмин дорад.

Шомил ба рӯйи санг нишаста ва даст бар риши анбӯҳи ҳинокардаи худ андохта, мардуми атрофро имтиҳонкорона назора намуд, сипас пурсид.

– Юнус, ин суруд чанд мисраъ аст?

– Саду ду мисраъ, имом.

– Гӯяндаи ин сурудро ёфта, сад тозиёна мезанӣ. Ду тозиёнаашро мемонӣ, ман мезанам.

Мурид фавран тозиёнаро баровард.

– Сурудро кӣ навиштааст?

Ҳама хомӯш.

– Сурудро кӣ навиштааст, мегӯям?

Ин дам ба назди имом модари қоматхамидаву андуҳдидааш омад. Ӯ ба даст ҷорӯб дошт.

– Писарам, ин сурудро ман гуфтаам. Хонаи мо имрӯз мотамсаро аст. Ма, ин ҷорӯбро бигиру фармонатро ба ҷо ор.

Имом дар андеша афтод. Сипас, аз дасти модар ҷорӯбро гирифту ба девор рост карда монд.

– Модар, ту хона бирав.

Модар ба писар нигоҳ карда-нигоҳ карда рафт. Ҳамин ки модар дар гардиши тангкӯча ғоиб шуд, Шомил шамшеру камарбандашро кушод, чакмани черкасиро аз тан бадар кард.

– Модарро задан мумкин нест. Гуноҳи ӯро бояд ман, писараш Шомил, ба гардан бигирам…

Танашро то миён луч карда, ба рӯйи нимкат хобид ва ба муриди худ хитоб кард:

– Чаро тозиёнаро баҷо кардӣ? Бигир онро ва гуфти маро бикун.

Мурид дудила шуд. Имом абру чин кард ва мурид беҳтар аз ҳама медонист, ки оқибати ин чӣ мешавад?

Мурид тозиёна заданро бар тахтапушти имом сар кард, аммо оҳиста–оҳиста мезад, ҷазо намедод, балки навозиш мекард.

Шомил баногоҳ аз ҷо ҷаста, бонг зад:

– Хоб кун ба ҷои ман!

Мурид ба рӯйи нимкат дароз кашид. Шомил тозиёнаро аз дасти мурид гирифта, ӯро се тозиёна зад. Тахтапушти мурид суп–сурх варамиду давида баромад.

– Ана, ин хел задан даркор, фаҳмидӣ? Акнун сар кун, лекин бе нағма.

Мурид ба тахтапушти имом шумурда-шумурда тозиёна зад.

– Бисту ҳашт, бисту нуҳ…

– Не, акнун бисту ҳафто шуд. Партофта нарав, гузашта ҳам нарав.

Мурид зери обу арақ монда буд ва дам ба дам арақашро бо остини чапаш пок мекард. Тахтапушти имом силсилаи кӯҳеро мемонд, ки онро роҳу пайроҳаҳо ба чор сӯ бурида гузаштаанд, ё ба домани теппае шабоҳат дошт, ки онро галаи аспон сумкӯб кардаанд.

Ниҳоят ин азоб тамом шуд. Мурид як сӯ истода, нафас рост мекард.

Шомил либосашро пӯшида, яроқашро баст ва ба одамон рӯ оварда, гуфт:

– Кӯҳистониён, мо бояд биҷангем. Мо вақти суруднависию сурудхонӣ, фурсати афсонагӯйӣ надорем. Бигзор душманон дар ҳаққи мо суруд хонанд. Инро ба онҳо шамшерҳои мо ёд медиҳанд. Оби дидаҳоро пок кунед, яроқҳоро тез кунед. Мо Охулгоро аз даст додем, аммо Доғистон зинда аст ва ҷанг ҳанӯз ба охир нарасидааст.

Баъди он рӯз Доғистон бисту панҷ соли дигар ҷангид, то даме ҷангид, ки набарди охирин хомӯш гардид ва Ғуниб таслим шуд.

Дар айни авҷи ҷанги Ғуниб, ки чанд рӯз давом дошт, имом дар масҷид намоз мехонд.

– Ин хел балоро Доғистон ҳеҷ надида буд! – гуфт завҷаи нахустин, завҷаи калони Шомил Фотимат.

– Саҳв мекунӣ, Фотимат, Доғистон аз ин пеш як балои дигарро ҳам дида буд.

– Кадом балоро?

– Вақте ки ман ба болои ту барин зан Шуоинатро ба занӣ гирифтам.

Имом хандид. Муридҳои захмдор, ки дар ҳамин масҷид мехобиданд, низ хандиданд. Гӯё ки хандаи имомро аввалин бор шунида, тамоми Доғистон механдид.

Ӯ дар душвортарин лаҳзаи ҳаёти Доғистон механдид, дар лаҳзае ки иморати бунёдкардаи ӯ, мояи ифтихори ӯ барбод мерафт. Вай чанд соат пеш аз асир афтодани худ механдид.

Ногоҳ Шомил хомӯш монд ва симояш ҷиддӣ шуд. Ҳар се завҷаи худро ба рӯйи сангҳои Ғуниб қатор шинонида, хоҳиш намуд:

– Ба ман ҳамон суруди раҳматӣ модарамро хонед.

Фотимату Нафисату Шуоинат баробар сар карданд.

Охирин оҳанги суруд хомӯш гардид. Моҳ аз осмон нур мепошид. Имом маҳзун шуд…

– Як бори дигар бихонед.

Фотимату Нафисату Шуоинат баз хонданд. Ин дафъа суруд дуртар рафт. Онро шаххҳои маҳзун, бедҳои маҷнун ва тӯсҳои Ғуниб, ки дар партави моҳ мунаввар буданд, шуниданд. – Бори сеюм бихонед! – фарёд зад Шомил. Садои суруд боз ҳам дуртар рафт. Онро ин дафъа ҳам авулҳои оташгирифтаи атрофи Ғуниб, ҳам авулҳои

хомўшу дурдасти кўҳистон, ҳам муридони фавтида дар гўристон шуниданд. Вале ҳамин вақт субҳ дамид ва боз набард сар шуд, набарди охирин. Ҳангоме ки садои тиру туфанг хомўш гардид, садои суруд ҳам фурў нишаст.

Имом асири баобрў гашт. Яроқу аспашро баргардониданд, завҷаҳояшро ҳам бо худаш монданд, аммо Доғистонро барояш намонданд, ўро ба шимоли дур бурданд. Аз Доғистон фақат суруде монд, ки онро як вақт модари пираш гуфта буд. Ин сурудро ба асири фахрӣ аввал се завҷааш хонданд. Сипас, фақат Нафисату Шуоинат монданд. Сипас, ин сурудро дар биёбони Арабистон ба Шомил ҷон ба лаб Шуоинат хонд, Шуоинате, ки баъди ду зани калонӣ монда буд, завҷаи охирин ва суруди охирини Шомил буд.

Ҳангоме ки аз Шуоинат ҳикоят мекарданд, падарам мегуфт:

– «Вай зани аз ҳама соҳибҷамоли даргоҳи Шомил буд. Вай завҷаи охирин ва муҳаббати аввалини имом буд. Имом ҳам мисли ҳамаи кўҳистониён одатҳои худамонро риоя карда, зан мегирифт. Аммо ин занашро… Ин зан ба ў мукофоти ногаҳоние буд. Вақте ки диловартарин ноибон Ҳақбердил Муҳаммад Моздокро ба тороҷ дод, духтари як армани тоҷир-Аннаи соҳибҷамолро дуздид. Ин ҳодиса чанд рўз пеш аз тўйи он духтар рўй дод. Мурид ғанимати худро дар бурқаъ печонида, ба даргоҳи имом овард. Вақте ки бурқаъро кушоданд, имом ба ғайр аз ду чашми шаҳлои обӣ, ки гўё аз осмони Доғистон ато шуда бошанд, чизеро надид. Он чашмон бе ҳарос, рост ба рўйи имом менигаристанд. Он чашмон мўзаи хроми сурхи имом, яроқи он, риши он, чашмони онро медиданд. Арманидухтари ҷавон дар пеши назар шахсеро дид, ки на ҷавон гуфтан мумкин, на зебо. Аммо қиёфаи ў ҷозибае дошт. Аз симояш ҳам тавону қудрат падидор буду ҳам меҳру шафқат. Чашмони онҳо ба ҳам бархўрданд. Ҷанговари ҷиддӣ як навъ сустшавиии дилашро ҳис кард. Ин гуна сустӣ ба ў бегона буд, аз ин рў, ҳаросид. Ҳамон дам овози омиронаи ў баланд шуд:

– Бирав, ин духтарро аз куҷое оварда бошӣ, ба ҳамон ҷо бурда мон.

– Барои чӣ, имом? Ин хел духтари хушрў. Чор ишкелаш бутун.

– Барои чӣ буданашро ман медонам, кори ту– аспро зин кардан.

– Чӣ қадар бозхарид бигирам?

– Ҳамин тавр, бе бозхарид медиҳӣ.

Хақбердил Муҳаммад маҳви ҳайрат шуд. Шомил то ҳол асирро бе бозхарид надода буд. Аммо бо вай баҳс кардан мумкин нест.

Мурид ба асираи худ гуфт:

– Ҳозир ман туро гашта ба назди падару модарат мебарам. Аҷаб хурсанд мешаванд. Ба онҳо мегўйӣ, ки Шомил роҳзан нест.

Баъди он ки суханони муридро ба Анна тарҷума карданд, вай сӯйи Шомил бо чашми ҳайрат нигарист. Ҳама пиндоштанд, ки духтар ба ин бахти худ бовар намекунад.

Ба вай бори дигар гуфтанд:

– Имом хеле афсӯс мехӯрад, ки ин ҳодиса рӯй додаасст. Ӯ туро бе ягон бозхарид ҷавоб медиҳад.

Он гоҳ духтари соҳибҷамол ба Шомил рӯ оварда гуфт:

– Эй пешвои Доғистон. Касе нияти маро дуздидан ҳам накардааст. Ман ба назди ту худам омадам, омадам, ки асираи ту бошам.

– Чи хел, барои чӣ?

– Барои дидани қаҳрамоне, ки номаш вирди забони мардуми Кафказ ва тамоми олам гаштааст. Ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун, аммо асорати ихтиёрии худро ман ба ягон чиз иваз намекунам. Ва аз ин даргоҳ ба ҳеҷ ҷо намеравам.

– Не, рафтанат беҳтар аст.

– Ҳамин гапро ту гуфта истодаӣ, Шомиле, ки ҳама шермардаш мехонанд?

– Ин гуфтаи Аллоҳ аст.

– Худо ин хел гуфта наметавонад.

– Гуфтори Аллоҳи ману Худои ту гуногун аст. Аз ҳамин рӯз асираи туям, пешвои Доғистон, канизи туям. Аз ҳамин рӯз Аллоҳи ту Худои ман аст. Ман дар бачагӣ дар васфи ту сурудҳо шунидаам ва яке аз онҳоро ба ёд дорам. Ин суруд дар дилам маъво гирифтааст.

Арманидухтарак баногоҳ бо забони номаҳфуме суруди аҷибе оғоз кард. Аз паси кӯҳи баланд бар осмон моҳ ҳам баромад. Аммо духтари Арманистон ҳамон дар васфи Шомил суруд мехонд.

Мурид даромад.

– Имом, аспро зин кардам. Духтаракро гирифта барам?

– Монаш. Вай ин сурудашро бояд ба охир расонад, ба ин суруд тамоми умраш сарф мешуда бошад ҳам, майлаш.

Баъди чанд рӯз дар Доғистон гапу калоча сар шуд. Як кас ба гӯши каси дигар мегуфт, як авул ба авули дигар мерасонд, пич-пичу миш-миш, ғайбат мекарданд.

– Шунидед? Шомил боз як зан гирифтааст.

– Имоми муъмин арманидухтарро гирифтааст.

– Саллаи имомро кофирдухтар мешӯяд. Вай ба ҷойи Худою Расул барои имом суруд мехондааст.

Доғистон гӯё шишта мехест. Аммо гап-гапи мардум рост буд. Имом зани сеюм гирифт. Ин зан дини исломро қабул кард, ба сар рӯмоли кӯҳистонӣ баст ва ба худ номи аварӣ гирифт. Анна ба Шуоинат табдил ёфт. Барои имом лазизтарин таом ҳамон буд, ки Шуоинат пеш мениҳод... Равшантарин ва гармтарин хона хонаи ӯ буд. Маҳрамонатарин суханон суханони ӯ буданд. Чеҳраи ҷиддии имом андак нармтар, лутфомез ва хуштар гардид. Аз Моздок аз номи па-

дару модари Шуоинат ба назди Шомил чандин бор илтимос карда омаданд, ки чи қадар бозхарид хоҳад, гираду Шуоинатро рухсат кунад, Шомил ин гапҳоро ба Шуоинат мерасонид, аммо вай фақат дар ҳамон як гап меистод:

– Имом, ту-шавҳари ман. Агар сарамро аз танам ҷудо кунӣ ҳам, ба хонаи падарам намеравам.

Имом ҷавоби ӯро ба фиристодагони Моздок мерасонид. Боре ба назди имом бародари ҳамхуни Шуоинат омад. Имом ӯро хуб пазируфт, иҷозат дод, ки бо Шуоинат мулоқот бикунад. Додару хоҳар муддати ду соат танҳо ба танҳо суҳбат карданд. Бародар аз ғаму андуҳи падар ва ашки резони модар, ҳаёти хушу хурсандонае, ки дар хона интизори ӯст, аз домоди ҷавони бетолеъ, ки ҳанӯз ҳам ӯро дӯст медорад, нақл кард…

Ҳамааш барабас рафт. Шуоинат рад кард. Бародараш бо ду дасти холӣ баромада рафт.

Зани якуми имом Фотимат мавриди муносиберо ёфта, ба ӯ гуфт:

– Имом, атроф хунрезӣ, одамон ҷон мекананду ҷон медиҳанд. Ту ба кадом дил сурудҳои Шуоинатро монанди дуо гӯш мекунӣ? Охир, ту сурудхониро дар Доғистон манъ кардаӣ. Ҳатто аз суруди модари худ рӯ гардондӣ.

– Фотимат, – гуфт пешво. – Шуоинат сурудҳое мехонад, ки онҳоро дар ҳаққи мо душманонамон мехонанд. Агар ман мемондам, ки сурудҳои оҳу нола паҳн шаванд, ин сурудҳо ба гӯши душманонамон мерасиду он гоҳ онон дар ҳаққи мо ақидаи дигар мекарданд. Дар он сурат ман ба чашми модароне, ки писарҳошон ҳамроҳи ман ба ҷангҳо рафта, ҳалок шудаанд, нигоҳ карда наметавонистам, хиҷил мешудам. Аммо бигзор душманон дар ҳаққи мо суруд хонанд. Ман бо ҷону дил гӯш мекунам. Дигарҳоро ҳам фарёд мекунам, ки гӯш бикунанд.

Аммо Фотимат на барои он ғам мехӯрд, ки имом сурудҳои завҷаи ҷавонашро гӯш мекунад, вай аз он сабаб ғамгин буд, ки шавҳар бо завҷаҳои аввалаи худ мисли пештара розгӯйӣ намекунад. Аз байн дере нагузашта, воқеаи зерин рӯй дод:

Рӯзе ба имом хабар оварданд, ки оқподшоҳ тайёр аст писараш Ҷамолуддинро, ки он вақт дар корпуси кадетии Петербург мехонд, бо Шуоинат иваз бикунад. Ин амри маҳоле буд. Имом рад кард. Вуҷуд доштани чунин имконро Шомил аз ҳама пинҳон карда бошад ҳам, ин гап ба гӯши Фотимат расид.

Рӯзе Фотимат ба назди палонҷи ҷавони худ омада гуфт:

– Шуоинат, қавл медиҳӣ, ки гапзанони ману туро ғайр аз Аллоҳи таоло касе намефаҳмад?

– Медиҳам.

– Ту аз ман беҳтар медонӣ, ки Шомил вақтҳои охир бедорхоб шудааст, бисёр ғам мехӯрад, азоб мекашад.

– Мебинам, Фотимат, мебинам.
– Намедонӣ, барои чӣ ин хел бошад?
– Намедонам.
– Ман медонам. Агар хоҳӣ, ту давояшро ёфта метавонӣ.
– Гап зан. Фотимат, гап зан, азизам.
– Ту, албатта, қиссаи Ҷамолуддинро шунидаӣ, писари ману Шомилро?
– Шунидаам.
– Назди мо гашта омадани вай –ба ту вобаста. Охир, ту ҳам модаратро ёд мекунӣ. Ман модар ҳастам. Писарамро даҳ сол боз надидаам. Ёрӣ расон! Ба хотири ман не, ба хотири имом…
– Ба хотири Шомил ҳар коре бошад, мекунам. Лекин чи хел бикунам?
– Агар ту ба хонаи падару модарат гашта равӣ, подшоҳ Ҷамолуддинро ба мо гардонида медодааст. Писаракамро ба ман баргардон. Аллоҳи таоло туро фардо дар биҳишти ҷовидон ҷой диҳад. Илтиҷо мекунам.
Дар чашмони Шуоинат ашк рахшид.
– Ҳамаашро мекунам, Фотимат, ҳамаашро мекунам, – гӯён Шуоинат баромада рафт.
Ӯ ба хонаи худ даромад, ба рӯйи қолин парӯ афтода, аввал хеле гирист, баъд суруди ҳузнангезе оғоз кард. Шомил омад.
– Ба ту чӣ шуд, Шуоинат?
– Имом, маро ба назди падару модарам ҷавоб деҳ.
– Чи хел?
– Ман бояд равам.
– Барои чӣ? Ту чиҳо мегӯӣ? Худат намеравам гуфта будӣ, ман акнун туро ҷавоб дода наметавонам.
– Шомил, маро ба хонаи падарам фирист. Илоҷи дигар нест.
– Аз афти кор, ту нотоб шудаӣ.
– Ман мехоҳам, ки ту дидори Ҷамолуддинро бубинӣ.
– Ҳа, гап дар ин ҷо будааст. Ту ба ҳеҷ ҷо намеравӣ. Шуоинат. Агар писарамро фақат бар ивази завҷаам мегирифта бошам, бигзор якумрӣ беписар монам. Агар вай писари ман бошад, роҳро ба сӯйи модараш, ба сӯйи кишвараш худаш ёбад. Ман ба назди писарам бо роҳи ту мекушодагӣ намеравам. Ман ба сӯяш роҳи сазовори ману вайро ёфта меравам. Хубаш, аспи маро барор.
Шуоинат аспи имомро аз дарвоза баровард. Аз мех тозиёнаро гирифта, ба дасти ӯ дод.
Дар ҳамаи лашкаркашиҳову мусофиратҳо – дар Доғистон, дар Петербург, дар Калуга, дар хоки араб – то дами вопасини имом завҷааш Шуоинат ҳамроҳу ҳамдамаш буд. Ҳатто ҳозир, дар рӯзҳои мо ҳам, аз ваҷҳи он зани наҷиб афсонаву ривоятҳо мегӯянд. Билахи-

ра зан сабаби он шуд, ки ба назди имом писараш Ҷамолуддин баргашт. Аммо ин қиссаи дигар аст.

## СУРУДИ ҶАМОЛУДДИН

Гаравгони ҳаштсола ҷавони бистучаҳорсола шуда, ба Доғистон баргашт. Имомро басо қуввату тоқат ва ҳилаву тазвир лозим шуд, то писарашро гардонда гирад. Шомил ба оқподшоҳ бисёр асирони ҳарбии русро пешниҳод мекард, аммо подшоҳ ба иваз кардан розӣ намешуд. Кӯҳистониписар ба ӯ дар Петербург лозим буд. Подшоҳ ба Шомил исрор мекард, ки муборизаи бемаъниро бас кунад, вагарна писарашро аз ҳаёт маҳрум хоҳад кард. Имом ба таҳдидҳо гардан намефуровард. Аз номи писараш (эҳтимол, худи писараш бошад) ба ӯ менавиштанд, ки подшоҳ пурзӯр аст ва ягон умеди бар вай ғолиб омадан нест. Ва ҳол он ки Доғистон аз хунрезӣ бемадор гаштааст ва муқобилат ғайр аз зарар ва ғаму андуҳ чизе намеоварад.

Имоми якрав ба ягон гап бовар намекард.

Тавре шуд, ки Ҳоҷӣ Мурод ҳамроҳи чанде аз муридон ба тарафи подшоҳ гузашт. Аммо тамоми аҳли хонаводааш: модар, завҷа, хоҳар ва писарашро дар кӯҳистон монда рафт. Табиист, ки ҳамаи онҳо дар дасти Шомил монданд. «Агар барнагардӣ, – навишта буд Шомил ба Ҳоҷӣ Мурод, – писарат Бӯлчиро сар мезанам, модару завҷаю хоҳаратро ба дасти ҷанговарҳо медиҳам, расво кунанд».

Ҳоҷӣ Мурод аз ҷониби худ мекӯшид, ки аҳли оилаашро халос бикунад ва бо ҳамин дасти худро барои мубориза бар зидди имоми якрав бикушояд. Ӯ дар он рӯзҳо мегуфт: « Дасту пойи ман баста аст ва як нӯги банд дар дасти Шомил». Дар хусуси бозхарид ҷойи гап ҳам набуд. Вақте Шомил фаҳмид, ки муриди собиқаш аҳли оилаашро бозхарид дода гирифтанист, гуфт: «Ба болокории ҳамаи ин Ҳоҷӣ Мурод, аз афташ, девона шудааст».

Вале агар Шомил дар даст як нӯги бандеро, ки нӯги дигараш дар дасти Ҳоҷӣ Мурод аст, нигоҳ медошта бошад, пас, дар дасти Ҳоҷӣ Мурод риштае буд, ки рост ба дили Шомил мерасид. Ин ришта Ҷамолуддин буд. Ҳоҷӣ Мурод аз Воронтсов хоҳиш кард: «Бигзор оқподшоҳ Ҷамолуддинро ба назди падараш ҷавоб диҳад. Он гоҳ Шомил мумкин хешовандони маро сар диҳад. То даме ки оилаи ман дар дасти имом аст, ба муқобилаш ба ҷанг баромадани ман, ҳам модарам, ҳам писарам, ҳам завҷаам ва умуман тамоми хешовандонамро ба дасти худам куштан, гуфтан аст».

Воронтсов ба подшоҳ арз кард ва подшоҳ ба иваз кардан розӣ шуд. Ба Шомил чунин навиштанд: «Агар аҳли оилаи Ҳоҷӣ Муродро сар диҳӣ, писаратро мегирӣ».

Шомил дар миёни ду роҳи душворе монд ва намедонист кадомеро интихоб бикунад. Се шаб на худаш хоб кард, на аҳли оилааш. Рӯзи чаҳорум имом писари Ҳоҷӣ Мурод Бӯлчиро ба назди худ даъват кард.

– Ту писари Ҳоҷӣ Мурод?

– Ҳо, ман писари Ҳоҷӣ Мурод, имом.

– Ту медонӣ, вай чӣ кор кардааст?

– Медонам, имом.

– Хӯш, ту ба ин чӣ мегӯйӣ?

– Ба ин чӣ ҳам гуфта мешуд?

– Ӯро дидан мехоҳӣ?

– Бисёр мехоҳам.

– Ман туро ҳамроҳи модарат, модаркалонат ҷавоб медиҳам, ба наздаш равед, тамоми аҳли оилаатонро ҷавоб медиҳам.

– Не, ман ба назди вай рафта наметавонам. Ҷойи ман Доғистон аст. Дар он ҷо Доғистон нест.

– Рафтан даркор, Бӯлчӣ. Ман амр мекунам.

– Намеравам, имом, маро дар ҳамин ҷойи истодаам бикушӣ, аз ин амр беҳтар аст.

– Мебинам, ки ту ҳам падарат барин нофармонӣ.

–Мо ҳама фармонбардори туем, имом, лекин маро ба он ҷо рав нагӯй. Маро ба ҷанг равон бикунӣ, беҳтар. Ҷонамро дареғ намедорам.

– Бар зидди падар ҷангидан?

– Бар зидди душманон.

Он рӯз Шомил ба Бӯлчӣ яке аз беҳтарин ханҷарҳои худро инъом кард.

– Инро бигиру монанди падарат ханҷарбардорӣ бикун. Лекин ҳамеша ба кӣ ханҷар заданатро бидон.

Савдои Ҳоҷӣ Мурод напухт. Писараш ба назди ӯ нарафт. Ҷамолуддин ҳам ба назди имом барнагашт.

Вале Шомил дар ин миён худ тадбирҳо мекард. Вай писари дигараш Қозимуҳаммадро ба тороҷи мулки князи гурҷӣ Синандали фиристод. Дар натиҷа зани княз Чавчавадзе, зани княз Орбелиани ва ҳамроҳи онҳо мураббияи франсавӣ асир гирифта шуданд. Екатерина Чавчавадзеро, ки хоҳари Нина Грибоедова буд, муридон аз ковокии дарахт ёфта гирифтанд.

Акнун Шомил метавонист ба подшоҳ шарти худро гузорад. Охир, подшоҳ бо ҳар роҳе бошад, ҳаракат мекард, ки занони князҳои гурҷиро халос бикунад. «Занони князҳоро фақат ба ивази писарам гардонда медиҳам», – ин буд шарти қатъии Шомил.

Инак, он рӯз расид. Дарёи фарохдоман равон. Дар соҳилаш княззанҳои рабуда лаҳзаи озодиро мунтазир. Ба он соҳил ҳамроҳи ҷанговарони рус писари имом баромад. Шомил низ савори аспи худ

ба лаби дарё омад. Ӯ ба одамони соҳил бодиққат менигарист ва ҳаракат мекард, ки Ҷамолуддини худро бубинад. Охир, онҳо ин қадар вақт боз ҳамдигарро надидаанд. Оё падару писар якдигарро мешинохта бошанд?

Ба имом як афсари шинелпӯши русро, ки сардӯши тилло дошт, нишон доданд. Он афсар бо афсарҳои дигари рус гуфтугӯ дошт, бо онҳо видоу оғӯшкашӣ мекард. Сипас, ба назди духтаре, ки аз ҳозирон канортар меистод, рафт ва дасти ӯро бӯсид. Вай гоҳо ба сӯйи падараш, ки савори аспи сафеде буд, назар меафканд.

– Ҳамонаш писари ман аст? – пурсид имом, аз афсар чашм наканда ва ягон ҳаракати ӯро аз назар дур накарда.

– Ҳа. Ана ҳамон Ҷамолуддин аст.

– Ба вай чакмани черкасию яроқи худамонро бурда диҳед. Аз ҳамин рӯз вай на афсари подшоҳ, балки ҷанговари Доғистон аст. Либоси танашро ба дарё партоед. Набошад, писарамро ба наздам омадан намонам.

Ҷамолуддин амри падарро баҷо овард ва либосашро дигар кард. Аз рӯйи чакмани черкасии кӯҳистонӣ яроқи кӯҳистониро овехт. Аммо дар таги чакмани черкасию попох дилу сари Ҷамолуддин буд ва онҳоро ба ҳеҷ чиз иваз карда намешуд.

Инак, аз дарё гузашт ва ба назди падараш омад.

– Писараки азизам!

– Падарам!

– Ба Ҷамолуддин асп доданд. Дар аснои тамоми роҳ, то худи Ведено, падару писар паҳлу ба паҳлу роҳ паймуданд. Гоҳо падар мепурсид:

– Ҷамолуддин, ин ҷойҳо ба ёдат ҳаст? Ин шаххоро фаромӯш накардаӣ? Авуламон Гимрӣ ба ёдат ҳаст? Охулгоро ба хотир дорӣ?

– Падар, ман он вақт бисёр хурд будам.

– Ягон бор дар ҳаққи Доғистон дуо кардӣ? Дуоҳои худамонро фаромӯш накардаӣ, сураҳои Қуръон ба ёдат ҳаст?

– Дар ҷое, ки ман зиндагӣ мекардам, Қуръон дар дастам набуд, – бо дили нохоҳам ҷавоб медод Ҷамолуддин.

– Наход, ту ягон бор ҳам ба назди қудрати Парвардигор саҷда наовардӣ? Ибодат накардӣ? Рӯза надоштӣ? Намоз нахондӣ?

– Падар, мо бояд гуфтугӯ бикунем.

Вале Шомил ба асп маҳмез зад.

Пагоҳии рӯзи дигар имом писарашро ба назди худ хонд:

– Нигар, Ҷамолуддин, офтоб аз паси кӯҳ сар мебардорад. Аҷаб манзараи зебо, ҳамин тавр не?

– Зебост, падар.

– Барои ҳамин кӯҳҳо, барои ҳамин офтоб ҷонатро нисор карда метавонӣ?

– Падар, мо бояд гуфтугӯ бикунем.

– Хайр, гап зан.

– Падар, Русия бузург, сарватманд ва пурзӯр аст аст. Фақирии ин кӯҳистон, камбағалию тирагиро муҳофизат карданамон чӣ ҳоҷат? Русия адабиёти бузург, мусиқии бузург, забони бузург дорад. Ҳамааш ба кишвари мо мебояд. Агар Доғистон ба Русия ҳамроҳ шавад, фақат бурд мекунад. Вақти он расидааст, ки ба ҳақиқат бо чашми хирад нигарем ва таслим шавему ҷароҳатҳоро даво бикунем. Бовар бикун, ман Доғистонро на камтар аз ту дӯст медорам…

– Ҷамолуддин!..

– Падар, дар Доғистон авуле нест, ки онро камаш як бор оташ назада бошанд. Шахсе нест, ки маҷрӯҳ нашуда бошад. Санге нест, ки ба рӯяш хун нарехта бошад.

– Мебинем, ки ту ба муҳофизати ҳамин шаххҳои маҷрӯҳ тайёр нестӣ ва аз уҳдаи ин кор ҳам намебароӣ.

– Падар!

– Ман ба ту падар нестам. Маълум шуд, ки ту ҳам ба ман писар нестӣ. Гапҳои туро шунида, мурдагон бояд дар гӯрашон рост истанд. Лекин мани зинда чӣ кор бикунам, ки ин гапҳоро аз забони ту мешунавам? Дидӣ, шаххо чи хел тира шуданд?

Шомил муқаррабони содиқ ва аҳли хонаводаашро фарёд кард:

– Мардум, ман ба шумо гапҳои писарамро нақл карданиям. Ин мегӯяд, ки оқподшоҳ бузург, қувваи душман бисёр, давлати подшоҳ калон аст ва мо беҳуда меҷангем. Ин мегӯяд, ки таслим шавем ва ба пеши пои подшоҳ итоаткорона сар андозем. Ман гумон мекардам, ки одами ҷасорат карда, на фақат ин гапро мегуфтагӣ, ҳатто аз дилаш мегузаронидагиро ягон соат дар Доғистон нигоҳ нахоҳам дошт. Имрӯз ин гап садо дод, боз дар куҷо? Дар хонаи мо. Ин гапро боз кӣ мегӯяд? Писари ман! Инро чӣ бояд кард, одамеро, ки подшоҳ барои беобрӯ кардани ҳам Доғистону ҳам ман фиристодааст? Шумо хуб медонед, ки найзаи душманон ҳам ба синаи ман, ҳам ба синаи Доғистон чандин бор захм задааст. Акнун найзаи сохтаи худи маро подшоҳ тез карда, ба ҷигари худам мезанад. Чӣ бояд кард?

Хешовандон суханҳои имоми худро бо дили пурандуҳ гӯш медоданд. Фақат модар ба ин ҳама бовар карда наметавонист.

Шомил тоб хӯрда, ба Ҷамолуддин нигаристу хитоб кард:

– Эй душмани кӯҳистон! Ба ҷое меравӣ, ки овозатро ман нашунавам. Ту падар ҳам надорӣ, Доғистон ҳам. Занҳои князҳоро ман ба ту иваз кардам, лекин туро ба кӣ иваз бикунам? Ман туро чӣ кор бикунам?

– Писаратро ҳар чӣ мехоҳӣ, кардан гир, падар. Бикуш, лекин аввал гапамро то охир гӯш бикун.

– Бас. Ман ҳамеша ба нидои Аллоҳи таоло гӯш медодам, лекин имрӯз ба вай ҳам гӯш намекунам. Аллоҳ мегӯяд: «Душманро бикуш!» Ман ба вай ҷавоб медиҳам, ки ин душман нест, балки фарзан-

ди роҳгумзада аст. Ман ба вай мегӯям, ки гӯшту нохунро аз ҳам ҷудо карда намешавад. Бинобар ин, рӯз бин, лекин ин ханҷарро аз камарат кушо. Яроқ ба касе лозим, ки омодаи ҷанг аст.

Шомил писари худро ба авули дурдасте бадарға кард. Ҷамолуддин дар он ҷо монанди барге, ки аз дарахт канда шудааст, зиндагӣ мекард. Ӯ аз бори ғаму ғусса, таоми бад ва иқлими номусоид ба дарди сил гирифтор шуд. Имом меҷангид, аммо нафасгирии писараш то рафт душвортар мегардид. Дардаш бедаво буд. Дар ҳамин вақт ба назди ӯ пинҳонӣ аз имом Фотимат рафт. Модар ҳамроҳи худ бозичаҳои нонӣ пухта бурд. Яке шакли ханҷарро дошт, дигар шабеҳи уқоб буду сеюмӣ ба сурати шамшер. Сипас, Фотимат аз берун таппак оварда, дар оташдон алов гиронд. Бозичаҳои нониро дар оташ гарм карда, хокистари онҳоро ба зонуи худ пок кард ва якеро шикаста, ба Ҷамолуддин, ҳамчун ба кӯдак, дароз намуд.

– Агар худи модар шир надошта бошад, кӯдакашро ба шири нахчир одат мекунонанд, – гуфт Фотимат.

Ҷамолуддин ба модар бо чашмони пурҳайрат менигарист. Ба назараш чунин менамуд, ки ӯро бори аввал мебинад. Ба ногоҳ овони ҷавониву зебоии модар ба ёдаш омад. Дар бачагиаш модар ба ӯ ана ҳамин хел нончаҳо мехӯронд. Дар сари гаҳвораи аспакмонанд нишаста, ба ӯ суруди навҷавонеро, ки шири шер хӯрда, калон шудааст, мехонд. Дар таги болиштакаш ханҷараки чӯбин буд.

– Оча! – монанди тифлияш фарёд зад Ҷамолуддин.

– Ҷамол, писаракам ба назди ман баргард! – гуфт Фотимат.

Ҷамолуддин модарашро шинохт. Модар дар назди оташи хомӯшшаванда нишаста, бар болои сари писари бемораш хам шуда, чунон ки ҳангоми тулӯи офтоби умри ӯ мехонд, суруди алла мегуфт:

Имоме, ки мақсади писарро нафаҳмида буд, ҳамроҳи муридонаш дар кадом як ҷойи дур меҷангид. Завҷаи ӯ Фотимат дар сари нахустамини ҷондодаистодаи худ суруди видоъ мехонд.

Ба гӯши Ҷамолуддин чунин мерасид, ки дар наздикие, дар миёни шаххо дарё нола дорад. Ба назараш чунин менамуд, ки дар таги дар ба рӯйи алафи даравидаи хушк гӯсола хоб аст.

Ӯ ҳавлии дар Гимрӣ будаашонро ба ёд овард, падараш, аспи аввалинашро ба ёд овард. Модар суруди Дингир–Дангарчуи шодмонро мехонд, ки вай бо ҷараёни борон ба осмон баромадааст.

*– Куҷо будӣ, Дингир-Дангарчу?*
*– Ҷангал рафта буд Дингир-Дангарчу.*
*– Чаро рафта буд Дингир-Дангарчу?*
*– Дарахт бурид Дингир-Дангарчу.*
*– Чаро буридӣ, Дингир - Дангарчу?*
*– Хона месозад Дингир - Дангарчу.*
*– Хона чаро, Дингир-Дангарчу?*
*– Арӯс меорад Дингир-Дангарчу.*

*– Арӯс чаро, Дингир– Дангарчу?*
*– Қаҳрамон зояд, Дингир– Дангарчу.*
*– Қаҳрамон чаро, Дингир-Дангарчу?*
*– Олам з-ӯ фахрад Дингир -Дангарчу.*

Дар пеши назари Ҷамолуддин кӯҳҳои кишвараш падид омаданд. Барф об мешавад, сангҳоро гулдурросзанон селоб меорад. Аз болои қаторкӯҳҳо абрҳо хазида меоянд. Доғистон, ки дар кишвари бегона фаромӯш гашта буд, акнун ӯро иҳота намуд. Модар ҳамон мехонду мехонд. Дар байни хондаҳояш сурудҳое буданд, ки ҳангоми таваллуди писар месароянд, сурудҳое буданд, ки ҳангоми вафоти писар мегӯянд. Дар сурудҳои ӯ инчунин гуфта мешуд, ки пас аз марги писарон дар ҳаққашон сурудҳо боқӣ мемонанд. Модар дар ҳаққи Шомил, дар бораи Ҳоҷӣ Мурод, Қозимуҳаммад, Ҳамзабек, дар хусуси Хочбори ҷасур, дар васфи Парту-Фотимат, дар бобати Нодиршоҳро торумор кардан, дар ситоиши онҳое, ки аз тохтутозҳо барнагаштанд, сурудҳо мегуфт.

Оташ дар оташдон хомӯш мешуд. Доғистон дар оғӯши оташи ҷанг буд. Ҳардуи ин оташ ҳоло дар чашмони Ҷамолуддин акс меёфт. Суруди модар ӯро ба изтироб овард. Меҳри фарзандӣ дар дилаш бедор шуд, шуъла зад, ин меҳр илқо мекардаш, ки дар паҳлуи падар рафта истад.

– Модар, ман нав ба Доғистон баргаштам. Акнун бо падарам вохӯрдам. Ба ман яроқ биёр. Ман – писари Шомил. Ман набояд дар назди оташдон бимирам. Маро сар диҳед, ба ҷойи тирпарронӣ равам.

Ҳамин тариқ суруди модар коре кард, ки на Қуръон карда тавониста буду на амри падар.

Аммо ин фақат барқе буд. Сурудҳои модар сурудҳои дигарро дар дили Ҷамолуддин хомӯш карда наметавонистанд. Ӯ Петербургро, ки дар он ҷо ба воя расидааст, фаромӯш карда наметавонист. Вай ба кӯҳистониёни Доғистон ба забони барояшон номафҳуме мисраъҳои номафҳуме мехонд:

*Люблю тебя, Петра творенье,*
*Люблю твой строгий, стройный вид.*
*Невы державное теченье,*
*Береговой её гранит,*
*Твоих оград узор чугунный,*
*Твоих задумчивых ночей*
*Прозрачный сумрак, блеск безлунный,*
*Когда я в комнате моей*
*Пишу, читаю без лампады*
*И ясны спящие громады*
*Пустынных улиц, и светла*
*Адмиралтейская игла…*[1]

[1] Шеъри машҳури дар васфи Петербург гуфтаи А. С. Пушкин.

Ин мисраъҳо дар бунаи дудолуди авули кӯҳистон аҷибу ғариб садо медоданд. Ҷамолуддин шабҳо хоб медид, ки боз дар корпуси кадетӣ гаштааст, дар назди панҷараи Боғи тобистона бо гурҷидухтари соҳибҷамол Нина мулоқот мекунад…

Дар дили Ҷамолуддин ду уқоб мезист ва ҳар кадом ӯро ба сӯйи худ мекашид. Дар дилаш ду суруд садо медод. Нинаи азиз дур буд. Миёни онҳо – дарёи бузурге. Аз болои ин дарё почта равуо надорад. Дар ин дарё афсари рус, писари имоми Доғистон ғарқ шуд.

Ин дарё тамоми орзуву ормонҳои ӯ ва гули таманнои ӯро шуста бурд. Гули таманнои Ҷамолуддин дар болои дарёи бузург пуле сохтан, ҳар ду соҳилро ба ҳам пайвастан, бераҳмиҳои ҷанг, кушторҳои бемаъниро бар дӯстиву рафоқат, бар меҳру шафқат, бар ҳаёт бадал кардан буд. Вай сурудҳои кӯҳистон, сурудҳои модарро мефаҳмид, аммо сурудҳои Пушкинро ҳам мефаҳмид. Ду суруд дар як дил маъво гирифта буд. Кошкӣ инро падар мефаҳмид. Кошкӣ инро ҳама мефаҳмиданду ба ҳам меҳр мебастанд!

Аммо сурудҳо мисли шамшер буданд. Онҳо дар осмон ба ҳам хӯрдаву шарора пошида, якдигарро меафгананд. Доғистони хунрехтаву аз қувват рафта дар бораи хун, дар ситоиши далерон, дар ҳаққи чашмоне, ки туъмаи зоғон гаштаанд, аз хур-хури аспон, аз садои ханҷар, аз боиси саманде, ки савораи худро дар корзор гум карда, бармегардад, сурудҳо мехонд.

Даме ки сурудҳо якдигарро мефаҳмиданд, вақте ки одамони як соҳил суруди одамони соҳили дигарро мефаҳмиданд, тирпаррониҳо басанда мешуданд, шамшерзаниҳо қатъ мегаштанд, хунрезӣ бас карда мешуд, интиқом дасти ба зарба болошударо бармедошт ва дар дилҳо ба ҷойи ғазаб меҳру муҳаббат пайдо мешуд.

Дар муҳорибаи назди дарёчаи Валерик муриди захмишудаи Шомил Мулло Муҳаммад ба дасти русҳо асир афтод. Дар авул ӯро ҳалок шуд, гӯён азо гирифтанд. Аммо пас аз як моҳ ӯ зиндаву саломат ба хона баргашт. Мардуми мутаҳаййир аз ӯ пурсуҷӯ мекарданд, ки чи хел озод шуда тавонист. Мурид аз ин гапҳо ранҷида гуфт:

– Гумон накунед, ки Мулло Муҳаммад дурӯғ гуфта ё хушомад зада озод шудааст. Ман буздил нестам.

– Мо медонем, ки ту муриди далерӣ. Аз афти кор, бо шамшер ба худ роҳ кушодӣ.

– Ман шамшер надоштам. Агар мебуд ҳам, кор намедод.

– Набошад, чи хел халос шудӣ?

– Маро ба таххона шинонданд. Ба дар қулф заданд.

– Хӯш, дар он ҷо чи хел шудӣ?

– Нахчири дар қафас афтода барин шудам. Аммо дар таххона нишаста, якбора суруди Алие, ки бародарони маккораш дар сари шахи баланд партофта рафтаанд, ба ёдам омад. Ҳамон сурудро хон-

дам. Баъд сурудҳои дигарро хондам. Ман дар бораи мурғоне, ки баҳорон парида меоянд, дар бораи турнаҳое, ки тирамоҳон парида мераванд, аз қиссаи оҳуе, ки сайёди ноуҳдабаро нуҳ бор захминаш кардааст, дар васфи тирамоҳ ва зимистон сурудҳо мехондам. Ман се рӯз ҳеҷ кор накарда, фақат суруд хондам. Посбонҳо ба ман намерасиданд. Суруд агарчи суханҳояшро на ҳар кас мефаҳмад, суруд аст. Сурудро ҳама гӯш мекунанд. Боре ба назди посбонҳо як афсари ҷавон омад. Дар дил гуфтам, ки кори ман тамом шуд. Ҳамроҳи афсар як одами дигар ҳам омад, ки забони моро медонист. Ҳамон одам аз ман пурсид: «Афсар донистан мехоҳад, ки ту чӣ мехонӣ? Сурудат дар бораи чист? Бори дигар ба мо бихон». Ман дар бораи Доғистони оташгирифта хондам. Аз ман хоҳиш карданд, ки боз бихонам. Ман дар ҳаққи модари зорам ва завҷаи азизам хондам. Афсар гӯш мекарду нигоҳаш ба сӯйи кӯҳсор буд. Кӯҳҳо дар оғӯши абрҳо буданд. Ӯ ба посбонҳо гуфт, ки маро сар диҳанд. Одаме, ки забони моро медонист, гуфт: «Ин афсар туро озод мекунад. Сурудҳоят ба ӯ хеле писанд омадаанд, бинобар, ин туро рухсат мекунад, ки ба ватанат биравӣ». Баъди ҳамин ман баъзан чунин андеша мекунам: шояд, Доғистон ҳам хунрезӣ накарда, доим сурудҳои худро мехонд, мешуд.

Вале Шомил аз муриди аз асирӣ баргаштаи худ суол кард:

– Ман сурудхониро манъ карда будам-ку, чаро ту хондӣ?

– Имом, ту дар Доғистон суруд хонданро манъ карда будӣ, дар он ҷо нахонед, нагуфта будӣ.

– Ҷавобат ба ман маъқул шуд, – гуфт Шомил. Ва каме андешида, илова намуд: – Майлаш, сурудатро хондан гир, Мулло Муҳаммад.

Аз ҳамон вақт Мулло Муҳаммадро одамон «Муҳаммади бо суруд халосшуда» ном доданд.

Суруде лозим буд баҳри наҷот додани Доғистон. Вале ҳама, мисли он афсар, сурудро фаҳмида метавонистанд магар? Оё он афсар кӣ буд? Ё поручик Лермонтов буд? Охир, Лермонтов ҳам дар назди ҳамон Валерик ҷангидааст.

Боз як воқеа. Ҳоҷӣ Мурод аз ҳуҷуми ба Темурхон Шӯра овардааш комёб шуда, ҳамроҳи дастаи худ бармегашт. Дар як бешаи сари роҳ ӯ ду нафар аскари русро дид. Он ду нафар дар назди гулхан оромона суруд хонда менишастанд. Ҳоҷӣ Мурод аз як ҷанговари худ, ки русиро каме медонист, пурсид:

– Онҳо чӣ мехонанд?

– Суруди модар, суруди маҳбуба, суруди боронҳои ватани дурашонро мехонанд.

Ҳоҷӣ Мурод суруди русҳоро хеле гӯш карда истод. Сипас, бо овози паст гуфт:

– Ин одамон душман нестанд. Онҳоро ором монед. Бигзор онҳо суруди модарро хонанд.

Ҳамин тариқ. суруд тирро аз сари одамон дур кард. Агар одамон дили якдигарро мефаҳмиданд, чӣ қадар тирҳо аз сари инсон дур карда мешуданд, аз камонҳо намеҷастанд.

Воқеаи сеюм. Ревкоми Доғистон Махач ба дасти шоири маъруф Маҳмуд хатчаи муҳиммеро дода, ӯро ба назди партизанҳои Хунзах фиристод ва гуфт:

– Бо ханҷар не, бо танбӯр ба худ роҳ кушода рав. Дар авули Саданих ӯро дастгир карда, ба чоҳ андохтанд. Мактуби Махачро ёфтанд ва, албатта, ӯро мепарронданд. Маҳмуд дар чоҳ нишаста, дар васфи маҳбубаи худ суруд мехонд. Тамоми аҳли авул барои шунидани сурудҳои ӯ омаданд, ҳатто одамони авулҳои дигар омаданд. Он гоҳ Наҷмуддин Готсинский дарк намуд: агар ман имрӯз ин сарояндаро бикушам, фардо тамоми кӯҳистониён аз ман рӯ мегардонанд». Шоирро озод карданд.

Ирчӣ Қазоқ мегуфт, ки агар ҳамроҳаш суруд намебуд, вай дар бадарғаи подшоҳӣ дар Сибир аз ғаму ғусса мемурд.

Ин қабил ҳикоятҳо бисёранд… Ба ин қиссаҳо бовар кардан лозим. Суруд басе касонро аз марг наҷот додааст, басо пиёдагонро савора кардааст. Басо одамони тарсу сурудҳоро дар васфи далерон шунида, шердил гаштаанд.

Ана ин ҳикоятро ман аз Абӯтолиб шунидаам.

Вақте ки аз Ҳиндустон баргаштам, вай аз ман дар хусуси он кишвар бисёр пурсуҷӯй мекард. Ман ба ӯ нақл кардам, ки дар Ҳиндустон фақирони морафсо сурнайча навохта, мори айнакиро монанди раққос бозӣ медоронанд.

– Ин ҷойи ҳайрат нест, – гуфт Абӯтолиб, – охир чӯпонҳои мо ҳам най навохта, нахчиронро дар сари кӯҳҳои баланд бозӣ медоронданд. Садои мусиқиро шунида, омадани оҳувони рамандаро бо чашми худ дидаам. Ба ҳавои сурнай дарбозҳо барин дар болои таноб бозӣ кардани хирсҳоро бо чашми худ дидаам. – Абӯтолиб каме хомӯш монд ва сипас икрор кард: – Оҳангу суруд ба ман ҳам дар зиндагӣ мадад кардааст. Ту, эҳтимол, донӣ, ки ман бештар аз ҳама сурнайро меписандам. Овозаш дур меравад. Сурнай аз таваллуди писар, аз омадани дӯст, тӯю сур мужда мерасонад. Хоҳ касе дар гӯштӣ ғолиб омада бошад, хоҳ аспе пойгаро бурда бошад – қосиди ҳама шодиҳо дар Доғистон сурнай аст. Вай гӯё соқии маҷлиси асбобҳои мусиқист. Ман сурнайро барои он ҳам дӯст медорам, ки дар ҷавониам ба ман нон додааст. Ман ба ту як қиссаи ба ман рӯйдодаро нақл карданӣ ҳастам.

Ман он вақт ҷавон будам. Рӯзе ба як авули дур ба тӯй таклифам карданд. Зимистон буд. Барфи лаклакӣ мезад. Роҳ монанди рақамҳои ду, се, панҷ ё ҳашт каҷу килеб буд. Ман шалпар шуда, ба рӯи санге нишастам, ки андаке дам гирам. То авул боз як халтача тамоку кашиданӣ роҳ аст. Баногоҳ аз хамгашти роҳ садои зангӯлачаҳо омад ва ба роҳ фойтуне баромад. Дар он се нафар шикамсерону мастон ҳаёҳукунон

меомаданд. Эшон аз зотҳои шариф буданд. Аспҳошон – яке сап-сафед, каллақанд барин, дигар дар пешонӣ ситорачаи сафед дошту худаш сиёҳмушкин буд. «Ассалому алайкум» – «Ваалайкум ассалом». Ба ҳамон тӯй рафтани фойтунсаворонро фаҳмида илтимос намудам, ки маро ҳам савор кунанд. Лекин онҳо, ронандаҳои ноинсофи ҳозира барин хоҳиши маро рад карданд ва ба болокории он тамасхуромезона гуфтанд: «Ҳеҷ гап не. То тӯйи оянда ба авул мерасӣ. Инаш, аз афти кор, бе ту ҳам мегузарад».

Ман, ки шалпар шудаву ранҷида будам, сурнаямро бароварда, ба навохтан сар кардам. Ман ҳеҷ вақт ин хел нанавохта будам. Дар ҳамин асно муъҷизае рӯй дод. Аспҳо овози сурнайро шунида, дар ҷояшон таққӣ истоданд. Саворахо оташин мешуданд, аспҳоро тозиёна мезаданд, аммо бефоида. Аспҳо аз ҷояшон намеҷунбиданд. Аз афти кор, оҳанги ман ба онҳо форид. Аз афти кор, ҳиссиёти инсонӣ назар ба одамҳо дар аспҳо зиёдтар будааст. Баҳси мо хеле давом кард. Аспҳо тарафи ман буданд ва соҳибонашон маҷбур шуданд, ки маро ба фойтуни худ савор бикунанд. Ҳамин тариқ сурнаям ба ман мадад кард. Сурудҳо маро аз таҳхона бароварданд ва ба роҳи калони иззату эҳтиром ҳидоят намуданд.

Ман аз Абӯтолиб пурсидам:

– Хайр, ту най, сурнай ва ҳар хел тутаку-путак менавозӣ. Ту на фақат навохтан, балки чунин асбобоҳоро сохта ҳам метавонӣ. Лекин барои чӣ ғижак навохтан наметавонӣ? Охир, мардуми кӯҳистон ғижакро бисёр муписанданд.

– Ба ту нақл бикунам, ки чаро ғижак наменавозам? Гӯш бикун. Вақтҳое ки ҷавон будам, ғижак менавохтам. Рӯзе дар як авули лакнишини мо авари бечораи нотавоне пайдо шуд. Вай ҳамдеҳаи худро куштааст, барои ҳамин ӯро бадарға кардаанд. Бадарғашудагонро доим дар бунаи канори авул ҷой медиҳанд. Мардум ба хонааш намераванд. Вай ҳам ба ҷойи онҳо намеравад. Ман забони авариро каму беш медонистам, баъзан ба наздаш медаромад. Як бегоҳ ғижакамро гирифтам. Ӯ дар назди оташдон коҳи дудкунон сӯхтаистодаи таги дегчаро тит карда менишаст. Дар дегча ҳам коҳ меҷӯшид. Ман ғижак навохтанро сар кардам, авари бечора чашм аз оташ наканда, хомӯшона гӯш мекард. Баъд, якбора ғижаки маро ба даст гирифт, ин тараф-он тарафашро дид, андаке ҷӯр кард ва ба навохтан оғоз намуд.

Бай-бай-бай, Расул, вай чӣ навохтане буд! Ман ғижакнавозии ӯро як умр фаромӯш намекунам. Коҳ дар оташдон дудкунон месӯхт. Баъзан аланга мегирифт ва шуълааш ба чашмони мо меафтод. Дар чашмони мо гоҳо ашк чарх мезад. Ин ғижакро дар хонаи авар монда рафтам. Рӯзи дигар ба кӯҳ баромада рафтам, авули ӯро кофта ёфтам, баъд, хундорҳояшро ҳам ёфтам. Ман онҳоро ба назди бунаи он марди бадарға овардам. Онҳо рӯзона дар бунаи ман менишастанду ша-

бона ҳамроҳи ман рафта, ғижакнавози душмани ҷонии худро гӯш мекарданд. Се шаб пай дар пай ин кор давом ёфт. Онҳо ба ҳамавули худ гуфтанд: «Ба хонаат баргард, мо гуноҳатро бахшидем». Авар дар вақти бо ман хушбошӣ карданаш ғижакро гардонда доданӣ шуд, лекин ман нагирифтам. Ман гуфтам: «Ту барин навохтанро аздусар ҳеҷ вақт ёд намегирам. Аз ту бадтар навохтанро дигар наметавонам. Барои ҳамин ғижак акнун ба ман даркор нест». Аз ҳамон рӯз инҷониб ягон бор ба даст ғижак нагирифтаам. Аммо мусиқиеро, ки хундорону хуниро оштӣ дода буд, ҳаргиз фаромӯш намекунам. Ман бисёр вақтҳо андеша мекунам, ки агар ҳамаи одамон чунин ғижакнавозиро гӯш карда метавонистанд, касе ёфт намешуд, ки кирдори баде содир бикунад ва дар ҷаҳон душманӣ намебуд.

Акнун ду қиссачаеро, ки бо падарам алоқаманд аст, нақл мекунам.

Ҳоҷӣ ном як готсатлинӣ дар Хунзах ошхона кушод. Ӯ падарамро даъват карда, гуфт:

– Ту дар кӯҳистон одами машҳурӣ. Дар ҳаққи ҳамин муассисаи ман як суруд навишта, ду даҳон сухани нек бигӯ, ки ҳама ошхонаи маро донанд. Аз музди хизматат хотирҷамъ бош.

Падарам дар ҳақиқат шеъре навишт ва дар ҳақиқат ошхонаро машҳур кард, аммо ҳамчун муассисаи бекора ва чиркин машҳураш кард. Баъди он мардум ба сӯи ошхона ва соҳиби он ишора карда, мегуфтанд: «Ғамзати мо ана, ҳаминро боб кардааст».

Соҳиби ошхона аз ин шеър хабар ёфта, ба ташвиш афтод.

Вай ба падарам асперо бо афзораш ваъда карда хоҳиш намуд, ки шеърашро байни мардум паҳн накунад. Аммо сухан ки аз як ағба гузашт, ҳамаи кӯҳҳоро давр мезанад ва онро бо ягон чиз боздошта наметавонӣ. Суруди дар мазаммати готсатлинии ношуд навиштаи падарамро дере нагузашта, дар ҳамаи авулҳо шуниданд. Онро ҳанӯз ҳам мехонанд. Ҳоҷӣ маҷбур шуд, ки муассисаи худро бандад.

Боре аз хонаи мо гӯшту қабурғаи гӯсфанд, ки барои қоқ кардан дар айвон овехта будем, гум шуд. Ҳеҷ як имкони ёфтани он набуд. Аммо дар авул якбора овоза шуд, ки Ғамзат дар мазаммати дузд суруде навиштааст. Худи ҳамон рӯз гӯшти қоқро ба айвонамон оварда партофтанд. Агарчи навиштани чунин суруд дар гӯшаи хаёли падарам набуд.

Байни арӯсу домоди нав гоҳо гап мегурезад. Дар чунин шабҳо дӯстони арӯсу домод, албатта, бештар, дӯстони домод, ба таги тиреза омада, чунгурнавозӣ мекунанд. Садои чунгур арӯсу домодро водор месозад, ки низои ночизи байни худро фаромӯш бикунанд.

Ман ҳам як дӯсти хуб доштам, вай суратгир ва мутриб буд, номаш Амин Чутуев. Солҳои аввали хонадориамон вай маҷбур мешуд, ки зуд-зуд ба таги тирезаи ман омада, навозандагӣ бикунад.

Амин Чутуев, чаро ғижакатро гирифта, дар таги тирезаҳои ҷаҳон наменавозӣ, ки низоъҳои асри мо фурӯ нашинанд, хомӯш гарданд?

Дар Чикаго ҳангоми яке аз мулоқотҳо байни ману ҳамкасби амрикоиям баҳси тунду тез шуд. Баҳсамон сахт буд ва ба назар отишинопазир менамуд. Лекин амрикоӣ якбора шеъри бародари дар Олмон дар ҷанги охирин ҳалокгардидаашро хонд. Ман шеъри бародари худро хондам, ки вай ҳам дар ҳамон ҷо ва дар ҳамон вақт ҳалок гардидааст. Баҳси мо хомӯш шуд. Фақат шеърҳо боқӣ монданд. Кошкӣ мо ҳалокгаштагонро бештар ёд мекардем, кошкӣ ба шеъру суруд бештар рӯй меовардем!

Аҷдоди ман ба Гурҷистони ҳамсоя басо тохтутозҳо мекарданд. Дар яке аз чунин тохтутозҳояшон классики ояндаи адабиёти гурҷ Давид Гурамишвилии ҷавонро рабуда, ба кӯҳҳои Аваристон овардаанд.

Асири бечора, ки дар Унтсукули баландкӯҳ ба чоҳ андохта буданд, фақат сурудҳои гурҷӣ мехонд. Шеъргӯйиро ҳам дар ҳамон ҷо сар мекунад. Ба вай муяссар мешавад, ки аз Унтсукул гурехта, ба Русия ва аз он ҷо ба Украина равад.

Ман ба Тифлис, ба маҷлиси ҷашни ин шоири шаҳир рафта будам. Ба ман сухан доданд. Ман шӯхиомез гуфтам, ки Гурҷистон бояд барои Давид Гурамишвили барин шоири бузург аз мо – доғистониҳо, миннатдор бошад. Агар мо ӯро намедуздидем ва ба чоҳ намеандохтем, шояд вай шеърнависиро сар намекард. Ба Русия, ба Украина ҳам намеафтод. Тамоми ҳаёташ ҷараёни дигаре мегирифт. Вале баъди ин ман гуфтам: «Вақте ки аҷдоди ман князи ҷавонро медузididанд, намедонистанд, ки шоирро медузданд. Вагарна ин корро намекарданд. Аммо чизе набошад, агар пештар доғистониён Давид Гурамишвилиро асир карда бошанд, пас ҳоло доғистониён асири ашъори ӯянд. Дидед, замона чи хел дигаргун шуд!»

Акнун сурудҳои нав мехонанд. Вале мо сурудҳои куҳнаро ҳам фаромӯш накардаем. Акнун ин ганҷи пурбаҳоро халқи Доғистон ба ҳамаи одамон эҳдо мекунад.

Табиати кӯҳистон сахт аст. Вақтҳои пеш дар ин ҷо бисёр кӯдакон ҳалок мешуданд. Аммо онҳое, ки зинда мемонданд, умри дароз медиданд, синнашон аз сад ҳам мегузашт.

На ҳамаи сурудҳо зинда мондаанд, вале онҳое, ки зинда мондаанд, асрҳои аср ҷовид хоҳанд монд.

Дар овони кӯдакӣ аксаран писаракон ҳалок мешуданд. Духтаракон бақувваттар, ҷонсахттар буданд.

Сурудҳо низ чунинанд. Сабаб чӣ бошад, ки сурудҳои мардона, ҷавонон, сурудҳои ҷангӣ, сурудҳои тохтутозу корзор, сурудҳои қабристону интиқом, сурудҳои хуну хунрезӣ, сурудҳои ҷасорату далерӣ нисбат ба сурудҳои ишқӣ камтар умр мебинанд.

Вале ҳамаи сурудҳои қадим як навъ сарахборанд бар мусиқии нави Доғистон. Ба танбӯри кӯҳан торҳои нав мекашанд. Инак, ангуштони чобуки кӯҳистонидухтар ба рӯйи тугмаҳои сафеду сиёҳи пианино бозӣ мекунанд.

Ман дар хонадони сарояндагон таваллуд ёфта, ба воя расидаам. Ман ба даст қалами худро ҳаросон гирифтаам. Ман ба назм тарсида–тарсида даст мезадам, аммо даст назада ҳам наметавонистам. Вазъияти ман мураккаб буд. Баъди Ғамзат Садаса боз Расули Садаса (яъне, аз авули Сада) ба кӣ даркор. Аз як авул, аз як хонадон, аз як Доғистон.

Кучое равам, дар ҳар манзиле, ки бо одамон вохӯраму суҳбат бикунам, ҳатто ҳозир ҳам, ки мӯйи худам сафед шудааст, дар ҳама ҷо ва ҳамеша мегӯянд: «Ҳоло сухан ба писари Ғамзат – Расул дода мешавад». Албатта, писари Ғамзат будан кори кам нест, аммо кас мехоҳад, ки худ худаш ҳам бошад. Ин кори осон нест.

Боре ман ба як ноҳияи кӯҳӣ рафтам. Ба чанд авул даромадам, дар роҳам як авул монда буд – авули Сумада. Аз дур чашмам афтод, ки дар канори авул мардум ҷамъ омадаанд. Овози сурнаю суруд ба гӯш мерасид. Ман хурсанд ҳам шудам, каме хиҷил ҳам, чунки дар назарам ба ин хел пазироӣ ҳанӯз сазовор нашуда будам. Торафт ба авул наздик мешудем. Аз мошин фуромадем. Одамон пурсиданд:

– Мӯйсафеди Ғамзат ку?

– Ғамзат дар Махачқалъа. Вай ба назди шумо нияти омадан ҳам надошт. Ман омадам, писари Ғамзат – Расул.

– Ба мо гуфтанд, ки Ғамзат меояд.

Одамон пароканда шудан гирифтанд. Дар назди ман чанде аз ҷавонон монданд. Мо ба сурудхонӣ сар кардем. Бисёр хондем. Сурудҳои халқӣ хондем, сурудҳои падарам навиштаро, ҳатто як суруди навиштаи маро ҳам хондем.

Он суруди ман ба писараке монанд буд, ки тозиёна дар даст аз қафои падари зинбардӯши худ ба зинапоя боло мебаромад.

Танбӯри кӯҳистони мо! Ҳар қадаре ки синнам калонтар мешавад, ҳар қадаре ки зиндагиро, одаму оламро бештар дарк мекунам, ҳамон қадар ҳам бештар метарсам, ки туро ба даст бигирам. Торҳои туро дар тӯли ҳазорҳо сол кашидаву ҷӯр кардаанд. Ҳазорон мутрибон аз ту овозҳои ғариб бурун овардаанд. Ҳангоме ки гӯшакҳоятро метобам, дилам гӯё аз тапиш мемонад ва агар ҳамин дам тор канда шавад, дар назарам тори дили ман ҳам меканад. Торро кандан ҳамин хел осон аст. Ин, яъне, сурудро маҳв кардан аст.

Вале ҳар чӣ ҳам бошад, ман бояд туро ба даст бигирам, бояд туро ҷӯр бикунам, бояд суруди худро бихонам. Бигзор ин суруди ман дар байни сурудҳои дигари Доғистон нопадид гардад, чунки садои ман бо садоҳои сарояндагони қадим баробар шуда наметавонад. Оре, сурудҳои мо дигар шудаанд.

– Наход, ки баъди Маҳмуд касе ошиқ нашудааст?

Аз чӣ бошад, ки ин вақтҳо сурудҳои ишқӣ ба гӯш намерасанд.

– Ба ошиқ шудан ошиқ мешаванд. Аммо суруд чӣ лозим? Ба гӯши Муӣ сурудҳои ошиқона хондану ӯро рабудан ҳоҷат нест. Муӣ худаш меояд.

– Наход, ки баъди Шомил ба дунё диловарон наомадаанд? Аз чӣ бошад, ки ин вақтҳо суруде дар васфи далерони шуҳратманд ва корномаҳои онҳо ба гӯш намерасад.

– Диловарон, зоҳиран, ҳастанд. Вале акнун суруди набард чи лозим, модом ки ҳатто шамшерҳо осоиш мехоҳанд?

Хайр, бигзор садои ман дар байни садоҳои дигари Доғистон нопадид гардад. Боз дигарон меоянд ва носурудаҳои маро месароянд.

Пирӣ одамро аз бисёр шодиҳои зиндагӣ маҳрум менамояд. Қуввати касро мерабояд, нури чашмро меравонад, гӯшро вазнин мекунад, дар пеши чашми одам пардаи мағмонанде кашида, касро аз олам ҷудо месозад. Гоҳо даст қадаҳи шаробро бардошта наметавонад.

Вале ман аз пирӣ наметарсам, зеро ки вай аз ман ҳамаро рабояд ҳам, сурудамро намерабояд. Вай Маҳмуду Ботиройи маро, Пушкину Ҳайнеи маро, Блок ва дигар ҳама сароядагони бузургро, аз он ҷумла, Доғистон барин сароядаи маро намерабояд. Ҳоло ки Доғистон ҳаст, корҳо он қадар бад нестанд. То Доғистон ҳаст – мо ҳам ҳастем, нест намешавем.

Дар як авули кӯҳистон бозии бачагонае ҳаст, ки онро ин тавр номидан мумкин аст: «Ҳар кӣ ҷӯяд, биёбад, ҳар кӣ ёбад, бигирад». Боре ман дар ин бозӣ иштирок кардаам.

Писаракеро ба хонаи дигар мефиристанд, то ки вай дар куҷо пинҳон шудани духтаракро набинад. Ба замми ин, чашми писаракро мебанданд. Баъд писарак меояд ва духтаракро меҷӯяд. Ҳама ба як овоз мехонанд: «Ай, дай даллалай». Ҳангоме ки писарак ҷойи дигарро меҷӯяд, сурудро ғамгинона ва оҳиста месароянд. Вақте ки ӯ ба роҳи дуруст рафта меҷӯяд, сурудро бо шавқу ҳаяҷон месароянд. Даме ки вай духтаракро меёбад, ҳама қарсак мезананд ва ҳардуи онҳоро ба рақс водор мекунанд. Ҳамин тариқ, суруд писараки чашмбастаро ба роҳи дуруст ҳидоят мекунад ва ба мақсади дил мерасонанд.

Ман дар хонадони сурудхонон, дар Доғистони сурудхон, дар кишвари Русияи сурудхон, дар ҷаҳони сурудхон ба дунё омадаам. Ман қувваи сурудро медонам, ман ба қадри суруд мерасам. Агар Доғистон суруд намедошт, онро ҳеҷ кас, мисли он ки ҳозир мешиносад, намешинохт. Доғистон мисли нахчири роҳгумзадае мебуд. Аммо сурудамон моро аз пайроҳаҳои морпечи кӯҳистон бурда, раҳнамоӣ карда, ба ҷаҳони бузург овард, ба мо дӯстон пайдо карда дод.

«Ба ман суруде бихон ва ман мегӯям, ки ту кистӣ» – мегӯяд Абӯтолиб, мақоли машҳурро андаке дигар карда. Доғистон сурудҳои худро мехонд ва ҷаҳон Доғистонро шинохт.

## КИТОБ

Калимаи «тiex» дар забони аварӣ ду маънӣ дорад. Якум пӯсти гӯсфанд, дуюм – китоб.

Мегӯянд, ки: «Ҳар як кас бояд сари худ ва попохи худро эҳтиёт бикунад». Маълум, ки попохро аз пӯсти гӯсфанд медӯзанд. Сари марди кӯҳистонӣ муддати асрҳо ягона китоби нонавиштае буд, ки дар он забони мо, таърихи мо, қиссаву афсонаҳои мо, ривояту одатҳои мо, ҳамаи он чӣ, ки халқ офаридааст, маҳфуз меистод. Китоби нонавиштаи Доғистон – сари марди кӯҳистониро пӯсти гӯсфанд асрҳои аср нигоҳ медошт, гарм мекард, муҳофизат менамуд. Басо саҳифаҳои ин китоб боқӣ мондаанд, то ба замони мо расидаанд, чандин қадар гум шудаву дар нимароҳ мондаанд ва қисме абадӣ нобуд гаштаанд.

Баъзе саҳифаҳои ин китоб, ҳамчун қаҳрамонон дар оташи ҷанг, нобуд гардидаанд (попох сарро аз тиру шамшер эмин дошта наметавонад), баъзеҳошон, мисли мусофирони бадбахт, роҳгум зада, ба чанги бӯрон афтода, аз ҳолу мадор рафта, ҷар шуда, зери тарма монда, ба дами теғи роҳзане бархӯрда, нобуд гардидаанд.

Мегӯянд, ки: ҳар он чӣ фаромӯш гаштааст ва гум шудааст, аз ҳама беҳтар ва аз ҳама бузургтар буд.

Зеро ки ҳангоми шеърхонӣ банохост мисраеро фаромӯш бикунӣ, ҳамон мисраъ дар назарат аз ҳама зарур метобад.

Ботирой як суруди худро ҳаргиз ду бор нахондааст. Ӯ аксар вақт дар тӯйҳои сершаробу пурғавғо мехонд. Он сурудҳо дар ҳамон тӯйҳо монданд, касе онҳоро аз ёд ҳам накард, эҳтиёт ҳам. Акнун ҳама мегӯянд, ки ҳамонҳо сурудҳои беҳтарин буданд.

Ирчӣ Қазоқ дар даргоҳи Шамхол басо сурудҳо хондааст, вале аҳён–аҳёни онҳо аз болои деворҳои қаср паридаву бурун омада, насиби мардум гардидаанд. Худи Ирчӣ Қазоқ мегуфт: ҳазор хонӣ, ки на Шамхол ба маънияш меравaду на хар.

Мегӯянд, ки ҳамон шеърҳои гумшудаи Ирчӣ Қазоқ шеърҳои беҳтарин буданд.

Садои танбӯрҳои оташзада то ба мо нарасидааст. Навои чунгурҳои ба дарё афканда то ба мо нарасидааст. Тамоми ҳалокгардидаву кушташудагонро ман имрӯз ёд мекунам.

Вале он чиро, ки боқӣ мондааст, мешунавам ва мехонаму шод мегардам ва бар дилҳои кӯҳистониёни бечора аҳсант мегӯям, ки ин

китобҳои бебаҳои нонавиштаи моро дар худ ҷой дода, то ба замони мо оварда расонидаанд.

Бисёр чизҳо фаромӯш мешаванд. аз садҳо мисраъ як мисраъ ба ёд мемонад, вале агар ҳамин як мисраъ монад, пас он абадуддаҳр хоҳад монд.

Пеш аз ин зикр шуда буд, ки басо кӯдакон дар айёми гаҳворагиашон ҳалок мешуданд.

Имом ба маҷрӯҳон амр мекард, ки худро ба дарё андозанд. Маъюбу захмиҳо ба ӯ лозим набуданд, чунки ҷангидан наметавонистанд, вале онҳоро хӯрондан лозим буд.

Акнун замона дигар шудааст. Тифлон дар партави ғамхориву дар иҳотаи духтурон мешаванд. Ҷароҳати захмдоронро мебанданд. Ба касони бепо пои сунъӣ медиҳанд. Даме ки сухан аз одамон меравад, ин дигаргуниҳоро дигаргуниҳои басе хуб ва инсонпарварона шумоРидан лозим.

Модарам ба ман афсонаи рӯбоҳ ва парандаро нақл карда буд. Инак, он афсона.

Буд-набуд, дар болои дарахт як паранда буд. Вай лонаи гарму нарму мустаҳкаме дошт ва дар он чӯҷаҳо мебаровард. Ҳама кор хуб буд. Вале як рӯз рӯбоҳе омада, дар зери дарахт нишаст ва чунин хониш кард.

*Моли мананд ин сахраҳо.*
*Ин дашту саҳро моли ман,*
*Кулли заминҳо моли ман.*
*Дар ин замини нозанин*
*Руста дарахти ман, бубин,*
*Ки сарпаноҳи ту шуда,*
*Ҳам лонагоҳи ту шуда.*
*Дар ҳаққи ин сон некиҳо*
*Овар ба ман як чӯҷаро.*
*Варна дарахта мебурам*
*В-он чӯҷаҳоят мехӯрам.*

Паранда барои он ки дарахти худ, лонаи худро эмин кунад, барои он ки бачаҳои дигари худро аз бало раҳонад, чӯҷаи аз ҳама хурдиашро ба рӯбоҳ қурбон кард.

Рӯзи дигар рӯбоҳ боз омад ва боз хонишашро сар кард. Паранда маҷбур шуд, ки чӯҷаи дуюмашро ҳам қурбон кунад. Акнун паранда фурсат намеёфт, ки ба марги чӯҷаҳояш бинолад: ҳар рӯз-як чӯҷа.

Аз мусибати вай парандаҳои дигар хабар ёфтанд. Парида наздаш омаданд ва аҳвол пурсиданд. Парандаҳои доно ба вай чунин хониш карданд:

*Ту худ гунаҳгорӣ, бидон,*
*Эй мурғаки нодони мо.*
*Рӯбоҳи ғамхорат чунин*
*Бифрефта бо ҳилаҳо.*
*Бо чӣ бибуррад ӯ дарахт,*
*Оё думаш ояд ба кор?*
*Чун чӯҷаҳоят мебарад,*
*Оё думаш ояд ба кор?*
*Дидӣ, ки ӯ дорад табар?*
*Ку тешааш, дидӣ магар?*
*Мурғак сипас осуда шуд,*
*Бурд умри осуда ба сар.*

Вале рӯбоҳ аз ин воқеа хабар надошт ва боз омада, дӯғу пӯписа кард ва қурбонии нав хост. Боз гуфт, ки дарахтро хоҳад бурид ва чӯҷаҳоро хоҳад хӯрд. Вале акнун суханҳое, ки парандаро дар ваҳм меандохтанд, дар назараш хандаовар, худситоёна ва бемағз намуданд. Паранда ба рӯбоҳ чунин ҷавоб дод:

*Реша то қаъри замин дорад дарахт,*
*Бел ору пас бикан ин решаҳо.*
*Шохаҳо зӯру матин дорад дарахт,*
*То бибуррӣ, сад табар бояд туро,*
*Лонаи ман дар фазои шохаҳост,*
*Нардбон овар, гар инат муддаост.*

Рӯбоҳ аз таги дарахт ду даст дар бинӣ рафт ва омаданро дигар бас кард.

Паранда ҳоло ҳам зиндагӣ мекунад, чӯҷаҳо мебарорад, , чӯҷаҳояш калон мешаванд, хониш мекунанд.

Доғистон аз сабаби қафомонию ҷаҳолат ва бесаводӣ басо чӯҷаҳои худро нобуд кард. Барои худро шинохтан китоб лозим. Барои дигаронро шинохтан ҳам китоб лозим. Халқи бекитоб мисли одамест, ки оина надорад: вай рӯйи худро дида наметавонад.

«Агар донишҳои ҳозира ба шуҷоати Ҳоҷӣ Мурод ё истеъдоди Маҳмуд зам мешуданд!» – мегӯянд мардуми кӯҳистон.

– Имом, чаро истода мондед? – пурсид боре Ҳоҷӣ Мурод аз Шомил. – Дар сина дили пурҷӯш, дар даст шамшери бурро дорем. Чаро меистем? Пеш меравем, ба худ роҳ мекушоем!

– Андак ист, тез нашав, Ҳоҷӣ Мурод, дарёчаҳои тез ба баҳр намерасанд. Бо китоб як маслиҳат бикунам, ку, чӣ мегӯяд. Китоб чизи ҳикматнок аст.

– Шояд, китобат чизи ҳикматнок бошад, имом, лекин ҳозир ба мо ҷасорат даркор. Ҷасорат дар дами шамшер, дар болои зини асп мешавад.

– Китобҳои ҷасоратнок ҳам мешаванд.

Ду давра– яке бо китоб ва дигаре бе китоб. Вале акнун китоб ба одам дар шакли алифбо барвақт, ҳамин ки вай роҳ гаштанро ёд гирифт, дастрас мешавад, аммо ба Доғистон китоб вақте дастрас гардид, ки Доғистон ҳазорҳо сол умр дошт. Доғистон хондану навиштанро дер, хеле дер ёд гирифт.

То ин вақт дар муддати чандин аср осмон баҳри кӯҳистониён саҳифа буд ситораҳо ҳуруф. Абрҳои кабуд давот, борон сиёҳӣ, замин коғаз, сабзаву гулҳо ба ҷойи ҳарфҳо буданд ва қуллаҳову баландӣ ба болои ин саҳифа хамида онро хонданӣ мешуд.

Теғҳои заррини офтоб қалам буданд. Ҳамин қаламҳо ба рӯйи шаху сахраҳо таърихи пур аз хатои моро сабт мекарданд.

Тани мард – давот, хун – сиёҳӣ, ханҷар – қалам. Дар он замон ҳам китоби марг иншо мешуд ва забони он ба ҳама фаҳмо буд, эҳтиёҷ ба тарҷума надошт.

Бенавоии зан – давот, ашкҳо – сиёҳӣ, болин – саҳифа буд ва дар он замон ҳам китоби уқубатҳо иншо мешуд, аммо он китобро кам касон мехонданд, кӯҳистонизанон ашкҳои сӯзони худро намуна карда нишон намедиҳанд.

Китоб, хат… Ин аст он ду сарвате, ки бахшандаи забон ба мо додани онҳоро фаромӯш кардааст.

– Китоб – тирезаи кушода буду мо дар хонаҳои беравзан менишастем. Аз тиреза баҳру бар, киштиҳои аҷиби шиновар ва дигар манзараҳоро тамошо кардан мумкин буд. Мо ба парандагоне шабоҳат доштем, ки бо сабабе дар зимистон ин ҷо мондаанд ва дар ҳавои сард ба шишаи тиреза минқор мезананд, ба ҷойи гарм даромадан мехоҳанд.

Ҳазору панҷсад сол пеш аз ин ба сари Месрон Маштос ном сарбози арманӣ фикре омадааст, ки хат аз ярок тавонотар аст ва аз ин рӯ, вай алифбои арманиро тартиб додааст.

Ман ба Матндорон, ки он ҷо дастнависҳои қадим мафҳузанд, рафта будам.

Ман дар он ҷо Доғистонро, ки бинобар китобу хат надоштанаш ҳазорҳо солро аз даст додааст, бо дили пурҳасрат ёд кардам. Таърих аз ғалбери вақт гузашта рафт ва аз он осоре намонд. Фақат ривоятҳои на ҳама муътамад ва суруду таронаҳо боқӣ мондаанд, ки аз даҳон ба даҳону аз дил ба дил гузашта, то ба замони мо расидаанд.

*Ба ёд овардани мозӣ*
*Зи афсона бувад осон.*

*Зи он чӣ модарам мегуфт,*
*Ба ёдам як ривоят монд:*

*Далере дар авул мезист,*
*Далериҳо нишон медод.*
*Яке хони қавипанҷа*
*Ба қасри хеш ӯро хонд.*

*Чу андар қаср ворид шуд*
*Далери мо – Салими мо,*
*Пайиҳам боз мегаштанд*
*Ба рӯяш як ба як дарҳо.*

*Ҳама ганҷинаи худро*
*Ба ӯ бинмуд хон аз ҷуд:*
*Ҳама марвориду гавҳар,*
*Ҳама лаълу ҳама ёқут.*

*Зи тобишҳои рангоранг*
*Далери мо бишуд ҳайрон.*
*Бишуд маҳви шукӯҳи қаср:*
*Ҳама ганҷи ҷаҳон дар он…*

*Сипас хон гуфт бо меҳмон –*
*Ба кӯҳистонии хушгил:*
*«Бигир ин ҷо, чӣ мехоҳӣ,*
*Зи рӯйи ақлу табъи дил.*

*Ҳама ганҷи равон ин ҷо,*
*Машав осемасар асло.*
*Чӣ хоҳӣ, гир, то рӯзе*
*Нагӯйӣ оҳу вовайло»…*

*Далери мо зи хон дархост*
*Чу мардони куҳистонӣ:*
*«Ба ман шамшеру ханҷар деҳ,*
*Саманди барқҷавлоне.*

*Фаровон бод ганҷи ту,*
*Аз он беэҳтиёҷам ман.*
*Гар аспу ханҷарам бошад,*
*Биёбам сад чунон махзан».*

*Куҳистонӣ, абои ман,*
*Чӣ хомӣ кардӣ ту он дам.*
*Гирифтӣ аспу ханҷар, лек*
*Набигрифтӣ китобе ҳам.*

*Абои гумраҳу сода,*
*Чаро дар тубраат он вақт*
*Давоту хома нагрифтӣ.*
*Ва ҳам як пораи муҳрақ?*

*Дили ту пок буд, аммо*
*Сарат бемағз буд, обо.*
*Ба мо сад бор авло буд*
*Китоб аз ханҷари бурро.*

*Ҳама ханҷарбадаст, аммо*
*Надонистем то ин давр*
*Сухан раҳёбтар аз асп,*
*Сухан бурротар аз ханҷар.*

*Дар ӯ тафсири ҳикматҳо,*
*Дар ӯ ҳам донишу ҳам фол.*
*Аз он вомондаем айдун*
*Зи дигарҳо ҳазорон сол…*

*Чунин деромада шогирд*
*Ба дарси устод ояд.*
*Ба ними дарс бо таъхир*
*Пайи дарси савод ояд.*

Дар паҳлуи мо, дар паси силсилакӯҳҳо – Гурҷистон. Чанд аср пеш аз ин Шота Руставели достони ҷовидонии худро дар ситоиши паҳлавони палангинапӯш офарида ва ба гурҷиён бахшидааст. Қабри ӯро басе ҷустуҷӯ карданд, тамоми Шарқро тагу рӯ карданд. «Дар ягон ҷо қабраш нест, – гуфт зане, – аммо дар ҳама ҷо қалби зиндаи ӯ дар тапиш аст».

Инсоният қиссаи Прометейи дар танаи кӯҳи Кафказ мехкӯбшударо мутолиа мекунад.

Инак, ҳазорон сол аст, ки арабҳо дар болои саҳифаҳои ашъор ашк мерезанд.

Агар шоҳони Эрон ба Доғистон на бо теғу камон, балки бо хиради Фирдавсӣ, бо муҳаббати Ҳофиз, бо шуҷоати Саъдӣ ва бо дониши

Абӯалӣ ибни Сино меомаданд, он гоҳ маҷбур намешуданд, ки кафшро монда, патакро пӯшида гурезанд.

Ман дар Нишопур мақбараи Умари Хайёмро зиёрат кардам. Дар он ҷо ба худ андешидам: «Дӯстам Хайём! Агар он вақт ба ҷойи шоҳ ту меомадӣ, қавмҳои кӯҳистон бо чӣ хушнудӣ истиқболат мекарданд».

Замоне, ки алҷабр иншо мешуд, мо ҳанӯз шумурданро намедонистем. Замоне, ки достонҳои оламшумул садо медоданд, мо ҳанӯз калимаи «модар»-ро навиштан наметавонистем.

Мо аввал сарбозони русро шинохтем, сипас шоирони русро.

Агар кӯҳистониён асарҳои Пушкин ва Лермонтовро мехонданд, шояд худи таърих ҳам ба маҷрои дигаре мерафт.

Вақте ки ба марди кӯҳистонӣ «Ҳоҷӣ Мурод»-и Толстойро бо овози баланд хонданд, ӯ гуфт: «Ин хел китоби пурҳикматро фақат Худованд офариданаш мумкин, на инсон ».

Ҳар он чӣ барои китоб лозим аст, мо доштем. Муҳаббати оташбор, қаҳрамонони диловар, фоҷиаҳои марговар, табиати пуршукӯҳу саркаш доштем, фақат худи китобро надоштем.

*Буд ин ҷо чӣ қадр идборе,*
*Шавҳарони барашк бо афғон*
*Корд дар даст, ҷумла мерафтанд*
*Ҷониби Дездемони кӯҳистон.*

*Чӣ қадар мурда бе нишон рафтанд*
*Таҳи ин кӯҳсори ахтаргир.*
*Ҳамлету Ҷуллйету Офелийҳо!*
*Ҳайф, аммо набуд Шекспир.*

*Он қадар буд нағмаву оҳанг! –*
*Ғазали рӯду хониши мурғон,*
*Лек Бетховене сонат нанвишт,*
*Набаромад Бахе зи кӯҳистон.*

*Чу ба дарду бало бишуд охир*
*Роҳи Ҷуллйетҳои бетақдир*
*Шарҳи онро на шоирон гуфтанд,*
*Балки хундорҳо ба тегу тир.*

Ҳангоме ки дар назди авули Кумух, баъди задухӯрди шадид бо урдуҳои Темур кӯҳистониён ғаниматҳо меғундоштанд, аз ҷайби як фавтида китобе ёфтанд. Китобро варақ заданд, ба рӯйи ҳарфҳо хам шуда чашм дӯхтанд. Аммо дар байнашон касе ёфт нашуд, ки онро хондан тавонад. Пас кӯҳистониён китобро оташ зада, пора-пора

карда, ба бод доданӣ шуданд. Вале Парту Фотимати ҷасур пеш баромаду гуфт:

– Инро якҷоя бо яроқе, ки ба мо аз душман расидааст, эҳтиёт бикунед.

– Ин ба мо чӣ даркор? Аздусар ҳеҷ кадомамон хонда наметавонем!

– Ин китобро мо хонда натавонем, фарзандони мо, набераҳои мо мехонанд. Маълум не, ки дар дарунаш чӣ гапҳо ҳаст. Шояд дар он қисмати мо навишта шуда бошад.

Вақте ки аҳволи шоҳи Эрон, ки ба Доғистон ҳуҷум карда буд, бад шуд, вай ҷавоҳироти ҳамеша бо худ гирифта мегаштаашро дар замин гӯронид. Ба болои он чоҳ тахтасанге гузоштанд ва дар рӯяш сурати наълро канданд. Шоҳ шоҳидони ин корро ба қатл расонид. Бо вуҷуди ин, Муртазоалихон он чоҳ ва он сандуқҳои пур аз тиллову нуқра, пур аз сангҳои гаронбаҳо – ҳамаи он чиро, ки шоҳи Эрон ғорат карда буд, ёфт. Аз байни ҷавоҳирот якчанд китоби форсӣ баромад. Падари Муртазоалихон – Суръати бедаст тамоми ин сарватҳоро аз назар гузаронида гуфт:

– Писарам, ту сарвати бузурге ёфтӣ. Ҳамаашро ба сарбозҳо тақсим карда деҳ, хоҳӣ, фурӯш. Ин сарват аздусар тамом мешавад. Аммо дурру гавҳареро, ки дар ин китобҳо ниҳонанд, мардуми кӯҳистон пас аз сад сол ҳам ёфта мегиранд. Китобҳоро надеҳ. Онҳо гаронтар аз ҳама симу заранд.

Шомил Муҳаммад Тоҳир ал-Кароҳӣ ном як дабир дошт. Имом ӯро ҳаргиз ба ҷойҳои хатарнок намефиристод. Муҳаммад Тоҳир аз ин кори вай хеле норизо буд ва боре гуфт:

– Имом, ё дилат аз ман пур нест? Мон, ман ба ҷанг дароям.

– Агар ҳама ҳалок шаванд ҳам, ту бояд зинда монӣ. Ҷои сарбози шамшерзанро ҳар кас гирифта метавонад, лекин ҷойи таърихнависро – не. Ту қиссаи набардҳои моро навишта, китоб бикун.

Муҳаммад Тоҳир китобро ба охир нарасонида фавтид, аммо писараш асари падарро анҷом дод. Ин китоб «Барқи шамшери имом дар баъзе набардҳо» ном дорад.

Худи Шомил китоби зиёде дошт. Вай китобҳои худро дар муддати бисту панҷ сол ба даҳ хачир бор карда, аз ҷое ба ҷое мекашонд. Ӯ бе китоб зиндагӣ карда наметавонист. Баъд дар кӯҳи Ғуниб, ҳангоми таслим шудани худ, Шомил хоҳиш кард, ки китобҳояш ва шамшерашро ба ӯ бимонанд. Вақти дар Калуга зиндагӣ карданаш ҳамеша китоб мепурсид. Ӯ мегуфт: «Ба айби шамшер чандин набард бохта шуд, аммо ягон бораш бо айби китоб набуд».

Вақте ки Ҷамолуддин аз Русия баргашт, имом ӯро маҷбур кард, ки либоси кӯҳистонӣ бипӯшад, лекин ба китобҳояш даст нарасонид. Ба онҳое, ки «китобҳои кофирҳоро ба дарё партофтан даркор» мегуфтанд, ӯ чунин ҷавоб дод: «Ин китобҳо дар сарзамини мо ба сӯйи

мо тир напаррондаанд. Онҳо авулҳои моро оташ назадаанд, одамонро накуштаанд. Ҳар кӣ китобро хор бикунад, хор мешавад».

Кас акнун мехоҳад бидонад: Ҷамолуддин ҳамроҳи худ аз Петербург чи гуна китобҳо оварда буд? Доғистониён, азбаски алифбои худро надоштанд, гоҳо суханҳои нодирро ба забонҳои бегона сабт менамуданд. Ин навиштаҳо катибаҳои гаҳвора, ханҷар, шифти хона, санги мазор буданд. Ин суханҳо ба арабию туркӣ, ба гурҷию форсӣ навишта шудаанд. Чунин китобҳои нақшин басе зиёданд, андозаву шумор надоранд. Аммо ягон чизро ба забони модариат хонда наметавонӣ. Кӯҳистониён номи худро навишта натавониста, онро дар сурати шамшер, асп, паранда, кӯҳ тасвир менамуданд.

Вақте ки ман дар Институти адабӣ мехондам, адабиёти Юнони қадимро ба мо Сергей Иванович Радсиг ном як пирамарди хуб дарс медод. Ӯ ҳамаи матнҳои қадимро аз ёд медонист, ба мо порчаҳои калон-калонро ба забони юнонии қадим мехонд, ба юнониҳои қадим хосса муҳаббате дошт, аз ваҷҳи таассуроти дар ин бобат доштаи худ ҳамеша нақлҳо мекард.

Ӯ шеърҳои қадимиёнро чунон мехонд, ки гӯё худи муаллифони ашъор мешунуфта бошанд, вай гӯё метарсид, ки хатое мекунад, мисли он ки мусулмони мутаассибе аз ғалат хондани ягон сураи Қуръон метарсад. Вай чунин мепиндошт, ки ҳамаи гапҳояшро мо кайҳо ва басо хуб медонем. Ӯ ҳатто гумон карда наметавонист, ки «Одиссея» ё «Илиада»-ро надонистан мумкин бошад. Вай хаёл мекард, ки ҳамаи ин ҷавонони нав аз ҷанг баргашта чор сол пеш ба ҷуз омӯхтани Ҳомер, Эсхил, Еврипид коре накардаанд.Ӯ боре кам будани дониши бачаҳоро дида, қариб буд, ки бигиряд.

Вайро хусусан ман дар ҳайрат монондам. Дигарҳо дар ҳар ҳол каму беш медонистанд. Вақте ки ӯ аз ман Ҳомерро пурсид, ман нақл дар бораи Сулаймон Сталскийро сар кардам, зеро ба ёд доштам, ки Максим Горкий Сулаймонро Ҳомери асри бист номида буд. Профессор ба ман нигоҳи таассуфомезе карду пурсид:

– Ту дар куҷо калон шудӣ, ки ҳатто «Одиссея»-ро нахондаӣ?

Ман ҷавоб додам, ки дар Доғистон калон шудаам, китоб дар он ҷо ба қарибӣ пайдо шудааст. Барои каме сабуктар кардани гуноҳам ман худро бе ягон шарму ҳаё ғӯли кӯҳистонӣ номидам. Он гоҳ профессор ба ман ин суханони фаромӯшношуданиро гуфт:

– Эй ҷавон, агар ту «Одиссея»-ро нахонда бошӣ, то ғӯли кӯҳистонӣ шуданат хеле гап ҳаст. Ту ҳоло ғӯлу ҷоҳили муқаррарӣ ҳастӣ.

Акнун, вақте ки ба Юнон ё Италия сафар мекунам, профессори худ ва муносибати ӯро ба адабиёти қадим зуд-зуд ба ёд меоварам.

Охир, ман ба русӣ базӯр гап мезадам, базӯр мехондаму Ҳомер, Софокл, Аристотел, Гесиодро аз куҷо медонистам? Басо чизҳои

олам ба Доғистон дастнорас буданд вай аз басо сарватҳо маҳрум буд.

Қиссаи аз хониши ҳофизи мо Татам Муродов ашкрезӣ кардани Максаковаро ман аз ин пеш ҳам нақл карда будам. Муродов саводе надошт, он вақт синнаш қариб ба шаст расида буд. Ҳама гумон доштанд, ки Максаковаро овози ҳофиз мутаассир гардонидааст, аммо худи Максакова чунин гуфт:

– Ман аз дилсӯзӣ мегирям. Аҷаб овози ҳайратангез! Агар дар вақташ вай устод медошт, овозаш оламро дар ҳайрат мемононд. Акнун ҳеҷ кор карда намешавад.

Ҳангоми андешаронииҳоям аз тақдири Доғистон ин суханҳо ба ёдам меоянд. Ин суханон на танҳо дар ҳаққи Татаманд. Магар кам ҳофизону сарбозон, наққошону паҳлавонон ҳунару истеъдоди худро ба оламиён нишон надода, ба хок рафтанд. Номашон номашҳур монд. Шояд мо Шаляпину Поддубнийҳои худро ҳам доштем. Агар бар қувваи Геркулеси мо Усмон Абдураҳмонов ҳунар, маҳорат зам мешуд, шояд вай паҳлавони пушташ хокнахӯрдае буд. Аммо вай устод надошт. Мо консерваторияю театр, институту академия надоштем, ҳатто мактаб надоштем.

*Шарҳи мозиро намегӯянд бар мо лавҳаҳо.*
*Оби рафта рафт. Роҳи мо бувад беинтиҳо.*
*Ман давоми қиссаеро, ки ба ханҷар шуд рақам*
*Аз туфайли бобиён, акнун нависам бо қалам.*

Дар ҳаққи Доғистон чунин мегуфтанд: «Ин кишвар чун китоби нонавишта, чун суруди нохонда дар сандуқи сангин хобидааст. Онро ки берун меоварад, китобашро кӣ менависад ва сурудашро кӣ мехонад?»

Ҳарфҳову калимаҳо, китобҳоянд калиди қулфи он сандуқ. Калиди қулфҳои вазнини асринаи Доғистон дар дасти кӣ бошад?

Ба назди ин қулфҳо бас одамони гуногун омадаанд ва ҳатто баъзан сарпӯши сандуқро нимроғ карда, даруни онро диданӣ шудаанд. Худи доғистониҳо ҳанӯз дар даст қалам доштанро ёд нагирифта, бисёр меҳмонону сайёҳон, олимони тадқиқгар аз хусуси Доғистон ба забонҳои дигар: ба арабиву форсӣ, туркиву юнонӣ, гурҷиву арманӣ, фаронсавию русӣ менавиштанд.

Дар китобхонаҳои қадим номи туро меҷӯям, Доғистон ва мебинем, ки номат ба забонҳои гуногун сабт шудааст. Дарбанду Кубачи, Чаркею Хунзах зикр шудааст. Ташаккур ба сайёҳон. Онҳо тамоми қаъри дили ту ва хислатҳои мураккаби туро дарк карда натавонистаанд, лекин, бо вуҷуди ин, номи туро аз ҳудуди кӯҳистонамон аввал онҳо берун бурдаанд.

Сипас сухани худро Пушкину Лермонтов гуфтанд.

*Дар тамузи рӯз андар водии Доғистон*
*Хуфтаам ночору нохинҷору бо ҳоли гарон…*

Александр Дюма ба Доғистон омадааст. Полежаев, ки достонҳои «Эрпели» ва «Чир-Юрт»-ро таълиф намудааст, инчунин ба Доғистон омадааст. Дар ҳаққат ҳар кӣ ҳар хел навиштааст, аммо туро касе монанди ҷавони наврас Лермонтов ва пирамард Толстой ин сон амиқу самимӣ идрок карда натавонистааст. Дар назди ҳамин вассофонат сари сафедгаштаи худро фуруд меоварам. Ман ин китобҳоро, ҳамчун мусулмони қуръонхон, мутолиа мекунам.

Рӯзе, ки ба писар ном медиҳанд, рӯзи хушнудии бузург аст. Доғистон, рӯзе, ки писаронат ба забонҳои модарии худ аввалин бор дар васфи ту сухан иншо карданд, мебоист ҳамин гуна рӯзи хушнудии бузурге мешуд. Ёд дорам, нахустин муаллимаам Вера Василевна маро ба назди тахта бароварда, хоҳиш кард, ки номатро бинависам ва ман ғалат кардам. Ман «доғистон» навиштам. Вера Василевна ба ман фаҳмонд, ки Доғистон исми хос аст ва бо ҳарфи калон навишта мешавад. Он гоҳ ман ин тавр навиштам: «доғистон». Ба назари ман чунин намуд, ки ҳам «Д»-и калон лозим аст, ҳам «д»-и хурд. Ин ҳам ғалат буд. Сипас, дафъаи сеюм ман дуруст навиштам: «Доғистон».

Соли 1921 Ленин баъди суҳбат карданаш бо вакилони Доғистон ба кишвари кӯҳистон чизҳои аз ҳама зарур: ғалла, газвор ва ҳуруфи матбаа фиристод. Доғистон аспу ханҷар дошт. Ленин ҳамроҳи ғалла ба вай китоб дод. Инқилоб бар сари гаҳвораи Доғистон бо меҳр хам шуд. Доғистон баҳрро дид, гузаштаю ояндаи худро дид. Ва дар бораи худ навиштанро оғоз намуд.

Сулаймон Сталский аз Максим Горкий чунин хоҳиш кардааст: «Мо ҳарду акнун пир шудаем. Умрамонро дидем, пастию баландиҳои зиндагиро фаҳмидем. Ҳардуямон ҳам китобҳои чопшударо дорем. Аммо ту ба рӯи коғаз менависӣ, ту савод дорӣ. Ман месароям. Чунки навишта наметавонам. Ману ту Доғистону Русияро таҷассум мекунем. Русия босавод аст. Дар Доғистон аксари одамон ҳанӯз номи худро навишта наметавонанд. Ба ҷойи имзо нақши ангушт мегузоранд. Ту ба ҷойи мо як бригада нависандагони босаводро фиристода наметавонӣ, ки дар бораи мо, доғистониҳо, ба аҳли тамоми мамлакат ва аҳли олам нақл бикунанд?»

Гуфтугӯйи байни Сулаймон Сталский ва Горкийро Афандӣ Капиев тарҷума кардааст. Горкий ваъда додааст, ки хоҳиши ӯро ба ҷо хоҳад овард, аммо ба сӯйи Капиев ишора намуда гуфтааст, ки акнун дар Доғистон ҷавонони саводнок ва соҳибистеъдод ба воя расидаанд ва агар худи доғистониҳо дар бораи сарзамини худ ба ҳамаи забонҳои ҷумҳуриашон менавиштаанд, хубтар мешуд. Чунки, гуфтааст Максим Горкий, дар урфияти шумо мегӯянд: «Аҳволи хонаро беҳтар аз ҳама деворҳояш медонанд».

Падарам мегуфт: «Чизеро бинавис, ки медонӣ ва навишта метавонӣ. Он чиро, ки намедонӣ, аз китобҳои дигарон бихон».

## КИТОБ

*Бо китоб унс бигир, он ки зи ҳар авроқаш*
*Нигаҳат об хурад, рост бигӯяд доим.*
*Гар ту дорой чу хон, ё ки надорӣ пули пуч*
*Накунад фанд, раҳи рост бипӯяд доим.*

*Сари таъзим фуруд ор сӯйи ҳар сафҳа,*
*Шаҳду нӯше, ки ҳама донишу ҳикмат дорад.*
*Ташнаи илм бишав, дон, на ҳамадонӣ ту,*
*Дониш андӯхта ақли ту фарогат дорад.*

*Он силоҳест, ки аз даст варо ҳеҷ манеҳ,*
*Ту аз ӯ шиква кунӣ ё накунӣ, мӯниси туст.*
*Аз ту зинҳор наранҷад, агараш тарк кунӣ,*
*Гар вафояш бикунӣ, боз кунад роҳи дуруст.*

*Бош солори хирад. Даргаҳи ӯ ободаст.*
*Богҳош анбӯҳу файзу баракат бисёр аст.*
*Ту дар он боғ чу меҳмони азизе бошӣ,*
*Меваи пухта бичинӣ, чӣ қадар даркор аст.*

*Аз китоб орзую қисмати худро меҷӯй,*
*Дон, напурсида ба дил ҷой гузинад шоир.*
*Назмро мӯнису ҳамрози дили худ медон,*
*То ба ҳар мушкили ту назм биёбад тадбир.*

Вақте ки ба назди падарам шоирони ҷавон шеърҳои худро меоварданд, падарам аввал ҳусни хаташонро аз назар мегузаронид. Зеро: «Огард чи хел бошад, соҳиби замин ҳам ҳамон хел аст». Сипас ӯ ғалатҳоро ислоҳ менамуд, аломатҳои истро мегузошт. Вай сар ҷунбонида, гӯё чунин мегуфт: дуруст навиштанро ёд гир. Баъзе аз ҷавонон ҳиҷолатомезона мегуфтанд, ки «Ҳомери асри XX» бесавод буд. «Наход, ман бехабар!» – посух медод падарам ба «Ҳомери» ҷавон. Дар Доғистон ин гуна «ҳомерҳо» ҳоло ҳам бисёранд. Ҳатто ғалатҳои имлоии шеър падарамро асабонӣ мекард. Вақте ки шеъри ӯ дар рӯзнома бо ғалатҳои зиёде чоп шуд, падарам ин ҳаҷвияро навишт.

*Чу ногаҳ бо суруди ман*
*Ҷафое рух намуд, ёрон,*
*Фиристодам ба рӯзнома,*

*Ба рӯзи ҷашни Догистон.*

*Бубинам ӯст чун ҷавдор*
*Шуда талқон, шуда абҷак*
*Ту гӯйӣ рӯ ба рӯ гашта*
*Ба раҳ бо серпих калтак.*

*Ва ё афтод бар дасти*
*Гурӯҳи масти мустағрақ,*
*Ки рақсиданд мастона*
*Ба пушти ӯ зада калтак?*

*Ва ё дар муштҷанги сахт*
*Суйи ҷондотлиён афтод,*
*Зи меҳмондоришон бигрехт*
*Ба сад зориву сад фарёд?*

*Зада бераҳм байтеро*
*Ба пушти гарданаш он сон*
*Ки маънои нахусташро*
*Намеёбад ягон инсон.*

*Зада он сону кӯбида*
*Сипас бо тозиёна низ,*
*Ки дар назъи равон абёт,*
*Умеди зиндагишон нест.*

*Дареғи устухони сар!*
*Чӣ захму решаҳо дорад.*
*Чунин аҳволи зишту наҳс*
*Басо дар ҳайратам орад.*

*Кабурғаҳош бишкаста,*
*Сурудам бешараф монда…*
*Чунон ки Мустафо – бадгашт*
*Ба зери сангпар монда…*

*Шумо дар ҳар шумора гар*
*Чунин «қурбониҳо» доред,*
*«Далерони» ғалаткорӣ –*
*Ба ҳар ҷо ном бардоред.*

*Вале танқиди худ ҳар ҷо*
*Гунаҳро кам кунад шояд.*

*Шумо ин шеърро ҳам боз*
*Аз ин рӯ нашр бинмоед!*

Падарам… Ҳар кадоми онҳое, ки падарамро медонистанд, ӯро шояд ба таври худ тасаввур менамуданд.

Албатта, вай ҷуфт ҳам меронд, алаф ҳам медаравид, ба ароба алаф бор мекард, ба асп ем ҳам медод, аспсаворӣ ҳам мекард. Вале ман ӯро фақат китоб дар даст мебинам. Вай китобро ҳамеша ҷунон ба даст медошт, ки гӯё китоб паранда асту ҳамин ҳоло аз даст парида меравад. Ӯ меҳмоннавоз буд, лекин агар касе омада,, китобхонияшро қатъ бикунад, даступо хӯрда, хиҷолат мекашид, гӯё ки намозашро вайрон карда бошанд. Дар соатҳое, ки падарам китоб мехонд, модарам нӯг-нӯги по роҳ мегашт ва доим ангушт ба лаб ниҳода, моро маҷбур мекард, ки паст-паст гап занем:

– Мағал накунед, падаратон кор мекунад.

Модарам дуруст мефаҳмид, ки китобхонӣ барои нависанда кор аст.

Худи модарам, гоҳо ҷуръат карда, ба назди падарам медаромад, то бипурсад, ки чизе лозим аст ё не, сиёҳии давот тамом шудааст ё не. Модарам аз давоти падарам ҳамеша бохабар шуда меистод ва намегузошт, ки сиёҳияш хушк шавад.

Агар дар ҳаёти падарам ҳамагӣ ду рӯзи хурсандӣ буда бошад, он ҳам ба шарофати китоб аст.

Падарам бародари ягонаи ҳафт хоҳар буд (ягона попох дар оила), ҳамаашон аз падару модар барвақт ятим мондаанд. Падарам аз авули худ низ барвақт баромада рафтааст. Амакаш, ки саробони ин ятимон будааст, Ғамзатро ба авули дигар, ба мадраса фиристодааст ва гуфтааст: авул калон бошад, ақлаш ҳам зиёдтар аст. Аз ҳамон вақт сар карда падарам аз китф хӯрҷинро, ки дар як чашмаш китобу дар чашми дигараш талқон будааст, напартофта, авул ба авул гаштааст. Бояд гуфт, ки вай сарватманд шуда баргаштааст. Дар муддати мусофиратҳояш падарам дониш андӯхтааст. Ҳамон вақт дар годекани авул ба ӯ гуфтаанд: агар истеъдод ва дониши худро ба як ароба бандӣ, саёҳати дуру дарозе мешавад.

Онҳо хато накарданд. Номи падарам машҳур шуд. Бисёр байтҳои ӯ мисли зарбулмасал паҳн гаштанд.

Падарам бисёр асар менавишт, ҳам барои калонсолон менавишт, ҳам барои бачаҳо, ҳам барои ба ҳаёт ояндагон, ҳам барои аз ҳаёт равандагон. Ӯ шеър, достон, намоишнома, масал, афсона менавишт. Хаташ равон, ҳамвор буд. Забонаш ҳамчунин. Худ низ чунин буд. Хушхатии Ғамзатро дониста, дар ҷавониаш рӯйбардор кардани қарор, мурочиатнома ба халқ барин ҳар гуна коғазҳоро ба вай месупориданд. Вай ба алифбоҳои гуногун: арабӣ, лотинӣ, русӣ менавишт. Аз рост ба чап ҳам менавишт, аз чап ба рост ҳам.

Аз ӯ суол мекарданд:

– Чаро аз чап ба рост менависӣ?

– Дил аз тарафи чап, илҳом аз тарафи чап. Ҳар чизеро, ки бароямон азиз аст, ба синаи чапи худ пахш мекунем.

– Чаро аз рост ба чап менависӣ?

– Қуввати одам дар тарафи рост аст. Дасти рост. Нишон гиранд ҳам, бо чашми рост нишон мегиранд.

Падарам аксаран бо ҳуруфи арабӣ менавишт. Вай худи он ҳарфҳоро, шакли онҳоро меписандид, он ҳарфҳо ба назараш зебо метофтанд. Ба дидани хати бенур, бетартиб тобу тоқат надошт. Ӯ аз як рафиқи деринаш мактубе гирифт, ки он ба ҳуруфи арабӣ бетартибона навишта шуда буд. Падарам онро чунин ҳаҷв кард:

*Як ҳарфи ту чун дафи кафида,*
*Нуқта ба сараш чу санги қайроқ.*
*Дигар чу саро – фитода бомаш.*
*Устуни кашол – такяи тоқ.*
*В-он ҳарф ба зери шух фитода.*
*Абҷақ шуда аз ту дар щшигифт аст.*
*Пӯшида попоҳ то сари чашм,*
*Дигар ҳама сафҳаро гирифтаст.*
*Ё килки ту панҷаи пишак буд!*
*На ҳарф, чу сершох бутта.*
*Сафҳаст чу бешае, ки бӯрон*
*Тай карда ва ё табарбадастон.*
*Ин гуна хату усули иншо*
*Омӯхтӣ дар чи сон дабистон?*

Ин шеър дар вақташ бисёр касонро ранҷонид. Баъзеҳо барои он ранҷиданд, ки шеърро дуруст нафаҳмиданд, баъзеҳо барои он ки басо хуб фаҳмиданд. як хел касон пиндоштанд, ки Ғамзат вайрон карда навиштани ҳуруфи арабиро не, балки худи ҳуруфи арабиро ҳаҷв кардааст.

Аксаран баъди пешин сокинони авул дар болои боми хонаи мо ҷамъ меоманданд. Падарам ба онҳо қиссаву ҳикоёт ва шеъру ривоятҳои аҷоиб мехонд. Ашъори гуногунвазни арабӣ мавзун садо медод.

Падарам забони русиро намедонист. Вай асарҳои Чехов, Толстой, Ромен Ролланро ҳам ба арабӣ мехонд. Кӯҳистониён дар он замон дар бораи ягон нафаре аз ин адибон тасаввур надоштанд. падарам бештар аз ҳама Чеховро меписандид, хусусан «Хамелеон» («Бӯқаламун») ном ҳикояаш ба ӯ маъқул буд ва онро гаштаю баргашта мутолиа мекард.

Умуман арабӣ дар ҷойҳои мо хеле паҳн гашта буд. Баъзеҳо аз он сабаб ба арабӣ менавиштанд, ки Доғистон алифбои худро надошт, баъзеҳо барои он, ки ин забон дар назарашон аз забонҳои Доғистони худашон ғанитар ва фасеҳтар менамуд. Ҳамаи коғазу ҳуҷҷатҳои расмӣ ба арабӣ навишта мешуданд. Тамоми катибаҳои санги мазорҳо ба арабӣ. Падарам ин катибаҳоро нағз хонда ва шарҳ дода метавонист.

Баъдан замоне расид, ки забони арабиро боқимондаи буржуазӣ эълон карданд. Одамони ба арабӣ хондаву навишта метавонистагӣ зарар диданд, китобҳо низ зарар диданд. Китобхонаҳои тамом, ки маорифпарварони Доғистон Алибех Тахо-Ҳодӣ ва Ҷалол Қӯрқмасов бо меҳнати зиёде ғундошта буданд, аз даст рафтанд. Ҷалол дар Сорбонна таҳсили илм карда буд, дувоздаҳ забонро медонист, дӯсти Анатол Франс буд. Вай дар авулҳои кӯҳӣ яроқу асп, модагов, сонитар як каф орду як пора бумазӣ дода, китобҳои қадимро ҷамъ мекард. Дастнависҳои зиёде ҳам нобуд шуданд. Чӣ талафоти бебозгашти аламноке!

Аё китоби басо ранҷидаи Доғистон, туро ба хатҳои гуногун, ба ҳарфҳои гуногун, ба забонҳои гуногун навиштаанд. Аз он сабаб навиштаанд, ки навишта наметавонистанд, беғаразона, бе музд, бе ҳаққи қалам навиштаанд. Ин китобро Инқилоб нашр кард.

Рӯзномаи «Красные горы» («Кӯҳистони сурх») ба вуҷуд омад, ки баъдтар номаш гоҳ «Горец» («Кӯҳистонӣ»), гоҳо «Большевитский горец» («Кӯҳистониии болшевик») мешуд. Дар ин рӯзнома аввалин бор шеърҳои падарам чоп шудаанд. Вай солҳои зиёд бо ин рӯзнома на фақат ҳамкорӣ дошт, балки дар он котиб ҳам буд. Ман он вақтҳо ҳайрон мешудам, ки рӯзнома шеърро чӣ хел зуд чоп мекунад. Чаро ҳайрон нашавам. Шеъреро, ки дирӯз падарам дар пеши назари ман менавишт, имрӯз дар рӯзнома хондан мумкин буд. Сипас шеърҳо якҷоя шуда, ба китоб табдил меёфтанд. Тамоми ҳаёти падарам, тамоми кораш дар чаҳор ҷилди сангин ҷой гирифтааст.

Алифбои нав пайдо шуд. Падарам онро бо шодмонӣ пазируфт. Вай доим ғам мехӯрд, ки аз сабаби набудани алифбо Доғистон аз маданияти бузурги рус дур аст.

Ӯ мегуфт: «Доғистон – як қисми мамлакати бузургамон. Доғистон бояд ин мамлакатро донад, тамоми инсониятро донад, китоби зиндагии онро хонда, хати онро фаҳмида тавонад».

«Роҳи нав», «Ҷаҳони нав», «Одамони нав» – чунин буданд шиорҳои он вақт. Падарам фарзандони худро низ ба истиқболи ин даъвати замон фиристод. Роҳи нав кушодан осон набуд. Бисёр одамон ба нав санги роҳ мешуданд. Басо тирезаҳои аввалин мактабҳо шикастанд. Бадхоҳони маориф мегуфтанд: «Ин чӣ дунёест, ки чӯпон китоб мехондаасту осиёбон дарс? Онҳо бояд чӯпонию осиёбониашонро бикунанд». Аз ин бадтараш ҳам шуда буд. Ёд дорам, тире, ки

ба сӯйи муаллим парронида шуда буд, ба харитаи девори мактаб расид. Ва падарам дар ин хусус гуфта буд: «Ин нобакор ба як тир қариб тамоми ҷаҳонро шикоф карда буд».

Дар он солҳои аввал дар бисёр авулҳо ҳаракат мекарданд, ки таҳсили куҳнаи диниро ба таҳсили нав мувофиқ кунанд. Ҳодисаҳое мешуд, ки ин ду таҳсилро ба якдигар меомехтанд. Кас сарфаҳм рафта наметавонист, ки деҳ куҷову дарахтон куҷо. Бародарҳои калониям дар мактаби коммунистони ҷавон мехонданд. Ман ба онҳо ҳасад мебурдам, лекин маҷбур будам бекорхӯҷагӣ бикунам ва ҳар рӯз аз мактаб баргаштанашро бесаброна интизор кашам, Бисёр мехостам. Аммо ҳанӯз ҳафтсола нашуда будам.

Ҳамон вақт дар авули мо барои онҳое, ки фарзандони худро ба қалъаи Хунзах хонданӣ фиристодан намехостанд, мактабе кушода шуд. Ин мактаб нимдинӣ буд ва «Мактаби Ҳасан» ном дошт.

Ҳасан одами хуб ва аҷоиб буд. Аҷоиботи ӯ дар он буд, ки якҷоя кардани наву куҳнаро мумкин мепиндошт. Ӯ дар вуҷуди худ ин ду мафҳумро чи хел якҷоя мекард, Худо медонанду халос. Вай дар як авули дигар муллоӣ мекард. Чи гуна анҷом ёфтани ин корро пай бурдан душвор нест: ӯро ҳамчун мулло аз комсомол ронданд ва ҳамчун комсомол аз масҷид дур карданд. Дар вақти ҷанги граждани вай партизани сурх буд. Бо гардиши фалак ӯ муаллими нахустини ман гардид. Дар хусуси муаллими нахустин муфассалтар нақл кардан айб нест. Аз ин рӯ, се қиссаи хурд-хурдеро вобаста ба Ҳасан нақл мекунам, то ки шумо ин шахсро хубтар тасаввур намоед.

## 1. ҲАСАН ВА АСИР

Партизанҳо як сарбози аксулинқилобиро дастгир карда, асир гирифтанд. Ӯро ба штаб назди Муслим Атоев бурдан лозим буд. Ин корро ба Ҳасан супориданд. Дар аввал ҳама кор хуб буд. Лекин вақти намоз расид. Ҳасан дар назди дарёчае таваққуф карда, асирро дар паҳлуи худ ба рӯйи санге шинонд ва худ ба намоз машғул шуд. Асир хоҳиш кард, ки дасти ӯро кушояд, то вай ҳам намоз бихонад. Ҳасан мутаҳаййирона пурсид:

– Ба ту намозхонӣ чӣ даркор? Охир, ту сафедӣ. Ҳазор намоз хонӣ ҳам, аздусар ба дӯзах меравӣ.

– Ҳар чӣ ҳам бошад, ман мусулмонам. Муслим Атоев ба ман раҳм намекунад, зуд ба девор рост мемонад. Барои ҳамин бояд охирин бор намоз бихонам, ки то ки имонам ҳамроҳам равад.

Ҳасан дасти асирро кушод ва гуфт:

– Ту Ҳукумати Шӯравиро бадгӯйӣ мекардӣ, мегуфтӣ, ки мусулмононро ибодату эътиқод кардан намемонад. Марҳамат, чӣ қадаре ки мехоҳӣ, намоз хон.

Баъди ин Ҳасан саргарми намоз шуд ва пас аз намоз гашта дид, ки асир нест, гурехтааст. Он гоҳ Ҳасан ба ғазаб омада, фарёд зад:

– Ба номи Худо ва инқилоб қасам, ки туро меёбам ва медорам!

Дар ҳақиқат ӯро ёфт, дастгир кард ва ба ҷойи таъйиншуда расонид.

## 2. ИБОДАТ ВА СУРУД

Солҳои аввали Ҳукумати Шӯравӣ Ҳасан котиби деҳшӯро буд. Мӯҳри деҳшӯро дар даври Ҳасан хӯрдаву суфта гашт, чунки вай онро дареғ намедошт, ба ҳар коғаз пахш кардан мегирифт.

Агар масъалаи душвор ва муҳимме ба миён меомад, Ҳасан мегуфт:

– Бо мулло ва бо раисполком маслиҳат кардан даркор.

Зимнан, вай ҳаракат кард, ки рӯзи истироҳатро аз якшанбе ба ҷумъа гузаронад.

Ӯ дастуру қарорҳои Ҳукумати Шӯравиро пурсаброна тарғиб мекард, мефаҳмонд, дар ҳаёт татбиқ менамуд ва дар айни замон масҷиди дар вақти ҷанги гражданӣ вайроншударо таъмир мекард.

Масҷидро таъмир намуданд. Рӯзи кушодани онро таъйин карданд. Айни ҳамин вақт ба ноҳия як гурӯҳ кормандони маданият: нависандагон, рассомон, артистон, ҳофизон, мутрибон омаданд. Аз ноҳия тамоми ин бригадаи маданиятро ба авуле равон карданд, ки он ҷо Ҳасан ба расми кушоди ботантанаи масҷид тайёрӣ медид.

Меҳмононро дар авул хуш пазируфтанд. Ба онҳо пойгаи аспон, гӯштингирӣ, хурӯсҷангро нишон доданд. Меҳмонон ҳам қарздор намонданд: лексия хонданд, аз хусуси вазифаҳои ояндаи хоҷагӣ нақл карданд, консерт доданд.

Дар айни авҷи консерт муаззин аз манори масҷид бо овози баланд азон гуфт ва мусулмононро ба намози шом даъват намуд. Он гоҳ Ҳасан аз ҷой бархост ва ба омадагон рӯ оварда, нутқи зеринро эрод намуд:

– Ташаккур ба шумо, ки моро ҳурмат карда, дар ин рӯзи муҳим, рӯзи кушода шудани масҷидамон омадед. Барои консертатон ҳам ташаккур. Акнун мо рафта намоз хонда меоем. Хоҳед – консертро давом диҳед, хоҳед – то омадани мо нигоҳ карда истед, агар хоҳед – ҳамроҳи мо гардед.

Баъзе аз одамони авул ба масҷид рафтанд, баъзеҳо истода, суруди омадагонро гӯш карданд, сеюмиҳо даступо хӯрданд ва намедонистанд чӣ кор бикунанд. Меҳмонон ҳам даступо хӯрданд. Аммо баъди ин ҳофизони машҳур, Аршил, Ғозӣ Муҳаммад ва сарояндаи қеғерӣ Фотимат болои боме, ки ба ҷойи саҳна буд, баромаданд. Ду попоху як рӯймол ду танбӯру як дойра. Ва дар кӯҳсорон суруди нав танинандоз шуд. Ин суруд дар васфи Ленин, дар бораи ситораи

сурх, дар ҳаққи Доғистон буд. Онҳо гоҳ танбӯру дойраро болои сари худ баланд бардоштаву гоҳе ба сари сина зер карда, суруд мехонданд.

Ин суруд баъзе намозхонҳоро аз масҷид ба кӯча баровард, баъзеҳо, баръакс, ба масҷид рафтанд.

Ин қиссаи аҷоиброро дар авули Ҳасан ҳоло ҳам нақл мекунанд.

Дар ҳайати дастаи маданият падари ман Ғамзат Садаса буд, дар пеши зини аспаш менишастам, ки он вақт ҳеҷ чизро намефаҳмидам.

Меҳмонон вақти хайрухуш ба авул патефон ва карнайи радио туҳфа карданд.

## 3. КАРНАЙ – РАДИО ВА ҲАСАН

Намедонам, бо супориши кӣ бошад, шояд кори худи Ҳасан будагист, карнай – радиоро ба симчӯби назди масҷид овехтанд. Акнун аз пагоҳ то ними шаб дар авул радио гап мезад. Карнайи радио ба кӯҳҳои атроф гоҳ шайпури пионерӣ менавохт, гоҳе суруд мехонд, гоҳе мусиқӣ мешунавонид, гоҳе гап мезад, баъзан фақат хир-хиру қарс-қарс мекард.

Баъзан овози муаззин ва садои радио ба ҳам меомехт ва дар он сурат кас чизеро фаҳмида наметавонист.

Боре, пеш аз он, ки муаззин ба манори масҷид барояд, карнайи радио хомӯш шуд. Касе болои симчӯб баромада, симро буридааст. Баъди он ки мусулмонон намозашонро хонда шуданд, Ҳасан болои симчӯб баромада, симро соз кард ва радио боз ба гап даромад.

Рӯзи дигар пеш аз намоз радио боз хомӯш гардид. Ҳасан маҷбур шуд (баъди тамом шудани намоз дар масҷид) боз болои симчӯб барояд.

Ин қисса борҳо такрор ёфт. Ҳама дар ҳайрат буданд: чаро Ҳасан аз пайи ин кор намешавад ва «вайронкорро» дастгир намекунад?

Чӣ ҳайрате доштанд сокинони авул, вақте фаҳмиданд, ки радиоро ҳар бор худи Ҳасан вайрон карда мемондааст.

Дар вуҷуди ӯ ду қувва: ибодат ва суруд ба ҳам мубориза мекарданд. Ҳасан ин ҳардуро созиш доданӣ мешуд. Ӯ чунин мешуморид, ки Қуръон ва меъёрҳои ҳаёти Давлати Шӯравӣ бояд ба якдигар наздик шаванд. Вай арӯсу домоди навро аввал дар масҷид ақд мебандонд, пас барои қайд онҳоро ба деҳшӯро мебурд.

Ӯ дар табиатшиносӣ тарзу усулҳои худро дошт. Дар як ҷо истода ба ситора ё сахрае назар меафканд. Соатҳо мегузашту Ҳасан ҳамоно меистод. Агар бо ягон кор ҷое рафтанаш лозим бошад, хоҳиш мекард, ки дар ҷояш завҷааш истад, ё баъзан мо, бачаҳо истем.

Дар мактаб ӯ ба мо қонунҳои ҳаракати ҷирмҳои осмониро мефаҳмонид. Ба мо аз хусуси заминҷунбӣ, гирифтани офтобу моҳ,

дар бораи мадду ҷазр бисёр нақлҳо мекард, нақлҳояш дар назар шавқовар ҳам буданд, аммо ҳайрате дорам, ки ҳоло аз ҳикояташ ба хотирам чизе намондааст.

Дар барномаи ӯ ҳама – ҳам арабӣ, ҳам русӣ, ҳам лотинӣ барҳамдарҳам шуда рафта буд.

Вай ба рӯи фанер ҳарфҳои калон–калони арабиро навишта мегуфт:

– Навиштани ин ҳарфҳоро ёд гир. Падарат тамоми умр ин ҳарфҳоро мехонд ва бо ҳамин ҳарфҳо менавишт.

Сипас, ҳамин гуна ҳарфҳои калон-калони русиро менавишту мегуфт:

– Инҳоро азёд бикун. Падарат дар синни айнакгирӣ ҳамаи ин ҳарфҳоро аз ёд кардааст. Ин ҳарфҳо ба ту даркор мешаванд.

Вай баъзан ба мо аз ёд кардани матнро вазифа медоду худ ба масҷид намозхонӣ мерафт.

Вақте ки ба мо алифбои арабиро меомӯзонид, дар даст калтак дошт ва агар ягон хато ё шӯхӣ бикунем, мезад.

Ҳангоме ки навбат ба алифбои русӣ мерасид. Ҳасан ба даст ҷадвалро мегирифт. Ҳамин тариқ, ё аз калтак, ё аз ҷадвал шатта мехӯрдем.

Ман барои як корам калтак мехӯрдам. Хонаи мо дар шафати масҷид буд. Миёни хонаву масҷид, бисёр бошад, як қадам роҳрав дошт. Ман ба ҷаҳидан аз боми хонаамон ба боми масҷид одат кардам. Барои ин корам маро Ҳасан лат кард. Сипас масҷидро бастанд ва дар бинояш як навъ клуби қишлоқ кушоданд. Ман аз бом ба бом ҷаҳиданамро ҳамоно давом медодам. Ҳасан маро боз ҷазо дод.

Падарам кори Ҳасанро маъқул донист ва ба ман гуфт:

– Ту малах нестӣ, ки ҷастухез бикунӣ, дар рӯйи замин роҳ гаштанро ёд гир.

Баъд ман ҳафтро пур кардам ва ҷастухезҳоям худ ба худ нест шуданд. Ман хонданро дар мактаби қалъаи Хунзах сар кардам.

Мактаби Ҳасанро касе тамом накард, чунки онро бастанд. Ҳасан ба фермаи колхоз даромада кор кард, ӯро ба Намоишгоҳи умумииттифоқии кишоварзон фиристоданд ва аз он ҷо соҳиби медали намоишгоҳ шуда баргашт. Ду медали дигарро дар фронт гирифт. Баъди ҷанг вай чунин нақл мекард:

– Куҷое ки рафта бошам, аз аввал то охири ҷанг ягон бор намозам тарк нашудааст. Агар ҳамин корам намебуд, ман сиҳат-саломат гашта меомадам?

Хулласи калом, Ҳасан ҳамон Ҳасани порина буд. Акнун вай доир ба таърихи хони авар Суракат мавод ҷамъ карда гаштааст. Мисли пештара одами дикушод, ҳалол аст, агарчи андак ғалатист.

Вақте ки ба авул меравам, наздаш медароям, чунки ӯро ҳамчун муаллими нахустини худ иззат мекунам.

Муаллими дуюмамро ҳам ба ёд дорам, ки вай дар мактаби муқарраpӣ дарс медод. Ин муаллим ҳамеша ба мо дар бораи худ афсона мегуфт. Акнун ман намефаҳмам, ки вай Мюнхаузени ҳақиқии аварҳо будааст. Ҳар як дарсро одатан бо суханони зерин оғоз мекард:

– Хӯш, бачаҳо, як ҳодисаи аз сари худам гузаштаро нақл кунаматон?

– Нақл кунед! – бо овоз фарёд мезадем мо.

– Як рӯз аз пули арғамчинбандии Қӯйсуи Авар мегузаштам. Аз рӯ ба рӯям як хирси калон баромад. Ҳардуямон гузашта наметавонем. Яке ба дигаре бояд роҳ диҳад. Хирс ба ман роҳ намедиҳад, ман – ба вай. Дар мобайни пул тан ба тан шудем. Ин хирс аз он хирсҳое, ки ман пеш дучор омада будам, пурзӯртар баромад. Бо вуҷуди ин, ман чолокӣ кардам ва аз ёлаш гирифта, ба дарё партофтам.

Мо афсонаҳои муаллимро бо даҳони боз гӯш мекардем.

– Ҳафтаи гузашта ба саҳро рафтам ва замини худамро баҳузур шудгор кардан гирифтам. Барзаговҳои ман – барзаговҳои нағз, бақувват. Лекин дар ҷояшон якбора истоданд. Чӣ гап шуд? Нигарам омочамро морҳои ғафсиашон банди даст барин печонда гирифтаанд – нуҳ мор. Ду мор аллакай ба тарафи дасти ман ҳаракат карда меояд. Ман натарсида, шарт туфангчаро баровардаму ҳамаи морҳоро паррондам. Чунон хуни бисёре рафт, ки тамоми майдон хунолуд шуд. Баъд шудгорро баҳузур тамом карда, ба хона баргаштам. Лекин баъзан дилам хавотир мешавад: яке ба ҷойи ғалла мор рӯяд-а?

Чи хел барои худам арӯс дуздиданро нақл бикунам? Он вақтҳо ман фақат дар бешазори Сунутӣ ба дастгир кардани роҳзанҳо машғул будам. Ба хонаи як роҳзани аз ҳама ашаддӣ даромадам. Худаш гурехтааcту духтари зебои моҳрӯяш мондааст. Ман ба духтар нигоҳ кардам, вай – ба ман. Мо ба якдигар ошиқ шудем. Ман ӯро бардошта, ба болои зин партофта аспро рондам. Яке бинам, аз қафоям чил роҳзани даҳшатнок асп ронда меоянд. Ҳар кадомаш ба дандон ханҷар, ба як даст шамшер, ба дасти дигар туфангча дорад. Ба қафо тоб хӯрдаму ҳамаи онҳоро як-як ба нишон гирифта паррондам. Ин қиссаро дар Доғистон ҳама медонанд.

Боре дар вақти дарс ману ҳамсояам Басир гап зада менишастем. Муаллим маро бароварда, ҷиддӣ пурсид:

– Барои чӣ беинтизомӣ мекунӣ? Тую Басир як соат боз чи гап зада шиштаед?

– Мо баҳс карда шиштаем. Муаллим, Басир мегӯяд, ки ҳамон вақт дар саҳро ту ҳашт морро кушта будӣ, ман мегӯям, ки ҳаждаҳтаро.

– Ба Басир бигӯй, ки гапи ту ҳақ, гапи вай не.

Аз ҳамон рӯз ин тараф падару модарам ҳайрон буданд, ки ман дарс тайёр накарда, чи хел ҳар рӯз аз мактаб баҳоҳои хуб гирифта меоям.

Вай одами хуб буд, аммо дар як ҷо бисёр намеистод. Ӯро ба авулҳои дурдаст, гоҳ ба Силух, гоҳе ба Арадерих мефиристоданд, аммо вай дар он ҷойҳо ҳам дер намемонд.

Ба қарибӣ ба назди ман – ба Иттифоқи нависандагон омада, хоҳиш ва илтимос кард, ки ба вай ягон кор ёфта диҳам.

– Чи хел кор мехостӣ?

– **Ёддошт**ҳоямро дар бораи ҷанг менависштам. Охир, ҳамаи маршалҳо дӯстони ман буданд. Баъзеҳошонро ҳатто аз марг халос кардаам.

Ман муаллимаҳои гуногун доштам: якум, дуюм, сеюм, Аммо нахустин муаллими ҳақиқии ман русзани меҳрубон муаллима Вера Василевна буд. Вай салосату нафосати забони русӣ, қудрату шавкати адабиёти русро барои ман кашф кардааст.

Муаллимони Омӯзишгоҳи омӯзгории Аваристон, профессорони Институти адабии Маскав!

Мансур Хайбарбеков ва Поспелов, Муҳаммад Ҳайдаров ва Голитский, Шамбиноғо, Радсиг, Асмус, Фохт, Бонди, Реформатский, Василий Семёнович Сидорин… Ман, албатта, дар имтиҳонҳоятон нағз ҷавоб намедодам, чунки ба русӣ ҳанӯз нағз гап зада наметавонистам. Аммо ба назарам, имтиҳонсупориҳои ман ҳанӯз ба охир нарасидаанд. Баъзан хоб мебинам, ки аз нав имтиҳонҳои бароям душворро месупорам, меафтам, боз дар курси якум мемонам.

Вале дар бедориям, вақте ки китоби навам мебарояд, умед мекунам, ки шояд он ба дасти ягон муаллимам афтад ва муаллим онро хонад. Дар чунин ҳолат ман аз имтиҳони забоншиносӣ ё адабиёти қадими Юнон бештар метарсаму меларзам. Баногоҳ китобам маъқул нашавад, онро то охир нахонда, як сӯ гузоранду дар ҳаққам бигӯянд: «Расул низ хуб нанавиштааст, маълум, ки саросема шудааст». Бароям душвортарин имтиҳон ин аст.

Доғистон! Ту муаллимони гуногун доштӣ. Ҳасанҳо доштиву Мюнхаузенҳо. Баъзеҳошон ба он чӣ ки меомӯхтанд, худ эътиқод надоштанд, баъзеҳошон мефиребиданд, як хелашон гумроҳ буданд. Вале сипас муаллими бузург ва адолатпарвар, муаллими некрой ва диловар омад. Ин муаллим – Русия, Иттиҳоди Шӯравӣ, Инқилоб. Ҳаёти нав, мактаби нав, китоби нав.

Пештар дар тамоми авул мактуб ё китобро фақат як мулло хонда метавонист. Ҳоло ғайр аз як мулло ҳама китоб мехонанд.

Қавми хурд соҳиби тақдири бузург шуд. Қиссаи Доғистонро ҳоло менависанд. Ин қисса поён наёфтааст ва поён нахоҳад ёфт. Ман хушбахт хоҳам буд, агар ақаллан як саҳифаи ин китоби ҷовиди

тиллоӣ ба қалами ман иншо гардад. Ман суруди худро месароям, онро қабул фармо, Доғистон!

*Ҳар чӣ доданд одамон бар ман,*
*Бо ту қисмат кунем, Доғистон.*
*Ҷумла ордену медали худро*
*Мекунам бар ситеғат овезон.*
*Бо ту бахшам ҳамосаҳои баланд,*
*Шеърҳо бахшамат, бигӯям, зеҳ!*
*Бурқаъи бешаҳом деҳ танҳо,*
*Попохи қуллаҳои барфӣ неҳ!*

Инак, сухан тамом шуд. Вақти хайрухушамон расид. Чунон ки мегӯянд, насиб бошад, боз вомехӯрем.

*Ин китоб дар маҳаллаҳои гуногун: ҳам дар авули Сада, ҳам дар Маскав, ҳам дар Махачқалъа, ҳам дар Диличон ва дар бисёр шаҳрҳои дигар иншо гардидааст. Вақти огозашро ёд надорам. Санаи анҷомаш 25-уми сентябри соли 1970 аст.*

*Вассалом валкалом.*

**МУНДАРИЧА**

## КИТОБИ ЯКУМ

Ба ҷои сарсухан, умуман дар боби сарсухан .................................... 4
Дар боби пайдоиши ин китоб ва маҳалли иншо гардидани он ........ 8
Дар боби муҳтаво ва номи ин китоб ...............................................15
Дар боби шакл ва тарзи иншои ин китоб ........................................28
Забон .....................................................................................................40
Мавзӯъ ..................................................................................................55
Намуди адабӣ .......................................................................................81
Сабк .......................................................................................................94
Бинои ин китоб. Сужет .......................................................................124
Истеъдод ..............................................................................................131
Кор .......................................................................................................149
Ростӣ ва ҷавонмардӣ ...........................................................................165
Шакку шубҳа .......................................................................................174

## КИТОБИ ДУЮМ

Падару модар, оташу об .....................................................................197
Хона .......................................................................................................211
Се сарвати Доғистон ............................................................................216
Одам.......................................................................................................234
Халқ .......................................................................................................244
Сухан......................................................................................................273
Суруд......................................................................................................291
Китоб .....................................................................................................335

РАСУЛ ҒАМЗАТОВ

ДОҒИСТОНИ МАН

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа 1.06.2018 супорида шуд.
Чопаш 8.06.2018 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 22,5.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Дар ҶДММ «Бебок» ба табъ расидааст.